

ҲАР ОН ЧИ МЕТАВОНАМ,

БАРОИ ҶАЛОЛИ ӮСТ

Маҷмӯаи мавъизаҳо

Освалд Чеймберс

ҲАР ОН ЧИ МЕТАВОНАМ,

БАРОИ ҶАЛОЛИ ӮСТ

Маҷмӯаи мавъизаҳо

Освалд Чеймберс

KITABI-KNIGI.COM

Бор кунед ва хонед дар дастгохи дилхоҳ дар забони модарии Шумо. Китобҳои электронӣ бепул барои ҳама азоёни оила.

KITABI-KNIGI.COM

Originally published in English under the title
My Utmost for His Highest by Oswald Chambers.

© 2021 for the Tajik edition.
Translated by permission. All rights reserved.

Освальд Чеймберс (1874–1917) 24 июли соли 1874 дар Абердини Шотландия таваллуд шудааст. Ӯ дар синни наврасӣ зери таъсири хизмати Чарлз Ҳаддон Сперҷен назди Худо омад. Пеш аз он ки Чемберс ба даъвати Худо ба хизмати масеҳӣ ҷавоб диҳад, ӯ дар Донишгоҳи Эдинбург санъат ва археологияро меомӯхт. Сипас дар Коллеҷи Данун илоҳиётшиносиро омӯхтааст. Аз соли 1906 то соли 1910 дар Иёлоти Муттаҳида, Британияи Кабир ва Ҷопон ҳамчун воизи сафаркунанда хизмат кардааст.

Соли 1910 Чемберс бо Гертруда Ҳоббс оиладор шуд. Онҳо як фарзанд, Кэтлин ном духтар доштанд.

Соли 1911 ӯ дар Клэпҳем дар наздикии Лондон Коллеҷи библиявӣ таъсис дода, директори он шуд ва дар он ҷо таълим медод, то он даме ки коллеҷ дар соли 1915 аз боиси сар задани Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ баста шуд. Моҳи октябри соли 1915 ӯ ба Миср рафт ва дар Зейтуна (наздикии Қоҳира) дар ҳайати низомии Австралия ва Зеландияи Нав ҳамчун капеллани Иттиҳоди масеҳиёни ҷавон хизмат кард. Дар он ҷо ӯ 15 ноябри соли 1917 пас аз кафидани кӯррӯда ва ҷарроҳӣ вафот кард.

Ҳарчанд Освалд Чемберс ҳамагӣ як китоб навиштааст, ки «Baffled to Fight Better» ном дорад, вай муаллифи беш аз сӣ китоб аст. Ба истиснои ин китоби ягона, тамоми китобҳои Чемберсро зани ӯ, ки ба ҳайси стенографисти маҳкама кор мекард, дар асоси стенограммаҳое ки дар тӯли ҳафт соли издивоҷашон менавишт, барои чоп тайёр кардааст. Пас аз марги шавҳараш ним аср кор кард, то ки гуфтаҳои ӯ дастраси тамоми ҷаҳон гардад.

«Ҳар он чи метавонам — барои ҷалоли Ӯст», машҳуртарин китоби О. Чемберс, аз соли 1935 инҷониб доимо такроран нашр мешавад ва то имрӯз дар байни даҳ китоби машҳуртарини масеҳӣ боқӣ мемонад. Он бо миллионҳо нусха нашр мешавад ва ба асари классикии масеҳӣ табдил ёфтааст.

1. БИЁЕД БА ЧИЗИ АСОСӢ БИЧАСПЕМ

«Ва ман яқин дорам ва умедворам, ки дар ҳеҷ хусус шарманда нахоҳам шуд, балки бо камоли ҷуръат ҳозир ҳам, чунон ки ҳамеша буд, Масеҳ дар ҷисми ман бузургӣ хоҳад ёфт, хоҳ дар ҳаёт бошам, хоҳ дар мамот» (Филиппиён 1:20).

Ҳар он чи метавонам, барои ҷалоли Ӯст. *«Бо дилпурӣ мунтазир ва умедворам, ки дар ҳеҷ хусус шарманда намешавам»*. Агар дар он чизе ки Ӯ аз мо хоҳиш кардааст, то ба Ӯ итоат кунем, ба Исо итоат накунем, ҳамаи мо хеле шарманда мешавем. Павлус мегӯяд: «Ман азми дорам, ки барои ҷалоли Ӯ ҳар кори аз дастам меомадаро кунам». Ва амалӣ шудани ин хоҳиш дар зиндагӣ танҳо ба ирода вобаста аст. На ба сухангӯӣ, на ба фалсафасозӣ, балки танҳо ба хоҳиши бебозгашт ва бечуну чаро пеши пойҳои Масеҳ гузоштани иродаи худ. Ва танҳо ғамхории аз ҳад зиёд нисбати худамон моро аз қабули қарори дуруст бозмедорад, гарчанде ки мо онро ҳамчун ғамхорӣ дар бораи ёри худ мешуморем. Ҳангоме ки мо аз ҳад зиёд дар бораи он фикр мекунем, ки агар ба даъвати Масеҳ ҷавоб диҳем, бо ёронамон чӣ рӯй хоҳад дод, дар асл мо кӯшиш мекунем ба Худо фаҳмонем, ки агар ба Ӯ пайравӣ кунем, чӣ мешавад. Кори худро кунед, ва Худо аз ҳама чиз огоҳ аст. Ҳама фикрҳои дигарро дур кунед ва танҳо барои ин дар назди Худо биистед: «Ҳар он чи ман метавонам, барои ҷалоли Ӯст. Ман қатъиян қарор додам, ки барои Ӯ зиндагӣ кунам ва танҳо барои Ӯ».

Ҳар чӣ шавад ҳам, ба сӯи қудсияти Ӯ. «Ва он гоҳ ман хоҳ ба зиндагӣ, хоҳ ба марг тайёрам» (ниг. Фил.1:21). Павлус барои худ қарор дод: ҳеҷ чиз ӯро боздошта наметавонад, вай маҳз ҳамон кореро мекунад, ки Худо мехоҳад. Агар Худо аз мо кардани кореро талаб кунад, Ӯ моро дар назди интихоби хеле ҷиддӣ мегузорад, зеро бо мо ба таври дигар ғайриимкон аст. Ӯ моро ба як марҳалаи муҳим мерасонад ва аз мо хоҳиш мекунад қарор диҳем, ки барои ҷалоли Ӯ ҳар гуна кӯшишро ба харҷ диҳем. Мо якравона зиддият мекунем. Он гоҳ Ӯ ба мо ду роҳро нишон медиҳад ва мо бояд интихоб кунем, ки куҷо меравем

— бо Худо ё бе Худо. Ва аз ин дуроҳа ҳавзаи об сар мешавад — ба он ҷое ки гардем, обҳои мо ба ҳамон ҷо ҷорӣ мешаванд.

Агар шумо ҳоло дар дуроҳа истода фикр мекунед, ки ба куҷо равед, аз ҷустуҷӯи манфиатҳои худ даст кашед ва бечуну чаро ва бебозгашт ба Худо итоат кунед.

2. ШУМО ОНҶО МЕРАВЕД, НАМЕДОНАМ БА КУҶО?

«*Ва ӯ рафт, ва намедонист ба куҷо меравад*» (Ибриён 11:8).

Оё ягон бор ҳамин тавр ба ҷое рафтаед? Агар чунин шуда бошад, пас шумо медонед, ки агар касе пурсад, ки ба куҷо меравед, онро ба ӯ мантиқан шарҳ додан ғайриимкон аст. Яке аз мушкилот дар кори масеҳӣ ин саволи абадӣ аст: «Ту чӣ кор карданӣ ҳастӣ?» Ва шумо намедонед, ки чӣ кор кардан мехоҳед; шумо танҳо як чизро медонед — Худо медонад, ки чӣ кор мекунад. Ҳамеша тафтиш кунед, ки бо Худо чӣ гуна муносибат доред ва дар ҳеҷ ҷо бисёр таваққуф накунед — ба Худо пайравӣ намоед ва ба Ӯ комилан боварӣ кунед. Агар ин корро кунед, дар ҳолати ҳайрати доимӣ зиндагӣ хоҳед кард, зеро намедонед, ки Худо дар оянда чӣ кор хоҳад кард. Ҳар саҳар аз хоб бедор мешавед ва намедонед ба куҷо меравед, ва бештару бештар ба Худо таваккал мекунед. «Барои ҷони худ ғамхорӣ накунед...низ барои ҷисми худ» — дар бораи он чи ғамхорӣ мекардед, ғамхорӣ накунед, то даме ки «равона шавед».

Оё шумо кӯшиш кардаед аз Худо пурсед, ки Ӯ чӣ кор карданӣ аст? Ӯ ҳеҷ гоҳ ба шумо намегӯяд. Худо оид ба нақшаҳои Худ ҳисобот намедиҳад, Ӯ Худро ба шумо фақат ошкор мекунад. Оё шумо ба Худое бовар мекунед, ки метавонад муъҷизаҳо ба амал оварад? Оё шумо метавонед ба Ӯ итоат карда, ба он ҷое равед, ки Ӯ шуморо роҳнамоӣ мекунад, то даме ки аз ҳеҷ коре ки Ӯ мекунад, ҳайрон намешавед?

Лаҳзаҳои наздикии махсусро ба Худо ба ёд оваред ва дарк кунед, ки Худои мо маҳз ҳамон Худоест, ки шумо дар ин лаҳзаҳои нодир медонистед. Чунин Худоро дониста, дар бораи чизе ташвиш

кашидан аблаҳист! Пас, комилан ба Худо такя намуда, бо шиори «Ба он ҷое меравам, ки намедонам» зиндагӣ кунед, — ва ҳаёти шумо накҳати рафънопазире пайдо мекунад, ки ба Исо хеле писанд меояд. Шумо бояд аз эътиқоди худ, аз рамзҳои имон, таҷрибаи худ «баромадан», ба озодӣ баромаданро ёд гиред, ки дар он ҷо байни шумо ва Худо ғайр аз имон чизе нест.

3. АБР ВА ТОРИКӢ

«Абр ва тирагӣ гирдогирди Ӯст» (Забур 96:2).

Онҳое ки аз Рӯҳи Худо таваллуд нашудаанд, ба шумо хоҳанд гуфт, ки таълимоти Масеҳ оддӣ аст, аммо пас аз таъмид бо Рӯҳулқудс шумо хоҳед дид, ки «абр ва торикӣ гирдогирди Ӯст». Ҳангоме ки мо бори аввал бо таълимоти Исои Масеҳ аз наздик шинос мешавем, дар ин дунёи бароямон нав фаҳмидани чизеро сар мекунем. Ва фаҳмидани таълимоти Масеҳро танҳо ҳамон вақт мумкин аст, ки дар даруни мо нури Рӯҳи Худо медурахшад. Агар мо ҳеҷ гоҳ аз пойафзоли бароҳати ба пойҳоямон мувофиқшудаи динии худ берун нарафта ва бемаврид аз муносибатҳо бо Худо даст кашида бошем, комилан шубҳа карда метавонем, ки ягон вақт дар ҳузури Ӯ будем ё не. Ҳамадонҳо ва шахсони навкор ҳанӯз бо Масеҳ шинос ҳам нашудаанд: охир, пас аз ваҷд ва озодӣ, ки ҳангоми фаҳмидани кори мекардаи Исои Масеҳ эҳсос мекунед, ҳангоме ки шумо Кӣ будани Ӯро мефаҳмед, торикии зулмот фаро мерасад.

Исо гуфтааст: «Суханоне ки ба шумо мегӯям (дар хотир доред: на «гуфтаам», балки «мегӯям») рӯҳ ва ҳаёт мебошанд». Китоби Муқаддас барои мо аксар вақт танҳо калимаҳост, калимаҳои зиёд — «абр ва торикӣ», аммо баъд ногаҳон калимаҳо рӯҳ ва ҳаёт мешаванд, зеро худи Масеҳ онҳоро ба мо вобаста ба ҳолатҳои аниқи мо мегӯяд. Худо бо мо ҳамин тавр сухан мегӯяд — на ба воситаи рӯъёҳо ва хобҳо, балки ба воситаи суханон.

Инсон ба Худо бо соддатарин роҳ — ба воситаи суханон наздик мешавад.

4. ЧАРО МАН ҲОЛО АЗ ПАСИ ТУ РАФТА НАМЕТАВОНАМ?

«Петрус ба Ӯ гуфт: „Худовандо! Чаро алҳол аз ақиби Ту наметавонам биёям?“» (Юҳанно 13:37).

Баъзан мо намефаҳмем, ки чаро кори мехостаамонро карда наметавонем. Ҳангоме ки Худо бароятон як варақи тоза мефиристад, дар он саросема шуда дарҳол ягон чизе нанависед, балки мунтазир бошед... Шояд ин варақи тоза барои шумо фиристода шудааст, то донед, ки тақдис чист, ё шояд пас аз тақдис фиристода шудааст, то донед, ки хизмат чист. Ҳеч гоҳ аз Худо ба пеш давида нагузаред. Агар шумо ҳатто заррае шубҳа дошта бошед, ин маънои онро дорад, ки Худо шуморо роҳнамоӣ намекунад. Ҳангоме ки шубҳа доред, ҳаракат накунед.

Дар аввал шояд ба шумо чунин метобад, ки аниқ мефаҳмед, ки Худо аз шумо чиро интизор аст: дӯстиро бо касе бас кардан, баъзе муносибатҳои тиҷоратиро қатъ намудан, кардани коре ки дар он хости Худоро барои худ равшан мебинед. Ҳеҷ гоҳ ба чунин шиддатҳо дода нашавед. Агар таслим шавед, ҳама чизро чунон чигил мекунед, ки барои кушодани он солҳо лозим мешавад. Мунтазир бошед, то Худи Худо корҳоро ҳал кунад, Ӯ ин корро бе шикастани дилҳо ва ноумедиҳои талх анҷом медиҳад. Ҳангоме ки донистани хости Худо бароятон ҳақиқатан муҳим аст, интизор шавед, бигзор Ӯ коре кунад.

Петрус Худоро интизор нашуд. Ӯ худаш бо ақли худ ба хулоса омад, ки озмоишро аз куҷо интизор шавад.

Аммо озмоиш тамоман аз дигар ҷо омад. «Ман ҷонамро барои ту фидо мекунам». Суханҳои олидараҷа, вале бехирадона. «Исо ба вай гуфт: ...пеш аз он ки хурӯс бонг занад, Маро се бор инкор мекунӣ». Дар ин суханон дар бораи Петрус дониши бештаре ҳаст, назар ба он ки худи Петрус ин донишро дошт. Вай ба Масеҳ пайравӣ карда наметавонист, зеро худро намедонист, ба чӣ қодир аст. Ниятҳои хуб метавонанд моро ба Масеҳ ҷалб кунанд, ба мо ёрӣ расонанд, ки қувваи ҷалбкунандаи Ӯро ҳис

кунем, аммо онҳо ҳеҷ гоҳ моро шогирдони Масеҳ намекунанд. Садоқати инсонӣ ҳамеша Масеҳро инкор мекунад, гоҳ дар як чиз ва гоҳ дар чизи дигар.

5. БАЪД ЧӢ МЕШАВАД

«Ба он ҷое ки Ман меравам, алҳол наметавонӣ аз ақиби Ман биёӣ, лекин баъд аз он ақиби Ман хоҳӣ омад» (Юҳанно 13:36).

Ва чун инро гуфт, ба вай фармуд: «Аз пайи Ман биё». Се сол пеш Исо ҳамчунин гуфта буд, ки «Аз пайи Ман биё», ва Петрус ба қуввае ки ӯро ба Масеҳ ҷалб мекард, дода шуда, ба осонӣ рафт. Барои қарор додан дар ин бора ӯ ба ёрии Рӯҳулқудс эҳтиёҷ надошт. Лекин баъд Петрус Масеҳро инкор кард, ва дилаш шикаста шуд. Баъдан ӯ Рӯҳулқудсро қабул кард... Ва акнун Исо боз мегӯяд: «Аз пайи Ман биё». Ва дар пеши Петрус, ғайр аз Исои Масеҳи Худованд касе нест. Ҳангоми аввалин «аз пайи Ман биё» ҳеҷ муаммое набуд, танҳо рафтан лозим буд; акнун бо ранҷу азоб рафтан лозим буд (ниг. Юҳ.21:18).

Дар фосилаи байни ин ҳодисаҳо Петрус қасамҳо хӯрд, аммо Масеҳро инкор кард, худро гум кард ва тамоми дилпурӣ ба худро аз даст дод, то ки минбаъд донад: дар ӯ ҳеҷ чизе нест, ки ба он такя кардан мумкин бошад. Ва он гоҳ, ки ба харобии комил расид, ӯ худро дар ҳамон ҳолате дид, ки дар он метавонист аз Худованди эҳёшуда дастур гирад. «Бар онҳо дамид ва гуфт: „Рӯҳулқудсро қабул кунед“».

Новобаста ба он ки Худо дар шумо чӣ гуна дигаргуниҳо ба амал меоварад, ҳеҷ гоҳ ба худи дигаргуниҳо такя накунед, танҳо ба Шахсе, ки ин дигаргуниҳоро ба амал меоварад, ба Худованд Исои Масеҳ ва Рӯҳе ки Ӯ медиҳад, такя кунед. Ҳама ваъдаҳои мо ва ҳама «суханҳои софдилона» бо ақибнишинӣ, даст кашидан ба анҷом мерасанд, зеро мо қуввае надорем, ки ба қавли худ вафо кунем. Ва ҳангоме ки мо ба хатти охирин мерасем (на танҳо фикр мекунем, ки ба он расидаем, балки воқеан ба он мерасем), он гоҳ мо метавонем Рӯҳулқудсро қабул кунем. «*Рӯҳулқудсро қабул кунед*» маънои онро дорад, ки касе

бояд аз берун вориди мо шавад. Ва он гоҳ танҳо як ситораи роҳнамо медурахшад — Исои Масеҳи Худованд.

6. ПАРАСТИШ КАРДАН

«Ва хаймаи худро барафрошт, ва Байт-Ил ба тарафи ғарбӣ ва Ай ба тарафи шарқии он буд; ва дар он ҷо қурбонгоҳе барои Худованд бино кард...» (Ҳастӣ 12:8).

Худоро парастиш кардан маънои онро дорад, ки аз он чи Худо ба шумо додааст, беҳтаринашро ба Ӯ диҳед. Бо он чизи беҳтарин, ки шумо доред, эҳтиёт бошед. Ҳамин ки аз Худо баракате ба даст меоваред, онро ҳамчун атои муҳаббат ба Ӯ баргардонед. Вақт ҷудо кунед, то дар бораи ин баракат бо Худо андеша кунед ва дидаву дониста, Ӯро парастиш карда, баракатро баргардонед. Ва агар шумо чизеро барои худ захира кунед, пас ин баракати рӯҳонӣ мисли манн, ки онро барои оянда ҷамъоварӣ карда буданд, вайрон ва бадбӯй мешавад. Худо ҳеҷ гоҳ ба шумо иҷозат намедиҳад, ки барои худ чизи рӯҳониро захира кунед, ҳама чиз бояд ба Ӯ баргардонида шавад, то ки дигаронро бо ин ато баракат диҳад.

Байт-Ил муошират бо Худо аст. *Ай* — дунё аст. Иброҳим дар байни онҳо хайма бардошт. Чӣ арзиш доштани кори пурҷӯшу хурӯши моро барои Худо аз рӯи умқи муоширатамон бо Ӯ муайян кардан мумкин аст. Дар ин ҷо шитоб тамоман даркор нест. Мо барои парастиши Худо вақти кофӣ дорем. Бо вуҷуди ин, рӯзҳои оромӣ бо Худо барои мо дом низ шуда метавонанд. Хаймаҳо бояд дар он ҷо гузошта шаванд, ки мо ҳамеша бо Худо танҳо бошем, ҳарчанд баъзан ҷаҳон хеле серғавғо аст. Дар ҳаёти рӯҳонӣ се марҳалаи гуногун вуҷуд надорад: парастиш алоҳида, интизории Худо алоҳида ва кор алоҳида. Баъзе касон чун қурбоққаҳои рӯҳонӣ аз парастиш ба интизорӣ, ва аз интизорӣ ба кор меҷаҳанд. Аммо Худо ба нақша гирифтааст, ки ҳар се чиз дар як вақт идома ёбад. Дар ҳаёти Худованди мо онҳо ҳамеша якҷоя идома меёфтанд. Вай шитоб ҳам намекард, суст ҳам намешуд. Аммо шумо бояд ба ин одат кунед, ҳама чиз фавран дода намешавад.

7. НАЗДИКӢ БО ИСО

«Ин қадар вақт Ман бо шумо будам, ва ту Маро нашинохтӣ?» (Юҳанно 14:9).

Ин суханон бо таъна ва ҳатто бо тааҷҷуб гуфта нашудаанд — Исо мехоҳад, ки Филиппус ба Ӯ ҷалб карда шавад. Аммо мо ба ҳар кас ҷалб мешавем, ғайр аз Исо. Пеш аз иди Пантикост шогирдон медонистанд, ки Масеҳ Онест, ки ба онҳо қудратро бар рӯҳҳои шайтонӣ ва қудрати бедорӣ ба амал оварданро додааст (ниг. Луқ.10:18–20). Онҳо он вақт низ ба Исо хеле наздик буданд, аммо онҳо бояд ба Ӯ боз ҳам наздиктар мешуданд — «Ман шуморо дӯстон номидам». Дар рӯи замин дӯстӣ — ҳангоме ки бо як фикр, як дил ва як рӯҳ зиндагӣ мекунед, кам аст. Ҳар он чи дар зиндагӣ бо мо рӯй медиҳад, барои он рӯй медиҳад, ки мо то ҳадди имкон ба Исои Масеҳ наздик шавем. Мо аз Ӯ баракатҳо ба даст меоварем ва каломи Ӯро медонем, аммо оё Ӯро мешиносем?

Масеҳ гуфтааст: «Рафтани Ман барои шумо беҳтар аст» — ва рафт, то боз ҳам наздиктар шавад. Ҳангоме ки шогирди Исо ба Ӯ наздик мешаванд, Ӯ шод мешавад. Ва Китоби Муқаддас ҳамеша дар бораи мева ҳамчун натиҷаи намоёни наздикӣ бо Исои Масеҳ сухан меронад (Юҳ.15:1–4).

Ҳангоме ки мо дар ҳақиқат ба Исо наздик мешавем, мо дигар танҳо намешавем ва аз он азоб намекашем, ки ҳеҷ кас моро намефаҳмад: мо метавонем ҳамеша диламонро ба Ӯ кушоем ва аз он натарсем, ки Ӯ фикр мекунад мо вақт нолаву шиква мекунем. Ба фарзанди Худо, ки дар наздикии ҳақиқӣ бо Исо зиндагӣ мекунад, нигариста, мо худи ин фарзандро пайхас намекунем, балки танҳо мебинем, ки дар ин шахс ҳеҷ чиз халал намерасонад, ки Исо Худро зоҳир намояд, зеро Ӯ ба гӯшаҳои ниҳонии ботини ин шахс ворид шудааст.

Ягона таассуроте ки аз чунин шахс дар мо боқӣ мемонад, ин қувват, оромӣ ва солимфикрӣ аст, ки Худовандамон ба онҳое ки ҳақиқатан ба Ӯ наздиканд, ато мекунад.

8. ОЁ ҚУРБОНИИ МАН ЗИНДА АСТ?

«...Иброҳим дар он ҷо қурбонгоҳе бино кард...ва писари худ Исҳоқро баста, бар қурбонгоҳ болои ҳезум гузошт...» (Ҳастӣ 22:9).

Ҳангоме ки мо дар бораи он чизе ки бо Иброҳим рӯй дод, фикр мекунем, шояд ба назари мо чунин менамояд, ки Худо аз мо фақат як чизро мехоҳад — қурбонӣ, яъне марг. Аммо Худо қурбоние намехоҳад, ки бо марг анҷом меёбад, балки қурбоние ки бо марг сар мешавад ва ба мо имконият медиҳад, ки он чи Исо карда буд, кунем, яъне ҷони худро қурбон кунем.

«Ман тайёрам бо Ту то марг равам» гуфтан нодуруст аст. Дурусташ ин аст: «Ман тайёрам бо Ту маслуб шавам, то ҷони худро ба Худо қурбонӣ кунам». Чаро ба назари ҳамаи мо чунин метобад, ки Худо ҳама чизро аз мо гирифтан мехоҳад? Худо Иброҳимро чунин омӯзонд, то ки интавр фикр накунем, ва моро низ оҳиста-оҳиста кӯшиш мекунад омӯзонад, ки чунин фикр накунем. Худо ҳеҷ гоҳ нагуфтааст, ки мо бояд аз ягон чиз танҳо аз он сабаб даст кашем, ки бояд даст кашем. Ӯ аз мо хоҳиш мекунад, ки танҳо ба хотири бо Ӯ зиндагӣ кардан аз ягон чиз даст кашем — ин ягона чизест, ки барои онро доштан меарзад. Гап дар сари он аст, ки мо бояд бандеро, ки моро ба ҳаёт роҳ намедиҳад, кушоем. Ва ҳамин ки ин банд кушода шуд, ҳамин ки мо бо Масеҳ ба салиб меравем, мо бо Худо муттаҳид мешавем ва ҳаёти худро ба Ӯ ба қурбонӣ оварда метавонем.

Марги шумо ба Худо чӣ фоида дорад? Ӯ мехоҳад, ки шумо «қурбонии зинда» бошед, ва тамоми қувва ва қобилиятҳои худро, ки аз наҷот ва тақдиси Масеҳ гузаштаанд, ба ихтиёри Ӯ диҳед. Ин аст он чизе ки ба Худо писандида аст.

9. ХУДОЁ, МОРО БИСАНҶ

«Ва рӯҳу ҷону ҷисми шуморо комилан беайб нигоҳ дошта шавад...» (1 Таслӯникиён 5:23).

«Рӯҳи шумо...бо тамоми беайбӣ...» Кори бузурги махфии Рӯҳулқудс дар умқи ботини мо анҷом дода мешавад, ки ба он ҷо даромадани худи мо манъ аст. Забур 138-ро хонед. Агар суханони нависандаи таронаҳои Забурро ба таври дигар баён кунем, ӯ мегӯяд: «Ту худои субҳ, худои шом, худои қуллаҳои кӯҳ, худои умқи баҳр ҳастӣ... Аммо, Худои ман, дар ҷони ман паҳноҳои фарохтар аз уфуқи саҳар, торикии бештар аз шабҳои заминӣ, қуллаҳои аз ҳама кӯҳҳо баландтар, умқҳои аз ҳама баҳрҳо амиқтар ҳастанд — ва Ту Худои ҳамаи ин, Худои ман бош. Ман на ба баландиҳо баромада метавонам, на ба қаъри қаър фаромада метавонам. Ман коре мекунам ва намефаҳмам, ки чаро, дар бораи чизе орзу мекунам, аммо ин хобҳо амалӣ намешаванд... Худоё, маро тафтиш намо».

Оё мо боварӣ дорем, ки фикрҳои мо ба Худо итоат мекунанд, дар сурате ки онҳо ба мо итоат намекунанд? *«Хуни Исои Масеҳ моро аз ҳар гуна гуноҳ пок мекунад»* — агар ин суханон маънои онро дошта бошанд, ки он моро танҳо аз гуноҳҳои дарккардаамон пок мекунад, пас Худо бар мо раҳм кунад. Шахсе ки виҷдонашро гуноҳ хомӯш кардааст, мегӯяд, ки дар худ ҳеҷ гуноҳеро намебинад. Агар мо дар нур бошем, ки дар он танҳо Худо зиндагӣ мекунад, рӯҳи мо пурра аз гуноҳ пок мешавад — аз боло то поён. Ҳамон Рӯҳе ки ба Исои Масеҳ қудрати ҳаётбахш медод, ин қувватро ба рӯҳи мо низ медиҳад. Ва танҳо ҳангоме ки Худо дар атрофи мо девори қудсияти тасаввурнашавандаи Рӯҳулқудсро месозад, рӯҳ, ҷон ва ҷисми мо то омадани Исо дар покии бенуқсон нигоҳ дошта мешавад, ки дар назари Худо ҳеҷ гуна маҳкумият надорад.

Бо вуҷуди ин, мо дар бораи ин ҳақиқатҳои бузурги Худо ба қадри зарурӣ фикр намекунем.

10. ЧАШМОНИ ОНҲОРО ВОЗ КУНӢ

«Чашмони онҳоро воз кунӣ, ва онҳо...пайдо кунанд...» (Аъмол 26:18).

Ин оят, бештар аз ҳар ояти дигари тамоми Аҳди Ҷадид, ба таври мухтасар моҳияти онро ҷамъбаст мекунад, ки шогирди Исои Масеҳ ба чӣ кор даъват шудааст.

Дар бораи аввалин муъҷизаи бузурги файзи Худо гуфта мешавад, ки «то ки онҳо...бахшидашавии гуноҳҳоро ба даст оваранд». Ҳангоме ки шахс ҳамчун масеҳӣ зиндагӣ карда наметавонад, сабаб қариб ҳамеша дар он аст, ки ӯ чизе нагирифтааст. Ягона аломати фарқкунандаи шахси наҷотёфта он аст, ки ӯ аз Исои Масеҳ чизе гирифтааст. Кори мо, кори ҳамкорони Худо, кушодани чашмони одамон аст, то онҳо аз торикӣ рӯ гардонда, ба рӯшноӣ руҷӯъ[1] кунанд, аммо ин наҷот нест. Ин руҷӯъ кардан — кӯшишҳои бошууронаи шахсест, ки аллакай аз хоби марг бедор шудааст. Ба фикрам, муболиғаи зиёд намешавад, агар гӯям, ки аксари масеҳиёни номиналӣ ба ҳамин навъ мансубанд — чашмонашон кушода аст, аммо онҳо чизе нагирифтаанд.

Руҷӯъ намудан аз нав таваллуд шудан нест. Инро аксар вақт воизони ҳозира фаромӯш мекунанд. Шахси аз нав таваллудшуда медонад, ки таваллуди ӯ барои он рӯй додааст, ки Худои Таоло ба ӯ чизеро ато кардааст, на аз он сабаб ки худаш инро хостааст. Одамон аҳду паймони худро сабт мекунанд, ба ӯҳдадориҳо имзо мегузоранд, қарор медиҳанд, ки ваъдаи худро иҷро мекунанд, аммо ин ба наҷот ҳеҷ робитае надорад. Моҳияти наҷот дар он аст, ки мо дар он ҷое ҳастем, ки мо аз Худо ба воситаи қудрати Исои Масеҳ чизеро ба даст оварда метавонем. Ва он чиз — бахшидашавии гуноҳҳо аст.

Сипас, кори дуюми бузурги файз меояд — «...қуръа бо муқаддасон». Дар тақдис, рӯҳи аз олами боло таваллудшуда бошуурона худро ба ихтиёри Исои Масеҳ медиҳад ва ба манфиатҳои Худо нисбат ба одамони дигар комилан шарик мешавад.

[1] Аз роҳи бад даст кашида, ба роҳи Худо бозгашт намудан

11. ИТОАТИ МАН БА ХУДО БАРОИ ДИГАРОН ЧӢ АРЗИШ ХОҲАД ДОШТ?

«*Шимъӯн ном шахсеро даст гирифта...салибро бар китфаш гузоштанд*» (Луқо 23:26).

Агар мо ба Худо итоат кунем, ин барои касе аз худамон дида гаронтар меафтад, ва тарсовараш аз ҳамин ҷо сар мешавад. Агар мо Худованди худро дӯст дорем, итоат кардан ба мо ҳеҷ арзише нахоҳад дошт: ин лаззат хоҳад буд. Аммо ин барои онҳое ки Худовандро дӯст намедоранд, гарон хоҳад афтид. Агар мо ба Худо итоат кунем, ин маънои онро дорад, ки барои дигарон ҳама чиз на он тавре меравад, ки онҳо ба нақша гирифта буданд, ва одамон моро масхара мекунанд: «Масеҳияти шумо аҷаб чизе будааст!» Мо воқеан метавонем ранҷу азоби касеро пешгирӣ кунем, аммо агар мо ба Худо итоат карданӣ бошем, мо набояд ин корро кунем, бигузор ҳамааш ба таври худ пеш рафтан гирад.

Ва он гоҳ ғурури инсонии мо сарашро боло мекунад, ва мо мегӯем:

«Ба ман аз касе чизе даркор нест». Не, даркор аст, вагарна мо ба Худо беитоатӣ мекунем. Мо ҳақ надорем интизор шавем, ки бо одамон на он тавре муносибат хоҳем кард, ки худи Худованд бо онҳо муносибат мекард (ниг. Луқ.8:2–3).

Ҳангоме мо мегӯем, ки барои хама чиз худамон ҷавобгар мешавем, дар ҳаёти рӯҳонии мо беҳарактӣ сар мешавад. Мо худамон барои ҳама чиз ҷавоб дода наметавонем. Тақдири мо дар нақшаҳою мақсадҳои Худо бо тақдирҳои одамони дигар он қадар зич алоқаманд аст, ки аз ҳамон лаҳзае ки мо ба Худо итоат намуданро сар мекунем, он ба касе таъсир мерасонад. Пас, мо чӣ кор кунем? Оё мо вафодор ва фармонбардори Худо мемонем, ҳатто аз мустақилияти худ даст кашида, то ба хорӣ мерасем, ё ба тактикаи дигар мегузарем ва мегӯем: «Ба касе нохушӣ намеоварам»? Агар мо охиринро интихоб кунем, ба Худо беитоатӣ карда метавонем. Барои мо ва барои онҳое ки дар паҳлӯи мо зиндагӣ мекунанд, дарҳол осонтар мешавад, аммо танҳо Худованди мо аз ин ғамгин мешавад. Аммо агар

мо ба Худо итоат кунем, Ӯ худаш ғамхориро дар ҳаққи онҳое ки итоаткории мо барояшон азобу уқубат меоварад, ба ӯҳда мегирад. Ба мо танҳо лозим аст, ки ба Худо итоат кунем ва ҳар чизеро, ки аз сабаби ин рӯй медиҳад, ба дасти Ӯ супорем.

Эҳтиёт бошед! Ҳеҷ гоҳ ба васвасае дода нашавед, ки ба Худо бигӯед, ки агар ба Ӯ итоат карданро интихоб кунед, чӣ бояд рӯй диҳад ва чӣ набояд рӯй диҳад.

12. ОЁ ШУМО БОРЕ БО ХУДО ТАНҲО БУДЕД?

«Лекин дар хилват ҳамаи маъниҳоро ба шогирдони Худ мефаҳмонд» (Марқус 4:34).

Дар алоҳидагӣ бо Ӯ. Исо моро доимо ба ҷойҳои хилват намебарад ва танҳо ҳангоме ки касе дар атроф нест, ба фаҳмонидани ҳақиқатҳои рӯҳонӣ сар намекунад. Ӯ ин ҳақиқатҳоро ҳамон вақт ба мо мефаҳмонад, ки мо барои шунидани онҳо тайёр ҳастем. Намунаи одамони дигар, албатта, ба мо бисёр чизҳоро меомӯзонад, аммо аз ҳама муҳимаш, Худо чунин меҳисобад, ки мо бояд масъалаи ҷони худро ҳал кунем. Ин кор фавран анҷом дода намешавад; ин масъала чунон ҷиддӣ аст, ки ҳатто Худо тамоми вақт ва абадиятро ба кор бурд, то он гуна шахсеро, ки мехост, офарад. Ва мо ба Худо танҳо дар он маврид дар кори Ӯ ёрӣ дода метавонем, ки ба Ӯ иҷозат диҳем, то моро аз гӯшаву канорҳои ниҳонии ҷонҳои худамон роҳнамоӣ кунад. Ин аҷиб аст, ки мо худро ин қадар хуб намедонем! Мо ҳасадро ҳангоми ҳасад, танбалиро дар вақти танбалӣ, ва ғурурро дар вақти мағрурӣ пай намебарем. Ва Масеҳ чашмони моро ба ҳар он чи дар ҷони мо бароҳат ҷойгир шудааст, мекушояд, то даме ки файзи Ӯ дар он ба кор сар кунад. Кадоми мо ба худ бо диққат ва бе тарсу ҳарос нигаристанро омӯхтааст?

Мо бояд аз ақидае даст кашем, ки мо худамон худро мефаҳмем. Мо дар навбати охирин аз ғурур дар ин ниқоби он ҷудо мешавем. Моро танҳо Худо мефаҳмад. Ва бузургтарин лаънат дар ҳаёти рӯҳонӣ, ин худбаҳодиҳии баланд аст. Агар мо ақаллан як бор дар ҳаёти худ ба худамон аз нуқтаи назари

Худо нигоҳ карда бошем, ҳеҷ гоҳ намегӯем: «Ман як кирми нафратоварам», зеро он чизеро, ки мебинем, бо суханон тасвир кардан ғайриимкон аст, ҳатто бо чунин суханон. Аммо агар мо ҳанӯз ба зиштии худ комилан боварӣ надошта бошем, Худо моро тела медиҳад ва тела медиҳад, то бо Ӯ танҳо бошем. Дар он ҷое ки ҳатто як қатра ғурур, ҳатто як ишораи ғурур вуҷуд дорад, Исо ба мо чизе таълим дода наметавонад. Ӯ моро аз шармсории ғурури осебдида мегузаронад ва ба мо нишон медиҳад, ки мо маҳз ҳамон чиро, ки аз он фахр мекунем, намедонем, Ӯ моро аз дилшикастагӣ мегузаронад. Ӯ ба мо нишон медиҳад, ки чӣ гуна бесарусомонӣ дар хоҳишҳо ва афзалшумориҳои мо ҳукмфармост — ва ба мо чунин метофт, ки ин чизҳо ночизанд ва Худо ҳеҷ гоҳ ба онҳо аҳамият намедиҳад. Мо бисёр чизҳоро шунидем, вале пурра нафаҳмидем. Ҳеҷ гап не, ҳангоме ки Худо ҳама чизро ба мо дар танҳоӣ мефаҳмонад, мо мефаҳмем.

13. ХУДО ЧӢ ГУНА ДАЪВАТ МЕКУНАД

«„Ман киро бифиристам? Ва кист, ки барои Мо биравад?“ Ва ман гуфтам: „Инак ман ҳозирам, маро бифирист“» (Ишаъё 6:8).

Худо маҳз Ишаъёро даъват накарда буд, Ишаъё танҳо шунид, ки Худо мегӯяд: «Кист, ки барои мо биравад?» Худо на миқдори ками интихобшудагон, балки ҳамаро даъват мекунад. Даъвати Худоро шунидан ё нашунидани ман ба ҳолати шунавоии ман вобаста аст, ва он чизеро, ки дақиқ мешунавам, ба он вобаста аст, ки ман чиро интизор ҳастаам. «Даъватшудагон бисёранд, аммо интихобшудагон — кам». Миқдори ками одамон исбот мекунанд, ки интихоб шудаанд. Ва интихобшудагон касоне ҳастанд, ки ба воситаи Исои Масеҳ назди Худо омадаанд бинобар ин аллакай ба чизи дигар мутобиқ шудаанд ва ба таври комил шуниданро сар кардаанд, бинобар ин онҳо овози пасти доимиро мешунаванд, ки аз пурсидан хаста намешавад: «Кист, ки барои мо биравад?» Гап дар сари он нест, ки Худи Худо шахсеро интихоб мекунад ва мегӯяд: «Бирав». Худо Ишаёро

ба ҳеҷ куҷо маҷбуран нафиристодааст ва шитоб накунондааст. Ишаъё дар ҳузури Худо буд, даъватро шунид ва фаҳмид, ки ҳеҷ кори дигаре карда наметавонад, ғайр аз он ки бо ихтиёри худ гӯяд: «Инак, ман ҳозирам, маро бифирист». Аз сари худ ҳатто фикреро дур кунед, ки Худо бояд касеро ба коре шитобонад ё илтимос намояд. Ҳангоме ки Худованди мо шогирдонро даъват кард, ҳеҷ чизи берунӣ онҳоро ҳатман ба ягон ҷо ҷалб намекард. Суханони оддии «Аз паси ман биё»-ро, ки оромона, пурэҳсос ва тавоно гуфта шуданд, одамони комилан солимфикр шуниданд. Ва агар мо ба Рӯҳи Худо иҷозат диҳем, ки моро бо Худо рӯ ба рӯ кунад, мо низ овози пасти Худоро мешунавем, — монанди он чи Ишаъё шунид. Ва худи мо бо ихтиёри худ мегӯем: «Инак ман ҳозирам, маро бифирист».

14. ОЁ ШУМО ЛИБОСИ САФЕД ПӮШИДА МЕГАРДЕД?

«Бо Ӯ дафн шудаем, то ки...дар ҳаёти нав қадамгузор шавем» (Румиён 6:4).

Ба касе дода нашудааст, ки бе «дафни сафед» — бе дафни ҳаёти кӯҳна ба пуррагии муқаддасӣ ворид шавад. Агар ин марг намебуд, ҳама гуна муқаддасӣ танҳо як фиреби назар мебуд. Ҳатман бояд «дафни сафед» баргузор шавад, марг бояд фаро расад, ки аз он танҳо як эҳё вуҷуд дорад — эҳё ба ҳаёти Исои Масеҳ. Ва чунин зиндагӣ ба ҳеҷ гуна қувва мутеъ нест, он бо Худо меомезад ва сӯи як мақсад ҷорӣ мешавад — шоҳиди Ӯ будан.

Оё шумо ҳақиқатан ба охири рӯзҳои худ расидаед? Дар андешаҳои худ шумо аксар вақт ба ин марҳала наздик мешудед, аммо оё шумо воқеан, дар ҳақиқат ба марги худ наздик шуда будед? Ба дафни худ бо шодӣ намераванд, чунин намешавад, ки касе дар дами мурдан шодӣ кунад. Агар шумо бимиред, дигар вуҷуд нахоҳед дошт. Оё шумо бо Худо розӣ ҳастед, ки шумо барин масеҳии ҷустуҷӯкунанда ва ҷиддӣ бояд нопадид шавад? Бинобар ин мо кӯшиш мекунем, ки аз қабристон барканор бошем ва тамоман намехоҳем бимирем. Ва хоҳиши мурдан

доштани шумо лозим ҳам нест — шумо бояд бимиред, «дар марги Ӯ таъмид ёбед».

Пас, оё шумо «дафни сафед» доштед ё то ҳол бо ҷони худ бозиҳои хатарноке мекунед ва онро муқаддасӣ меномед? Оё шумо рӯзи марги худро доштед, рӯзе ки хотираҳо бо эҳсоси тозагии ба даст омада ва миннатдории бузург бармегарданд: «Бале, ин дар он вақт, ҳангоми „дафни сафед“-и ман буд. Он вақт ман бо Худо розӣ шудам».

«Зеро хости Худост, ки шумо муқаддас бошед» Ҳангоме ки шумо мефаҳмед, ки хости Худо чист, шумо ба муқаддасӣ чун ба як чизи худ аз худ маълум дохил мешавед. Оё мехоҳед худи ҳозир аз ин «дафни сафед» гузаред? Оё бо Худо розӣ ҳастед, ки имрӯз рӯзи охирини шумо дар рӯи замин аст. Аз шумо вобаста аст, ки кадоме аз рӯзҳои шумо охирин мешавад.

15. ОВОЗИ МОҲИЯТИ ХУДО

«Ва ман овози Худовандро шунидам, ки мегуфт: „Ман киро бифиристам?“» (Ишаъё 6:8).

Ҳангоме ки мо дар бораи даъвати Худо гап мезанем, одатан мо чизи муҳимтаринро дар он фаромӯш мекунем: моҳияти Шахсеро, ки моро даъват мекунад. Баҳрҳо, кӯҳҳо, тӯдаҳои ях одамонро ба сӯи худ даъват мекунанд... Аммо даъвати ин овозҳоро кам касон мешунаванд. Ҳар як даъват моҳияти чизе ё касеро, ки аз ӯ бармеояд, ифода мекунад, ва мо ин даъватро танҳо дар сурате шунавем, ки ҳамин моҳият дар мо ҳам сокин бошад. Даъвати Худо ифодаи табиати Худост, на табиати мо. Дар даъвати Худо баъзе чизҳо ҳастанд, ки махсус барои мо ҳастанд, ва онҳоро танҳо мо мешунавем ва дигар ҳеҷ кас не. Инҳо риштаҳое ҳастанд, ки Худо дар даъвати умумии худ шахсан барои мо мебофад, ва дар ин ҷо бо касе маслиҳат кардан маъное надорад. Мо бояд муносибатҳои байни ҷони худ ва Худоро дахлнопазир нигоҳ дорем.

Даъвати Худо — ин акси садои ман нест. Дар ин ҷо ҳусни таваҷҷуҳи ман ва навъи табъи ман ба назар гирифта намешавад.

Ҳангоме ки ман бо намуди табъи худ машғул мешавам ва фаҳмиданӣ мешавам, ки ба чӣ майл дорам, ман ба ҳеҷ вақҳ даъвати Худоро шунида наметавонам. Аммо ҳангоме ки Худо чашмони маро ба сӯи Худ мегардонад, бо ман ҳамон чизе рӯй медиҳад, ки бо Ишаъё рӯй дода буд. Худо рӯҳи Ишаъёро ба Худ мутобиқ карда, ба ӯ азобҳои даҳшатовар фиристод, ва Ишаъё ба оҳанги даркорӣ ҷӯр шуда, шунид, ки Худо ба рӯҳи аз оромӣ маҳрумшудаи ӯ муроҷиат мекунад. Аксари мо одат накардаем, ки ғайр аз худамон касе ё чизеро шунавем, барои ҳамин мо аз Худо садое намешунавем. Барои расидан ба он ҷое ки даъвати Худо шунида мешавад, шумо бояд хеле тағйир ёбед!

16. ДАЪВАТИ ТАБИАТ

«Аммо ҳангоме ки Худо...тавақҳӯҳ намуд, ки Писари Худро дар ман ошкор созад...» (Ғалотиён 1:15–16).

Ҳангоме ки Худо касеро даъват мекунад, ба хизмати аниқ даъват намекунад. Ин танҳо он аст, ки бо табиати Худо тамос гирифта, ман беҳтар мефаҳмам, ки барои Худо чӣ кор кардан мехоҳам. Даъвати Худо ифодаи бевоситаи табиати Ӯст, хизмат даъвати Худост, ки дар табиати ман инъикос ёфтааст. Дар бораи даъвати табиат Павлуси расул чунин мегӯяд: «Аммо ҳангоме Худо...хурсанд шуд, ки Ӯро дар миёни халқҳо башорат диҳам (яъне, хушхабари Ӯро ба халқҳо ботантана эълон намоям)».

Хизмат аз зиёд будани ғайрат бармеояд (воқеан, Худо моро ба ин даъват намекунад), ин танҳо саҳми хоксоронаи ман ва натиҷаи ногузири пайвастани ман бо табиати Худост. Хизмат як ҷузъи табиии ҳаёти ман аст. Худо маро ба назди Худ меоварад ва ман даъвати Ӯро мешунаваму мефаҳмам, ва он гоҳ худам танҳо аз рӯи муҳаббат ба Худо коре мекунам. Хоҳиши хизмат ба Худо туҳфаи бошууронаи муҳаббат ба Ӯ аз ҷониби касест, ки даъвати Худоро шунидааст. Хизмат баёни он чизест, ки ба табиати ман хос аст, даъвати Худо баёнгари табиати Ӯст. Бинобар ин ҳангоме, ки ман табиати Ӯро қабул мекунам ва даъвати ӯро мешунавам, овози табиати илоҳӣ дар ҳар дуи мо садо медиҳад ва мо якҷоя

амал мекунем. Писари Худо Худро дар ман ошкор мекунад, ва ман ба Ӯ то ҷое ки аз дастам меояд, хизмат мекунам, танҳо аз он сабаб ки ба таври дигар амал намуда наметавонам.

17. «ИН ХУДОВАНД АСТ»

«Тумо дар ҷавоби Ӯ гуфт: „Эй Худованди ман ва эй Худои ман!“» (Юҳанно 20:28).

«Ба Ман об деҳ». Мо ҳама интизор ҳастем, ки Исои Масеҳ ташнагии моро рафъ намояд. Аммо бояд баръакс бошад — мо бояд ба Ӯ писанд оем. Мо бояд дар Ӯ барои худ қаноатмандӣ ҷустуҷӯ накунем, балки ҳама чизро диҳем, ҳатто худро то қатраи охирин диҳем. «Шоҳидони Ман бошед» маънои онро дорад, ки шумо беайб, бе муросокорӣ ва худро пурра ба Худованд Исо супурда, дар ҳар ҷое ки Ӯ мефиристад, ба Ӯ писанд омада, зиндагӣ мекунед.

Аз ҳар он чи ба садоқатии шумо ба Исои Масеҳ халал мерасонад, хеле эҳтиёт бошед. Рақиби хатарноктарин барои Масеҳ — хизмат ба Ӯст. Хизмат кардан осонтар аз он ки худро то охир ба нӯшидан диҳед. Ягона мақсади даъвати Худо ин аст, ки хости Худо ба амал ояд, на ин ки касе барои ӯ коре кунад. Ҳеҷ кас моро ба муҳориба барои Худо намефиристад, Худо моро дар муҳорибаҳои худ истифода мебарад. Пас, оё мо на ба худи Исои Масеҳ, балки ба хизмат бештар вафодор ҳастем?

18. ОШКОРӢ ВА ТОРИКӢ

«Ва ҳангоми ғуруби офтоб Абромро хоби гарон зер кард; ва инак, даҳшат ва зулмоти азиме ӯро фаро гирифт» (Ҳастӣ 15:12).

Ҳангоме ки Худо ба шахси муқаддаси Худ чизеро ошкор мекунад, ӯро бо сояи дасташ мепӯшонад, ва аз ин шахси муқаддас танҳо як чиз талаб карда мешавад: хомӯш монда, гӯш кардан. Торикие ҳаст, ки аз нури зиёдатӣ ба вуҷуд меояд, ва он гоҳ шумо бояд фақат гӯш кунед. Боби 16-уми Ҳастӣ намунаи

хуби он аст, ки шумо дар торикӣ маслиҳати хубро гӯш мекунед, ва интизор намешавед, ки Худо равшанӣ меандозад. Ҳангоме ки Худо чизеро ошкор мекунад ва аз пайи он торикӣ меояд, интизор шавед. Агар барои интизор шудан пурсабрӣ дошта бошед, Худо шуморо ба ваҳйе ки додааст, мутобиқ мекунад. Ҳеҷ гоҳ кӯшиш накунед, ки ба Худо дар иҷрои каломи Ӯ ёрӣ расонед. Иброҳим сездаҳ соли хомӯширо паси сар кард, аммо бо гузашти солҳо дар ӯ осоре аз худбоварӣ намонд. Ҳатто агар Иброҳим дар ҳақиқат ба ягон чизи шинос ва фаҳмо такя кардан мехост, ин тамоман имконнопазир мебуд. Худо тамоми ин солҳо на аз он сабаб хомӯш буд, ки аз Иброҳим норозӣ буд, балки барои он ки ба ӯ чизе омӯзонад. Худро маҷбур накунед, ки хурсандӣ ва боварӣ дошта бошед, танҳо ба Худо такя кунед (ниг. Иш.50:10–11).

Оё ман аз ягон ҷиҳат ба ҷисм такя мекунам? Ё ман аз ҳудуди ҳама гуна умед ба худам, ба халқи Худо, ба китобҳо, ба дуоҳо, ба рӯъёҳои берун рафтаам ва акнун на ба баракатҳои Худо, балки ба худи Худо такя мекунам? «Ман Худои Қодири Мутлақ ҳастам» — Эл Шаддай, Худо Падар ва Худо Модар дар як шахсият аст. Худо ба ҳамаи мо як чизро таълим медиҳад — донем, ки Ӯ дар ҳақиқат ҳаст. Ва ҳамин ки Худо барои мо воқеият мешавад, ҳамаи одамон соя мешаванд. Ва новобаста ба он ки муқаддасони дигар чӣ кор мекунанду мегӯянд, ҳеҷ чиз касеро, ки дар Худо устувор аст, аз оромӣ маҳрум карда наметавонад.

19. ОЁ ШУМО БАРОИ ҲАМА ЧИЗ ҚУВВАТ ДОРЕД?

«Кас агар аз олами боло таваллуд наёбад, Малакути Худоро дида наметавонад» (Юҳанно 3:3).

Чунин мешавад, ки мо гӯё болҳо пайдо намуда ба ҷамъомади дуо парвоз мекунем, аммо қувваи тоза кардани пойафзоли худро надорем!

Аз Рӯҳ таваллуд ёфтан, бешубҳа, кори Худост, чун вазидани боди нозук ва чун Худи Худо ҳайратовар аст. Мо намедонем, ки он аз куҷо сар мешавад: он дар ҷое дар умқи вуҷуди мо

ниҳон аст. Аз нав таваллуд шудан ибтидои абадӣ, беист ва бефано аст. Фикр кардан, гуфтану зистан бароямон осон аст, мо ҳамеша аз зиндагии Худованд дар ҳайратем. Агар чизе ба воситаи зӯр задан ба даст ояд, пас ҳамоҳангӣ дар муносибат бо Худо вайрон шудааст: «Ман бояд ин корро кунам, вагарна чизе амалӣ намешавад» — ин аввалин аломати маҷбур кардан аст. Оё дар ин лаҳза ногузир чизе моро ҷалб мекунад, ё даруни мо холӣ аст ва майнаамонро ба кор меандозем, ки бо чӣ кор машғул шавем? Болҳо на аз он сабаб пайдо мешаванд, ки мо итоаткорем, балки аз он сабаб, ки Рӯҳулқудс онҳоро ба мо медиҳад. Бо итоаткорӣ фақат мо худро дар нур нигоҳ медорем, чунон ки Худо дар нур аст.

Муносибати худро бо Худо бо рашк эҳтиёт кунед. Масеҳ чунин дуо мегуфт: «То ки як бошанд, чунон ки Мо як ҳастем». Бигзор дар байни мо чизе набошад. Бигзор тамоми ҳаёти мо дар пеши Исои Масеҳ доимо кушода бошад, бигзор дар он ҳеҷ гуна сохтакорӣ набошад. Ё шояд шумо ҳаёти худро аз ягон сарчашмаи дигар мегиред, на аз худи Худо? Агар шумо ғайр аз Ӯ ба чизе таваккал кунед, тамоман пай намебаред, ки Худо шуморо тарк мекунад.

Аз Рӯҳ таваллуд шудан, назар ба он чи мо одатан фикр мекунем, маънои бештареро дорад. Он барои мо уфуқҳои нав мекушояд ва ба мо барои ҳама чиз қувват мебахшад ва доимо ҳаёти Худоро ба мо медиҳад.

20. ОН ЧИРО, КИ ХУДО ДАР ЁД ДОРАД, БА ЁД ОВАРЕД

«*Меҳри айёми ҷавонии туро дар хотир дорам*» (Ирмиё 2:2).

Оё ман муҳаббати самимии худро ба Худо гум кардаам, ё танҳо мунтазири муҳаббати Ӯ ҳастам, гӯё Ӯ аз ман қарздор бошад? Оё Ӯ дар ман чизҳои майда-чуйдаи гуногунеро, ки дили Ӯро шод мекунанд, пай мебарад, ё ман доимо шикваю нола мекунам, ки ҳама чиз ба таври даркорӣ пеш намеравад? Дар рӯҳе ки он чизеро, ки Худо қадр мекунад, фаромӯш кардааст, ҳеҷ шодӣ

нест. Ва чӣ қадар хуб аст ба ёд овардани он, ки Исои Масеҳ ба ман эҳтиёҷ дорад — «Ба ман об деҳ». Дар ҳафтаи охир ман чанд маротиба ба Ӯ муҳаббат зоҳир кардам? Оё бо рафтори худ обрӯи Ӯро паст назадаам?

Худо ба халқи худ мегӯяд: Ту ҳозир Маро дӯст намедорӣ, аммо ман он вақтро дар ёд дорам, ки ту Маро дӯст медоштӣ — «Муҳаббати давраи арӯсии туро...дар хотир дорам». Оё ман аз муҳаббат ба Исои Масеҳ пур мешавам, чунон ки дар ибтидо буд, ҳангоме ки ман тайёр будам кори номумкинро анҷом диҳам, то вафодории худро ба Ӯ собит кунам? Оё Ӯ мебинад, ки ман он замонеро ба ёд меоварам, ки танҳо дар бораи Ӯ фикр мекардам? Оё ин оташ дар ман аланга мезанад, ё дар муҳаббати худ «хирадмандтар» ва «худдорикунандатар» шудаам? Оё ман Ӯро ба қадри кофӣ дӯст медорам, ки парвое накунам, ки ин муҳаббат маро ба куҷо мебарад? Ё шояд ман баракатҳои худро ба қайд мегирам, то аз ҳад зиёд кор накунам, балки танҳо ба Худо фақат ҳамон қадар хизмат кунам, ки Ӯ ба назар гирад?

Агар ба ёд оварам, ки Худо маро дар ёд дорад, ва фикр кунам, ки ӯ дигар барои ман ҳамон Худое нест, ки пештар буд, бигзор оташи нангу хорӣ маро бисӯзонад, зеро ин ҳамон шармандагӣ, ҳамон ғам ба хотири Худост, ки тавбаро ба вуҷуд меоварад.

21. МАН БА КУҶО МЕНИГАРАМ?

«Ба Ман руҷӯъ намоед ва наҷот хоҳед ёфт» (Ишаъё 45:22).

Мо интизорем, ки Худованд бо баракатҳояш назди мо биёяд ва моро наҷот диҳад, аммо Ӯ мегӯяд: «Ба Ман руҷӯъ намоед ва наҷот хоҳед ёфт». Ба Худо таваҷҷуҳ кардани мо хеле душвор аст, ва маҳз аз сабаби баракатҳои Ӯ душвор аст. Ҳангоми мушкилот мо қариб ҳамеша чашмонамонро сӯи Худо мегардонем, аммо пас аз баракатҳои Ӯ нигоҳамонро аз Ӯ дур мекунем! Ва тамоми таълимоти Мавъизаи болои кӯҳро бо як чиз хулоса кардан мумкин аст: доираи манфиатҳои худро то он дараҷа танг намо, ки ақл, дил ва ҷисми ту ба як нуқта — ба Исои Масеҳ нигаронида шаванд. «Ба ман руҷӯъ намоед».

Бисёре аз мо қолаби одати масеҳии намунавиро дорем, ва маҳз симои масеҳиёни аз нуқтаи назари мо намунавӣ имкон намедиҳад, ки диққати худро ба Худо равона кунем. Дар ин роҳ наҷот нест, ҳама чиз дар ин ҷо хеле мураккаб аст. «Ба ман руҷӯъ намоед ва наҷот хоҳед ёфт», фавран наҷот хоҳед ёфт. Агар мо ба Ӯ таваҷҷуҳ кунем, он чизеро, ки меҷӯем, хоҳем ёфт. Мо давуғеҷи беҳуда мекунем ва аз Худо меранҷем, аммо Ӯ гаштаву баргашта ба мо такрор мекунад: «Руҷӯъ намоед ва наҷот хоҳед ёфт». Ҳамин ки ба Худо нигоҳ мекунем, ҳама мушкилоту озмоишҳо, мушкилоте аз қабили ин тобистон чӣ бояд кард ё фардо чӣ кор кунам, мисли дуд аз байн мераванд.

Бедор шавед ва ба Худо нигаред. Умеди худро ба Ӯ мустаҳкам кунед. Ва бигзор садҳо корҳои гуногун дошта бошед, ҳамаашро бе пушаймонӣ партоед ва ба Ӯ нигоҳ кунед. «Ба Ман руҷӯъ намоед» ва шумо наҷот меёбед, ҳамон лаҳзае ки рӯй меоваред, наҷот меёбед.

22. ДИГАРГУНШАВӢ АЗ НИГАРИСТАН

«Аммо ҳамаи мо, бо рӯи кушода, мисли он ки дар оина бошад, ба ҷалоли Худованд нигариста, ба ҳамон сурат... табдил меёбем...» (2 Қӯринтиён 3:18).

Ин гуна ба Худо кушода будан аломати ҳақиқии шахсияти масеҳист.

Зиндагии ӯ оинае мегардад, ки дар он ҳаёти одамони дигар инъикос меёбад.

Аз Рӯҳ пур шуда, мо дигаргун мешавем, ва нигариста, оина мешавем. Шахсеро ки ба ҷалоли Худованд нигарист, бо касе омехта кардан мумкин нест — шумо ботинан эҳсос хоҳед кард, ки дар ин шахс чун дар оина симои худи Худованд инъикос ёфтааст. Биёед бо ҳар чизе ки ин оинаи моро доғдор карда метавонад, боэҳтиёт бошем — мо қариб ҳамеша дар чизи хуб ифлос мешавем, ба хубиҳо, аммо на беҳтарин.

Қоидаи тиллоии ҳаёти мо ин аст — ҳамеша кӯшиш кунем, ки ҳаётамон дар назди Худо кушода бошад. Ҳама чизи дигар:

кор, либос, хӯрок, ҳама чизҳоеро, ки дар рӯи замин ҳастанд — метавонед аз киштӣ берун партоед, ба истиснои ин ягона чиз. Дар пайи неъматҳои заминӣ ҳамеша мақсади худро аз даст медиҳем, пардае чашмони моро мепӯшонад. Мо бояд худро маҷбуран дар ҷое нигоҳ дорем, ки ба ҷалоли Худо менигарем, ва ба ҳеҷ ваҷҳ роҳ надиҳем, ки аз соҳаи рӯҳонӣ ба соҳаи моддӣ лағжем. Бигзор ҳама чизи дигар биёяд ва равад, бигзор ҳар кас ҳар тавре ки хоҳад, танқид кунад, аммо бигзор ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз ба он ҳаёте ки бо Масеҳ дар Худо ниҳон аст, дастдарозӣ накунад. Агар шумо дар Ӯ бошед, ҳеҷ гоҳ ба ҷое шитоб накунед. Ҳарчанд маҳз дар ин ҷо васвасаҳои бештар дар интизори шумо ҳастанд, ба онҳо таслим нашавед. Мушкилтарин илм дар ҳаёти масеҳӣ — «монанди он ки дар оина бошад, ба ҷалоли Худованд нигаристан»-ро ёд гирифтан аст.

23. ВАЗИФА БАРОИ ЯК УМР

«*Зеро барои он ба ту зоҳир шудаам*» (Аъмол 26:16).

Руъёе ки дар роҳи Димишқ ба Павлус фиристода шуда буд, на танҳо мавҷи эҳсосот буд. Ба Павлус возеҳ ва аниқ гуфта шуд, ки чӣ кор кунад. Ва Павлус мегӯяд: «Ман ба рӯъёи осмонӣ муқобилат накардам». Амалан Худованд ба Павлус гуфт: «Тамоми ҳаёти ту бояд дар ихтиёри Ман бошад, ту набояд ғайр аз мақсадҳои Ман мақсадҳои дигар дошта бошӣ, ғайр аз маънои ҳаёти Ман дигар маънои ҳаёт дошта бошӣ». «*Ӯ зарфи баргузидаи Ман аст*».

Ҳангоме ки мо аз нав таваллуд мешавем, агар мо ба ҷаҳони рӯҳӣ ворид шуда бошем, ҳамаи мо фаҳмиш ва ваҳйҳоро дорем, ки Исо аз мо киҳоро сохтан мехоҳад. Ва дар ин ҷо хеле муҳим аст, ки ба рӯъё муқобилат накарданро ёд гирем, нагӯем, ки ин вазифаи дастнорас аст. Донистани он ки Худо ҷаҳонро фидия дода бозхаридааст ва Рӯҳулқудс ҳама корҳоеро, ки Исо кардааст, дар ман зоҳир карда метавонад, кофӣ нест. Ман бояд заминаи мустаҳкам дошта бошам — шинохтани Худо. Ба Павлус на танҳо як мавъиза ё таълимот дода шуда буд. Аз ҳамон лаҳза ӯ

шахсан бо Исои Масеҳи зинда шинос шуд ва ин барои ӯ чизи муҳимтарин дар ҳаёти ӯ гардид. Он чизеро, ки Худо аз Павлус мехоҳад, ояти 16 хеле равшан баён мекунад: «...туро ходим ва шоҳид таъйин намоям...». Ҳама чиз фаҳмо аст, ҳама чиз маҳз ба Павлус гуфта мешавад. Ва расул ба Масеҳ бахшида шуда буд, на ба масеҳият. Ӯ комилан ба Худованд тааллуқ дошт, дигар чизеро намедид, барои ҳеҷ чизи дигар зиндагӣ намекард. «Зеро ман қарор додам, ки дар миёни шумо, ғайр аз Исои Масеҳ, Он ҳам ба салиб кашидашуда, чизе надонам».

24. БАРОИ ХУДО ҶОЙ БОҚӢ ГУЗОРЕД

«*Аммо ҳангоме ки Худо...таваққӯҳ намуд...*» (Ғалотиён 1:15).

Ҳангоми хизмат ба Худо, мо бояд ба Худо ҷой доданро ёд гирем — ба Ӯ имкон диҳем, ки озодона фаъолият кунад. Мо баъзе чизҳоро ҳисоб мекунем, дар бораи баъзе чизҳо фикр мекунем, мегӯем, ки ин ё он рӯй хоҳад дод, ва барои Худо ҷой гузоштанро фаромӯш мекунем, то ки Ӯ нақшаҳои моро чунон ки дуруст меҳисобад, ислоҳ намуда тавонад. Агар Худо рафти вохӯрии моро ё мавъизаи моро ба тавре дигар кунад, ки мо умуман аз Ӯ интизор набудем, эҳтимол мо хеле дар ҳайрат мемонем! Ва шумо набояд интизор шавед, ки Худо ин ё он тавр меояд, шумо бояд танҳо интизори Худо бошед. Ҳамин тавр мо ба Ӯ ҷой медиҳем. Интизор шавед, ки Ӯ меояд, аммо интизор нашавед, ки Ӯ он тавре меояд, ки шумо мехоҳед. Новобаста ба он ки мо Худоро чӣ қадар хуб мешиносем, як дарси бузург бояд устуворона омӯхта шавад — Худо метавонад дар ҳар лаҳза ба ҳама чиз дахолат кунад. Мо майл дорем, ки ин унсури ғайричашмдоштро аз нақшаҳои худ хориҷ кунем, аммо Худо ҳамеша ҳамин тавр амал мекунад. Ногаҳон, ғайричашмдошт, Худо ба ҳаёти одамон дахолат мекунад — «Аммо ҳангоме Худо... таваққӯҳ намуд...»

Доимо, бефосила бо Худо дар робита бошед, то ки қувваи ҳайратовари Ӯ дар ҳама ҷо — ҳам дар рост ва ҳам дар чап зоҳир шавад. Ҳамеша дар ҳолати интизорӣ бошед ва барои Худо

ҷой боқӣ гузоштанро фаромӯш накунед, то ки Ӯ ҳамон тавре ки мехоҳад, омада тавонад.

25. БОРИ ДИГАР НИГОҲ КУНЕД ВА БА ХУДО ТАСЛИМ ШАВЕД

«Пас, агар Худо алафи саҳроро...чунин бипӯшонад, магар шуморо...аз он беҳтар пӯшонда наметавонад!» (Матто 6:30).

Суханони оддии Масеҳ барои мо ҳамеша сирре боқӣ мемонанд, агар худи мо содда набошем. Ва чӣ гуна бояд ба андозаи соддагии Исо содда бошем? Рӯҳи Ӯро қабул кунед, Ӯро эътироф кунед ва ба Ӯ таваккал намоед, ба Ӯ ва ба каломи Худо, ки Ӯ меоварад, итоат кунед, ва ҳаёт бениҳоят осон хоҳад шуд. «Фикр кунед, — мегӯяд Исо, — Падари шумо, ки алафи саҳроро мепӯшонад, то чӣ андоза бештар тайёр аст шуморо пӯшонад, агар шумо бо Ӯ муносибати дуруст дошта бошед». Сабаби ҳама фурӯ ғалтиданҳои рӯҳонии мо он аст, ки мо аз боиси ғурури худ кӯр шуда, боварӣ доштем, ки ҳама чизро аз Исои Масеҳ беҳтар мефаҳмем. Мо ташвишҳои дунявиро дар дилҳои худ роҳ медодем ва ин «аз он беҳтар»-и Падари Осмониамонро фаромӯш кардем.

«Ба паррандагони ҳаво нигоҳ кунед» — тамоми маънои ҳаёти онҳо итоат ба қонунҳои дар табиати онҳо ҷойгиршуда аст. Ва Худо дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ мекунад. Масеҳ мегӯяд: агар ба Ӯ дуруст муносибат кунед ва ба Рӯҳи Ӯ, ки дар шумост, итоат кунед, Худо барои тамоми «пар»-ҳои шумо ғамхорӣ мекунад.

«Ба савсанҳои саҳро нигоҳ кунед» — онҳо дар он ҷое ки мерӯянд, месабзанд. Бисёрии мо аз дар он ҷое ки Худо онҳоро мешинонад, сабзидан намехоҳанд, ва дар натиҷа дар ҳеҷ ҷой намесабзанд. Масеҳ мегӯяд, ки агар мо ҳаётеро, ки Худо ба мо додааст, ба сар барем, Ӯ дар хусуси ҳама чизи дигар ғамхорӣ мекунад. Магар Исои Масеҳ моро фиреб дода метавонад? Ва агар мо ин «аз он беҳтар»-ро ҳис накунем, ин танҳо аз он сабаб аст, ки мо он ҳаётеро, ки Худо ба мо додааст, ба сар намебарем ва майнаамонро бо фикрҳои холӣ пур мекунем. Мо чӣ қадар

вақтро беҳуда сарф карда, Худоро бо саволҳои нолозим безор мекунем? Беҳтар мебуд, ки ин вақтро бо фикр дар бораи он чизе ки Худо мекунад, сарф мекардем. Ба чизе бахшидани худ маънои доимо ба як кор бахшидани худро дорад. Пас оё ман худро ҳар рӯзи ҳаётам ба андешаи Худо месупорам?

26. БОРИ ДИГАР НИГОҲ КУНЕД ВА АНДЕША НАМОЕД

«*Барои ҳаёти худ ғамхорӣ накунед...*» (Матто 6:25).

Бояд гаштаву баргашта такрор кунем, ки ташвишҳои ин ҷаҳон, фиреби сарват ва дигар ҳавасҳо ба даруни мо ворид шуда, ҳар чизеро, ки Худо дар он ҷо шинондааст, пахш мекунад. Ин мавҷҳо гаштаву баргашта бар мо фурӯ мерезанд, мо ҳеҷ гоҳ аз онҳо барканор шуда наметавонем. Агар мо барои либосу ғизо ғамхорӣ накунем, мавҷҳо аз дигар тараф — аз он ҷое меоянд, ки мушкилоти пул ё бепулӣ, дӯстон ё танҳоӣ ё танҳо мушкилот вуҷуд доранд. Аммо онҳо ҳама як бадбахтӣ ҳастанд, танҳо дар симоҳои гуногун, ва агар мо нагузорем, ки Рӯҳи Худо ба ин мавҷ муқобилат кунад, он моро ғарқ мекунад.

«Барои ҳаёти худ ғамхорӣ накунед». «Танҳо дар хусуси як чиз ғамхорӣ кунед, — мегӯяд Худованди мо, — дар хусуси он ки Ман барои шумо кӣ ҳастам». Дар ин ҷо ақли солим тоб намеоварад ва фарёд мезанад: «Аммо ин беақлӣ аст! Ман бояд дар хусуси он фикр кунам, ки чӣ гуна бояд зиндагӣ кунам, бояд дар бораи он фикр кунам, ки чӣ бихӯрам ва чӣ бинӯшам». Аммо Масеҳ мегӯяд: «Набояд фикр кунӣ». Ва ҳатто фикреро ҳам роҳ надиҳед, ки ин сухан аз ҷониби Касест, ки мушкилоти моро намефаҳмад. Исои Масеҳ мушкилоти моро аз мо беҳтар медонад, ва ба мо мегӯяд, ки мушкилотамонро дар ҳаётамон мушкилии рақами як накунем. Агар ягон мушкилӣ тамоми диққати шуморо ба худ ҷалб кунад, ба ҳеҷ вақҳ дар ҷои аввал нагузоред. Ҷои аввал танҳо аз они Худост.

«Мушкилоти имрӯз барои имрӯз бас аст» Имрӯз чӣ қадар ташвишҳо шуморо фаро гирифтаанд? Чӣ қадар шайтончаҳои

зарарнок аз наздатон давида гузашта, раҳораҳ мегуфтанд: «Хӯш, пас аз як моҳ чӣ кор мекунӣ? Дар тобистон чӣ мекунӣ?» Исо ба мо мегӯяд: «Барои ҳеҷ чиз ғамхорӣ накунед». Боз ба атроф нигоҳ кунед ва фикр кунед. Ва на дар бораи мушкилоти худ, балки дар бораи «аз он беҳтар»-и Падари Осмонии худ фикр кунед.

27. ОХИР, ИСОРО ИН ТАВР ТАЪҚИБ КАРДАН МУМКИН НЕСТ-КУ!

«*Шоул, Шоул! Барои чӣ маро таъқиб мекунӣ?*» (Аъмол 26:14).

Ё шояд ман ба сӯи Худо на бо роҳи Ӯ, балки бо роҳи худам меравам? То даме ки бо Рӯҳулқудс ва оташ таъмид нагирем, аз ин хатар комилан халос шуда наметавонем. Якравӣ ва худхоҳӣ душманони ашаддии Исои Масеҳ мебошанд, онҳо то марг ба Ӯ зиддият мекунанд. Ҳатто агар онҳо ба касе зараре нарасонанд ҳам, Рӯҳулқудсро ғамгин мекунанд. Ва ҳангоме ки мо якравӣ мекунем ва ба хоҳишҳои худхоҳонамон аз кори бад чашми худро мепӯшем, мо ба Исо дард мерасонем. Ҳар вақте ки мо ба ҳуқуқҳои худ исрор менамоем ва аз роҳи худ дур шудан намехоҳем, мо Исоро таъқиб мекунем. Ҳангоме ки мо барои шаъну шарафи худ истодагарӣ мекунем, мо Рӯҳи Худоро ғамгин ва таҳқир мекунем. Ҳангоме ки мо дарк мекунем, ки то ҳол ягона коре ки мо мекардем, таъқиб кардани Исо аст, мо худро нороҳат ҳис мекунем.

Оё ҳангоме ки Каломи Худоро ба шумо мерасонам, он бо тамоми қудрати худ дар ман зиндагӣ мекунад, ё ман бо ҳаёти худ ҳамаи он чиро, ки ба дигарон таълим медиҳам, рад мекунам? Ман метавонам дар бораи муқаддасӣ гап занам ва дар айни замон бо таҳрики рӯҳи шайтон, рӯҳе ки Исои Масеҳро таъқиб мекунад, амал кунам. Рӯҳи Масеҳ як кор дорад — ягонагии комил бо Падар, ва Ӯ мегӯяд: «Аз Ман таълим ёбед, чунки Ман нармдил ва фурӯтан ҳастам». Ҳамаи корҳои ман бояд аз иттиҳоди комил бо Ӯ ҷараён гиранд, на аз саъй ба росткорӣ бо роҳи худам ва мувофиқи хоҳиши худам. Аз болои ман қадам мезананд, пойҳои худро бар ман пок мекунанд, маро

пай намебаранд — аммо агар ман ба хотири Ӯ ба ҳамаи ин тоқат кунам, Исои Масеҳро аз таъқибот раҳоӣ медиҳам.

28. ОХИР, ИН ҚАДАР БЕХАБАР БУДАН МУМКИН НЕСТ-КУ!

«Худовандо, Ту кистӣ?» (Аъмол 26:15).

«Зеро Парвардигор ба ман чунин гуфт, дар сурате ки дасти қавии Ӯ бар ман буд». Агар Худованди мо сухан гӯяд, роҳи дигар нест; агар назди ту омада бошад, фақат Ӯро гӯш кун. Оё ягон бор овози Худоро, ки бевосита ба шумо нигаронида шудааст, шунидаед? Агар шунида бошед, ин овози ором, вале қатъиро ҳеҷ гоҳ бо ягон овози дигар омехта нахоҳед кард. Ин овоз ба шумо бо забоне муроҷиат мекунад, ки шумо беҳтар аз ҳама мефаҳмед, ва шумо ин овозро на бо гӯшҳо, балки ба воситаи воқеаҳое мешунавед, ки бо шумо рӯй медиҳанд.

Ба Худо лозим меояд, ки эътиқодҳои устувортарини моро тамоман барҳам диҳад. «Ман медонам, ки бояд маҳз ҳамин тавр бояд амал намоям», — мегӯем мо, аммо баъд овози Худо садо медиҳад, ва он чунон боварибахш садо медиҳад, ки мо аз дидани фазои нодонии худамон, ки кушода шудааст, ҳайрон мешавем. Аблаҳии мо ҳатто дар он зоҳир мешавад, ки мо ба Худо маҳз чӣ гуна хизмат карданӣ мешавем. Мо ба Масеҳ умуман на дар Рӯҳи Ӯ хизмат мекунем, мо Ӯро бо ёрии беақлонаи худ меранҷонем, мо на бо оҳанги сухани Ӯ, балки бо оҳанги сухани шайтон ба одамон мегӯем, ки Худо аз онҳо чизе талаб мекунад. Суханони мо дуруст садо медиҳанд, аммо рӯҳи душмани Масеҳ дар мо қадамгузор аст. «Аммо Ӯ рӯ гардонда, онҳоро манъ кард ва гуфт: „Намедонед, ки шумо аз кадом навъ рӯҳ ҳастед“». Ва дар асл чӣ гуна будани Рӯҳи Худованди мо дар касоне ки ҳақиқатан ба Ӯ итоат мекунанд, дар боби 13-уми Номаи 1-ум ба Қӯринтиён хеле хуб тасвир шудааст.

Пас, шояд ман ҳам ба таври худ ба Масеҳ хизмат карданӣ шуда, Ӯро таъқиб мекардам? Агар ба назарам чунин намояд, ки ман вазифаамро иҷро кардаам, вале бо ин восита Масеҳро

ранҷондаам, ҳеҷ шакке нест: ман ҳеҷ гуна вазифаро дар назди Масеҳ иҷро накардаам, зеро ин корҳоро на бо рӯҳи ҳалим ва фурӯтан, балки бо рӯҳи худхоҳӣ ва худписандӣ кардаам. Бо кадом як сабаб ба мо чунин метобад, ки ҳар чизи нохуш вазифаи мост! Оё он ба рӯҳи Худованди мо монанд аст: *«Хости Туро, эй Худои ман, ба ҷо овардан мехоҳам»*.

29. ИТОАТКОР БУДАН ОСОН НЕСТ

«Ва Самуил тарсид, ки ин рӯъёро ба Элӣ хабар диҳад» (1 Подшоҳон 3:15).

Худо ҳеҷ гоҳ фақат барои он зоҳир намешавад, ки моро бо ҳузури худ ба ҳайрат оварад. Аммо ваҳйҳои Ӯро аксаран ба таври возеҳ шарҳ додан душвор аст ва мо мегӯем: «Оё инро Худо гуфтааст ё не?» Ишаъё гуфт, ки Парвардигор чизе ба вай гуфт, «дар сурате ки дасти қавии Ӯ» бар вай буд, яъне бо чизе ӯро ба замин фишор медиҳад. Агар Худи Худо иҷозат надиҳад, ҳеҷ чиз ба мо даст расонда наметавонад. Аммо оё мо ҳамеша дасти Ӯро мешиносем ё дар он чи бо мо рӯй медиҳад, як тасодуфи оддии вазъиятро мебинем?

Одате пайдо намоед, ки ба Худо бо ин суханон рӯ оваред: «Бигӯй, Худовандо!» — ва ҳаёти шумо як саёҳати романтикӣ мешавад. Ҳар гоҳ, ки вазъият шуморо ба замин фишор диҳанд, бигӯед: «Бигӯй, Худовандо!» — ва гӯш кунед. На танҳо барои омӯхтани интизомнокӣ, балки барои ёд гирифтани талаффузи калимаҳои: «Бигӯй, Худовандо!» низ бар зидди бесабрӣ мубориза бурдан лозим аст. Ба ёд оваред, ки чӣ тавр Худо бо шумо муроҷиат намуд. Оё дар хотир доред, ки Ӯ чӣ гуфт? Шояд ин суханон аз Инҷили Луқо (11:13), ё шояд аз Номаи 1-ум ба Таслӯникиён (5:23) буданд? Ва ҳар қадаре ки мо гӯш кунем, ҳамон қадар беҳтар мешунавем; ва мо метавонем Худоро мисли Исо шунавем — ҳамеша.

Пас, он чиро, ки Худо ба ман чӣ ошкор кард, оё ба «Элӣ»-и худ чунин бигӯям? Ана мо дар ҳамин ҷо бо интихоби дарднок рӯ ба рӯ мешавем — итоат ба Худо ё хомӯшӣ? Ва мо, агар

кори пешбинкардаи Худоро ба дасти бесулуқайи худ гирем, ба Худо беитоатӣ мекунем: Охир, ман бояд ба «Элӣ», ки аслан одами хуб аст, ёрӣ диҳам. Худо ба Самуил нагуфт, ки ба Элӣ чизе бигӯяд ё нагӯяд, дар ин хусус ӯ бояд худаш қарор медод. Агар Худо шуморо ба чизе даъват кунад, шояд аҳволи «Элӣ»-и шумо хеле бад шавад. Аммо агар шумо касеро аз мушкилот дур карданӣ шавед, ин метавонад монеае байни рӯҳи шумо ва Худо гардад. Агар шумо ба буридани дасти рости касе ё кандани чашм халал расонед, ин корро бо хатар ба худ мекунед.

Дар он чи Худо қабули қарорро ба худатон вомегузорад, ҳеҷ гоҳ аз касе маслиҳат напурсед. Агар бо касе маслиҳат кунед — қариб ҳамеша кор бо он анҷом меёбад, ки шумо бо фармони шайтон амал мекунед. «Ман он вақт бо ҷисму хун маслиҳат накардам».

30. ОЁ ШУМО МЕДОНЕД, КИ БА ЧӢ ДАЪВАТ ШУДАЕД?

«...барои башорати Худо интихобгардида...» (Румиён 1:1).

Даъвати мо асосан на муқаддасони Худо будани мо, балки бештар дар он аст, ки башорати Худоро эълон кунем. Ва дар ин ҷо хеле муҳим аст, ки Инҷили Худо барои мо воқеӣ ва зинда бошад. Воқеияти асосии мо на меҳрубонии инсонӣ, на муқаддасӣ, на биҳишт, на дӯзах, балки кафорат аст. Ва имрӯз барои коргари киштзори масеҳӣ фаҳмидани ин аз ҳама чиз муҳимтар аст. Мо, коргарон бояд ба он ваҳй, ки кафорат ягона Ҳақиқат аст, одат кунем. Муқаддасии шахсӣ натиҷа аст, на сабаб: ва агар мо ба некии инсонӣ, яъне ба натиҷаи кафорат бовар кунем, имони мо ба имтиҳон тоб намеоварад.

Павлус нагуфтааст, ки худаш худро интихоб кардааст. Ӯ гуфт: *«Аммо ҳангоме Худо, ки маро интихоб кардааст, хурсанд шуд...»* Павлус ба шахсияти худ таваҷҷуҳи зиёд намекард. Ва то даме ки нигоҳи мо ба беайбии худамон нигаронида шудааст, мо ба воқеияти кафорат наздик ҳам шуда наметавонем. Масеҳиёни меҳнаткаш маҳз аз он сабаб ноком мешаванд, зеро онҳо на

Худоро, балки покии худро мехоҳанд. «Ва аз ман хоҳиш накунед, ки дар воқеияти дағалонаи кафорат дастҳоямро ифлос кунам ва бо пасмондаҳои ҷомеа сару кор дошта бошам. Ба ман танҳо он даркор аст, ки Худо барои ман коре кунад, то ки дар назари худ беҳтар тобам». Агар ман бо чунин рӯҳия сухан гӯям, ин маънои онро дорад, ки воқеияти башорати Инҷили Худо ҳатто ба ман нарасидааст, ман ҳанӯз ба қафо нигоҳ накарда, худро ба оғӯши Худо напартофтаам. Ва то даме ки ман танҳо ба худ таваҷҷуҳ дорам, Худо маро аз ҳеҷ чиз раҳоӣ дода наметавонад. Павлус дар бораи худ фикр намекард, бинобар ин ӯ ҳақиқатан ба қафо нигоҳ накарда, худро ба оғӯши Худо партофт, ва Худо ӯро барои як мақсад — эълон кардани башорати Инҷили Худо интихоб кард (ниг. Рум.9:3).

31. ХУДО БА ЧӢ ДАЪВАТ МЕКУНАД

«Зеро Масеҳ маро нафиристодааст, ки таъмид диҳам, балки башорат диҳам» (1 Қӯринтиён 1:17).

Павлус мегӯяд, ки Худо одамонро ба мавъиза кардани Инҷил даъват мекунад. Аммо дар хотир доштан муҳим аст, ки Павлус «башорат» гуфта, чиро дар назар дорад — ӯ воқеияти кафоратро дар Худованди мо Исои Масеҳ дар назар дорад. Мо ҳамеша майл ба он дорем, ки муқаддасшавиро мақсади ниҳоии мавъизаамон гардонем. Аммо Павлус ба таҷрибаи шахсии худ на чун роҳи ҳалли мушкилот, балки танҳо чун намуна ишора мекунад. Дар ҳеҷ кучо ба мо нагуфтаанд, ки наҷот ё қудсиятро мавъиза кунем, мо даъват шудаем, ки Исои Масеҳро болобардор кунем (Юҳ.12:32). Суханон дар бораи он ки Ӯ барои муқаддас гардондани ман ба азоби салиб тоб овардааст, ҳамчун тамасхур бар қурбонии Исои Масеҳ садо медиҳанд. Исои Масеҳ ба ин азобҳо тоб овард, то тамоми ҷаҳонро наҷот диҳад ва онро ба тахти Худои дар покии аслии худ барқароршуда пешкаш кунад. Кафоратро аз сар гузаронда тавонистани мо қудрат ва воқеияти онро исбот мекунад, аммо ин мақсади ниҳоии кафорат нест. Агар Худо одам мебуд, эҳтимол ӯ аз дархостҳои доимии мо: «Наҷот деҳ, муқаддас

гардон!» безор мешуд. Аз субҳ то шом аз Худо барои худ чизе талаб мекунем — то маро аз чизе раҳоӣ диҳад! Аммо агар мо дар асоси мустаҳками воқеияти Инҷили Худо устувор биистем, дигар ҳеҷ гоҳ Худоро бо шикваҳои худ ташвиш надиҳем.

Павлус як шавқмандии оташин дошт — ин мавъиза кардани Инҷили Худо буд. Ӯ ҳама душвориҳо, ноумедиҳо ва ранҷу азобҳоро бо як сабаб қабул мекард — садоқати ӯ ба Инҷили Худо устувор буд ва ҳеҷ чиз онро барҳам дода наметавонист.

32. ДАЪВАТИ РАФЪНОПАЗИР

«...вой бар ҳоли ман, агар башорат надиҳам!» (1 Қӯринтиён 9:16).

Ҳангоме ки Худо шуморо даъват мекунад, гӯшҳои худро маҳкам накунед. Ҳар касе ки наҷот ёфтааст, даъват карда мешавад, ки дар ин бора шаҳодат диҳад. Аммо ин ба даъвати мавъиза ҳамон як чиз нест — ин танҳо як мисоли мавъиза аст. Павлус мегӯяд, ки то чӣ андоза ӯ вазифаи худро дар мавъиза кардани Инҷил дарк мекунад: ин ба ӯ ҳатто дарди ҳақиқӣ меоварад. Аммо он чиро, ки Павлус дар бораи худаш гуфта буд, ба одамоне ки барои наҷот ба назди Худо меоянд, интиқол додан лозим нест. Ҳеҷ чиз осонтар аз ёфтани наҷот нест, зеро ин кори Худо ва танҳо Худост — Назди Ман оед ва ман шуморо наҷот медиҳам. Худованди мо ҳеҷ гоҳ намегӯяд, ки барои ба даст овардани наҷот шартҳои ба шогирдон пешниҳодшавандаро иҷро кардан лозим аст. Мо ба воситаи салиби Исои Масеҳ наҷот ёфтаем. Ва шогирдӣ кори ихтиёрист: «Агар касе...»

Суханони Павлус ба онҳое дахл доранд, ки ғуломи Исои Масеҳ шудаанд. Аз ғулом иҷозат намепурсанд, ки чизеро ба ӯ супориш диҳанд ё ба ҷое фиристанд. Худо ба хости Худ моро нони шикасташаванда ва шароб рехташаванда мегардонад. «Барои башорат интихоб шудан» — шунидани даъвати Худост. Ва ҳангоме ки шахс шунидани ин даъватро сар мекунад, азобҳо сазовори номи Масеҳ меоянд. Ҳама иззатталабиҳо решакан карда мешаванд, ҳама хоҳишҳои дунявӣ пахш карда мешаванд,

ҳама нақшаҳои оянда комилан аз байн мераванд, фаромӯш мешаванд ва танҳо як чиз боқӣ мемонад — «барои башорат интихобшуда». Вой бар ҳоли он ҷоне ки нидоҳои равшанро шунида, қадамҳои худро ба сӯи дигар равона карданӣ мешавад. Ин коллеҷи Китоби Муқаддас барои шумо вуҷуд дорад, ва шумо барои он вуҷуд доред, то Худо бубинад, ки оё онҳое ки ба кори башорати Ӯ ғамхорӣ мекунанд, ҳастанд, то Худо бинад, ки оё Ӯ шуморо аз пайи Худ бурдааст. Ва агар аз пайи Худ бурда бошад, ҳазар кунед, ки ҳеҷ кас ва ҳеҷ чизи дигаре шуморо аз пайи худ набарад ва ба худ ҷалб накунад.

33. АНА ТАМОШОГОҲ

«*...Мо барои ҷаҳон тамошогоҳе шудаем...*» (1 Қӯринтиён 4:9).

Ин муболиға нест. Ва ин суханон ба назари мо, ходимони Инҷил, на аз он сабаб муболиға метобанд, ки Павлус дар ин ҷо хато кардааст, балки аз он сабаб аст, ки мо аз ҳад зиёд эҳтиёткор ва бодиққат ҳастем, то ба мавқеи «масхарабоз» паст нафароем. «Пур кардани камии мусибатҳои Масеҳ дар ҷисми худ» на далели муқаддас шудан, балки «барои башорат интихобшуда» будан аст.

«Аз оташе ки барои имтиҳони шумо дар миёнатон аст, ҳайрон нашавед, ки гӯё воқеаи аҷибе бо шумо рӯй дода бошад», — ба мо маслиҳат медиҳад Петрус. Агар бо вуҷуди ин, мо аз ин васваса ҳайрон шавем, пас ин аз тарсончакии мост. Мо ҳамеша далелҳои зиёде пайдо мекунем, ки мувофиқи онҳо ҳанӯз вақти ба лой даромадан нест: «Ман худамро хор намекунам, сарамро хам намекунам». Хуб, лозим ҳам нест, агар ба шумо маъқул бошад, худро «гӯё аз оташ» наҷот диҳед. Метавонед ба Худо муқобилат кунед ва бигзор Ӯ шуморо аз рӯйхати «барои башорат интихобшудагон» хориҷ кунад. Ё метавонед бигӯед: «Хуб, бигзор онҳо маро шарманда, ради мардум ҳисоб кунанд. Муҳим он аст, ки Инҷил мавъиза карда шавад».

Ғуломи Исои Масеҳ шахсест, ки тайёр аст ба хотири зинда мондани Инҷили Худо азоб кашад.

Ҳангоме ки одами «хуб» бо бадкирдорӣ, бадахлоқӣ ва хиёнат дучор мешавад, ин барои тамоми ҳиссиёти беҳтарини ӯ чунон таҳқиромез аст, ки қариб ҳамеша бо як чиз ба охир мерасад — дил ба худ сахт баста мешавад, аз одамон ноумед мешавад. Ва мӯъҷизаи Воқеияти кафорати Худо ин аст, ки ҳатто зишттарин зиштиҳо ва бадтарин бадкирдориҳо ҳаргиз муҳаббати Худоро аз байн намебарад. Павлус нагуфта буд, ки Худо ӯро интихоб кардааст, то нишон диҳад, ки ӯ чӣ гуна шахси олиҷаноб шуда метавонад. Ӯ гуфта буд, ки Худо ӯро интихоб кардааст, то «Писари Худро дар вай ошкор кунад».

34. БУЗУРГИИ РАФЪНАШАВАНДАИ ҚУВВАИ Ӯ

«Зеро муҳаббати Масеҳ моро водор менамояд...» (2 Қӯринтиён 5:14).

Павлус мегӯяд, ки муҳаббати Масеҳ бар вай ғолиб омад, дастболо шуд ва ӯро дар як гира фишурда кард. Кам касон медонанд, ки дар оғӯши зичи муҳаббати Худо будан чӣ гуна аст, дар аксари мавридҳо мо ба роҳнамоии худ пайравӣ мекунем. Аммо Павлусро ягона чиз нигоҳ медошт, то даме ки ҳама чиз аз уфуқ нопадид шуд, ва ин танҳо муҳаббати Худо буд. «Муҳаббати Масеҳ моро фаро мегирад» — агар касе бо ин зиндагӣ кунад, инро ҳис накардан ғайриимкон аст. Дарҳол маълум мешавад, ки Рӯҳи Худо дар ин ҳаёт озодона нафас мегирад.

Ҳангоме ки мо аз Рӯҳи Худо аз нав таваллуд мешавем, шаҳодати мо аз он чи Худо барои мо кардааст, иборат аст, ва дигар хел ҳам шуда наметавонад. Аммо таъмид бо Рӯҳулқудс инро як бор ва барои ҳамеша нест мекунад, ва мо мефаҳмем, ки Масеҳ чиро дар назар дошт, ҳангоме гуфт: «Ва шумо шоҳидони ман мешавед». На шоҳидони он чи Исо карда метавонад — ин ҳатто бе мо фаҳмо аст — балки *«шоҳидони Ман»*. Ҳар он чи рӯй медиҳад, мо чун чизе дарк мекунем, ки бо Ӯ рӯй медиҳад, хоҳ ҳамду сано бошад ё куфр, хусни таваҷҷуҳ ё бадбинӣ. Ва ҳеҷ кас барои Исои Масеҳ устувор истода наметавонад, агар бузургии қувваи шахсияти Ӯ ҷалб накунад. Тамоми моҳият

танҳо дар ҳамин аст, ва ҳайратовар аст, ки ин охирин чизест, ки ходими масеҳӣ мефаҳмад. Павлус мегӯяд, ки муҳаббати Масеҳ ӯро фаро гирифтааст, бинобар ин ӯ чунин амал мекунад. Ӯро беақл ё боақл номидан мумкин аст — ӯ парво надорад. Ӯ барои як мақсад зиндагӣ мекунад — одамонро ба ногузир будани доварӣ дар тахти Худо ва ба муҳаббати Масеҳ бовар кунонад. Ва танҳо ҳангоме ки чунин шахс ба ақиб нигоҳ накарда, худро ба муҳаббати Масеҳ мебахшад, танҳо дар он вақт ӯ метавонад мева диҳад, танҳо дар он вақт ӯ ҳамеша таассуроти қудсият ва қувваи Худоро ба вуҷуд меоварад, на қудсияти шахсии худ.

35. ОЁ ШУМО ТАЙЁРЕД ҚУРБОНӢ ШАВЕД?

«*Лекин, агар ман қурбонии рехтание бар қурбонӣ ва ибодати имони шумо шавам ҳам, аз ин шодам ва бо ҳамаи шумо шодӣ мекунам*» (Филиппиён 2:17).

Оё шумо тайёред ба хотири дигар имондорон қурбонӣ гардед — хуни худро барои имони каси дигар резед? Ё чунин мегӯед: «Мурданам барвақт аст, бе Худо ҳам худам ба қароре меоям, ки чӣ кор кунам. Агар қурбонӣ шудан дар насибам бошад, ҳамон вақт қурбонӣ мешавам, ки худам мехоҳам».

Дар танҳоии ифтихормандона бо сари баланд қадамгузор будан як чиз аст, ва чизи дигар — агар Худо барои ту нақши латтаеро насиб гардонад, ки ҳар касе ки хоҳад, пойҳояшро дар он пок мекунад. Тасаввур кунед, ки Худо мехоҳад ба шумо чунин гуфтанро ёд доданӣ аст: «Дар камбағалӣ низ зиста метавонам». Оё шумо тайёред чунин қурбонӣ шавед? Оё шумо тайёред танҳо як қатра дар як сатил об бошед, то чунон ноаён бошед, ки ҳеҷ кас шуморо ба ёд наоварад? Оё шумо тайёред ҳама чизеро, ки доред, аз ҷумла худатонро диҳед, ва аз ҳеҷ кас ёрӣ наҷӯед, балки худатон ба дигарон ёрӣ расонед? Баъзе муқаддасон наметавонанд кори ифлосро анҷом диҳанд ва муқаддас бошанд, зеро ин аз шаъну шарафи онҳо пасттар аст.

36. ОЁ ШУМО ТАЙЁРЕД ҚУРБОНӢ ШАВЕД?

«*...Ман акнун қурбонӣ мешавам...*» (2 Тимотиюс 4:6).

«Ман тайёрам қурбонӣ шавам». Ин ҷо ҳама чизро ирода ҳал мекунад, на эҳсосот. Ба Худо гӯед, ки тайёред қурбонӣ шавед, ва бигзор ҳар чи шавад — шавад. Ҳар чӣ шавад ҳам, баъд набояд шикоят кард. Худованд ҳар касро ба роҳи худаш ҳидоят мекунад, ва дар ин роҳ ба ёрии касе умед бастан мумкин нест. Дар назари аввал дар ин роҳ бо шумо ягон чизи махсусе рӯй намедиҳад, лекин дар хотир дошта бошед: ҳама чизро иродаи шумо ҳал мекунад. Аввал масъалаи иродаи худро ҳал кунед, ва ҳангоме ки имтиҳон фаро мерасад, кори дуруст мекунед ва аз ҳеҷ чиз наметарсед. Ва агар иродаи худро ба Худо таслим накунед, ҳама чиз бо он ба охир мерасад, ки ба худ раҳм карданро сар мекунед.

«Қурбониро бо танобҳо баста, то шохҳои қурбонгоҳ баред». Қурбонгоҳ — ин оташест, ки дар он қурбонӣ сӯзонда мешавад, тоза мешавад ва аз ҳар чизи дигар бо ягона мақсад ҷудо карда мешавад: нобуд кардани ҳар пайванде ки аз Худо нест ва ҳама дилбастагӣ, ки аз дилбастагӣ ба Худо сарчашма намегирад. Шумо худатон ин пайвандҳоро нобуд нахоҳед кард, Худо онҳоро нобуд мекунад, кори шумо ин аст, ки қурбониро ба шохҳои қурбонгоҳ бандед ва ҳангоме ки оташ афрӯхта шавад, ба худ раҳм накунед. Ва пас аз фурӯзон шудани он, чизе боқӣ нахоҳад монд, ки шуморо ғамгин карда тавонад. Ва ҳангоме ки озмоишҳо фаро мерасанд, шумо мебинед, ки онҳо дигар шуморо мисли пештара наметарсонанд ва ғамгин намекунанд. Пас шумо бояд чӣ гуна оташро аз сар гузаронед?

Ба Худо гӯед, ки тайёред қурбон шавед, ва Ӯ Худро ба шумо ҳамон гуна ошкор мекунад, ки шумо ҳамеша орзуи дидани Ӯро доштед.

37. ДИЛГИРШАВӢ ЧИРО МЕОМӮЗОНАД

«Лекин мо умед доштем...аммо, бо ин ҳама, имрӯз рӯзи сеюм аст...» (Луқо 24:21).

Ҳамаи фактҳои зикркардаи шогирдон дуруст баён шуда буданд. Аммо онҳо аз ин фактҳо хулосаҳои нодуруст баровардand. Ҳар чизе ки ноумедӣ ва ғамгиниро меоварад, ҳеҷ гоҳ аз нуқтаи назари рӯҳонӣ дуруст буда наметавонад. Агар дилгиршавӣ, ки онро ноумедӣ ё рӯҳафтодагӣ низ номидан мумкин аст, маро фаро гирад, ман худам айбдорам, на Худо ва на каси дигар. Ноумедӣ танҳо ду сабаб дошта метавонад — ё ман ба ҳаваси ҷисм афтодаам, ё не. Ҳаваси ҷисм хоҳиши он аст, ки ҳама чизро якбора дошта бошед. Ҳаваси рӯҳонӣ маро маҷбур мекунад, ки ба ҷои ҷустуҷӯи Худо, ки ба ҳама саволҳо ҷавоб медиҳад, аз Худо ҷавоб ҷӯям. Шояд ман дар масъалае ба Худо таваккал кардам, аммо имрӯз рӯзи сеюм аст, ки Худо ҳеҷ коре накардааст. Ва он гоҳ ман ҳис мекунам, ки ҳақ дорам ғамгин шавам ва Худоро барои чизе айбдор кунам. Ҳамавақте ки мо исрор менамоем, ки Худо ҳатман бояд ба дуоҳои мо ҷавоб диҳад, мо дар роҳи нодуруст ҳастем. Мақсади дуо ҷавоб ба даст овардан нест, балки вохӯрдан бо Худост. Ва чунин намешавад, ки одам солим бошаду дилгир шавад. Дилгиршавӣ — ин ҳам аз ҷиҳати тиббӣ ва ҳам аз ҷиҳати рӯҳонӣ нишонаи беморист. Ноумед ва рӯҳафтода шудан кори нодуруст аст ва ба ин ҳамеша худамон айбдорем.

Мо мунтазири рӯъёҳои осмонӣ, ларзишҳои замин дар зери по ва зоҳиршавии Худои афканандаи раъду барқ ҳастем (худи факти рӯҳафтодагии мо инро исбот мекунад) ва ҳатто тасаввур карда ҳам наметавонем, ки тамоми ин муддат Худо Худро ба мо дар чизҳои хурд дар одамони атрофамон нишон додааст. Ва агар мо вазифаи оддитарин ва аввалиндарачаи худро иҷро кунем, Ӯро мебинем. Яке аз ваҳйҳои аҷибтарини Худо ҳангоми фаҳмидани он меояд, ки Исои Масеҳ Худро, Худои зиндаро ба мо дар чизҳои назарногиртарин ошкор мекунад.

38. МУҚАДДАС ШУДАН ЧӢ АРЗИШ ДОРАД?

«Худи Худои осоиштагӣ бигзор шуморо комилан беайб нигоҳ дорад...» (1 Таслӯникиён 5:23).

Ҳангоме ки мо дар бораи муқаддас шудан дуо мекунем, оё мо тайёрем бо талаботи ин оятҳо рӯ ба рӯ шавем? Мо ба худи калимаи «муқаддасӣ» хеле сабукфикрона муносибат мекунем. Оё мо мефаҳмем, ки ин ба мо дар ивази чӣ дода хоҳад шуд? Ин ба мо арзиши онро хоҳад дошт, ки доираи тамоми манфиатҳои мо дар рӯи замин бениҳоят танг хоҳад шуд ва доираи манфиатҳои мо дар Худо бениҳоят васеъ хоҳад шуд. Муқаддас шудан маънои диққати ҷиддӣ додан ба нуқтаи назари Худо оид ба ҳама чиз аст. Ин маънои онро дорад, ки тамоми қувваҳои ҷисм, ҷон ва рӯҳ танҳо ба мақсадҳои Худо равона карда шудаанд ва танҳо барои он пешбинӣ шудаанд. Оё мо тайёрем ба Худо имкон диҳем, ки дар мо ҳар чизеро, ки Ӯ мехоҳад, ба вуҷуд оварад? Ва баъд, ҳангоме ки кори Ӯ дар мо анҷом меёбад, оё мо тайёрем худро барои Худо ҷудо кунем, чунон ки Исо Худро ҷудо карда буд? «Ва Ман Худро барои онҳо мебахшам». Баъзеи мо то ҳол муқаддас шуданро сар накардаем, зеро маънои муқаддас шуданро аз нуқтаи назари Худо нафаҳмидаем. Муқаддас шудан маънои то он дараҷа бо Масеҳ як шуданро дорад, ки моро ҳамон рӯҳе ки Ӯро идора менамуд, идора кунад. Оё мо тайёрем ақалан ягон чизро барои ин қурбон кунем? Ва мо бояд ҳар чизеро, ки дар мо аз Худо нест, қурбон кунем.

Оё мо тайёрем худро ба ин дуои Павлуси ҳавворӣ супорем? Оё мо тайёрем бигӯем: «Худовандо, маро ба ҳамон андоза муқаддас гардон, ки гунаҳкори бо файз наҷотёфта муқаддас шуда метавонад»? Масеҳ дуо мегуфт, ки мо бо Ӯ як бошем, чунон ки Ӯ бо Падар як аст. Ягона сифате ки Рӯҳулқудс ба инсон медиҳад, монандии зиёди оилавӣ ба Исои Масеҳ ва озодӣ аз ҳар чизест, ки ба Ӯ монанд нест. Оё мо тайёрем ба иродаи Рӯҳулқудс таслим шавем ва ба Ӯ иҷозат диҳем, ки хизмати Худро дар мо ба ҷо оварад?

39. ОЁ ШУМО АЗ ҶИҲАТИ РӮҲОНӢ ХАСТА ШУДАЕД?

«...Худованд, Худои ҷовид...хаста намешавад ва лакот намегардад» (Ишаъё 40:28).

Хаста шудан маънои тамоман кам шудани тамоми қувваҳои ҳаётии одамро дорад. Хастагии рӯҳонӣ ҳеҷ гоҳ натиҷаи гуноҳ нест, он ҳамеша дар натиҷаи хизмати шиддатнок ба вуҷуд меояд. Хаста шудан ё нашудани шумо ба он вобаста аст, ки қуввои худро аз куҷо мегиред. Исо ба Петрус гуфт: «Гӯсфандони Маро бичарон», аммо барои ин гӯсфандон хӯрок надод. Ҳар кӣ гӯсфандонро мечаронад, бояд худаш нони шикасташаванда ва шароби рехтанӣ шавад, то ҷонҳои дигарро сер кунад, то даме ки онҳо дар Худо пайдо кардани ғизои худро ёд гиранд. Онҳо бояд шуморо то охир бинӯшанд. Бинобар ин захираҳо ҳатман бояд пур карда шаванд, вагарна ба зудӣ шумо аз хастагии пурра мағлуб мешавед. Пеш аз он ки ҷонҳои дигар аз ҳаёти Исои Масеҳ мустақилона қувват гирифтанро омӯзанд, онҳо бояд ин қувваро ба воситаи шумо гиранд. То он даме ки одамон аз Худо ғизо гирифтанро ёд нагиранд, аслан тамоми шарбати шуморо мемаканд. Ва вазифаи мо дар назди Худо ин аст, ки ба ҳар роҳе ки имконпазир аст, ба барраҳо, ба гӯсфандон ва ба худи Ӯ хизмат кунем.

Шояд шумо, ки ба Худо хизмат карда истодаед, ба дараҷаи хастагӣ расидаед? Агар ин тавр бошад, ба дохили худ назар андозед. Хизмати ҳозираи худро чӣ гуна сар карда будед?

Аз афзалшумориҳои худ ё аз таҳқурсии мустаҳками кафорати Масеҳ? Ҳамеша ба асосҳои хоҳишҳову орзуҳои худ баргардед ва кӯшиш кунед фаҳмед, ки аз куҷо қувват мегиред. Шумо ҳақ надоред чунин гӯед: «Эй Худовандам, ман хеле хаста шудам, ман қувва надорам». Охир, Ӯ шуморо барои ҳамин наҷот дод, барои ҳамин муқаддас намуд, ки қуввати худатон намонад. Барои Худо нотавон шавед, аммо дар ёд нигоҳ доред, ки танҳо дар Ӯ қувват меёбед. «Ҳама сарчашмаҳои ман дар Ту ҳастанд».

40. ОЁ ТАСАВВУРОТИ ШУМО ХАСТА НАШУДААСТ?

«Чашмони худро сӯи афроз баланд карда, бубинед: кист ки инҳоро офаридааст?» (Ишаъё 40:26).

Халқи Худо дар айёми пайғамбар Ишаъё тахайюли худро бо нигоҳ ба чеҳраи бутҳо тамом карда буд ва Ишаъё онҳоро ташвиқ мекард, ки нигоҳи худро ба осмон гардонанд, яъне мувофиқи мақсад истифода бурдани тахайюлоти худро сар кунанд. Барои муқаддаси Худо табиат муқаддас аст. Агар мо фарзандони Худо бошем, дар табиат ганҷи бебаҳо дорем. Дар ҳар вазидани бод, дар ҳар шабу ҳар рӯз, дар ҳар нишона аз осмон, дар ҳар мавсими шукуфтану пажмурда шудан Худо назди мо меояд ва ба мо танҳо лозим аст, ки тахайюлоти хасташудаамонро барои фаҳмидани ин истифода барем.

Дурустии биноии рӯҳонӣ аз он санҷида мешавад, ки мо тахайюлоти худро то чӣ андоза асир гардонда метавонем. Шояд тахайюлоти мо аз чеҳраи бут чашмонашро намеканад? Шояд ин бут худатон бошед? Ё шояд кори шумо? Идеали меҳнаткаши шумо? Фаҳмиши шумо дар бораи наҷот ва муқаддасӣ? Дар чунин ҳолат тахайюлоти шумо хаста шудааст, ва агар ба мушкилиҳо дучор шавед, қуввататон барои рафъ намудани онҳо намерасад, ва дар торикӣ қадамгузор мешавед. Агар тасаввуроти шумо тамом шуда бошад, ба таҷрибаи худ назар андохтанатон лозим нест — ба шумо танҳо Худо даркор аст. Аз худ даст кашед, аз бутҳо, аз ҳар чизе ки тасаввуроти шуморо хаста мекунад, дур шавед. Бедор шавед, масхараеро, ки Ишаъё нисбати мардум гуфта буд, нисбати худ қабул кунед, ва тахайюлоти худро бошуурона ба Худо равона кунед.

Дуоҳои мо аз он сабаб хандаовар мешаванд, ки дар онҳо тахайюлот вуҷуд надорад, зеро мо қуввати истодан дар назди Худо надорем. Мо бояд на ба маънои муносибатҳои шахсӣ бо одамони дигар, балки асосан ба маънои дуои шафоаткунанда нони шикасташаванда ва шароби рехтанӣ шуданро ёд гирем. Тахайюлот қудратест, ки Худо ба муқаддаси Худ медиҳад, то бо

ёрии он ӯ аз он чизе ки ба он одат кардааст, берун равад ва ба ҷое ки пештар набуд, ворид шавад.

41. ОЁ УМЕДИ ШУМО БА ХУДО ПАЖМУРДА ШУДА, МУРДА ИСТОДААСТ?

«Дили боматонатро Ту дар осоиштагии комил нигоҳ медорӣ, зеро ки вай ба Ту таваккал мекунад» (Ишаъё 26:3).

Оё тахайюлоти шумо ба Худо нигаронида шудаанд ё тамом шудаанд? Тахайюлоти тамомшуда яке аз сабабҳои асосии хастагии умумӣ ва дистрофияи ҳаёти коргар мебошад. Агар шумо ҳеҷ гоҳ тахайюлоти худро барои истодан дар назди Худо истифода набурдаед, ҳоло ин корро сар кунед. То омадани худи Худо интизор шудан лозим нест, шумо бояд тахайюлоти худро аз мушоҳидаи рӯи бутҳо дур намуда, ба сӯи Ӯ рӯ оваред ва дар Ӯ наҷот ёбед. Тахайюлот — ин тӯҳфаи бузургтарини Худо ба мо аст, ва мо бояд онро комилан пурра ба Худо бахшем. Агар шумо ҳар як фикрро ба итоати Масеҳ асир кунед, ин ба имони шумо дертар вақти, ки озмоиш фаро мерасад, ёрӣ хоҳад расонд, зеро он вақт имон ва Рӯҳи Худо якҷоя амал мекунанд. Фикрҳои ба Худо арзандаро бо ҳамаи он чи дар табиат рӯй медиҳад, пайваст карданро омӯзед: бо тулӯъ ва ғуруб, бо офтоб ва осмон, бо тағйирёбии фаслҳо — ва тахайюлоти шумо на зери итоати фикрҳои нооромотон, балки ҳамеша дар хизмати Худо хоҳад буд.

«Бо падарони Худ хато кардаем...ба ёд наоварданд» — пас дар ҷое ки хобидаед, теғи ханҷарро рӯболо гузоред. «Худо ҳоло ба ман чизе намегӯяд», — мегӯед шумо. Бовар намекунам. Ба ёд оваред, ки аз они кистед ва ба кӣ хизмат мекунед. Хотираатонро бедор кунед ва ғайрати шумо барои Худо даҳ баробар зиёд мешавад, тахайюлоти шумо қувваи сарфшударо бармегардонад ва ба кашфиётҳои аҷиб тайёр мешавад ва умеди шумо ба таври тасвирнашаванда равшан мегардад.

42. ОЁ ДАР ҲАҚИҚАТ ГӮШ КАРДАН ЛОЗИМ АСТ?

«Ва ба Мусо гуфтанд: „Ту бо мо сухан бигӯ, ва мо хоҳем шунид, вале Худо бо мо сухан нагӯяд, мабодо бимирем“» (Хуруҷ 20:19).

Мо бар хилофи Худо амал намекунем, мо танҳо суханони Ӯро гӯш намедиҳем. Худо ба мо фармудаҳои Худро додааст, мо онҳоро дорем, аммо ба онҳо аҳамият намедиҳем, ва на аз он сабаб, ки мо зидди онҳо ҳастем, балки аз он сабаб, ки Муаллифи онҳоро дӯст намедорем ва эҳтиром намекунем. «Агар Маро дӯст доред, аҳкоми Маро риоя хоҳед кард» (Юҳ.14:15). Ҳангоме мо дарк мекунем, ки ҳама вақт ба Худо беэҳтиромӣ кардаем, мо танҳо шарм ва расвоиро аз гӯш накардани Ӯ эҳсос хоҳем кард.

«Ту бо мо сухан бигӯ...вале Худо бо мо сухан нагӯяд». Мо Худоро то чӣ андоза кам дӯст медорем! Дар ҳақиқат гӯш кардани бандагонаш ба мо бештар маъқул аст. Мо шунидани шаҳодати касеро дӯст медорем, аммо мо намехоҳем, ки Худи Худо бо мо сухан гӯяд. Чаро мо аз он чизе ки Худо ба мо мегӯяд, ин қадар метарсем? Худоё, чаро мо ин қадар сахт метарсем, ки Худо ба мо мегӯяд? Ва мо аз он сабаб метарсем, ки агар Худо чизе гӯяд, мо бояд ё гуфтаи Ӯро ба ҷо оварем, ё ба Худо иқрор шавем, ки ин корро намекунем. Ва агар танҳо овози ходимро шунавем, ин моро ба чизе водор намекунад ва мо метавонем ба осонӣ бигӯем: «Хуб, ин суханони туст, ҳарчанд ман инкор намекунам, ки дар онҳо ҳақиқати Худо буда метавонад».

Оё ман Худоро дар ҳолати таҳқиромез намегузорам? Ӯ маро мисли кӯдаки инҷиқ парасторӣ мекунад, вале ман ба ӯ ҳеҷ аҳамият намедиҳам. Агар ман ба ҳар ҳол қарор диҳам, ки ба сухани Ӯ гӯш диҳам, пас он хорӣ, ки Худо аз ман мекашад, ба ман бармегардад: «Худовандо, чаро ман ин қадар беҳиссиёт ва якрав будам?» Агар мо ҳақиқатан бевосита Худоро шунавем, аксуламали мо танҳо чунин хоҳад буд. Вақди ҳақиқӣ аз шунидани суханони Ӯ бо шарм аз он, ки ин суханонро муддати дароз намешунидем, омехта хоҳад шуд.

43. ОДАТИ ГӮШ КАРДАН

«Бигӯй, [Худованд], зеро ки бандаат мешунавад» (1 Подшоҳон 3:10).

Агар ман чизеро, ки Худо боре ба ман гуфта буд, бо диққат гӯш карда бошам, ин маънои онро надорад, ки ман ҳамеша ба суханони Ӯ диққат медиҳам. Ман нописандӣ ва беэҳтиромиро нисбат ба Худо бо он нишон медиҳам, ки дилу ақлам хоб аст, ва ман танҳо вонамуд мекунам, ки суханони Худо гӯш медиҳам. Агар ман дӯстамро дӯст медошта бошам, бе сухан мефаҳмам, ки ӯ чӣ мехоҳад, ва Исо мегӯяд: «Шумо дӯстони Ман ҳастед». Шояд ин ҳафта ягон фармудаи Худовандамро вайрон карда бошам? Агар ман мефаҳмидам, ки ин маҳз фармудаи Масеҳ аст, ман ба ҳеҷ вақҳ дидаву дониста онро вайрон намекардам. Аммо аксарияти мо аз он сабаб ба Худо беэҳтиромӣ мекунем, ки суханони Ӯро намешунавем. Ҳама суханони Ӯ аз мо мисли нахӯд аз девор ба ақиб мепаранд.

Мақсади ҳаёти рӯҳонии ман — як шудан бо Исои Масеҳ аст, то ки ман ҳамеша Худоро шунавам ва донам, ки Худо маро мешунавад (Юҳ.11:41). Агар ман бо Исои Масеҳ як бошам, ман ҳамеша Худоро мешунавам, зеро ман ҳамеша гӯш мекунам. Ва паёми Худоро ба ман ҳам гули савсан, ҳам дарахт, ҳам бандаи Худо расонда метавонад. Он чи маро аз гӯш кардани Худо бозмедорад, бо кори дигар машғул будан аст. Гап на дар он аст, ки ман Худоро шунидан намехоҳам, балки ман тайёр нестам дар ҳама чиз Ӯро гӯш кунам. Ман аз ҳад зиёд бо ашёҳо, корҳо, ақидаҳо банд ҳастам, ва Худо ҳар чи хоҳад, мегӯяд, аммо ман ӯро намешунавам. Вале фарзанд ҳамеша танҳо як чизро мегӯяд: «Бигӯй, Парвардигор, зеро бандаат мешунавад». Ва агар одати гӯш карданро пайдо накарда бошам, Худоро хеле кам мешунавам, зеро ман ҳамеша бо чизе банд мешавам ва албатта, бо корҳои хеле муҳим банд мешавам. Ва ҳангоме ки бо корҳо банд ҳастам, ман суханони Худоро намешунавам ва мисли кӯдак зиндагӣ намекунам. Оё ман имрӯз садои Худоро шунидам?

44. ЧӢ ГУНА ХУДО ГӮШ КАРДАНРО ТАЪЛИМ МЕДИҲАД

«Он чи дар торикӣ ба шумо мегӯям, дар рӯшноӣ бигӯед; ва он чи дар гӯш мешунавед, дар болои бомҳо мавъиза кунед» (Матто 10:27).

Баъзан Худо моро аз даруни торикӣ мегузаронад, то гӯш кардани Худро омӯзонад. Ба парандагон сурудхониро дар торикӣ таълим медиҳанд, аммо Худо моро дар сояи кафи дасти худ ҷойгир мекунад, то даме ки мо гӯш кардани Ӯро ёд гирем. «Он чи дар торикӣ ба шумо мегӯям» — эҳтиёт бошед, лаҳзаеро, ки худро дар торикӣ мебинед, аз даст надиҳед. Ва ҳангоме ки дар торикӣ ҳастед, даҳони худро баста нигоҳ доред. Шояд худи ҳозир шумо дар торикӣ ҳастед, зеро бо шумо як чизи нофаҳмо рӯй медиҳад, ё дар корҳои оддӣ, ё дар масъалаҳои рӯҳонӣ? Агар ҳа, ором бошед. Агар дар торикӣ даҳон кушоед, бечо гап мезанед: дар торикӣ гӯш кардан лозим аст. Ба касе чизе гуфтан лозим нест, китоб хондан лозим нест, то фаҳмед, ки торикӣ аз куҷо пайдо шудааст, танҳо гӯш кардан лозим аст, танҳо шунавед. Агар шумо бо одамон сӯҳбат кунед, намешунавед, ки Худо чӣ мегӯяд. Ба торикӣ даромада бошед — гӯш кунед, ва Худо як чизи хеле муҳимро барои шумо ошкор хоҳад кард, ва он гоҳ шумо метавонед ин чизи муҳимро ба каси дигар ҳангоме, ки ба рӯшноӣ бармегардед расонед.

Пас аз ҳар як давраи торикӣ мо эҳсосоти омехтаро аз сар мегузаронем — ваҷд ва шармсорӣ (агар дар дил танҳо ваҷд бошад, ман шубҳа дорам, ки мо Худоро умуман шунидаем). Аз он ки Худоро шунидем, ба ваҷд меоем, аммо ба ҳар ҳол бештар шарм медорем: чаро ман ин қадар вақт ба Ӯ гӯш намедодам? Чаро ман инро намефаҳмидам?

Охир, Худованд ҳамаи инро рӯзҳову ҳафтаҳо беист мегуфт! Ва акнун Ӯ атои фурӯтаниро медиҳад, ки дилро нарм мекунад. Ва ин дил ҳоло тайёр аст ҳамеша ба Худо гӯш диҳад.

45. ОЁ МАН НИГАҲБОНИ БАРОДАРАМ ҲАСТАМ?

«Зеро ҳеҷ яке аз мо барои худ зист намекунад...» (Румиён 14:7).

Оё боре ба саратон омада буд, ки дар назди Худо барои ҷонҳои дигар масъулияти рӯҳонӣ доред? Масалан, агар ман дар танзими ҳаёти шахсии худ аз Худо дур шавам, ҳар касе ки ба ман наздик аст, аз ин азоб мекашад. Мо «дар ҷойҳои осмонӣ дар Масеҳ Исо» нишастаем. «Ва агар як узв дардманд шавад, ҳамаи узвҳо бо он ҳамдард мешаванд». Агар шумо ба худ иҷозат диҳед, ки суст шавед ва ба ғамхории аз ҳад зиёд нисбати ҷисми худ дода шавед, агар ақли худро бознадоред, агар ба эҳсосоти худ тағофул намоед ва дар тумани рӯҳонӣ саргардон шавед, ҳар касе ки бо шумо робита дорад, азоб мекашад. «Аммо, — эътироз мекунед шумо, — кӣ ба чунин меъёрҳои баланд ҷавобгӯ буда метавонад?» — «Қудрати мо аз ҷониби Худост» ва танҳо аз ҷониби Ӯст.

«Ва шумо шоҳидони ман хоҳед буд». Кадоме аз мо тайёр аст тамоми қувваи асабӣ, ақлонӣ, ахлоқӣ ва рӯҳонии худро то охирин қатра ба хотири Исои Масеҳ сарф кунад? Ва Худо калимаи «шоҳид»-ро маҳз ҳамин тавр мефаҳмад. Барои ба ин тайёр шудан вақт лозим аст. Нисбат ба худ пурсабр бошед. Чаро Худо моро дар рӯи замин нигоҳ медорад? То ки мо наҷот ёбем ва муқаддас шавем? Не, барои он ки мо ба Ӯ хизмат кунем. Оё ман тайёрам нони шикасташаванда ва шароби рехтанӣ шавам? Оё тайёрам худро дар ин давра, дар ин зиндагӣ қурбон кунам, худро дар ҳама чиз қурбон кунам, ғайр аз як чиз — ба одамон омӯзондани он чизе ки Исои Масеҳи Худованд таълим додааст. Зиндагии меҳнаткунандаи ман — миннатдории ман аз Худо барои наҷоти бениҳоят муъҷизавии Ӯст. Фаромӯш накунед, ки ҳар яки мо шояд мисли нуқраи радшуда, мо ҳам рад шудаем. Фаромӯш накунед, ки «...то ки ба дигарон мавъиза намуда, худам маҳрум набошам» (1Қӯр.9:27).

46. ИЛҲОМИ ИЛОҲӢ ДОШТАНИ ТАШАББУСИ РӮҲОНӢ

«Эй ту, ки хоб рафтаӣ, бархез...» (Эфесусиён 5:14).

На ҳар як шахс ташаббус илҳоми илоҳӣ дорад. Шояд ба шумо гӯянд: «Худро такон деҳ, аз гулӯи танбалии худ гирифта, берун парто ва пеш рав!» Ташаббуси оддии одам ҳамин тавр кор мекунад. Аммо ҳангоме ки Рӯҳулқудс меояд ва аслан ҳамон чизро мегӯяд: «Худро такон деҳ», мо мебинем, ки ташаббус аз олами боло меояд.

Ҳамаи мо дар ҷавонӣ фикрҳо ва ақидаҳои бузург дорем, вале дер ё зуд мефаҳмем, ки қувваи дар амал татбиқ намудани онҳоро надорем. Мо корҳои мехостаамонро иҷро карда наметавонем, ва тайёрем орзуҳои худро ба бойгон супорем. Он гоҳ Худо маҷбур мешавад, ки биёяд ва бигӯяд: «Бархез, эй хобида». Ҳангоме ки илҳоми Худо воқеан бар мо фуруд меояд, он бо чунон қудрати муъҷизаосое фуруд меояд, ки мо метавонем аз хоб бедор шуда, корҳои ғайриимконро анҷом диҳем. Дар ташаббуси рӯҳонӣ чизи ҳайратовар он аст, ки ҳангоме мо худро «такон медиҳем», ҳаёт меояд. Худо ба мо пешакӣ ғалабаро кафолат дода, зиндагии бароҳат ато намекунад — Ӯ ба мо худи ин ҳаётро бо мурури пирӯзиҳо ба даст оварданамон медиҳад. Ҳангоме ки илҳоми Худо меояд ва Худо мегӯяд: «Эй хобида бархез», мо бояд худамон бархезем. Худо инро барои мо намекунад. Худованди мо ба марди дасташ хушкшуда гуфт: «Дастатро дароз кун» ва баробари ин ки мард ин корро кард, дасташ сиҳат шуд, аммо бояд қадами аввалро худаш мегузошт. Ва агар мо қарор диҳем, ки ба сӯи пирӯзӣ равем ва ҳақиқатан равона шавем, ҳамон вақт мувофиқи илҳоми Худо амал мекунем, зеро Худованд дарҳол, бе таъхир ҳаётро медиҳад.

47. ДАВО АЗ ДИЛГИРШАВӢ

«*Бархез, бихӯр*» (3 Подшоҳон 19:5).

Фариштаи ба Илёс ҳеҷ рӯъё намефиристод, Навиштаро барои ӯ тафсир намекард, ҳеҷ чизи ғайриоддӣ намекард — ӯ ба Илёс гуфт, ки кори оддитаринро иҷро кунад: бархезад ва бихӯрад. Агар мо ҳеҷ гоҳ чунин ҳолате надошта бошем, ки мехостем хоб равему бедор нашавем, шояд зиндагӣ ҳам накардаем. Авҷи дилгиршавӣ ва ноумедӣ шудан на танҳо дар кристалҳои сард рӯй медиҳанд. Вале одам низ оҳиста оҳиста рӯҳафтода мешавад, вагарна бо ин рӯҳ боло баромада ҳам наметавонист. Ва дар зиндагӣ чизҳое ҳастанд, ки ноумед накарда наметавонанд, зеро аз онҳо рӯҳи марг мевазад. Ба даруни худ нигоҳ карда, ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунед, ки шумо ба рӯҳафтодагӣ майли модарзодӣ доред.

Ҳангоме ки Рӯҳулқудс меояд, Ӯ ба мо рӯъёҳо намефиристад, балки ба мо мегӯяд, ки кори оддитаринро иҷро кунем. Дилгиршавӣ ва ноумедӣ одатан моро ба ҷангали анбӯҳ, дур аз чизҳои оддӣ ва ибтидои коинот мебарад, аммо ҳангоме ки Худо меояд, моро ба чизи соддатарин, чизи муқаррарӣ илҳом медиҳад! Мо ҳеҷ гоҳ фикр намекардем, ки Худо метавонад дар чунин чизҳои хурд амал намояд, аммо Ӯ маҳз дар он ҷост. Ва ин гуна илҳом як давои зидди заҳрии пурқувват аз дилгиршавӣ аст. Танҳо як кори оддиро ба ҷо овардан ва онро бо илҳом ба ҷо овардан лозим аст. Агар мо барои бартараф кардани ғамгинӣ, дилгиршавӣ коре кунем, ғамгинӣ боз ҳам ғафстар, ҳатто сахттар мешавад. Аммо агар хоҳиши коре карданро дар дилҳои мо Рӯҳи Худо ҷой диҳад ва мо кореро, ки Ӯ аз мо интизор аст, кунем, пас дилгиршавӣ тамоман ғайб мезанад. Ҳамин ки мо ба Худо итоат мекунем ва аз ҷой бармехезем, дарҳол як зина боло мебароем.

48. ДАВО АЗ НОУМЕДӢ

«*Бархезед, биравем*» (Матто 26:46).

Шогирдон, ҳангоме ки мебоист чашмонашонро намепӯшанд, хобашон бурд ва чун фаҳмиданд, ки чӣ ҳодиса рӯй дод, ноумед

шуданд. Вақте мефаҳмед, ки ҳеҷ чизро ислоҳ кардан мумкин нест, ноумед шудан хеле осон аст. Мо мегӯем: «Ана! Ҳамааш барбод рафт, акнун ҳеҷ чизро ислоҳ кардан мумкин нест». Аммо агар ба мо чунин тобад, ки ин гуна ноумедӣ фалокат аст, хато мекунем: ин бо ҳар кас рӯй медиҳад. Ҳангоме дарк мекунем, ки имконияти бузургеро, ки барои коре ба мо дода шудааст, аз даст додем, албатта, даст афшонда аз баҳри ҳама чиз баромаданӣ мешавем... Аммо он гоҳ Исои Масеҳ меояд ва мегӯяд: «Агар хобатон бурда бошад, — ин фурсатро барои ҳамеша аз даст додаед ва ин воқеан ҳеҷ илоҷе надорад. Акнун аз ҷой бархезед ва биёед кори дигаре кунем». Гузаштаро ба фаромӯшӣ супоред (дар Масеҳ), ва бо Масеҳ ба сӯи оянда, ки дар остона истодааст, равед.

Ин бо ҳар яки мо рӯй медиҳад. Дилгиршавӣ на бе сабаб ба сарамон меояд, балки бо баъзе сабабҳо фаро мерасад, ва мо аз ин сабабҳо барканор шуда наметавонем. Дар мавриди рухдода шогирдон хатои афвнопазир содир карданд, ки ба ҷои бо Исо бедор мондан хобашон бурд. Аммо Масеҳ шогирдонро даъват кард, ки ноумедиро аз худ дур кунанд, ва гуфт: «Бархезед, меравем, боз як кори дигар мекунем». Агар мо тайёр бошем, ки дар рӯҳ рафтор кунем, Худо ба мо чӣ пешниҳод мекунад? Ӯ даъват мекунад, ки ба Ӯ таваккал кунем ва дар асоси мустаҳками кафорати Ӯ дуо гӯем.

Пушаймониҳоро дар хусуси гузашта дур кунед, дар қадамҳои навбатии худ ба онҳо қудрат надиҳед.

49. ДАВО АЗ КОРҲОИ ДИЛГИРКУНАНДА

«Бархез, мунаввар шав...» (Ишаъё 60:1).

Ҳангоме ки ба шогирдон лозим буд чашмонашонро напӯшанд, хобашон бурд ва чун фаҳмиданд, ки чӣ ҳодиса рӯй дод, ноумед шуданд. Ҳангоме дарк мекунед, ки ҳеҷ чизро ислоҳ кардан мумкин нест, ноумед шудан хеле осон аст. Мо мегӯем: «Ана! Ҳамааш барбод рафт, Акнун ҳеҷ чизро ислоҳ кардан мумкин нест». Аммо агар ба мо чунин тобад, ки ин гуна ноумедӣ

фалокат аст, хато мекунем: ин бо ҳар кас рӯй медиҳад. Ҳангоме дарк мекунем, ки имконияти бузургеро, ки барои коре ба мо дода шудааст, аз даст додем, албатта, даст афшонда аз баҳри ҳама чиз баромаданӣ мешавем... Аммо он гоҳ Исои Масеҳ меояд ва мегӯяд: «Агар хобатон бурда бошад, — ин фурсатро барои ҳамеша аз даст додаед, ва ин воқеан ҳеҷ илоҷе надорад. Акнун аз ҷой бархезед ва биёед кори дигаре кунем». Гузаштаро ба фаромӯшӣ супоред (дар Масеҳ), ва бо Масеҳ ба сӯи оянда, ки дар остона истодааст, равед.

Ин бо ҳар яки мо рӯй медиҳад. Дилгиршавӣ на танҳо ҳамин тавр, балки бо баъзе сабабҳо фаро мерасад, ва мо аз ин сабабҳо барканор шуда наметавонем. Дар мавриди додашуда шогирдон хатои афвнопазир содир карданд, ки ба ҷои бо Исо бедор мондан хоб рафтанд. Аммо Масеҳ шогирдонро даъват кард, ки ноумедиро аз худ дур кунанд, ва гуфт: «Бархезед, меравем, кори дигар мекунем». Агар мо тайёр бошем, ки дар рӯҳ рафтор кунем, Худо ба мо чӣ пешниҳод мекунад? Ӯ даъват мекунад, ки ба Ӯ пурра таваккал кунем ва дар асоси мустаҳками кафорати Ӯ дуо гӯем.

Пушаймониҳоро дар хусуси гузашта дур кунед, дар қадами навбатии худ ба онҳо қудрат надиҳед.

50. ДАВО АЗ ОРЗУҲОИ БЕСАМАР

«Бархезед, аз ин ҷо биравем» (Юҳанно 14:31).

Дар бораи дуруст анҷом додани ягон коре орзу кардан хуб аст, аммо ҳангоме ки амал кардан зарур аст, орзу кардан бад аст. Пас аз он ки Худованди мо ба шогирдонаш ҳақиқатҳои аҷиби навбатиро ошкор кард, интизор шудан мумкин буд, ки Ӯ ба онҳо маслиҳат медиҳад, то ба ягон ҷои хилват рафта, дар бораи онҳо андеша кунанд. Аммо Худованд ҳеҷ гоҳ хаёлоти бесамарро ташвиқ намекард. Орзу кардан ҳамон вақт бамаврид аст, ки мо бо Худо дар робита мешавем, то фаҳмем, ки Ӯ аз мо чӣ мехоҳад. Ҳангоме ки Ӯ хости Худро ба мо мегӯяд, аммо мо орзу карданро давом дода, дигар коре намекунем, ин кори хушку холӣ аст ва интизории баракат аз он бефоида аст. Худо ба хобҳо дар бедорӣ

оромона муносибат карда наметавонад, Ӯ моро ҳатман такон медиҳад — намегузорад, ки биншинем ё биистем, балки моро ба ҷое мефиристад.

Агар пас аз он ки Худо гуфт: «Шумо ба танҳоӣ ба ягон ҷои хилват биравед» (Марқ.6:31), дар интизории ором дар пеши рӯи Худо истода монем, чунин амал комилан асоснок аст: бе он мо ҳеҷ гоҳ намедонем, ки Худо аз мо чӣ интизор аст. Аммо эҳтиёт бошед ва пас аз он ки Худо ҳама чизи даркориро гуфт, ба орзуҳои беҳуда дода нашавед. Ба Худо имкон диҳед, ки сарчашмаи тамоми орзуҳо, шодӣ ва вақдҳои шумо шавад, ва баъд биравед ва он чизеро, ки Ӯ ба шумо мегӯяд, иҷро кунед. Агар ошиқ шуда бошед, шабу рӯз фақат нишаста дар бораи дӯстдоштаатон орзу намекунед, балки барои ӯ коре карданӣ мешавед. Исои Масеҳ низ аз мо ҳаминро интизор аст. Ва агар мо ба орзуҳо дода шуда, пас аз он ки Худо ҳама чизи даркориро гуфт, ҳеҷ коре накунем, пас шояд мо то ҳол ба Ӯ боварӣ надорем?

51. ОЁ АЗ МУҲАББАТ БА ХУДО САРАТОНРО ГУМ КАРДАЕД?

«Вай барои Ман коре некӯ кард» (Марқус 14:6).

Агар муҳаббати инсонӣ шахсро ба корҳое ки барои ӯ ғайриоддӣ аст, водор накунад, пас ин асло муҳаббат нест. Агар муҳаббат ҳамеша боэҳтиёт бошад, агар муҳаббат хирадмандона, боэҳтиёт рафтор кунад, ҳеҷ гоҳ саргум нашавад ва ҳаргиз болотар аз сараш нақаҳад, ин муҳаббат нест. Шояд ин ҳусни тавақҷуҳ бошад, шояд эҳсосоти гарм, аммо дар ин ҷо нишонаи муҳаббат вуҷуд надорад.

Оё боре ба сари ман шуда бошад, ки сарамро гум кардаам ва барои Худо коре кардаам, на ба хотири вазифа, на ба хотири ақли солим ва на ҳеҷ сабаби дигар, ғайр аз як ва танҳо як сабаб — ба хотири дӯст доштани Ӯ? Оё ман ягон бор фаҳмидаам, ки барои Худо коре карда метавонам, ё ман раҳорах хоб рафта, суханони азёдшударо дар бораи бузургии кафорати Ӯ такрор мекунам, дар ҳоле ки ман метавонистам як қатор корҳои дигари

даркориро анҷом диҳам? Ва сухан на дар бораи корҳои Илоҳӣ ва бузург аст, ки дар солномаҳои таърих боқӣ мемонанд, балки дар бораи корҳои оддӣ, муқаррарӣ, инсонӣ аст, ки танҳо гувоҳӣ барои Худо хоҳанд буд, ки ман дар ҳама чиз ба Ӯ тобеъ шудаам. Оё корҳои ман боре дар дили Исои Худованд чунин аксуламал ба вуҷуд овардаанд, мисли кори Марям аз Байт-Анё?

Гоҳо чунин метобад, ки Худо моро мушоҳида мекунад ва интизор аст, ки ақаллан далелҳои муҳаббати моро ба Ӯ бинад. Итоат ба Худо арзишмандтар аз муқаддасии шахсӣ аст. Муқаддасии шахсӣ чашмони моро ба сафедии бенуқсони худ ҷалб мекунад, мо ба тарзи роҳравӣ, тарзи суханронӣ ва тарзи нигаристани худ хеле аҳамият медиҳем, мо метарсем, ки аз ягон ҷиҳат Худоро меранҷонем. Аммо ҳангоме ки ба Худо итоат мекунем, муҳаббати комил аз ин ҳама осореро боқӣ намегузорад. Мо бояд аз андеша-саволи «Шояд ақаллан ба ягон кор лоиқ бошам?» халос шавем. ва бо чунин фикр муросо кунед, ки мо ба ҳеҷ кори шоиста лоиқ нестем. Ин ба ҳақиқат наздиктар мешавад. Савол дар он нест, ки мо барои чӣ кор лоиқ ҳастем, гап дар он аст, ки мо танҳо барои Худи Худо хеле зарур ҳастем. Ва агар мо ба Ӯ итоат кунем, Ӯ ба воситаи мо беист амал мекунад.

52. САБРИ РӮҲОНИРО НИГОҲ ДОРЕД

«Бозистед ва бидонед, ки Ман Худо ҳастам» (Забур 45:11).

Сабр на танҳо тобоварӣ, балки тобоварӣ дар якҷоягӣ бо боварии мутлақ аст, ки он чизе ки мо интизорем, ҳатман рӯй хоҳад дод. Сабр танҳо истодагарӣ кардан нест, ки баръакс метавонад зоҳиршавии сустӣ, тарси зиёд аз гум кардани чизе бошад. Сабр ҳадди аксари имкониятҳои шахсест, ки бовар карданро рад мекунад, ки қаҳрамонашро мағлуб кардан мумкин аст. Бадтарин чизе ки метавонад рӯй диҳад, на он аст, ки шумо лаънатӣ хоҳед шуд, балки он аст, ки Исои Масеҳ ноком хоҳад шуд ва ҳар он чи Ӯ мавъиза мекард — муҳаббат, адолат, бахшидан ва меҳрубонии байни одамон — дар ниҳоят ғалаба нахоҳад кард:

ҳамаи он чи Ӯ мегуфт, амалинашаванда хоҳад буд. Ва дар ҳамин ҷо даъват ба сабр садо медиҳад, на бо якравӣ такрор кардани ҳамон кор ва ҳеҷ кор накардан, балки маҳз коре кардан дар асоси боварии қатъӣ, ки Худо шикастхӯрда нахоҳад буд.

Агар ҳозир ба мо чунин тобад, ки мо дар умедҳоямон фиреб хӯрдаем, ин метавонад маънои онро дошта бошад, ки умедҳои мо танҳо аз як марҳалаи покшавӣ мегузаранд. Дар дили ҳеҷ кас чунин умеду орзуи ҳақиқатан наҷиб набуд, ки амалӣ нагардад. Ва Худоро интизор шудан яке аз душвортарин корҳост. «Азбаски ту каломи сабри Маро нигоҳдорӣ намудаӣ...» (Ваҳй 3:10).

Сабри рӯҳониро нигоҳ доред.

53. АЗМИ ХИЗМАТ КАРДАН

«...Писари Одам на барои он омад, ки ба Ӯ хизмат кунанд, балки барои он ки хизмат кунад...» (Матто 20:28).

Павлус ба хизмат ҳамон гуна менигарист, чунон ки Худованди мо менигарист. Масеҳ гуфта буд: «Ман дар миёни шумо монанди хизматгузор ҳастам» (Луқ.22:27); Павлус: «...мо ғуломони шумоем ба хотири Масеҳ» (2Қӯр.4:5). Аз чӣ сабаб ба назари мо чунин метобад, шахсе ки ба хизмат даъват шудааст, бояд на чун одамони оддӣ, балки як мавҷуди дигар шавад. Аммо агар шумо ба Масеҳ гӯш диҳед, маълум мешавад, ки Ӯ ба он даъват шуда буд, ки ҳама пойҳои худро бар Ӯ пок кунанд, ба он даъват шуда буд, ки одамонро роҳнамоӣ кунад, аммо на аз боло бар онҳо роҳбарӣ кунад. «Дар камбағалӣ ҳам зиста метавонам» (Фил.4:12), — мегӯяд Павлус. Вай хизматро ҳамчун имкони барои касе то қатраи охирин сарф кардани худ мефаҳмад. «Шумо метавонед Маро ситоиш кунед ё лаънат гӯед, ин маро аз роҳам намегардонад», — ҳамин тавр қарор дода буд расул. «Агар дар ҷаҳон ақаллан як нафари дигаре бошад, ки Исои Масеҳро намешиносад, ман қарздори ӯ ҳастам ва то даме ки ӯ Масеҳро нашиносад, ба ӯ хизмат мекунам». Қувваи пешбарандаи хизмати Павлус на муҳаббат ба одамон, балки муҳаббат ба Исои Масеҳ аст. Агар моро меҳр ба инсоният раҳбарӣ кунад, хеле

зуд шикаста мешавем ва рӯҳафтода мешавем, зеро аз таҷрибаи талхи худ мефаҳмем, ки одамон аз саг носипостаранд. Аммо агар моро муҳаббат ба Худо раҳбарӣ кунад, ягон носипосӣ моро аз хизмат ба бародаронамон бознамедорад.

Сирри азму иродаи Павлус барои хизмат кардан дар он аст, ки ӯ фаҳмид, ки Исои Масеҳ бо ӯ чӣ кор кард. «Маро, ки пештар куфргӯ ва таъқибкунанда ва озордеҳ будам...» (1Тим.1:13), — дар бораи худ мегӯяд Павлус. Новобаста ба он ки одамон бо ман чӣ гуна муносибат мекунанд, онҳо ҳеҷ гоҳ ба ман бо адоват ва нафрате ки ман худам ба Исои Масеҳ муносибат мекардам, муносибат намекунанд. Ҳангоме мо мефаҳмем, ки Исои Масеҳ бо вуҷуди ба ҳамаи худпарастӣ ва гуноҳамон ба мо хизмат кардааст, пас новобаста ба он ки одамон ба мо чӣ кор мекунанд, ҳеҷ чиз хоҳиши ба хотири Ӯ ба онҳо хизмат кардани моро барҳам дода наметавонад.

54. ШОДИИ ФИДОКОРӢ

«Ман бо майли тамом барои ҷонҳои шумо моли худро сарф намуда, ҷони худро хоҳам дод» (2 Қӯринтиён 12:15).

Пас аз он ки Рӯҳи Худо муҳаббати Худоро дар дилҳои мо ба таври фаровон мерезад, мо бошуурона таваҷҷӯҳи Исои Масеҳро ба одамони дигар мерасонем. Ва барои Исои Масеҳ ҳар як шахс бе истисно муҳим аст. Дар кори масеҳии худ мо ҳақ надорем мувофиқи ҳусни таваҷҷӯҳи худ амал намоем, ва ин мустаҳкамии муносибатҳои моро бо Исои Масеҳ ба таври ҷиддӣ меозмояд. Тамоми хурсандии фидокории ман дар он аст, ки ман ҳаётамро барои Дӯсти худ фидо мекунам, онро намепартоям, балки бошуурона барои Ӯ ва манфиати Ӯ ба одамони дигар фидо мекунам, на барои ягон принсип. Павлус танҳо барои он ки одамонро ба назди Исои Масеҳ биёрад, «моли худро сарф намуд». Ва ӯ ҳамеша одамонро назди Масеҳ меовард, на назди худ. «Барои ҳама кас ман ҳама чиз шудам, то ки бо ҳар роҳ баъзе касонро наҷот диҳам» (1Қӯр.9:22). Ҳангоме касе мегӯяд, ки мақсади асосии ӯ дар муқаддасӣ дар назди Худо

зиндагӣ кардан аст, вай барои одамон фоидае надорад. Чунин одам дур аз давуғеҷи одамон, ба пояи баланд мебарояд. Павлус қурбонии воқеан зинда шуд — ҳар ҷое ки ӯ равад, Исои Масеҳ метавонист ҳамеша ӯро дар кори худ истифода барад. Бисёре аз мо танҳо барои мақсадҳои худ кӯшиш мекунем, ва Исои Масеҳ ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад моро истифода барад. Павлус медонист, ки чӣ тавр роҳ диҳад, ки дигарон пойҳояшонро бар ӯ пок кунанд ва ором бимонад, зеро ӯ бо қувваи садоқат ба Исо зиндагӣ мекард. Мо ҳамчунин медонем, ки чӣ тавр вафодор бошем, аммо на ба Исои Масеҳ, балки ба ҳар чизе ки ба мо «озодӣ»-и комили рӯҳонӣ медиҳад.

Павлус на барои ин зиндагӣ мекард. «Мехостам ба хотири бародаронам аз Масеҳ маҳрум шавам» — оё ин суханон на танҳо аҷиб, балки ҳатто гӯшхарош садо намедиҳанд? Аммо ҳангоме ки одам дӯст медорад, ба хотири зебоии сухан инро намегӯяд. Лекин Павлус Исои Масеҳро дӯст медошт.

55. ХОРҲОИ ХИЗМАТ

«...Ба бадали муҳаббати зиёде ки ба шумо дорам, аз ҷониби шумо ба худам муҳаббати камтаре мебинам» (2 Қӯринтиён 12:15).

Муҳаббати муқаррарӣ муҳаббати ҷавобиро интизор аст. Аммо Павлус мегӯяд, ки барои ӯ муҳим нест, ки ӯро дӯст медоранд ё не. Вай тайёр аст тамоми худро то қатраи охирин диҳад, ва на танҳо ба хотири одамон, балки барои он ки одамон назди Худо оянд. «Зеро шумо файзи Худованди мо Исои Масеҳро медонед, ки Ӯ сарватдор буда, барои шумо бенаво шуд» (2Қӯр.8:9). Павлус хизматро ба тарзи дигар тасаввур намекард — вай ба худ эътибор намедод, худро пурра ба одамон медод ва бо шодмонӣ медод — маҳз барои ҳамин шодӣ мекард.

Калисои муташаккил ходими Худоро тамоман на он гуна тасаввур мекунад, ки Исои Масеҳ ӯро тасаввур мекунад. Ӯ чунин меҳисобад, ки мо ба дигарон хизмат карда, ба Ӯ хизмат мекунем. Исои Масеҳ нисбат ба худи сотсиалистҳо бештар

сотсиалист аст. Ӯ мегӯяд, ки дар Подшоҳии Ӯ шахси бузургтар бояд бандаи ҳама гардад. Муқаддаси Худо на бо он санҷида мешавад, ки чӣ тавр Инҷилро мавъиза мекунад, балки бо он ки чӣ тавр пои шогирдонашро шустааст, яъне коре мекунад, ки дар назари мардум аслан қадр надорад, вале дар назди Худованд қадри баланд дорад. Барои Павлус хурсандии ҳақиқӣ буд, ки худро ба одамон бахшида, ба онҳо ба манфиати Худо хизмат кунад, ва ӯ парвое надошт, ки ин дар ивази чӣ арзише ин корро мекунад. Аммо мо аввалин шуда саволҳои иқтисодӣ ва дохилӣ дорем: «Фарз мекунем, ки Худо мехоҳад, ки ман ба он ҷо равам... Аммо масъалаи маош чӣ? Иқлими он ҷо чӣ гуна аст? Кӣ ба ман ёрӣ мерасонад? Дар хусуси ҳамаи ин андеша кардан лозим аст». Пас маълум мешавад, ки мо ба Худо бо шартҳои муайян хизмат мекунем. Павлус дар пеши худ, ба истиснои идеали Масеҳ, дигар идеали шахси муқаддаси Аҳди Ҷадидро намебинад, шахсе ки на танҳо Инҷилро мавъиза мекунад, балки ба хотири дигар одамон дар дасти Исои Масеҳ нони шикасташаванда ва шароби рехтанӣ мешавад.

56. ШУБҲАҲОИ ЗАРАРНОК ДАР БОРАИ МАСЕҲ

«Эй ого! Ту зарфе надорӣ, ки об кашӣ» (Юҳанно 4:11).

«Он чи Худо дар Каломи Худ мегӯяд, маро хеле ба ҳайрат меоварад, аммо ман ин тавр зиндагӣ карда наметавонам!» Ҳангоме ки сухан дар бораи таълимот ва ҳаёти Масеҳ меравад, мо таҳаммулпазирии тақводорона зоҳир мекунем: «Ту бешубҳа идеалҳои баланд дорӣ ва онҳо моро бетараф намегузоранд, аммо дар зиндагӣ ин тавр нахоҳад шуд». Ҳар яки мо ақаллан аз ягон ҷиҳат дар бораи Исо чунин фикр мекунем. Ва ин шубҳаҳо дар хусуси Масеҳ аз саволҳое сар мешаванд, ки касе ҳангоми сӯҳбат дар бораи муносибатҳоямон бо Худо ва нақшаҳоямон мепурсад: «Ту пулро аз куҷо ба даст оварданӣ ҳастӣ? Кӣ ба ту ёрӣ мерасонад?» Мо худамон метавонем ин саволҳоро сар кунем, ҳангоме ки ба Масеҳ мегӯем, ки Ӯ масъалаи воқеъии

моро ҳаллу фасл карда наметавонад. «Ба Худованд таваккал кунед» гуфтан осон аст, аммо шахс бояд зиндагӣ кунад ва Исо ҳатто зарфе барои кашидан надорад — воситае нест, ки бо он ба мо чиро диҳад, ки бе он зиста наметавонем. Аз он овози ширине эҳтиёт шавед, ки аз дарун ба шумо дурӯғи маккоронаро мегӯяд: «Ман на ба Масеҳ балки ба худам шубҳа дорам». Ҳеҷ кадоми мо ҳеҷ гоҳ ба худамон шубҳа надорем, мо аниқ медонем, ки чӣ кор карда метавонем ва чӣ корро карда наметавонем. Аммо ба Масеҳ ҳақиқатан аксар вақт шубҳа дорем. Моро гӯё худи ҳамон фикре ба хашм меоварад, ки Ӯ кореро карда метавонад, ки мо карда наметавонем.

Шубҳаҳои ман аз он сабаб ба миён меоянд, ки ман кӯшиш мекунам дар худ ҷавобро ба саволе пайдо кунам, ки Исо аз ӯҳдаи ин ё он мушкилот чӣ гуна мебарояд. Ва саволҳои ман аз умқи маҳдудиятҳо ва зарарҳои худам бармеоянд. Ва агар ман ин шубҳаҳоро дар худ пайдо кунам, беҳтар аст, ки онҳоро ба рӯшанӣ бароварда, иқрор шавам: «Худовандо, ман ба Ту шубҳа кардам, аз боиси фаҳмиши маҳдуди худ боварӣ надоштам, ки Ту бе ман коре карда метавонӣ, ба тавоноии Ту боварӣ надоштам».

57. ДАСТҲОИ МАСЕҲРО НАБАНДЕД

«Аз куҷо оби ҳаёт дорӣ?» (Юҳанно 4:11).

«Чоҳ чуқур аст» — чоҳ аз фикри зани сомарӣ ҳам, хеле чуқуртар аст! Дар бораи умқи табиати инсон, ҳаёти инсон фикр кунед, дар бораи умқи «чоҳҳо» дар дилҳои худ фикр кунед. Оё лаёқатҳои Исоро кам ҳисобида, Ӯро аз имконияти анҷом додани коре маҳрум намекунед? Шояд шумо дар дилатон чоҳи беохири изтироб дошта бошед, Масеҳ меояд ва мегӯяд: «Дили шумо ба изтироб наояд» (Юҳ.4:11) ва шумо китфонатонро дарҳам кашида, ба Ӯ ҷавоб медиҳед: «Аммо, Худовандо, чоҳ чуқуртар аст, Ту аз он оромӣ ва тасаллӣ бароварда наметавонӣ». Ва Ӯ онҳоро аз он ҷо кашида баровардан нест — Ӯ онҳоро аз боло ба шумо медиҳад. Масеҳ аз чоҳҳои табиати инсонӣ чизе намегирад. Он чиро, ки дар гузашта ба Ӯ имкон дода будем,

ки барои мо кунад, ба хотир оварда, Қуддуси Исроилро маҳдуд менамоем ва мегӯем: «Аммо инро, албатта, ман аз Худо интизор шуда наметавонам». Аммо мо, шогирдони Масеҳ, бояд бовар кунем, ки Исо чизи ғайриимконро, чизеро, ки ба он бовар кардан душвор аст, иҷро мекунад. Дар лаҳзае ки мо қодири мутлақ будани Ӯро фаромӯш мекунем, мо дастони Ӯро мебандем. Гап на дар он аст, ки Ӯ кореро карда наметавонад, гап дар он аст, ки мо боварӣ надорем, ки Ӯ ҳама корро карда метавонад. Мо назди Масеҳ чун ба назди Тасаллидиҳанда ва Касе ки ҳамеша моро мефаҳмад, меоем, аммо ба назди Ӯ чун ба назди Худои Қодири Мутлақ омадан намехоҳем.

Масеҳияти мо аз ҳамин сабаб ин гуна бадбахтона аст, ки мо Масеҳи Қодирро надорем. Мо ҳама чизеро, ки аз мо талаб карда мешуд, иҷро кардем, он гуна рафтор кардем, ки ба мо таълим дода шудааст, аммо ба Исои Масеҳ тобеъ нашудем. Ва ҳангоме ки ба вазъиятҳои душвор дучор мешавем, мо намегузорем, ки Масеҳ ба мо ёрӣ расонад ва бигӯяд: «Оё дар ин ҷо Ӯ коре карда метавонад?» ва мо ба қаъри чоҳҳои худ меравем ва кӯшиш мекунем аз он ҷо чизе кашида барорем. Эҳтиёт бошед, ба васвасае дода нашавед, ки ба китфаки курсии худ такя карда, чунин гӯед: «Дар ин ҷо ҳеҷ коре кардан намешавад». Мешавад, агар чашмонатонро сӯи Исо гардонед. Бале, чоҳи нокомилияти шумо хеле чуқур аст, аммо ба ҳар ҳол кӯшиш кунед, ки ба Масеҳ нигоҳ кунед.

58. ОЁ АКНУН ИМОН МЕОВАРЕД?

«Аз ин рӯ имон меоварем... Исо ба онҳо ҷавоб дод: „Алҳол имон меоваред?“» (Юҳанно 16:30–31).

Акнун мо имон дорем. Ва Исо мепурсад: «Алҳол имон меоваред?.. соате мерасад...ва Маро танҳо мегузоред» (Юҳ.16:31–32). Бисёре аз коргарони масеҳӣ Масеҳро танҳо гузошта, аз боиси ҳисси вазифашиносӣ ё танҳо фаҳмидани он, ки ин зарур аст, ба кори худ мерафтанд. Ва сабаб он аст, ки Масеҳи эҳёшуда дар мо зиндагӣ намекунад. Рӯҳ наздикиро бо Худо гум кард ва

ба фаҳмиши динии худ такя мекардагӣ шуд. Чунин ба назар мерасад, ки дар ин кор ягон гуноҳи ошкоре нест, барои ин ҷазои Худо нест, аммо ҳангоме шахс мефаҳмад, ки чӣ қадар худаш худро ғорат мекунад, чӣ проблемаҳо, душвориҳо ва мушкилотро ба сари худ меоварад, бо шарм ва тавба назди Худо бармегардад.

Мо бояд ба Масеҳи эҳёшуда бештар аз ҳозира такя кунем. Мо бояд одати ҳамеша бо ҳама саволу мушкилоти худ ба Ӯ мурочиат карданро ҳосил намоем. Аммо ба ҷои ин мо дар асоси ақли солими худ қарорҳо қабул мекунем ва аз Худо хоҳиш мекунем, ки онҳоро баракат диҳад. Ва Ӯ онҳоро баракат дода наметавонад, ин соҳаи Ӯ нест, ин умуман бо воқеияти Ӯ алоқаманд нест. Агар мо аз рӯи ҳисси вазифашиносӣ коре кунем, мо барои худ як навъ стандартеро меофарем, ки барои бартарият бо Исои Масеҳ мубориза мебарад. Мо ба болои поя мебароем ва мегӯем: «Ман бояд ин кор ва он корро кунам». Ва дар тахти ҳаёти мо на Масеҳи эҳёшуда, балки ҳисси вазифашиносии мо ҳукмронӣ мекунад. Ба мо гуфта нашудааст, ки аз рӯи вичдон ё ҳисси вазифашиносии худ рафтор кунем. Ба мо гуфта мешавад, ки дар рӯшноӣ рафтор кунем, *чунон ки Худо дар рӯшноӣ роҳ меравад*. Ҳангоме ки мо чизеро аз рӯи уҳдадорӣ мекунем, мо ба осонӣ мантиқан фаҳмонда метавонем, ки чаро ин корро иҷро мекунем. Ҳангоме ки мо чизеро танҳо аз рӯи итоат ба Худованд мекунем, мо ҳеҷ чизро шарҳ дода наметавонем. Аз ҳамин сабаб муқаддасонро масхара кардан ин қадар осон аст.

59. АЗ ХУДОВАНД ЧӢ МЕХОҲЕД?

«*Худовандо, мехоҳам бино шавам*» (Луқо 18:41).

Оё дар шумо чизе ҳаст, ки на танҳо ба шумо оромӣ намедиҳад, балки дигаронро низ аз ин оромӣ маҳрум мекунад? Ин ҳамеша чизест, ки мо аз худамон аз ӯҳдаи он баромада наметавонем. «Онҳо вайро ба хомӯш шудан водор мекарданд; лекин вай боз ҳам бештар фарёд мезад» (Луқ.18:39). Ва ин дуруст аст, ва то он даме ки бо худи Худованд рӯ ба рӯ нашавед, ба ҳеҷ

кас оромӣ надиҳед — лозим нест, ки ақли солимро хоҷаи худ гардонед. Ҳангоме Масеҳ мепурсад, ки мо аз Ӯ чӣ чизҳои аҷибе интизорем, дар хотир доред, ки Ӯ бе қоидаҳои ақли солим амал мекунад: Ӯ мувофиқи қоидаҳои фавқултабиӣ амал мекунад.

Мо ба худ ва ба Худованд хотиррасон мекунем, ки Ӯ дар гузашта барои мо чӣ кор карда метавонист, ва Ӯро бо ин роҳ маҳдуд мекунем: «Ман ҳеҷ гоҳ дар ин кор муваффақ нашудаам, пас ҳоло ҳам муваффақ намешавам». Пас мо чизеро, ки ба мо даркор аст, талаб намекунем: «Аз Худо талабидани иҷрои чунин кор хандаовар аст». Агар ин чизи ғайриимкон бошад, пас худи Худо ба мо гуфтааст, ки онро талаб кунем. Ва агар имконпазир бошад, пас ин моро чандон ташвиш намедиҳад. Худо танҳо чизҳои комилан ғайриимконро ба ӯҳда мегирад. Кӯр бино шуд. Ва аз ҳама номумкин он аст, ки бо Худованд чунон пайваст шавед, ки дар шумо заррае аз зиндагии кӯҳна намонад. Ва агар аз Ӯ бихоҳед, Ӯ ин корро мекунад. Аммо шумо бояд бо имони комил ба тавоноии мутлақи Ӯ хоҳиш кунед. Шумо бояд на ба гуфтаҳои Исо, балки ба Худаш бовар кунед. Агар мо ба гуфтаҳои Ӯ нигоҳ кунем, мо ҳеҷ гоҳ ба он бовар карда наметавонем. Аммо ҳамин ки Масеҳро мебинем, мефаҳмем, ки барои Ӯ иҷро кардани корҳои ғайриимкон мисли нафаскашӣ осон аст. Мо аз худхоҳӣ ва бехирадии дили худ азоб мекашем. Мо бовар кардан намехоҳем, таслим шудан намехоҳем, аз мушкилоти худ азоб кашидан ба мо бештар маъқул аст.

60. САВОЛЕ КИ АЗ ОН ҶОИ ПИНҲОНШАВӢ НЕСТ

«Оё Маро дӯст медорӣ?» (Юҳанно 21:17).

Петрус дигар суханони баландпарвоз намегӯяд (ниг. Мат.26:33–35). Табиати «ман»-и мо изҳороти баландпарвозро дӯст медорад, аммо муҳаббати ҳақиқӣ аз он маълум мешавад, ки ҳангоме Исои Масеҳ ин саволро ба мо медиҳад, то чӣ андоза бароямон дарднок аст. Петрус Исоро дӯст медошт, чунон ки ҳар як одами оддӣ шахси дигари хубро дӯст медорад. Ин муҳаббат дар сатҳи

эҳсосот аст. Барои баъзеҳо он метавонад ба қадри кофӣ чуқур бошад, аммо он ба ҳар ҳол ба умқи ниҳонитарини шахс таъсир намерасонад. Муҳаббати ҳақиқӣ ҳеҷ гоҳ изҳороти баландпарвоз намекунад. Исо гуфт: «Ҳар кӣ Маро дар назди мардум эътироф кунад», яъне муҳаббати худро на танҳо дар сухан, балки бо тамоми аъмоли худ эътироф мекунад.

Агар мо ба дараҷае дардро эҳсос накунем, ки аз ҳама худфиребӣ даст кашем, ин маънои онро дорад, ки Каломи Худо моро ҳанӯз пурра фаро нагирифтааст. Аз боиси Каломи Худо шахс бештар аз ҳар гуноҳ дардро эҳсос мекунад, зеро гуноҳ, баръакс, дардро паст мекунад. Ва саволе ки аз даҳони Худованд меояд, дардро бештар мекунад, то он даме ки ин дард ба сахттарин дард, ки шумо тасаввур карда метавонед, табдил ёбад. Он на танҳо ба бадан, балки ба ҳар чизе ки шумо ҳастед, дард меоварад. Каломи Худованд ҳатто то ҷудо кардани ҷон ва рӯҳ таъсир мерасонад; аз ин калом ҳеҷ як фиреб ҷои пинҳон шудан надорад.

Ва ба саволи Худованд бо ибораҳои умумии нозунуз ҷавоб додан ғайриимкон аст: ҳангоме ки Худованд шахсан ба шумо муроҷиат мекунад, сухани зебо гуфтан ғайриимкон аст, зеро дард хеле тоқатфарсо аст. Дард он қадар сахт аст, ки ҳама чиз дар паси манзари ин дард нест мешавад. Ҳеҷ хел гумони ботил накунед, ки фарзанди Худо аз дарде ки Каломи Худо мерасонад, раҳоӣ ёфта метавонад, аммо маънои ин дард дар лаҳзаи бузурги ошкоршавӣ аст.

61. ОЁ ХУДОВАНД БА ШУМО ДАРД РАСОНДААСТ?

«Бори сеюм ба вай гуфт: „Эй Шимъун ибни Юнус! Оё Маро дӯст медорӣ?“» (Юҳанно 21:17).

Оё шумо дардро эҳсос кардаед, ҳангоме ки Худованд ба дарднoктарин ҷои шумо, ки ҳама асрор дар он ниҳон аст, даст расонд? На шайтон, на гуноҳ, на ҳавасҳои инсонӣ ба он ҷо дастрасӣ надоранд — ба он ҷо ғайр аз каломи Худо

чизе ворид шуда наметавонад. «Петрус ғамгин шуд, ки бори сеюм аз вай пурсид...» Ӯ боварӣ пайдо кард, ки ба ҳар ҳол дар моҳияти табиати худ ӯ ба Исо вафодор аст, ӯ ба фаҳмидани маънои саволҳои ором, вале устувори Масеҳ сар кард. Дар Петрус заррае хаёлоти ботил боқи намонд; вай дигар фирефта намешуд. Суханҳо ва имову ишораҳои баландпарвоз ҳоло комилан номувофиқ мебуд. Худованд ба Петрус мефаҳмонд, ки Петрус Ӯро чӣ қадар дӯст медорад. Петрус, ки аз ин дар ҳайрат буд, гуфт: «Худовандо! Ту аз ҳама чиз бохабар ҳастӣ». Петрус акнун дарк мекард, ки чӣ қадар дар ҳақиқат Масеҳро дӯст медорад. Аммо ӯ нагуфт: «Ана ин тавр ман метавонам исбот кунам, ки туро дӯст медорам». Худи Петрус ин муҳаббати бузургро нисбат ба Худованд дар худ акнун ошкор мекард, акнун мефаҳмид, ки дар осмон ва дар рӯи замин касе мисли Исои Масеҳ вуҷуд надорад. Ва дар бораи ин ҳама ӯ ҳатто тахмин ҳам намекард, то он вақте ки Худованд ин саволҳоро ба ӯ дод, ки тамоми рӯҳи ӯро чаппа кард. Бо саволҳои худ Худованд ҳамеша маро дар нури ҳақиқии ман нишон медиҳад.

Бо кадом пурсабрӣ, ошкорбаёнӣ ва хирадмандӣ Исои Масеҳ ба Петрус муроҷиат мекунад! Худованди мо ҳамеша саволҳои худро дар вақти даркорӣ медиҳад — на як лаҳза пештар ва на як лаҳза дертар. Ин бо ҳама баъзан вақт рӯй медиҳад, аммо эҳтимол ақаллан як бор чунин мешавад: Худованд моро дар ҳолате мегузорад, ки мо наметавонем Ӯро нашунавем, ва моро бо саволҳои Худ, ки аз онҳо пинҳон шуда наметавонем, озор медиҳад. Ва он гоҳ мо дарк мекунем, ки воқеан Ӯро бештар аз он ки ҳамаи суханони баландпарвоз ифода карда метавонанд, дӯст медорем.

62. КОРЕ КИ ДАР ОН РӮЗҲОИ ИСТИРОҲАТ НЕСТАНД

«*Гӯсфандони Маро бичарон*» (Юҳанно 21:17).

Ҳамин тавр муҳаббат ба дунё меояд. Муҳаббати Худо бо дасти инсон сохта нашудааст, Худо худаш муҳаббат аст. Ҳангоме ки мо

Рӯҳулқудсро қабул мекунем, Ӯ моро бо Худо муттаҳид мекунад ва муҳаббати Худо дар мо пайдо мешавад. Ва ҳангоме ки ҷон ба воситаи Рӯҳулқудс, ки дар он сокин аст, бо Худо муттаҳид мешавад, ин интиҳо нест. Мақсади Худо ин нест, мақсади Ӯ ин аст, ки мо бо Падар як бошем, чунон ки Исо бо Ӯ як аст. Ва чӣ тавр Исои Масеҳ бо Падар як буд? Ин чунин буд, ки Падар Ӯро назди мо фиристод, то ҷони Худро барои мо фидо кунад. Ва Масеҳ мегӯяд: «Чунон ки Падар Маро фиристод, Ман низ шуморо мефиристам» (Юҳ.20:21).

Саволи Худованд, ки аз он Петрус хеле ранҷид, ба ӯ ёрӣ расонд, то фаҳмад, ки Ӯ ба ҳар ҳол Масеҳро дӯст медорад. Ва он гоҳ Худованд чизи аз ҳама муҳимро мегӯяд: «Ин муҳаббатро ба дигарон бирасон». Лозим нест, ки синаатро зада, гӯй, ки Маро дӯст медорӣ, дар бораи ин гуфтугӯи мо дар ҳама чорроҳаҳо дод задан лозим нест, ба ту танҳо як чиз лозим аст: «Гӯсфандони маро бичарон». Аммо баъзе гӯсфандони Масеҳ фалокати ҳақиқӣ мебошанд! Баъзеҳояшон дар лой меғеланд, дигаронашон шох мезананд, ва сеюмиҳо кӯшиш мекунанд ба ҷое гурехта раванд!

Аммо муҳаббати Худо барои ҳама басанда аст, ва он барои ман ҳам басанда аст, агар онро маҳз аз Ӯ бигирам. Муҳаббати Худо ба чизе ки ман ба он аҳамият медиҳам, аҳамият намедиҳад. Агар ман Худовандамро дӯст медошта бошам, набояд тобеи писандидан ва написандиданҳои худ бошам, ман кор дорам — гӯсфандони Ӯро сер кардан. Дар ин кор рӯзҳои истироҳат ва ид нестанд, аз он нафақа намебароянд. Эҳтиёт бошед, муҳаббати Худоро бо корҳое иваз накунед, ки аз боиси муҳаббати оддии инсон анҷом дода мешавад, зеро ин дар ниҳоят боиси таҳқир шудани муҳаббати Худо мегардад.

63. ОЁ БО МАН НИЗ ҲАМИН ТАВР ШУДА МЕТАВОНАД?

«Лекин ба ин чизҳо нигоҳ намекунам ва ҷони худро азиз намедорам...» (Аъмол 20:24).

Хизмат кардани Худо осонтар аст, ҳангоме ки Ӯ ояндаро ба шумо ошкор накардааст, барои Ӯ кор кардан осонтар аст, агар Ӯ шуморо ба ин кор даъват накарда бошад, зеро дар ин ҳолат парвое надоред, ки Худо аз шумо чиро талаб мекунад, шуморо ақли солим, ки дар тан либоси масеҳӣ дорад, роҳнамоӣ мекунад. Агар нашунавед, ки Худо шуморо ба он чӣ даъват мекунад, аз ухдаи ҳама кор беҳтар мебароед,дар ҳама кор муваффақият меёбед, бахт шуморо ҳамроҳӣ мекунад, шумо худро озодтар ҳис мекунед. Ва пас аз он ки аз Исои Масеҳ супориш мегиред, ҳамеша дар бораи он чизе ки Худо аз шумо интизор аст, фикр хоҳед кард ва шумо дигар наметавонед фақат дар асоси ақли солим барои Ӯ кор кунед.

Чӣ чиз барои ман ҳақиқатан арзишманд аст? Агар Исои Масеҳ то ҳол маро соҳиб нашуда бошад, ман хизматро қадр мекунам, вақтеро, ки ба Худо медиҳам, қадр мекунам, «ҳаёти худро қадр мекунам». Павлус мегӯяд, ки ӯ ҳаёти худро танҳо барои он қадр мекард, ки он барои иҷрои хизмати ба ӯ супурдашуда лозим буд. Вай қувваи худро ба чизи дигар сарф кардан намехост. Дар ояте ки мо гирифтаем (Аъм.20:24) дар суханони Павлус «хашми илоҳӣ» вуҷуд дорад: «Ман дар бораи худ фикр намекунам!» Вай ба ҳама чизи дигар тамоман бепарво буд, ғайр аз мақсади асосӣ — иҷрои хизмате ки қабул кардааст. Амалҳоямон метавонанд моро аз итоат ба Худо боздоранд, зеро ҳангоме ки барои Худо коре мекунем, ба худ такрор менамоем: «Дар ёд дорӣ, ки дар он ҷо чӣ қадар фоида овардӣ?» ё «Дар бораи он фикр кун, ки агар бо ин кор машғул мешудӣ, чӣ қадар хуб кор карда метавонистӣ». Бо чунин муносибат Исои Масеҳ дигар роҳнамои мо нест, ки ба куҷо равем, на Ӯ, балки худи мо қарор медиҳем, ки дар куҷо муфидтар хоҳем буд. Шумо ҳеҷ гоҳ набояд фикр кунед, ки оё шумо фоиданок ҳастед ё не, шумо

бояд ҳамеша дар бораи чизи дигар фикр кунед: шумо на ба худ, балки ба Ӯ тааллуқ доред.

64. ОЁ ДАР ҲАҚИҚАТ Ӯ ХУДОВАНД АСТ?

«...балки муроди ман фақат ин аст, ки вазифаи худро ва он хизматеро, ки Исои Худованд ба ман супурдааст, яъне мавъизаи Инҷили файзи Худоро бо хушӣ анҷом диҳам» (Аъмол 20:24).

Шодӣ — ин эҳсоси қаноатмандии комил аз он аст, ки ман таъйиноти худро иҷро кардам, чизеро, ки барои он офарида шудаам ва дубора таваллуд шудаам, анҷом додам. Дар ин ҷо дар бораи як кори хуб иҷрошуда сухан намеравад. Худованди мо аз он шод шуд, ки кореро, ки Падар Ӯро барои он фиристода буд, иҷро кард ва гуфт: «Чунон ки Падар Маро фиристод, Ман низ шуморо мефиристам» (Юҳ.20:21). Оё ман хизматро аз Худованд қабул кардаам? Агар ин тавр бошад, пас ман бояд ба ӯ вафодор бошам ва ҳаёти худро танҳо ба маънои иҷрои ин хизмат қадр кунам. Танҳо фикр кунед, ки шунидани суханони Исо чӣ қадар хуб хоҳад буд: «Офарин, бандаи нек ва боваринок!» (Мат.25:21). Ҳар яки мо бояд дар зиндагӣ ҷои худро пайдо кунем, ва ба маънои рӯҳонӣ мо ин ҷойро ҳамон вақт пайдо мекунем, ки хизматамонро аз Худованд қабул мекунем. Ва барои ин шумо бояд бо Масеҳ муошрати хуб дошта бошед, шумо бояд Ӯро на танҳо ҳамчун Наҷотдиҳандаи шахсӣ, балки хеле наздиктар бишносед. «Ман ба ӯ нишон хоҳам дод, ки барои исми Ман ӯ чӣ қадар азобу уқубат бояд бикашад» (Аъм.9:16).

«Оё ту Маро дӯст медорӣ?» Пас, «гӯсфандони Маро бичарон» (Юҳ.21:17). Хизмат аз рӯи интихоб пешниҳод карда намешавад. Интихобе нест — аз мо танҳо талаб карда мешавад, ки ба даъвати аз ҷониби Худованд гирифтаамон комилан вафодор бошем, вафодорӣ ба он чи ҳангоми бо Худо робитаи зич пайдо намудан хоҳед донист. Агар шумо аз Худованд Исо хизмат гирифта бошед, медонед, ки эҳтиёҷот ва даъват як чиз нестанд. Эҳтиёҷот танҳо як имконият барои анҷом додани коре аст.

Аммо даъват — вафодорӣ ба хизматест, ки шумо бевосита аз дасти Масеҳ гирифтаед. Ин маънои онро надорад, ки шумо як соҳаи муайяни хизмат доред, балки ба шумо лозим меояд дигар имкониятҳои хизмат карданро сарфи назар кунед.

65. ДАР ҚАЪРИ ТАШВИШҲОИ ҲАРРӮЗА

«*...дар сабри бисёр, дар мусибатҳо, дар мӯҳтоҷиҳо, дар тангиҳо...*» (2 Қӯринтиён 6:4).

Барои гузоштани қадами навбатӣ, ҳангоме шумо намебинед, ки ба куҷо қадам гузошта истодаед ва ҳангоме ки касе ба шумо нигоҳ намекунад — қадами навбатӣ дар дуо, дар омӯзиш, хондан, дар корҳои хона — ба шумо файзи махсус, файзи бузург лозим аст. Бе он шумо дар иҷрои вазифаи худ қадами дигар гузошта наметавонед, ҳангоме ки Худо ояндаро ба шумо ошкор намекунад, ҳангоме ки оташи махсус вуҷуд надорад ва касе ба шумо нигоҳ намекунад. Барои гузоштани чунин қадам, барои боз ҳам ба Худо наздиктар шудан, ба шумо назар ба мавъиза кардани Инҷил файзи бештари Худо, кӯшиши бештари ирода лозим аст.

Ҳар як масеҳӣ бояд шарики моҳияти Таҷассум гардад, ғояҳои худро ба ҷисм ва хун пӯшонад ва на дар назария, балки дар амал аз пайи кор шавад. Ҳангоме ки ҳеҷ чиз дар пеш намоён нест, ҳангоме ки болоравии рӯҳонӣ нест ва дар уфуқ танҳо корҳои муқаррарӣ, танҳо корҳои ҳаррӯза вуҷуд доранд — мо таваҷҷӯҳро ба ҳаёт гум мекунем. Аммо барои Худо ва барои одамон, дар ниҳояти кор, маҳз чунин аъмоли нонамоён ва на ҳамеша гуворо муҳиманд, ва шумо танҳо ҳамон вақт ба фишори корҳои ҳаррӯза муқобилат карда метавонед, ки ҳамеша ба Худо нигоҳ кунед. Аз Худо хоҳиш кунед, ки нигоҳи рӯҳонии худро аз Масеҳи эҳёшуда дур накунед, ва аз ҳеҷ гуна корҳои ҳаррӯза бароятон тарсовар нахоҳад буд. Ва ҳамеша аз шубҳаҳо ва ташвишҳои беҳуда, ки дар боби 13-уми Инҷили Юҳанно бар шумо ғолиб омадаанд, наҷот ҷӯед.

66. ДУРАХШИ АБАДӢ

«Аммо бар ҳамаи ин мо ба воситаи Дӯстдорамон, пурра голиб меоем» (Рум.8:37).

Павлус дар бораи он сухан меронад, ки чӣ чиз метавонад муқаддаси Худоро аз муҳаббати Худо ҷудо карда, байни ӯ ва ин муҳаббат ҷудоӣ гузорад. Ва беҳтарин чиз ин аст, ки ҳеҷ чиз наметавонад муҳаббати байни Худо ва муқаддаси Худоро халалдор кунад. Чизе метавонад дар байни дуоҳои мо ва Худо пайдо шавад ва моро аз Худо танҳо дар эҳсосоти мо ҷудо кунад (ва он на танҳо метавонад, балки дар асл пайдо шуда, ҷудо мекунад), аммо ҳеҷ чиз наметавонад байни муҳаббати Худо ва ҷони муқаддаси Худо рахна ба вуҷуд оварад. Асоси имони масеҳии мо мӯъҷизаи бебаҳо, аҷиб ва тадқиқнашавандаи муҳаббати Худост, ки дар салиби Ҷолҷолто нишон дода шудааст, муҳаббате ки мо ҳеҷ гоҳ ба ҳеҷ вақҳ сазовор шуда наметавонем ва ҳеҷ гоҳ сазовори он нестем. Павлус мегӯяд, ки маҳз аз ҳамин сабаб мо ҳамаи инро паси сар мекунем, аз ҳама чиз бо ғолибият ва бо шодмонӣ мебароем, ки мо ин шодиро намедоштем, агар он чиз намебуд, ки (чунон ки дар аввал ба назарамон метобад), ба мо бо ҳалокат таҳдид мекунад.

Мавҷҳое ки шиновари оддиро ба даҳшат меоваранд, дар дили шахсе ки ба теғаҳои мавҷҳо боло рафтанро омӯхтааст, шодии зиёд меоваранд. Бо мо ҳам ҳамин хел ҳодиса рӯй дода метавонад — маҳз мушкилиҳои мо, яъне азобу уқубат, андӯҳ ва таъқибот ба мо хурсандии бемисл мебахшанд, агар мо бо онҳо мубориза набарем. Бо онҳо мубориза бурдан чӣ даркор аст? Мо аллакай бо ёрии Худо «ҳамаи ин»-ро паси сар кардаем, ва на бар хилофи ин ҳама, балки танҳо бо фурӯ рафтан ба ин ҳама. Муқаддаси Худо дар Худованд шодӣ мекунад, на бо вуҷуди ранҷу азоб, балки маҳз аз сабаби ранҷу азоб. Павлус мегӯяд: «Бо вуҷуди тамоми андӯҳи мо, пур аз тасалло ҳастам ва шодии фаровон дорам» (2Қӯр.7:4).

Дурахши абадӣ аз ҳеҷ чизи гузаранда пайдо шуда наметавонад, он танҳо аз муҳаббати Худо пайдо шуда метавонад, ки ба ҳеҷ

гуна тағирот дучор намешавад. Ва ҳар он чизе ки дар ин ҳаёт бо мо рӯй медиҳад, ҳама чизи даҳшатнок ва ботил, ба муҳаббати Худо, ки дар Худованди мо Исои Масеҳ ниҳон аст, қасди бад карда наметавонад.

67. АЗ ХУД ДАСТ КАШИДАН

«Ман бо Масеҳ маслуб шудаам» (Ғалотиён 2:20).

Ҳеҷ кас наметавонад бо Масеҳ як шавад, то он даме ки қарор надиҳад, ки на танҳо гуноҳи худро, балки нуқтаи назари худро, ҷаҳонбинии худро тарк кунад. Аз олами боло, аз Рӯҳи Худо таваллуд шудан маънои онро дорад, ки пеш аз ба даст овардани чизе аз ҳама чиз даст кашидан лозим аст, ва пеш аз ҳама, аз аз ҳар гуна дурӯғ даст кашидан лозим аст. Худовандамон аз мо на меҳрубонӣ, на ростқавлӣ, на водоркунандаҳои наҷиб, балки оддитарин, ҳақиқитарин гуноҳро интизор аст. Танҳо гуноҳро Ӯ аз мо қабул карда метавонад. Ва Ӯ дар ивази гуноҳ ба мо чӣ медиҳад? Оддитарин, ҳақиқитарин росткориро. Аммо мо бояд аз ҳар кӯшишҳои худро шахси эътиборнок намудан, аз ҳар умеди бо амалҳо ба даст овардани илтифоти Худо даст кашем.

Ва он гоҳ Рӯҳи Худо ба мо нишон медиҳад, ки баъдтар аз чӣ бояд даст кашем. Қадам ба қадам ман бояд аз ҳуқуқ ба худ даст кашам. Оё ман тайёрам аз ҳуқуқҳои худ ба ҳар чизе ки дорам, даст кашам, аз ҳуқуқҳои худ ба писандидан ва нописандиданҳоям, ба ҳама чиз дар маҷмӯъ ва марги Исои Масеҳро ҳамчун марги худ аз сар гузаронам?

Пеш аз он ки мо аз ин ҳама даст кашем, ҳатман ноумедии шадидро аз сар гузаронданамон лозим меояд. Ҳангоме ки шахс худро бе ороиш мебинад, чунон ки Худованд ӯро мебинад, вай на аз гуноҳҳои нафратовари ҷисм, балки аз решаи даҳшатноки гуноҳ — ғурури дили худ, ки бар зидди Исои Масеҳ исён мекунад, ба ҳайрат меояд. Ва ҳангоме ки ӯ худро дар нури Худованд мебинад, шармсории ҳақиқӣ, даҳшати ҳақиқӣ ва маломати талхро эҳсос хоҳад кард.

Агар шумо ҳис кунед, ки бояд аз чизе даст кашед, дар назди он таваққуф накунед, аз ҳар чизе ки даст кашида метавонед, даст кашед, ва Худо ба шумо ҳама чизҳоеро, ки аз шумо талаб мекунад, медиҳад.

68. РАФТАН Ё МОНДАН?

«Оё шумо ҳам мехоҳед Маро тарк кунед?» (Юҳанно 6:67).

Савол аз ин рӯйростар намешавад. Ҳангоме ки Худованди мо аз ҳама соддатар сухан мегӯяд, суханони Ӯ моро бештар аз ҳама сӯрох мекунанд. Мо медонем, ки Масеҳ кист, аммо Ӯ ба ҳар ҳол аз мо мепурсад: «Оё шумо ҳам мехоҳед Маро тарк кунед?» Мо ҳеҷ гоҳ набояд аз имконияти пайравӣ ба Масеҳ тарсем.

«Аз он вақт бисёре аз шогирдонаш аз Ӯ дур шуда, дигар Ӯро пайравӣ накарданд» (Юҳ.6:66). Онҳо Исоро тарк карданд, рост ба гуноҳ нарафтанд, вале бо вуҷуди ин ба ҳаёти пештараи худ баргаштанд. Имрӯз бисёриҳо моли худро дар кори Исои Масеҳ сарф мекунанд ва ҷони худро хаста мекунанд, вале бо Ӯ роҳ намераванд. Аммо Худо ҳамеша аз мо танҳо як чизро мехоҳад — мо ва Масеҳ як бошем. Пас аз муқаддас шудан тамоми ҳаёти рӯҳонии мо танҳо аз ин иборат аст. Агар Худо ба ҷони шумо возеҳу равшан мефаҳмонад, ки Ӯ аз шумо чӣ мехоҳад, ба ҳеҷ вақҳ аз рӯи ягон хел усулҳо амал накунед, танҳо комилан дар ҳама чиз ба Исои Масеҳ такя намуда зиндагӣ кунед. Ҳеҷ гоҳ кӯшиш накунед, ки бо Худо на бо шартҳои Ӯ, балки бо дигар шартҳо зиндагӣ кунед. Ва шартҳои Ӯ як аст — ба Ӯ таваккал кардан. Боварӣ ба он ки ман ҳеҷ чизро намедонам, — ана ин сирри бо Исо қадамгузор будан аст.

Петрус дар Исо танҳо ҳамон Шахсеро медид, Касе ки метавонад ӯро ва ба тамоми ҷаҳонро наҷот диҳад. Худованд мехоҳад, ки мо бо Ӯ дар як юғ баста шавем.

Дар ояти 70-ум Масеҳ ба Петрус он чизеро, ки ӯ бояд ба ёд оварад, хотиррасон мекунад. Масеҳ ӯро интихоб кард. Мо барои дигарон масъул нестем. Мо танҳо барои худамон масъулем.

69. НА ТАНҲО ДАР СУХАН, БАЛКИ ДАР ЗИНДАГӢ

«*Каломро мавъиза кунӣ...*» (2 Тимотиюс 4:2).

Мо на танҳо барои он наҷот ёфтаем, ки «каналҳо»-и баракатҳо барои дигарон бошем, балки писарону духтарони Худо бошем. Худо аз мо на воситачии рӯҳонӣ, балки фиристодагони рӯҳонӣ месозад — паёми Ӯ бояд як ҷузъи мо гардад. Паёми Худо Писари Худо буд, суханони Ӯ рӯҳ ва ҳаёт буданд. Ва мо, шогирдони Ӯ, бояд таҷассуми зиндаи паёме гардем, ки ба мо супурда шудааст. Дили ҷисмонӣ низ ба қадри дилхоҳ хизмат карда метавонад, аммо барои он ки тамоми ҳаёти мо паёми зиндаи Худо гардад, дили мо бояд бо фош шавии гуноҳ шикаста шавад, аз таъмиди Рӯҳулқудс гузарад ва комилан ба мақсади Худо итоат кунад.

Байни шаҳодат ва мавъиза фарқ ҳаст. Воиз касест, ки даъвати Худоро дарк кардааст ва қарор додааст, ки тамоми қувваи худро барои паҳн кардани ҳақиқати Худо сарф кунад. Худо тасаввуротҳои моро дар хусуси маънои ҳаёт мешиканад ва моро амон надода, аз мо он чизеро месозад, ки ба Ӯ даркор аст. Ӯ аз рӯзи Пантикост сар карда, бо шогирдонаш маҳз ҳамин тавр мекард. Пантикост ба шогирдон ҳеҷ чизеро наомӯхт, дар он рӯз онҳо танҳо таҷассуми он чизе шуданд, ки мавъиза мекарданд: «Ва шумо шоҳидони Ман хоҳед буд» (Аъм.1:8).

Ҳангоме ки шумо сухан мегӯед, Худо ҳар чӣ хоҳад, кунад. Пеш аз он ки паёми Худо ба ҷонҳои дигар озодӣ оварад, шумо бояд худатон фаҳмед, ки ин озодӣ чист. Барои оташ ҳезум ҷамъ кунед ва чун суханро сар кардед, ин гулханро фурӯзон кунед.

70. РУЪЁ

«*Ба руъёи осмонӣ беимонӣ накардам*» (Аъмол 26:19).

Агар мо «руъёи осмонӣ»-ро гум кунем, танҳо худамон гунаҳкорем. Ва мо ин руъёро аз он сабаб аз даст дода истодаем, ки дар ҷое дар ҳаёти рӯҳонии мо чизе сӯрох шудааст ва мечакад. Ва агар мо ба Худо имон доштани худро дар амалҳои воқеъӣ нишон

надиҳем, дар бораи рӯъёе ки Худо ба мо додааст, ҳоҷати гап ҳам нест. Ва ба руъёи биҳиштӣ фақат дар он маврид муқобилат накардан мумкин аст, ки ҳар он чи аз дастамон меояд, барои ҷалоли Худо диҳем, ва мо онро танҳо дар он маврид дода метавонем, ки доимо, бо кӯшиши ирода, рӯъёи осмониро ба ёд оварем. Ва нияти неки мо дар як дақиқа шаст сония ва дар як соат шаст дақиқа санҷида мешавад, на танҳо ҳангоми дуо гуфтан ё нишастан дар ҷамъомад.

«Агар даранг кунад, онро мунтазир шав» (Ҳаб.2:3). Мо сазовори иҷрошавии рӯъё шуда наметавонем. Мо бояд аз рӯи он зиндагӣ кунем, то он даме ки он иҷро шавад. Ва мо он қадар корҳои зиёде дорем, ки барои фикр кардан дар бораи рӯъёҳо вақт надорем. Дар аввал мо гӯё чизеро дидем, аммо барои интизор шудан сабри кофӣ надоштем — охир, корҳо интизор шуда наметавонанд. Ва мо умуман надида мондем, ки рӯъё чӣ гуна иҷро шудааст. Ва садоқатмандии мо ба Худо маҳз дар он санҷида мешавад, ки оё мо сабри кофӣ дорем, то ҳангоме рӯъё сустӣ мекунад, иҷрошавии онро интизор шавем. Ва ба гирдоби корҳо фурӯ рафта, на танҳо иҷрошавии рӯъёро пай намебарем, балки ҷони худро низ ба ҳалокат мерасонем?

Гирдбодҳои Худоро мушоҳида кунед. Худо муқаддасонашро танҳо бо тӯфонҳояш дар саросари ҷаҳон пароканда мекунад. Оё шумо як ғилофи холӣ хоҳед буд? Ва ин танҳо ба як чиз вобаста аст — оё шумо дар партави он чизе ки дидед, зиндагӣ хоҳед кард. Бигзор Худо шуморо дар гирдоби худ барад, худатон ба ҷое шитоб накунед, то даме ки Ӯ ин корро кунад. Агар интихоби ҷӯяки худро сар кунед — як ғилофи холӣ хоҳед буд. Ва агар Худо шуморо кишт кунад, ҳатман мева хоҳед дод.

Қадам гузоштан ба он ҷой, ки роҳро нур аз осмон мунаввар мекунад, хеле муҳим аст.

71. ҲАМИН ТАВР ТАРК КАРДАН

«Он гоҳ Петрус ба Ӯ гуфт: „Инак, мо ҳама чизро тарк карда, Туро пайравӣ намудаем“» (Марқус 10:28).

Худованди мо аслан ба Петрус ҷавоб медиҳад, ки «ҳама чиз»-ро ба хотири Худи Ӯ тарк кардан даркор аст, на ба хотири чизе ки шогирдон аз он ба даст меоваранд. Эҳтиёт бошед. Оё аз «ҳама чиз» даст кашидани шумо асоси тиҷоратӣ надорад: «Худро ба Худо мебахшам, зеро мехоҳам аз гуноҳ халос шавам, зеро мехоҳам муқаддас шавам»? Ҳамаи ин ба амал меояд, агар дар ёд нигоҳ доред, ки шумо кистед ва Худо кист. Аммо ин дар масеҳият чизи асосӣ нест. Агар мо ҳама чизро тарк кунем, пас мо онро ҳамин тавр мегузорем, на барои чизе. Мо ҳама чунон бо рӯҳияи тиҷорат фаро гирифта шудаем, ки ба назди Худо фақат барои он меравем, ки аз Ӯ чизе гирем, на ин ки ба хотири Худи Ӯ. Ин монанди он аст, ки чунин гӯед: «Не, Худовандо, ман ба Ту эҳтиёҷ надорам, ман ба худ эҳтиёҷ дорам, аммо пок ва пур аз Рӯҳулқудс, то ки худро ба намоиш гузошта, гӯям: „Худо барои ман ана ин корро кардааст“». Агар мо чизеро ба Худо танҳо барои он диҳем, ки дар ивази он бештар ба даст оварем, ин тарк кардан нест, дар ин ҷо ҳеҷ гуна Рӯҳулқудс нест — ин шавқмандии ҳақиронаи як савдогари муқаррарӣ аст. Он ҳақиқат, ки мо ба осмонҳо меравем, аз гуноҳ халос мешавем, ва метавонем ба Худо барои чизе муфид бошем — ҳамаи ин барои тарк кардани ҳақиқӣ аҳамияти асосӣ надорад, ҳама чизро ҳақиқатан танҳо ба хотири худи Исои Масеҳ тарк мекунанд.

Ҳангоме ки муносибатҳо бо одамон дар роҳи мо меистанд, Исои Масеҳ барои мо кӣ мешавад? Бисёрии мо аз Ӯ дур мешавем: «Ҳа, Худовандо, ман даъвати Туро шунидам. Аммо дар ин ҷо мушкилот бо модарам (бо занам, бо манфиатҳои худам) аст ва ман ҳоло дигар рафта наметавонам». «Пас, — мегӯяд Исо, — шумо наметавонед шогирди Ман бошед».

Ҳақиқати тарк кардан ҳамеша бо он санҷида мешавад, ки то чӣ андоза мо ба дилбастагиҳои ҷисмонӣ ғолиб омада метавонем. Онҳоро мағлуб кунед ва натарсед — Худо ҳамаи

онҳоеро, ки шумо онҳоро тарк карда, ранҷондаед, ба ҷои шумо дӯст хоҳад дошт. Нагузоред, ки чизе шуморо аз «тарк кардани ҳама чиз» барои Худо халал расонад. Аксарияти мо бо ин танҳо дар назария шинос ҳастем.

72. ТАРК КАРДАНИ ИЛОҲӢ

«Зеро Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт, ки...дод» (Юҳанно 3:16).

Наҷот танҳо аз гуноҳ халос шудан ё дарк кардани муқаддасии худ нест. Наҷоти Худо — ин наҷот аз худ ва бо Худи Худо муттаҳид будан аст. Шояд ман дар наҷоти худ ғайр аз раҳоӣ аз гуноҳ ва муқаддасии худ чизе намебинам. Аммо умуман наҷот маънои онро дорад, ки Рӯҳи Худо маро бо Худои зинда пайваст кардааст ва ман тарси эҳтиромона эҳсос мекунам, зеро бо чизи бузургтар аз худам тамос мегирам, дар Худо ғӯтавар мешавам ва худро инкор мекунам, чунон ки Ӯ Худро инкор мекард.

Агар гӯем, ки мо барои мавъиза кардани муқаддасӣ ё тақдис даъват шудаем, ин аз ҷӯйборҳо ба ҳавз афтодан аст. Мо даъват шудаем, ки Исои Масеҳро мавъиза кунем. Ва моро аз гуноҳ наҷот додан ва муқаддас гардондани Ӯ танҳо як қисми хурди он чизест, ки ба хотири Худо инкор кардани худамон ба мо медиҳад.

Агар мо худро инкор кунем, худамон дар ин бора фикр намекунем, зеро дар ин ҳолат тамоми ҳуқуқ ба ҳаёти мо ба касе мегузарад, ки мо ба хотири Ӯ инкор мекунем. Ва агар шумо дар ин бора чизе надонед, лозим нест, ки дар бораи инкор кардани худ гап занед. Ва шумо ҳеҷ гоҳ дар ин бора чизе намедонед, то даме ки фаҳмед: ояти классикии Юҳ.3:16 маънои онро дорад, ки Худо Худро то ба охир дод. Ва бо инкор кардани худ, мо худамонро ба Худо мебахшем, ҳамон тавре ки Худо Худро ба мо додааст, бе тахминҳо ва ҳисоббарориҳо. Ва ҳар он чи пас аз инкор кардани худ фаро мерасад, ба сари мо намеояд, зеро аз ҳоло ҳаёти мо бо Ӯ ва дар назди Ӯст.

73. ИТОАТКОРӢ

«...ба ҳар кӣ шумо худро чун бандагон барои итоат таслим кунед, бандагони ҳамон кас гардида...» (Румиён 6:16).

Аввалин коре ки ман бояд кунам, ҳангоме кӯшиш мекунам фаҳмам, ки зери итоати кадом қудрат ҳастам, эътироф кардани факти нохушест, ки ман барои касе кӣ маро идора мекунад, масъул ҳастам. Агар ғуломи худ бошам, гунаҳкорам, зеро замоне дар гузашта ихтиёран ғуломи «ман»-и худ шудам. Ба ҳамин монанд, агар ман ба Худо итоат кунам, ман ин корро аз он сабаб мекунам, ки замоне ба Ӯ тобеъ шудам.

Ҳамин ки кӯдак худпараст, ғуломи «ман»-и худ шавад, ӯ ба ғуломии бераҳмтарин зулме ки дар рӯи замин вуҷуд дорад, меафтад. Дар худи инсон барои баркандани бандҳои ғуломӣ, ки мо ихтиёран иҷозат медиҳем моро ба он занҷирбанд кунанд, қуввае нест. Ҳамин ки як сония, як дафъа ба ягон ҳаваси ҷисм дода шавем (ва ҳаваси ҷисм ҳамон чизест, ки мо дар бораи он гап мезанем: «Ин ба ман худи ҳозир лозим аст», хоҳ ҳаваси ҷисм бошад, хоҳ ҳаваси ақл), — ва, агарчи баъдтар барои ин сустӣ аз худ нафрат хоҳед кард, шумо ғуломи он чизе мешавед, ки ба он дода шудед. Ва бо қувваҳои инсонӣ аз ин халос шудан ғайриимкон аст, дар ин ҷо танҳо кафорат ёрӣ расонда метавонад. Дар ҳолати хории комил, ба Исои Масеҳи Худованд, ба Он Ягона, ки ҳар як қудрати дигарро шикаста метавонад, итоат кардан лозим аст: «Ӯ Маро тадҳин намудааст, то озодиро ба асирон мавъиза намоям» (Луқ.4:18).

Ва мо дар хандаовартарин чизҳо ба ин боварӣ ҳосил мекунем. «Ҳар вақте ки хоҳам, аз ин одат даст мекашам». Даст намекашед. Маълум мешавад, ки ин одат шуморо комилан дар ихтиёри худ нигоҳ медорад, зеро шумо ихтиёран ба он итоат кардаед. Гуфтани он ки Худо ҳама занҷирҳоро мешиканад, ва дар айни замон дар ғуломии ноумедтарин ба «ман»-и худ зиндагӣ кардан осон аст. Аммо агар ба Масеҳ итоат карда шавад, пас дар ҳаёти ҳар як шахс, ҳама гуна ғуломӣ ҳатман ба охир мерасад.

74. ДАРСҲОИ ОШУФТАГӢ

«...ва чун аз ақиби Ӯ мерафтанд, ҳаросон мешуданд» (Марқус 10:32).

Дар аввал мо боварӣ доштем, ки ҳама чизро дар бораи Исои Масеҳ медонем, ва ҳама чизро фурӯхта, худро ба муҳаббати Ӯ партофтан хеле хурсандибахш буд. Аммо ҳоло ин эътимод аз байн рафтааст. Исо пеш меравад, ва дар Ӯ чизе на чун пештара аст... «Исо пешопеши онҳо мерафт, ва онҳо ҳайрон буданд».

Баъзан ифодаи чеҳраи Исо метавонад дили шогирди Ӯро сард кунад, ва он шогирд ногаҳон нафасгир мешавад. Масеҳ то чӣ андоза метавонад нофаҳмо ва даҳшатнок бошад — чеҳраи Ӯ, «мисли санги чақмоқ» (Иш.50:7) бошад, Ӯ бо қадамҳои боваринок ба сӯи дуродур қадам мезанад. Ӯ акнун Мушовир ё Дӯст нест, вай комилан бо идеяе фаро гирифта шудааст, ки ман дар бораи он чизе намедонам, ва Ӯ маро ба ҳайрат меоварад. Дар аввал ман боварии комил доштам, ки Ӯро мефаҳмам, аммо ҳоло ин боварӣ чун дуд нест шуд. Ман фаҳмидам, ки байни ман ва Исои Масеҳ ба ҳар ҳол як навъ холигӣ ҳаст. Ман акнун бо Ӯ муносибатҳои дӯстона дошта наметавонам. Ӯ аз ман дуртар пеш меравад ва тамоман ба қафо нигоҳ намекунад. Ман намедонам, ки Ӯ ба куҷо меравад ва макони сафари мо тамоман аз назар дур аст.

Ба Исои Масеҳ лозим омад васвасаи ҳар гуноҳ ва бори ҳар ғаму ғуссаеро, ки шахс аз сар гузаронда метавонад, аз сар гузаронад. Маҳз аз ҳамин сабаб Ӯ ба назари мо нофаҳмо метобад. Ва ҳангоме мо Ӯро чунин мебинем, мо Ӯро намешиносем, дар Ӯ ҳеҷ чизи умумиро бо Масеҳе ки мо медонистем, намебинем, ва намедонем чӣ тавр Ӯро пайравӣ кунем ва аз чӣ сар кунем. Ӯ дар он ҷо, дар пеш аст, Ӯ хеле дур ва нофаҳмо аст, ва ин ба муносибати байни дӯстон монанд нест.

Дар ҳаёти шогирди Масеҳ барои ин гуна ошуфтагии эҳсосот ҷой ҳаст. Хатари чунин лаҳзаҳо дар он аст, ки мо метавонем ба оташдони бароҳати худ баргардем ва фурӯзон кардани онро сар кунем (ниг. Иш.1:10–11). Ва ҳангоме ки гирифтани офтоб

ва ошуфтагӣ фаро мерасад, то гузаштани он сабр кунед, зеро агар сабр кунед, бо шодии баённашаванда аз пайии Масеҳ хоҳед рафт.

75. ЧӢ ТАВР БА ДОВАРӢ ТАЙЁР БОЯД ШУД

«Зеро ҳамаи мо бояд пеши курсии доварии Масеҳ ҳозир шавем» (2 Қӯринтиён 5:10).

Павлус мегӯяд, ки ҳамаи мо — ҳам воизон ва ҳам одамони оддӣ — «бояд пеши курсии доварии Масеҳ ҳозир шавем». Ва агар шумо дар ин ҷо ва ҳоло дар нури дурахшони Масеҳ зиндагӣ карданро ёд гиред, дар курсии доварӣ шумо аз он чи Худо дар шумо кардааст, ба ҳайрат меоед. Ҳеҷ гоҳ курсии доварии Масеҳро аз назар дур накунед, худи ҳозир то ҳадди имкон дар партави қудсият, ки Ӯ ба шумо нишон додааст, қадам занед. Агар нисбати касе рӯҳияи нодуруст дошта бошед, новобаста ба он ки чӣ қадар муқаддас ҳастед, ҳама чиз бо он анҷом меёбад, ки рӯҳи шайтонӣ бар шумо ҳукмфармо мешавад. Ҳамин, ки танҳо як андешаи ҷисмонӣ ба сари шумо ворид шавад, он метавонад дар ҷони шумо ҷаҳаннамро ба вуҷуд оварад. Дарҳол ин фикрро ба рӯшноӣ бароред ва гӯед: «Худоё, ман дар ин бора хато кардам». Агар ин корро накунед, дилатон торафт сахттар мешавад. Ҷазо барои гуноҳ — устуворшавӣ дар гуноҳ аст. На танҳо Худо моро барои гуноҳ ҷазо медиҳад: худи гуноҳ дар гунаҳкор устувор мешавад ва ӯро пурра ҷазо медиҳад. На шиддати қувваҳои рӯҳонӣ ва на дуоҳо ба шумо ёрӣ намерасонанд, ки кардани баъзе корҳои бадро бас кунед, ва ҷазо барои гуноҳ ин аст, ки шумо тадриҷан ба он одат мекунед ва умуман гуноҳ шуморидани онро бас мекунед. Ва танҳо як қувва метавонад ба ин инкишофи табиии гуноҳ дар ҷони мо халал расонад — қудрати Рӯҳулқудс, ки дар мо сокин аст.

«Аммо агар дар нур мегашта бошем, *чунон ки Ӯ дар нур аст*, бо якдигар мушоракат дорем» (1Юҳ.1:7). Барои бисёре аз мо дар рӯшноӣ роҳ рафтан маънои онро дорад, ки дар болои он

ресмоне ки худамон барои касе мекашем, қадам мезанем. Ва даҳшатноктарин риёкории имрӯза риёкории ошкоро не, балки худфиребӣ, зиндагӣ дар олами хаёлоти ботили худ аст.

76. МАҚСАДИ АСОСИИ ХИЗМАТГОРИ ХУДО

«Ва ба ин сабаб саъю кӯшиш менамоем, ки...ба Ӯ мақбул афтем...» (2 Қӯринтиён 5:9).

«Ва ба ин сабаб саъю кӯшиш менамоем...» Мақсади асосии худро доимо дар ёд доштан кори хеле душвор аст. Ин маънои онро дорад, ки сол то сол дар идеалҳои баланд устувор истода, кӯшиш намекунед ҷонҳоро назди Худо ё калисо оваред ва бедоршавиҳоро ташкил намоед, балки танҳо барои як чиз саъй мекунед — «ба Ӯ писанд афтодан». Корҳои мо на аз он сабаб бо нокомӣ анҷом меёбанд, ки мо таҷрибаи ками рӯҳонӣ дорем, балки аз он сабаб, ки мо ба идеали худ чандон вафодор нестем. Ақаллан ҳафтае як маротиба ҳаёти рӯҳонии худро дар назди Худо тафтиш кунед ва бинед, ки оё кӯшиш мекунед, ки ҳаётатон он гуна бошад, ки Ӯ мехоҳад. Павлус мисли навозандае рафтор мекунад, ки ба кафкӯбиҳои тамошобинон эҳтиёҷ надорад, агар ӯ дар чеҳраи устодаш аломати таҳсинро бинад.

Ва ҳар орзуе ки ҳатто заррае аз ин чизи асосӣ — «ба Ӯ писанд афтодан» — ба каноре равад, метавонад моро ба шикаст, ба рад кардан оварад. Саъй намоед фаҳмед, ки хоҳишҳо ва кӯшишҳоятон шуморо ба куҷо мебаранд, ва он гоҳ мефаҳмед, ки чаро аз Исои Масеҳ чашм наканда зистан муҳим аст. Павлус мегӯяд: «Балки ҷисми худро азоб медиҳам ва ғулом мегардонам, то ки ба дигарон мавъиза намуда, худам маҳрум набошам» (1Қӯр.9:27), яъне: «Барои он ки баданам маро ба роҳи нодуруст тела надиҳад, ман ҳамеша ҳушёр ҳастам, ҳамеша тайёрам онро тобеъ намоям ва ғулом гардонам».

Ман бояд робитаи ҳама чизро бо мақсади асосии худ омӯзам ва доимо чунин кунам. Ман пеши Худо дар назди одамон чӣ арзише дорам, ки бо Худо дар танҳоӣ чӣ арзише дорам. Пас мақсади асосии ман чист — писандидаи Ӯ ва аз ҷониби Ӯ

қабулшуда будан, ё мақсади ман пасттар аст, ҳарчанд бисёр олиҳимматона бошад?

77. МАН ҲАМ БОЯД ҲАМОН ГУНА ШАВАМ?

«*...қудсияти худро дар тарси Худо мукаммал намоем*» (2 Қӯринтиён 7:1).

«Пас...дар ҳоле ки чунин ваъдаҳо дорем...», ман бовар дорам, ки Худо онҳоро иҷро мекунад, аммо ин танҳо ҷиҳати инсонии кор аст. Ҷиҳати илоҳии он ин аст, ки дар баробари эътирофи ваъдаҳои Худо, ман ҳуқуқи Худоро низ эътироф мекунам. Масалан, оё ман мефаҳмам, ки ҷисмам маъбади Рӯҳулқудс аст ё ман ягон одати ҷисмро дорам, ки нури Худоро надорад? Ба воситаи тақдис дар ман «Масеҳ сурат мебандад» (ниг. Ғал.4:19), ва ман бояд бо итоаткорӣ ба Ӯ ҳаёти табиии худро ба ҳаёти рӯҳонӣ табдил диҳам. Худо ба мо комилан ҳама чизро то хурдтарин ҷузъиёт таълим медиҳад. Ва ҳангоме Ӯ тафтиш мекунад, ки то чӣ андоза ба дарсҳои Ӯ гӯш медиҳед, бо ҷисм ва хун маслиҳат накунед, балки фавран пок шавед. Ва доимо, ҳар рӯз пок шуданро давом диҳед... Ман бояд аз тамоми нопокиҳои ҷисм ва рӯҳ пок шавам, то он даме ки ҷисм ва рӯҳ бо моҳияти Худо мувофиқат кунанд. Оё андешаҳои рӯҳи ман бо ҳаёти Писари Худо дар ман пурра мувофиқат мекунанд, ё ман дар сатҳи фикрҳои худ аз итоат ба Худо дур мешавам? Оё дар ман ҳамон ҳиссиёт пайдо мешаванд, ки дар Масеҳ ҳастанд, ки Ӯ ҳеҷ гоҳ дар асоси ҳуқуқҳояш нисбати Худ чизе намегуфт, балки ҳамеша Рӯҳи Худро бошуурона ва ихтиёран ба Падараш таслим мекард? Ман масъулият дорам, ки рӯҳам ба Рӯҳи Ӯ мувофиқат кунад, ва он гоҳ Масеҳ маро зина ба зина ба сатҳи Худ хоҳад овард — ба итоати пурра ба иродаи Падари худ новобаста ба ҳеҷ чиз. Оё ман чунин муқаддасиро иҷро мекунам, оё дар чунин муқаддасӣ дар тарси Худо зиндагӣ мекунам? Оё Худо бо ман он чизеро, ки ният дошт, иҷро мекунад ва оё дигарон дар ман инъикоси Худоро беҳтар ва беҳтар мебинанд? Ҳар он чиро, ки ба Худо дахл дорад, ҷиддӣ қабул намоед, ва ҳама чизи дигарро

бо дили сабук ба ҳоли худ гузоред. Бигзор Худо барои шумо дар ҳама чиз ба маънои аслии калима дар ҷои аввал бошад.

78. РОҲИ ИМОНИ ИБРОҲИМ

«...ва ӯ рафт, ва намедонист ба куҷо меравад» (Ибриён 11:8).

Дар Аҳди Қадим аломати ба Худо наздик будани инсон — ҷудошавии ӯ, дур шудани ӯ аз чизе буд. Иброҳим ватан ва хешу таборашро тарк кард. Имрӯз инсон даъват шудааст аз одамоне ки барояш азизтарин ҳастанд, на ба ҳасби ҷисм, балки ба ҳасби рӯҳу ҷон ҷудо шавад, аз фикрҳои онҳо канорагирӣ намояд, агар дар онҳо ин наздикӣ ба Худо набошад. Ва Масеҳ дар ин бора хеле равшан гуфтааст (ниг. Луқ.14:26).

Имон ҳеҷ гоҳ намедонад, ки Худо онро ба куҷо мебарад. Вай танҳо Онеро, ки ӯро роҳбарӣ мекунад, дӯст медорад ва мешиносад. Мо бояд бо имон зиндагӣ кунем, на бо ақл ё шуур. Мо бояд Онеро шиносем, ки моро ба ҷое «мефиристад». Решаи имон ошноии шахсӣ бо Худост, ва яке аз домҳои хатарноктарин дар ин роҳ — андеша дар бораи он аст, ки Худо моро ҳатман ба некӯаҳволӣ меоварад.

Зиндагии имон мақсади худро дошта ба хотири ташаккули хислати инсон аст. То даме ки хислат дар сангдон кӯфта мешавад ва обутоб меёбад, шахс бояд аз бисёр такрорҳои фосилавӣ гузарад — ҳангоме ки дуо мегӯед, ҳис мекунед, ки чӣ гуна баракатҳои Худо шуморо фаро мегиранд ва баъд шумо тағйир меёбед, аммо пас аз он як силсила рӯзҳо ва корҳои муқаррарӣ тӯл мекашанд ва ҷалол аз байн меравад. Бо имон зиндагӣ кардан маънои бо болҳо парвоз карданро надорад, балки хастагиро бартараф карда, пеш рафтан аст. Ва ин ҷо ҳатто сухан на дар бораи тақдис меравад, балки дар бораи чизи бештар аз муқаддас шудан — дар бораи имоне ки аз озмоишҳо гузаштааст ва исбот кардааст, ки он имон аст. Ҳаёти Иброҳим ба мо на ҳамчун дарси муқаддас шудан, балки имон ба Худои зинда, имони озмудашуда хизмат мекунад. «*Иброҳим ба Худо имон овард...*» (Рум.4:3).

79. ДӮСТӢ БО ХУДО

«...Оё он чи Ман карданиам, аз Иброҳим пӯшида дорам!» (Ҳастӣ 18:17).

Хушбахтии он. Дар ин боб (Ҳас.18) дар бораи хушбахтии дӯстии ҳақиқӣ бо Худо дар муқоиса бо эҳсоси зудгузари ҳузури Ӯ дар дуо сухан меравад. Он қадар наздик шудан ба Худо, ки талаб намудани ошкор кардани иродаи Ӯ зарурате надорад, наздик шудан ба марҳалаи ниҳоии таълими имон аст. Агар муносибати шумо бо Худо хуб бошад, шумо ҳақиқатан озодона ва хушбахтона зиндагӣ хоҳед кард, худатон иродаи Худо хоҳед буд ва ҳама қарорҳое ки бо ақли солим қабул мекунед, иродаи Ӯ барои шумо хоҳад буд. Ва агар ягон кори нодуруст кунед, Ӯ дахолат мекунад ва хатоятонро ба шумо нишон медиҳад. Дар ин ҳолат далерона қарор қабул кунед, зеро медонед, ки агар хатое кунед, Худо ҳамеша шуморо ислоҳ мекунад. Танҳо агар ҳақиқатан ислоҳ намуданро сар кунад, фавран таваққуф кунед.

Мушкилоти он. Чаро Иброҳим ба ҳар ҳол дуо гуфтанро бас кард? Ӯ ҳанӯз ба Худо он қадар наздик набуд, ки далерона дуо гӯяд, то он даме ки Худо ба ӯ чизи мехостагияшро ато кунад. Дар муносибати Иброҳим бо Худо чизе ҳанӯз намерасид. Ва ҳангоме ки мо дар дуо таваққуф мекунем ва мегӯем, ки «намедонам, шояд ҳамаи ин хости Худо набошад», бояд як қадами дигар гузорем. Мо ҳанӯз ба Худо чунон наздикиро, ки Исо дошт, ва чунон наздикиро, ки Ӯ барои мо мехост, надорем — «...то як бошанд, чунон ки Мо як ҳастем» (Юҳ.17:22). Охирин чизеро, ки шумо дар бораи он дуо кардед, ба ёд оваред, — барои шумо чӣ муҳимтар буд: хоҳиши шумо ё Худо? Оё шумо мехостед ягон атои Рӯҳро ҳатман бо ҳар восита ба даст оваред ё ба Худо дастрасӣ пайдо намоед? «Падари шумо тамоми эҳтиёҷоти шуморо, пеш аз он ки талаб кунед, медонад» (Мат.6:8). Муҳимтарин чизе ки талаб кардан лозим аст, Худоро беҳтар шинохтан аст. *«Ва дар Худованд тасаллӣ хоҳӣ ёфт, ва Ӯ муроди дилатро ба ту ато хоҳад кард»* (Заб.36:4). Бинобар ин барои боз ҳам беҳтар фаҳмидани Худи Худо дуо гӯед.

80. БА МАСЕҲ ШАВҚУ ҲАВАС ДОШТАН Ё БО Ӯ МУРДАН?

«*Ман бо Масеҳ маслуб шудаам*» (Ғалотиён 2:20).

Ҳар яки мо ҳатман бояд ба табиати гунаҳкорамон, ба майли гуноҳ кардан ҳукми қатлро имзо намоем, тамоми майлҳои нек ва эътиқодоти олиҳимматонаи худро шакли равшан диҳем, ба майли гуноҳ кардан, дурусттараш, ба ҳуқуқ аз болои худ ҳукм барорем. Павлус мегӯяд: «ман бо Масеҳ ба салиб маслуб шудаам». Ӯ намегӯяд: «Ман қарор додам, ки ба Масеҳ тақлид кунам» ё «Ман кӯшиш мекунам, ки ба Ӯ пайравӣ кунам». Ӯ маҳз ҳамон тавр мегӯяд, ки маънояш «Ман бо Ӯ, бо марги Ӯ мурдам». Ва ҳангоме ки ман ба чунин қарор омада, аз рӯи он амал намуданро сар мекунам, ҳар чизе ки Масеҳ барои ман дар салиб карда буд, дар ман амалӣ шудан мегирад. Ҳангоме ки ман ихтиёран худро ба Худо месупорам, Рӯҳулқудс имкон пайдо мекунад, ки ба ман қудсияти Исои Масеҳро ато намояд.

«Ва акнун на ман, балки Масеҳ дар ман зиндагӣ мекунад...». Ман худам чихеле, ки ҳастам ҳамон тавр мемонам, аммо моҳияти ҳаётам, водоркунандаҳои пешбарандаи он ва қуввае ки онро роҳнамоӣ мекунад, ба таври шинохтанашаванда тағйир меёбанд. Ман то ҳол ҳамон бадан ҳастам, аммо дар ман ҳуқуқи шайтонии қадимӣ ба идора кардани ҳаёти худам хароб шудааст.

«Ва зиндагие ки акнун дар ҷисм дорам...», на он зиндагие ки мехоҳам ва дар хусуси он аз Худо хоҳиш мекунам, балки он зиндагие ки дар ҳақиқат ҳозир ба сар мебарам, зиндагие ки одамон онро мебинанд — «*бо имон ба Писари Худо зиндагӣ мекунам*». Ва дар ин ҷо бештар гап на дар бораи имони худи Павлус ба Исои Масеҳ, балки дар бораи имоне меравад, ки Писари Худо ба ӯ додааст. Ин акнун имон ба худи имон нест, балки имонест, ки ҳама монеаҳоеро, ки кас тасаввур карда метавонад, бартараф менамояд, ҳамон имоне ки Писари Худо дошт.

81. СИРРИ ДИЛИ АФРӮХТА

«...Оё дилҳои мо дар даруни мо намесӯхт?» (Луқо 24:32).

Асрори дили афрӯхтаро бояд ошкор кунем. Ҳангоме ки Масеҳ ба мо зоҳир мешавад, дар дил шӯълае аланга мезанад ва мо он чизеро мебинем, ки пештар надида будем. Аммо пас аз он мо бояд сирри аз байни ҳар чизе ки дар роҳ вомехӯрем, аз сар гузарондани дили афрӯхтаро ошкор кунем. Ва рӯзи дилгиркунанда, холӣ, тира бо корҳои дилгиркунандаву холӣ ва одамони дилгиркунанда ва холӣ ба мо вохӯрда, кӯшиш хоҳанд кард, ки оташи диламонро хомӯш кунанд. Ва барои он ки онҳо алангаро дар дили мо хомӯш накунанд, мо бояд сирри дар Масеҳ монданро донем.

Бештар аз ҳама, мо масеҳиён на аз боиси гуноҳ, балки аз он сабаб ба душвориҳои зиёд гирифтор мешавем, ки қонунҳоеро, ки табиати мо ба онҳо итоат мекунад, намедонем. Масалан, барои фаҳмидани он, ки оё дар баъзе мавридҳо эҳсосоти худро озодона зоҳир намудан мумкин аст, танҳо як роҳ вуҷуд дорад: бинем, ки агар эҳсосоти худро озодона зоҳир намоем, ин ба чӣ оварда мерасонад. Раванди воқеаҳоро ба натиҷаи мантиқӣ расонед, ва агар Худованд ин натиҷаро ошкоро маҳкум кунад, ҳатто фикр ҳам накунед, ки ба ин гуна эҳсосот озодӣ диҳед. Аммо агар ин ҳиссиёт дар шумо Рӯҳи Худоро фурӯзон кунад, ва шумо ба он роҳ надиҳед, он ба ҳар ҳол роҳи баромадро меёбад, аммо на дар он ҷое ки Худо мехост, балки дар сатҳи пасттарин. Табиатҳои раҳмоваранда ҳамин тавр ба дунё меоянд. Ва ҳар қадаре ки эҳсосот баландтар бошад, зоҳиршавии таҳрифшудаи он ҳамон қадар носолимтар мешавад, агар шумо ба он дар сатҳе ки Худо мехоҳад, озодӣ надиҳед. Агар Рӯҳулқудс шуморо ба коре водор кунад, аз паси худ ҳарчи бештар кӯпрукҳоро сӯзонед — ва ҳар чи бодо бод. Мо дар кӯҳи Дигаргуншавӣ муддати дароз истода наметавонем, аммо ба нуре ки дар ин кӯҳ гирифтаем, бояд итоат кунем, бояд бо ин нур зиндагӣ кунем. Агар Худо чизеро ба мо ошкор кунад, ин барои мо як сигнал барои амал кардан аст, новобаста ба он ки ин дар ивази чӣ арзиш ба даст меояд.

Оташи муқаддасро дар қонҳоямон
Бо хоҳиши худ афрӯхта наметавонем:
Он бо нафаси Рӯҳ афрӯхта мешавад,
Сирри Худоро боэҳтиёт нигоҳ медорад.
Дар лаҳзаи хушбахтӣ рӯъё зоҳир мешавад,
Ва дар соати ноумедӣ интизори иҷро мешавад.

82. ОЁ МАН ҶИСМОНӢ НЕСТАМ?

«Зеро, модоме ки дар миёни шумо ҳасад, баҳсу мунозира ва ихтилофот ҳаст, оё шумо ҷисмонӣ нестед?» (1 Қӯринтиён 3:3).

Ҳеҷ як беимон тасаввуроте надорад, ки «ҷисмонӣ» будан чӣ маъно дорад. Чунин ҳолат танҳо ҳамон вақт ба миён меояд, ки ҷисм бар зидди Рӯҳ, ки ҳангоми таваллуди нав дар одам сокин шудааст, бармехезад, ва Рӯҳ бар зидди ҷисм исён мекунад. «Бар тибқи Рӯҳ рафтор кунед, — мегӯяд Павлус, — ва шумо ҳавасҳои ҷисмро ба амал нахоҳед овард» (Ғал.5:16), ва он гоҳ шумо «ҷисмонӣ» нахоҳед буд.

Оё шумо баҳсу мунозираро дӯст медоред, оё аз баъзе чизҳои хурд ба осонӣ хашмгин мешавед? Шумо мегӯед, ки масеҳиён ин гуна буда наметавонанд? Аммо Павлус мегӯяд, ки онҳо ин гуна буда метавонанд, ва чунин рафтори имондорро маҳз бо ҷисмонӣ будани ӯ вобаста меҳисобад. Оё дар Китоби Муқаддас ҳақиқате ҳаст, ки дарҳол шуморо ба хашм меоварад? Агар ҳа, пас ин далели ҷисмонӣ будани шумост. Агар муқаддасшавӣ ҳам оянд, набояд дар шумо нишонае аз чунин рӯҳ боқӣ монад.

Агар Рӯҳи Худо дар шумо хатоеро ошкор кунад, Ӯ аз шумо талаб намекунад, ки камбудиро ислоҳ кунед, Ӯ аз шумо хоҳиш мекунад, ки танҳо нури Ӯро қабул кунед ва ислоҳ намудани ҳама чизро Худаш ба ӯҳда мегирад. Ва фарзанди нур дарҳол гуноҳро эътироф мекунад ва ба ҳузури Худо ҳамон тавре ки ҳаст, зоҳир мешавад. Фарзанди торикӣ мегӯяд: «Ҳозир ҳама чизро шарҳ медиҳам». Бинобар ин, ҳангоме ки нур медурахшад ва Худо шуморо дар кори бад маҳкум мекунад, фарзанди нур

бошед, ба гуноҳи худ иқрор шавед, ва Худо ҳама чизи даркориро ислоҳ хоҳад кард. Аммо агар худро сафед кунед, танҳо исбот мекунед, ки шумо фарзанди торикӣ ҳастед.

Ман аз куҷо фаҳмида метавонам, ки акнун ҷисмонӣ нестам? Фирефта нашавед: агар аз ҳолати ҷисмонӣ будан берун шавед, ҳатман аз он огоҳ мешавед, шумо наметавонед нафаҳмед. Худо ғамхорӣ хоҳад намуд, ки шумо имкониятҳои фаровоне дошта бошед, то муъҷизаи файзи Ӯро эҳсос кунед. Ягона далел — дар амал озмуда шудан аст. «Наход! — хеле зуд мегӯед шумо. — Агар пештар ба ман чунин муносибат мекарданд, ман адаби онҳоро медодам!» Ва ин ҳамеша хоҳад буд: шумо аз он чи Худо аз дарун ба шумо кардааст, ҳайрон шуданро ҳеҷ гоҳ бас намекунед.

83. ХУРД ШУДАН БАРОИ ҶОЙ ДОДАН БА Ӯ

«Ӯ бояд нашъунамо ёбад, ва ман — завол ёбам» (Юҳанно 3:30).

Агар касе бе шумо зиндагӣ карда натавонад, шумо кореро мекунед, ки Худо намехоҳад. Кори шумо ҳамчун коргар дар киштзори Худо — дӯсти Домод будан аст. Ва ҳангоме шумо мебинед, ки касе мефаҳмад, ки Исои Масеҳ аз вай чиро талаб мекунад, бидонед, ки шумо ӯро ба ҷои даркорӣ роҳнамоӣ кардаед. Ва ба ҷои кӯшишҳои аз озмоишҳо ва мушкилот ҳимоят кардани ин шахс, дуо кунед, ки онҳо даҳ маротиба зиёд шаванд, то он даме ки дар рӯи замин ва дар дӯзах ҳеҷ гуна қуввае пайдо нашавад, ки дар байни ин рӯҳ ва Масеҳ монеа гардад. Мо бошем, гаштаву баргашта кӯшиш мекунем вазифаи нақшаи пешакии Худоро бозем, аммо бешубҳа аз ӯҳдааш намебароем. Мо танҳо ба Худо халал расонда, бемаврид мегӯем: «Ана ин ва ин набояд бошад». Ба ҷои он ки дӯсти Домод будан амонро исбот кунем, дар ҳусни таваҷҷуҳи худ ба шахс пешпо мехӯрем, ва рӯзе ин шахс мегӯяд: «Як бадкирдор ба ман дучор шуд. Ӯ бо худ Масеҳро пинҳон кард, ва ман Масеҳро хуб дида натавонистам».

Ҳамроҳи шахс барои он чи аз боиси он шодӣ кардан лозим нест, набояд шодӣ кунед. «...Аммо дӯсти домод...аз шунидани овози домод бисёр шод мегардад: ҳамин шодии ман акнун комил

шудааст. Ӯ бояд бузург шавад, ва ман — хурд» (Юҳ.3:29–30). Ин суханҳо бо шодӣ гуфта шудаанд, на бо андӯҳ — ниҳоят одамон Худи Домодро мебинанд! Юҳанно мегӯяд: «...Шодии ман...» Худи коргар нест, вай ғайб зад ва дигар касе ӯро ёд намекунад.

Бо диққат гӯш кунед, то дар ҳаёти шахси дигаре овози Домодро шунавед. Мушавваш нашавед, ки бо шунидани ин овоз шахс ба воҳима меафтад, ҳама корҳояш дарҳам-барҳам мешаванд, мушкилот бо саломатӣ сар мешаванд — агар садои Ӯро шунавед, бо шодии бепоёни Илоҳӣ шод шавед. Бисёр вақт чунин мешавад, ки Исои Масеҳ бояд дар ҳаёти шахс ҳама чизро вайрон кунад, пеш аз он ки ин шахсро наҷот дода тавонад (Муқоиса кунед Мат.10:34).

84. НОЗУКТАРИН ВАЗИФАИ РӮИ ЗАМИН

«*...Дӯсти домод...*» (Юҳанно 3:29).

Меҳрубонӣ ва покӣ ҳеҷ гоҳ набояд диққатро ба худ ҷалб кунанд, онҳо бояд танҳо оҳанрабое бошанд, ки одамонро ба Исои Масеҳ ҷалб мекунанд. Агар муқаддасии ман одамонро ба Ӯ наздик накунад, ин муқаддасӣ даркор нест, ин танҳо як навъ ҷолибияти шахсияти инсонӣ аст, ки майли аз ҳад зиёд ба инсонро ба вуҷуд оварда, ҷонҳоро аз ҷӯйборҳо ба гирдоб мебарад. Муқаддастарин муқаддас метавонад барои Масеҳ монеа шавад, агар ба одамон на дар бораи Масеҳ, балки дар бораи он чизе ки Масеҳ барои ӯ кардааст, нақл кунад. Баъди ин гуна баромадҳо одамон як таассурот пайдо мекунанд: «Чӣ хел одами хуб!» Аммо дӯстони Домод ин корро намекунанд: маълум мешавад, ки на Ӯ, балки ман доимо бузург мешавам.

Ва барои он ки дӯсти ҳақиқӣ ва вафодори Домод бошем, мо бояд муносибати ҳақиқӣ ва зиндаро бо Ӯ беш аз ҳама чизи дигар, ҳатто беш аз итоаткорӣ қадр кунем. Баъзан аз мо ҳеҷ гуна итоаткорӣ талаб карда намешавад, танҳо як чиз лозим аст — робитаи зинда доштан бо Исои Масеҳ ва аз байн бурдани ҳама чизе ки ба ин робита халал мерасонад. Аз мо танҳо гоҳ-гоҳ итоаткорӣ талаб карда мешавад. Ҳангоме ки мо дар ягон

чорроҳа истодаем, бояд фаҳмем, ки хости Худо чист, аммо ба ҳар ҳол, мо бояд қисми зиёди ҳаёти худро на бо итоаткории бошуурона, балки бо нигаҳдории муносибатҳо бо Масеҳ сарф кунем — мо бояд дӯстони Домод бошем. Ҳатто меҳнати масеҳӣ метавонад шахсро аз Исои Масеҳ дур кунад. Ва ба ҷои дӯсти Домод будан, мо метавонем вазифаи нақшаи пешакии Худоро ба худ гирем ва бо асбобҳои Масеҳ бар зидди Ӯ амал кунем.

85. БИНОӢ ВА ПОКӢ

«Хушо покдилон, зеро ки онҳо Худоро хоҳанд дид» (Матто 5:8).

Покӣ — ин на танҳо бегуноҳӣ аст, балки як чизи хеле калонтар аст. Покӣ натиҷаи ҳамоҳангии дарозмуддати рӯҳонӣ бо Худост. Дар тозагӣ мо бояд нашъунамо кунем. Мо метавонем бо Худо муносибати дуруст дошта бошем ва аз дарун беайб бошем, аммо гоҳ-гоҳ мо аз берун баъзе олоишҳо ва доғҳоро пайдо мекунем. Ва Худо моро аз ин ҳифз намекунад, зеро ба шарофати ин мо мефаҳмем, ки мо бояд нигоҳи рӯҳонии худро бе тирагӣ нигоҳ дорем, покии шахсиро ҳифз намоем. Агар чизе дар ботини мо (ба маънои рӯҳонӣ) ақаллан каме нодуруст бошад, мо бояд корҳоро як сӯ гузошта, ҳам чизро ба тартиб дарорем. Дар хотир доред, ки биниши тез ба ҳолати ҷон вобаста аст — покдилон Худоро мебинанд.

Худованд ба файзи бузурги Худ моро пок месозад, вале мо бояд ин покиро нигаҳдорӣ кунем, зеро дар ҷаҳоне зиндагӣ мекунем, ки дар он бо одамони дигар ва дигар нуқтаҳои назар дар робита мешавем. Ҳам инҳо, ҳам онҳо на ҳамеша бенуқсонанд. Ва покии Худоро на танҳо дар маъбади ботинӣ, балки дар саҳнҳои берунӣ низ нигаҳдорӣ кардан лозим аст — онҳо бояд ба покие ки Худо ба мо бо файзи Худ ато мекунад, комилан мувофиқат кунанд. Ҳамин ки дар саҳни берунӣ партовҳо ҷамъ мешаванд, биниши рӯҳонии мо дарҳол ғуборолуд мешавад, фаҳмиши мо тира мегардад. Аммо агар мо бо Исои Масеҳ робитаи шахсӣ дошта бошем, ин ба он оварда мерасонад, ки баъзе фикрҳо ва амалҳо барои мо ғайри қобили қабул хоҳанд

шуд, мо ба баъзе чизҳое ки умуман ҷоиз ҳастанд ва манъшуда нестанд, даст намезанем.

Ва маслиҳати амалӣ оид ба чӣ гуна дар муносибатҳо бо дигарон пок нигоҳ доштани худ ин аст, ки ба худ гӯед: «Ин шахс дар *Исои Масеҳ комил аст!* Ин дӯст, ин хешованд дар *Исои Масеҳ комил аст!*»

86. БИНОӢ ВА ХИСЛАТ

«...Ба ин ҷо сууд намо, ба ту нишон диҳам...» (Ваҳӣ 4:1).

Фикрҳои олӣ танҳо дар он рӯҳе пайдо мешаванд, ки дар он одат ба чизи олӣ вуҷуд дорад. Агар шумо кӯшиш кунед, ки дар байни мардум то ҳадди бештарини муқаддасӣ зиндагӣ кунед, Худо ҳамеша ба шумо мегӯяд: «Эй дӯст, ба ин ҷо боло баро». Қоидаи тиллоӣ барои мубориза бо васвасаҳо ин аст: «Болотар баро». Шумо болотар мебароед, бо васвасаҳои дигар рӯ ба рӯ мешавед ва дар худ чизеро мебинед, ки пештар надида будед. Шайтон инсонро барои васвасаҳои нав болотар мебардорад, Худо ҳам баланд мебардорад, аммо мақсади ниҳоии Ӯ тамоман дигар аст. Ҳангоме ки шайтон шуморо ба кӯҳи хеле баланд мебарад, ба шумо чунин суханҳо мегӯяд, ки шумо ба худ мақсади аз ҷиҳати муқаддасии шахсӣ барои гӯшт ва хун тамоман дастнорас мегузоред ва акробати рӯҳонӣ шуда, ба ҷое боло мебароед ва аз ҷунбидан метарсед. Ва агар Худо шуморо ба файзи худ ба осмонҳо барорад, дар он ҷо на теппае ки дар он ба санг часпида нафас намекашед, балки суфакӯҳҳои азимеро меёбед, ки дар он ҳар ҷое ки хоҳед, роҳ рафтан мумкин аст.

Ҳаёти рӯҳонии худро дар ин ҳафта бо ҳаёти рӯҳонии ҳамон ҳафта, вале як сол пеш муқоиса карда, мебинед, ки Худо шуморо ба худ наздиктар, яъне ба болотар даъват кардааст. Ӯ ҳамаи моро ба болотар даъват мекунад, то мо аз он ҷо бештар бинем. Ҳеҷ як ҳақиқати Худоро беҳуда, на барои фавран аз рӯи он зиндагӣ кардан қабул накунед. Ҳар як ҳақиқати Худоро барои амалӣ намудан қабул кунед, дар нури он маҳкам биистед.

Нашъунамо дар файз на бо он, ки шумо пешпо нахӯрдаед ва поин нарафтаед, балки бо он муайян карда мешавад, ки шумо аз ҷиҳати рӯҳонӣ дар куҷо буданатонро мебинед, ва мешунавед, ки Худо ба одами ботинии шумо мегӯяд: «Ба ин ҷо боло баро».

«Оё он чи Ман карданиам, аз Иброҳим пӯшида дорам!» (Ҳас.18:17). Ба Худо лозим меояд он чиро, ки Ӯ карданӣ аст, аз мо пинҳон дорад, то даме ки мо ба он ҷое бароем, ки Ӯ онро ба мо ошкор карда метавонад.

87. ШОЯД ИН ЯК НАВЪ НОФАҲМӢ БОШАД?

«...„Боз ба Яҳудо биравем“. Шогирдонаш ба Ӯ гуфтанд: „... ва Ту мехоҳӣ боз ба он ҷо биравӣ?“» (Юҳанно 11:7–8).

Шояд ман намефаҳмам, ки Исои Масеҳ чӣ мегӯяд, аммо дар чунин ҳолатҳо хулоса баровардан хатарнок аст, ки Ӯ чизи нодуруст гуфтааст. Ҳеҷ гоҳ фикр кардан дуруст нест, ки итоаткории ман ба каломи Худо метавонад ба Масеҳ бешарафӣ оварад. Танҳо беитоатии ман метавонад ба Ӯ бешарафӣ оварад. Бо фаҳмиши худ дар бораи шарафи Ӯ иваз кардани он чизе ки Ӯ аз ман талаб мекунад, ҳамеша як маъно дорад: кори нодуруст кардан, гарчанде мо бо ниятҳои самимӣ амал мекунем ва намехоҳем, ки Масеҳ дар пеши назари мардум шарманда шавад. Ва шумо хости Худоро аз он фаҳмида метавонед, ки овози ӯ оромона ва боисрор садо медиҳад. Ҳангоме ки ман ҳама ҷиҳатҳои мусбат ва манфии кореро қиёс мекунам, ҳангоме ки шубҳаҳо бар ман ғалаба мекунанд ва нуқтаҳои назари муқобил дар рӯҳи ман мубориза мебаранд, ман на фикри Худоро, балки фикри худро илова мекунам ва ба хулосае меоям, ки дар худи ин фикр чизе нодуруст аст. Бисёрии мо ба ақидаҳоямон оид ба Исои Масеҳ вафодорем, аммо чанд нафари мо дар ҳақиқат ба Ӯ вафодорем? Вафодорӣ ба Исо маънои онро дорад, ки ман бояд ҳатто дар ҷое ки чизеро намебинам, аз пайи Ӯ равам (ниг. Мат.14:29). Вафодор будан аз рӯи ақидаҳои ман маънои онро дорад, ки ман аввал кӯшиш мекунам ҷойеро, ки меравам, бо ақли худ роҳамро тоза кунам. Имон бо фаҳмиш тамоман якчиз

нест, — ин имон итоати ихтиёрӣ ба Масеҳ аст, ҳатто дар он ҷое ки ҳеҷ чиз дар пеш намоён нест.

Шояд шумо низ ба қароре омада наметавонед, ки чӣ кор кунед — қадами имон ба Масеҳро гузоред ё мунтазир бошед, ки ҳама чизро бо чашмони худ бубинед ва дарк кунед? Бо шодӣ ва ба қафо нигоҳ накарда, ба Исо итоат кунед. Агар Ӯ чизе гӯяд, аммо шумо бо Ӯ мунозира кунед, ин ба он сабаб аст, ки андешаи шумо дар бораи шарафи Ӯ робитае бо шарафи Ӯ надорад. Пас шумо ба кӣ вафодор ҳастед — ба Масеҳ, ё ба ақидаатон оид ба Ӯ? Оё шумо ба гуфтаҳои Масеҳ вафодор ҳастед, ё кӯшиш мекунед суханони Ӯро ба мафҳумҳое ки Ӯ ба онҳо робитае надорад, мувофиқ созед? «Ҳар чи Ӯ ба шумо гӯяд, ба ҷо оваред» (Юҳ.2:5).

88. ТАШРИФҲОИ ҒАЙРИЧАШМДОШТИ ХУДОВАНДИ МО

«Шумо низ тайёр бошед» (Луқо 12:40).

Корманди киштзори Худо бояд дар ҳар лаҳза тайёр бошад, ки бо Исои Масеҳ вохӯрад. Ин барои ҳеҷ кас осон нест. Ва мо дар ин ҷо на гуноҳ, на душвориҳо, на вазъиятҳо, балки меҳнати аз ҳад зиёд ба мо имкон намедиҳад ҳар вақт ба пешвози Исои Масеҳ тайёр бошем. Ба мо аз ҳама бештар ана ҳамин даркор аст — на вохӯрдан бо ақидаҳои худ, на бо эътирофҳои имон, на бо саволҳо дар хусуси он, ки оё аз мо ягон фоидае ҳаст — мо бояд шахсан бо Исои Масеҳ вохӯрем.

Хеле кам воқеъ мешавад, ки Масеҳ ҳангоми Ӯро интизор буданатон ояд. Ӯ маҳз дар ҳамон ҷое пайдо мешавад, ки бо Ӯ вохӯрданро камтар аз ҳама интизорем, ва зоҳир шудани Ӯро мантиқан шарҳ додан ғайриимкон аст. Бинобар ин коргари киштзори Худо фақат дар он маврид ҳамеша ба Худо вафодор буда метавонад, ки ба омаданҳои ғайричашмдошти Худованд тайёр бошад. Муҳимтар аз ҳама он нест, ки мо чӣ қадар кор кардаем, муҳимтар аз ҳама ин дарки баланди воқеияти рӯҳонӣ, интизории доимии омадани Исои Масеҳ аст. Агар инро дошта

бошем, аз он чи Масеҳ моро бо он ба ҳайрат оварданӣ аст, ба таври кӯдакона ба ҳайрат мемонем. Ва агар хоҳем, ки ба дидор бо Исои Масеҳ тайёр бошем, мо бояд ҳама гуна динро (агар динро ҳамчун зоҳиршавии олии фарҳанги башарӣ фаҳмем) як сӯ партоем ва ҳаёти рӯҳонии ҳақиқӣ ба сар барем.

Агар шумо «ба Исо назар дӯзед» (Ибр.12:2) ва ба даъвати асри динӣ, ки дар он зиндагӣ мекунед, дода нашавед, агар бо дили худ ба он чи Ӯ мехоҳад, ва бо фикрҳоятон ба хоҳишҳои Ӯ саъю кӯшиш кунед, шуморо одами ноӯҳдабаро, хаёлпараст, идеалист меноманд. Аммо, ҳангоме ки Масеҳ дар байни ҷӯшу хурӯши воқеаҳо, дар худи «соати шитоб» зоҳир шавад, танҳо шумо ба ин тайёр хоҳед буд. Ва ба ҳеҷ кас, ҳатто ба муқаддастарин муқаддаси рӯи замин бовар накунед, ба ӯ аҳамият надиҳед, агар ӯ шуморо аз дидани Исои Масеҳ бо худ панаҳ кунад.

89. МУҚАДДАСӢ Ё ГУМ КАРДАНИ ТАВАҶҶУҲ БА ХУДО?

«...ва тааҷҷуб намуд, ки пуштибоне (шафоатгаре) нест» (Ишаъё 59:16).

Сабаби он ки бисёре аз мо дуо гуфтанро бас мекунанд ва таваҷҷуҳи худро ба Худо гум мекунанд, дар он аст, ки мо танҳо аз нуқтаи назари эҳсосотӣ ба дуо таваҷҷуҳ дорем. Мо дар бораи дуо суханҳои хеле зебо мегӯем, китобҳо мехонем, ки дуо кардан то чӣ андоза фоидаовар аст, ва ҳангоми дуо рӯҳ чӣ қадар ором мешавад, боло бардошта мешавад. Аммо Ишаъё мегӯяд, ки Худо аз чунин ақидаҳо дар хусуси дуо ба ҳайрат меояд.

Парастиши Худо ва шафоат бояд дасти ҳамдигар гиранд, яке бе дигаре ғайриимкон аст. Пуштибонӣ, шафоат маънои онро дорад, ки мо мекӯшем бо фикрҳо ва «ҳиссиёт»-и худ (ниг. Фил.2:5) ба сӯи Масеҳ боло равем, то дар бораи шахсе ки мо дар ҳаққи ӯ дуо мегӯем, ҳамон чизеро фикр кунем ва эҳсос намоем, ки Масеҳ дар бораи ӯ фикр мекунад ва эҳсос менамояд. Бисёр вақт мо дар вақти дуо Худоро парастиш намекунем, балки дар бораи дуо лексия мегӯем. Пас оё мо

Ӯро мепарастем ё бо Ӯ баҳс мекунем: «Намедонам, ки чӣ тавр Ту ин корро карда метавонӣ»? Охир ин нишонаи равшани он аст, ки мо Худоро парастиш намекунем. Ҳангоме ки мо Худоро аз пеши назар гум мекунем, мо чандирии рӯҳро гум мекунем ва догматист мешавем. Мо дархостҳои худро ба тахти Худо мепартоем ва ба Ӯ мегӯем, ки Ӯ бояд чӣ кор кунад. Мо ба Худо саҷда намекунем ва кӯшиш намекунем ҳамон ҳиссиётеро дошта бошем, ки Масеҳ дошт. Агар таваҷҷуҳ ба Худоро аз даст диҳем, мо таваҷҷуҳро ба дигарон низ гум мекунем.

Оё мо Худоро чунон парастиш мекунем, ки ба тахти Ӯ боло равем ва бо фикру ҳиссиёти Ӯ дар бораи касоне ки дар ҳаққи онҳо дуо мекунем, фаро гирифта мешавем? Оё мо дар муошират муқаддас бо Худо зиндагӣ мекунем, ё шавқу рағбати Ӯро гум карда, догматик мешавем?

«Аммо дар чунин маврид маълум мешавад, ки касе дуруст дуо намекунад!» — мегӯед шумо. Агар ҳеҷ кас дуруст дуо намегуфта бошад, ақаллан худатон дуруст дуо гӯед! Худоро парастиш кунед ва дар муошират муқаддас бо Ӯ зиндагӣ кунед. Бо дуои шафоат ба таври ҷиддӣ машғул шавед ва дар хотир доред, ки ин кор тамоми қувваи шуморо мегирад, аммо дар он ҳеҷ гуна дом нест. Дар мавъиза кардани Инҷил домҳо вуҷуд доранд, аммо дар дуои шафоат домҳо нестанд.

90. БОДИҚҚАТӢ Ё РИЁКОРӢ?

«Агар касе бародари худро бинад, ки гуноҳе мекунад, ки анҷомаш марг нест, бигзор дуо гӯяд, ва Худо ӯро ҳаёт мебахшад, дар бораи онҳое мегӯям, ки анҷоми гуноҳашон марг нест» (1 Юҳанно 5:16).

Агар аҳамият надиҳем, ки Рӯҳи Худо дар мо чӣ гуна амал мекунад, мо риёкорони рӯҳонӣ хоҳем шуд. Мо мебинем, ки дигарон дар кучо пешпо мехӯранд, ва мо ин ҳушёрии худро истифода бурда, дар ҳаққи онҳо дуо намегӯем, балки онҳоро танқид мекунем. Аммо Худо на аз он сабаб ба мо имкони дидани хатоҳои дигаронро медиҳад, ки мо ин қадар бино ҳастем, балки

барои он ки Рӯҳи Худо бевосита ба рӯҳи мо дохил мешавад, ва агар мо аҳамият надиҳем, ки ин огоҳӣ дар хусуси нокомилии каси дигар аз куҷо пайдо шудааст, мо ба манбаи танқиди беист табдил меёбем ва фаромӯш мекунем, ки Худованд гуфтааст: «... бигзор дуо гӯяд, ва Худо ӯро ҳаёт мебахшад, дар бораи онҳое мегӯям, ки анҷоми гуноҳашон марг нест». Риёкор набошед, агар худатон Худоро намепарастед, тамоми вақти худро танҳо барои ислоҳи дигарон сарф накунед.

Аз ҳамаи борҳои гароне ки Худо бар дӯши мо, муқаддасонаш мегузорад, аз ҳама осонтараш фирефта шудан бо бори гарони фаҳмидани хатоҳои дигарон аст. Худо ба мо чизеро нишон медиҳад, то китфҳоямонро зери бори гароне гузорем, ки ба шахси дигаре фишор меоварад, ва ин бори гаронро ба пеши Ӯ гузорем ва кӯшиш кунем, ки дар бораи ин шахс ҳамон гуна ҳиссиётҳоеро дошта бошем, ки Масеҳ дошт. Ва агар мо барои бародаре ки гуноҳ мекунад, он гуна шафоат кунем, чи тавре ки Худо мехоҳад, Ӯ ваъда медиҳад, ки ба онҳое ки «...анҷоми гуноҳашон марг нест...ҳаёт мебахшад...». Хулоса на он аст, ки Худоро то дараҷаи андешаҳоямон поён оварем, балки худро ба он дараҷае боло барем, ки Худо тавонад ба мо фикрҳои Худро дар бораи касе ки дар ҳаққаш дуо мегӯем, илҳом бахшад.

Оё Масеҳ ҳамон азобҳоеро, ки барои мардум дида буд, дар мо мебинад? Мо бояд бо Ӯ чунон пайваст шавем, ки саъйю кӯшиш кунем фикри Ӯро дар бораи касоне ки дар ҳаққи онҳо дуо мекунем, донем! Бигузор Худо ба мо ато кунад, ки дар ҳаққи одамон аз таҳти дил дуо гуфтанро ёд гирем, то ки Исои Масеҳ аз дуоҳои шафоати мо хеле хурсанд гардад.

91. САМИМИЯТ Ё САНГДИЛӢ?

«Масеҳ...дар ҳаққи мо шафоат низ мекунад», «...Ӯ [Рӯҳ] барои муқаддасон шафоат мекунад» (Румиён 8:34, 27).

Оё мо ба чунин далелҳо эҳтиёҷ дорем, то ки худамон барои дигарон шафоатгар бошем, ба истиснои онҳое ки Масеҳ «ҳамеша зинда аст, то барои онҳо шафоат кунад» (Ибр.7:25) ва

Рӯҳулқудс «барои муқаддасон шафоат мекунад»? Оё мо дар рӯҳ ва дил ба бародарони худ он қадар наздик ҳастем, ки ҳамеша барои онҳо ҳамчун фарзандони Худо, ки аз Рӯҳ таълим дода шудаанд, дуо мегӯем? Аз мушкилоти ҳозираи худ дар оила, дар ҷои кор, дар давлат сар кунед, аз мушкилоте ки моро ва дигаронро ба ташвиш меоварад, — оё онҳо ба мо аз ҳад зиёд фишор намеоваранд? Оё онҳо моро аз ҳузури Худо берун намекунанд ва барои парастиши Худо вақт намегузоранд? Агар ин тавр бошад, биёед биистем ва бо Худо чунон муносибате барқарор кунем, ки муносибати мо бо дигар одамон бо ёрии дуоҳои шафоат дастгирӣ карда шаванд ва Худо ба воситаи ин дуоҳо муъҷизаҳои худро ба амал оварад.

Эҳтиёт бошед, ки дар орзуи иҷро кардани хости Ӯ аз Худо пеш надавед. Мо дар ҳар яке аз ҳазорон корҳои худ аз Ӯ пеш медавем ва дар натиҷа мо чунон гирифтори бори гарони одамон ва мушкилоти худ мешавем, ки Худоро муборак намехонем ва барои одамон шафоат намекунем. Ва чун ба сари мо як навъ бори гарон афтад, чун чизе ба мо фишор оварад, дар ҷони мо, ки Худоро муборак намехонад, на танҳо дилсахтӣ нисбат ба Худо, балки ноумедӣ низ пайдо мешавад. Худо моро доимо бо одамоне ки бо онҳо ягон умумият надорем, рӯ ба рӯ мекунад, ва агар Худоро муборак нахонем, ҳатман бо ин одамон бераҳмона муносибат мекунем, оятҳои Китоби Муқаддасро ба онҳо иқтибос оварда, ки гӯё онҳоро бо найза сӯрох мекунем, ё ба онҳо шитобон маслиҳатҳои «рӯҳонӣ» дода, мегурезем. Ба масеҳиёни бераҳм нигоҳ карда, Худованди мо чӣ қадар ғамгин мешавад!

Пас, оё мо ба Худованд ва Рӯҳулқудс пайравӣ карда, барои дигарон шафоат мекунем?

92. ҶАЛОЛИ ОЛИТАРИН

«*Худованд...маро фиристод, то боз бино гардӣ*» (Аъмол 9:17).

Ҳангоме ки Павлус бино шуд, ӯ биноии рӯҳонӣ низ пайдо кард ва дар пеши назари худ Исои Масеҳро равшан дид. Ва тамоми ҳаёт ва мавъизаҳои минбаъдаи ӯ ғайр аз Исои Масеҳ аз чизи

дигаре иборат набуд — «...зеро ман қарор додам, ки дар миёни шумо, ғайр аз Исои Масеҳ, Он ҳам Исои Масеҳи масубшуда, чизе надонам» (1Қӯр.2:2). Ва ақлу ҷони Павлусро ба ғайр аз симои Исои Масеҳ ҳеҷ чиз ҷалб намекард.

Мо бояд омӯзем, ки хислати худро дар мувофиқати комил бо он чи дар Исои Масеҳ ба мо ошкор шудааст, нигоҳ дорем.

Шахси рӯҳонӣ наметавонад нафаҳмад, ки Исои Масеҳ барои ӯ чӣ маъно дорад, ва наметавонад ниятҳои Худоро ба дигарон нафаҳмонад. Як иштиёқи оташини ҳаёти ӯ Исои Масеҳ аст. Ва ҳамин ки шумо ин ёддоштро дар шахси дигар мешунавед, наметавонед эҳсос накунед, ки ин одам мувофиқи дили Худост.

Ҳеҷ гоҳ нагузоред, ки чизе чашмони шуморо аз Исои Масеҳ ба худ ҷалб кунад. Тамоми рӯҳонияти шумо аз ин маълум мешавад. Ва ғайрирӯҳонӣ будан маънои онро дорад, ки ҳаваси дигаре дошта бошед, чизе ки шуморо бештар аз Масеҳ ба худ ҷалб мекунад.

Ман танҳо ба Масеҳ нигоҳ кардам —
Ҳама чизро аз пеши назар гум кардам.
Рӯҳан ба Ӯ часпидам,
Ӯ нигоҳамро ба Худ ҷалб намуд.

93. АГАР ТУ МЕДОНИСТӢ!

«...Оҳ, кошки ту низ ақаллан дар ҳамин рӯзи худ медонистӣ, ки кадом чизҳо сӯи осоиштагии ту мебарад! Аммо ин ҳоло аз чашмони ту ниҳон аст» (Луқо 19:42).

Исо бо нидоҳои шодии издиҳом вориди Ерусалим шуд, шаҳр то таҳкурсии худ ба ларза даромад... Аммо бо ҳамаи ин дар он боз як худое ҳузур дошт — ғурури фарисиён. Вай ба назар диндор ва росткор метофт, аммо дар асл «қабри сафедкардашуда» буд.

Чӣ маро имрӯз «дар ин рӯзи ман» нобино мекунад? Шояд ман худои дигаре дошта бошам — ва на бути даҳшатнок, балки танҳо як ҳавасе ки маро идора мекунад? Худо маро на як бору ду бор бо ин худои сохтаном рӯ ба рӯ кардааст, ва ба назарам чунин метофт, ки вақти аз ӯ даст кашидан расидааст, аммо

ман ҳеҷ гоҳ аз ӯ даст накашидам. Ба ман бо навъе муяссар мешуд, ки аз тамоми душвориҳое ки ба сарам меомаданд, раҳой ёбам, аммо шитоб намекардам, ки аз оғӯши худои сохтаном раҳо шавам. Ман он чиро, ки ба оромии ман хизмат мекунад, намедидам. Чӣ даҳшатнок аст, ки мо метавонем дар ҷое бошем, ки байни мо ва Рӯҳи Худо ҳеҷ гуна монеа нест, аммо бо вуҷуди ин мо худамон боиси он мешавем, ки Худо моро боз ҳам бештар маҳкум мекунад.

«Кошки ту...медонистӣ...» — Худо бевосита ба дил гап мезанад ва бо ашки Исо гиря мекунад. Дар ин суханон дилсӯзона садо медиҳад, ки мо худамон ба сари худ ҷазоро меоварем. Худо аз мо барои он чи намебинем, ҷавоб талаб мекунад. «Ин акнун аз чашмони ту ниҳон аст...» Бале, зеро мо дар рӯҳ ба Худо итоат накардаем. Дар калимаи «агар» чӣ ғаму андӯҳи бепоён ниҳон аст! Худо ҳеҷ гоҳ дарҳои бастаро намекушояд. Дигар дарҳои навро мекушояд, аммо ба мо ёдрас мекунад, ки худамон баъзе дарҳоро бастаем, дарҳое ки ба ҳеҷ ваҷҳ бастан мумкин набуд, орзуҳоеро барҳам додаем, ки барҳам додан мумкин набуд. Агар Худо гузаштаро ба ёдатон оварад, ҳаргиз натарсед. Бигзор хотира корашро кунад. Хотира бандаи Худост, василаҳои он дар хизмат — фош кардан, ҷазо додан ва андӯҳ мебошанд. Ва Худо дар боқимондаҳои порушудаи ҳамаи «кошки»-ҳои мо ояндаи олидараҷаро мерӯёнад.

94. ҲУДУДҲОИ НОБОВАРӢ

«Инак, соате мерасад, ки шумо пароканда мешавед» (Юҳанно 16:32).

Масеҳ шогирдонро мазаммат намекунад, онҳо имон доштанд, аммо он дар изтироб буд, он худро дар амал нишон дода наметавонист. Ҳамаи шогирдон аз пайи корҳои худ пароканда шуданд, ва ҳар яки онҳо кореро ба ёд меовард, ки дар назди Исои Масеҳ барои он ҷой набуд. Пас аз он ки Худо моро муқаддас мегардонад ва ба Худ комилан мувофиқат мекунад, имонро дар амалҳои аниқ зоҳир кардан лозим аст. Мо пароканда

мешавем, ва на аз пайи корҳои худ, балки аз пайи танҳоии худ, мо дар худ маҳдуд мешавем ва бо ин восита мефаҳмем, ки барои баракатҳои Худо мурдан чӣ маъно дорад. Оё мо ба ин тайёрем? Мо худамон инро барои худ интихоб намекунем, Худо моро ба воситаи шароитҳои гуногун ба ин ҷо меоварад. То он даме ки мо аз ин мегузарем, имони мо бо эҳсосот ва баракатҳо дастгирӣ карда мешавад. Ҳангоме ки мо ба ин марҳала мерасем, новобаста ба он ки Худо моро ба куҷо мебарад ва танҳоии мо чӣ гуна хоҳад буд, мо метавонем Ӯро далерона ҳамду сано гӯем, ки ҳама чиз мувофиқи нақша аст. Ҳамин аст имоне ки дар амалҳои конкретӣ зоҳир мешавад.

«Ва Маро танҳо мегузоред». Оё мо пароканда шуда, Исоро танҳо нагузоштаем, агарчи бо хости Ӯ бошад ҳам? Шояд дар шароити ҳозираи худ мо Худоро намебинем? Торикӣ низ бо хости Худо ба сари мо меояд. Оё мо тайёрем ба Худо иҷозат диҳем, ки бо мо он чи Ӯ мехоҳад, кунад, оё тайёрем аз баракатҳои ошкоро дур шавем? То даме ки Исои Масеҳ Худованд нагардад, мо ҳама ба мақсадҳои худ хизмат мекунем. Имони мо воқеӣ аст, аммо ҳанӯз доимӣ нест. Худо ҳеҷ гоҳ ба ҷеҳ ҷой шитоб намекунад, ва агар мо барои интизор шудан сабр дошта бошем, мебинем, ки чӣ гуна Худо ба мо нишон медиҳад, ки мо на ба Ӯ, балки танҳо ба баракатҳои Ӯ таваҷҷуҳ доштем. Ба васвасаи баракатҳо муқобилат кардан қариб ғайриимкон аст.

«Лекин далер бошед: Ман бар ҷаҳон ғолиб шудаам» (Юҳ.16:33).

95. АЗОБҲОИ Ӯ ВА РОҲИ МО БА СӮИ Ӯ

«Баъд аз ин Исо бо онҳо ба мавзее ки Ҷатсамонӣ ном дошт, омад, ва ба шогирдон гуфт: „Дар ин ҷо бимонед ва бо Ман бедор бошед“» (Матто 26:36, 38).

Мо ҳеҷ гоҳ тамоми ғаму андӯҳи боғи Ҷатсамониро намефаҳмем, аммо ақаллан мо набояд онро нодуруст фаҳмем. Ин андӯҳи Худо ва Инсон дар як шахс аст, ки бо гуноҳ рӯ ба рӯ шуда буд. Аз таҷрибаи шахсии худ донистани Ҷатсамонӣ ба мо дода

нашудааст: боғи Ҷатсамонӣ ва Ҷолҷолто дари ҳаётро барои мо кушоданд ва онҳо дар шумораи ҷамъ буда наметавонанд.

Дар боғи Ҷатсамонӣ Исо на аз марг дар салиб метарсид — Ӯ борҳо ошкоро эълон карда буд, ки барои ҳамин омадааст ки бимирад. Дар боғи Ҷатсамонӣ Ӯ метарсид, ки ба ин озмоиш ҳамчун Писари Одам равад. Чун Писари Худо, Ӯ бешубҳа аз ин имтиҳон гузашт — дар ин ҷо шайтон ба Ӯ даст зада наметавонист. Аммо шайтон ҳама кори имконпазирро кард, то ки Масеҳ дар лаҳзаи муҳимтарин танҳо монад: ин маънои онро дошт, ки Ӯ ҳеҷ гуна Наҷотдиҳанда нахоҳад шуд. Тасвири азобҳои Масеҳро дар партави васвасаи Ӯ хонед: «Ва иблис тамоми озмоишро ба итмом расонда, то муддате аз Ӯ дур шуд» (Луқ.4:13). Дар боғи Ҷатсамонӣ шайтон баргашт, вале боз мағлуб шуд. Дар Ҷатсамонӣ Худованди мо бори охир бо шайтон ҳамчун *Писари Одам* рӯ ба рӯ шуд.

Азобҳои Ҷатсамонӣ азобҳои Писари Худо мебошанд, ки таъйиноти Худро ҳамчун Наҷотдиҳандаи ҷаҳон иҷро мекунад. Парда пеши мо бардошта шуд ва мо мебинем, ки барои Масеҳ чӣ арзише дошт ба мо имконият диҳад, ки фарзандони Худо шавем. Маҳз аз боиси азобҳои Ӯ наҷоти мо ин қадар осон шудааст. Салиби Масеҳ ғалабаи *Писари Одам* аст. Он на танҳо нишонаи тантанаи Худованди мо буд, вай нишонаи тантанаи наҷоти насли башар буд. Ва ба шарофати он чи Писари Одам аз сар гузаронидааст, акнун ҳар кас метавонад ба назди Худо биёяд ва бо Ӯ бошад.

96. БА ҲАМ БАРХЎРДАНИ ХУДО ВА ГУНОҲ

«Ӯ шахсан гуноҳҳои моро дар Бадани Худ ба дор бардошт» (1 Петрус 2:24).

Салиби Исо — ин ошкорсозӣ дар бораи доварии Худо бар гуноҳ аст. Фикреро, ки салиби Исои Масеҳ риёзаткашӣ аст, аз сари худ дур кунед. Салиб бузургтарин ғалаба буд, он дӯзахро то таҳкурсияш ба ларза овард. Ҳеҷ чиз дар вақт ва дар абадият аз он чи Исои Масеҳ дар салиб карда буд, муайянтар нест: Ӯ имкон

дод, ки тамоми насли инсоният муносибатҳои дурустро бо Худо барқарор кунад. Ӯ кафоратро асоси ҳаёти инсон гардонд, ва ба ин васила барои ҳар як писари одам роҳро барои мушоракат бо Худо кушод.

Салиб барои Масеҳ тасодуф набуд — Ӯ маҳз барои ҳамин ба замин омад. Ӯ «Барра, ки аз офариниши олам забҳ шуда буд» (Ваҳ.13:8). Тамоми маънои дар инсон таҷассум ёфтани Худо маҳз дар салиб аст. Ҳеҷ гоҳ Худоро, ки дар ҷисм зоҳир шуд, аз Писаре ки қурбонии гуноҳ шуд, ҷудо накунед. Таҷассум барои он амалӣ гардид, ки кафорат имконпазир шавад. Худо на барои амалӣ кардани Худ, балки барои он дар инсон таҷассум ёфт, ки гуноҳро мағлуб кунад. Дар салиб вақт ва абадият ба ҳам мепайванданд, он ҷавоби муаммоҳои ҳар дуи онҳост.

Салиби Масеҳ на салиби одамӣ, балки аз они Худост. Ва ба одам дода нашудааст, ки ба Салиби Худо барояд. Салиб ба ҷаҳон табиати Худоро ошкор кард, барои ҳар як намояндаи насли башар роҳи муттаҳидшавӣ бо Худоро кушод. Ҳангоме ки мо ба Салиб меоем, мо аз он намегузарем, балки дар ҳаёте ҳастем, ки даромадгоҳи онро Салиб барои мо мекушояд.

Салиби Исо дар маркази наҷоти мо қарор дорад, ва ба даст овардани наҷот барои мо аз он сабаб хеле осон аст, ки он ба Худо хеле гарон афтод. Салиб нуқтаест, ки дар он Худо ва одами гунаҳкор ба ҳам бармехӯранд ва дар он ҷо роҳи ҳаёт барои гунаҳкор кушода мешавад. Ва ин зарба ба дили Худо рост меояд.

97. ЧАРО ГАП ЗАДАН МУМКИН НЕСТ?

«Исо таъкид намуд, ки то Писари Одам аз мурдагон эҳё нашавад, он чи дидаанд, ба касе нагӯянд» (Марқус 9:9).

То он даме ки Писари Одам дар шумо эҳё нашавад, чизе нагӯед, то даме ки ҳаёти Масеҳи эҳёшуда шуморо он қадар фаро гирад, ки фаҳмед, ки Масеҳ ҳангоми дар рӯи замин қадамгузор буданаш чиро таълим медод. Ҳангоме ки ҳама чиз дар даруни шумо ба ҳолати муқаррарӣ меояд, ҳар як сухани гуфтаи Исо ба шумо

чунон равшан мешавад, ки ҳайрон мешавед, ки чӣ гуна онро пештар фаҳмида наметавонистед. Ва шумо онро аз он сабаб пештар фаҳмида наметавонистед, ки дар ҳолати пештараи худ ин калимаро дар худ ҷой дода наметавонистед.

Худованди мо ҳеҷ чизро аз мо пинҳон намекунад, мо то он даме ки ба ҳолати рӯҳонии дурусти рӯҳонӣ нарасем, ҳамаи ҳақиқатҳоро бардоштан наметавонем. «Боз бисёр чизҳои дигар дорам, ки ба шумо гӯям, лекин шумо ҳоло онҳоро бардоштан наметавонед» (Юҳ.16:12). Пеш аз он ки мо ягон калимаи конкретиро бардошта тавонем, мо бояд бо Масеҳи эҳёшуда дар робита шавем. Оё мо умуман бо Ӯ, ки эҳё шудааст, вохӯрдаем? Оё аз Ӯ ин ҳаёти нав, қувваи навро гирифтаем? Агар вохӯрдаем ва қабул кардаем, Каломи Ӯ барои мо равшан мегардад. Агар мо Рӯҳи Ӯро надошта бошем, Худо наметавонад ба мо чизеро ошкор кунад. Якравии мо метавонад як монеаи бартарафнашаванда дар роҳи ваҳйҳои Худо ба мо гардад. Агар мо қарор диҳем, ки дар ягон таълимот устувор бимонем, нури Худо дигар бар мо намедурахшад: мо онро дидан наметавонем. Аммо ҳангоме ки мо худро ба Масеҳи эҳёшуда ва ҳаёти нав мекушоем, ин нимторикӣ дарҳол пароканда мешавад.

«Фармуд, ки...ба касе нагӯянд...» — аммо баъди фуромадан аз кӯҳи дигаргуншавӣ даҳони бисёриҳо баста намешавад. Мардум чизеро дидаанд ва аз он чи дидаанд, шаҳодат медиҳанд, аммо дар зиндагӣ ҳама чиз дигар хел мешавад, зеро ки Писари Одам дар ин одамон ҳанӯз аз мурдагон эҳё нашудааст. Кай Ӯ дар ману шумо таҷассум хоҳад ёфт?

98. МАЪНОИ ЭҲЁИ Ӯ

«Оё Масеҳро лозим набуд ҳамаи инро аз сар гузаронда, ба ҷалоли Худ бирасад?» (Луқо 24:26).

Салиби Худованди мо роҳ ба ҳаёти Ӯст. Эҳёи Ӯ маънои онро дорад, ки акнун Ӯ қудрат дорад ҳаёти Худро ба ман диҳад. Ҳангоме ки ман аз олами боло таваллуд мешавам, ман аз Худованди эҳёшуда ҳаёти Ӯро мегирам.

Маънии эҳёи Худованди мо «ба ҷалол овардани писарони бисёр» буд. Ӯ эҳё шуд ва ҳуқуқ ба даст овард моро писарону духтарони Худо гардонад. Мо ҳеҷ гоҳ ба Худо он қадар наздик нестем, ки Писари Ӯ ба Ӯ наздик аст, аммо Писари Худо моро низ писарон мегардонад. Ҳангоме ки Худованди мо аз мурдагон эҳё шуд, Ӯ ба ҳаёти комилан нав, ба ҳаёте эҳё шуд, ки худаш пеш аз он ки ба инсон таҷассум ёбад, намедонист. Ӯ ба ҳаёте эҳё шуд, ки пештар вуҷуд надошт, ва эҳёи ӯ барои мо маънои онро дорад, ки мо ба ин ҳаёти нави Ӯ эҳё мешавем, на ба ҳаёти пешинаи худ. Як рӯз ҷисми мо мисли ҷисми эҳёшудаи Ӯ хоҳад шуд, аммо ҳозир низ мо метавонем донем, ки Эҳёи Ӯ ба мо чӣ медиҳад, ва дар ҳаёти нав қадам занем, то ки «Ӯро, *ва қуввати эҳёи Ӯро...*» дарк намоем (Фил.3:10).

«Зеро ки Ӯро бар тамоми башар қудрат додаӣ, то ба ҳар кӣ Ту ба Ӯ бахшидаӣ, ҳаёти ҷовидонӣ диҳад» (Юҳ.17:2). «Рӯҳулқудс» номи шахсии Ҳаёти Абадӣ аст, ки аллакай дар ин ҷо ва аллакай ҳозир дар одамон амал менамояд. Рӯҳулқудс Худоест, ки беист бо қудрат кафоратро барои мо воқеият мегардонад. Чӣ қадар мо бояд аз Худо барои ҳақиқати пурҷалол ва бузургвор миннатдор бошем, ки Рӯҳулқудс метавонад дар мо шабоҳати Масеҳро ба вуҷуд оварад, агар мо ба Ӯ итоаткор бошем.

99. ОЁ МАН ӮРО ДИДААМ?

«Баъд аз он ба сурати дигар ба ду нафари онҳо...зоҳир шуд» (Марқус 16:12).

Наҷот ёфтан ва дидани Масеҳ як чиз нест. Бисёр шарикони файзи Худо ҳастанд, ки ҳеҷ гоҳ Масеҳро надидаанд. Ва баъд аз он ки шахс Масеҳро мебинад, вай ҳеҷ гоҳ мисли пештара нахоҳад буд — бисёре аз чизҳое ки пештар барои ӯ ҷолиб буданд, акнун барои ӯ ҳеҷ аҳамият нахоҳад дошт.

Ҳеҷ гоҳ Худи Масеҳро бо он коре ки Ӯ барои шумо кардааст, омехта накунед. Агар шумо танҳо онро донед, ки Масеҳ барои шумо чӣ кардааст, пас Худои шумо ҳанӯз он қадар бузург нест. Ва агар шумо Масеҳро рӯ ба рӯ дида бошед, он гоҳ

новобаста ба он ки бо шумо чӣ рӯй медиҳад, шумо истодагарӣ карда метавонед, ки «мисли он ки Нонамоёнро дида бошед» (Ибр.11:27). Нобинои модарзод намедонист, ки Исо кист, то даме ки Ӯ ба вай зоҳир шуд ва Худро ошкор кард. Исо ба касе ки Ӯ барояш коре кардааст, дар ҳақиқат ҳамон аст, аммо мо наметавонем ба Ӯ амр кунем, ки мувофиқи хости мо зоҳир шавад. Ӯ дар вақти мехостааш омада метавонад. Ва он гоҳ он мард мегӯяд: «Акнун мебинам» (Юҳ.9:25). Масеҳ бояд ба ҳама шахсан зоҳир шавад — ҳам ба дӯсти шумо ва ҳам ба худатон.

Ҳеҷ кас Масеҳро бо чашмони шумо дида наметавонад. Ва агар яке Масеҳро дида, дигаре надид, дар байни онҳо шикофе пайдо мешавад. Агар Худо дӯстатонро назди Худ наоварад, ҳар қадар хоҳед ҳам, ҳеҷ гоҳ ӯро оварда наметавонед. Оё шумо Масеҳро дидаед? Агар дида бошед, мехоҳед, ки дигарон низ бинанд. «Онҳо баргашта, ба дигарон хабар доданд, лекин ба онҳо низ бовар накарданд» (Марқ.16:13). Он чи дидаед, ба дигарон нақл кунед, ва бовар кардан ё бовар накардан кори онҳост.

Оҳ, чӣ гуна мехостам ҳама чизро ба ту нақл кунам!
Оҳ, чӣ гуна орзу доштам он чи дидаам, супорам!
Аммо аз куҷо суханонеро ёбам, то ба ту фаҳмонам,
Ки файзи Масеҳро бичашӣ ва қабул намоӣ?

100. МАСЪАЛАИ ГУНОҲРО ҲАЛ КАРДАН ЛОЗИМ АСТ

«...Зеро медонем, ки инсони кӯҳнаи мо бо Ӯ маслуб шудааст, то ки ҷисми пургуноҳ ботил гардад, ва мо дигар бандагони гуноҳ набошем» (Румиён 6:6).

Маслуб кардан... Оё ман қарор додам бо гуноҳ ин гуна амал намоям — онро дар дохили худ кушам? Пеш аз он ки ман ҷуръат карда, нисбати гуноҳ амалҳои қатъӣ андешам, вақти зиёд лозим мешавад, аммо ҳангоме ман қарор мекунам, ки чунон ки Исои Масеҳ барои гуноҳҳои ҷаҳон мурд, ман низ бояд гуноҳро дар худам бикушам, дигаргунии зиёд ба амал меояд. На маҳдуд кардан, фишор овардан, безарар кардан,

балки маслуб кардан, ба марг маҳкум кардан. Ҳар кас ин қарорро барои худ қабул мекунад. Мо метавонем эътиқодоти хеле ҷиддӣ, ҳатто эътиқодоти динӣ дошта бошем, аммо бояд ба қароре оем, ки Павлус дар ин суханон ба таври возеҳ дар бораи он сухан меронад.

Қувваи худро ҷамъ кунед, бо Худо суҳбат кунед ва қарор қабул кунед ва бигӯед: «Худовандо, марги Худро марги ман бигардон, то даме ки бидонам, ки гуноҳ дар ман мурдааст». Бо кӯшиши ирода эътироф кунед, ки гуноҳе ки дар шумо зиндагӣ мекунад, бояд ба марг маҳкум карда шавад.

Барои Павлус ин на танҳо интизории чизи аҷоиб, балки нуқтаи воқеии ҳалкунанда ва гардиш буд. Оё ман тайёрам, ки Рӯҳи Худо маро имтиҳон кунад, то даме ки донам, реша ва моҳияти гуноҳ чист — он чи дар ман бар зидди Рӯҳи Худо мубориза мебарад? Ва агар фаҳмам, оё бо ҳукми Худо бар он — то ки ин гуноҳ бо Масеҳ дар салиб бимирад — розӣ мешавам? Агар ман дар назди Худо ин масъалаи асосии иродаи худро ҳал накарда бошам, худро «барои гуноҳ мурда» ҳисоб карда наметавонам.

Пас, оё ман шарафи бузурги бо Масеҳ маслуб шуданро қабул кардаам, то даме ки дар хун ва ҷисми ман танҳо ҳаёти Масеҳ боқӣ монад? «Ман бо Масеҳ маслуб шудаам ва акнун на ман зиндагӣ мекунам, балки Масеҳ дар ман зиндагӣ мекунад» (Ғал.2:19–20).

101. МОНАНДИИ БОШУУРОНАИ ЭҲЁ

«Зеро ки агар мо дар мисоли мамоти Ӯ бо Ӯ пайванд шуда бошем, дар мисоли эҳёи Ӯ низ пайванд хоҳем буд» (Румиён 6:5).

Эҳёи муштарак. Далели он, ки ман бо Масеҳ маслубшавиро аз сар гузаронидаам, шабоҳати манро бо Ӯ ёфтан мумкин аст — онро бо ҳеҷ чиз омехта кардан мумкин нест. Рӯҳи Масеҳ ба ҳаёти ман ворид шуда, онро ба тартиб медарорад. Эҳёи Масеҳ ба Ӯ ҳақ дод, ки ба ман ҳаёти Худоро диҳад ва ҳаёти воқеии ҳаррӯзаи ман бояд дар асоси ҳаёти Ӯ сохта шавад. Ҳозир ман

метавонам ҳаётеро дошта бошам, ки Масеҳи эҳёшуда дорад ва он дар муқаддасӣ зоҳир хоҳад шуд.

Дар тамоми номаҳои Павлуси ҳавворӣ идеяе ба назар мерасад, ки пас аз қабули қарори пайванд шудан бо марги Масеҳ, ҳаёти Масеҳи эҳёшуда ба тамоми ҳастии ман дохил мешавад. Барои дар ҷисми миранда ҳаёти Писари Худоро ба сар бурдан қудрати комили Худо талаб карда мешавад. Рӯҳулқудс меҳмон буда наметавонад, Ӯ метавонад танҳо соҳибхона бошад ва ҳама чизро бо Худ пур кунад. Ҳангоме ман қарор медиҳам, ки «одами кӯҳна»-и ман (табиати гунаҳкори меросӣ) бояд бо Масеҳ ба марг биравад, Рӯҳулқудс маро фаро мегирад. Ӯ ҳама чизро назорат мекунад. Аз ман талаб карда мешавад, ки дар нур рафтор кунам ва ба ҳар чизе ки Ӯ ба ман ошкор мекунад, итоат кунам. Агар ман қарор дода бошам, ки гуноҳро хотима диҳам, худамро барои гуноҳ мурда ҳисоб кардан бароям осон аст, зеро ман ҳамеша ҳаёти Масеҳро дорам. Чунон ки танҳо як намуди одам вуҷуд дорад, ҳамон тавр танҳо як навъ муқаддасӣ вуҷуд дорад — қудсияти Масеҳ, ва маҳз ҳамин қудсият ба ман дода шудааст. Худо қуддусии Писари Худро ба ман мегузорад ва ман ба маънои рӯҳонӣ як мавҷудоти насли дигар мешавам.

102. ПУРРАГИИ БОШУУРОНАИ ЗИНДАГӢ

«*Мамот дигар бар Ӯ қудрат надорад...аммо ин ки зинда аст, барои Худо зинда аст... Ҳамин тавр шумо низ худро барои гуноҳ кардан мурда, аммо барои Худо зинда ҳисоб кунед*» (Румиён 6:9–11).

Ҳаёти абадӣ бо ҳамроҳи Масеҳ. Ҳаёти абадӣ — ин ҳамон ҳаётест, ки Исои Масеҳ дар бадани одамӣ ба сар мебурд, ва худи ҳамин ҳаёт, на шабоҳати он, дар ҷисми мирандаи мо ҳангоми аз олами боло аз Худо таваллуд шудани мо зоҳир мешавад. Ҳаёти абадӣ туҳфаи Худо нест, ҳаёти абадӣ худи Худост, ки Худро ҳамчун туҳфа пешкаш кардааст. Он қувват, он қудрате ки дар Исо зоҳир шуда буд, дар мо бо файзи Худо

ошкор хоҳад шуд, агар мо дар хусуси гуноҳ қарори возеҳу равшан қабул кунем.

«Аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо нозил шавад, қувват хоҳед ёфт» (Аъм.1:8). Қувват — ин тӯҳфа аз Рӯҳулқудс нест, Худи Рӯҳулқудс қувват аст, на чизи берунӣ дар робита бо Ӯ. Ҳаёте ки дар Исои Масеҳ буд, пас аз он ки мо қарор додем ҳаёти худро бо Ӯ пайваст кунем, ба шарофати Салиби Ӯ аз они мо шуд. Далерона ба чашмони Худо нигаристани мо душвор аст, ва ҳамааш аз он сабаб, ки мо намехоҳем аз гуноҳ даст кашем. Аммо ҳамин ки аз он даст кашем, тамоми пуррагии ҳаёти Худо ба ҷонҳои мо мешитобад. Масеҳ омад, ки ба мо ҳаёт ато кунад, «то бо тамоми пуррагии Худо пур шавед» (Эфс.3:19). Ва ягона сарчашмаи ҳаёт Исои Масеҳи Худованд аст.

Заифтарин шахси муқаддас моҳияти қудрати илоҳии Писари Худоро эҳсос карда метавонад, агар тайёр бошад, ки «таслим шавад». Ва ҳама гуна кӯшишҳои худи мо ҳаёти Исоро танҳо хира мекунанд, хомӯш мекунанд. Мо бояд дастҳои худро торафт пасттар кунем, ва он гоҳ оҳиста-оҳиста бо пуррагии бузурги Худо пур мешавем, ва одамон хоҳанд донист, ки мо бо Исо будем.

103. БО БОРИ ГАРОН ЧӢ БОЯД КАРД?

«*Бори диларо ба Худованд парто*» (Забур 54:23).

Мо бояд фарқ кунем, ки кадом борҳои гаронро бардоштан даркор аст, ва кадом борҳоро не. Бори гуноҳ ва шубҳаро бардоштан ҳеҷ гоҳ даркор нест, аммо борҳое ҳастанд, ки Худо бар мо гузоштааст ва гирифтанӣ нест. Ӯ мехоҳад, ки мо ин борҳоро боз ба дӯши Ӯ гузорем. Дар яке аз тарҷумаҳои Китоби Муқаддас чунин гуфта шудааст: «Он чиро, ки Ӯ ба ту додааст, ба дӯши Худованд гузор». Агар мо барои Худо кореро ба ӯҳда гирем ва аз Ӯ дур шавем, робитаро бо Ӯ қатъ кунем, ҳисси масъулият ба мо фишор меоварад, моро ба замин зер мекунад, то даме ки нафаскашӣ ғайриимкон шавад. Ва агар мо бори дигар он чиро, ки Худо бар дӯши мо гузоштааст, ба дӯши Ӯ гузорем, Ӯ ҳисси

масъулиятро аз мо дур мекунад ва ба ҷои ин ба мо фаҳмиши Кӣ будани Ӯро медиҳад.

Бисёр коргарон далерона ва бо ниятҳои нек корро сар мекарданд, вале бо Исои Масеҳ наздикии ҳақиқӣ надошта, ба зудӣ ба фишор тоб оварда натавонистанд. Бо бори худ чӣ кор карданашонро намедонанд, онро дар ҳама ҷо бар китфонашон бардошта мегарданд ва албатта хаста мешаванд. Ва мардум мегӯянд: «Хеле хубғамангез ба охир расонд!»

«Бори дилатро ба Худованд парто» — худат онҳоро набардор, ҳатто канори онҳоро ба китфи худ, бар дӯши Худо гардон. «... Ҳукмронӣ бар дӯши Ӯ хоҳад буд» (Иш.9:6). Он чиро, ки Худо ба шумо додааст, ба Ӯ диҳед. Ба замин напартоед, балки ҳам бори худро, ҳам худро ба Худо супоред. Ва он вақт бор сабуктар метобад, зеро дигар онро ба танҳоӣ намебардоред. Аммо аз бори худ дур шуда наметавонед, бинобар ин онро тарк кардан ҳам лозим нест.

104. РӮҲИ ШИКАСТНОПАЗИР

«Юғи Маро ба гардани худ гиред ва аз Ман таълим ёбед» (Матто 11:29).

«Ҳар киро Худованд дӯст дорад, ҷазо медиҳад» (Ибр.12:6). Чӣ гуна шикоятҳои ночиз дорем! Худованд ҳоло моро ба он ҷое ки бо Ӯ мушоракат карда метавонем, роҳнамоӣ мекунад, аммо мо аллакай оҳу нола мекунем: «Худовандо! Имкон деҳ, ки мисли ҳама бошем!» Масеҳ моро даъват мекунад, ки бо Ӯ як юғро ба гардан гирем: «Юғи Ман хуш аст, бо Ман зери як юғ дароед ва аробаро ба ҳам мекашем». Оё мо дар ҳақиқат бо Исои Худованд ба як ароба баста шудаем? Агар ин тавр бошад, мо танҳо Худоро шукр мегӯем, ки Ӯ дар ҷое моро бо дасташ зер кардааст.

«Ӯ хастаро қувват мебахшад» (Иш.40:29). Худо омада, моро аз гиряи мотам берун мекунад, ва он гоҳ мотами мо ба суруди ҳамду сано мубаддал мегардад. Шумо қудрати Худоро танҳо ҳамон вақте фаҳмида метавонед, ки юғро ба гардан гиред ва аз Масеҳ ва аз Ӯ таълим гиред.

«Шод будан ба ҳузури Парвардигор қуввати шумост». Муқаддасон шодии худро аз куҷо мегиранд? Агар ману шумо ягон муқаддасеро намешинохтем, мо гуфта метавонистем: «Аҳволи ӯ хуб аст! Ӯ ҳеҷ ғам надорад». Пардаро бардоред. Агар касе оромиву равшанӣ ва шодии Худоро дошта бошад, бояд ягон хел бори гарон низ дошта бошад. Боре ки Худо мегузорад, хӯшаҳои ангурро пахш мекунад — ва май ҳосил мешавад. Аксари мо танҳо майро мебинем, аммо ҳеҷ бореро намебинем, ва дар рӯи замин ва дар дӯзах ҳеҷ қудрате нест, ки Рӯҳи Худоро дар рӯҳи инсон мағлуб карда тавонад, Ӯ мағлубнашаванда аст.

Ва агар нола кардан хоҳед, ба ин хоҳиш дода нашавед, онро қатъиян аз худ дур кунед. Қудрати Худоро дошта, нотавон будан ҷиноят аст.

105. ИСТИРОҲАТИ РӮҲОНӢ ТАШКИЛ НАКУНЕД

«Валекин баландиҳо аз Исроил дур карда нашуд; аммо дили Осо тамоми айёми ӯ амин буд» (2 Вақоеънома 15:17).

Осо дар корҳои худ на ба таври пурра итоаткор буд. Вай дар чизи асосӣ дуруст рафтор мекард, вале на дар ҳама кор. Эҳтиёт бошед ва дар он ҷое кор беаҳамият метобад, чунин нагӯед: «Ин чизҳои хурд аст. Чӣ фарқе дорад, ки ман дар ин ҷо чӣ гуна рафтор мекунам?» Агар барои шумо фарқ надошта бошад, барои Худо маҳз ҳамин чизи хурд аҳамияти хеле зиёд дошта метавонад. Ва умуман, барои фарзанди Худо ҳеҷ чизи майда-чуйда нест. Пас, чаро баъзеи мо дарсеро, ки Худо ба мо омӯзондан мехоҳад ва бо пурсаброна ба мо мефаҳмонад, аз худ карда наметавонем. Шумо мегӯед: «Ман медонам, ки мувофиқи хости Худо зиндагӣ мекунам». Аммо «баландиҳо» боқӣ мондаанд: дар баъзе мавридҳо шумо на ба таври пурра итоаткор ҳастед. Оё аз даҳон кафк бароварда исбот мекунед, ки дилатон шуморо ба ҳеҷ чиз маҳкум намекунад? Аммо дар баробари ин, дар умқи ҷонатон шумо шубҳаҳо боқӣ мондаанд, ки оё шумо ҳама корро дуруст мекунед, ва ин шубҳаҳоро Худо

ба шумо мефиристад. Ва агар дар ягон кор шубҳае бошад, ин корро бояд тарк кунед. Дар ҳаёт чизҳои хурд нестанд.

Оё чизе ҳаст, ки ба ҷисм ё ақли шумо дахл дорад, ва шумо ба он умуман аҳамият намедиҳед? Дар чизи асосӣ шумо дуруст рафтор мекунед, аммо аз бисёр ҷиҳатҳо бепарвоёна рафтор мекунед, ва решаи мушкилот дар набудани таваҷҷӯҳ аст. Худро бо он тасаллӣ додан, ки бояд гоҳ-гоҳ аз диққатдиҳии рӯҳонӣ истироҳат кунед, ҳамон аст, ки ба дилатон тавсия диҳед, ки аз задан бозмонада каме истироҳат кунад. Наметавонӣ аз ахлоқ як рӯз истироҳат карда, одами ахлоқӣ бимонӣ. Шумо наметавонед рӯзҳои истироҳат аз ахлоқ ташкил кунед ва бо вуҷуди ин шахси хушахлоқ бошед. Худо мехоҳад, ки шумо комилан ба Ӯ тааллуқ дошта бошед, ва ин маънои онро дорад, ки шумо бояд доимо ҳушёр ва бодиққат бошед. Ва барои ин вақт даркор аст. Аммо баъзеи мо ҳамеша интизори болоравии фаврии рӯҳонӣ ҳастем.

106. ПАРВОЗҲО ВА МУҚАРРАРӢ

«То даме ки нур бо шумост, ба нур имон оваред» (Юҳанно 12:36).

Мо ҳама лаҳзаҳое дорем, ки худро он қадар хуб ҳис мекунем, ки гӯё ҳеҷ гоҳ чунин набуд, ва мо мегӯем: «Ман дар худ қувватро барои ҳама кор ҳис мекунам. Кош ҳамеша чунин мебуд!» Аммо гап дар он аст, ки набояд ҳамеша чунин бошад. Дар чунин лаҳзаҳо, он ба мо танҳо ошкор карда мешавад, ки ҳангоме рӯҳу ҷон тамоман дигар хел аст, мо бо чӣ зиндагӣ хоҳем кард. Бисёр касон дар рӯзҳои муқаррарӣ ҳеҷ фаъолияти зиндагӣ зоҳир намекунанд, онҳо танҳо бо болоравии рӯҳонӣ зиндагӣ мекунанд. Аммо шумо бояд на танҳо дар лаҳзаҳои ин болоравӣ, балки мунтазам, дар рӯзҳои муқаррарӣ бо ин болоравиҳо зиндагӣ кунед.

Ва нагузоред, ки он ҳиссиёте ки боиси болоравии рӯҳонии шумо шудааст, аз байн равад. Пойҳои худро ба сӯи оташдон дароз карда, гуфтан лозим нест: «Чӣ лаҳзаҳои мӯъҷизаосо! Ҷони кас чӣ сабукӣ ҳис мекунад!» Шумо бояд амал кунед,

фавран амал кунед, кореро бетаъхир анҷом диҳед, ақаллан аз он сабаб, ки шумо ҳозир ҳеҷ кор кардан намехоҳед. Агар Худо дар ҷамъомади дуо ба шумо кореро нишон диҳад, нагӯед, ки «мекунам» — *ин корро кунед!* Аз гиребони худ гирифта хуб ларзонед, то танбалии худро таконед. Танбалӣ ҳамеша интизори болоравиҳо хоҳад буд, аммо мо бояд ҳамеша ба болоравиҳо тайёр бошем. Мо бояд дар рӯзҳои муқаррарӣ дар партави он чи дар қуллаҳо дидем, зистанро ёд гирем.

Ноумед нашавед, ки дар коре як дафъа ноком шудед, бори дигар кӯшиш кунед. Ҳамаи кӯпрукҳоро дар паси худ сӯзонед ва қарори бошуурона қабул кунед, ки ба Худо вафодор мемонед. Ва он гоҳ қарорҳои худро тағйир надиҳед, агар онҳо дар партави болоравиҳо рӯҳонӣ қабул шуда бошанд.

107. МУВАФФАҚ ШУДАН Ё АЗ ДАСТ ДОДАН

«Чун Шимъуни Петрус шунид, ки ин Худованд аст, ҷомаашро ба худ печонд, чунки бараҳна буд, ва худро дар баҳр андохт» (Юҳанно 21:7).

Оё бо шумо чунин шуда буд, ки шумо дар як лаҳзаи душвор бошуурона, қатъиян ва бебозгашт аз ҳама чиз даст кашидед? Дар чунин лаҳзаҳо ҳама чизро ирода ҳал мекунад. Ин аксар вақт он вақт мешавад, ки масъала ба чизи моддӣ, берунӣ дахл дорад, вале даст кашидан аз чизҳои моддӣ чизе намедиҳад. Даст кашидани ҳақиқӣ на дар зоҳир, балки дар ботин рӯй медиҳад. Аз чизи беруна даст кашида, шумо метавонед дар ғуломии комил бимонед.

Оё шумо иродаи худро дар назди Исои Масеҳ фурӯтан кардед? Ҳама чиз ба ирода вобаста аст, на ба эҳсосот. Эҳсосот танҳо оби тиллои зоҳирӣ аст, моҳияти шартномаи шумо бо Масеҳ дар онҳо нест. Агар ба ҳиссиёт пайравӣ кунед, ҳеҷ гоҳ бо Масеҳ ҳеҷ чизро муросо намекунед. Ва аз Худо напурсед, ки агар ба Ӯ итоаткор шавед, чӣ ваъдае медиҳад, балки танҳо дар он чизе ки дар айни замон мебинед ва мефаҳмед, ба Ӯ итоат кунед — ҳам дар чизҳои хурд, ҳам дар корҳои ҷиддӣ.

Агар шумо дар мавҷҳо овози Исои Масеҳро шунида бошед, бигзор эътиқодҳо ва принсипҳои шумо бо шамол бираванд — танҳо ба Масеҳ бичаспед.

108. ТАЙЁР БУДАН

«...ва Худо...сӯи вай хонда, гуфт... Вай гуфт: „Лаббай!“» (Хуруҷ 3:4).

Ҳангоме ки Худо бо мо сухан мегӯяд, бисёре аз мо мисли одамоне ҳастем, ки дар тумани ғафс гум шудаем — мо ба ҳеҷ чиз ҷавоб намедиҳем. Ва ҷавоби Мусо нишон медиҳад, ки ӯ аллакай ба ҷое баромадааст. Агар касе барои амал кардан тайёр бошад, ин маънои онро дорад, ки дар муносибати ӯ бо Худо ҳама чиз ба тартиб аст ва ӯ медонад, ки дар айни замон дар куҷост. Мо бо худ банд ҳастем, ба Худо мегӯем, ки ба куҷо рафтан мехоҳем. Аммо мукофотро касе мегирад, ки тайёр аст ба Худо хизмат кунад ва корҳои Ӯро ба амал оварад, зеро дарҳол ба даъвати Худо ҷавоб медиҳад. Мо чизи бузург, ғайриоддӣ, бесобиқаро интизорем, ва ҳангоме ки ин рӯй медиҳад, мо дигар дудилагӣ намекунем ва дарҳол фарёд мезанем: «Лаббай». Ҳангоме ки Масеҳ ошкору аён зоҳир мешавад, мо ба таври даркорӣ амал мекунем, аммо ба корҳои ноаён ва норавшан тайёр нестем.

Ва ба хизмати Худо тайёр будан — ба иҷрои ҳам кори хурдтарин ва ҳам бузургтарин тайёр будан аст, ва дар ин ҷо ҳеҷ тафовуте нест. Чӣ кор карданро мо интихоб намекунем: мо бояд ба он чи Худо пешкаш мекунад, тайёр бошем. Ва агар мо овози Худоро он гуна шунавем, ки Худованди мо овози Падарашро мешунид, пас ҳангоме ки имконияти кардани кореро дорем, бо тамоми муҳаббат ба Худо ба ҳама кор тайёрем. Исои Масеҳ мехоҳад бо мо ҳамон тавре рафтор кунад, ки Падараш бо Ӯ рафтор мекард. Ӯ метавонад моро ба ҳар ҷое ки Ӯ хоҳад, равона кунад, метавонад ба мо корҳои писандида ва на он қадар писандидаро супорад, зеро иттиҳоди мо бо Ӯ ҳамон иттиҳодест, ки Ӯ бо Падар дорад. «...то як бошанд, чунон ки Мо як ҳастем» (Юҳ.17:22).

Ба он омода бошед, ки Худо метавонад ногаҳон назди шумо биёяд.

Онҳое ки тайёранд, ба тайёрӣ эҳтиёҷ надоранд. Танҳо фикр кунед, ки чӣ қадар мо вақтро барои тайёрӣ ба кори Худо сарф мекунем, ҳангоме ки Худо моро ҳақиқатан даъват мекунад! Буттаи фурӯзон рамзи ҳамаи он чизҳоест, ки ҷони ба хизмати Худо омодаро иҳота мекунанд — он бо ҳузури Худо месӯзад.

109. ЧӢ ҶОИ ТАРС АСТ?

«...Зеро ки Юоб ба тарафи Адӯниё моил шуда буд, вале ба тарафи Сулаймон[2] *моил нашуда буд...»* (3 Подшоҳон 2:28).

Юоб ба имтиҳони ҷиддӣ тоб овард ва ба Довуд комилан вафодор монд ва ба ҷолибият ва васвасаи Абшолӯм дода нашуд, аммо дар охири умраш аз пайи Адӯниёи тарсончак рафт. Ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунед, ки дар он ҷое ки касе пешпо мехӯрад, каси дигар низ метавонад пешпо хӯрад (ниг. 1Қӯр.10:13). Оё шумо дар вақти озмоиши бузург устувор мондед? Пас, дар корҳои майда-чуйда алалхусус ҳушёр бошед, онҳоро ночиз наҳисобед.

Ба назари мо касе, ки ба озмоиши вазнине бо муваффақият тоб овардааст, пас аз он ба васвасаи дунявӣ дода намешавад. Тахмин кардан зарур нест, ки ин васвасаҳо аз кучо пайдо мешаванд — васвасаи харобиовартарин маҳз аз он ҷое ки шумо интизор набудед, пайдо мешавад. Ва он чизҳои хурде ки мо онҳоро нодида мегирифтем, маҳз пас аз ғалабаҳои бузурги рӯҳонӣ ба мо таъсир мерасонанд. Ин чизҳои ночиз ҳатман ба қатори пеш намебароянд, аммо шумо бояд дар ёд нигоҳ доред, ки онҳо аз байн нарафтаанд, ва агар ҳушёриро аз даст диҳед, онҳо метавонанд шуморо пешпо диҳанд. Ва агар дар озмоишҳои бузург ва душвор ба Худо вафодор будед, пас аз ҷараёнҳои зеризаминӣ ҳазар кунед. Ҳеҷ зарурате нест, ки дар худ гуноҳеро ҷуста, ба оянда бо тарс нигоҳ кунед, танҳо бояд дар назди Худо

[2] Дар нусхаҳои дигар *Абшолӯм* гуфта шудааст. Масалан, дар «Инҷили тафсирӣ»-и Лопухин гуфта мешавад, ки хондани «Абшолӯм» «бешубҳа дуруст аст» — Тавзеҳи. тарҷ.

ҳушёрӣ, ақл ва хотираи солимро нигоҳ доред. Қувваи беэҳтиёт сустии дукарата аст, зеро чизҳои хурд маҳз ба он ба таври пинҳонӣ наздик омада метавонанд. Маҳз ҷиҳатҳои боқуввати қаҳрамонони Китоби Муқаддас онҳоро пешпо медоданд, на ҷиҳатҳои заифи онҳоро.

«Бо қуввати Худо, ба воситаи имон нигоҳ дошта мешавед...» (1Пет.1:5) — ин ягона роҳи боэътимод аст.

110. ОЁ ШАХСИ МУҚАДДАС МЕТАВОНАД ХУДОРО БАДГӮЙ КУНАД?

«...Зеро ки ҳамаи ваъдаҳои Худо дар Ӯ „оре“ буд ва дар Ӯ „омин“ буд...» (2 Қӯринтиён 1:20).

Масеҳ масалеро дар бораи талантҳо гуфт (Матто 25), то моро огоҳ кунад, ки мо қувваи худро нодуруст ба ҳисоб гирифта метавонем. Ва ин масал на дар бораи атоҳои (лаёқатҳо) табиии мо, балки дар бораи атои Рӯҳулқудс аст, ки дар рӯзи Пантикост фуруд омад. Ба мо лозим нест, ки қобилиятҳои рӯҳонии худро бо маълумот ё зеҳн чен кунем — қобилияти мо дар соҳаи рӯҳонӣ бо ваъдаҳои Худо чен карда мешавад. Ва агар мо он чиро, ки Худо ба мо ато карданӣ аст, надошта бошем, ба зудӣ Ӯро айбдор мекунем, чунон ки ғулом хоҷаашро айбдор карда буд: «Ту аз ман кореро интизор ҳастӣ, ки қувватам ба он намерасад, аммо барои иҷрои ин кор ба ман қувват надодӣ. Ту кори аз ҳад зиёдро талаб мекунӣ, ва ман дар ин шароит ба Ту вафодор монда наметавонам». Ҳангоме ки сухан дар бораи Рӯҳи тавонои Худо меравад, ҳеҷ гоҳ нагӯед, ки «ман наметавонам». Ҳеҷ гоҳ ба ақиб нигоҳ накунед, ки аз рӯи табиати худ чӣ кор карда метавонед ва чӣ кор карда наметавонед: агар мо Рӯҳулқудсро қабул карда бошем, Худо интизор аст, ки кори Рӯҳ низ дар мо зоҳир мешавад.

Ғулом дар ҳама чиз худро сафед мекард ва дар ҳама чиз хоҷаашро маҳкум мекард: «Талаботи ту ба он чизе, ки додаӣ, нокифоя аст». Ё шояд мо низ дар ташвиш шуда, ба Худо ҳангоми тамоман сазовори ин набуданаш бадгӯй кардаем, дар ҳоле ки Ӯ гуфтааст: «Аввал дар пайи Подшоҳии Худо ва ростии Ӯ бошед, ва

ҳамаи ин чизҳо низ ба шумо дода мешаванд» (Мат.6:33)? Ва дар ташвиш шудан маънои онро дорад, ки маҳз ҳамон чизеро гӯед, ки ғулом аз масал гуфтааст: «Ман ин корро карда наметавонам». Танбали рӯҳонӣ бо танбалии худ қудрати Худоро зери шубҳа мегузорад. Танбалҳо ҳамеша бо роҳи «худ» мераванд.

Ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунед, ки қобилияти мо дар масъалаҳои рӯҳонӣ бо ваъдаҳои Худо чен карда мешавад. Оё Худо ваъдаҳояшро иҷро карда метавонад? Ҷавоби мо ба он вобаста аст, ки оё мо Рӯҳулқудсро гирифтаем.

111. АКНУН ХУДОВАНДРО НАРАНҶОНЕД!

«Ин қадар вақт Ман бо шумо будам, ва ту Маро нашинохтӣ, Филиппус?» (Юҳанно 14:9).

Эҳтимол, Худованди мо аз он ҳайрон мешавад, ки то чӣ андоза мо ҳама чизро душвор мегардонем. Мо маҳз ҳамон вақт худро дар ҳолати хандаовар мегузорем, ки аз худамон чизе бофта мебарорем. Агар оддӣ зиндагӣ кунем, ҳеҷ гоҳ шармсор намешавем ва ба нохушӣ дучор намешавем. Филиппус интизор буд, ки сирри бузурге ба ӯ ошкор мешавад, аммо ӯ Сирри Зиндаро, ки дар пешаш буд, намедид. Асрори Худо на дар он чизе мебошанд, ки дар оянда хоҳанд буд, балки дар он чизе, ки аллакай ҳаст. Аммо мо мунтазири он ҳастем, ки ин асрор дар ҳодисаҳои оянда, дар як навъ дигаргуншавиҳо ба мо ошкор мешаванд. Аслан, мо ба итоат кардан ба Исо зид нестем, аммо аллакай бо саволҳои худ Ӯро меранҷонем. «Худовандо! Падарро ба мо нишон деҳ». Ва Ӯ ҷавоб медиҳад: «Охир, Ӯ дар ҳамин ҷост. Агар Ӯро дар ин ҷо намедида бошед, Ӯро дар ҳеҷ ҷо намебинед». Мо ҳама мечӯем, ки чӣ тавр Худо Худро ба фарзандонаш ошкор мекунад ва Худо Худро танҳо дар фарзандонаш зоҳир мекунад. Худо дар ин фарзандон ба дигарон намоён аст, аммо ба худи фарзандон — не. Мо мехоҳем эҳсос кунем, ки Худоро чӣ гуна ҳис мекунем, аммо шахс наметавонад эҳсосоти худро аз берун ҳис кунад ва девона нашавад. Ва агар мо аз Худо хоҳиш кунем, ки ба мо эҳсосоти то ҳол номаълуме ато кунад, ё эҳсосоте

ки аллакай аз сар гузаронидаем, ба мо халал расонанд, мо Худовандро меранҷонем. Худи саволҳои мо Ӯро меранҷонанд, зеро фарзандон ба падарашон чунин саволҳо намедиҳанд.

«Дили шумо музтариб нашавад» (Юҳ.14:1, 27) — оё ман бо изтироби дили худ Исоро намеранҷонам? Агар ман ба Масеҳи ҳақиқӣ бовар кунам, оё аз рӯи ҳамин имони худ зиндагӣ мекунам? Ман бояд ба назди Худо мисли худам биёям ва ҳама чизро аз Ӯ чунон ки ҳаст, қабул кунам. Худо ҳеҷ гоҳ ҳеҷ касро дар оянда роҳнамоӣ намекунад, Ӯ ҳамеша ҳамаро худи ҳозир роҳнамоӣ мекунад. Бифаҳмед, ки Худованд маҳз ҳозир бо шумост, — ва шумо дарҳол сабукӣ ҳис мекунед.

112. НУРЕ, КИ НАМЕДУРАХШАД

«Аммо ҳамаи мо, бо рӯи кушода...ба ҷалоли Худованд нигариста...» (2 Қӯринтиён 3:18).

Бандаи Худо бояд чунон танҳо бошад, ки ҳатто ба гӯшаи хаёлаш ҳаргиз наояд, ки танҳо аст. Дар марҳалаҳои аввали ҳаёти масеҳӣ аксар вақт ноумедӣ пайдо мешавад: касоне ки барои мо нур буданд, хомӯш мешаванд; касоне ки дар паҳлӯи мо истода буданд, моро тарк мекунанд. Ва мо бояд ба он чунон одат кунем, ки ба танҳо мондани худ ҳатто аҳамият надиҳем. «...ҳама маро тарк карданд... Аммо Худованд ёри ман буд...» (2Тим.4:16–17). Мо бояд имони худро на бар оташпаракҳое ки фурӯзон шуда, хомӯш мешаванд, балки бар нуре ки ҳеҷ гоҳ хомӯш намешавад, асоснок кунем. Ҳангоме ки одамони «калон» моро тарк мекунанд, мо ғамгин мешавем, то он даме ки фаҳмем, ки бояд ҳамин тавр шавад: ҳама одамон мераванд. Ва ягона коре ки бояд кунем, он аст, ки худамон ба рӯи Худо нигоҳ кунем.

Бигузор чизе ба шумо халал нарасонад, ки бодиққат ба рӯи Худо нигоҳ карда, бинед, ки Ӯ ба шумо ва таълимоти шумо чӣ гуна муносибат мекунад. Ва ҳангоме ки мавъиза карданӣ мешавед, ҳатман аввал ба Худо нигоҳ кунед, он гоҳ ҳама чиз бо ҷалоли Ӯ фаро гирифта мешавад. Корманди киштзори Худо шахсест, ки ҳамеша ба рӯи Худо нигоҳ мекунад ва сипас бо

одамон гуфтугӯ мекунад. Хизмати Масеҳ бо ҷалоли абадӣ фаро гирифта шуда буд, ки Худи Масеҳ дар бораи он фикр намекард ва «Мусо надонист, ки пӯсти чеҳрааш, ба сабаби гуфтугӯи Худо бо ӯ, медурахшид» (Хур.34:29).

Худо ҳеҷ гоҳ моро даъват намекунад, ки шубҳаҳои худро нишон диҳем ё хурсандиҳои ҳаёти худро бо Худо дар назди ҳама изҳор намоем. Сирри ҳаёти коргар дар он аст, ки диққати ӯ ҳамеша ба Худованд аст.

113. ПАРАСТИШИ КОР

«*...хизматгорони Худо ҳастем...*» (1 Қӯринтиён 3:9).

Аз ҳамаи хизматҳои барои Худо мекардаатон эҳтиёт шавед, ки имкон медиҳанд дар бораи Ӯ фаромӯш кунед, пас ин хизматҳоро тарк кунед. Бисёре аз коргарони киштзори Худо кори худро парастиш мекунанд. Аммо коргар бояд фақат ба як чиз ғамхорӣ кунад: дар маркази ҳама чиз Худо истад. Ва агар ҳамин тавр шавад, дар ҳама чизи дигар — дар андешаву эҳсос ва рӯҳ — мо бо озодии кӯдак, кӯдаки фармонбардори Худо озод хоҳем буд, на инҷиқу худхоҳ. Ва коргаре ки мувофиқи ин оҳанги тантананок, мувофиқи Худо амал намекунад, худаш сарашро зери юғи меҳнаташро мегузорад, худаш аз тамоми озодии ҷисм, ақл ва рӯҳро аз худ медуздад, ва дар натиҷа қувваи худро аз даст медиҳад ва зери бори тоқатфарсо меафтад. На озодӣ ҳаст, на ҳаловат — асабҳо, ақлу дил чунон дар шиддат ҳастанд, ки баракати Худо наметавонад бар онҳо ором гирад. Ва баръакс: агар Худо дар сари ҳама чиз бошад, инсон озодии комилро эҳсос мекунад ва танҳо ба Худо итоат мекунад. Ва Худо аз шумо коратонро намепурсад, балки мепурсад, ки оё бо Ӯ доимо дар робитаи зинда будед ва оё ба чизе имкон додед, ки дар миёни шумо монеа бошад. Озодие ки пас аз муқаддас шудан меояд, озодии кӯдак аст. Ҳар он чизе ки шуморо дар банд нигоҳ медошт, аз байн рафт. Аммо танҳо дар хотир доред, ки ин озодиро барои як мақсад ба даст овардаед — ба Шахсе ки шуморо ҳамчун ҳамкор бо худ гирифтааст, комилан вафодор бошед.

Мо ҳақ надорем доварӣ кунем, ки дар куҷо бояд бошем ё дар бораи он ки Худо моро барои чӣ тайёр мекунад, тасаввуроти нодурусти пешакӣ дошта бошем. Худо ҳама чизро фикр кардааст ва ҳар ҷое ки Ӯ моро мегузорад, мақсади ягонаи мо бояд садоқатмандии беинтиҳо ба Худо дар вазифаи конкретӣ бошад, ки ба мо супурда шудааст. «Ҳар коре ки карданаш аз дасти ту ояд, алоқадри қуввати худ бикун» (Воиз 9:10).

114. АЗ ПАЙИ МӮД НАДАВ

«...Аммо аз он шод нашавед, ки рӯҳҳо ба шумо итоат мекунанд...» (Луқо 10:20).

Ба мо, коргарони киштзори Худо, на сулҳ, на гуноҳ, балки худсаронаи рӯҳонӣ аз ҳама хатари зиёд дорад. Мо қолаберо, ки мӯди динии замони мо ба мо пешкаш мекунад, ба асос мегирем ва аз рӯи меъёрҳои ин мӯд хоҳони комёбӣ мешавем. Аммо ба мо ҳеҷ гоҳ лозим нест, ки ризоияти касеро ғайр аз Худо ҷӯем, мо бояд «хории Ӯро бардошта, берун аз бошишгоҳ сӯи Ӯ бароем» (Ибр.13:13). Масеҳ ба шогирдонаш гуфт, ки онҳо набояд аз муваффақияти худ дар хизмат шод шаванд, аммо ба ҳар ҳол, ба назар чунин метобад, ки ин ягона чизест, ки аксари мо аз он шодӣ мекунем. Тамоми муносибати мо тиҷоратӣ аст: ҳоло ин қадар ҷонҳо наҷот ва тақдис ёфтанд, Худоро шукр, ки ҳоло ҳама чиз хуб аст. Кори мо аз он ҷо сар мешавад, ки файзи Худо таҳкурсӣ гузоштааст, кори мо на наҷот додани ҷонҳо, балки таълим додани онҳост. Наҷот ва тақдис кори файзи Худост, ки зери итоат касе нест, ва кори мо, кори шогирдони Масеҳ ин аст, ки дигаронро таълим диҳем, то он даме ки онҳо ба Худо комилан итоат кунанд. Як ҷони комилан ба Худо таслимшуда дар назди Худо аз сад рӯҳе ки аз Рӯҳи Ӯ фақат бедор шудаанд, арзишмандтар аст. Мо, онҳое ки барои Худо кор мекунанд, бояд ба маънои рӯҳонӣ ба худ монандҳоро дубора тавлид кунем ва ин такрористеҳсолкунӣ шаҳодати Худоро дар бораи мо, коргарон, дар бар хоҳад гирифт. Худо бо файзи худ моро он гуна мекунад, ки мо дар навбати худ бояд дигаронро чунон созем.

Ва агар коргар ҳаёти «бо Масеҳ дар Худо ниҳон» зиндагӣ накунад (Қӯл.3:3), эҳтимол, вай на шогирди абадӣ, балки диктатори тоқатфарсо мегардад. Аксари мо раҳбар ҳастем, мо ба одамон як-як ва ба тамоми мардум якбора раҳбарӣ мекунем, ки онҳо чӣ гуна бояд зиндагӣ кунанд. Ва Исо ҳеҷ гоҳ ба мо аз боло чизе намефармояд. Ҳар гоҳе ки Худованди мо дар бораи шогирдӣ сухан мегуфт, бо калимаи «агар» сар мекард, на бо калимаи «ту бояд». Шогирдӣ — кори хосаи шахсии ихтиёрӣ аст.

115. ВАҚТУ БЕВАҚТ ОМОДА БОШ

«*...дар вақти муносиб ё номуносиб омода бошӣ...*» (2 Тимотиюс 4:2).

Бисёре аз мо «дар вақти номуносиб исрор кардан»-ро хеле дӯст медорем. Ва дар ин ҷо на дар бораи вақт, балки дар бораи мо сухан меравад: «дар вақти муносиб ё номуносиб омода бошӣ» маънои «омода бош, новобаста ба он, ки ба ту маъқул аст ё не»-ро дорад. Агар мо фақат кори мехостаамонро кунем, баъзеи мо то абад ҳеҷ коре нахоҳанд кард. Дар соҳаи рӯҳонӣ одамоне ҳастанд, ки аз ҷиҳати рӯҳонӣ комилан маъюб, фарсуда ҳастанд, ки агар илҳоми фавқуттабиӣ бар онҳо фуруд наояд, аз ҳама кор даст мекашанд. Аммо агар мо бо Худо муносибати хуб дошта бошем, ҳар кори аз дастамон меомадаро мекунем, бо илҳом ва бе илҳом.

Яке аз хатарноктарин домҳое ки коргар дар киштзори Худо ба он афтода метавонад, ба худо табдил додани лаҳзаҳои нодири наздикии хос бо Худо аст. Ҳангоме ки Рӯҳи Худо ба шумо илҳом мефиристад, он чиро, ки пештар надидаед, ба шумо ошкор мекунад, шумо мегӯед: «Акнун ҳамеша чунин мешавад». Не, намешавад! Ва Худо чунин мекунад, ки ин на ҳамеша чунин хоҳад буд. Ин лаҳзаҳо ба шумо вобаста нестанд, ин туҳфаи Худост. Шумо наметавонед онҳоро барои худатон тавре ки мехоҳед, тартиб диҳед. Агар ба худ гӯед, ки баъд аз ин ҳамеша дар беҳтарин ҳолат мешавед, барои Худо бори вазнин мешавед ва бе ҳиссаи навбатии илҳом ҳеҷ коре намекунед. Агар лаҳзаҳои болоравии рӯҳонии шумо бароятон худо шаванд, шумо мебинед,

ки худи Худо дида намешавад ва шунида намешавад. Ӯ танҳо ҳамон вақт бармегардад, ки шумо аз лаҳзаҳои нодири илҳом бут насохтанро ёд мегиред.

116. БОЛОРАВӢ

«...Писари худро...бигир...ва дар он ҷо ӯро бар яке аз кӯҳҳое ки ба ту хоҳам гуфт, барои қурбонии сӯхтанӣ барор» (Ҳастӣ 22:2).

Хислати шахс муайян мекунад, ки ӯ хости Худоро чӣ тавр мефаҳмад (ниг. Заб.17:26–27). Иброҳим амри Худовандро амри куштани писараш фаҳмид, ва ӯ аз ин фаҳмиш танҳо дар ивази дарду ранҷҳои сахт раҳо шуда тавонист. Аммо дар акси ҳол Худо имони ӯро пок карда наметавонист. Агар мо бо имони самимӣ ба гуфтаҳои Худо итоат кунем, Худо моро аз асорати урфу одатҳое ки Ӯро на чунон ки ҳаст, қаламдод мекунанд, берун мекунад. Ва ин гуна гумроҳиҳо зиёданд, ки бояд аз онҳо раҳо шавем: масалан, мегӯянд, ки Худо фарзандро аз модар барои он мегирад, ки модар ӯро аз ҳад зиёд дӯст медорад — дурӯғи шайтонӣ ва масхара ба зоти аслии Худо! Ва агар шайтон моро аз баромадан ба қуллаҳо ва халос шудан аз тасаввуроти нодуруст дар бораи Худо боздоштанӣ шавад, маҳз ҳамин корро мекунад. Аммо агар мо ба Худо вафодор бошем, Худо моро аз озмоишҳои дарднок мегузаронад ва моро ба дарки беҳтари Худ роҳнамоӣ мекунад.

Имони Иброҳим ба Худо аз он сабаб бузург буд, ки ӯ тайёр буд ҳар чизеро, ки Худо хоҳад, ба ҷо оварад. Ӯ тайёр буд ба Худо итоат кунад ва парвое надошт, ки оё ин ба ягон эътиқоди ӯ мухолифат мекунад. Иброҳим барои эътиқоди худ то дами мурдан истодагарӣ намекард, вагарна Исҳоқро мекушт ва мегуфт, ки овози фариштаовози шайтонист. Мутаассибон маҳз ҳамин тавр мекунанд. Агар шумо ба Худо вафодор монед, Худо шуморо аз тамоми монеаҳо гузаронда, рост ба манзилҳои махфӣ мебарад, ки дар он шумо Ӯро шинохта метавонед. Шумо танҳо бояд аз эътиқод ва принсипҳои худ даст кашед. Шумо инчунин набояд аз Худо талаб кунед, ки шуморо имтиҳон кунад. Ҳеҷ гоҳ

он чиро нагӯед, ки Петрус гуфт: «Ман ҳама корро мекунам ва то ба марг бо Ту меравам». Иброҳим чунин изҳорот накарда буд — ӯ танҳо ба Худо вафодор монд. Ва Худо имони ӯро пок кард.

117. ШУМО ЧӢ МЕХОҲЕД?

«Ва оё ту барои худ чизҳои бузург талаб мекунӣ» (Ирмиё 45:5).

Оё шумо чизи бузург талаб мекунед? Гап дар бораи он нест, ки оё худатон бузург шудан мехоҳед, балки дар он аст, ки оё аз Худо барои худ чизи бузург талаб мекунед. Худо мехоҳад, ки шумо ба Ӯ наздиктар шавед ва на танҳо аз Ӯ туҳфаҳо қабул кунед, балки Ӯро дар ҳақиқат шиносед. Ҳама чизи «бузург» ҳеҷ аст; он меояд ва меравад. Аммо Худо ба мо чизҳои холӣ намедиҳад. Ва чизе осонтар аз он нест, ки бо Худо дар муносибатҳои муқаррарӣ ва дуруст бошед, агар ба шумо, албатта, ба худи Худо даркор бошад, на он чизе ки шумо аз Ӯ ба даст оварда метавонед.

Агар то ҳол танҳо аз Худо чизе талаб карданро ёд гирифта бошед, ҳанӯз нафаҳмидаед, ки аз ҳама чиз даст кашидан чӣ маъно дорад — шумо ба таври худ масеҳӣ шудаед. «Ман аз Худо Рӯҳулқудсро дархост кардам, аммо Ӯ ба ман оромӣ ва осоишро, ки интизор будам, надод». Худованд дарҳол нишон медиҳад, ки чаро он чизеро, ки шумо талаб мекунед, ба даст намеоваред — шумо тамоман Худовандро намеҷӯед, шумо барои худ чизе меҷӯед. Масеҳ мегӯяд: «Биталабед, ба шумо дода мешавад» (Мат.7:7). Ҳар чизеро, ки мехоҳед, аз Худо хоҳиш кунед, аммо агар на он чизеро хоҳиш кунед, ки даркор аст, аслан пурсида наметавонед. Ва ҳар қадар ба Худо наздик шавед, ҳамон қадар камтар аз Ӯ «чизе» талаб мекунед. «...Падари шумо тамоми эҳтиёҷоти шуморо, пеш аз он ки талаб кунед, медонад» (Мат.6:8). Пас умуман пурсидан чӣ даркор аст? Барои шинохтани Ӯ.

Оё шумо чизи бузург талаб мекунед? «Худовандо, маро бо Рӯҳулқудс таъмид деҳ». Агар Худо ин корро накунад, ин аз он сабаб аст, ки шумо то охир ба Ӯ итоат накардед, шумо аз кардани коре даст кашидаед. Оё шумо тайёред ба худ савол

диҳед: аз Худо чӣ мехоҳед ва чаро онро мехоҳед? Худо ба комил будани шумо дар замони ҳозира коре надорад, Ӯ мехоҳад, ки шумо дар оянда комил бошед. Ӯ шуморо худи ҳозир муборак ва хушбахт карданӣ нест, Ӯ бо он машғул аст, ки шуморо ба камолоти ниҳоӣ расонад, «...то ки онҳо як бошанд, чунон ки Мо як ҳастем» (Юҳ.17:22).

118. ШУМО ЧӢ БА ДАСТ МЕОВАРЕД

«...вале ҷони туро дар ҳар маконе ки биравӣ, барои ту ғанимат хоҳам гузошт» (Ирмиё 45:5).

Ин аст сирри тағйирнопазири Худованд барои ҳамаи онҳое ки ба Ӯ таваккал мекунанд: «Ҷони туро барои ту ғанимат хоҳам гузошт». Ва ба ғайр аз ҷони худ ба одам чӣ лозим аст? Агар ҷон набошад, ҳеҷ чиз нахоҳад буд. «Ғанимат хоҳам гузошт» маънои онро дорад, ки ҳар ҷое ки равед, ҳатто агар он дар гармӣ бошад ҳам, шумо бо ҷони худ берун хоҳед омад: ҳеҷ чиз ба он зарар расонида наметавонад. Аксари мо бо худнамоӣ банд ҳастем — ҳатто агар на бо сарвату неъмат, балки бо баракатҳоямон фахр кунем. Ҳамаи ин бояд партофта шавад. Аммо чизи дигаре ҳаст, ки ба ҳеҷ ваҷҳ набояд партофта шавад — ҳаёте ки «бо Масеҳ дар Худо ниҳон аст» (Қӯл.3:3).

Оё шумо тайёред, ки Худо шуморо бо Ӯ муттаҳид созад ва дигар ба он чизе ки шумо бузург меномед, аҳамият надиҳед? Оё тайёред аз ҳама чиз даст кашед, комилан ҳама чизро тарк кунед? Шумо метавонед инро ба таври оддӣ тафтиш кунед: шумо тайёред, агар напурсед: «Аммо ин чӣ мешавад?» Аз ҳар гуна «чӣ мешавад, агар» эҳтиёт шавед. Ҳамин ки шумо дар бораи он фикр мекунед, ки бо чизе чӣ бояд кард, ё аз чизе даст кашидан дареғ аст, ин маънои онро дорад, ки шумо ба Худо итоат накардаед, ба ӯ комилан эътимод надоред. Ва ҳангоме ки шумо тобеъ мешавед ва таваккал мекунед, дигар дар бораи чӣ кор кардани Худо фикр намекунед. Даст кашидан аз ҳама чиз маънои даст кашидан аз пурсидани ҳама гуна саволҳоро дорад. Агар комилан ба Худо тобеъ шавед, дарҳол ба шумо

мегӯяд: «Ҷони туро барои ту ғанимат хоҳам гузошт». Мардум аз зиндагӣ хаста мешаванд, зеро Худо ба онҳо чизеро надодааст, зеро онҳо ҷони худро ба ғанимат нагирифтаанд. Агар аз ҳама чиз даст кашед ва ба Худо тобеъ шавед, метавонед аз чунин хастагӣ раҳоӣ ёбед. Ва ҳангоме ки метавонед ба Худо тобеъ шавед, ҳайронтарин ва хурсандтарин шахси рӯи замин хоҳед буд — шумо комилан аз они Худо мешавед ва Худо ҷони шуморо ғанимат медиҳад. Ва агар ин бо шумо ҳанӯз воқеъ нашуда бошад, ин ё аз он сабаб аст, ки шумо аз ягон ҷиҳат ба Худо беитоатӣ мекунед, ё аз оддитар будан худдорӣ мекунед.

119. НОМАЪЛУМИИ ПУРФАЙЗ

«*...ҳанӯз маълум нашудааст он чи хоҳем буд*» (1 Юҳанно 3:2).

Мо табиатан чунон ба ҳисоб кардани ҳама чиз майл дорем, ки ҳар номаълумӣ ба мо нодуруст метобад. Ба назармон, мо бояд ҳамеша ба чизе ноил шавем, аммо ҳаёти рӯҳонӣ бо қонунҳои тамоман дигар идора карда мешавад. Моҳияти ҳаёти рӯҳонӣ аз он иборат аст, ки шумо бояд ҳама чизро донед ва дар натича дар ягон ҷо қарор нагиред. Ақли солим ба мо мегӯяд: «Агар ман дар чунин вазъият мебудам...» Аммо мо танҳо тасаввур карда наметавонем, ки мо дар вазъияте ки ҳанӯз аз сар нагузарондаем, чӣ гуна рафтор мекунем.

Боварӣ ба фардо нишонаи ҳаётест, ки онро ақли солим идора мекунад. Номаълумии пурфайз нишонаи ҳаёти рӯҳонӣ аст. Боварӣ ба Худо нобоварӣ аз ҳама чизи дигар аст, надонистани он аст, ки рӯзи оянда моро чӣ интизор аст. Одатан ин суханон бо оҳи ғамангез талаффуз мешаванд, ҳол он ки рӯҳи моро на андӯҳ, балки интизории шодӣ бояд фаро гирад. Мо ба қадами ояндаи худ боварӣ надорем, аммо ба Худо боварӣ дорем. Ва ҳангоме ки комилан ба Худо итоат мекунем ва кореро ба ҷо меоварем, ки худаш ба дасти мо омаданӣ аст, Худо ҳамеша ҳаёти моро бо воқеаҳои ғайричашмдошт пур мекунад. Ҳангоме ки мо хизматгузорони ҳарф мешавем, чизе дар мо мемирад — мо дигар ба Худо бовар намекунем, мо танҳо ба имони худ

ба Ӯ бовар мекунем. Масеҳ гуфтааст: «...агар...мисли кӯдакон нашавед» (Мат.18:3). Ҳаёти рӯҳонӣ ҳаёти кӯдак аст: мо ба Худо боварӣ дорем, мо тамоман намедонем, ки Ӯ дар ояндаи наздик чӣ кор хоҳад кард. Агар мо танҳо ба эътиқодоти худ боварӣ дошта бошем, мо ҳисси арзишнокии худ ва сахтгириро инкишоф медиҳем, нуқтаи назари худро ба таври ниҳоӣ ва бебозгашт муайян мекунем, аммо агар муносибатҳои мо бо Худо комилан дуруст дошанд, ҳаёти мо бо номуайянии хурсандона ва интизории муъҷизаҳо пур мешавад.

Исо гуфтааст: «Ба Ман имон оваред» (Юҳ.14:1). Ӯ нагуфт: «Ба таълимот имон оваред». Ҳама чизро ба ихтиёри Ӯ супоред. Маълум нест, ки Ӯ чӣ тавр меояд, маълум аст, ки меояд. Ба Ӯ вафодориро нигоҳ доред.

120. ПЕШГӮИНАШАВАНДА БУДАНИ МУҲАББАТ

«Муҳаббат пуртоқат ва бошафқат аст...» (1 Қӯринтиён 13:4).

Муҳаббатро пешакӣ ҷурсозӣ кардан мумкин нест, он ғайричашмдошт таваллуд мешавад ва зоҳиршавиҳои он низ ба ҳамин андоза пешгӯинашаванда аст. Дар суханони Павлус дар бораи муҳаббат формулаҳои математикӣ вуҷуд надоранд. Мо наметавонем гӯем: «Бас аст, дигар бадӣ намеандешам, ба ҳама чиз бовар мекунам». Муҳаббат аз он сабаб муҳаббат аст, ки ба таври ғайричашмдошт меояд. Ба мо лозим нест, ки суханони Масеҳро ҳамчун кодекси ахлоқӣ дар назди худ гузорем, зеро ҳангоме ки Рӯҳулқудс дар мо амал карда метавонад, мо худамон дарк накарда, мувофиқи ин кодекс зиндагӣ хоҳем кард, ва ба қафо нигоҳ карда, аз баъзе эҳсосоти беғаразонаи худ дар ҳайрат мемонем — онҳо исбот мекунанд, ки дар мо муҳаббати ҳақиқӣ ва самимӣ сокин аст. Ҳамаи он чи дар мо аз ҳаёти Худо ҳаст, танҳо ҳангоме ки аллакай гузаштааст, шинохта мешавад.

Сарчашмаҳои муҳаббат дар Худост, на дар мо. Дар дилҳои ҷисмонии худ ҷустуҷӯи муҳаббати Худо бефоида аст: он

метавонад танҳо дар сурате вуҷуд дошта бошад, ки он аз ҷониби Рӯҳулқудс ба ин дилҳо рехта шавад.

Агар мо ба Худо нишон доданӣ шавем, ки Ӯро чӣ қадар дӯст медорем, ин як аломати аниқи он аст, ки мо Ӯро дӯст намедорем. Далели муҳаббати мо ба Ӯ дар он аст, ки муҳаббати мо ба таври ғайричашмдошт, худ аз худ берун мешавад. Ба қафо нигоҳ карда, мо наметавонем фаҳмонем, ки чаро коре кардем. Ва мо инро танҳо барои он кардем, ки муҳаббати пешгӯинашавандаи Ӯ дар мо зиндагӣ мекунад. Ва ҳаёти Худо дар мо ҳамин тавр зоҳир мешавад, зеро сарчашмаҳои муҳаббат дар Рӯҳулқудс аст (Рум.5:5).

121. БО ИМОН, НА БО ЭҲСОСОТ

«*...Мо бо имон рафтор мекунем, на бо дидор*» (2 Қӯринтиён 5:7).

Муддате мо эҳсос мекунем, ки Худо нисбати мо ғамхорӣ мекунад, ва баъд, ҳангоме ки Худо моро дар корҳояш истифода мебарад, мо ба худ симои фоҷиавӣ мегирем ва танҳо дар бораи озмоишҳову душвориҳо гап мезанем, дар ҳоле ки Худо мехоҳад, ки мо бе гапи зиёдатӣ вазифаамонро анҷом диҳем. Агар ба мо вобаста мебуд, ҳеҷ кас ба соя намерафт, ҳама ба рӯшноӣ мешитофтанд. Оё мо метавонем вазифаи худро иҷро кунем, ҳангоме ки Худо осмонҳоро пеши мо бастааст? Баъзе аз мо мехоҳанд ҳамеша дар ҷилои муқаддасӣ бошанд, дар болои сарашон ҳолаҳои тиллоӣ ва дар рухсораашон сурхии илҳом дошта бошанд, танҳо бо худашон барин муқаддасон сару кор доштан мехоҳанд. Аммо аз шахси муқаддаси оби тилло давондашуда манфиати зиёде нест, ин як дурӣ аз меъёр аст, патология аст, чунин шахси муқаддас ба ҳаёти ҳаррӯза мутобиқ карда нашудааст ва ҳеҷ гоҳ ба Худо монанд нест. Мо одамонем, на фариштаҳои ҳанӯз беболу пар, моро даъват мекунанд, ки дар ин ҷаҳон кор кунем ва дар бесарусомонии ин ҷаҳон бо қудрати беохир кор кунем, зеро мо аз олами боло таваллуд шудаем.

Агар мо кӯшиш кунем лаҳзаҳои нодири илҳомро ба даст оварданӣ бошем, — ин нишонаи он аст, ки ба мо Худо

наонқадар даркор аст. Аз он лаҳзаҳое ки Худо ҳақиқатан назди мо омад ва чизе гуфт, мо барои худ бутҳо месозем ва аз Худо талаб мекунем, ки гаштаву баргашта ин корро кунад. Аммо Худо мехоҳад, ки мо «бо имон рафтор кунем». Кадоме аз мо дастонашро дар сандуқи сина болои ҳам гузошта, дар дил нагуфтааст: «То Худо ба ман зоҳир нашавад, дигар коре намекунам»? Ва Худо зоҳир намешавад ва мо бояд бе ягон илҳом, бе ягон ламси ногаҳонии дасти Худо аз ҷой бархезем ва аз пайи кор шавем. Ана ҳамон вақт мо ҳайрон мешавем: «Маълум мешавад, ки ӯ ҳама вақт дар он ҷо буд, аммо ман ҳатто инро намедонистам!» Ҳеҷ гоҳ танҳо бо лаҳзаҳои нодир зиндагӣ накунед: ғайричашмдоштҳо онҳо ғайричашмдошт ҳастанд. Худо ба мо лаҳзаҳои илҳом мефиристад, агар бинад, ки боиси гум кардани сарамон намегарданд. Ва ба мо лозим нест, ки ин дақиқаҳоро барои худ меъёр гардонем, меъёр барои мо иҷрои вазифаи мост.

122. ИЛҲОМ ВА САБР

«...агар даранг кунад, онро мунтазир шав» (Ҳабаққуқ 2:3).

Сабр бепарвоӣ нест, сабр кӯҳпораест, ки ба фишори ҳар тундбоду тӯфон тоб меоварад. Сарчашмаи сабр дар вохӯриҳо бо Худост, зеро танҳо Худо қудрати дар шамол устувор истоданро дода метавонад. Мусо на барои он устувор монд, ки ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои худро дуруст дарк мекард, балки барои он ки бо Худо вомехӯрд: «...зеро ӯ, мисли он ки Нонамоёнро дида бошад, устувор буд» (Ибр.11:27). Касе ки бо Худо вохӯрдааст, дигар ба ягон принсип ё эътиқод намечаспад, вай ба худи Худо мечаспад. Ва шумо ҳамеша фаҳмида метавонед, ки маҳз бо Худо вохӯрдаед. Аломати боэътимоди ин илҳом аст. Ҳама чиз равшан дида мешавад, нафаскашӣ осон аст, зеро амали қудрати Худо бар ҳама чиз аст. Агар Худо давраи озмоишҳоро ба шумо фиристад, чунон ки ба Писари Худ фиристод, ва хомӯш бошад, сухане нагӯяд, кори шумо сабр кардан аст ва шумо барои тоқат кардан қувват доред, зеро Худоро мебинед.

«Агар даранг кунад, онро мунтазир шав». Далели он, ки мо дар ҳақиқат бо Худо вохӯрдаем, хоҳиши бо дастовард қонеъ нашуда пеш рафтан хоҳад буд. Серии рӯҳонӣ нишонаи бад аст. Нависандаи таронаҳои Забур мепурсад: *«Ба Парвардигор чӣ подош диҳам?»* (Заб.114:3). Ва ӯ ҷавоб медиҳад: *«Косаи наҷотро хоҳам бардошт»*. Мо одатан қаноатмандиро дар худ ҷустуҷӯ мекунем: «Хуб, акнун ман ҳама чизро дорам, акнун аз ҳама чиз қаноатмандам, акнун истодагарӣ карда метавонам». Аммо дар айни замон мо ба роҳе қадам мезанем, ки ба шикасти пурра мебарад. «На ин ки аллакай ба даст оварда бошам, ё комил шуда бошам...» (Фил.3:12). Агар мо танҳо он чизеро дошта бошем, ки аллакай медонистем, мо чизе надорем, агар мо аз вохӯрӣ илҳом гирифта бошем.

123. ДУОИ ЗИНДА БАРОИ ДИГАРОН

«Дар ҳар вақт дар Рӯҳ бо ҳар дуо ва илтимос дуо гӯед» (Эфесусиён 6:18).

Агар мо дар ҳаққи касе муддати тӯлонӣ дуо кунем, пай хоҳем бурд, ки ба Худо итоаткор будани мо ба шахсе ки дар ҳаққи ӯ дуо мекунем, аз он чи мепиндоштем, гаронтар меафтад. Ва он гоҳ ба мо хатаре таҳдид мекунад, ки дар бораи шахсе ки Худо дар ҷавоб ба дуоҳои мо тадриҷан ба сатҳи комилан нав бардоштааст, бо раҳму шафқат дуо гӯем. Ва ҳангоме ки мо ба дигарон аз нигоҳи Худо нигаристанро бас мекунем ва танҳо ба онҳо раҳм мекунем, робитаи наздик бо Худо аз байн меравад, раҳм ва дилсӯзии мо пеши роҳи ин робитаро мегиранд, ва ин сарзаниши рӯйрост ва огоҳона ба Худост.

Агар мо ба Худо сад фоиз бовар надошта бошем, ба таври ҳақиқӣ дуо кардан ғайриимкон аст, ва бадтарин чиз барои муносибати мо бо Худо дилсӯзӣ ва хурофотҳои мост. Калиди дуои шафоат — ягонагӣ бо Худост, аммо мо ин иттиҳодро на ба сабаби гуноҳ, балки ба сабаби дилсӯзӣ аз даст медиҳем. Гуноҳ ба муносибатҳои мо бо Худо халал расонда наметавонад, аммо дилсӯзии мо метавонад халал расонад — дилсӯзӣ ба худамон

ё дигарон, зеро мо мегӯем: «Ин тавр намешавад». Ва ҳамин ки мо мегӯем, робитаи мо бо Худо дарҳол қатъ мешавад.

Агар дар ҳаққи дигарон дуо гӯед, барои дуо дар ҳаққи худ на вақт хоҳед дошт ва на майл. Ва бо хоҳиши дуо гуфтан барои худ мубориза бурдан лозим намешавад, зеро ҳеҷ чиз барои мубориза бар зидди он нахоҳад буд — ҳеҷ гуна хоҳиш вуҷуд нахоҳад дошт. Шумо барои дигарон ҳамон чизеро хоҳон мешавед, ки Худо барои онҳо мехоҳад.

Худо ба мо бодиққатӣ нисбати дигаронро на барои он медиҳад, ки хатоҳои онҳоро бичӯем, балки барои он ки дар ҳаққи онҳо дуо кунем.

124. ДУОИ ШАФОАТ

«*Пас, эй бародарон, азбаски мо ҷуръат дорем ба макони муқаддас ба воситаи хуни Исо...дохил шавем...*» (Ибриён 10:19)

Набояд фикр кард, ки дуо кардан дар ҳаққи касе маънои онро дорад, ки барои касе ба Худо зорӣ кунем, ки Ӯ дархости моро қонеъ кунад. Мо умуман ба ҳузури Худо фақат аз он сабаб ворид шуда метавонем, ки Худованд гуноҳи моро барои кафорати мо бар дӯши худ гирифт. Бинобар ин мо «мо ҷуръат дорем ба макони муқаддас *ба воситаи хуни Исо* дохил шавем».

Якравии рӯҳонӣ монеаи сахттарин дар роҳи дуои шафоат аст, зеро он аз раҳмдилӣ ба чизе бармеояд, ки дар мо ва дигарон ҳаст ва, ба назари мо, ба кафорат эҳтиёҷ надорад. Ба назари мо, дар мо чизи нек ва фазилатноке ҳаст, ки онро бо хуни кафорат шустан лозим нест, ва ин андешаи ботил оби чоҳи моро лой мекунад ва дар оби лой шафоате ҳосил намешавад. Мо кӯшиш намекунем дар ҳаққи дигарон ҳамроҳи Худо дуо гӯем, мо аз Худо хашмгинем, мо ҳамеша вариантҳои худро дорем, ва дуои шафоат ба ситоиши дилсӯзиҳои табиии худамон табдил меёбад. Аммо бояд фаҳмем, ки Исо гуноҳи моро ба дӯши худ гирифт, то ҳама дилсӯзии моро ба куллӣ тағйир диҳад. Дуои шафоатии кафораткунанда — бошуурона қурбон кардани дилсӯзии табиӣ,

ки нисбати шахс эҳсос мекунем, барои манфиати Худо нисбат ба он шахс аст.

Пас, оё ман дар фикри худ исрор менамоям, ё бо Масеҳ як ҳастам? Оё ман инчиқ ҳастам ё дар ҳама чиз ба Худо итоат мекунам? Оё ман ғур-ғур мекунам ё дуо мегӯям? Оё ман бо ҳар роҳ мехоҳам ба мақсади худ расам, ё бо ҳар роҳ мехоҳам, ки ҳама чизи Ӯ аз они ман шавад?

125. ДОВАРӢ БАР ВАРТАИ МУҲАББАТ

«Зеро вақти он расидааст, ки доварӣ аз хонаи Худо оғоз шавад» (1 Петрус 4:17).

Коргари киштзори Худо бояд ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунад, ки наҷот на идеяи инсонӣ, балки аз они Худост, ва аз ҳамин сабаб онро пурра дарк кардан, то охир онро кашида баровардан ғайриимкон аст. Наҷот эҳсосот ва таҷрибаи касе нест, балки нақшаи бузурги Худост. Эҳсосот ва таҷрибаҳо танҳо даре мебошанд, ки наҷот ба воситаи он ба ҳаёти мо ворид мешавад ва барои фаҳмиши мо дастрас мегардад. Ҳеҷ гоҳ эҳсосотро маъвиза накунед, нақшаи бузурги Худоро, ки дар паси ин эҳсосот мебошанд, мавъиза кунед. Ҳангоме ки мо мавъиза мекунем, мо маслиҳатҳои муфид намедиҳем, ки чӣ гуна шахс метавонад аз дӯзах наҷот ёбад ва покизаву росткор шавад — мо ба одамон хушхабарро дар бораи Худо мерасонем.

Дар таълимоти Исои Масеҳ ҳамеша ҷой барои идеяи доварӣ вуҷуд дорад, ва дар ин низ муҳаббати Худо зоҳир мешавад. Ҳеҷ гоҳ ба ҷоне ки назди Худо омаданаш душвор аст, дилсӯзӣ накунед; Худоро барои ин гунаҳкор кардан мумкин нест. Ва кори мо нест андеша кунем, ки чаро барои ин ҷон ин қадар душвор аст, кори мо он аст, ки ҳақиқати Худоро он гуна пешкаш намоем, ки Рӯҳи Худо шахсро дар ноинсофӣ фош созад. Лакмуси санҷишии мавъиза он аст, ки оё ҳама фошшавиро ҳис карданд? Рӯҳи Худо ба ҳеҷ кас лутфи истисноӣ намекунад.

Агар Масеҳ ба мо ақаллан як фармудаеро медод, ки барои иҷрои он қувват бахшиданро фаромӯш мекард, Ӯ дурӯғгӯй

мебуд. Ва агар мо беитоатии худро бо нотавонӣ сафед кунем, дар асл ба Худо мегӯем, ки чизеро ба назар нагирифтааст. Бо қудрати Худо ҳар як зарраи эътимод ба худро бояд кушт. Ва дар он ҷое ки эътирофи нотавонӣ ва вобастагии комил ба Худо ҳаст, Рӯҳулқудс ҳамеша имкони зоҳир намудани қудрати Худро пайдо мекунад.

126. ОЗОДӢ БАР ВАРТАИ ИНҶИЛ

«Пас, дар озодие ки Масеҳ моро барои он озод кардааст, устувор истед» (Ғалотиён 5:1).

Шахсе ки дар хусуси чизҳои рӯҳонӣ андеша менамояд, ҳеҷ гоҳ аз шумо талаб намекунад, ки ба ягон чизи конкретӣ бовар кунед, вай метавонад аз шумо талаб кунад, ки ҳаёти худро ба Масеҳ мувофиқ созед. Аз мо талаб карда намешавад, ки ба Китоби Муқаддас бовар кунем, балки аз мо талаб карда мешавад, ки ба Шахсе ки Китоби Муқаддас дар бораи Ӯ ба мо мегӯяд, бовар кунем (ниг. Юҳ.5:39–40). Мо даъват шудаем, ки озодии виҷдонро намояндагӣ кунем, на озодии афкор. Ва агар мо худамон бо озодии Масеҳ озод бошем, дигаронро ба ҳамон озодӣ роҳнамоӣ карда метавонем — озодии фаҳмидани он ки Исои Масеҳ аз ҳама болотар аст.

Ҳамеша ҳаёти худро мувофиқи Масеҳ тафтиш кунед. Гарданатонро танҳо зери юғи Ӯ хам кунед, на зери юғи дигаре. Ва хеле эҳтиёт бошед, ки ҳеҷ гоҳ ба гардани дигарон юғеро нагузоред, ки Исои Масеҳ бар онҳо намегузорад. Ба Худо муддати зиёд даркор мешавад, ки моро аз фикре дур кунад, ки ҳар кӣ ягон чизро монанди мо намефаҳмад, ҳатман хато мекунад. Худо ҳеҷ гоҳ чунин фикр намекунад. Танҳо як озодӣ вуҷуд дорад, он озодие ки Масеҳ бо он дар виҷдони мо кор мекунад ва ба мо имкон медиҳад, ки кори дуруст кунем.

Бесабр набошед, ба ёд оред, ки Худо бо шумо чӣ гуна рафтор мекард — пурсаброна ва навозишкорона, аммо ҳақиқати Худоро низ суст накунед. Бигзор он барои худаш гап занад, ҳеҷ гоҳ барои он узр хостан лозим нест. Масеҳ гуфтааст: «Биравед ва

шогирд созед (таълим диҳед)», нагуфтааст: «Нуқтаи назари худро таълим диҳед».

127. СОХТМОНҲОИ БУЗУРГИ АБАДИЯТ

«Зеро кист аз шумо, ки бурҷе сохтанӣ шуда, аввал нишаста харҷи онро ҳисоб накунад, ки оё ӯ имконияти ба анҷом расондани онро дорад?» (Луқо 14:28).

Худованди мо на дар бораи он хароҷоте ки мо бояд ҳисоб кунем, балки дар бораи он хароҷоте ки Худаш аллакай ҳисоб кардааст, сухан меронад. Барои Ӯ ин арзиши сӣ соли зиндагӣ дар Носира, се соли маъруфият, ҷанҷолҳо ва нафрат, азобҳои сахти боғи Ҷатсамонӣ ва тамоми даҳшати Ҷолҷоторо дошт — тамоми Вақт ва Абадият дар ин меҳвар устувор карда шудааст. Исои Масеҳ хуб ҳисоб кард, ки барои ҳамаи ин бояд чиҳоро ба харҷ диҳад. Касе ба Ӯ намехандад ва намегӯяд: «Ин одам сохтмонро сар карду ба охир расонда натавонист».

Шартҳои шогирд шуданро Худованди мо дар оятҳои 26, 27 ва 33 муқаррар кардааст. Дар ин ҷо гуфта мешавад, ки Худованд дар сохтмонҳои бузурги Худ метавонад онҳоеро истифода барад, ки Ӯ дар онҳо ҳама корҳои заруриро анҷом додааст. «Агар касе назди Ман ояд ва...ҷони худро бад набинад, *вай шогирди Ман буда наметавонад*» (Луқ.14:26). Худованди мо дар назар дорад, ки дар сохтмонҳои худ Ӯ танҳо онҳоеро истифода мебарад, ки Ӯро дар ҳақиқат, гарму ҷӯшон ва вафодорона дӯст медоранд, бештар аз ҳамаи одамони наздиктарини рӯи замин дӯст медоранд. Шартҳо қатъӣ, вале пуршараф мебошанд.

Ҳар чизеро ки мо месозем, Худо тафтиш мекунад. Оё Ӯ дар оташи озмоишии худ ошкор намекунад, ки мо бар пояи Масеҳ як навъ бинои иловагӣ сохтаем? Мо дар замони бузургтарин сохтмонҳо зиндагӣ мекунем, ки барои Худо кор кардан мумкин аст, аммо маҳз дар ин ҷо хатар моро интизор аст. Агар ба асли масъала диққат намоем, мо барои Худо кор кардан наметавонем. Маҳз Масеҳ аст, ки моро ба сохтмонҳои худ мебарад, моро дар

лоиҳаҳои азими худ пурра истифода мебарад ва ҳеҷ кас ҳақ надорад нишон диҳад, ки чӣ гуна кореро иҷро кунад.

128. САБРИ ИМОН

«*Азбаски ту каломи сабри Маро нигоҳдорӣ намудай...*» (Ваҳй 3:10).

Сабр бештар аз устуворӣ аст. Ҳаёти шахси муқаддас дар дасти Худост, чунон ки тири камон дар дасти камонвар. Худо ба он чизе ки худи шахси муқаддас намебинад, нишон мегирад, зеҳро мекашад, ва агарчи шахси муқаддас мегӯяд: «Дигар тоқат карда наметавонам», Худо ба ин эътибор намедиҳад, Ӯ зеҳро ба қадри зарурӣ мекашад, ва танҳо баъд тирро мепаронад. Ба дасти Худо боварӣ кунед. Маҳз айни ҳол муҳим будани сабр дар чӣ аст? Муносибати худро бо Исои Масеҳ бо сабри имон нигоҳ доред. «Инак, маро қатл кунад ҳам, ба Ӯ умед хоҳам баст» (Айюб 13:15).

Имон — ин эҳсосоти таъсирбахш нест, балки боварии солим буда, дар он асос ёфтааст, ки — ин Худо муҳаббати пок аст. Шумо Ӯро дар пеши худ намебинед, дар ин лаҳза чӣ кор карда истодани Ӯро намефаҳмед, аммо Ӯро мешиносед. Ва дар ҷое ки осоиш аз боиси боварии қатъӣ ба ҳақиқати абадӣ, ки Худо муҳаббати пок аст, вуҷуд надорад, киштӣ ғарқ мешавад. Имон қаҳрамонии ҳаёти шумост: шумо бовар мекунед, ва ба ҳеҷ чиз нигоҳ накарда, худро ба оғӯши Худо мепартоед.

Барои наҷоти мо Худо ҳама чизро — Исои Масеҳро дод, ва акнун Ӯ мехоҳад, ки мо низ ҳама чизро диҳем ва комилан ба Ӯ такя кунем. Аммо дар мо ҳанӯз доғҳои сафеде боқӣ мондаанд, ки ҳанӯз имон ба онҳо нарасидааст, ҷойҳое ки ҳаёти Худо ба онҳо даст назадааст. Аммо дар ҳаёти Исои Масеҳ чунин доғҳо вуҷуд надоштанд, ва онҳо набояд дар ҷони мо бошанд. «Ва ҳаёти абадӣ ин аст, ки Туро...шиносанд...» (Юҳ.17:3). Маънии аслии ҳаёти абадӣ ҳаётест, ки метавонад дар муқобили ҳар чизе ки ба насиби он меафтад, истодагарӣ кунад ва наларзад. Ва агар мо ба ин розӣ шавем, зиндагонӣ бароямон зебо мегардад, мо

метавонем дар атрофи худ муъҷизаҳоро доимо бинем. Худо моро таълим медиҳад, то ки моро ба маркази қудрати Худ расонад.

129. ОН ЧИ ДАР ДАСТ АСТ, БЕҲТАР АЗ ОН ЧИ ДАР ОСМОН АСТ

«*Бе ваҳй қавм беқайд мешаванд*» (Масалҳо 29:18).

Байни идеал ва ваҳй аз олами боло фарқ ҳаст. Идеал илҳом намебахшад, аммо ваҳй илҳом мебахшад. Онҳое ки худро ба идеалҳо мебахшанд, хеле кам ягон кор мекунанд. Инсон метавонад барои худ чунин худоеро ихтироъ кунад, ки барояш қулай аст, то ба вазифаҳои бевоситаи худ беэътиноӣ карданашро сафед кунад. Юнус худро бовар мекунонд, ки азбаски Худо одил ва меҳрубон аст, ҳама чиз хуб мешавад. Шояд ман дар бораи Худо тасаввуроти дуруст дошта бошам, аммо маҳз аз ҳамин сабаб ман метавонам аз масъулиятҳои худ сар кашиданро сар кунам. Аммо агар ба инсон аз боло ваҳй дода шуда бошад, ҳаёти ӯ роҳи дурустро пеш нагирифта наметавонад, зеро бо ваҳй водоркунандаи ахлоқӣ меояд.

Идеалҳо метавонанд суст кунанд ва ба марг оварда расонанд. Ба худ аз як канор нигоҳ кунед ва тафтиш намоед: оё шумо танҳо бо идеалҳо зиндагӣ мекунед, оё ваҳйҳо ҳастанд?

Аммо инсон бояд ба он чи дар даст нест, майл кунад, вагарна осмонҳо барои чӣ даркоранд?

«Бе ваҳй...» Ҳангоме ки мо Худоро аз назар гум мекунем, мо бепарво мешавем, худдориро аз даст медиҳем, дуо гуфтанро бас мекунем, дигар Худоро дар ҷузъиёт намебинем ва бо ташаббуси худамон амал мекунем. Агар мо бовар кунем, ки ба ҳама чиз ба шарофати худ ноил шудаем, агар мо ҳама корро ҳамон тавре кунем, ки дуруст меҳисобем ва ёрии Худоро интизор нашавем, мо ба поин меравем, мо ваҳйро гум кардаем. Имрӯз мо дар кадом рӯҳия ҳастем? Оё дар он рӯҳия ҳастем, ки аз ваҳйи Худо бармеояд. Оё мо интизори он ҳастем, ки Худо аз он чи пештар мекард, бештар кунад. Оё дар нигоҳи рӯҳонии мо ҳаёт ва тароват ҳаст?

130. ТАШАББУСРО БА ДАСТ ГИРЕД

«...бо имони худ некӣкориро изофа намоед...» (2 Петрус 1:5).

«Изофа намоед...» Пас, мо бояд коре кунем. Мо ҳамеша дар хатари фаромӯш кардани он ҳастем, ки он чиро, ки Худо карда метавонад, карда наметавонем ва Худо он чиро, ки мо карда метавонем, намекунад. Мо наметавонем ба худ наҷот ё муқаддасӣ ато намоем — инро Худо мекунад, аммо Худо ба мо одоби хуб ва устувории хислат намедиҳад, Ӯ чунин намекунад, ки ҳар як қадами мо дуруст бошад. Мо бояд худамон ҳамаи инро анҷом диҳем, мо бояд наҷотеро, ки Худо «ба вуҷуд овардааст», «ба амал оварем» (Фил.2:12). «Изофа намоед» маънои одати ба таври муайян амал намуданро дорад. Дар аввал, албатта, ин хеле душвор хоҳад буд. Ба даст гирифтани ташаббус — кореро сар кардан, худро ба роҳе ки шумо бояд биравед, гузоштан аст.

Ва лозим нест, ки ба кучо рафтанро пурсед, агар хуб медонед, ки ба кучо бояд равед. Ташаббусро ба дасти худ гиред, дудилагиро бас кунед ва қадами аввалро гузоред. Агар Худо ба шумо чизе гӯяд, ноустувориро барҳам занед, дарҳол бо имон ҳамон тавре ки Ӯ гуфт, амал кунед, ва ҳеҷ гоҳ қарорҳои худро аз нав дида набароед. Агар ҳангоме ки Худо ба шумо кореро мефармояд, дудилагӣ кунед, ба шумо хатари баромадан аз зери файз таҳдид мекунад. Ташаббусро ба даст гиред, худатон онро ба даст гиред, каси дигар онро ба ҷои шумо намегирад, бо кӯшиши ирода, қадами аввалро худи ҳозир гузоред ва ҳама кори имконпазирро кунед, то дар бораи бозгашт фикр ҳам накунед. Ҳама кӯпрукҳоро аз паси худ сӯзонед: «Ин мактубро менависам», «Ин қарзро мепардозам». Чунин кунед, ки дигар ба пешина барнагардед.

Мо бояд одати дар ҳар маврид гӯш кардани овози Худоро инкишоф диҳем, одати донистани онро, ки Худо чӣ мегӯяд. Ва агар, ҳангоми пеш омадани мушкилот, худамон нафаҳмида ба Худо рӯй оварем, ин маънои онро дорад, ки мо чунин одат дорем. Мо бояд дар он ҷое ки ҳозир ҳастем, ташаббусро ба даст гирем, на дар он ҷое ки нестем.

131. БА НӮГИ ПОЙ ИСТЕД ҲАМ, ДАСТРАСӢ НАМЕЁБЕД

«*...бо бародардӯстӣ муҳаббатро изофа намоед*» (2 Петрус 1:7).

Муҳаббат барои аксари мо мафҳуми номуайян аст, мо намедонем, ки вақте дар бораи муҳаббат гап мезанем, чиро дар назар дорем. Муҳаббат — ин ихтиёран як шахсро аз шахси дигар афзал шумурдан аст, ва ба маънои рӯҳонӣ Масеҳ аз мо талаб мекунад, ки Ӯро афзал шуморем (ниг. Луқ.14:26). Агар «муҳаббати Худо дар дилҳои мо ба воситаи Рӯҳулқудс ҷорӣ шудааст», Исои Масеҳ дар он дилҳо бе ягон мушкилот ҷои аввалро ишғол мекунад, ва он гоҳ мо бояд ҳар он чиро, ки Петрус мегӯяд, иҷро кунем.

Аввалин коре ки Худо мекунад, ин аст, ки сохтакорӣ ва диндори риёкоронаро аз ман дур мекунад. Рӯҳулқудс ба ман нишон медиҳад, ки Худо маро на аз он сабаб дӯст дошт, ки ман сазовори дӯст доштан будам, балки барои он ки ӯ наметавонист маро дӯст надорад. «Акнун, — мегӯяд Ӯ ба ман, — *ба дигарон низ ҳамин гуна муҳаббатро зоҳир кун,* онҳоро низ дӯст бидор, чунон ки ман туро дӯст доштам, чунон ки ман онро ба ту зоҳир кардам». *Ба нӯги пой истед ҳам, ба муҳаббати Худо дастрасӣ ёфтан мумкин нест*. Баъзе касон кӯшиш карданд, аммо зуд хаста шуданд.

«*Худованд* пурсабр аст...» Ман бояд ба даруни худ нигоҳ кунам ва бинам, ки Ӯ бо ман чӣ кардааст. Ва ҳангоме ман фаҳмидам, ки Худо маро бо вуҷуди тамоми умқи гуноҳ, бадкирдорӣ, худпарастӣ ва беадолатии ман беандоза дӯст медорад, ман наметавонам ба дунё наравам ва онро ҳамин тавр дӯст надорам. Муҳаббати Худо ба ман бепоён аст, ва ман, ки дар болои кӯҳпораи мустаҳками муҳаббати Худо истодаам, бояд дигаронро дӯст дорам. Ҳамин ки ман хашмгин мешавам, ман дар файз нашъунамо намекунам. Ҳамин ки аз боиси дар паҳлӯи чунин шахси даҳшатбор зистан хашмгин мешавам, танҳо фикр кардан лозим аст, ки ман то чӣ андоза барои Худо номаъқул будам! Оё ман тайёрам бо Исои Худованд он қадар муттаҳид шавам, ки ҳаёти Ӯ ва фурӯтании

Ӯ пайваста аз ман ҷорӣ шавад. На муҳаббати инсонӣ ва на муҳаббати илоҳӣ, агар доимо дастгирӣ карда нашавад, зинда монда наметавонад. Муҳаббат худ ба худ меояд, лекин онро дарк намуда нигоҳ дорем.

132. ОДАТИ НАДОШТАНИ ОДАТРО БА ДАСТ ОРЕД

«Агар ин сифатҳо дар шумо ёфт шаванд ва афзоиш ёбанд, ...танбал ва бесамар нахоҳед монд» (2 Петрус 1:8).

Ҳангоме ки дар мо ташаккули ягон намуди одат сар мешавад, мо онро пайхас накарда наметавонем. Чунин мешавад, ки мо мебинем, ки чӣ тавр беҳтар, пурсабртар ва росткортар мешавем, аммо ин бояд гузарад. Агар аз комёбиҳои ба даст овардаамон қаноатманд шавем, бинии худро боло карда, мағрур мешавем. Бо одатҳо бояд дуруст рафтор намоем: дар ҳаёти Худованд ғӯтавар намуда, дар он ҳал кунем, то даме ки ҳар як одат чунон одатӣ шавад, ки мо дигар ба он аҳамият намедиҳем. Ҳаёти рӯҳонии мо мақсади доимӣ дорад, ки ба худтаҳлилкунии доимӣ табдил ёбад, зеро мо мушоҳида мекунем, ки баъзе хислатҳоро надоштем ва ҳоло ҳам надорем. Ва ҳама чиз умуман бояд хеле оддӣ бошад.

Чунин «одат»-и масехӣ метавонад барои шумо худо гардад — одати дуо кардан дар вақти муқаррарӣ ё одати хондани Китоби Муқаддас, масалан. Шумо хоҳед дид, ки чӣ тавр Падаратон ҷадвали шуморо вайрон мекунад, агар шумо на он чиро, ки дар паси одат аст, балки худи одатро парастиш кунед. «Ҳозир наметавонам, ман дуо мекунам, ман ин вақтро бо Худо мегузаронам». Шумо вақтро на бо Худо, балки бо одати худ мегузаронед. Ба шумо чизе намерасад. Инро эътироф намоед ва имкониятҳоро ҷустуҷӯ кунед, то дар худ сифатеро, ки надоред, инкишоф диҳед.

Муҳаббат дар он ҷо сар мешавад, ки одатҳои ошкор ба охир мерасанд, дар он ҷое ки онҳо аз байн мераванд ва шумо беихтиёр коре мекунед, зеро дигар хел рафтор карда наметавонед. То он даме ки муқаддасии шумо бо кӯшишҳои

бошуурона дастгирӣ карда мешавад, шумо боварӣ хоҳед дошт, ки кореро карданатон мумкин нест, шумо бо касе муносибатҳои мураккаб хоҳед дошт. Чизе бароятон камӣ хоҳад кард. Танҳо Исои Масеҳ ҳаёти фавқуттабиӣ дошт ва Ӯ дар ҳама ҷо бо Худо буд. Аммо шумо эҳтимол ҷойҳое доред, ки дар онҳо бо Худо буда наметавонед? Пас, маҳз дар ҳамин ҳолатҳои конкретӣ худро ба Худо кушоед, то даме ки дар он ҷо низ бо Ӯ вохӯред, ва ҳаёти шумо ба таври кӯдакона содда хоҳад шуд.

133. ОДАТИ ПОКВИҶДОНӢ

«*...виҷдонам назди Худо ва одамон ҳамеша пок бошад*» (Аъмол 24:16).

Худо аҳкоми Худро ба Писари Худо, ки дар мо зиндагӣ мекунад, медиҳад, бинобар ин барои табиати инсонӣ, ки Писари Худо дар он инъикос ёфтааст, фармудаҳои Ӯ вазнин мебошанд. Аммо ҳангоме ки мо итоаткорӣ зоҳир мекунем, онҳо ба таври илоҳӣ сабук мешаванд.

Виҷдон лаёқатест дар ман, ки олитарин талаботҳоро ҷонибдорӣ мекунад ва ба ман мегӯяд, ки маҳз ин талаботҳо ба ман чӣ амр медиҳанд. Виҷдон чашми рӯҳ аст, ки ё ба Худо нигоҳ мекунад, ё ба он чи барои худ меъёри олӣ меҳисобад, бинобар ин виҷдон ба одамони гуногун чизҳои гуногунро фармон медиҳад. Агар ман одат карда бошам, ки доимо пеши Худо биистам, виҷдонам ҳамеша роҳнамои шариати комили Худо хоҳад буд ва ҳамеша ба ман мегӯяд, ки чӣ кор кунам. Ягона савол ин аст, ки оё ман ӯро гӯш мекунам? Ман бояд кӯшиш кунам, ки виҷдонам сахт нашавад ва ҳангоме ки фармудаҳои Худоро вайрон мекунам, ҳис кунам. Ман бояд бо Писари Худо дар мувофиқати комил зиндагӣ кунам, то ки дар ҳар гуна вазъият дар рӯҳи ақли худ нав шавам ва дарҳол дарёбам, ки «хости нек, писандида ва комили Худо чист» (Рум.12:2).

Худо ба мо ҳама чизро то хурдтарин ҷузъиёт таълим медиҳад. Оё гӯши ман ба қадри кофӣ ҳассос аст, ки пасттарин овози Рӯҳро шунавад ва фаҳмад, ки аз ман чӣ талабида мешавад? «Ва

Рӯҳулқудсро андӯҳгин накунед» (Эфс.4:30). Овозаш на дар раъд шунида мешавад, он чунон паст аст, ки шунидан осон нест. Ва барои он ки виҷдон Худоро ба таври муқаррарӣ шунавад, шумо бояд одат кунед, ки ҳамеша дар рӯҳи худ ба Худо кушода бошед. Ҳамин ки бо виҷдонатон баҳсро сар мекунед, дарҳол бас кунед. «Чаро ин ба ман мумкин нест?» Зеро шумо дар роҳи нодуруст ҳастед. Агар виҷдон сухан гӯяд, бо он баҳс кардан мумкин нест. Ва агар ба чизе имкон диҳед, ки муошират шуморо бо Худо доғдор созад, шумо дар хатари бузург хоҳед буд. Ҳама чизро, новобаста ба он ки он чист, комилан рад кунед, ва чашмони рӯҳонии худро равшан нигоҳ доред.

134. ОДАТИ ШОДМОНӢ ДАР НОХУШИҲО

«...то ки ҳаёти Исо низ дар бадани мо зоҳир шавад» (2 Қӯринтиён 4:10).

Барои нишон додани он ки файзи Худо дар мо чӣ кор кардааст, мо бояд ба нав одат кунем. Гап на дар он аст, ки мо аз дӯзах наҷот ёфтаем, балки наҷот ёфтаем, то ҳаёти Писари Худоро дар ҷисми мирандаи худ зоҳир кунем. Ва дар душворӣ аниқ маълум мешавад, ки оё мо ҳаёти Ӯро зоҳир мекунем ё не. Чӣ чиз аз дили ман бармеояд — фурӯтании Писари Худо ё хашмгинии «ман»-и худам, ки бо Ӯ ҳеҷ робита надорад? Ман ҳамон вақт мушкилотро оромона ва ҳатто бо шодӣ дарк карда метавонам, ки хоҳиши зиёд дорам ба воситаи худ ҳаёти Писари Худоро берун оварам, онро зоҳир намоям. Новобаста ба он, ки чӣ душворӣ дорӣ, бигӯ: «Худовандо! Ман хеле шодам, ки дар ин шароит ба Ту итоат карда метавонам». Ва дарҳол Писари Худо ба майдон меояд, ва дар ман, дар одам, он чи Масеҳро ҷалол медиҳад, зоҳир мешавад.

Ҳеҷ гуна баҳс дар ин ҷо мувофиқ нест. Ҳангоме ки шумо ба нур итоат мекунед, Писари Худо Худро зоҳир менамояд. Ва агар баҳс кунед, Рӯҳулқудсро меранҷонед. Барои он ки ҳаёти Писари Худо дар шумо зоҳир шавад, шумо бояд худро дар ҳолати хуб нигоҳ доред, аммо агар ба худ раҳм кунед, ҳеҷ чиз

ҳосил намешавад. Вазъиятҳое ки мо дар он қарор дорем, танҳо воситаест, ки мо метавонем нишон диҳем, ки Писари Худо то чӣ андоза олидараҷа, комил ва бениҳоят пок аст. Ва дили мо бояд бо қувваи нав битапад, ки мо Писари Худоро аз нав ошкор карда метавонем. Худро ба мушкилот дучор кардан як чиз аст, ва қабул кардани душворие ки Худо ба мо мефиристад, чизи дигар аст. Агар Худо ба насиби шумо чизе фиристад, ҳама чизеро, ки дар ин шароит лозим аст, ба фаровонӣ медиҳад.

Пас, худро дар ҳолати хуб нигоҳ доред, то ҳаёти Писари Худоро зоҳир кунед. Ҳеҷ гоҳ бо хотираҳо зиндагӣ накунед, бигзор Каломи Худо дар шумо зинда ва фаъол бошад.

135. ОДАТИ БАР ВАЗЪИЯТ ДАСТБОЛО БУДАН

«...то шумо бидонед, ки умеди даъвати Ӯ аз чӣ иборат аст» (Эфсӯсиён 1:18).

Фаромӯш накунед, ки чаро наҷот ёфтаед, то Писари Худо дар ҷисми мирандаи шумо зоҳир шавад. Бо тамоми қувваи худ биҷӯед, то фаҳмед, ки шумо фарзанди интихобшудаи Худо ҳастед ва ҳамеша ба баландии мавқеи худ бошед.

Шумо барои наҷоти худ ҳеҷ кор карда наметавонед, аммо барои зоҳир кардани он шумо ҳатто бояд коре кунед: шумо бояд он чизеро, ки Худо аллакай дар шумо кардааст, зоҳир кунед. Оё шумо онро бо забон, бо майна ва асабҳои худ зоҳир мекунед? Агар шумо чун пештара нолакунанда бошед, ки ғайр аз худ ҳеҷ кас ва ҳеҷ чизро намебинад, гуфтани он ки Худо шуморо наҷот додааст ва муқаддас кардааст, дурӯғ гуфтан аст.

Худо дар бораи ҳар чизе ки меофарад, бисёр хуб меандешад. Ӯ дар ҳаёти мо ба душвориҳо имкон медиҳад, то бинем, ки оё мо онҳоро бо роҳи дуруст бартараф карда метавонем — *«бо Худои худ аз ҳисорҳо ҷаста мегузарам»* (Заб.17:30). Худо ҳеҷ гоҳ шуморо аз ҳеҷ яке аз талабҳо нисбати писарону духтаронаш муҳофизат намекунад. Петрус мегӯяд: «Аз озмоиши оташе ки барои имтиҳони шумо фиристода мешавад, ҳайрон нашавед, ки гӯё воқеаи аҷибе бо шумо рӯй дода бошад» (1Пет.4:12). Дар боло

бошед, кореро кунед, ки бояд анҷом дода шавад. Фарқ надорад, ки бароятон дарднок аст ё не, чизи асосӣ ин аст, ки Худо имкон дошта бошад, ки худро дар ҷисми мирандаи шумо ошкор кунад.

Пас, бигузор Худо моро дигар нолакунанда набинад, бигзор моро пур аз далерӣ ва қувваи рӯҳонӣ бинад, ки ба ҳар чизе ки ба мо мефиристад, тайёр аст. Мо бояд тавре рафтор карданро ёд гирем, ки Писари Худо дар ҷисми мирандаи мо зоҳир шавад. Худо осорхона надорад. Мақсади ягонаи ҳаёти мо ин аст, ки Писари Худо зоҳир шавад. Бо чунин мақсад ҳама кӯшишҳои ба Худо чизеро фармудан аз байн мераванд. Худованди мо ҳеҷ гоҳ чизеро ба Падари худ фармон надодааст, ва мо дар рӯи замин на барои он зиндагӣ мекунем, ки ба Худо чизе фармоем, балки ба иродаи Ӯ итоат кунем. Ва он гоҳ Ӯ метавонад ба воситаи мо он чизеро, ки Ӯ мехоҳад, иҷро кунад. Ҳангоме ки мо инро мефаҳмем, Ӯ моро нони шикасташаванда ва шароби рехтанӣ мегардонад, то дигаронро хӯронад ва сер кунад.

136. ОДАТИ САРВАТМАНД БУДАН

«*...шарики табиати илоҳӣ гардида...*» (2 Петрус 1:4).

Ба воситаи ваъдаҳои Худо мо шарикони табиати илоҳӣ шудаем ва бояд ин табиатро ба воситаи одатҳои нав ба худамон, инсонӣ тақассум намоем. Аввалин одате ки мо бояд инкишоф диҳем, ин одати пайхас кардани он чизест, ки Худо ба мо мефиристад. «Ман ин корро карда наметавонам» мегӯем, ва яке аз маккоронатарин фиребҳо дар ин суханон ниҳон аст. Дар назди мардум дар бораи пул гуфтугӯ кардан рафтори бад ҳисобида мешавад. Ин ба маънои рӯҳонӣ низ дуруст аст. Аммо гуфтани онро, ки Падари Осмонӣ моро гӯё бе як танга мондааст, мо ҳеҷ гоҳ шармовар намешуморем! Ба назари мо чунин метобад, ки дар охир чунин гуфтан: «Хайр, мо як илоҷ карда ин рӯзро паси сар кардем, ҳатто боварам намеояд» нишонаи хоксории ҳақиқӣ аст. Аммо бо он ҳақиқат, ки дар Худованд Исои Қодири Мутлақ Худи Худо ҳамеша бо мост, чӣ бояд кард?! Агар мо ба Ӯ итоаткор бошем, Ӯ вазифадор мекунад, ки ҳатто зарраи хурдтарини рег ва ситораи

дуртаринро вазифадор мекунад, ки барои мо баракат бошанд. Ва чӣ фарқе дорад, ки вазъиятҳо бар зидди мо шудаанд? Онҳо боз чӣ гуна бояд бошанд? Агар мо ба худ дилсӯзӣ кунем ва ба нола кардан роҳ диҳем, мо роҳи худро ба сарватҳои Худо мебандем ва намегузорем, ки дигарон ба ин захираҳо роҳ ёбанд. Гуноҳе бадтар аз гуноҳи раҳм ба ҳоли худ нест, зеро бо ин раҳм мо Худоро барканор карда, манфиатҳои худро ба тахт мегузорем. Мо ғур-ғур мекунем, мо ба «исфанҷ»-ҳои рӯҳонии сернашаванда табдил меёбем, ки ҳар чизеро, ки мебинанд, ба худ ҷаббида мегиранд. Манзараи зишти безеб!

Пеш аз он ки Худо моро ҳамду сано гуфта тавонад, Ӯ бояд моро аз ҳама чизҳое ки мо иштибоҳан сарват мешуморем, маҳрум кунад, то даме ки мо дарк кунем, ки тамоми сарчашмаҳои поки мо дар Ӯ мебошанд (Заб.86:7). Худованд аз мо талаб мекунад фаҳмонем, ки чаро бузургӣ, файзу қудрати Ӯ дар мо аён нест (на онро, ки мо аз онҳо огоҳ нестем). «Ва Худо қодир аст ҳар гуна файзро барои шумо афзун кунад» (2Қӯр.9:8), бинобар ин мо бояд файзи Худоро ба дигарон нишон диҳем. Дар хотир доред, ки шумо аломати иштирок дар табиати Худоро доред — ва баракатҳои Худо ҳамеша ба воситаи шумо ҷорӣ хоҳанд шуд.

137. БА ОСМОН РАФТАНИ Ӯ ВА ЯГОНАГИИ МО БО Ӯ

«Ва ҳангоме ки онҳоро баракат медод, аз онҳо ҷудо шуда, ба осмон сууд кард» (Луқо 24:51).

Ба мо дода нашудааст, ки он чиро, ки дар ҳаёти Худованди мо пас аз дигаргун шудани ӯ рӯй дод, аз сар гузаронем. Аз он лаҳза ҳаёти Худованди мо танҳо як ҳаёти шафоаткунанда гардид. Пеш аз Дигаргуншавӣ Ӯ ҳаёти оддии инсонӣ ва покиза дошт, аммо аз лаҳзаи дигаргуншавӣ — дар Ҷатсамонӣ, дар салиб, пас аз эҳё — ҳама он чизе ки Ӯ аз сар гузаронидааст, барои мо ношинос аст. Салиби ӯ дарест, ки ба воситаи он ҳар як намояндаи насли башар метавонад ба ҳаёти Худо ворид шавад,

бо эҳёи худ ӯ ҳуқуқ ёфт ба ҳар шахс ҳаёти абадӣ диҳад ва ба воситаи сууди Худованди мо ба осмонҳо рафта барои инсоният дарро ба он ҷо кушода гузошт.

Дар кӯҳи Бардошташавӣ Дигаргуншавӣ ба анҷом расид. Агар Исо аз кӯҳи Дигаргуншавӣ ба осмон боло мерафт, дар он ҷо дар танҳоӣ боло мерафт ва барои мо танҳо чун як муҷассамаи ҷалоли Худо мемонд. Аммо Масеҳ аз ҷалол рӯй гардонд ва аз ин кӯҳ фуромад, то ки ба сарнавишти насли гумроҳшуда шарик шавад.

Бардошташавӣ ба Дигаргуншавӣ хотима дод. Худованди мо ба ҷалоли аввалини худ баргашт, аммо Ӯ на танҳо ҳамчун Писари Худо баргашт. Ӯ ҳам ҳамчун Писари Худо, ҳам ҳамчун *Писари Одам* назди Худо баргашт. Ва баъд аз ин, ба шарофати Бардошташавии Писари Одам, роҳи бевосита ба тахти Худо барои ҳама кушода аст. Ҳамчун Писари Одам, Исои Масеҳ қудрати комил, воҷибулвуҷуд будан ва ҳамадонии Худро дидаву дониста маҳдуд кард. Аммо акнун Ӯ ба андозаи комил ва бе маҳдудият соҳиби онҳост. Писари Одам, Исои Масеҳ, дорои тамоми қудрат дар назди тахти Худост. Ӯ, аз рӯзи Бардошташавии Худ то ҳоло Подшоҳи подшоҳон ва Худованди худовандон аст.

138. БЕПАРВОИИ БОДИҚҚАТ

«Ба мурғони ҳаво нигоҳ кунед... Ба савсанҳои саҳро назар кунед...» (Матто 6:26, 28).

Ба савсанҳои саҳро назар кунед, бубинед, ки онҳо чӣ тавр месабзанд... Фақат ҳастанд, тамом! Дар бораи баҳр, ҳаво, офтоб, ситораҳо ва моҳ фикр кунед — ҳамаи онҳо аллакай бо факти мавҷудияти худ барои мо хизматҳои беҳамто мекунанд. Ва мо бисёр вақт он чиро, ки Худо мехоҳад ба воситаи мо иҷро кунад, нобуд мекунем, ва мекӯшем нақшаҳои худро иҷро кунем ва мувофиқи салоҳдиди худ фоида оварем. Масеҳ мегӯяд, ки нашъунамои рӯҳонӣ дар як ҳолат имконпазир аст — агар мо тамоми диққати худро ба Худо равона кунем. «Дар бораи чӣ гуна ба дигарон хизмат кардан ғамхорӣ накунед, ба Ман бовар кунед, — мегӯяд Худо, — ба Сарчашма таваҷҷуҳ

кунед, ва дарёҳои оби ҳаёт аз шумо ҷорӣ хоҳанд шуд». Бо ёрии ақли солими худ мо ҳатто ба маншаъи (ибтидои) ҳаёти оддии ҷисмонии худ расида наметавонем ва Масеҳ таълим медиҳад, ки нашъунамои ҳаёти рӯҳонӣ ба он вобаста нест, ки мо то чӣ андоза бодиққат ин нашъунаморо назорат мекунем, балки ба он вобаста аст, ки мо ба Падари Осмонӣ то чӣ андоза бодиққат нигоҳ мекунем. Падари Осмонии мо медонад, ки мо дар чӣ гуна вазъият ҳастем, ва агар дар маркази диққати мо Ӯ бошад, мо ба монанди нашъунамои савсанҳо рӯҳан нашъунамо хоҳем кард.

Бузургтарин таъсирро ба мо на онҳое мерасонанд, ки аз остини мо гирифта чизе мегӯянд, балки онҳое ки оддӣ зиндагӣ мекунанд, мисли ситораҳои осмон ва савсанҳои саҳро, оддӣ зиндагӣ мекунанд, бе он ки ба касе назаррас бошанд. Маҳз ба шарофати чунин касон мо ҳамон гуна одамон мешавем, ки хоҳем шуд.

Агар шумо барои Худо фоиданок будан хоҳед, Исои Масеҳро ҷустуҷӯ кунед, ва Ӯ ҳар як дақиқаи ҳаёти шуморо фоиданок мекунад, аммо худатон аз ин бехабар хоҳед буд.

139. МО АЗ ХОК БАРМЕХЕЗЕМ

«Кӣ моро аз муҳаббати Худо ҷудо мекунад?» (Румиён 8:35).

Худованд ба инсон кафолати зиндагии бепарвоёна намедиҳад, Ӯ мегӯяд: «Ва дар ғамҳояш бо Ӯ хоҳам буд». Ва новобаста ба он ки чӣ гуна мусибатҳои конкретӣ ба сари инсон дар даҳшатноктарин зоҳиршавиҳои худ меоянд, ҳеҷ яке аз онҳо наметавонад ӯро аз Худо ҷудо кунад. «Бар ҳамаи ин мо ғолиб меоем» (Рум.8:37). Павлус на дар бораи он чи мегӯяд, ки рӯй дода метавонад, балки дар бораи он чи ҳақиқатан ҳама вақт рӯй медиҳад. Ӯ мегӯяд, ки мо дар авҷи воқеаҳо буда, ҳар гуна вазъиятро паси сар мекунем, ва на бо ҳила, ҷасорат ва ё чизи дигар ғолиб мешавем. Мо бар онҳо танҳо барои он ғолиб мешавем, ки ҳеҷ гуна вазъият ба муносибати мо бо Худо дар Исои Масеҳ таъсир карда наметавонад. Хоҳ сазовор бошем,

хоҳ носазовор, аммо мо дар ҳамон шароите ҳастем, ки ҳастем, на дар дигар. Ман ба он масеҳие дилам месӯзад, ки бо ӯ ҳеҷ чизе ки ӯ тамоман намехоҳад, рӯй намедиҳад.

«Андӯҳ?...» Андӯҳ тамоман гуворо нест, аммо бигзор андӯҳ вуҷуд дошта бошад — ҳатто тоқатфарсотарин, талху дардноктарин — он ба ҳар ҳол моро аз муҳаббати Худо ҷудо намекунад. Ҳеҷ гоҳ дар вақти ташвишҳову андӯҳҳо фаромӯш накунед, ки Худо шуморо дӯст медорад.

«Тангӣ?...» Оё муҳаббати Худо пойдор мемонад, вақте ҳама гирду атроф мегӯянд, ки ин дурӯғ аст, дар ҷаҳон ҳеҷ гуна адолат нест?

«Гуруснагӣ?...» Оё мо метавонем на танҳо ба муҳаббати Худо бовар кунем, балки ҳатто ҳангоми гуруснагӣ ҳама чизро паси сар кунем?

Ё Исои Масеҳ фиребгар аст ва Павлус қурбонии ин фиреб аст, ё бо шахсе ки ба муҳаббати Худо часпидааст, ҳангоме ки ҳама чиз бар зидди ин муҳаббат шаҳодат медиҳад, чизи аҷибе рӯй медиҳад! Мантиқ дар ин ҷо нотавон аст. Танҳо як чиз бар зидди ҳамаи мусибатҳо қудрат дорад — *муҳаббати Худо дар Исои Масеҳ*. Ва ҳар дафъа мо аз хок бармехезем.

140. ДАР ВОҚЕИЯТ ЗИСТАН ЛОЗИМ АСТ

«*Ҷонҳои худро бо сабри худ наҷот хоҳед дод*» (Луқо 21:19).

Ҳангоме ки одам аз нав ба дунё меояд, муддате рӯшание ки пештар дошт, надорад. Мо бояд ба тарзи нав ифода кардани ҳаёти наверо, ки ҳоло дорем, ёд гирем, то ки «ҳамон ҳиссиёте ки дар Исои Масеҳ буд» (Фил.2:5) дошта бошем. «Ҷони худро бо сабри худ наҷот хоҳед дод». Бисёре аз мо дар остонаи ҳаёти масеҳӣ истоданро интихоб мекунанд, ки ба ҷои он ки ҷонҳои худро бо ҳаёти наве ки Худо ба ин ҷон гузоштааст, мувофиқ созанд. Мо дар ин кор муваффақ намешавем, зеро худамон намедонем, ки чӣ гуна тартиб ёфтаем, ва мо ҳама чизро ба шайтон бор мекунем, гарчанде ки табиати саркаши худамон гунаҳкор аст. Танҳо фикр кунед, ки агар бедор шавем, кӣ шуда метавонем!

Дар бораи баъзе чизҳо, масалан, дар бораи кайфияти худ дуо гуфтани мо тамоман лозим нест. Дар бораи кайфият дуо кардан лозим нест — шумо бояд аз гиребони он гиред. Ва кайфият қариб ҳамеша бо шароитҳои ҷисмонӣ, на ахлоқӣ шарҳ дода мешавад. Мо бояд ҳамеша ва бошуурона ба рӯҳияи худ, ки аз ҳолати ҷисмонии мо бармеояд, гӯш надиҳем. Ба кайфият як лаҳза ҳам дода шудан даркор нест. Мо бояд аз гиребони худ гирем ва худамонро такон диҳем ва он гоҳ мебинем, ки кореро, ки гӯё наметавонистем, карда метавонем. Аксарияти мо зери лаънати нахостан ҳастанд, на нотавонӣ. Ҳаёти масеҳӣ як қаҳрамонии доимии рӯҳонӣ аст.

141. МАНТИҚИ ИЛОҲИИ ИМОН

«Аммо аввал Малакути Худо ва адолати Ӯро биҷӯед, ва ҳамаи ин чизҳо ба шумо ба таври илова дода хоҳад шуд» (Матто 6:33).

Агар ба ин суханони Масеҳ гӯш диҳем, мефаҳмем, ки ин суханони далеронатарине мебошанд, ки инсон то ҳол шунидааст. «Аммо аввал Малакути Худоро биҷӯед». Аммо мо комилан баръакси онро исбот мекунем, ҳатто рӯҳонитарини мо: «Аммо ман бояд зиндагӣ кунам, пул ба даст оварам, либос пӯшам, хӯрокворӣ дошта оварам». Ғамхории асосии ҳаёти мо на Подшоҳии Худо, балки таъмини некӯаҳволии мост. Аммо Масеҳ ҳама чизро чаппа мекунад: аввал муносибати худро бо Худо муайян кунед, зеро ин чизи муҳимтарин дар ҳаёти шумост ва дар бораи ҳама чизи дигар умуман ғамхорӣ накунед.

«Дар бораи ҷони худ ғамхорӣ накунед» (Мат.6:25). Худованди мо мегӯяд, ки аз нуқтаи назари Ӯ, дар бораи он чизе ки барои ҳаёти ҷисм зарур аст, ин қадар ғамхорӣ кардан тамоман бефоида аст. Масеҳ намегӯяд, ки шахсе ки ба ҳеҷ чиз парво надорад, хушбахт аст (ӯ хушбахт, вай танҳо аблаҳ аст) — Масеҳ мегӯяд, ки шогирди Ӯ бояд тамоми диққатро ба муносибати худ бо Худо равона кунад ва дар муқоиса бо ин ҳама чизҳои дигарро сарфи назар кунад. Масеҳ мегӯяд: «Роҳ надиҳед, ки савол дар бораи он,

ки чӣ мехӯред ва чӣ менӯшед, дар ҳаётатон чизи асосӣ шавад, диққати худро пурра ба Худо равона кунед».

Баъзеҳо парвое надоранд, ки чӣ мехӯранду чӣ менӯшанд — ва пулашро медиҳанд, онҳо парвое надоранд, ки чӣ мепӯшанд, — ва онҳо чун хӯсаҳои боғӣ ба назар мерасанд, онҳо нисбати корҳои заминии худ бепарвоанд — Худо барои ин аз онҳо ҷавоб талаб хоҳад кард. Масеҳ мегӯяд, ки чизи аз ҳама муҳим дар ҳаёт муносибат бо Худо аст ва он гоҳ ҳама чизи дигар ба ин илова карда мешавад.

Шояд барои масеҳӣ аз ҳама мушкил ҳамин аст, ки ба Рӯҳулқудс имкон диҳад, то мувофиқи суханони Исо зистанро ба ӯ ёд диҳад.

142. АНА ГАП ДАР ЧӢ АСТ

«...то ҳама як бошанд; чунон ки Ту, эй Падар, дар Ман ҳастӣ ва Ман дар Ту, онҳо низ дар Мо як бошанд» (Юҳанно 17:21).

Агар шумо танҳо монда бошед, боби 17-уми Инҷили Юҳанноро хонед — он ба шумо аниқ мегӯяд, ки чаро ин бо шумо рӯй дод. Исо дуо мекард, ки шумо бо Падар як бошед, чунон ки Ӯ бо Падар як буд. Пас, оё шумо ба Худо барои ҷавоб додан ба ин дуо ёрӣ мерасонед ё дар зиндагӣ мақсади дигар доред? Агар шумо шогирди Масеҳ шуда бошед, чун пештара мустақил буда наметавонед.

Худо ба дуоҳои мо мутобиқ намешавад, мо ба воситаи дуоҳоямон ақли Худоро мешиносем. Дар боби 17 маҳз дар бораи ҳамин гуфта мешавад. Дуое ҳаст, ки Худо ба он ҷавоб надода наметавонад ва он дуои Масеҳ аст: «...онҳо низ дар Мо як бошанд» (Юҳ.17:22). Оё мо то ин дараҷа бо Исои Масеҳ як ҳастем?

Худо аз нақшаҳои мо парвое надорад, Ӯ аз мо намепурсад: «Оё мехоҳӣ наздиконатро аз даст диҳӣ, оё каме андӯхро мехоҳӣ?» Ӯ барои мақсадҳои Худ рӯй додани ҳамаи инро роҳ медиҳад. Он чи бо мо рӯй медиҳад, моро ё беҳтар, поктар, олиҳимматтар мекунад, ё инҷиқтар, асир, якравтар. Мо ё таҷассуми бадӣ

мешавем, ё муқаддас, ва ҳама ба он вобаста аст, ки мо бо Худо чӣ гуна муносибат дорем. Ҳангоме мо мегӯем, ки «хости Ту ба амал ояд», мо тасаллои Юҳанно 17-ро ба даст меоварем, тасалло аз донистани он, ки Падари мо мувофиқи ҳикмати Худ амал мекунад. Ва агар мо дарк кунем, ки Худо чӣ мехоҳад, мо хашмгин намешавем ва бадхоҳ намешавем. Масеҳ барои мо то ҳадди имкон дуо мекард, Ӯ барои мо ягонагии комил бо Худро талаб мекард, чунон ки Ӯ бо Падар як буд. Ва баъзеи мо аз чунин ягонагӣ хеле дуранд. Аммо Худо моро тарк намекунад, то даме ки мо бо Ӯ як шавем, зеро Масеҳ дуо мекард, ки мо бо Ӯ як шавем.

143. ХИЁНАТИ МУЛОҲИЗАКОРОНА

«...барои ҳаёти худ ғамхорӣ накунед, ки чӣ бихӯред ва чӣ бинӯшед; низ барои ҷисми худ, ки чӣ бипӯшед» (Матто 6:25).

Исо бораи мулоҳизакории дунявии шогирди Худ ҳукм эълон мекунад — Ӯ онро бевафоӣ меномад. Агар мо Рӯҳи Худоро қабул карда бошем, Ӯ бешубҳа аз мо мепурсад: «Ҷойи Худо дар ин муносибатҳои ту дар куҷост, оё ту дар бораи Ӯ фикр мекардӣ, ҳангоме нақша мекашидӣ, ки рухсатиро чӣ гуна гузаронӣ?» Ӯ пурсиданро давом медиҳад, то даме ки мо аввал дар бораи Худо фикр карданро ёд гирем. Ва ҳамин ки мо чизи дигареро дар ҷои аввал мегузорем, бетартибӣ сар мешавад.

«Ғамхорӣ накунед...» Ин бори гарон — ҳама чизро пешакӣ хисоб кардан ба шумо чӣ даркор аст? Ташвиш ва ғам хӯрдан на танҳо маъно надорад, балки бевафоӣ аст, зеро бо худи далели ғам хӯрдан мо исбот мекунем, ки мо ба Худо бовар намекунем, ки Ӯ ҳама чизҳои хурдро дар ҳаёти мо ҳал карда метавонад, аммо мо ҳамеша маҳз дар бораи он ғамхорӣ мекунем. Оё шумо боре мушоҳида кардаед, ки чунон ки Масеҳ мегӯяд, каломеро, ки Ӯ дар мо мекорад, чӣ пахш карда метавонад? Иблис? Не, ғамхориву ташвишҳои ин ҷаҳон (Мат.13:22). Ин ғамхорӣ ҳамеша дар бораи чизҳои хурд аст. Хиёнат аз он сар мешавад, ки мо ба чизҳои ноаён бовар карда наметавонем. Ва ягона илоҷи зидди бевафоӣ итоат ба Рӯҳ аст.

Ва Масеҳ ба шогирдонаш маслиҳати бузург медиҳад: «Ҳама чизро рад кунед».

144. ВАҶДИ НОУМЕДӢ

«*Ва ҳангоме ки Ӯро дидам, бар пойҳояш мисли мурда афтодам*» (Ваҳй 1:17).

Чунин шуда метавонад, ки шумо, мисли Юҳаннои расул, Исои Масеҳро аз наздик мешиносед, ва ногаҳон Ӯ ба шумо тамоман на он тавре ки дидани Ӯро одат кардаед, зоҳир мешавад. Ва ягона коре ки карда метавонед, монанди мурда пеши пойҳои Ӯ афтидан аст. Баъзан Худо Худро фақат дар бузургияш зоҳир карда метавонад, ва даҳшати ин рӯъё шуморо ба ваҷд, ба ваҷди ноумедӣ мерасонад. Фақат дасти Худо метавонад шуморо бардорад, эҳё кунад.

«Ва Ӯ дасти рости Худро бар ман гузошт...» Шуморо ҳоло ҳам даҳшат фаро гирифтааст, аммо шумо ламси касеро ҳис мекунед ва мефаҳмед, ки дасти рости Исои Масеҳ ба шумо расида истодааст. Дасти рости на боздоранда, на роҳнамоикунанда ва на ҷазодиҳанда, балки танҳо дасти рости Падари абадӣ. Ва ҳангоме ки дасти Ӯ бар шумост, шумо осоиши тасвирнопазирро эҳсос мекунед, ки шумо «дар зери бозуи абадӣ» ҳастед (Такр. Шар.33:27), ки аз он ёрӣ, тасаллӣ ва қувват бармеояд. Ва ҳангоме ки ламси Худо меояд, дигар ҳеҷ чиз наметавонад шуморо тарсонад: Худованд Исои Масеҳ бо тамоми ҷалоли тасаввурнашавандаи Худ аз осмон фуруд меояд, то ба шогирди назарногири Худ чизе гӯяд, ва Ӯ мегӯяд: «Натарс». Меҳрубонии Ӯро бо суханон тасвир кардан ғайриимкон аст. Оё ман чунин Масеҳро мешиносам?

Дар бораи он чи шуморо ба ноумедӣ водор мекунад, фикр кунед. Ноумедие ҳаст, ки дар он на ҳаловат ҳаст, на масофаҳои беканор, на умед ба чизи дурахшон. Шодии ноумедӣ ҳамон вақт фаро мерасад, ки ман медонам, ки «ҳеҷ чизи нек дар Ман, яъне дар ҷисми Ман сокин нест» (Рум.7:18). Бароям дарк кардани он ширин аст, ки тамоми ҳастиям бояд дар пеши Худо ба саҷда

афтад, ҳангоме ки Ӯ Худро дар тамоми қудрат зоҳир мекунад, ва агар рӯзе бархестан насиб шавад, агар эҳё насиб шавад, ин бояд кори дасти Худо бошад. То он даме ки ман ба ҳадди имконият нарасам, Худо барои ман коре карда наметавонад.

145. САНҶИШИ ХУДПАРАСТӢ

«*...Агар ба тарафи чап равӣ, ман ба тарафи рост хоҳам рафт, ва агар ба тарафи рост равӣ, ман ба тарафи чап хоҳам рафт*» (Ҳастӣ 13:9).

Ҳамон даме, ки шумо бо имон дар Худо зиндагӣ карданро сар мекунед, дар пеши шумо дурнамои мафтункунанда ва ҷолиб кушода мешаванд. Ин ҳама аз они шумост, аммо агар бо имон зиндагӣ кунед, аз ҳуқуқҳои худ даст мекашед ва интихобро ба Худо вогузор мекунед. Худо баъзан шуморо дар назди интихоб мегузорад, ки дар он шумо ҳақ медоштед беҳбудии худро интихоб кунед, агар бо имон зиндагӣ намекардед. Аммо агар бо имон зиндагӣ кунед, бо хурсандӣ аз ҳаққи худ даст мекашед ва интихобро ба дасти Худо вомегузоред. Ва маҳз ҳамин тавр, бо итоат ба овози Худо, мо ба рӯҳонӣ табдил додани табииро меомӯзем.

Ҳамин ки мо ба ҳуқуқҳои худ диққат медиҳем, равшании биниши рӯҳонии мо кам мешавад. Душмани даҳшатноки бо имон ба Худо зистан на гуноҳ, балки он «некӣ аст, ки некии аз он бештарро намеҷӯяд». Касе ки дар даст фотимачумчуқро дорад, ҳамеша турнаи дар осмон бударо фаромӯш мекунад. Чунин ба назар мерасид, ки Иброҳим хеле оқилона рафтор мекард, агар ҳуқуқи интихобро истифода мебурд. Ва онҳое ки дар наздикии ӯ зиндагӣ мекарданд, ӯро аблаҳ меҳисобиданд, зеро ӯ аз ҳуқуқи худ даст кашид. Бисёр касон аз ҷиҳати рӯҳонӣ дар ҷойи худ қадам мезананд, зеро чизеро, ки ба он ҳақ доранд, интихоб мекунанд, на он чизеро ки Худо барояшон интихоб кунад. Ва мо бояд ба Худо нигариста, роҳ рафтанро ёд гирем. «*...Пеши Ман роҳ рав*» (Ҳас.17:1).

146. ЧӢ ТАВРЕ КИ ИСО ТАЪЛИМ МЕДОД, ФИКР КУНЕД

«*Пайваста дуо гӯед*» (1 Таслӯникиён 5:17).

Мо дар бораи дуо дар асоси одатҳои дуруст ё нодурусти мо фикр мекунем. Агар мо дуоро нафаси аз шуш мебаромада ё хуне ки аз дил ба воситаи рагҳо ҷорӣ мешавад, фикр кунем, дуруст фикр мекунем. Аз рагҳо хун беист ҷорӣ мешавад, нафаскашӣ як дақиқа ҳам қатъ намегардад, ҳол он ки мо дар бораи он фикр ҳам намекунем. Мо на ҳама вақт дарк мекунем, ки Масеҳ моро бо Худо ба таври комил муттаҳид мекунад, аммо агар мо ба Ӯ итоаткор бошем, Ӯ моро бе огоҳии мо бо Худо муттаҳид мекунад. Дуо машқ нест, худи ҳаёт аст. Аз ҳар чизе ки шуморо аз гуфтани дуоҳои кӯтоҳ дар вақти дилхоҳ ва дар ҳама ҷо бозмедорад, ҳазар кунед. «Пайваста дуо гӯед», одати кӯдаконаи дар дил, бо ду сухани кӯтоҳ бошад ҳам, доимо ба Худо дуо гуфтанро аз даст надиҳед.

Масеҳ ҳеҷ гоҳ дар бораи дуоҳои беҷавоб гап намезад, Ӯ комилан боварӣ дошт, ки ба дуо ҳамеша ҷавоб дода мешавад. Оё мо он боварии Масеҳро дар Рӯҳ дорем, ки онро бо сухан ифода кардан ғайриимкон аст, ё мо вақтҳоеро ба ёд меоварем, ки гӯё Худо ба дуоҳои мо ҷавоб намедод? «...Ҳар кӣ биталабад, мегирад» (Мат.7:8). Лекин мо мегӯем: «Аммо...аммо...» Худо ба дуоҳои мо беҳтарин ҷавобҳоро медиҳад, ва на гоҳ-гоҳ, балки такрор ба такрор, агарчи дарҳол пас аз дуо ҷавоб на ҳамеша аз он ҷое ки мо интизорем, меояд. Савол ин аст, ки оё мо умуман ба дуоҳои худ аз Худо ҷавобро интизорем?

Мо одат кардаем, ки ба як кори хатарнок машғул шавем — суханони Масеҳро бемаъни карда ва ба онҳо маънои дигареро гузорем, на аз они Масеҳ, балки «оқилона». Агар мо худамон дар ин бора фикр карда тавонем, чӣ лозим буд, ки Масеҳ чизе гӯяд? Аммо Масеҳ дар бораи дуо чизе мегӯяд, ки танҳо аз олами боло ошкор карда мешавад.

147. ҲАЁТИ ЗИНДА

«...вале шумо дар шаҳри Ерусалим бимонед, то вақте ки бо қуввате аз олами боло фаро гирифта шавед» (Луқо 24:49).

Шогирдон бояд то рӯзи Пантикост дар Ерусалим мемонданд, на танҳо барои он ки худро ба он чи дар оянда рӯй медиҳад, тайёр кунанд, балки интизор шаванд, ки Худованд дар рӯйдодҳои мушаххасе ки бояд рӯй диҳанд, ҷалол ёбад. Ва ҳангоме ки Ӯ ҷалол ёфт, чӣ рӯй дод? «Акнун, ки Ӯ ба дасти рости Худо боло бурда шудааст, ваъдаи Рӯҳулқудсро аз Падар ёфта, он чиро, ки шумо дида ва шунида истодаед, фурӯ рехтааст» (Аъм.2:33). Тавзеҳ дар Инҷили Юҳанно («...зеро Рӯҳулқудс ҳанӯз дода нашуда буд, чунки Исо ҳанӯз ҷалол наёфта буд» Юҳ.7:39) ба мо дахл надорад: Рӯҳулқудс аллакай дар мо аст, Худованд аллакай ҷалол ёфтааст ва акнун мо бояд на он чизеро, ки Худо мекунад, интизор шавем, балки мувофиқати худро бо он чи Ӯ аллакай кардааст, интизор шавем.

Рӯҳулқудс ва қудрати Ӯ ҳатто пеш аз Пантикост амал мекард, аммо то он рӯз Ӯ ба одамон шахсан зоҳир намешуд. Дарҳол пас аз он ки Худованди мо ба осмон боло шуда, ҷалол ёфт, Рӯҳулқудс ба ин ҷаҳон омад ва дигар ҳеҷ гоҳ моро тарк накардааст. Мо бояд ваҳйеро қабул намоем, ки Ӯ дар ин ҷо бо мост. Имондор бояд ҳамеша дар ҳолати қабули Рӯҳулқудс бошад. Ва ҳангоме ки мо Рӯҳулқудсро қабул мекунем, мо аз Худованди ба осмон болошуда ҳаёт мегирем, ки моро эҳё мекунад.

Одамонро на таъмид бо Рӯҳулқудс тағйир медиҳад, балки қувваи Масеҳи ба осмон болошуда, ки ба воситаи Рӯҳулқудс ба онҳо дохил мешавад, тағйир медиҳад. Бисёр вақт мо он чизеро ҷудо мекунем, ки Аҳди Ҷадид ҳеҷ гоҳ ҷудо намекунад. Таъмид бо Рӯҳулқудс наметавонад воқеае бошад, ки Масеҳ ба он ҳеҷ муносибат надорад: худи он далели ба осмон боло рафтани Масеҳ аст.

Таъмид бо Рӯҳулқудс шуморо водор намекунад, ки дар бораи вақт ва абадият фикр кунед, шумо дар як лаҳзаи аҷиб ва пурҷалол

зиндагӣ карданро сар мекунед, ки маҳз ҲОЗИР ба амал меояд. «Ва ҳаёти абадӣ ин аст, ки Туро шиносанд» (Юҳ.17:3). Бо Ӯ шинос шуданро ҳоло сар кунед ва ҳеҷ гоҳ бас накунед.

148. САВОЛҲО НЕСТ

«...Ва дар он рӯз аз Ман чизе нахоҳед пурсид» (Юҳанно 16:23).

Дар кадом «он» рӯз? Дар он рӯзе ки Худованди ба осмон болорафта туро бо Падар як хоҳад кард. Дар он рӯз шумо бо Падар як хоҳед буд, чунон ки Масеҳ бо Ӯ як аст ва «дар он рӯз», мегӯяд Исо, «шумо аз Ман чизе намепурсед». То даме ки қувваи эҳё дар ту ошкор нашавад, хоҳиши пурсидани ину онро пайдо мекунед, ва пас аз чанд вақт пай мебаред, ки ҳама саволҳо аз байн рафтаанд ва гӯё чизе барои пурсиш нест. Ин маънои онро дорад, ки шумо комилан ба қувваи эҳё такя кардаед, то шуморо ба нияти Худо комилан мувофиқ мегардонад. Оё шумо ҳозир дар ин қудрат зиндагӣ мекунед? Ва агар не, пас чаро?

Дар зеҳни шумо шояд шумораи зиёди ҷойҳои торик вуҷуд дошта бошад, аммо ҳеҷ яке аз онҳо байни дили шумо ва Худо нест. «...Ва дар он рӯз аз Ман чизе намепурсед». Зарурат ба пурсиши шумо нест, шумо он қадар боварӣ доред, ки Худо ҳама чизеро, ки хости Ӯ аст, ба шумо ошкор хоҳад кард. Дили шумо ҳақиқатан «ба изтироб намеояд» (Юҳ.14:1) ва шумо дигар саволе надоред. Ва агар дар миёни шумо ва Худо сирре пайдо шуда бошад, ҳеҷ гоҳ дар зеҳни худ тавзеҳот наҷӯед, дар рӯҳи худ нигоҳ кунед — дар он ҷо чизе вайрон шудааст. Ва ҳангоме ки дар рӯҳ ба Масеҳ итоат мекунед, фаҳмиши возеҳ дар бораи ҳама чизи даркорӣ бармегардад ва дар байни Падар ва фарзанди Ӯ ҳеҷ монеа нахоҳад буд, зеро Худованд шуморо муттаҳид кардааст — «ва дар он рӯз аз Ман чизе намепурсед».

149. БАЙНИ МО МОНЕАЕ НАХОҲАД БУД

«Дар он рӯз ба номи Ман талаб хоҳед кард... Худи Падар шуморо дӯст медорад» (Юҳанно 16:26–27).

Дар он рӯз ба номи Ман, яъне мувофиқи рӯҳи Ман талаб мекунед. Ин чунин маъно надорад: «Номи Маро ҳамчун ҷоду, формулаи ҷодугарӣ истифода мебаред», ин чунин маъно дорад: «Ба Ман чунон наздик хоҳед буд, ки бо Ман як мешавед». Ва «он рӯз» дар оянда нест, он ҳоло ва дар ин ҷост. «Худи Падар шуморо дӯст медорад» — ин иттиҳод то ҳамин дараҷа комил аст. Худованди мо дар назар надорад, ки ҳаёт аз мушкилиҳои беруна озод хоҳад буд, балки чунон ки Ӯ медонист, ки дар дил ва шуури Падар чист, айнан ҳамон тавр Ӯ метавонад моро бо таъмиди Рӯҳулқудс ба осмон боло барад, ва дар он ҷо Ӯ ба мо ҳикмати Худоро ошкор мекунад.

«Ҳар он чи аз Падар ба номи Ман хоҳиш кунед...» «Он рӯз» рӯзест, ки ҳеҷ чиз байни Худо ва шахси муқаддаси Ӯ намеистад. Чӣ тавре ки Масеҳ дар пеши Падари худ беайб ҳозир шуд, ончунон бо ёрии қувваи тавонои таъмиди Рӯҳулқудс ба чунин сатҳи муносибатҳо бардошта шуда метавонем — «...То ки онҳо як бошанд, чунон ки Мо як ҳастем» (Юҳ.17:22).

«Ба шумо ато хоҳад кард» (Юҳ.16:23). Масеҳ мегӯяд, ки Худо дуоҳои моро қабул мекунад. Чӣ тавр мо дуо накунем?! Ба шарофати қувваи эҳё ва ба осмон боло шудани Масеҳ, ба шарофати Рӯҳулқудси барои мо фиристодашуда мо ба чунин муносибатҳо бо Падар бардошта шуда метавонем, ки бо интихоби озоди худ бо иродаи комили Худо як мешавем, чунон ки Исо бо он як шуда буд. Ва дар ин мавқеи олидараҷа, ки ба хотири Исои Масеҳ ҳастем, метавонем ба Худо ба номи Ӯ, мувофиқи рӯҳи Ӯ, ки Рӯҳулқудс ба мо ато кардааст, дуо кунем, ва Масеҳ мегӯяд: «...Ҳар он чи шумо аз Падар ба номи Ман хоҳиш кунед, Ӯ ба шумо медиҳад». Қувват ва тавоноии Исои Масеҳ бо суханони худаш озмуда мешаванд.

150. «ҲА, ЛЕКИН...»

«Худовандо! Туро пайравӣ хоҳам кард, лекин...» (Луқо 9:61).

Агар тасаввур кунед, ки Худо аз шумо кореро талаб мекунад, ки қабул кардани он барои ақли солими шумо бениҳоят душвор аст, шумо чӣ кор мекардед? Шумо дудила мешавед? Агар шумо ба коре одат кунед, пас шумо ҳамин корро кардан мегиред, то он даме ки одати худро бо як кӯшиши ирода тарк кунед. Дар масъалаҳои рӯҳонӣ низ ҳамин тавр аст. Шумо гаштаву баргашта ба он чизе ки Исои Масеҳ аз шумо мехоҳад, майл мекунед, аммо ҳар вақте ки масъала ба худи кор оид мешавад, шумо дар паси буттаҳо пинҳон мешавед, то он даме ки ҳама чизро зери хатар гузоред. «Ҳа, аммо...агар дар ин кор ба ҳар ҳол ба Худо итоат кунам, чӣ мешавад...?» «Бале, ман ба Худо итоат мекунам, агар Ӯ ба ман иҷозат диҳад, ки ақли солимро истифода барам, аммо ҳатто аз ман хоҳиш накунед, ки ба торикӣ қадам занам». Исои Масеҳ аз онҳое ки ба Ӯ таваккал мекунанд, ҳамон бепарвоӣ, ҳамон хатари варзиширо, ки мо дар одамони ин ҷаҳон мебинем, талаб мекунад. Агар инсон ба чизе ноил шудан хоҳад, баъзан маҷбур мешавад, ки ҳама чизро зери хатар гузорад ва ба қафо нигоҳ накарда, биҷаҳад. Дар масъалаҳои рӯҳонӣ Исои Масеҳ инчунин аз шумо талаб мекунад, ки ҳама чизҳоеро, ки ақли солим шуморо ба онҳо побанд мекунад, зери хатар гузоред, ва ба он ҷое ки Ӯ шуморо даъват мекунад, биҷаҳед. Ва ҳангоме қарор медиҳед, ки биҷаҳед, мефаҳмед, ки ба суханони Ӯ на камтар аз ақли солим такя карда метавонед.

Аз нигоҳи ақли солим гуфтаҳои Исои Масеҳ шояд сафсатае ба назар мерасанд, аммо агар ба онҳо аз нигоҳи имон нигоҳ кунед, ҳайрон мешавед ва меларзед, зеро мефаҳмед: ин суханони Худо мебошанд. Ба Худо комилан боварӣ кунед ва ҳангоме ки Ӯ шуморо ба таваккал даъват мекунад, дудила нашавед. Дар як лаҳзаи душвор мо аз бутпарастон фарқе надорем — аз байни як тӯда одамон танҳо як нафар ҷуръат мекунад бо имон ба вафодории Худо такя кунад.

151. АВВАЛАН ХУДО

«...Лекин Исо ба онҳо эътимод накард...зеро ки он чи дар инсон аст, Худ медонист» (Юҳанно 2:24–25).

Пеш аз ҳама ба Худо боварӣ намоед. Худованди мо ба ҳеҷ кас боварӣ надошт, вале ҳеҷ гоҳ нобовар набуд, хашмгин набуд, аз мардум ноумед намешуд, зеро пеш аз ҳама ба Худо боварӣ мекард. Ӯ боварии комил дошт, ки файзи Худо ба ҳар як шахс чӣ кор карда метавонад. Агар пеш аз ҳама ба одам бовар кунам, кор бо он меанҷомад, ки ман аз ҳама одамон ноумед шуда, аз ҳама хашмгин мешавам, зеро аз одам чизеро интизор мешавам, ки касе ба он қодир нест — камолот. Ҳеҷ гоҳ ғайр аз файзи Худо, на ба худ ва на ба ягон каси дигар ё ба чизи дигар таваккал накун.

Пеш аз ҳама ба он чизе ки ба Худо даркор аст, ғамхорӣ кунед. *«Инак, меоям, то иродаи Туро, эй Худо, ба ҷо оварам»* (Ибр.10:9).

Инсон ба он чизе ки зарурат мешуморад, итоат мекунад. Худованди мо ба иродаи Падари худ итоат мекард. Имрӯз дар ҳама ҷо садоҳо шунида мешаванд, ки «бояд коре кард, ғайрияҳудиён бе Худо мемиранд, мо бояд рафта дар бораи Ӯ ба онҳо нақл кунем». Аммо пеш аз ҳама мо бояд тафтиш кунем, ки оё дар рӯҳи худ он чиро, ки ба Худо лозим аст, иҷро карда истодаем ё не. «...Шумо дар шаҳри Ерусалим бимонед, то...» (Луқ.24:49). Мақсади ин коллеҷ он аст, ки мо дуруст дарк кунем, ки Худо чиро мехоҳад. Ва агар мо дар рӯҳи худ он кореро кунем, ки Худо мехоҳад, Ӯ ба мо чизеро, ки Ӯ мехоҳад ва берун аз ҳудуди онро нишон медиҳад.

Дар навбати аввал дар бораи боварии Худо фикр кунед. *«...ҳар кӣ яке аз ин гуна кӯдаконро ба исми Ман қабул кунад, вай Маро қабул мекунад»* (Мат.18:5).

Боварии Худо дар он аст, ки Ӯ худро ба ман ҳамчун тифл медиҳад. Худо интизор аст, ки ҳаёти ман «Байт-Лаҳм» бошад. Оё ҳаёти ман тадриҷан зери таъсири ҳаёти Писари Худо, ки дар ман сокин аст, тағйир меёбад? Мақсади ниҳоии Худо ин аст, ки Писари Ӯ Худро дар ҷисми мирандаи ман зоҳир карда тавонад.

152. САВОЛИ ДУШВОР

«Эй писари одам! Оё ин устухонҳо зинда хоҳад шуд?» (Ҳизқиёл 37:3).

Оё ана ҳамон гунаҳкор ба муқаддас табдил ёфта метавонад? Оё ин зиндагии печидаро дуруст кардан мумкин аст? Ба ин саволҳо танҳо як ҷавоб ҳаст: «Худовандо! Ту инро медонӣ» (Ҳиз.37:3). Ва зарур нест, ки бо ақли солими динӣ ба ин асрор дахолат карда, гӯед: «Ҳама чизро ислоҳ кардан мумкин аст, танҳо Китоби Муқаддас хондан, дуо гуфтан ва ба калисо рафтан лозим аст».

Коре кардан аз боварӣ кардан ба Худо хеле осонтар аст. Мо воҳимаро бо илҳом омехта мекунем. Аз ҳамин сабаб Худо ҳамкорони кам ва коргарони зиёде дорад. Мо бештар тайёрем барои Худо кор кунем, назар ба ин ки ба Ӯ бовар намоем. Оё ман 100% боварӣ дорам, ки Худо кореро, ки ман карда наметавонам, иҷро мекунад? Ман ҳар қадар камтар фаҳмам, ки Худо аллакай барои ман коре кардааст, ҳамон қадар бештар аз одамон ноумед мешавам. Ё шояд ман қувват ва тавоноии Худоро чунон хуб дарк мекунам ва эҳсос мекунам, ки аз ҳеҷ кас ноумед шуда наметавонам? Оё ман ба Худо имкон додам, ки дар ман ягон кори рӯҳонӣ кунад? Ҳар қадар таҷрибаи рӯҳонии ман камтар бошад, ман ҳамон қадар бештар воҳима мекунам.

«Инак Ман қабрҳои шуморо мекушоям, ва шуморо, эй қавми Ман, аз қабрҳотон мебарорам» (Ҳиз.37:12). Ҳангоме Худо ба шумо нишон додан мехоҳад, ки одам бе Ӯ чӣ гуна аст, Ӯ инро дар худи шумо нишон медиҳад. Агар Рӯҳи Худо ба шумо ошкор карда бошад, ки бе файзи Худо шумо чистед (ва Ӯ ин корро танҳо ҳамон вақт мекунад, ки Рӯҳи Ӯ дар шумо амал мекунад), шумо мефаҳмед, ки ҳеҷ чиноятқор дар асл ҳатто ба андозаи нисфи он ки «ман»-и шумо даҳшатнок буда метавонад, даҳшатнок нест. Худо «қабри» маро кушод, ва ман «медонам, ки дар ман, яъне дар ҷисми ман, чизи нек сокин нест» (Рум.7:18). Рӯҳи Худо доимо ба одам он чизеро ошкор мекунад, ки вай бе файзи Худо чӣ арзише дорад.

153. ШУМОРО ЧӢ БА ТАШВИШ МЕОВАРАД?

«Кист он касе ки аз Худованд метарсад?» (Забур 24:12).

Чӣ чиз шуморо ба ташвиш меоварад, оромӣ намедиҳад? Шумо мегӯед: «Ҳеҷ чиз»? Аммо чизе ҳамаи моро ором намегузорад, одатан худамон ё, агар мо масеҳӣ бошем, гузаштаи мо. Нависандаи таронаҳои Забур мегӯяд, ки мо бояд аз Худованд тарсем. Инсон бояд ҳамеша ҳузури Худи Худоро дарк намояд, на танҳо дар бораи Ӯ андешаҳо кунад. Тамоми ҳаёти мо, чи дарун ва чи берун, бояд бо ҳузури Худо фаро гирифта шавад. Модар ҳамеша дар зеҳни кӯдак ҳаст, ҳатто ҳангоме ки ӯ дар бораи модар махсус фикр намекунад. Ҳамин ки ягон мушкилӣ рӯй диҳад, кӯдак дарҳол модарашро ба ёд меоварад. Мо низ ҳамин тавр бояд дар Худо зиндагӣ кунем, ҳаракат кунем ва вуҷуд дошта бошем, ба ҳама чиз бо ёди Худо нигоҳ кунем, фикрҳо дар бораи Ӯ ҳамеша дар мадди назари мо бошанд.

Агар Худо дар ҳама ҷо ва ҳамеша бо мо бошад, ҳеҷ чизи дигаре ба мо ворид шуда наметавонад: на ташвиш, на ғам ва на ҳаяҷон. Он гоҳ маълум хоҳад шуд, ки чаро Худованди мо дар бораи гуноҳи ташвишу ғамхорӣ ин қадар ҷиддӣ сухан гуфтааст. Чӣ тавр мо метавонем ба Худо ин қадар нобоварӣ кунем, дар ҳоле ки Ӯ дар ҳама ҷо моро иҳота кардааст? Агар Худо дар ҳама ҷо бо мо бошад, пас мо бар зидди ҳама ҳамлаҳои душман зиреҳи боэътимод дорем.

«Ҷони вай дар некӣ сокин хоҳад шуд» (Заб.24:13). Дар ғаму андӯҳ, нофаҳмӣ, тӯҳмат — дар даруни ҳамаи ин, агар ҳаёти мо бо Масеҳ дар Худо бошад, Ӯ моро «дар некӣ» нигоҳ медорад. Худро аз ваҳйи аҷиби ин муошират беист бо Худо маҳрум намуда, мо худамонро ғорат мекунем. «Худо паноҳгоҳи мост» (Заб.44:2), ва ҳеҷ чиз аз ин деворҳо гузашта наметавонад.

154. СИРРИ ХУДОВАНД

«Сирри Худованд бо тарсгорони Ӯст» (Забур 24:14).

Дӯст чӣ гуна шинохта мешавад? Дар он ки ӯ ба шумо дар бораи ғамҳои ниҳонии худ нақл мекунад? Не, дар ин аст, ки вай ба шумо дар бораи шодиҳои ниҳонии худ нақл мекунад. Бисёриҳо тайёранд ғаму андӯҳи ниҳонии худро ба шумо расонанд, аммо танҳо дӯстони наздиктарин ва вафодор тайёранд шодии ниҳонии худро ба шумо расонанд. Аммо оё мо боре ба Худо имкон додаем, ки ба мо дар бораи шодии худ нақл кунад, ё мо беист фақат дар бораи асрори худ ба Худо нақл мекунем, вале ҳатто имкон намедиҳем, ки Ӯ ба мо гап занад? Дар ибтидои ҳаёти масеҳии худ мо пур аз дархостҳо ба Худо ҳастем, ва он гоҳ мебинем, ки Худо мехоҳад моро ба сӯи худ ҷалб кунад ва мақсадҳои Худро ба мо ошкор кунад. Оё мо дуоро тавре тасаввур мекунем, ки Исои Масеҳ онро пешниҳод мекунад — «Хости Ту ба амал ояд» — то дар он асрори Худоро дарк кунем? Ва Худо барои мо на бо баракатҳои бузурги худ, балки бо чизҳои ноаён маҳбуб мешавад, зеро ба шарофати онҳо маълум мешавад, ки Ӯ ба мо то чӣ андоза бениҳоят наздик аст ва чӣ гуна Ӯ ҳар як чизи хурди ҳаёти моро медонад.

«Варо Ӯ ба роҳе ки интихоб намудааст, ҳидоят хоҳад кард» (Заб.24:12). Дар аввал мо танҳо бояд донем, ки Худо моро роҳнамоӣ мекунад. Ва ҳар қадаре ки пеш равем, ҳамон қадар бештар ҳузури бевоситаи Худоро дарк мекунем ва торафт камтар ба мо лозим меояд аз Худо дар бораи хости Ӯ пурсем, зеро ба сари ҳатто фикре намеояд, ки метавонем ягон хости дигареро ҷӯем. Агар мо наҷотёфта ва муқаддас бошем, Худо моро ба воситаи қарорҳои оддии мо ҳидоят мекунад, ва агар мо коре карданӣ шавем, ки писандидаи Ӯ нест, пас Ӯ дахолат мекунад, ва мо Ӯро нашунида наметавонем. Агар шумо ҳатто заррае шубҳа дошта бошед, фавран бозистед. Ҳеҷ гоҳ ба чунин андешаҳо роҳ надиҳед: «Чаро ана ин тавр карданро санҷида набинем?» Худо моро ба интихоби мо роҳнамоӣ мекунад, яъне ақли солими моро

роҳнамоӣ мекунад ва мо дигар ба Рӯҳи Ӯ халал намерасонем ва намегӯем: «Хуб, Худованд, хости Ту чист?»

155. ХУДО ҲЕҶГОҲ НОУМЕД НАМЕКУНАД

«Зеро ки Худи Ӯ гуфтааст: Туро тарк нахоҳам кард ва туро нахоҳам партофт» (Ибриён 13:5).

Фикрҳои ман ба куҷо равонаанд? Ба он чи Худо мегӯяд, ё ба он чи аз он метарсам? Оё ман омӯхта истодаам, ки на танҳо он чиро, ки Худо мегӯяд, балки он чиро, ки аз даҳони Ӯ бо гӯшҳои худ шунидаам, бигӯям? «Зеро Худи Ӯ гуфтааст: „Аз ту даст намекашам ва туро тарк намекунам“. Бинобар ин мо метавонем далерона гӯем: „Худованд мададгори ман аст, пас, наметарсам; одамизод ба ман чӣ карда метавонад?“» (Ибр.13:5–6).

«Ӯ тарк намекунад...» — ба ҳеҷ ваҷҳ аз ту даст намекашам: на аз сабаби тамоми гуноҳат, на аз сабаби худпарастии ту, на аз сабаби якравиву беитоатии ту. Оё ман ба Худо имкон додам ба ман гӯяд, ки маро тарк намекунад? Агар ин ҳақиқати раднопазири Худоро шунида бошам, бори дигар онро гӯш мекунам.

«Ва туро тарк намекунам». Баъзан на ким-кадом озмоишҳои ҷиддӣ, балки зиндагии ҳаррӯзаи дилгиркунанда маро ба фикре водор мекунад, ки Худо маро тарк карда метавонад. Ҳеҷ гуна хатарҳоро паси сар кардан, уфуқҳоро кушодан лозим нест, ҳеҷ чизи мӯъҷизаосо ва олидараҷа нест, ҳар рӯз ҳамон як чиз... оё ман дар садои дилгиркунандаи ҳаёти ҳаррӯза ҳақиқатҳои раднопазири Худоро шунида метавонам?

Ба назари мо чунин менамояд, ки Худо як чизи ғайриоддӣ карданӣ аст, ва Ӯ моро барои чизи ғайриоддӣ дар оянда тайёр мекунад, аммо бо файз зиндагӣ карда, мо мебинем, ки Худо дар ин ҷо ва ҳоло, дар ҳамин дақиқа ҷалол дода мешавад. Агар ҳақиқатҳои раднашавандаи Худо дар паси мо бошанд, қувваи тасавурнопазир ба мо меояд ва мо ҳатто дар рӯзҳои дилгиркунанда сурудхониро сар мекунем.

156. ҲАҚИҚАТҲОИ ХУДО

«...Зеро Худи Ӯ гуфтааст...бинобар ин мо метавонем далерона бигӯем...» (Ибриён 13:5–6).

Ҳақиқатҳои раднопазири ман бояд бар ҳақиқатҳои раднопазири Худо асос ёбанд. Худо мегӯяд: «Туро тарк намекунам» ва ман далерона гуфта метавонам: «Худованд мададгори ман аст, ва ҳаросон нахоҳам шуд» (Ибр.13:5–6), зеро ман чизе барои тарс надорам. Ин асло маънои онро надорад, ки ман чӣ будани тарсро фаромӯш мекунам, аммо вақте тарсро ҳис мекунам, ман ҳақиқатҳои раднопазири Худоро ба ёд меоварам. Ман нотарс хоҳам буд, мисли кӯдаке ки мехоҳад он чиро, ки падараш аз ӯ интизор аст, ба ҷо оварад. Ҳангоме ки тарс фаро мерасад, бисёриҳо имони худро гум мекунанд, маънои ҳақиқатҳои абадии Худоро фаромӯш мекунанд, нафаси чуқури рӯҳонӣ кашиданро фаромӯш мекунанд. Ва танҳо як роҳе ҳаст, ки тарсро аз худ дур кунед: ба ҳақиқатҳои Худо гӯш диҳед.

Аз чӣ метарсӣ? Умуман ту тарсончак нестӣ, дар паси буттаҳо пинҳон намешавӣ, аммо дилат ҳанӯз тарс дорад. Ҳангоме ки аз ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз интизори ёрӣ нестед, чунин гӯед: «Аммо Худованд мададгори ман аст, ҳамон сония, дар ҳамин ҷо». Шумо гуфтани чизеро, ки аз Худо шунидаед, ёд мегиред, ё аввал чизе мегӯед, ва баъд суханони Худоро ба суханони худ мутобиқ мекунед? Ба ҳақиқатҳои раднашавандаи Падар маҳкам бичаспед ва он гоҳ нотарсона гӯед: «Ман наметарсам». Ва муҳим нес, ки чӣ гуна душворӣ насиби шумо хоҳад шуд. Ӯ гуфтааст: «Ман туро тарк намекунам».

Нотавонии мо низ метавонад монеаи байни Худо ва ҳақиқатҳои мо гардад. Ҳангоме дарк мекунем, ки дар мубориза бо душвориҳо то чӣ андоза нотавон ҳастем, ин душвориҳо барои мо азимҷуссаҳо мешаванд ва мо худамон малах мешавем (Адад.13:34). Дар айни ҳол Худо аз мадди назари мо тамоман нест мешавад. Аммо ҳақиқати бузурги Худоро ба ёд оваред: *«Туро тарк намекунам»*. Оё мо дар ҳамовозӣ бо Худо суруд

хонданро омӯхтаем? Оё мо ҳамеша ҷуръат дорем бигӯем, ки «Худо ёвари ман аст», ё тарс моро комилан фалаҷ мекунад?

157. ОН ЧИ ХУДО БА АМАЛ ОВАРДААСТ, БА АМАЛ ОВАРЕД

«*...наҷоти худро ба амал оваред*» (Филиппиён 2:12).

Иродаи шумо бо Худо мувофиқ аст, аммо дар ҷисматон қуввае амал мекунад, ки ба шумо роҳ намедиҳад кореро кунед, ки чуноне медонед, ба шумо лозим аст. Ҳангоме ки Худованд ба вичдони мо зоҳир мешавад, вичдон дарҳол иродаи моро бедор мекунад ва ирода ҳамеша бо Худо мувофиқ аст. Шумо мегӯед: «Аммо ман намедонам, ки иродаи ман бо Худо мувофиқ аст ё не». Ба Масеҳ нигоҳ кунед ва хоҳед дид, ки ирода ва вичдони шумо ҳамеша бо Ӯ мувофиқанд. Ва он қувваи дарунӣ, ки ба ту ин суханонро пичиррос мезанад: «Намехоҳам, намекунам», аз иродаи ту хурдтар хоҳад буд, — ин худхоҳӣ ё якравӣ аст, ва ҳеҷ гоҳ бо Худо розӣ нестанд. Чизи амиқтарин дар инсон гуноҳ нест, балки иродаи ӯст.

Ирода дар он шакле ки Худованд онро офаридааст, як ҷузъи таркибии моҳияти инсон аст, гуноҳ таҳрифи ин моҳият аст, ки аз берун ба инсон ворид шудааст. Дар шахсе ки аз олами боло таваллуд мешавад, манбаи ирода қувваи номаҳдуд дорад, «... зеро Худост, ки дар шумо барои хушнудии Худ ҳам хоҳиш ва ҳам амалро ба вуҷуд меоварад». Шумо бояд бо тамоми диққат ва ҷидду ҷаҳди худ он чиро, ки Худо аллакай дар шумо ба амал овардааст, ба амал оваред — дар худ аз ҳеҷ чиз наҷот ба вуҷуд наоваред, балки дар асоси имони қатъӣ ба пуррагӣ ва камолоти кафорат, ки Худованди мо ба амал овардааст, наҷоти худро «ба амал оваред».

Ва бо ин кор шумо иродаи худро ба Худо мухолиф намекунед:

Иродаи Худо аз они шумо мешавад, ҳама қарорҳои шумо ба иродаи Худо мувофиқат мекунанд ва ин тавр зиндагӣ кардан мисли нафаскашӣ табиӣ мешавад. Сарчашмаи иродаи шумо ҳоло Худост, бинобар ин шумо метавонед иродаи Ӯро «иҷро

кунед». Якравӣ як кафи беасосест, ки аз рафтори оқилона даст мекашад, онро танҳо бо динамит таркондан мумкин аст ва ин динамит итоат ба Рӯҳулқудс аст.

Оё ман бовар мекунам, ки манбаи иродаи ман Худои Қодир аст? Худое ки на танҳо аз ман интизор аст, ки иродаи Ӯро иҷро кунам, балки Худаш дар ман зиндагӣ мекунад, то ин иродаро иҷро кунад.

158. ҲАМИН ТАВР ИСТЕД!

«*Ва ҳар чиро, ки ба исми Ман биталабед, ба ҷо хоҳам овард*» (Юҳанно 14:13).

Оё ман ин хизмати ноаёнро иҷро мекунам? Дар дуо дар ҳаққи дигарон дом нест, онҳо саратро чарх занонда наметавонанд, аз онҳо фахр намекунӣ. Ин хизмат ба дигарон ноаён аст, аммо он самаре медиҳад, ки Падарро ҷалол медиҳад. Оё ман ҳаёти рӯҳонии худро ба чизҳои майда-чуйда сарф мекунам ё ҳамаашро ба як нуқта — ба кафорати Худовандам равона мекунам? Оё ман торафт бештар тамоми манфиатҳои ҳаёти худро ба Исои Масеҳ месупорам? Агар нуқтаи асосӣ, омили асосие ки ба ҳаёти ман таъсир мерасонад, кафорати Худованд бошад, пас ҳама чиз дар зиндагии ман барои Худованд самар хоҳад дод.

Ба ягон ҷо шитоб карданам лозим нест, то он даме ки фаҳмам, ки сарчашмаи қувват дар кадом нуқта, дар куҷост. Оё ман аз шаст дақиқа ақаллан як дақиқа дар ин бора фикр мекунам? «Агар дар Ман монед...» — агар дар ин нуқта буда, амал намудан, фикр кардан ва кор карданро давом диҳед, — «ҳар чи мехоҳед, хоҳиш мекунед, ва он ба шумо дода мешавад» (Юҳ.15:7). Оё ман дар Ӯ ҳастам? Оё ман вақт меёбам, ки биистам ва танҳо дар Ӯ бошам? Сарчашмаи муҳимтарини қувват дар ҳаёти ман кадом аст? Кор, хизмат, фидокорӣ ё меҳнат барои Худо? Бузургтарин қувва, бузургтарин тавоноӣ дар ҳаёти ман бояд аз кафорати Худованд бошад. На чизе ки ба он бештар вақтро сарф мекунем, балки он чизе ки қувваи бузургтар дорад,

ба мо бештар таъсир мерасонад. Мо бояд қарор қабул кунем, ки қуввахо ва манфиатҳоямонро пароканда накунем.

«Ҳар чи мехоҳед, биталабед, ва он ба шумо дода хоҳад шуд». Шогирде ки дар Масеҳ аст, таҷассуми иродаи шахсии Худост, ва он чи ӯ мувофиқи иродаи худ анҷом медиҳад, пеш аз офариниши ҷаҳон аз ҷониби Худо муқаррар шудааст. Муаммо? Набудани мантиқ? Сафсата? Бале, аммо барои шахси муқаддас ин ҳақиқати пурҷалол аст.

159. БАЪД ЧӢ АСТ?

«Ҳар гоҳ инро донистед, хушо шумо, агар инро ба амал оваред» (Юҳанно 13:17).

Шумо бояд хоҳиш дошта бошед, ки бештар аз он чи дигарон медонанд, бидонед. Агар шумо худатон бандҳои паҳлӯгирии киштии худро накушоед, Худо маҷбур мешавад, ки тӯфон фиристода, онҳоро барканад, ва шумо ба ҳар ҳол ба баҳри кушод мебароед. Ҳама чизро ба Худо супоред, худро ба мавҷи тавонои Ӯ, ки аз соҳил дур мешавад, партоед, ва чашмонатон кушода мешаванд. Агар шумо ба Исо имон оваред, лозим нест, ки тамоми вақти худро дар обҳои ороми бандар гузаронед ва аз обҳои ороми бандар ҳаловат баред, шумо бояд аз бандар ба умқи бузурги Худо биравед ва сафари худ, сафари дониши худро сар кунед, фаҳмиши рӯҳонӣ доштанро ёд гиред.

Ҳангоме дарк мекунед, ки бояд кореро анҷом диҳед ва онро ичро мекунед, дарҳол чизеро мефаҳмед, ки пештар намедонистед. Санҷед, ки шумо чӣ гуна ба маънои рӯҳонӣ ноуҳдабаро шудаед, ва мебинед: ҳамааш ҳамон вақт сар шуд, ки шумо фаҳмидед, ки бояд коре кунед, аммо ин корро накардед, зеро қарор додед, ки ҳоло вақти он нарасидааст. Ва акнун шумо ҳисси бӯиданро гум кардаед, қобилияти фаҳмиши рӯҳониро гум кардаед, ва ҳангоме ки бояд қарор қабул кунед, шумо рӯҳан парешон мешавед, на ҳушёр. Аз омӯхтани чизҳои нав даст кашидан хеле хатарнок аст.

Ивазкунандаи хатарноки итоаткорӣ — ҳолатест, ки шумо худатон имкониятҳои қурбонии худро пайдо мекунед. Кӯшишу ғайрат ҷои фарқ карданро мегирад. Аз иҷрои сарнавишти рӯҳонии худ, ки дар Румиён зикр шудааст (Рум.12:1–2), худро фидо кардан осонтар аст. Барои иҷро кардани таъйиноти Худо донистани иродаи Ӯ беҳтар аст, на анҷом додани корнамоиҳои бузурги фидокорӣ. «Итоат беҳтар аз қурбонӣ аст» (1Подш.15:22). Ба он ҷое ки будед, баргаштанатон лозим нест, ҳангоме ки Худо мехоҳад шуморо ба он ҷое ки пештар набудед, фиристад. «...Агар касе хоҳад иродаи Ӯро ба амал оварад...хоҳад донист» (Юҳ.7:17).

160. БОЗ ЯК БАРОМАДИ АЗ ҲАМА БЕҲТАРИН

«*...биҷӯед, меёбед*» (Луқо 11:9).

Агар ҳанӯз наёфта бошед, ҷустуҷӯ кунед. «Илтимос мекунед ва ба даст намеоваред, чунки на аз баҳри қасди нек илтимос мекунед» (Яъқуб 4:3). Агар на аз Худо, балки аз зиндагӣ чизе хоҳиш мекарда бошед, на барои некӣ хоҳиш мекунед, яъне хоҳиш мекунед, ки барои «ман»-и шумо хуб бошад. Ва чӣ қадаре ки барои «ман»-и шумо хубтар бошад, ҳамон қадар шумо Худоро камтар мечӯед. «...биҷӯед, меёбед». Пас, аз пайи кор шавед, манфиатҳои худро бо ҳамин як чиз маҳдуд кунед. Оё шумо боре бо тамоми дили худ Худоро ҷустаед, ё баъзан пас аз хуруҷҳои шадиди азоби виҷдон нола мекардед? Ҷустуҷӯ кунед, диққатро ба ҷустуҷӯ равона кунед, ва шумо хоҳед ёфт.

«Эй ҳамаи ташнагон, сӯи обҳо биёед!» (Иш.55:1). Оё ташна ҳастед? Оё гулӯятон хушк шудааст? Ё тамоман парвое надоред — шумо аз он чи дар дастатон ҳаст, чунон қаноатманд ҳастед, ки аз Худо дигар чизе ба шумо лозим нест? Он чи имрӯз ҳаст, дари даромад аст, на хати марра. Ҳеҷ гоҳ имони худро бар он чи доред, бар таҷрибаи худ бунёд накунед, вагарна дар овози шумо дарҳол оҳангҳои металлӣ ва ёддоштҳои интиқодӣ садо медиҳанд. Шумо ҳеҷ гоҳ он чиро, ки худатон наёфтаед, ба

дигаре дода наметавонед, шумо ӯро танҳо бо он чи доред, ба ҷое ҷалб карда метавонед.

«Дарро кӯбед, он ба шумо кушода мешавад» (Луқ.11:9). «Ба Худо наздик шавед» (Яъқуб 4:8). Дарро кӯбед — дар қуфл аст ва ҳангоме ки шумо онро мекӯбед, дилатон аз синаатон мебарояд.

«Дастҳои худро шӯед» (Яъқуб 4:8) — баландтар тақ-тақ кунед, шумо хоҳед дид, ки ифлос шудаед. «Дилҳои худро пок кунед» (Яъқуб 4:8) — ин боз ҳам самимитар аст, шумо аллакай ба таври ҷиддӣ тақ-тақ мекунед, шумо ба ҳама чиз тайёред. «Андӯҳгин шавед» (Яъқуб 4:9) — оё шумо ягон бор дар дили худ дар назди Худо андӯҳгин шудаед? Дигар ҷои дилсӯзӣ ба худ нест, танҳо андӯҳ ва тааҷҷуб дар рӯҳ вуҷуд дорад, ки шумо ҳамоне ҳастед, ки ҳастед. «Фурӯтан шавед» (Яъқуб 4:10) — кӯфтани дарҳои Худо умуман мактаби фурӯтанӣ аст, зеро шумо бояд ҳамроҳи дузди маслубшуда дарро кӯбед. «...ҳар кӣ дарро кӯбад, *он ба ӯ кушода мешавад*» (Луқ.11:10).

161. ЧӢ ТАВР БА ОН ҶО РАСИДАН МУМКИН АСТ

«*Назди Ман оед*» (Матто 11:28).

Дар он ҷо гуноҳ ва ғам тамом мешавад ва суруд ва қудсият сар мешавад. Оё ман мехоҳам ба он ҷо равам? Зеро ман метавонам аллакай ҳозир дар он ҷо бошам. Саволҳои муҳим дар ҳаёти мо чандон зиёд нестанд ва ҷавоби онҳо як аст: «Назди Ман оед». Масеҳ намегӯяд: «Инро бикунед ва инро накунед», Ӯ мегӯяд: «Назди Ман оед». Агар ман назди Исо биёям, дар ҳаётам байни он чи ҳақиқатан мехоҳам ва он чи дар асл дорам, ҳамоҳангиву мувофиқат фаро мерасад, ман воқеан гуноҳро тарк мекунам ва дар ҳақиқат садои суруди Худовандро мешунавам.

Оё шумо назди Исо омадаед? Ба якравии дили худ, ки ба ғайр аз кори оддитарин, — назди Ӯ омадан, — ба ҳар кор тайёр аст, таслим нашавед. Агар гуноҳро ба таври ниҳоӣ ва бебозгашт тарк карданӣ бошед, назди Исо биёед.

Исои Масеҳ ҳама чизро бо Худ тафтиш мекунад. Бубинед, ки чӣ тавр Ӯ калимаи «оед»-ро истифода мебарад. Дар лаҳзаҳои ғайричашмдошт мо Худованд пичирроси мешунавем, ки мегӯяд: «Назди Ман оед» ва дарҳол мо ба сӯи Ӯ ҷалб мешавем. Ҳангоме ки мо бо Исо рӯ ба рӯ мешавем, ҳама чиз тағйир меёбад. Хирадатонро тарк кунед ва бехирад шавед — оед ва ба он чи Ӯ мегӯяд, таслим шавед. Ва шумо танҳо ҳамон вақт омада метавонед, ки бо қарори иродаи худ аз ҳама чиз даст мекашед ва ҳама чизро огоҳона ба дасти Ӯ месупоред.

«Ман ба шумо оромӣ мебахшам», яъне бо шумо мемонам. Масеҳ намегӯяд: «Туро мехобонам, дастатро гирифта, суруди алла мехонам», Ӯ мегӯяд: «Туро бедор мекунам, аз бистар берун мекунам, ҳушёр мекунам ва хастагиятро дур мекунам. Шумо акнун ҷасадҳои ниммурдаи роҳраванда намешавед. Ман ба шумо рӯҳи ҳаётро медиҳам, ва шуморо қувваи комилтарини ҳаёт дар рӯи об нигоҳ хоҳад дошт». Ва мо оҳиста-оҳиста дар бораи зарурати «таслим шудан ба иродаи Худо» чизе мегӯем! Пас мо қувват ва тавоноии бузурги Писари Худоро дар куҷо гум кардаем?

162. ЧӢ ТАВР БА ОН ҶО РАСИДАН МУМКИН АСТ

«Эй Устод, дар куҷо истиқомат дорӣ? ...Биёед ва бубинед» (Юҳанно 1:38–39).

Дар он ҷо худпарастӣ хоб мекунад ва таваҷҷуҳи ҳақиқӣ бедор мешавад. «Ва он рӯз назди Ӯ монданд». Баъзеи мо зиёда аз як рӯз назди Ӯ мондан наметавонанд. Ҳадди аксар пас аз як рӯз мо корҳо ва ташвишҳои худро ба ёд меоварем, худпарастӣ аз нав бедор мешавад ва мо дигар бо Масеҳ нестем. Аммо шумо метавонед дар ҳар амал ва дар ҳар шароит дар Масеҳ бимонед.

«Ту Шимъӯн ибни Юнус ҳастӣ; ту Кифо номида хоҳӣ шуд» (Юҳ.1:42). Худо дар ҷони мо номи навро танҳо дар ҳамон ҷо менависад, ки тамоми осори ғурур, худбоварӣ ва худхоҳиро

нест кардааст. Дар номи нави баъзеи мо доғҳо пайдо мешаванд, ба монанди доначаҳои рӯҳонӣ. Аммо аз баъзе ҷиҳатҳо мо бад наметобем ва ҳангоме ки дар беҳтарин шакли рӯҳонӣ ҳастем, аз берун фикр кардан мумкин аст, ки мо муқаддасони сатҳи олӣ ҳастем. Аммо агар мо табъи хира дошта бошем, беҳтар аст, ки ба мо нигоҳ накунанд. Бар шогирди асил бошад, дар ҳама ҷо — аз сар то по номи нав навишта шудааст, дар ӯ ҳеҷ осоре аз ғурур, худбоварӣ ва худпарастӣ намондааст. Ғурур — ин «ман»-ро худо гардондани аст, ва имрӯз баъзеи мо ин корро на ба тариқи фарисиёна, балки ба таври боҷгирона мекунанд. Ғурури инсонӣ метавонад гӯяд: «Охир, ман муқаддас нестам», аммо дар ин калимаҳо куфри беихтиёр пинҳон аст. Маънои аслии ин суханон он аст, ки Худоро аз муқаддас гардонидани ту бозмедорӣ ва дар асл мегӯй: «Ман хеле нотавонам, аз ман умед нест, маро ҳеҷ кафорате ислоҳ намекунад». Фурӯтанӣ дар назди одамон метавонад ба куфри беихтиёр табдил ёбад. Чаро шумо муқаддас нестед? Ё аз он сабаб, ки шумо муқаддас будан намехоҳед, ё бовар намекунед, ки Худо шуморо муқаддас гардонда метавонад. Шумо мегӯед, ки хуб мебуд, агар Худо шуморо наҷот медод ва якбора рост ба осмон мебурд. Аммо ин маҳз ҳамон чизест, ки Ӯ карданӣ аст! «...ва Мо ба пеши вай омада, дар назди вай манзил мегирем» (Юҳ.14:23). Ҳеҷ гуна шарт гузоштан лозим нест, бигзор Масеҳ барои шумо ҳама чиз бошад — ва Ӯ шуморо на танҳо барои як рӯз, балки барои ҳамеша, то абад ба хонаи Худ мебарад.

163. ЧӢ ТАВР БА ОН ҶО РАСИДАН МУМКИН АСТ

«*...Маро пайравӣ кунед*» (Марқӯс 1:17).

Дар он ҷо ғаразнокӣ мемирад ва аз иродаи худ даст кашидан зиндагӣ мекунад. Яке аз бузургтарин монеаҳо барои Исо одати мост, ки барои ҳама чиз хислатамонро айбдор мекунем. Мо худамон ин монеаҳоро — табъ ва майлҳои табиии худро дар роҳи Исо мегузорем. Аммо ҳангоме ки назди Ӯ меоем, аввалин

чизе ки ба мо ошкор мешавад, ин аст, ки Исо аз ин майлҳои табиии мо парвое надорад. Мо фикр мекунем, ки атоҳои худро ба Худо бахшида метавонем. Ва чӣ гуна он чизеро, ки аз они шумо нест, бахшида метавонед? Танҳо як чизест, ки шумо ба Худо бахшида метавонед — ҳуқуқатонро ба худ (Рум.12:1). Ва агар тамоми ҳуқуқро ба Худо диҳед, Ӯ бар шумо озмоиш мегузаронад ва озмоишҳои Худо ҳамеша муваффақ мешаванд. Ягона хусусияти фарқкунандаи ҳақиқии шахси муқаддас — ба ҳеҷ кас монанд набудани ӯст, ки аз комилан даст кашидан аз худ ба манфиати Исои Масеҳ бармеояд. Дар рӯҳи шахси муқаддас чашмаи аҷиби ҳаёти ибтидоӣ, ҷараёнҳои ҳамеша тозаи Рӯҳи Худо фаввора мезанад. Шахси муқаддас мефаҳмад, ки Худо ҳама вазъиятҳоро идора мекунад, бинобар ин ҷои нолиш кардан нест, шумо бояд ба қафо нигоҳ накарда, худро ба Масеҳ супоред. Ва ҳеҷ гоҳ лозим нест, ки аз он чи бо шумо рӯй дод, барои дигарон қонунҳо бароред — бигзор Худо бо дигарон ба таври нотакрор рафтор кунад, чун бо шумо.

Агар шумо ҳама чизро ба ихтиёри Исо супоред, ва ҳангоме ки Ӯ «аз пайи Ман биёед» мегӯяд, меравед, Ӯ ба дигарон ҳамон суханонро аллакай ба воситаи шумо хоҳад гуфт, ва шумо акси садои суханони Масеҳро такрор карда, дар ҳаёт қадамгузор мешавед: «Аз пайи Ман биё». Ин ҳолат барои ҳар як шахсе аст, ки аз худаш даст кашида, назди Исо меояд.

Оё ман назди Ӯ омадаам? Оё худи ҳозир барои омадан тайёрам?

164. НАВБАТИ СУХАН АЗ ШУМОСТ

«*Дар Ман бимонед*» (Юҳанно 15:4).

Шумо бояд қарор диҳед. Аз сабаби кафорат Рӯҳи Исо ба ман дохил шуд ва акнун ман бояд босаброна дар худ чунин як самти фикрҳо, чунин рӯҳияҳоро ба вуҷуд оварам, ки ба Худованди ман комилан мувофиқ бошанд. Худо маро водор намекунад он тавре фикр кунам, ки Масеҳ фикр мекард, ман бояд худам ин корро кунам. Ман бояд «ҳар фикрро ба итоаткории Масеҳ асир

мекунем» (2Қўр.10:5). «Дар Ман бимонед», дар масъалаҳои зеҳнӣ, дар масъалаҳои молиявӣ, дар ҳама масъалаҳое ки ҳаёти одатии инсонро ташкил медиҳанд. Мо дар як вақт дар якчанд ченакҳои гуногун зиндагӣ мекунем.

Шояд ман ба Худо монеъ мешавам, ки дар ҳаётам коре кунад ва мегўям, ки ин ба мушорикати ман бо Ӯ халал мерасонад? Аммо ин густохӣ аст. Дар Масеҳ мондани ман ба вазъият вобаста нест, ман метавонам дар ҳама гуна шароит дар Ӯ бимонам, на бадтар аз он вақте ки ҷамъомади дуо баргузор мешавад. Аз ман талаб карда намешавад, ки вазъиятҳои мувофиқро мустақилона ташкил кунам. Ҳеҷ чиз наметавонад дар Худои будани моро халалдор кунад, Ӯ дар ҳама ҷо, дар ҳар ҷое ки ҷисми Ӯ буд, бо Падар буд. Ӯ ҳеҷ гоҳ шароити Худро интихоб намекард, балки он чизеро, ки Падар Ӯро мефиристод, бо фурўтанӣ қабул мекард. Фақат фикр кунед, Худованди мо ҳеҷ гоҳ ба ҳеҷ ҷо шитоб намекард ва ҳамеша ором буд! Аммо мо боварӣ дорем, ки бо Худо зистан маънои чун дар табларза зистанро дорад, мо оромии ҳаётро, ки бо Масеҳ дар Худо ниҳон аст, тамоман намедонем. Дар бораи он фикр кунед, ки чӣ шуморо роҳ намедиҳад, то дар Масеҳ бимонед... «Ҳа, Худовандо, танҳо як дақиқа сабр кун, ман бояд ин корро кунам... Ман корамро ба охир мерасонам ва бо Ту мемонам... Ин ҳафта мегузарад ва мо ҳаёти муқаррариро сар мекунем, мо „мондан“-ро сар мекунем». *Шумо бояд худи ҳамин лаҳза дуруст амал кунед,* шумо бояд худи ҳозир бимонед. Дар аввал лозим меояд, ки ҳамеша кўшишҳо ба харҷ диҳед, то даме ки чунин ҳаёт барои шумо қонун гардад ва шумо беихтиёр дар Масеҳ монданро ёд гиред. Пас, дар ҳар ҷое ки бошед, дар Исо бимонед.

165. НАВБАТИ СУХАН АЗ ШУМОСТ

«*...бо имони худ нишон диҳед...*» (2 Петрус 1:5).

Ба берангии рўзгор дода нашавед. Петрус мегўяд, ки мо «шарики табиати илоҳӣ шудаем» (2Пет.1:4) ва акнун бояд тамоми диққатро ба ташаккули одатҳои нав равона кунем, ҷидду ҷаҳд

намоем ва ба чизи асосӣ диққат диҳем. Бисёр чизҳоро «нишон додан» лозим меояд. Ва бисёре чизҳое ки бояд нишон дода шаванд, дар мо тамоман нестанд. Ҳеҷ кас ба ин дунё ва на аз олами боло бо хислати тайёр таваллуд намешавад: характер бояд тарбия карда шавад. Мо бо одатҳои тайёр таваллуд намеёбем. Мо бояд дар асоси ҳаёти наве ки Худо ба мо додааст, одатҳо пайдо кунем. Худо моро ҳамчун намунаҳои олидараҷаи камолоти мутлақ тарҳрезӣ накардааст; Ӯ мехоҳад, ки мо муъҷизаҳои файзи Худоро дар байни ҳаёти ҳаррӯза зоҳир кунем. Хислат маҳз дар ҳаёти ҳаррӯза маълум аст. Ва майли мо ба корҳои бузурги ҳаёти рӯҳонӣ хеле халал мерасонад. «Исо...дастмолеро гирифта...шустани пойҳои шогирдонро сар кард» (Юҳ.13:3–5).

Бисёр вақт ҳеҷ гуна ошкоршавиҳо нестанд, эҳсосот дар хобанд, дар уфуқ танҳо корҳои муқаррарӣ ҳастанд. Аммо бо ёрии корҳои муқаррарии ҳаррӯза Худо моро дар байни таркишҳои илҳом муҳофизат мекунад. Ва интизор нашавед, ки Худо доимо асабҳои шуморо меозмояд, шумо бояд бо такя ба қувваи Худо ва дар берангии рӯзгор зистанро ёд гиред.

Бале, «нишон додан» душвор аст. Мо мегӯем, ки интизор нестем, ки Худо моро дар бистари бевазни гулҳо ба биҳишт барад, аммо чунон рафтор мекунем, ки гӯё маҳз ҳамин чизро интизорем! Ва дар хурдтарин кор, ки дар он ба Худо итоаткор ҳастам, қувваи бузурги файзи Худо ниҳон аст. Ва агар ман вазифаамро на ба хотири худи вазифа, балки барои он иҷро кунам, ки боварӣ дорам, ки Худо ҳама ҳолатҳоро идора мекунад, пас дар лаҳзаи итоаткорӣ ба шарофати кафорат тамоми пуррагии файзи ҷалоли Худо барои ман дастрас мегардад.

166. ОЁ ИН БА ШУМО ЧИЗЕ МЕГӮЯД?

«Касе муҳаббати бузургтар аз ин надорад, ки ҷони худро барои дӯстони худ фидо кунад... шуморо дӯст хондаам» (Юҳанно 15:13, 15).

Масеҳ аз ман талаб намекунад, ки барои Ӯ бимирам, Ӯ аз ман хоҳиш мекунад, ки ҷонамро барои Ӯ фидо кунам. Петрус

гуфтааст: «Ҷони худро барои Ту фидо мекунам» (Юҳ.13:37) ва инро аз самими дил гуфт, зеро ӯ маҳз ҳамин корро карданӣ буд. Қаҳрамонӣ дар хуни Петрус буд. Ва он қадар хуб нест, агар мо ба гуфтани чунин суханони бузурге ки Петрус гуфта буд, қодир набошем. То чӣ андоза дар мо инкишоф ёфтани ҳисси вазифашиносиро фақат аз он фаҳмидан мумкин аст, ки ҳисси қаҳрамонӣ дар мо чӣ тавр инкишоф ёфтааст. Оё Худованд боре аз ту пурсидааст: «Оё ҷони худро барои Ман фидо мекунӣ?» (Юҳ.13:38). Мурдан осонтар аст, назар ба рӯз ба рӯз фидо кардани ҷони худ ва дарк кардани даъвати баланди худ. Мо барои лаҳзаҳои дурахшон офарида нашудаем, лаҳзаҳои дурахшон ба мо барои он дода мешаванд, ки дар партави онҳо дар рӯзҳои оддӣ зиндагӣ кунем. Дар ҳаёти Исо танҳо як лаҳзаи дурахшоне буд, дар кӯҳи Дигаргуншавӣ, ва баъд аз он Ӯ бори дуюм ҷалоли Худро тарк карда, ба водие фуромад, ки пур аз девҳо буд. Дар давоми сию се сол пай дар пай Исо ҷони Худро фидо мекард, то хости Падари Худро иҷро кунад, ва чунон ки Юҳанно мегӯяд, «мо низ бояд ҷони худро барои бародарон фидо кунем» (1Юҳ.3:16). Аммо ин кор хилофи табиати инсонист.

Агар ман дӯсти Масеҳ бошам, ман бояд бошуурона ва дидаву дониста ҷони худро барои Ӯ фидо кунам. Ин осон нест, ва Худоро шукр, ки осон нест. Наҷот ба осонӣ дода мешавад, зеро он ба Худо гарон афтод, аммо дар ҳаёти худ зоҳир кардани он барои ман хеле душвор аст. Худо инсонро наҷот медиҳад ва Рӯҳулқудс ба ӯ медиҳад ва баъд мегӯяд: «Акнун аз пайи кор шав — ба Ман вафодор бош, агарчи ҳама чиз дар гирду атроф туро васваса мекунад, ки ба Ман хиёнат кунӣ». «Шуморо дӯст гуфтаам». Ба Дӯсти худ вафодор монед ва дар хотир доред, ки мо бо ҳаёти худ дар ҷисм шарафи Ӯро ҳифз менамоем.

167. РӮҲИ АЗ ОДАТИ ТАНҚИД ДУР ШУДАН

«*Ҳукм накунед, то ки ҳукм карда нашавед*» (Матто 7:1).

Дар мавриди доварӣ кардани дигарон Масеҳ возеҳона мегӯяд: «Ҳукм накунед». Масеҳии миёна — ин аз ҳама мавҷудоти

танқидгартарин аст. Танқиди дигарон аз вақти зода шудан ба ҳар инсон хос аст, аммо дар соҳаи рӯҳонӣ бо танқид чизе ба даст намеояд. Танқид такягоҳро аз зери пои касе ки танқид карда мешавад, дур мекунад, ҳол он ки танҳо Рӯҳулқудс метавонад моро ҳақиқатан танқид кунад, танҳо Ӯ метавонад нишон диҳад, ки чӣ чиз дар мо нодуруст аст, бе он ки озор диҳад ва ранҷонад. Ҳангоме ки мо дар рӯҳияи танқид ҳастем, бо Худо робита карданамон ғайриимкон аст, мо интиқомгир, сахтгир, бераҳм мешавем, ва аз ҳама бадтар он аст, ки ба худ мегӯем, ки аз шахси танқидшаванда болотар ва беҳтарем. Масеҳ мегӯяд, ки шогирди Ӯ бояд худро аз танқид дур кунад. Барои даст кашидан аз одат вақт лозим аст, он фавран анҷом дода намешавад. Бинобар ин ҳамеша худатонро назорат кунед, ки оё худро аз дигарон болотар намепиндоред.

Мо аз нигоҳи бофаросатонаи Исо дар ҳеҷ ҷой пинҳон шуда наметавонем. Агар дар чашми ту зарраеро бинам, ин бешубҳа маънои онро дорад, ки дар чашми ман як ғӯлачӯб ҳаст. Ҳар бадиеро, ки ман дар касе мебинам, Худо дар ман мебинад. Ва ҳар дафъае ки ман касеро доварӣ мекунам, ман ба ҳукми зидди худ имзо мегузорам (ниг. Рум.2:17–20). Чен кардани пешрафти рӯҳонии ягон касро бас кунед. Мо ҳеҷ гоҳ ҳама чизро дар бораи шахси дигар намедонем, ҳамеша ақаллан як факт хоҳад буд, ки мо дар бораи он тасаввуроте надорем. Худо аз он сар мекунад, ки ӯ дар рӯҳи мо як поксозии умумии рӯҳонӣ ташкил мекунад, ки пас аз он шахс мағрур шуда наметавонад. Пас аз он ки ман фаҳмидам, ки бе файзи Худо кистам, то ҳол ягон касеро надидаам, ки дар ӯ нуқта гузошта тавонам.

168. БАҲС НАКУН!

«Ва Петрус аз қаиқ баромада, бар рӯи об равона шуд, то ки назди Исо биёяд; лекин чун боди шадидро дид, ҳаросон шуд...» (Матто 14:29–30).

Шамол дар ҳақиқат сахт буд, мавҷҳо воқеан баланд буданд, аммо Петрус дар аввал онҳоро пайхас намекард. Ӯ онҳоро

ба назар намегирифт, ӯ танҳо Исоро ҳамчун Худованди худ шинохта, дар натиҷаи ин эътироф иқдоме намуд — ӯ бар рӯи об қадам гузошт. Ва ҳангоме ки Петрус воқеияти дар атрофаш бударо ба назар гирифт, дарҳол ба ғарқшавӣ сар кард. Чаро Худованд ба Петрус ёрӣ расонда натавонист, ки дар зери мавҷҳо низ роҳ равад, чунон ки бар рӯи мавҷҳо роҳ рафт? Зеро агар шумо Исоро ҳамчун Худованди ҳама эътироф накунед, ҳеҷ яки инҳо имконпазир нест.

Гоҳо мо бо имони қавӣ ба Худованд далерона ба пеш қадам мезанем, аммо баъд ба худ нигоҳ карда, ғарқ шуданро сар мекунем. Агар шумо Исоро ҳамчун Худованди худ эътироф кунед, пас парвое надоред, ки дар атрофи шумо чӣ воқеаҳо ва чӣ тавр рӯй медиҳанд. Албатта, дар атроф чизе рӯй медиҳад, аммо ҳамин ки ба ҳамаи ин нигаристанро сар мекунед, шумо гум мешавед, дигар дар бораи Исо фикр намекунед ва он гоҳ аз Ӯ маломатро мешунавед: «Чаро шубҳа кардӣ?» (Мат.14:31). Пас бигзор ҳама чиз дар атроф талотум кунад, кори мо ин аст, ки Исоро ҳамчун Худованд эътироф кунем ва комилан ба Ӯ такя кунем.

Агар он чиро, ки Худо ба шумо гуфт, шунида, як лаҳза ҳам ба суханони Худо шубҳа карда бошед, ҳама чиз аз даст меравад. Ҳеҷ гоҳ фикр накунед, ки «Шояд ӯ чизе нагуфт, ин ба назарам чунин тофт?» Дарҳол амал кунед, корро ба таври номуайян ба таъхир нагузоред, ҳама чизро ба Масеҳ вогузоред. Шумо наметавонед пешгӯӣ кунед, ки овози Ӯ кай ва аз куҷо садо медиҳад, аммо ҳамин ки ин овозро мешунавед, ҳатто агар он тамоман паст бошад ҳам, ба ақиб нигоҳ накарда, худро ба Масеҳ супоред. Ин ягона роҳи ин аст, агар шумо Масеҳро ҳамчун Худованд эътироф кунед. Ва ҳар қадар ғайратмандонатар худро ба Масеҳ супоред, овози Ӯро ҳамон қадар беҳтар хоҳед шунид.

169. ХИЗМАТ Ё САДОҚАТИ БОЭҲТИРОС?

«...Оё Маро дӯст медорӣ?...Гӯсфандони Маро чӯпонӣ намо» (Юҳанно 21:16).

Масеҳ ба Петрус нагуфт: «Одамонро ба имони худ гардон», Ӯ гуфт: «Гӯсфандони Маро бичарон, бубин, ки онҳо аз дониши Ман ғизо гиранд». Мо кори масеҳиро, ки мекунем, хизмат мешуморем, аммо Исои Масеҳ на он кореро, ки мо мекунем, балки худи моро хизмат меномад. Асоси шогирдӣ ин аст:

— Вафодорӣ ба Исои Масеҳ, на эътирофи имон, ақидаҳо ё принсипҳо. «Агар касе назди Ман ояд ва...нафрат накунад, вай наметавонад шогирди Ман бошад» (Луқ.14:26). На бовар кунондан, на маҷбуркунӣ, ҳама чиз оддӣ аст: агар хоҳед, ки шогирди Ман бошед, бояд ба Ман вафодор бошед. Шахсе ки Рӯҳи Худо ба ӯ таъсир кардааст, ногаҳон мегӯяд: «Акнун ман фаҳмидам, ки Исо кист», ва садоқати Ӯ дар ин асос меёбад.

Имрӯз ҷои имони шахсиро имон ба эътирофҳои имон ишғол кардааст. Атроф пур аз одамонест, ки ба ақидаҳои худ вафодоранд, ва одамоне ки ба Исои Масеҳ бахшида шудаанд, хеле каманд. Одамон намехоҳанд ба Масеҳ вафодор бошанд, онҳо мехоҳанд танҳо ба кори Ӯ вафодор бошанд. Шахсияти Исои Масеҳ ақли соҳибмаълумоти муосирро, ки Исо ба он фақат ҳамчун шарик даркор аст, меранҷонад. Аммо Худованди мо пеш аз ҳама ба иродаи Падараш итоат мекард, на ба чизе ки одамон ба он эҳтиёҷ доштанд, ва наҷоти одамон танҳо натиҷаи табиии итоаткории Ӯ ба Падар шуд. Агар ман танҳо ба кори озодии инсоният вафодор бошам, зудӣ тамоми қувваи худро аз даст медиҳам ва муҳаббатам пажмурда мешавад. Агар ман худи Исои Масеҳро бо эҳтирос дӯст дорам, ба инсоният хизмат карда метавонам, ҳатто агар он пойҳояшро бар ман пок кунад. Сирри ҳаёти шогирд садоқат ба Исои Масеҳ аст. Аломати ин зиндагӣ ақидаи худро ба кас маҷбуран бор накардан аст. Он мисли донаи гандумест, ки ба замин афтода мемирад, вале баъд сабзида, тамоми манзараи атрофро дигар мекунад.

170. ОЁ ШУМО БА ИН АЛЛАКАЙ РАСИДАЕД «КАЙ»?

«*...Оё Маро дӯст медорӣ? ...гӯсфандони Маро чӯпонӣ намо*» (Юҳанно 21:16).

Дар ҳеҷ ҷои Аҳди Ҷадид дуоҳои шикоят, дуоҳои нола, дуои худпарастона, дуоеро ёфтан мумкин нест, ки мақсадаш ба ҳеҷ чиз нигоҳ накарда, хуб, дуруст шудан аст. Агар ман кӯшиш кунам, ки дуруст бошам, ин нишонаи он аст, ки бар зидди кафорат исён мекунам. «Худовандо, агар дуоямро иҷобат кунӣ, диламро пок мекунам, агар ба ман ёрӣ расонӣ, росткорона зиндагӣ мекунам». Ман дар назди Худо росткор шудан наметавонам, худро комил гардонда наметавонам. Ман танҳо ҳамон вақт дар назди Худо росткор шуда метавонам, ки кафорати Исои Масеҳро ҳамчун туҳфа қабул кунам. Оё ман ба қадри кофӣ фурӯтан ҳастам, ки ин туҳфаро қабул кунам? Ман бояд аз тамоми ҳуқуқи худ даст кашам ва ҳама кӯшишҳои бо қувваи худ ба даст овардани чизеро бас кунам, ман бояд худро комилан ба дасти Худо супорам ва дар кори коҳинонаи дуои шафоат дар назди Худо кушодани дарди дили худро сар кунам. Беҳад зиёд дуоҳо аз беимонии ҳақиқӣ ба кафорат бармеоянд. Масеҳ ба наҷоти мо дар лаҳзае ки мо дуо мегӯем, сар намекунад, Ӯ аллакай моро наҷот додааст, Ӯ ҳама корро кардааст, ва аз Ӯ талаб кардани коре ки аллакай кардааст, озурдахотир кардани Ӯст.

Агар шумо бо дуоҳои худ сад баробар ба даст наоваред, агар Каломи Худо бароятон равшантар нагардад, барои дӯстонатон дуо карданро сар кунед, ин хизмати ноаёнро ба ӯҳда гиред. «Ва Парвардигор Айюбро ба вазъияти пештараи ӯ баргардонид, *вақте ки ӯ барои дӯстони худ дуо гуфт*». Ҳангоме ки ҷони шумо наҷот ёфт, кори ҳаёти шумо ин аст, ки барои дигарон дуо кунед. Ва ҳангоме ки Худо ба шумо имконияти барои дигарон дуо гуфтанро медиҳад, бе дудилагӣ дуо гӯед, дуо гӯед, ки кафорати Масеҳ дар дигарон бо тамоми қувваташ зоҳир шавад, чунон ки дар шумо ошкор шудааст. Худи ҳозир барои дӯстони

худ дуо гӯед, барои онҳое ки худи ҳозир бо онҳо муносибат мекунед, дуо кунед.

171. ХИЗМАТРАСОНИИ НОАЁН

«*Лекин шумо...каҳонати шоҳона ҳастед*» (1 Петрус 2:9).

Бо кадом ҳуқуқ мо «каҳонати шоҳона» мешавем? Бо ҳуқуқи бозхарид шудан (кафорат). Оё мо тайёрем худамонро бебозгашт фаромӯш кунем ва кори коҳинии барои дигарон дуо гуфтанро ба ӯҳда гирем? Тафтиши доимии он, ки оё мо ҳамон гуна ҳастем, ки бояд бошем, боиси пайдоиши масеҳияти худбинона ва носолим мегардад, ки ба ҳаёти оддӣ ва пур аз солимии рӯҳонии фарзанди Худо робитае надорад. То даме ки бо Худо муносибати дуруст пайдо накунем, мо дар ришта овезон мешавем ва гоҳ-гоҳ шодӣ мекунем: «Чӣ ғалабаи бузурге ба даст овардам!» Дар чунин зиндагӣ чизе дар бораи муъҷизаи кафорат сухан намегӯяд. Шумо бояд бо имони бепоён ба он роҳ равед, ки кафорат ниҳоӣ ва бебозгашт аст ва акнун шумо дар бораи худ ҳеҷ ташвиш надоред, шумо бояд иҷрои кореро, ки Исои Масеҳ ба шумо маслиҳат додааст, сар кунед — барои дӯсте ки нисфи шаб назди шумо меояд, дуо гӯед, барои муқаддасон, «барои ҳама одамон» дуо гӯед. Бо донистани он, ки танҳо дар Исои Масеҳ комил ҳастед, дуо гӯед, ба ҳеҷ вақҳ лозим нест, ки аз Худо илтиҷо кунед: «Худовандо! Ман кори аз дастам меомадаро кардам, аз Ту хоҳиш мекунам, ки маро бишнав».

Кай Худо моро аз одати харобиоварии фикр кардан дар бораи худамон озод мекунад? Мо бояд худро то мурдан безор кунем, мо бояд аз ҳар чизе ки Худо ба мо дар бораи худамон гуфта метавонад, ҳайрон нашавем. Танҳо як ҷое ҳаст, ки мо росткор буда метавонем, — дар Исои Масеҳ. Ва агар мо дар Исои Масеҳ бошем, вазифадорем тамоми дилу ҷони худро дар хизмати ноаён дар дуо барои дигарон фурӯ резем.

172. САНҶИШИ ҶИДДӢ

«...Зеро бо ҳар тариқ, ки ҳукм кунед, бо ҳамон тариқ шумо ҳукм карда хоҳед шуд; ва ба ҳар андоза, ки чен кунед, ба ҳамон андоза ба шумо чен карда хоҳад шуд» (Матто 7:2).

Ин тахмин нест, ин қонуни абадии Худост. Ҳамон тавре ки шахси дигарро ҳукм кунед, шумо бо ҳамон андоза ҳукм карда мешавед. Байни ҷазо ва подош фарқ ҳаст. Масеҳ мегӯяд, ки ҳаёт дар асоси принсипи подош сохта шудааст — «ба ҳар андозае ки чен кунед, ба шумо низ чен карда мешавад». Агар шумо дар ҷустуҷӯи айби дигарон хеле хуб будед, дар ёд нигоҳ доред, ки касе пайдо мешавад, ки бо шумо низ ҳамин тавр мекунад. Ҳаёт ба мо бо ҳамон танга пардохт мекунад. Ин қонун аз боло то поён амал мекунад — аз худи тахти Худо (ниг. Заб.17:26–27).

Дар Румиён 2 боз ҳам равшантар гуфта шудааст: Ҳар кӣ дигареро танқид мекунад, дар ҳамон гуноҳе ки барои он танқид мекунад, айбдор аст. Худо на танҳо ба он назар мекунад, ки кӣ чӣ кор мекунад, балки ба он ки кӣ ба чӣ қодир аст. Аввалан, мо ба он чизе ки Китоби Муқаддас ба мо мегӯяд, бовар намекунем. Масалан, оё мо бовар дорем, ки дар ҳамаи он чи дигаронро танқид мекунем, худамон айбдорем? Мо дар дигарон риёкорӣ, фиребгарӣ ва дурӯғгӯиро аз он сабаб мушоҳида мекунем, ки ин ҳама дар қалби мо зиндагӣ мекунад. Ва ҳамаи муқаддасон аз фурӯтании худ шинохта мешаванд: «Бале, агар файзи Худо намебуд, ҳамаи ин ва бисёр дигар бадиҳо бештар дар ман зоҳир мешуданд, бинобар ин ман ҳақ надорам дигаронро доварӣ кунам».

Масеҳ мегӯяд: «Доварӣ накунед, то шуморо доварӣ накунанд» (Мат.7:1), лекин агар ба ҳар ҳол доварӣ кунед, ба ҳамон андозае ки доварӣ кардаед, ба шумо чен карда мешавад. Кадоме аз мо ҷуръат мекунад пеши Худо истода, бигӯяд: «Худовандо! Маро ҳамон гуна доварӣ кун, ки ман бародарони худро доварӣ кардам»? Мо бародарони худро чун гунаҳкорон маҳкум мекунем ва агар Худо моро низ ҳамин тавр доварӣ мекард, мо танҳо як роҳ медоштем — ба сӯи ҷаҳаннам. Ва Худо моро дар партави кафорати мӯъҷизаосои Исои Масеҳ доварӣ мекунад.

173. ШИНОСОЙ БО АНДӮҲҲО ВА БЕМОРИҲО

«*...дардманд ва ранҷур*» (Ишаъё 53:3).

Мо ғаму андӯҳҳо ва бемориҳоро на ончунон аз сар гузаронидаем, ки Худованди мо аз сар гузаронидааст. Мо ба онҳо тоқат мекунем, паси сар мекунем, вале бо онҳо дӯст намешавем. Дар ибтидои ҳаёт мо бо худи ҳақиқати мавҷудияти гуноҳ муросо карда наметавонем. Мо ба зиндагӣ аз нигоҳи ақли солим менигарем ва мегӯем, ки агар инсон ғаризаҳои худро идора мекард ва сатҳи фарҳангии худро боло мебурд, тадричан инкишоф меёфт ва бештар ба Худо монанд мешуд. Аммо бо мурури замон торафт бештар мавҷудияти чизеро мушоҳида мекунем, ки мо онро ба назар нагирифтаем — гуноҳ. Ва ин омиле ки ба ҳисоб нагирифтаем, ҳама корҳоро барои мо чигил мекунад. Гуноҳ тамоми пояҳои тафаккури оқилонаро ба ларза меоварад, ҷаҳонро ваҳшӣ мекунад. Ва мо бояд эътироф кунем, ки гуноҳ на танҳо номувофиқат, балки як воқеияти воқеӣ аст. Гуноҳ исёни ошкоро ба Худост. Дар ботини ман яке аз ин ду бояд бимирад — ё Худо ё гуноҳ. Тамоми Аҳди Ҷадид ба мо айнан ҳаминро мегӯяд. Агар гуноҳ дар ман ҳукмронӣ кунад, ҳаёти Худо дар ман нобуд мешавад; агар Худо дар ман ҳукмронӣ кунад, гуноҳ дар ман нест мешавад. Роҳи сеюм нест. Муҳимтарин ва даҳшатноктарин амали гуноҳ ба салиб кашидани Исои Масеҳ аст. Ва он чи бо Худо дар рӯи замин рӯй дод, ҳатман бояд бо мо низ рӯй диҳад.

Мо бояд бо он муросо кунем, ки мавҷудияти гуноҳ воқеият аст.

Маҳз аз ҳамин сабаб Исои Масеҳ омад, маҳз аз ҳамин сабаб мо бояд ғаму андӯҳ ва бемориро аз сар гузаронем.

174. ГУНОҲРО БОЯД ЭЪТИРОФ КАРД

«*...аммо ҳоло соати шумост, ки зулмот ҳукмфармост*» (Луқо 22:53).

Ҳамаи мусибатҳои зиндагии шумо на аз он бармеоянд, ки шумо бо мавҷудияти гуноҳ розӣ шудаед. Метавонед дар бораи

олидараҷа будани табиати инсонӣ гап занед, аммо дар ҳамин табиат чизе ҳаст, ки ба ҳар як идеали шумо густохона механдад. Агар шумо қабул накунед, ки дар одамон бадӣ ва худпарастӣ, чизи комилан зишт ва ношоиста дар ҳақиқат вуҷуд дорад, ба ҷои он ки гуноҳро ҳамчун факт қабул кунед, ҳангоме ки он бевосита ба шумо зарба мезанад, пас шумо танҳо як илоҷ доред, — бо бадӣ созиш кунед ва бигӯед бо он мубориза бурдан фоидае надорад. Оё шумо мефаҳмед, ки ҳоло замони кист ва ҳукмронии кист ё шумо ба худ нигоҳ карда, ягон гуноҳро пай намебаред? Оё дар муносибатҳои худ бо дӯстон ва дигарон шумо гуноҳро ҳамчун ҳақиқати воқеӣ эҳсос мекунед? Дар акси ҳол, ӯ аз гӯшае ба шумо ҳамла мекунад ва шумо маҷбур мешавед шартҳои онро қабул кунед, бо ӯ созиш кунед. Аммо агар бо факти мавҷудияти гуноҳ муросо кунед, дарҳол тамоми хатари онро, ҳар чизеро ки гуноҳ бо он ба шумо таҳдид мекунад, мефаҳмед. Эътирофи факти мавҷудияти гуноҳ пояи дӯстиро вайрон намекунад, баръакс, пояи он дӯстиро мустаҳкам мекунад, ки дар он ҳар ду дӯст дарк мекунанд, ки ҳаёти бе фоҷиа вуҷуд надорад. Бо нуқтаи назар ба ҳаёт, ки мавҷудияти гуноҳро рад мекунанд, хеле боэҳтиёт бошед.

Исои Масеҳ ҳеҷ гоҳ ба табиати инсон эътимод надошт, вале ҳеҷ гоҳ берӯй набуд, ба ҳама кас ва ҳама чиз шубҳа намекард, зеро ба он чи Ӯ барои табиати инсон карда метавонист, комилан боварӣ дошт. Шахси пок (на беайб) шахсест, ки аз ҷониби чизе ё касе муҳофизат карда мешавад. Бо беайбҳо эҳтиёт шавед: беайб ва инсон мафҳумҳои номувофиқанд. Худо аз мо на беайбӣ, балки покӣ ва некӯкориро талаб мекунад. Беайбӣ дар кӯдакон аст, аммо ва барои мард ё зани калонсол эътироф накардани гуноҳи худ танҳо боиси шарм аст.

175. ХУДРО ДАР КУҶО БОЯД БА ДАСТ ОВАРД

«...Чӣ бигӯям? Эй Падар! Маро аз ин соат раҳо намо! Аммо маҳз барои ҳамин соат Ман омадаам. Эй Падар! Исми Худро ҷалол деҳ» (Юҳанно 12:27–28).

Ҳамчун муқаддаси Худованд ман набояд аз даргоҳи Худованд хоҳиш кунам, ки маро аз ҳама ғаму андӯҳ раҳо кунад, ман бояд аз Худо хоҳиш кунам ба ман ёрӣ расонад, ки дар ҳар оташи ғам ҳамон гуна, ки Ӯ маро офаридааст, бимонам. Худованди мо худро дар оташи ғамҳо ба даст овард, Худо Ӯро на «аз ҳамин соат», балки аз даруни ҳамин соат раҳо кард.

Мо мегӯем, ки ғаму андӯҳ набояд бошад, вале онҳо хастанд, ва мо бояд дар оташи мусибатҳо худро ба даст оварем. Агар мо аз ғаму андӯҳ канорагирӣ карданӣ шавем ва ба ояндаи ором умед бандем, мо беақлона рафтор мекунем. Бе мушкилот зиндагӣ кардан имкон надорад, ва гуфтани он ки мушкилот набояд бошад, маъное надорад — онҳо ба ҳар ҳол хоҳанд буд. Гуноҳ хоҳад буд, ғам хоҳад буд, ранҷу азоб хоҳад буд ва кори мо нест, ки баҳс кунем, ки Худо ба ин ҳама иҷозат дода, хато кардааст.

Мушкилот ва ғаму андӯҳ ҳама чизи майда-чуйдаро месӯзонад, аммо инсон дучори мушкилот гардида, на ҳамеша беҳтар мешавад. Дар азоб ман метавонам худро пайдо кунам ё гум кунам. Шумо дар муваффақият худро намеёбед, шумо аз муваффақият танҳо сари худро гум карда метавонед. Шумо худро ҳатто дар берангии ҳаёти ҳаррӯза намеёбед, дар он ҷо шумо танҳо шиква карданро меомӯзед. Одамон дар оташи ранҷу азоб худро меёбанд. Чаро ин тавр буданаш масъалаи дигар аст, аммо ҳақиқат будани он ҳам аз Китоби Муқаддас, ҳам аз ҳаёт маълум аст. Шахсеро, ки аз оташи ранҷу азоб гузашта, худро ёфтааст, бо касе омехта карда намешавад. Шумо ҳангоми душворӣ ба таври бехатар ба ӯ муроҷиат карда метавонед, ва ӯ барои шумо вақт меёбад. Аммо касе ки аз оташи ранҷу азоб нагузаштааст, ҳавобаландӣ мекунад, ҳамеша банд аст ва барои шумо вақт надорад. Агар дар оташи ғамҳо худро пайдо кунед, Худо метавонад ба воситаи шумо ба дигарон ёрӣ расонад.

176. ҲАМЕША «ҲОЗИР»

«Мо...аз шумо илтимос мекунем, ки файзи Худоро бефоида қабул накунед» (2 Қӯринтиён 6:1).

Файзе ки дирӯз гирифтаед, барои имрӯз басанда нест. Файз марҳамати фаровони Худост, шумо ҳамеша боварӣ дошта метавонед, ки он тамом намешавад. «...дар сабри бисёр, дар мусибатҳо, дар мӯҳтоҷиҳо, дар тангиҳо» (2Қӯр.6:4) — дар ин ҷо сабри мо озмуда мешавад. Оё ба шумо ҷасорат намерасад, ки дар чунин лаҳзаҳо бо файз зиндагӣ кунед? Оё шумо мегӯед, ки «Хуб, ин дафъа ба ҳисоб гирифта намешавад»? Гап дар бораи дуо гуфтан ва аз Худо хоҳиш кардан нест, ки ба шумо ёрӣ расонад. Мақсад он аст, ки худи ҳозир, худи ҳамин лаҳза файзи Худоро қабул кунем. Мо дуоро ба машқ табдил додаем, машқ пеш аз кор, аммо дар Китоби Муқаддас чунин дуо вуҷуд надорад. Дуо худи кор аст, дар дуо мо файзи Худоро ба даст меоварем. Нагӯед, ки «сабр мекунам, то даме ки имконияти истироҳат ва дуо кардан фаро мерасад». Худи ҳозир дуо гӯед, файзи Худоро дар ҳамон лаҳзае ки ба шумо лозим аст, ба даст оваред. Дуо чизи аз ҳама воқеӣ ва амалӣ аст, на ин ки иловаи ройгон ба росткорӣ. Аммо мо дар ҳама ҷо ба даст овардани файзи Худоро меомӯзем, фақат на дар дуо.

«Дар зери зарбаҳо, дар зиндонҳо, дар ошӯбҳо, дар меҳнатҳо» (2Қӯр.6:5) — нишон диҳед, ки чӣ тавр шумо файзи Худоро дар ин ҳама ба даст овардан мумкин аст, ва ҳама ба шумо бо ҳайрат менигаранд, аз ҷумла худатон. Ва Файзро худи ҳозир ба даст оваред, то фардо ба таъхир нагузоред. Дар китоби ибораҳои рӯҳонӣ калимаи асосӣ «ҳозир» аст. Бигзор вазъиятҳо шуморо ба ҳар ҷое ки хоҳанд, расонанд, аммо шумо ба даст овардани файзи Худоро давом диҳед, новобаста ба он ки бо шумо чӣ мешавад. Бузургтарин далеле ки шумо файзи Худо ба даст меоваред, ин аст, ки шумо метавонед ба хориву зиллат таҳаммул карда, ғайр аз файзи Ӯро ҳеҷ чизи дигарро нишон надиҳед.

«Гӯё чизе надорем...» (2Қӯр.6:10). Ҳеҷ гоҳ барои оянда захира накунед. Ҳар қатраи беҳтаринеро ки доред, бирезед ва ҳамеша мискин бимонед. Бо ганҷе ки Худо медиҳад, ҳеҷ гуна дипломатия ё сарфакорӣ нишон додан лозим нест. Дар ин ҷо мискинӣ бояд ғалаба кунад.

177. ҲАМА ЧИЗ БА СОЯИ НАҶОТ МЕРАВАД

«„...Ман бо ту ҳастам, то ки туро халосӣ диҳам“, — гуфт Худованд» (Ирмиё 1:8).

Худо ба Ирмиё ваъда дод, ки шахсан ӯро аз марг наҷот медиҳад: «...ва ҷонат барои ту ғанимат хоҳад гардид» (Ирмиё 39:18). Ин ҳама он чизест, ки Худо ба фарзандони худ ваъда додааст. Ҳар куҷо моро бифиристад, зинда нигоҳ медорад. Мо набояд барои чизу чораи худ ғам хӯрем, мо бояд ба ин ҳама оромона нигоҳ кунем, ва агар оромона нигоҳ накунем, танҳо барои худ воҳима, ноумедӣ ва ғаму андӯҳро пайдо мекунем. Он факт, ки Худо худи моро наҷот медиҳад, бояд барои мо аз ҳама чиз бартарӣ дошта бошад.

Дар Мавъизаи болои кӯҳ гуфта шудааст, ки ҳангоме ки мо супоришҳои Исои Масеҳро иҷро мекунем, мо барои худ вақт нахоҳем дошт. Исо айнан чунин мегӯяд: «Аз он хавотир нашав, ки оё бо ту одилона рафтор мекунанд ё не». Ҷустуҷӯи адолат аломати дур шудан аз вафодорӣ ба Масеҳ аст. Дар ин дунё адолат талаб кардан лозим нест, аммо ба дигарон ато кардани адолатро низ бас кардан лозим нест. Агар мо адолатро ҷӯем, шиква мекунем, аз ҳама чиз норозӣ мешавем, аз худ раҳм мекунем: «Чӣ тавр бо ман чунин кардан мумкин аст?» Ва агар мо худро комилан ба Исои Масеҳ супорем, бо мо чӣ мешавад — кори мо нест. Мо бояд ҳам адолат ва ҳам беадолатиро баробар оромона қабул кунем. Масеҳ мегӯяд: «Он чи гуфтам, ба ҷо оваред, ва ман шуморо зинда нигоҳ медорам. Агар кӯшиш кунед, ки ҷони худро наҷот диҳед, аз зери васояти Ман берун мешавед». Ва дар ҳамин ҷо худотарстаринҳо атеисти ҳақиқӣ

мешаванд — мо ба Худо бовар намекунем, ақли солимро ба тахти тахт мегузорем ва калимаи «Худо»-ро ба он мечаспонем. Мо дар асл ба фаҳмиши худ такя мекунем, ба ҷои он ки бо тамоми дили худ ба Худованд таваккал кунем (ниг. Мас.3:5–6).

178. ХУДО ЧӢ ГУНА БА ДАСТ МЕОРАД

«*...Шояд ман ҳам бирасам, чунон ки Исо Масеҳ ба ман расидааст*» (Филиппиён 3:12).

Ҳаргиз барои хизмат кардан худро маҷбур насоз, аммо агар Худо туро ба чизе даъват карда бошад, вой бар ту, агар ба тарафи рост ё чап майл кунӣ. Мо бояд ба Худо на аз он сабаб хизмат кунем, ки чунин қарор додем, балки барои он ки Худо моро «ба даст овардааст». Ва агар Ӯ дар ҳақиқат моро ба даст оварда бошад, набояд фикрҳое мисли «ман ин корро карда наметавонам» боқӣ монанд. Он чиро, ки бояд мавъиза кунед, Худо ҳал мекунад, на худи шумо бо табъи худ. Муҳим он аст, ки бо тамоми ҷони худ ба Худо часпед ва дар ёд нигоҳ доред, ки на танҳо барои шаҳодат додан, балки ба мавъизаи Инҷил даъват шудаед. Ҳар як масеҳӣ бояд шаҳодат диҳад, аммо дар мавриди мавъиза, дар ин ҷо Худо бояд шуморо чунон бо дасти худ бигирад, ки на нафас гиред ва на нафас бароред, ва шуморо танҳо барои ҳамин ба дасти Худ гирад — то мавъиза кунед. Кадоме аз моро Худо ин қадар сахт ба дасти худ гирифтааст?

Ҳеҷ гоҳ Каломи Худоро бо об омехта накунед, моҳияти онро холӣ накунед.

Онро дар шакли покаш мавъиза кунед, кунҷҳои тезро ҳамвор накунед. Вафодорӣ ба Каломи Худоро зери шубҳа гузоштан мумкин нест. Фақат ҳангоми муомила бо одамон фаромӯш накунед, ки шумо кистед — на мавҷуди беҷисми осмонӣ, балки гунаҳкоре ки бо файз наҷот ёфтааст.

«...Гумон намекунам, ки ман аллакай расида бошам, балки...» (Фил.3:13–14).

179. ТАЛАБОТИ ҚАТЪӢ

«Ва агар дасти ростат туро ба васваса андозад, онро бурида, аз худ дур кун; зеро барои ту беҳтар аст, ки яке аз андомат талаф гардад, ва тамоми ҷисмат ба дӯзах андохта нашавад» (Матто 5:30).

Масеҳ нагуфтааст, ки ҳар кас дасти рости худро бурад, Ӯ гуфтааст: «Агар дасти ростат туро аз рафтан бо Ман боздорад, онро бибур». Бисёр амалҳо ва фаъолиятҳои комилан бегуноҳ ҳастанд, аммо агар таваҷҷуҳи худро ба Худо равона карданӣ бошед, бо ҳамаи ин машғул шуда наметавонед. Дасти рости шумо шояд арзишмандтарин чизест, ки шумо доред, аммо Масеҳ мегӯяд, ки агар он шуморо аз мувофиқи каломи Ӯ зистан боздорад, он бояд бурида шавад. Инсоният талаботи сахттарро намедонист.

Ҳангоме ки Худо инсонро пурра дигаргун карда, дубора ба дунё меоварад, инсон ҳаёти нави худро амалан ҳамчун маъюб сар мекунад. Садҳо фаъолиятҳо ва корҳое ҳастанд, ки шумо ҳоло дар бораи онҳо қарор карда наметавонед. Барои шумо ва барои он қисмати ҷаҳон, ки шуморо мешиносад, инҳо ҳамон гуна корҳо ва машғулиятҳои одатӣ ҳастанд, чун дасти росту чашми рост, ва шахси ғайрирӯҳонӣ мегӯяд: «Ин чӣ бадӣ дорад? Ту девона шудай!» Аммо дар рӯи замин то ҳол муқаддасе нест, ки ҳаёти рӯҳонии худро чун маъюб сар накунад. Ва беҳтар аст, ки онро аз нигоҳи инсон ҳамчун маъюб сар кунем ва дар назари Худо шоиста бошем, назар ба он ки дар назари мардум шоиста, вале аз назари Худо ланг бошем. Дар ибтидо ба Исои Масеҳ лозим меояд бо Рӯҳи худ шуморо аз бисёр машғулиятҳо ва корҳое боздорад, ки барои дигарон номумкин нестанд, аммо ба ҳеҷ ваҷҳ фоиданок нахоҳанд буд. Танҳо манъҳои худро ба дигарон нагузаронед ва онҳоро танқид накунед, ки корҳои барои шумо номумкинро мекунанд.

Мо ҳаёти навро ҳамчун маъюбон сар мекунем, аммо каме поёнтар, дар ояти 48, Масеҳ дар бораи ҳаёте мегӯяд, ки дар он ҳама чиз дар ҷои худ аст, ҳама чиз ба таври комил мувофиқат

мекунад: «Комил бошед, чунон ки Падари шумо, ки дар осмон аст, комил аст» (Мат.5:48).

180. ХУДИ ҲОЗИР!

«Ҳанӯз ки бо даъвогари худ дар роҳ ҳастӣ, зуд бо вай оштӣ шав» (Матто 5:25).

Исои Масеҳ дар ин суханон чунин як принсипро баён мекунад: «Агар шумо донед, ки ба шумо чизе лозим аст, онро иҷро кунед ва онро зудтар иҷро кунед ва агар ин корро накунед, раванди бебозгашт амал мекунад ва шумо бояд ҳама чизро то тини охирин бидиҳед. Дарднок мешавад, даҳшатнок мешавад, бад мешавад». Қонунҳои Худо бетаваққуҳанд, шумо наметавонед аз онҳо пинҳон шавед. Ва суханони Исо рост ба ҷонҳои мо ворид мешаванд.

Аз рақиб талаб кардани эътирофи ҳуқуқи худ як чизи муқаррарӣ ҳисобида мешавад. Аммо Масеҳ мегӯяд, ки чизи дигаре барои ман бениҳоят муҳим аст — ба рақиб баргардонидани он чизе ки ман аз ӯ қарздорам. Барои Худованди мо фарқ надорад, ки рақиби ман бо ман чӣ кардааст, ӯ ба он аҳамият медиҳад, ки ман бо рақиб чӣ гуна рафтор мекунам. Оё ман ба ҳуқуқҳои худ исрор мекунам, оё он чиро, ки аз нуқтаи назари Исои Масеҳ қарздорам, ба рақиби худ бармегардонам?

Ва шумо бояд зуд амал намудан, худи ҳозир дар назди доварии Худо ҳозир истодан лозим аст. Дар масъалаҳои ахлоқӣ ва рӯҳонӣ ҳама кор бояд якбора карда шавад. Агар накунед, механизми соатӣ ба кор дароварда мешавад. Худо қатъиян қарор додааст, ки фарзанди Худро пок ва беайб, аз барфи тоза рехташуда сафедтар кунад ва агар мо ба таълимоти Ӯ аз ягон ҷиҳат итоат накунем, Ӯ ҳеҷ амали Рӯҳи Худро бознамедорад. Агар мо хеле исрор кунем, ки ҳақ ҳастем, қариб ҳамеша маълум мешавад, ки мо бо ягон роҳ ба Худо итоат накардаем. Ва ҳайратовар нест, ки Рӯҳ ин қадар исрор мекунад, ки мо худро ҳамеша дар нур нигоҳ дорем!

«Бо даъвогари худ...оштӣ шав». Оё бо шумо чунин шудааст, ки дар муносибат бо касе қадами қатъӣ гузошта, ошкор мекунед,

ки дар дил ғазаб доред? Онро зуд эътироф кунед, ба Худо имкон диҳед, ки ҳамаашро ислоҳ кунад, бо ин шахс оштӣ шавед — *ва албатта худи ҳозир!*

181. НОГУЗИР БУДАНИ ҶАЗО

«Ба рости ба ту мегӯям: то фулуси охиринро адо накунӣ, аз он ҷо берун нахоҳӣ рафт» (Матто 5:26).

Дар биҳишт ҳеҷ чизи дӯзахӣ нест, барои чизҳои дӯзахӣ ягон гӯшае нест. Худо қарор додааст шуморо пок, муқаддас ва росткор гардонад, намегузорад, ки як лаҳза аз нигоҳи бодиққати санҷандаи Рӯҳулқудс гурезед. Дарҳол пас аз он ки Ӯ шуморо маҳкум кард, ба маҳкамаи Худ даъват кард, аммо шумо ба маҳкама дихил нашудед. Пас аз он як раванди бебозгашт сар шуд — ва ҳоло шумо дар зиндон ҳастед ва танҳо ҳамон вақт аз он берун шуда метавонед, ки ҳама чизро то тини охирин диҳед. «Ва ин Худои раҳим ва муҳаббат аст?» — шумо мепурсед. Аз нуқтаи назари Худо, ин воқеан муҳаббат аст, ки барои он Ӯро бояд ситоиш ва ситоиш кард. Худо мехоҳад шуморо аз зиндон пок ва беайб барорад, аммо Ӯ мехоҳад, ки шумо хатои худро эътироф кунед: чунин наҳисобед, ки ба худ ҳақ доред. Ва ҳангоме ки аз ин ҳуқуқ даст мекашед ва ба Худо имкон медиҳед, ки бо шумо кори мехостаашро кунад, қудрати ҳаётбахши Ӯ ба кор сар мекунад. Ҳангоме шумо мефаҳмед, ки Худо чӣ мехоҳад (ва Ӯ мехоҳад, ки шумо аввал бо Ӯ ва баъд бо бародаронатон муносибатҳои муқаррарӣ дошта бошед), Ӯ тамоми оламро ба дуртарин гӯшаҳои он маҷбур мекунад, ки барои дар роҳи рост рафтан ба шумо ёрӣ расонад. Бинобар ин ҳоло қарор диҳед: «Бале, Худовандо, ман ин номаро имрӯз менависам», «Ҳозир бо ин шахс оштӣ мекунам».

Он чизе ки Исои Масеҳ мегӯяд, Ӯ ба иродаи мо ва виҷдони мо мегӯяд, на ба ақли мо. Ва агар Мавъизаи болои кӯҳро бо ақли худ ислоҳ кунед, шумо чизи муҳимтарини онро — он чиро, ки ба дилатон гуфта мешавад, гум мекунед.

«Ман фаҳмидан мехоҳам, ки чаро ба Худо наздиктар намешавам?» Оё шумо қарзҳои худро ба ҳисоби Худо пардохт

кардаед? Ба ҳар ҳол кореро, ки дер ё зуд бояд анҷом диҳед, анҷом диҳед. Ҳар даъват ба чизе наметавонад ҳисси масъулиятро бедор кунад.

182. КӢ ШОГИРД БУДА МЕТАВОНАД

«...Агар касе назди Ман ояд ва...нафрат накунад... вай наметавонад шогирди Ман бошад...наметавонад шогирди Ман бошад...наметавонад шогирди Ман бошад» (Луқ.14:26–27, 33).

Агар муҳаббат ба одамони наздиктарин монеаи итоат ба Исои Масеҳ шавад, Масеҳ мегӯяд, ки мо бояд бе дудилагӣ ба Ӯ итоат кунем. Шогирд танҳо шахсе буда метавонад, ки ба Устод, Худованди мо Исои Масеҳ вафодор бошад. Байни вафодорӣ ба касе ё чизе (принсипҳо, сабабҳо) фарқ ҳаст. Худованди мо ҳеҷ касро ба мубориза барои ягон кор даъват накардааст, Ӯ одамонро даъват кардааст, ки шахсан ба Ӯ вафодор бошанд. Шогирд будан «ғуломи муҳаббат» вафодори Худованд Исо будан аст. Бисёре аз мо, ки худро масеҳӣ меноманд, ба Исои Масеҳ вафодор нестанд. Ҳеҷ як шахс дар рӯи замин ин муҳаббати пурэҳтиросро нисбати Исои Худованд надорад, магар ин ки Рӯҳулқудс ба ӯ онро ато карда бошад. Мо метавонем аз Масеҳ ба вачд оем, мо метавонем Ӯро эҳтиром намоем ва сачда кунем, аммо худ аз худ Ӯро дӯст дошта наметавонем. Ягона касе ки Исои Худовандро дӯст медорад, — ин Рӯҳулқудс аст ва маҳз Ӯ муҳаббати Худоро дар дилҳои мо мерезад. Ва ҳангоме ки Рӯҳулқудс дар шумо ҳама гуна имкониятро барои ҷалол додани Масеҳ мебинад, Ӯ дили шуморо, асабҳоятонро, тамоми ҳастии шуморо мегирад ва шуморо бо садоқат ба Исои Масеҳ мунаввар мекунад, ва шумо аз он дурахшон мешавед.

Ҳаёти масеҳият дар худ инъикоси ғайрисунъии мустақилона ба сар мебарад. Шогирд ба ҳеҷ каси дигар монанд нест. Агар чунин бошад, он гоҳ шигридро ҳам дар ҳомон айбдор мекунанд, ки Исои Масеҳро айбдор карда буданд, яъне ба ғайримантиқ. Лекин аз рӯи нуқтаи назари Худо, Исои Масеҳ ҳамавақт

мантиқан дуруст рафтор мекард, ва масеҳӣ бояд аз рӯи нуқтаи назари ҳаёти Писари Худо дар Ӯ бояд мантиқӣ бошад, ва на аз рӯи нуқтаи назари таълимоти дар санглавҳа навишташуда бошад. Одамон дӯст медоранд дар таълимот пинҳон шаванд ва ба Худо лозим меояд ин таълимотро вайрон созад ва пеш аз он, ки одамон ба Исои Масеҳ содиқ гарданд, ягон мавҳуме санг бар санге намемонад

183. ГУНОҲ ДАР КУҶО ЛОНА МЕКУНАД

«...Вой бар ман, ки тамом шудам! Зеро ки ман шахси ҳаромлаб ҳастам» (Ишаъё 6:5).

Ҳангоме ки ман ба ҳузури Худо меоям, дарк менамоям, ки гуноҳкорам, аммо на ба маънои умумии ин сухан; ман мебинам, ки аниқ гуноҳ дар ягон ҷои ман лона кардааст. Одам бе душворӣ гуфта метавонад: «Ҳа-ҳа, ман медонам, гуноҳкор ҳастам», аммо бо ин суханони холӣ бо Худо муносибатҳои хуб барпо карда наметавонед. Худо ба таври конкретӣ фош мекунад — фалон ва фалон гуноҳро. Ва чунин фошкунии конкретӣ ҳамеша нишонаи он аст, ки шахс дар ҳузури Худо буд. Гуноҳи холис вуҷуд надорад, гуноҳ ҳамеша зоҳиршавии намоён дорад. Худо аз он сар мекунад, ки моро дар баъзе фикрҳои конкретӣ фош мекунад, ки Рӯҳулқудси Ӯ ба онҳо ишора менамояд. Агар мо ин фошкунии Ӯро қабул намоем, Ӯ моро дуртар мебарад ва ба мо тӯдаҳои томи гуноҳро нишон медиҳад. Худо бо мо ҳамеша ҳамин гуна амал менамояд, ҳангоме ки мо ба ҳузури Ӯ меоем.

Ва ин гуна дар худ дарк кардани гуноҳи конкретӣ гуноҳкори бузургтарин ва хурдтаринрои бо ҳам наздик мегардонад. Ҳангоме ки шахс ҳанӯз дар зинаи якуми зина аст, ки ба куҷое ба боло мебарад, ӯ чунин гуфта метавонад: «Намедонам, чӣ корро нодуруст кардаам». Аммо Рӯҳулқудс ба ӯ нишон медиҳад, ки ӯ маҳз чи корро нидуруст кардааст. Рӯъёи қудсияти Худованд ба Ишаъё аз он ҷиҳат таъсир расонд, ки ӯ нопокии лабҳои худро дид. «...Ва онро ба даҳонам расонда, гуфт: „Инак, ин ба лабҳоят расид, ва гуноҳат дур шуд, ва хатоят кафорат ёфт“» (Иш.6:7).

Бо ахгари фурӯзон гуноҳро маҳз дар он ҷое ки лона кардааст, сӯзондан мумкин аст.

184. ХУДО ЧИРО ҚАТЪИЯН МАНЪ КАРДААСТ

«*...Рашк накун, ки ин боиси бадкорӣ хоҳад шуд*» (Забур 36:8).

Рашк кардан — аз ҷиҳати ахлоқӣ ё рӯҳонӣ шикаст хӯрдан аст. Аммо «рашк накун» гуфтан як кор аст, ва ҳақиқатан рашк накардан — ёд гирифтани рашк накардан, аз рӯҳияи рашк раҳо шудан кори дигар аст. «*Пеши Худованд сокит бош ва ба Ӯ умед банд*» (Заб.36:7) гуфтан осон аст, то даме ки чизе худамонро хавотир мекунад, то даме ки моро, чунон ки бисёр касони дигарро, ошуфтагӣ ва андӯҳ фаро мегиранд. Он вақт чӣ гуна «Пеши Худованд хомӯш будан» мумкин аст? Ҳеҷ гоҳ рашк кардан даркор нест, на дар рӯзҳои вазнин, дар дар рӯзҳои осудагӣ, умуман ҳеҷ гоҳ. Ва агар шумо рашк накарда натавонед, ҳеҷ каси дигар низ рашк накарда наметавонад. Итоаткорӣ ба Худованд тамоман ба вазъиятҳои беруна вобаста нест, он ба муносибатҳои шумо бо Худо вобаста аст.

Аз боиси чизҳои беҳуда асабонӣ шудан ҳамеша боиси гуноҳ мегардад. Ба мо чунин метобад, ки симои хавотиршуда ва мушавваши мо хирадмандии моро таъкид мекунад, аммо он тамоман чизи дигарро таъкид мекунад — гуноҳкории моро. Мо аз он мушавваш мешавем, ки мехоҳем ҳама чиз мувофиқи хости мо бошад. Худовандамон ҳеҷ гоҳ хавотир ва мушавваш намешуд, зеро Ӯ на кори Худро, балки кори Худоро ба ҷо меовард. Ва агар шумо фарзанди Худо бошед, рашк кардан ва мушавваш шуданатон гуноҳ аст.

Ҳангоме ба худ мегуфтед, ки Худо аз ӯҳдаи нохушиҳои шумо намебарояд, оё ба гулхани нодонии худ ҳезум илова намекардед? Ҳамаи «тахминҳо»-и худро барканор гузоред ва «дар сояи Қодири мутлақ» ором гиред (Заб.90:1). Ба Худо гӯед, ки дигар барои он чи то ҳол шуморо ором намегузошт, ташвиш нахоҳед кашид. Ҳамаи ташвишҳои мо, ҳамаи хавотиршавиҳои мо аз боиси он мебошанд, ки мо Худоро ба назар намегирем.

185. БЕ ХУДО НАҚШАҲО НАКАШЕД

«Роҳи худро ба Парвардигор бисупор, ва ба Ӯ таваккал намо, ва Ӯ ба ҷо хоҳад овард» (Забур 37:5).

Бе Худо ҳеҷ нақшае накашед.

Худо нақшаҳои моро, ки бе назардошти Ӯ сохтаем, хеле хуб барбод дода метавонад. Мо ба ҷойҳое меравем, ки Худо моро нафиристодааст, ва ногаҳон ба ёдамон меояд, ки роҳро бе Худо интихоб кардаем, он чиро, ки Ӯ мехоҳад, ба назар нагирифтаем. Ва ин корамон дуруст нест, зеро агар ҳама нақшаҳои худро бо Худо созем ва ҳама қарорҳоямонро бо Ӯ қабул кунем ва пеш аз ҳама ба суханони Ӯ диққат диҳем, аз ғаму ташвишҳо комилан халос шуда метавонем.

Дар масъалаҳои «рӯҳонӣ» мо, албатта, ба Худо иззату эҳтиром зоҳир мекунем, аммо дар масъалаҳои амалӣ, ҳаррӯза ва рӯзмарра безобита кардани Худоро зиёдатӣ меҳисобем. Аммо агар ба назари мо чунин тобад, ки мо бояд танҳо бо табъи «рӯзи якшанбе» назди Худо биёем, мо ҳеҷ гоҳ ба Ӯ наздик намеоем. Шумо бояд ба назди Худо бо он рӯҳияе ки дар он ҳастед, биёед.

Ҳеҷ гуна нақшаҳоро бо назардошти бадӣ накашед.

Пас, оё Худо ҳақиқатан мехоҳад, ки мо бадиро нодида гирем? «Муҳаббат...ба дил кина намегирад» (1Қӯр.13:4–5), дар бораи бадӣ фикр намекунад. Муҳаббат медонад, ки бадӣ вуҷуд дорад, аммо ҳангоме ки дар хусуси чӣ гуна амал кардан қарор мекунад, онро ба назар намегирад.

Агар мо бе Худо зиндагӣ кунем, мо бадиро ба назар мегирем, мо ҳама нақшаҳои худро бо назардошти бадӣ месозем ва дар тамоми муҳокимаронихои худ онро ба асос мегирем.

Барои рӯзи сиёҳ мабодо ягон нақша накашед.

Агар ба Исои Масеҳ бовар мекарда бошед, ба гӯшаи хотиратон намеояд, ки барои *рӯзи мабодо* захираҳо кунед. Масеҳ гуфтааст: «Дили шумо музтариб нашавад» (Юҳ.14:1). Худо вазифадор нест ғамхорӣ кунад, ки дилатон музтариб

нашавад. Ин фармон аст — «нашавад...» Дар ин бора дар як рӯз сад бор ба худ ёдрас кунед, то даме ки ҳамеша ва дар ҳама чиз дар ҷои аввал гузоштани Худо бароятон одатӣ шавад ва шумо ҳама гуна нақшаҳоро танҳо бо назардошти ақидаи Ӯ созед.

186. РУЪЁ ВА ВОҚЕИЯТ

«Ва сароб ба кӯл табдил хоҳад ёфт» (Ишаъё 35:7).

Пеш аз он ки мо чизеро бо чашмони худ бинем, онро дар тасаввури худ мебинем. Ва ҳангоме ки чизе аллакай дар тасаввур дорем, аммо ҳанӯз бо чашмони худамон надидаем, ҳамон вақт шайтон бо васвасаҳои худ ба назди мо меояд, ҳамон вақт мо мехоҳем гӯем, ки кӯшиш кардан фоида надорад. Ва рӯъё ба воқеият табдил намеёбад, ва ба мо лозим меояд, ки аз водии хорӣ гузарем.

Зиндагӣ маъдани бефоида нест,
балки оҳанест, ки аз торикӣ гирифта шудааст,
ва он ба зарбаи навбатӣ тоб оварда,
ҳам зеботар мешавад, ҳам муфидтар.

Худо ба мо рӯъё мефиристад ва сипас моро ба водӣ мебарад, то моро ба шакли мувофиқ ба ин рӯъё биёрад, моро аз нав дар рӯъё мӯҳр занад. Ва дар ҳамин водӣ бисёрии мо диламонро гум карда, аз ҳама рӯъёҳо даст мекашем. Ва ҳама гуна рӯъё танҳо дар сурате ба воқеият табдил меёбад, ки мо сабри кофӣ дошта бошем. Танҳо фикр кунед, ки Худо чӣ қадар вақт дорад! Ӯ ҳеҷ гоҳ шитоб намекунад. Аммо мо ҳамеша хеле мешитобем. Ба мо чизи дурахшон ва пуршараф ошкор шудааст — ва мо ба муҳориба мешитобем. Аммо ин рӯъё ҳанӯз воқеӣ нашудааст, ва Худо бояд моро аз водӣ, аз оташу об гузаронад, то аз мо чизи даркорӣ ҳосил шавад, то ба ҷое биёем, ки Худо на рӯъё, балки воқеиятро ба мо супорида метавонад. Аз ҳамон лаҳзае ки Худо чизеро ба мо ошкор мекунад, Ӯ кори ба камол расондани моро бас намекунад. Аммо мо гаштаву баргашта аз дастони Ӯ берун мешавем ва кӯшиш мекунем аз худ чизе бисозем.

Рӯъёе ки Худо мефиристад, қалъаҳои хушку холӣ нест. Худо ба шумо нишон медиҳад, ки Ӯ шуморо чӣ гуна кардан мехоҳад. Пас имкон диҳед, ки шуморо бар чархи кулолии Худ гузошта, ончуноне ки мехоҳад, чарх занонад. Ва агар Худо ин Худо бошад ва шумо ин шумо бошед, аз шумо маҳз ҳамон чиз ҳосил мешавад, ки дар рӯъё зоҳир карда шудааст. Дар ин миён рӯҳафтода нашавед. Агар Худо ба шумо чизе ошкор карда бошад, шумо метавонед кӯшиш кунед, ки дар сатҳи пештара бимонед, аммо муваффақ намешавед — Худо ба шумо оромӣ намедиҳад.

187. ҲАР КОРИ ОЛИҲИММАТОНА ДУШВОР АСТ

«Аз дари танг дароед...зеро танг аст он дар ва душвор аст он роҳе ки сӯи ҳаёт мебарад...» (Матто 7:13–14).

Агар шогирдони ҳақиқии Масеҳ будан хоҳем, бояд дар ёд нигоҳ дорем, ки ҳама кори олиҳимматона душвор аст. Пас, ҳаёти масеҳиён пур аз шӯҳрат ва душвориҳо аст, вале душвориҳои он моро наметарсонанд ва дилшикаста намекунанд, балки баръакс, моро ба пеш мебаранд. Оё мо ба Исои Масеҳ барои наҷоти мӯъҷизаосои Ӯ он қадар миннатдорем, ки ҳама чизро барои ҷалоли Ӯ мебахшем?

Худо одамонро бо файзи беандозаи Худ ба воситаи кафорати Масеҳ наҷот медиҳад, Ӯ «дар шумо ҳусни таваҷҷӯҳи Худ ҳам хоҳиш ва ҳам амалро ба вуҷуд меоварад» (Фил.2:13), аммо мо бояд ин наҷотро дар фаъолияти ҳаррӯзааамон «ба амал оварем» (Фил.2:12). Ва ҳамин ки мо дар асоси кафорати Ӯ иҷрои он чизеро, ки Ӯ ба мо фармудааст, сар мекунем, мебинем, ки мо аҳкоми Худоро риоя намуда метавонем. Ва агар ҳеҷ кор аз дастамон наояд, пас шояд ин аз он сабаб бошад, ки мо коре накардаем? Ва ин корро кардан ё накардани мо дар замони душвориҳо маълум мешавад. Агар мо ба Рӯҳи Худо итоат кунем ва он чиро, ки Худо бо Рӯҳи Худ дар мо ҷой додааст, дар амал татбиқ кунем, пас ҳангоме ки озмоишҳо меоянд, мо мебинем, ки мо худи худамон мемонем ва файзи Худо моро тарк намекунад.

Худоро шукр, ки ба мо душвориҳо мефиристад! Наҷоти Ӯ на танҳо шодии бузург, балки ҳамчунин корнамоии бузург, қудсияти бузург аст. Он арзиши моро месанҷад. Масеҳ «писарон»-и бисёрро «ба ҷалол мерасонад» (Ибр.2:10), аммо Худо ба писар чун ба писар талабот пешниҳод мекунад. Файзи Худо одамонро на амёба, балки шахсони конкретиро месозад, ки ба Исои Масеҳ монандии оилавӣ доранд. Барои он ки ҳамеша ва дар ҳама чиз шогирди ҳақиқии Масеҳ бошед, шумо бояд хеле кӯшиш кунед. Бе меҳнат олиҳиммат намешавед.

188. ШУМО БОЯД ХОҲОНИ ВАФОДОРӢ БОШЕД

«*...пас имрӯз барои худ интихоб кунед, ки киро ибодат хоҳед намуд*» (Еҳушаъ ибни Нун 24:15).

Ирода — ин худаш худи одам аст. Ман иродаамро рад карда наметавонам, онро ба кор набурда наметавонам. Ман бояд бо қарорҳои иродаи худ итоат кунам, ман бояд Рӯҳи Худоро бо иродаи худ қабул кунам. Ҳангоме ки Худо ба мо ҳақиқатро ошкор мекунад, сухан на дар бораи он чизест, ки Ӯ мекунад, балки он чи мо мекунем. Худованд дар пеши назари ҳамаи мо уфуқҳои бесобиқаро мекушояд, ва беҳтарин коре ки дар чунин мавридҳо бояд кард, ба ёд овардани он аст, ки шумо дафъаи гузашта чӣ кор кардед, ҳангоме ки Худо ба шумо даст расонд — ҳангоме ки шумо наҷот ёфтед, бори аввал Масеҳро дидед, бори аввал ҳақиқатро фаҳмидед. Он вақт дар бораи садоқат ба Худо гап задан бароятон хеле осон буд. Ҳозир он лаҳзаҳоро ба ёд оваред, ҳангоме ки Рӯҳи Худо ба шумо чизи наверо ошкор мекунад.

«Имрӯз барои худ интихоб кунед, ба ки ибодат хоҳед кард». Ин қарори бошуурона ва дидаву дониста аст, кори осон нест ва то даме ки шумо ин қарорро қабул накунед, ҳама чиз овезон мемонад. Ҳама чиз байни шумо ва Худо ҳал мешавад — бо ҷисм ва хун машварат кардан лозим нест. Ва бо ҳар як пешниҳоди наве ки Худо ба шумо медиҳад, одамони дигар ҳангоми қабули қарорҳо торафт бештар зери соя мегиранд,

ва ин ҳам осон нахоҳад буд. Худо имконпазир меҳисобад, ки андешаи муқаддасони дигар барои шумо аҳамияти зиёд доранд, вале бо вуҷуди ин шумо тотафт бештар ҳис мекунед, ки ҳеҷ кас қарори навбатии шуморо намефаҳмад. Ва донистани он ки Худо шуморо ба куҷо мебарад, кори шумо нест, ягона чизе ки Ӯ ҳамеша тайёр аст ба шумо ошкор кунад, Худи Ӯст.

Ба Худо гӯед, ки ба Ӯ вафодор хоҳед буд. Ва ҳамон лаҳзае ки шумо қарор қабул мекунед, ки ба Исои Масеҳ вафодор бошед, шумо шоҳиди зидди худ хоҳед шуд. Бо дигар масеҳиён машварат кардан лозим нест, танҳо ба Худо бигӯед: «Ман ба Ту хизмат мекунам». Шумо бояд вафодор буданро хоҳед...ва ба дигарон имконият диҳед, ки ҳамчунин онро хоҳанд.

189. ОЗМОИШИ БУЗУРГ

«*...Шумо наметавонед Худовандро ибодат намоед*» (Еҳушаъ ибни Нун 24:19).

Оё шумо ақаллан каме ба ягон кас ё чиз ғайр аз Худо такя мекунед? Оё шумо ҳанӯз ҳам ба баъзе хислатҳои модарзодии худ, ба баъзе ҳолатҳо умед мебандед? Оё дар ин кори наве ки Худо шуморо ба он даъват мекунад, ақаллан аз ягон ҷиҳат ба худ умед мебандед? Ин саволҳое мебошанд, ки шумо бояд бо онҳо «худро санҷед». Албатта, шумо метавонед гӯед: «Ман муқаддаси беайб шуда наметавонам-ку». Наметавонед, аммо метавонед ба Масеҳ имкон диҳед, ки шуморо муқаддас гардонад: «*...Шумо наметавонед Худовандро ибодат намоед*», аммо метавонед дар он ҷое бошед, ки қудрати тавонои Худо ба воситаи шумо ҷорӣ мешавад. Оё шикастапораҳои муносибатҳои шумо бо Худо ба қадри кофӣ тоза карда шудаанд, то интизор шавед, ки Ӯ ҳаёти муъҷизаосои Худро дар шумо ошкор кунад?

«*Не, мо Худовандро ибодат хоҳем намуд*» (Еҳ.24:21). Ин як такони рӯҳонӣ нест, ин қарори бошуурона аст, ки ӯҳдадориҳои муайянеро дар бар мегирад. Шумо мегӯед: «Аммо Худо ҳеҷ гоҳ маро ба ин даъват карда наметавонад, ман беҳад нолоиқ ҳастам, сухан дар бораи ман рафта наметавонад». Аммо сухан

дар бораи шумо меравад, ва ҳар қадаре ки шумо нотавонтар бошед, ҳамон қадар беҳтар аст. Барои касе ки чизе ҳамчун такягоҳ дорад, «*Ман Худовандро ибодат хоҳам намуд*» гуфтан бениҳоят душвор аст. Мо мегӯем: «Кошки ман бовар карда метавонистам!» Ва гап дар бораи тавонистан нест, балки дар бораи хоҳиш доштан аст. Ва ҳайратовар нест, ки Исои Масеҳ гуноҳи беимониро ин қадар сахт маҳкум мекунад. «Ва дар он ҷо ба сабаби беимонии онҳо мӯъҷизаи бисёр нишон надод» (Мат.13:58) Агар мо дар ҳақиқат боварӣ дошта бошем, ки Худо ҳама чизро самимона мегӯяд, мо чӣ гуна мешудем! Пас, оё ман ба Худо имкон медиҳам, то барои ман Он Шахсе шавад, ки ваъда медиҳад?

190. БЕКОРХЎҶАҲОИ РӮҲОНӢ

«*Ва диққат кунем, ки якдигарро ба муҳаббат ва аъмоли нек барангезонем, Ва ҷамъомади худро тарк накунем*» (Ибриён 10:24–25).

Мо ҳама метавонем ба бекорхӯҷаҳои рӯҳонӣ табдил ёбем: мо намехоҳем ба мубориза дохил шавем, мақсади ягонаи мо ором нигоҳ доштани ҳама чиз аст. Дар боби 10-уми Нома ба Ибриён ба мо гуфта шудааст, ки якдигарро рӯҳбаланд кунем ва якҷоя бошем. Ҳар дуи инҳо ташаббусро дар ҷустуҷӯи он чи ба Масеҳ лозим аст, талаб мекунанд, на он чи ба мо лозим аст. Дар танҳоӣ, оромӣ дар гӯшаи дурдаст зистан аз он фаҳмиши рӯҳонӣ, ки Исои Масеҳ баён кардааст, хеле дур аст.

Ҳангоме ки мо бо беадолатӣ, разилӣ, носипосӣ ва ва давуғеҷи беҳуда рӯ ба рӯ мешавем, рӯҳонияти мо озмуда мешавад. Ҳамаи ин метавонад моро бекорхӯҷаҳои рӯҳонӣ гардонад. Ҳатто дар дуо ва хондани Китоби Муқаддас осоиш ва танҳоиро меҷӯем. Мо Худоро ҳамчун воситаи пайдо кардани осоишу оромӣ истифода мебарем: ба мо Исои Масеҳ лозим нест, ба мо лозим аст, ки Ӯ ба мо чизе диҳад. Ва ин қадами аввалин ба самти нодуруст аст. Мо танҳо як натиҷаро мехоҳем ва кӯшиш мекунем, ки онро ба сабаб табдил диҳем. «Ман салоҳ донистам, ки...шуморо бо ёдоварӣ

таҳрик диҳам» (2Пет.1:13), — гуфтааст Петрус. Албатта, он қадар гуворо нест, агар касе ки пур аз қуввати рӯҳонӣ аст, шуморо аз паҳлӯятон тела дода, «барангезонад». Аммо агар касе пурқувват бошад, ин маънои онро надорад, ки вай пур аз қувваи рӯҳонӣ аст: дар зери ниқоби фаъолияти рӯҳонӣ фаъолияти ҷисмонӣ буда метавонад. Хатари танбалии рӯҳонӣ дар он аст, ки мо намехоҳем, ки умуман касе моро барангезад, мо танҳо дар бораи гӯшанишинии рӯҳонӣ шунидан мехоҳем. Исои Масеҳ ҳеҷ гоҳ идеяи истироҳати рӯҳониро дастгирӣ намекунад — «Рафта, ба бародаронам хабар диҳед...» (Мат.28:10).

191. МУҚАДДАСИ ҲАҚИҚӢ

«То ки... Ӯро дарк намоям...» (Филиппиён 3:10).

Муқаддаси Худо бояд на ба амалӣ намудани имкониятҳои худ, балки ба фаҳмидани Исои Масеҳ саъй намояд. Муқаддаси ҳақиқӣ бовар намекунад, ки ҳама чиз тасодуфан рӯй медиҳад, ва ҳаёти худро ба дунявӣ ва рӯҳонӣ тақсим намекунад. Ӯ ҳама гуна вазъиятҳоеро, ки бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад, имконияте барои боз ҳам беҳтар фаҳмидани Исои Масеҳ меҳисобад. Ба хотири ин дониш ӯ қатъиян аз ҳама чиз даст мекашад. Рӯҳулқудс ба мо ёрӣ мерасонад, ки Исои Масеҳро дар ҳама чиз дар ҳаётамон фаҳмем, ва Ӯ гаштаву баргашта моро ба ҳамон як ҷо бармегардонад, то даме ки мо Ӯро маҳз дар он ҷо фаҳмем. Агар мақсади мо пешбарӣ намудани худамон бошад, худои мо корҳо хоҳанд буд. Корҳо метавонанд гуногун бошанд: хӯрдан, нӯшидан, шустани пойҳои шогирдон — аммо новобаста ба он ки дар рӯзномаи мо чӣ коре ҳаст, мо бояд ба ҳар ҳол кӯшиш кунем, ки Исои Масеҳро дар он фаҳмем. Ҳамаи он чи мо дар ҳаётамон дучор мешавем, дар ҳаёти Масеҳ ҳамтои худро дорад. Худованди мо бо Падар робитаи ҷудонашаванда доштани худро дар ёд нигоҳ медошт, ҳатто ҳангоме ки Ӯ корҳоеро мекард, ки дигарон барои Ӯ нолоиқ меҳисобиданд: «Исо медонист, ки... Ӯ аз ҷониби Худо омада буд ва ба сӯи Худо меравад...ва дастмоле гирифта...ба шустани пойҳои шогирдонаш...шурӯъ намуд» (Юҳ.13:3–5).

Мақсади муқаддаси ҳақиқӣ «фаҳмидани Ӯ» аст. Оё ман Ӯро дар он ҷое ки имрӯз ҳастам, мефаҳмам? Агар не, ман Ӯро ноумед мекунам. Охир, ман имрӯз дар ин ҷо на барои он ҳастам, ки ба чӣ қодир буданамро фаҳмам, балки барои он ки Исоро фаҳмам. Аксар вақт дар хизмат чунин ҳодиса рӯй медиҳад, ки одамон мефаҳманд: коре кардан даркор ва ман бояд ин корро кунам. Муқаддаси ҳақиқӣ набояд чунин фаҳмиш дошта бошад, мақсади ӯ — ин аст, ки дар ҳамаи вазъиятҳое ки рӯ ба рӯ мешавад, Исои Масеҳро боз ҳам беҳтар фаҳмад.

192. ҶАМЪИЯТИ РӮҲОНӢ

«*...то даме ки ҳамаамон...ба андозаи бузургии пурраи Масеҳ бирасем*» (Эфесусиён 4:13).

Худо мехоҳад тамоми инсониятро ба он муносибатҳо бо Худ баргардонад, ки Ӯ барои одамон муқаррар карда буд. Исои Масеҳ маҳз ҳамин корро кард, ҳангоме Худро барои одамон қурбон намуд. Ва ҳангоме ки калисо бештар ба сохтори худ, созмони худ аҳамият медиҳад, он як ҷомеаи рӯҳонии одамон буданро бас мекунад. Ва нақшаи Исои Масеҳ — ба муносибатҳои муқаррарӣ бо Худо баргардонидани насли инсонӣ — маънои онро дорад, ки Масеҳ бояд худро ҳам дар ҳаёти ҳар як шахс ва ҳам дар ҳаёти ҷомеа зоҳир кунад. Бинобар ин Исои Масеҳ ҳаввориён ва муаллимонро мефиристод, то ки Худро дар калисо, дар ҷомеаи одамон тақассум намояд. Мо дар рӯи замин барои он нестем, ки танҳо бо ҳаёти рӯҳонии шахсии худ машғул шавем ё аз осоиши рӯҳонӣ баҳраманд шавем — мо дар ин ҷо барои он ҳастем, ки Исои Масеҳро он гуна зоҳир намоем, ки Бадани Масеҳ бунёд шавад.

Оё ман Бадани Масеҳро бунёд мекунам ё танҳо бо худтакмилдиҳии рӯҳонӣ машғул ҳастам? Аз ҳама муҳимтар он аст, ки Исои Масеҳ шахсан барои ман кист, оё ман ҳама чизро барои он мекунам, ки «Ӯро дарк намоям» (Фил.3:10). Шумо танҳо дар он мавриди нақшаи Худоро иҷро карда метавонед, ки худро комилан ба ихтиёри Ӯ супоред. Ҳамин ки ман шахсан барои

худ чизе мехоҳам, муносибати ман бо Худо вайрон мешавад. Ва ман хеле нороҳат мешавам, ҳангоме мефаҳмам, ки на барои он кӯшиш кардаам, то ба одамон Исои Масеҳро нишон диҳам, балки ба онҳо нишон диҳам, ки Масеҳ барои ман чӣ кор кардааст.

Мақсади ман — Худи Худост, на оромӣ дар ҷон

Ва на баракатҳо, танҳо Худо.

Пас, ман ба чӣ баробар мешавам — ба ин ё ба ягон чизи камтар?

193. АРЗИШИ РУЪЁ

«Дар соле ки подшоҳ Узиё вафот кард, Худовандро дидам» (Ишаъё 6:1).

Ҳикояи ҳаёти ҷони мо бо Худо — ин аксар вақт достони «марги қаҳрамонон» аст. Гаштаву баргашта ба Худо лозим меояд дӯстонамонро аз мо дур кунад, то Худро ба ҷои онҳо гузорад. Аммо ин ҷудоиҳо барои мо осон нест — мо рӯҳан нотавон мешавем, ба ноумедӣ ва ба андӯҳ меафтем. Аз худ пурсед: «Дар соле ки шахсе ки барои ман Худоро иваз мекард, мурд, ман чӣ кор кардам — дастҳоямро паст кардам? Рӯҳан ва ҷисман бемор шудам? Ё ба ҳар ҳол Худовандро дидам?»

Худоро дидан ё надидани ман ба ҳолати хислати ман вобаста аст. Хусусияти ваҳйро хислати одам муайян мекунад. Пеш аз он ки ман бигӯям: «...Худовандро дидам», бояд дар хислати ман чизе пайдо шавад, ки ба Худо мувофиқат мекунад. То он даме ки аз олами боло таваллуд нашавам ва дидани Подшоҳии Худоро сар накунам, ман танҳо мебинам, ки хурофотҳоям ба ман чӣ нишон медиҳанд. Ба ман амалиёти ҷарроҳӣ аз берун, бо ёрии ҳодисаҳои беруна ва покшавӣ аз дарун лозим аст. Барои шумо дар ҷои аввал бояд Худо, дар ҷои дуюм Худо ва дар ҷои сеюм Худо бошад, то даме ки бо Ӯ дар пайвастагии ҷудонашаванда зиндагӣ кунед ва ҳеҷ каси дигарро ба назар нагиред. «Дар тамоми дунё ҷуз Ту касе нест, Худоё, ҷуз Ту касе нест». Бахил нашавед, ҳама чизҳоеро, ки бароятон азиз аст, бидиҳед. Бигзор Худо бинад, ки шумо тайёред мувофиқи рӯъё зиндагӣ кунед.

194. БА ТУФ КАРДАНҲО ВА ЗАРБАҲО БО ЧӢ ҶАВОБ ДИҲЕМ

«*Лекин Ман ба шумо мегӯям: ба бадӣ муқобилат накунед. Балки агар касе ба рухсораи рости ту торсакӣ занад, дигарашро низ ба сӯи ӯ бигардон*» (Матто 5:39).

Ин суханон равшан нишон медиҳанд, ки масеҳӣ будан то чӣ андоза таҳқиромез аст. Агар шахси ҷисмонӣ ба зарба бо зарба ҷавоб надиҳад, ин танҳо аз он сабаб аст, ки вай тарсончак аст, аммо агар шахси рӯҳонӣ ба зарба бо зарба ҷавоб надиҳад, вай дар худ Писари Худоро ошкор мекунад. Агар шуморо ранҷонанд, шумо бояд на танҳо хашмгин нашавед, балки инчунин инро барои он истифода баред, ки Писари Худоро ба одамон ошкор созед. Ба Рӯҳи Масеҳ тақлид кардан мумкин нест: Ӯ ҳаст ё нест. Ва барои шахси муқаддас дашноми шахсӣ имкон медиҳад, ки то чӣ андоза бениҳоят ҳалим будани Худованд Исоро ба дигарон нишон диҳад.

Мавъизаи болои кӯҳ ба мо на кореро, ки бояд кунем, таълим медиҳад. Он ба мо кореро, ки ба ҳеҷ кас набояд кунем, таълим медиҳад. Шумо набояд бо касе ду мил роҳро тай кунед ва рухсораи дигаратонро ба касе ки ба рухсораатон мезанад, гардонед, аммо Масеҳ мегӯяд, ки агар мо шогирдони Ӯ бошем, ҳамеша ҳамин тавр мекунем. Ҳатто ба хаёламон намеояд, ки гӯем: «Хайр, тамом, дигар тоқат карда наметавонам, дар ҳаққи ман ҳар хел гапҳои сафсата мегӯянд, гапамро тахриф мекунанд». Ҳар боре ки ман ҳуқуқҳои худро ба ёд меоварам, Писари Худоро озор медиҳам. Аммо ман метавонам баръакс амал намоям, метавонам зарбаро ба худ гирам ва хориро аз Масеҳ дур кунам. Ин маънои онро дорад, ки «андӯҳҳои Масеҳро дар ҷисми худ... пур мекунам» (Қӯл.1:24)! Шогирди Масеҳ мефаҳмад, ки дар ҳаёти ӯ сухан дар бораи шаъну шарафи Худованди худ меравад, на дар бораи шарафи худ.

Ҳеҷ гоҳ комил будanро дар дигарон наҷӯед, аммо ҳеҷ гоҳ аз кӯшиши комил будани худ даст накашед. Мо ҳамеша дар ҷустуҷӯи адолат ҳастем, аммо Мавъизаи болои кӯҳ ба мо

таълим медиҳад: «Ҳеҷ гоҳ барои худ адолатро наҷӯед, вале аз муносибати одилона бо дигарон даст накашед».

195. МАСЪАЛАИ ШАРАФИ РӮҲОНӢ

«*Ман нисбат ба юнониён ва варвариён...қарзе ба гардан дорам*» (Румиён 1:14).

Павлус фаромӯш карда наметавонист, ки аз Исои Масеҳ чӣ қарзе ба гардан дорад, ва барои таъкид кардани ин ӯ ба ҳама чиз тайёр буд. Сарчашмаи илҳоми бебаҳо ва фаъолияти Павлус дар он аст, ки Ӯ медонист, ки ӯ қарздори рӯҳонии Исои Масеҳ аст. Оё ман худро барои ҳар як ҷони наҷотнаёфта аз Масеҳ қарздор ҳис мекунам? Шарафи ҳаёти рӯҳонии ман ҳамчун муқаддаси Худо ин аст, ки вазифаи худро дар назди Масеҳ нисбати ин одамон иҷро кунам. Ман ҳар як лаҳзаи ҳаётам барои кафорати Исои Масеҳ қарздорам. Пас, оё ман коре мекунам, ки Масеҳ воқеияти кафорати Худро дар ҳаёти дигарон зоҳир кунад? Ман инро танҳо он вақт иҷро карда метавонам, ки Рӯҳи Худо ба ман қарзамро (вазифаамро) ёдрас кунад.

Лозим нест, ки ман дар байни одамони дигар фарқ кунам ва аз онҳо болотар бошам, ман даъват шудаам, ки ғуломи Исои Худованд бошам: «...Шумо аз они худ нестед» (1Қӯр.6:19). Павлус худро комилан ба ғуломии Исои Масеҳ фурӯхт ва мегӯяд: «Ман ба ҳар як одами рӯи замин аз башоратдиҳии Масеҳ қарздорам, ва танҳо барои он озодам, ки ғуломи ҳақиқӣ бошам». Пас аз он, ки шахс аз чӣ иборат будани шарафи рӯҳониро мефаҳмад, ҳаёти ӯ чунин хоҳад буд. Барои худ дуо гуфтанро бас кунед ва барои дигарон ҳамчун ғуломи Масеҳ зиндагӣ кунед. Маҳз ҳамин тавр кас ҳақиқатан нони шикасташаванда ва шароби рехтанӣ шуда метавонад.

196. ДОНЕД, КИ ХУДО ҲАМА ЧИЗРО МЕДОНАД!

«...Падари шумо, ки дар осмон аст, ба онҳое ки аз Ӯ металабанд, чанд маротиба зиёдтар чизҳои нек хоҳад дод» (Матто 7:11).

Масеҳ қоидаҳои рафторро барои онҳое муқаррар мекунад, ки Рӯҳи Ӯ дар онҳост. Бо далелҳои оддии ин суханон Ӯ моро даъват мекунад, то фаромӯш накунем, ки Худо комилан ҳама чизро зери назорати худ нигоҳ медорад ва ин барои шогирди Масеҳ чунин маъно дорад: кас бояд дар ҳолати боварии комил бошад ва доимо пурсад ва биҷӯяд.

Мо бояд ҳамеша дар хотир дорем, ки Худо воқеан аз фарзандонаш даст намекашад ва онҳоро тарк намекунад. Ва агар ин фикр дар зеҳни шумо маҳкам ҷой гирифта бошад, пас ҳангоме ки ба душвориҳо дучор мешавед, ба ёд оваярдани он ки Падар ҳама чизро медонад, мисли нафаскашӣ осон хоҳад буд! Ин ҳеҷ душворӣ нахоҳад дошт, ин фикр ҳамон вақте ки ба ягон намуди санҷиш дучор мешавед, худ аз худ пайдо хоҳад шуд. Пештар гоҳ ба як кас, гоҳ ба каси дигар рӯ меовардед, аммо ҳоло ин ақида, ки Худо ҳама чизро мебинад ва медонад, чунон дар зеҳнатон ҷой гирифтааст, ки бо ҳама мушкилиҳоятон ба сӯи Худо рӯ меоваред. Масеҳ қоидаҳои рафторро барои онҳое баён мекунад, ки Рӯҳи Ӯ дар онҳост, ва ин қоидаҳо инҳоянд: Худо Падари Ман аст, Ӯ Маро дӯст медорад, Ӯ ҳеҷ гоҳ чизеро бе таваҷҷуҳи Худ намегузорад, бинобар ин ман набояд хавотир шавам.

Масеҳ мегӯяд, ки гоҳо Худо бо баъзе сабабҳо зулмотро нест карда наметавонад, аммо ҳатто дар он маврид шумо бояд ба Ӯ таваккал кунед. Гоҳо ба шумо чунин метобад, ки Худо умуман дӯсти шумо нест ва Ӯ ҳеҷ гоҳ Падар нест, аммо ин ҳам чунин нест. Дар ёд нигоҳ доред, ки Худо ҳама чизро мебинад ва медонад ва инро беш аз пеш устувортар, бештар ва сахттар дар ёд нигоҳ доред. Ҳеҷ чиз, ҳатто ночизтарин чизе, наметавонад рӯй диҳад, агар ин хости Худо набошад, бинобар ин ба Худо комилан боварӣ кардан мумкин аст. Ва дуо на танҳо дархост,

балки чунин ҳолати ақл аст, ки дар муҳити он дархост кардан як чизи комилан табиӣ мегардад: «Биталабед, ба шумо дода хоҳад шуд» (Мат.7:7).

197. МӮЪҶИЗАИ ИМОН

«*Ва калому мавъизаи ман на дар суханони исботкорона... буд*» (1 Қӯринтиён 2:4).

Маълумотнокӣ ва лаёқати суханварии Павлус хеле хуб буд. Ва ӯ худситоӣ намекунад, балки танҳо мегӯяд, ки агар ҳангоми мавъизаи Инҷил одамонро бо суханварии худ ҳайрон мекард, қуввати Худоро аз мардум пинҳон мекард. Имон ба Масеҳ мӯъҷизаест, ки онро на ба воситаи санъати сухан, ҳилаҳо ва найрангҳо, балки танҳо ба шарофати кафорат ба амал овардан мумкин аст. Имон танҳо бо амали қуввати Худо ба вуҷуд меояд — ва ин қувват ба ёрӣ эҳтиёҷ надорад. Кафорат ба воситаи мавъизаи Инҷил мӯъҷизаҳо ба амал меоварад; шахсияти воиз қудрати мӯъҷизавӣ дошта наметавонад. Ва барои воиз рӯзадории ҳақиқӣ аз хӯрок даст кашидан нест, балки аз санъати сухан, ифоданокӣ ва талаффуз дуруст — аз ҳамаи он чи ба мавъизаи Инҷили Худо халал расонда метавонад, даст кашидан аст.

Воиз намояндаи Худо дар назди мардум аст, «...гӯё ки Худо ба воситаи мо хоҳиш мекунад...» (2Қӯр.5:20). Мақсади ӯ расонидани Инҷили Худо ба одамон аст. Ва агар одамон танҳо зери таъсири лаёқати мавъизакунии ман беҳтар шудан хоҳанд, онҳо ҳеҷ гоҳ ба Исои Масеҳ наздик намешаванд. Ҳар он чи дар мавъизаи Инҷил маро дилписанд ҷилвагар мекунад, дар ниҳоят метавонад маро ба хиёнат ба Масеҳ оварад, зеро ман ба қувваи кафорати Ӯ монеъ мешавам, ки мӯъҷизаҳои худро ба амал оварад.

«*Ва ҳангоме ки Ман аз замин боло бурда мешавам, ҳамаро сӯи Худ хоҳам кашид*» (Юҳ.12:32).

198. СИРРИ ИМОН

«Гуфт: Худовандо, Ту кистӣ?» (Аъмол 9:5).

Ба воситаи мӯъҷизаи кафорат Шоули Тарсусӣ дар як сония аз фарисии мӯътақид ба ғуломи фурӯтан ва вафодори Худованд Исо табдил ёфт.

Дар он чи мо фаҳмонда метавонем, ҳеҷ чизи муъҷизаосо нест: он чи мо мефаҳмонем, зери итоати мост. Бинобар ин табиист, ки мо маънидоди ҳама чизро меҷӯем. Аммо итоаткор будан барои шахс ғайритабиист, ҳарчанд наметавон гуфт, ки ҳар гуна беитоатӣ ҳатман гуноҳ аст. Агар қудрати олии касеро, ки аз шумо итоаткориро интизор аст, эътироф накунед, дар итоаткорӣ ҳеҷ фазилате нест. Агар як кас ба дигаре итоат накунад, баръакс, метавонад озодтар шавад. Агар касе ба касе «ту бояд фалон корро кунӣ», «ту бояд фалон корро кунӣ» гӯяд, метавонад рӯҳи ин шахсро шиканад ва ӯро барои Худо нолозим гардонад. Агар дар паси итоат ҳамчун Худо эътироф кардани Худои қуддус набошад, итоат метавонад инсонро ба ғулом табдил диҳад. Бисёр ҷонҳо итоаткории диниро бас карда, ба Худо наздик шуданро сар мекунанд, зеро дили инсон метавонад танҳо як Устод дошта бошад — ва ин дин нест, балки Исои Масеҳ аст. Аммо вой бар ҳоли ман, агар ҳангоме ки Ӯро мебинам, гӯям, ки «намекунам». Масеҳ ҳеҷ гоҳ дар чизе исрор намекунад, аммо бо суханони худ ман ба ҳукмномаи марги Писари Худо дар ҷонам имзо мекунам. Ва ҳангоме ки ман дар назди Исои Масеҳ рӯ ба рӯ истода, «намехоҳам» мегӯям, Ӯ ба ҳеҷ чиз исрор намекунад, балки худам қувваи мӯъҷизаосои кафорати Ӯро, ки маро эҳё карда метавонад, рад мекунам. Агар ман ба сӯи рӯшноӣ равона шавам, файзи Худо парвое надорад, ки ман то чӣ андоза нафратовар ҳастам, аммо вой бар ҳоли ман, агар нурро рад кунам (ниг. Юҳ.3:19–21).

199. ҚУДРАТ БАР ИМОНДОР:

«Шумо Маро Устод ва Худованд мегӯед ва рост мегӯед, зеро Ман чунин ҳастам» (Юҳанно 13:13).

Худованди мо ҳеҷ гоҳ ба эътиборнокии худ исрор намекунад, Ӯ ҳеҷ гоҳ намегӯяд: «Ту бояд фалон корро кунӣ». Ӯ ба мо озодии комил медиҳад, ва мо чунон озод ҳастем, ки ба рӯи Ӯ туф карда метавонем, чунон ки баъзеҳо карданд, чунон озодем, ки метавонем Ӯро ба марг маҳкум кунем, чунон ки баъзеҳо карданд...ва Ӯ сухане намегӯяд. Аммо ҳамин ки ба воситаи кафорати Ӯ дар ман ҳаёти Ӯ ба вуҷуд оварда мешавад, ман дарҳол ҳуқуқи пурраи Ӯро ба фармонравоии (қудрати) мутлақ бар худ эътироф мекунам. Ин қудрати ахлоқӣ аст — «...Ту сазовори он ҳастӣ...» (Ваҳй 4:11). Ва танҳо касе дар ман, ки нолоиқ аст, саҷда кардани касеро ки танҳо Ӯ сазовор аст, рад мекунад. Агар ҳангоми вохӯрӣ бо шахсе ки аз ман муқаддастар аст, ман хизматҳои ӯро эътироф накунам ва ба он чизе ки аз ӯ бармеояд, итоат накунам, ин фақат то чӣ андоза нолоиқ будани маро таъкид мекунад. Худо моро танҳо ба воситаи одамоне тарбия мекунад, ки каме беҳтар аз худамон ҳастанд (на ба маънои дониш, балки ба маънои муқаддасӣ), то даме ки мо ба қудрати худи Худованд таслим шавем, ва он гоҳ тамоми ҳаёти мо таҷассуми итоаткорӣ ба Ӯ мегардад.

Агар Худованди мо ба итоаткории бечуну чаро ба Худ исрор мекард, ба зиндонбон мубаддал мешуд ва тамоми эътиборнокиро аз даст медод. Аммо Ӯ ҳеҷ гоҳ исрор намекунад, ки итоаткор бошем — худи мо ба Ӯ итоат мекунем, ҳангоме ки Ӯ Худро ба мо ошкор мекунад. Ӯ бе ягон мушкилот Худованд мегардад ва мо аз субҳ то шом аз Ӯ ба вақд омада, зиндагӣ мекунем. Ва то чӣ андоза ба Худованд итоаткор будани ман ба он вобаста аст, ки Ӯ оид ба нашъунамои ман дар файз ба ман чиро ошкор хоҳад намуд. Мо бояд калимаи туфбороншудаи «итоаткорӣ»-ро аз лой берун кашем. Итоат танҳо байни баробарҳуқуқҳо имконпазир аст — ин муносибат байни падар ва писар аст, на байни хоҷа ва хизматгор. «Ман ва Падар як ҳастем» (Юҳ.10:30). «...агарчи

Ӯ Писар буд, ба воситаи азобҳо итоаткориро омӯхт» (Ибр.5:8). Писар ба Падар ҳамчун кафораткунанда итоат кард, на барои он ки Писар бошад, *балки барои он ки Ӯ Писар буд*.

200. БЕ ХУДО БА ҲЕҶ КУҶО

«*...Умедворони Худованд...қадам мезананд ва хаста намешаванд*» (Ишаъё 40:31).

Мо аз қадам задан саргум намешавем; бо қадам задан озмуда мешавад, ки то чӣ андоза мо ба хислатамон такя карда метавонем. «Қадам задан ва хаста нашудан» зоҳиршавии олии қувва аст. Ва ҳангоме ки Китоби Муқаддас дар бораи «қадам задан» сухан меронад, он дар бораи хислат мегӯяд — «Чун дид, ки Исо аз он ҷо мегузарад, гуфт: „Инак Барраи Худо“» (Юҳ.1:36). Дар Китоби Муқаддас ҳеҷ чизи абстрактӣ нест, ҳама чиз зинда ва воқеӣ аст. Худо намегӯяд: «Рӯҳонӣ бош», Худо мегӯяд: «*Пеши Ман қадам зан*» (Ҳас.17:1). Ҳангоме ки мо аз ҷиҳати ҷисмонӣ ё ахлоқӣ носолим ҳастем, мо ҳамеша ҳиссиётҳои пуршиддат, ваҷдро мехоҳем. Дар соҳаи ҷисмонӣ ин боиси он мешавад, ки мо амалҳои Рӯҳулқудсро тақлид мекунем; дар соҳаи эҳсосотӣ — боиси он мешавад, ки мо ба ҳавасҳои худ печида мешавем ва торафт пасттар меафтем; ва агар мо дар соҳаи рӯҳонӣ ваҷдҳоро хоҳем, агар мо ба баландӣ парвоз кардан хоҳем, ҳама чиз бо нобудшавии пурраи ҳама гуна рӯҳият анҷом меёбад. Воқеияти ҳузури Худо ба он вобаста нест, ки мо дар куҷо ҳастем, он танҳо ба азми мо вобаста аст, ки ҳамеша Худовандро дар пеши худ бинем. Ҳангоме ки мо дар ҳама чиз ба воқеияти ҳузури Худо такя карданро рад мекунем, мушкилот ба сари мо меоянд. Мо метавонем он чизеро, ки нависандаи таронаҳои Забур мегӯяд, эҳсос кунем — «...Бинобар ин мо наметарсем, ҳатто агар...» — ҳангоме ки мо ба воқеият такя мекунем — на ба огоҳии худ аз ҳузури Худо, балки ба воқеияти Ӯ. Ва маълум мешавад, ки Худо ҳама вақт бо мо буд! Дар лаҳзаҳои бӯҳронӣ бояд роҳнамоӣ дархост намоем, вале набояд доимо чунин гӯем: «Эй Худованди ман, маро дар ин ҷову он ҷо роҳнамоӣ кун».

Ӯ бе ин суханони шумо ҳам роҳнамоӣ мекунад! Агар он қарорҳое ки мо бо назардошти ақли солим қабул мекунем, ба Ӯ маъқул набошанд, Ӯ инро ба мо мефаҳмонад, моро аз роҳи нодуруст бозмедорад. Ва он гоҳ мо бояд ором шавем ва интизор бошем ки ҳузури Ӯ моро ба куҷо мебарад.

201. ДАР БА ПОДШОҲӢ

«*Хушо мискинони рӯҳ*» (Матто 5:3).

Худовандамонро пеш аз ҳама Устод ҳисобиданамон даркор нест. Агар Исо танҳо Устод бошад, ягона коре ки Ӯ карда метавонад, ин аст, ки маро ба азобҳои бепоёни тоқатгудоз гирифтор кунад ва ба ман талабҳоеро вогузорад, ки албатта иҷро карда наметавонам. Ба ман нишон додани идеале ки ба он ҳатто наздик шуда наметавонам, чӣ фоида дорад? Беҳтар он аст, ки дар бораи чунин идеал умуман надонам, ин бароям оромонатар аст. Ба ман гуфтан чӣ фоида дорад, ки бояд шахсе шавам, ки шуда наметавонам, шахси покдил, ки кореро мекунад, ки маҷбур нест барои касе кунад, ва комилан ба Худо бахшида шудааст? Пеш аз он ки таълимоти Исои Масеҳ барои ман ягон маъно дошта бошанд (ғайр аз баёни идеале ки ба ноумедӣ мебарад), ман бояд Ӯро ҳамчун Наҷотдиҳанда шиносам. Ва ҳангоме ки ман аз Рӯҳи Худо аз нав таваллуд шудам, медонам, ки Исои Масеҳ на танҳо барои *таълим* додан омадааст: Ӯ омад, *то ки маро он гуна намояд, ки мувофиқи таълимоти Ӯ ман буда метавонам*. Кафорат маънои онро дорад, ки Исои Масеҳ метавонад ба ҳар як шахс Рӯҳеро, ки ҳаёти Худи Ӯро идора мекард, ҷой диҳад, ва ҳамаи талаботе ки Худо ба миён мегузорад, мавҷудияти чунин Рӯҳро талаб мекунанд.

Таълимоти Мавъизаи болои кӯҳ шахси нафсониро ноумед мегардонад, ва Масеҳ бояд ҳаминро исбот мекард. Ва то даме ки мо худписандона боварӣ дорем, ки мувофиқи таълимоти Худовандамон зиста метавонем, то даме ки нодонии мо дар ягон монеа шикаста нашавад ва мо тайёр нашавем, ки дар бенавоӣ ба назди Масеҳ биёем ва атоҳои Ӯро қабул кунем, Худо моро

аз роҳи нодурустамон бознамедорад. «Хушо касоне ки мискини рӯҳ ҳастанд» аввалин принсип дар Подшоҳии Худост. Подшоҳии Исои Масеҳ на дар сарватмандӣ, балки дар мискинӣ аст, на дар боигариҳои нек, балки дар дарки тамоман нотавон будан асос ёфтааст — «Ман инро ҳатто сар карда наметавонам!» Ва он гоҳ Исо мегӯяд: «Хушо шумо». Ана ҳамон вақт дар кушода мешавад! Аммо чӣ қадар вақтро сарф кардан лозим аст, то бовар кунем, ки мо бенаво ҳастем! Аммо, танҳо бенавоии худро дарк карда, мо метавонем ба ҳудуде наздик шавем, ки берун аз он Исои Масеҳ амал мекунад.

202. МУҚАДДАСШАВӢ

«Зеро иродаи Худост, ки шумо пок бошед» (1 Таслӯникиён 4:3).

Аз ҷониби марг. Дар тақдисшавӣ ба Худо лозим меояд ҳам аз ҷониби марг ва ҳам аз ҷониби ҳаёт бо мо кор кунад. (Бисёр касон дар макони марг он қадар зиёд вақтро мегузаронанд, ки симои мурдаҳоро пайдо мекунанд.) Пеш аз муқаддасшавӣ муҳорибаи ҳалкунанда рӯй медиҳад, ҳамеша ягон хел қувва моро аз Исои Масеҳ ва талабҳои «хандаовар»-и Ӯ дур мекунад.

Ва ҳангоме Рӯҳи Худо ба мо нишон медиҳад, ки муқаддасшавӣ чист, мубориза сар мешавад — «...Ҳар кӣ назди Ман ояд ва...аз ҳаёти худ нафрат накунад, наметавонад шогирди Ман бошад» (Луқ.14:26). Рӯҳи Худо дар ҷараёни тақдисшавӣ ҳар он чиро, ки бар худ гузоштаам, аз ман дур мекунад, то даме ки «худи худам» шавам, яъне ба макони марг нахоҳам омад. Оё ман тайёрам «худи худам» бошам, на ягон каси дигар — то ки на дӯсте дошта бошам, на падар, на бародар ва на манфиатҳои шахсии худам — оё, оддӣ карда гӯем, ман ба марг тайёрам? Ин як шарти ҳатмӣ барои муқаддасшавӣ аст. Ва ҳайратовар нест, ки Исо гуфтааст: «Наомадаам ки осоиш биёрам, балки шамшер» (Мат.10:34). Дар ҳамин ҷо муҳориба сар мешавад ва дар ин ҷо бисёри мо рӯҳафтода мешаванд. Мо худро ҳамин гуна бо марги Масеҳ ҳаммонанд кардан намехоҳем. «Ин хеле сахт аст, — мегӯем мо, — ғайриимкон аст, ки Ӯ инро аз ман

мехоста бошад». Аммо Худованди мо дар ҳақиқат сахтгир аст ва Ӯ маҳз ҳаминро аз мо мехоҳад.

Пас, оё ман тайёрам, ки худро ба сатҳи фақат «ман» паст кунам, ҳар он чизеро, ки дӯстонам дар бораи ман фикр мекунанд, ҳар он чизеро, ки ман дар бораи худам фикр мекунам, аз худ дур кунам, ва ин «ман»-и оддии пардапӯшнашударо ба Худо супорам? Ҳамин ки ман ин корро мекунам, Худо маро комилан муқаддас хоҳад кард ва ман ба ғайр Худо ба ҳеҷ чиз ҷиддӣ муносибат намекунам.

Агар ман чунин дуо гӯям: «Худовандо, ба ман нишон деҳ, ки муқаддасшавӣ барои ман чӣ маъно дорад», Ӯ нишон медиҳад. Ва ин маънои онро дорад, ки ман бо Масеҳ як мешавам. Исои Масеҳ ба ман муқаддасшавиро намедиҳад, балки Худи Ӯ барои ман муқаддасшавӣ мегардад (1Қӯр.1:30).

203. МУҚАДДАСШАВӢ

«Ва аз Ӯ шумо дар Исои Масеҳ ҳастед, ки барои мо... кафорат...шудааст» (1 Қӯринтиён 1:30).

Аз ҷониби ҳаёт. Сирри муқаддасшавӣ дар он аст, ки тамоми комилият, тамоми қадру қимати Исои Масеҳ ба мо на тадриҷан, балки дар як лаҳза мегузаранд, дар ҳамон лаҳзае ки ман бо имон фаҳмидам, ки Худи Масеҳ барои ман муқаддасшавӣ шудааст. Муқаддасшавӣ маҳз маънои онро дорад, ки муқаддасии Масеҳ ба таври возеҳ муқаддасии ман мегардад. Сирри асосӣ ва олидараҷаи муқаддасӣ дар тақлид ба Масеҳ нест, балки ба Ӯ имконият додан аст, ки худро дар ҷисми мирандаи ман зоҳир кунад.

Муқаддасшавӣ «Масеҳ дар шумост» (Қӯл.1:27). Мо бо имон ҳаёти мӯъҷизаосои Ӯро ҳамчун атои ройгони файзи Худоро қабул мекунем. Пас, оё ман тайёрам, ки Худо муқаддасшавиро барои ман воқеият гардонад, чунон ки дар Каломи Ӯ воқеият аст?

Муқаддас гардондан — ба одам интиқол додани қудсияти Исои Масеҳ аст. Дар ҳар як ҷони муқаддасшуда ва ба воситаи он сабри Ӯ, муҳаббати Ӯ, муқаддасии Ӯ, имони Ӯ, покӣ ва адолати Ӯ зоҳир мешавад. Дар тақдис мо аз Масеҳ на қудрати

муқаддас буданро мегирем, балки худи муқаддасшавиро, ки дар Ӯ зоҳир шуда буд, ва акнун Ӯ дар ман зоҳир шудааст. Муқаддасшавӣ интиқоли воқеӣ аст, на тақлид. Тақлид падидаи тамоман дигар аст. Дар Исои Масеҳ болотар аз ҳама комилиятҳо ва сирри тақдис дар он аст, ки тамоми камолоти Исои Масеҳ дар ихтиёри ман аст. Оҳиста-оҳиста, вале бешубҳа, ҳаёти ман мавзуният, пурмаъноӣ ва муқаддасӣ пайдо мекунад, ки онро бо сухан ифода кардан ғайриимкон аст. «...бо қуввати Худо нигоҳ дошта мешавед...» (1Пет.1:5).

204. АНДЕШАҲО ВА АМАЛҲО

«*...Агар адолати шумо аз адолати китобдонон ва фарисиён бартарӣ надошта бошад, ба Малакути Осмон дохил нахоҳед шуд*» (Матто 5:20).

Шогирди Масеҳ на бо он фарқ мекунад, ки корҳои нек мекунад, балки бо он ки ниятҳои нек дорад, зеро ӯ бо файзи фавқулодаи Худо нек шудааст. Фақат ҳаёти нек метавонад аз корҳои нек болотар бошад. Исои Масеҳ барои он омад, ки ба ҳар касе ки мехоҳад, ирсияти наве диҳад, ки аз росткории китобдонон ва фарисиён болотар бошад. Исо мегӯяд: «Агар ту шогирди Ман бошӣ, бояд на танҳо кори дуруст кунӣ — ту бояд ниятҳои дуруст, орзуҳои дуруст дошта бошӣ, фикрҳои ботинии ту бояд дуруст бошанд. Ниятҳои ту бояд чунон пок бошанд, ки ба Худои Қодири Мутлақ лозим наояд чизеро аз онҳо маҳкум намояд». Аммо кӣ метавонад дар нури абадии Худо истода, маҳкум нашавад? Танҳо Писари Худо. Ва Масеҳ ба мо мегӯяд, ки бо кафорати худ Ӯ метавонад Рӯҳи Худро дар ҳар як шахс ҷойгир кунад ва ӯро пок ва ба таври кӯдакона бериё гардонад. Он покиро, ки Худо аз ман талаб мекунад, танҳо дар он маврид ба даст оварда метавонам, ки аз дарун дигар карда шавам. Ва Масеҳ бо кафорати худ маҳз ҳамин корро ба ӯҳда гирифт.

Ҳеҷ кас бо риояи қонунҳо пок шуда наметавонад. Исои Масеҳ ба мо ҳеҷ гуна қоида ва қонунҳоро намедиҳад, таълимоти Ӯ ҳақиқатҳое мебошанд, ки онҳоро танҳо бо Рӯҳе ки Ӯ ба мо

медиҳад, тафсир кардан мумкин аст. Нағоте ки Исои Масеҳ медиҳад, дар он аст, ки Масеҳ ирсияти моро тағйир медиҳад. Ӯ табиати инсониро тағйир намедиҳад, Ӯ он чизеро, ки онро таҳрик медиҳад, тағйир медиҳад.

205. ОЁ МАН ХУШБАХТАМ?

«*Хушо...*» (Матто 5:3–11).

Ҳангоме ки мо бори аввал ин суханони Масеҳро мехонем, онҳо ба таври аҷиб оддӣ ба назар мерасанд ва ҳеҷ гоҳ даҳшатнок нестанд ва оромона ва осоишта дар ҷое дар зери шуури мо қарор мегиранд. Ба назар чунин менамояд, ки фармудаҳои хушҳолӣ барои онҳое ки «аз ин дунё нестанд» ва ба худ коре намеёбанд, танҳо рӯҳбахшанда ва зебо «маслиҳати судманд» аст, вале дар дунёи дилсахт ва пур аз давуғеҷи беҳуда мо дар онҳо ҳеҷ маъно намебинем. Аммо ба зудӣ мо мефаҳмем, ки дар ин фармудаҳо қувваи бебаҳои Рӯҳулқудс ниҳон аст, ки метавонад таркиши азимеро ба вуҷуд орад. Ва фармудаҳо ҳамон вақт метарканд, ки бо мо чизе рӯй медиҳад. Ва он гоҳ Рӯҳулқудс яке аз фармудаҳоро ба мо ёдрас мекунад, ва мо мегӯед: «Чӣ суханони зебо!» ва мо дар назди интихобем — ба Рӯҳулқудс имкон диҳем, ки ҳама чизро дар ҳаёти мо чаппа кунад ё на, ба фармон итоат кунем ё не. Рӯҳи Худо ҳамин тавр амал мекунад. Ба мо лозим нест, ки аз нав таваллуд шавем, то дар рӯҳияи Мавъизаи болои кӯҳ зиндагӣ кунем. Маънидоди таҳтуллафзии Мавъизаи болои кӯҳ бозии кӯдакон аст, аммо ҳангоме ки маънидодро Рӯҳи Худо ба ӯҳда мегирад ва суханони Худованди моро ба шароити мушаххаси мо татбиқ мекунад, кори вазнини шахси муқаддас сар мешавад.

Таълимоти Масеҳ ба ҳеҷ вақҳ бо ақидаҳои маъмулии мо дар бораи ҳаёт мувофиқат намекунад ва дар аввал дар мо эҳсоси нороҳатии ошкоро ба вуҷуд меоварад. Мо бояд оҳиста-оҳиста чизҳо ва калимаҳоеро омӯзем, ки ба фармудаҳои Исои Масеҳ, ки дар шароити мо истифода мешаванд, мувофиқат кунанд (ин кори Рӯҳулқудс аст). Мавъизаи болои кӯҳ маҷмӯи қоидаву

қонунҳо нест. Он мегӯяд, ки ҳангоме Рӯҳулқудс худро дар мо зоҳир карда метавонад, мо чӣ гуна зиндагӣ хоҳем кард.

206. ПОКИИ ҲАҚИҚӢ

«*...Аз дил...пайдо мешавад...*» (Матто 15:19).

Мо аз он сар мекунем, ки ба нодонии худ боварӣ мекунем ва онро беайбӣ меномем, ба беайбии худ боварӣ мекунем ва онро покӣ меномем, аммо ин суханони қатъии Худовандро шунида, худро дарҳам мекашем ва мегӯем: «Аммо ин ҳама даҳшат дар дили ман ҳеҷ гоҳ рӯй надодааст». Мо аз он чи Исои Масеҳ ба мо ошкор мекунад, ба хашм меоем. Аммо Исои Масеҳ ё бар дили шахс қудрати комил дорад, ё шумо набояд ба Ӯ аҳамият диҳед. Оё ман тайёрам ба тарзи кори Ӯ, фаҳмиши Ӯ дар бораи дилам боварӣ кунам, ё фикр мекунам, ки дар нодонии бегуноҳи худ беҳтар мешавам? Агар ман худро бегуноҳ эълон кунам, бо эҳтимоли зиёд ба ҷое мерасам, ки рӯзе аз хоб бедор мешавам, бо ларза мефаҳмам, ки Исои Масеҳ ҳақиқати покро гуфтааст ва вақте мебинам, ки ман ба чӣ гуна бадӣ қодирам, ба даҳшат меоям. То он даме ки зери чодари беайбӣ мемонам, дар биҳиште барои нодонон зиндагӣ хоҳам кард. Агар ман ҳеҷ гоҳ тамоми пастӣ ва ифлосии худро нишон надода бошам — сабаби ин омехтаи тарс ва «бофарҳангӣ» аст, аммо ҳангоме ки урён дар назди Худованд меистам, мефаҳмам, ки Исои Масеҳ ба ман ташхиси дуруст додааст.

Ягона нақоти ман — ин дар кафорати Исои Масеҳ аст. Агар ман худро ба ихтиёри Ӯ диҳам, ҳама майлҳои бад ва даҳшатноки ман дар дилам абадан дафн карда мешаванд. Покӣ дар ман дар ҷое хеле амиқ пинҳон аст ва ман онро мустақилона ба даст оварда наметавонам, аммо ҳангоме ки Рӯҳулқудс меояд, Ӯ ба маркази ҳастии ман худи ҳамон Рӯҳро меоварад, ки худро дар ҳаёти Исои Масеҳ зоҳир мекард, яъне, Рӯҳи ҳақиқатан муқаддас ва пок.

207. ЧӢ ТАВР ФАҲМИДАН МУМКИН АСТ?

«...Агар касе хоҳад иродаи Ӯро ба амал оварад, дар бори ин таълимот хоҳад донист...» (Юҳанно 7:17).

Қоидаи тиллоии фаҳмиши рӯҳонӣ: мо на бо ақл, балки бо итоаткорӣ мефаҳмем. Агар шахс ба дониши илмӣ эҳтиёҷ дошта бошад, вай бояд ба ақли пуртаҷриба такя кунад, аммо агар ӯ ки он чизеро, ки Исои Масеҳ таълим медиҳад, фаҳмидан хоҳад, ба ӯ танҳо итоаткорӣ лозим аст. Агар маънои баъзе чизҳо барои ман дар торикӣ пинҳон бошад, ҳеҷ шакке нест, ки дар ҷое дар чизе беитоат ҳастам. Нодонӣ дар роҳи ақл пардаи торикиро мегузорад, торикии рӯҳонӣ аз боиси итоаткор буданро нахостан фаро мерасад.

Ҳеҷ кас ҳеҷ гоҳ як калимаи ваҳйро аз Худо қабул намекунад, бе он ки дарҳол бо ин калима санҷида нашавад. Мо ба Худо итоат намекунем, ва баъд ҳайрон мешавем, ки чаро рӯҳан инкишоф намеёбем. «Агар ҳангоми ба қурбонгоҳ омадан, — мегӯяд Масеҳ, — дар он ҷо ба хотир оварӣ, ки бародарат зидди ту чизе дорад... ба Ман дигар сухан нагӯй, балки аввал рафта, бо бародари худ масъаларо ҳаллу фасл кун» (ниг. Мат.5:23–24). Таълимоти Масеҳ моро дар ҳамон ҷое ки ҳамон лаҳза ҳастем, дармеёбад. Ҳеҷ як фиребу найранг, ҳеҷ як риёкории мо бечазо намемонанд. Масеҳ ба мо ҳама чизро то хурдтарин ҷузъиёт таълим медиҳад. Рӯҳи Худо ба рӯҳияи худсафедкунӣ машғул нест ва чашмони моро ба чизҳое мекушояд, ки мо пештар гумон намекардем.

Ҳангоме ки Масеҳ бо каломи Худ чизеро ба шумо ошкор мекунад, вонамуд накунед, ки шумо нашунидаед. Агар вонамуд кунед, ки гӯшатон вазнин аст, мунофиқ мешавед. Ба ҳар чизе ки одатан ба он китф дарҳам мекашед, махсусан бодиққат бошед, он гоҳ мефаҳмед, ки чаро ба маънои рӯҳонӣ дар ҷои худ қадам мезанед. Аввал шумо бояд аз ҷой ҳаракат кунед — ва бигзор онҳо шуморо мутаассиб ҳисоб кунанд, аммо шумо бешубҳа бояд он чизеро, ки Худо аз шумо интизор аст, иҷро кунед.

208. ПАС АЗ ИТОАТКОРӢ ЧӢ МЕШАВАД?

«Дарҳол Ӯ шогирдонашро фармуд, ки ба қаиқ савор шуда, пеш аз Ӯ ба он соҳил...равона шаванд...» (Марқӯс 6:45).

Мо чунин меҳисобем, ки агар Исои Масеҳ моро ба чизе даъват кунад ва мо ба Ӯ итоат кунем, Ӯ моро ба муваффақиятҳои калон меоварад. Аммо мо ҳеҷ гоҳ набояд орзуҳои худро дар хусуси муваффақият нияти Худо барои мо ҳисобем: мақсади Ӯ шояд он чизест, ки мо муваффақият намешуморем. Ба назарамон чунин метобад, ки Худо моро ба ягон мақсаде ки бароямон дилписанд ҳидоят мекунад, аммо Ӯ моро тамоман ба он ҷо намебарад, ва ба даст овардани ягон мақсади мобайнӣ фақат як эпизоди бемаънӣ мегардад. Ва маълум мешавад, ки Худо он чизеро, ки мо раванд меномем, мақсад номидааст.

Новобаста ба он ки мақсади Худоро дар орзуҳоям чӣ гуна тасаввур мекунам, мақсади Худо дар асл он аст, ки ман бояд дар айни замон ба Ӯ ва қуввати Ӯ такя кунам. Агар ман дар миёни ҳодисаҳои ногувор ва нооромиҳо орому осуда бошам, ин мақсади ниҳоии Худо хоҳад буд. Худо ягон анҷомёбии конкретиро мақсад намеҳисобад, мақсади ӯ худи раванд аст, Ӯ мехоҳад ман бинам, ки Ӯ бар болои мавҷҳое равона аст, ки дар он соҳилҳо дида намешаванд. Ҳеҷ ишорае баро муваффақият нест, мақсадҳо вуҷуд надоранд, фақат боварии комил ҳаст, ки ҳама чиз дуруст аст, зеро ман мебинам, ки Масеҳ бар рӯи об қадам мезанад. Худоро на мақсад, балки раванд ҷалол медиҳад.

Худо одамонро на ба кори фардо, балки ба кори имрӯза тайёр мекунад. Мақсадҳои ӯ низ имрӯза, ҳаминлаҳзаина ҳастанд, на фардоинаи дарозмуддат. Мо набояд ташвиш кашем, ки итоаткории мо ба куҷо бурда мерасонад: ҳангоме ки мо дар бораи оқибатҳои он фикр карданро сар мекунем, мо хато карданро сар мекунем. Он чиро, ки одамон тайёрӣ ба корҳои бузург меноманд, Худо корҳои бузург номидааст.

Худо мехоҳад ба ман ёрӣ расонад, то бинам, ки Ӯ дар айни замон ба ошуфтагӣ ва нооромиҳои ҳаёти ман ворид шуда метавонад. Агар дар оянда дар назди худ ягон мақсаде гузорем,

ба имрӯз кам аҳамият медиҳем; аммо агар дарк кунем, ки мақсади мо итоаткорӣ аст, ҳар лаҳза барои мо бебаҳо мегардад.

209. ДАР АБРҲО БА ШУМО ЧӢ НАМОЁН АСТ?

«*Инак, Ӯ бо абрҳо меояд...*» (Ваҳй 1:7).

Дар Китоби Муқаддас абрҳо ҳамеша бо Худо робита доранд. Абрҳо он нохушиҳо, ранҷҳо ё бадбахтиҳо мебошанд, ки ба насиби мо ё ба насиби каси дигар меафтанд, ва ба назар чунин метобад, ки Худо ҳама чизро идора намекунад. Маҳз ба воситаи ин абрҳо Рӯҳи Худо моро таълим медиҳад, ки бо имон рафтор кунем. Агар абрҳо намебуданд, имон ҳам намедоштем. Абрҳо ғубори пойҳои Падари мо мебошанд (ниг. Наҳум 1:3). Абрҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки Ӯ дар ҳеҷ куҷо нопадид нашудааст. Донистани он дилписанд аст, ки ғамҳо, талафот ва ранҷу азобҳо абрҳое мебошанд, ки Худоро ҳамроҳӣ мекунанд! Худо ба мо бе абрҳо наздик шуда наметавонад: Ӯ дар ҳама дурахши шукӯҳи худ ба назди мо намеояд.

Гуфтани он, ки Худо ба воситаи озмоишҳои ба мо фиристодааш чизеро ба мо таълим додан мехоҳад, нодуруст мебуд. Ҳама чиз баръакс аст — бо ҳар абре ки Ӯ ба мо мефиристад, Худо мехоҳад, ки моро аз чизе дур кунад. Ва Ӯ абреро мефиристад, то имони мо боз ҳам соддатар гардад, то даме ки муносибати мо ба Ӯ муносибати кӯдак мегардад. Ва Худову ҷони ман боқӣ мемонанд, ва одамони дигар ба соярӯя хоҳанд рафт. Аммо то даме ки онҳо ба соярӯя мераванд, ман маҷбур мешавам гаштаву баргашта аз абрҳо ва торикӣ гузарам. Оё муносибатҳои байни ман ва Худо аз ҳарвақта оддитар мешаванд?

Байни корҳои аҷоиб ва нофаҳмои Парвардигор ва дониши мо дар бораи Ӯ робита вуҷуд дорад, ва мо бояд дар партави дониши худ дар бораи Худо тафсир кардани асрори ҳаётро ёд гирем. Ва агар мо ба муқаддасӣ ва адолати Худо як зарра шубҳа накарда, баториктарин ва сиёҳтарин далелҳо нигариста натавонем, мо ҳанӯз Худоро намешиносем.

«Ва ҳангоме ки ба абр даромаданд, тарсиданд...» (Луқ.9:34). Оё дар абри шумо «ғайр аз Исо» касе ҳаст (Марқ.9:8)? Агар

бошад, интизор шавед, ҳаво боз ҳам тиратар мешавад. Мо бояд ба ҷое равем, ки дар он ҷо «ғайр аз Исо касеро назди худ» намебинем (Марқ.9:8)

210. ШИКАСТАНИ ХАЁЛҲОИ ХОМ ЧИРО МЕОМӮЗАД

«*Лекин Исо ба онҳо эътимод накард, ...зеро ки он чи дар инсон аст, Худ медонист*» (Юҳанно 2:24–25).

Агар хаёлотҳои ботили мо барҳам хӯранд, ин маънои онро дорад, ки мо аз тасаввуроти нодуруст озод мешавем. Аммо аз хаёлоти ботил озод шуда, кас метавонад берӯй шавад, нисбат ба дигарон сахтдил шавад. Агар хаёлоти ботили моро Худо барҳам медода бошад, мо одамонро ҳамон тавре мебинем, ки ҳастанд, вале берӯй намешавем ва ба одамон сухани киноямез ва талх намегӯем. Баръакс, маҳз хаёлҳои ботили мо аксар вақт сабаби бераҳмӣ мешаванд. Мо якдигарро на ҳамчун воқеият, балки ҳамчун давоми андешаҳои худ дарк мекунем. Ба назари мо одам метавонад ё олиҷаноб ва беҳтарин бошад, ё бадтарин ва зишттарин.

Ва чӣ қадар одамон аз он сабаб азоб мекашанд, ки намехоҳанд аз хаёлоти ботили худ ҷудо шаванд. Ана ин чиз рӯй медиҳад: агар мо шахсеро дӯст дорем ва Худоро дӯст надорем, мо аз шахс камолоти мутлақ ва беайбии комилро талаб мекунем. Агар мо инро дар ӯ наёбем, мо бераҳм ва интиқомгир мешавем ва аз шахс чизеро талаб мекунем, ки ӯ дода наметавонад. Танҳо як Мавҷуд ҳаст, ки метавонад ғаму андӯҳи бепоёни дили инсонро қонеъ гардонад ва ин Мавҷуд Худованди мо Исои Масеҳ аст. Ва чунон ки ба мо метобад, Худовандамон дар як вақт нисбат ба ҳамаи одамон беҳад сахтгир аст. Аммо ин аз он сабаб аст, ки Ӯ медонад: ҳар гуна муносибате ки бар вафодорӣ ба Ӯ асос наёфтааст, боиси харобӣ мегардад. Худованди мо ба ҳеҷ кас боварӣ намекард, вале ҳеҷ гоҳ ба мардум бо шубҳа ва асабоният муомила намекард. Боварии Худованди мо ба Худо ва он чи файзи Ӯ барои ҳар инсон карда метавонист, ончунон комил буд,

ки Ӯ аз касе ноумед намешуд. Ва агар мо ба одамон боварӣ кунем, аз ҳама ноумед мешавем.

211. ТО ДАМЕ КИ ПУРРА АЗ ОНИ Ӯ ГАРДӢ

«*...Ва сабр бояд амали комил дошта бошад, то ки шумо комил ва солим буда, ҳеҷ камбудие надошта бошед*» (Яъқуб 1:4).

Бисёре аз мо дар чизи асосӣ хуб ба назар мерасанд, аммо аз баъзе ҷиҳатҳо беҳтар аст, ки касе ба мо нигоҳ накунад. Ва ин асосан на масъалаи гуноҳ аст, балки боқимондаҳои ҳаёти ҷисмонӣ аст, ки моро бепарво мегардонад. Ва бепарвоӣ таҳқири Рӯҳулқудс аст. Ва бепарвоёна на хӯрдан мумкин аст, на нӯшидан ва на Худоро парастидан.

На танҳо бояд муносибати мо бо Худо дуруст бошад, балки ифодаи зоҳирии ин муносибат низ бояд дуруст бошад. Худо ҳеҷ гоҳ чизро аз назар дур намегузорад, Ӯ ба ҳар як чизи хурд диққат медиҳад. Ва Худо роҳҳои зиёд дорад, то ки диққати моро ба ҳамон як масъала такрор ба такрор ҷалб кунад. То дарсро хуб азхуд накунем, ӯ аз баргаштан ба он хаста намешавад, зеро Худо ҳама корро аз рӯи виҷдон, ҳаматарафа ва сифатнок мекунад. Масъала метавонад ба зудхашмии мо дахл дошта бошад, ва Худо гаштаву баргашта бо сабру таҳаммул дар бораи ҳамон як чиз ба мо такрор хоҳад кард. Вай метавонад орзуҳои беҳуда ё саркашии исёнкоронаи моро ҳаллу фасл кунад. Худо масъалаеро, ки мо дар он роҳгум задаем, гирифта, беист ба мо мегӯяд, ки чӣ гуна бояд бошад.

Мову шумо вақтҳои охир дар дарсҳои худ дар бораи зоҳиршавии мӯъҷизаосои кафорати Худо мулоҳиза мекардем, ва дилҳои мо дар назди Худо комил мебошанд — мо ба шарофати кори аҷоиби Ӯ дар мо медонем, ки дар асл дар назди Ӯ беайб ҳастем. «Ва акнун, — мегӯяд Рӯҳ ба воситаи даҳони Яъқуб, — бигзор сабри шумо амали комил дошта бошад». Суст нашавед ва нагӯед, ки «хайр, имрӯз ҳаминаш бас аст». Худо ба мо ҳар як камбудии моро нишон медиҳад, то он даме ки мо комилан ба Ӯ тааллуқ хоҳем дошт.

212. БОЗ ЧИЗЕ ДАР БОРАИ РОҲҲОИ Ӯ

Ӯ ба он ҷое меояд, ки аз он ҷо рафтанро ба шумо мефармояд.

«Чун Исо насиҳатгӯиро ба дувоздаҳ шогирди Худ ба анҷом расонд, аз он ҷо равона шуд, то ки дар шаҳрҳои онҳо таълим диҳад ва мавъиза кунад» (Матто 11:1).

Агар Худо шуморо ба ҷое фиристод, аммо шумо дар хона мондед, зеро аз сарнавишти одамони наздикатон хеле дар ташвиш будед, бо беитоатии худ ин одамонро аз имкони шунидани таълим ва мавъизаи худи Исои Масеҳ маҳрум кардаед. Агар шумо ба Масеҳ итоат карда, ҳама чизро ба ихтиёри Худо месупоридед, худи Худованд барои мавъиза ба шаҳри шумо мерафт. Гӯш надодед — ба Ӯ халал расондед. Ба зудӣ ҳама ихтилофотро қатъ кунед ва ҳаргиз он чиро, ки «вазифа» меномед, ба фармудаҳои Худовандатон муқобил нагузоред. «Ман медонам, ки Ӯ маро ба он ҷо фиристод, аммо вазифаи ман дар ин ҷо мондан буд...» Пас шумо бовар намекунед, ки Масеҳ ҷиддӣ мегӯяд.

Ӯ дар ҷое таълим медиҳад, ки ба мо дар он ҷо таълим доданро маслиҳат намедиҳад.

«Эй Устод!...се чодар месозем» (Луқ.9:33).

Оё мо дар ҳаёти одамони дигар нақши пешгӯии Худоро ба ӯҳда намегирем? Оё мо аз ҳад зиёд садо баланд намекунем, ҳангоме ба одамон мефаҳмонем, ки Худо ҳатто ба онҳо наздик шуда наметавонад? Мо бояд даҳони худро баста ва рӯҳи худро ҳушёр нигоҳ дорем. Худо мехоҳад Писари Худро ба мо нишон диҳад, Ӯ мехоҳад дуоҳои моро баромадан ба кӯҳи Дигаргуншавӣ гардонад, аммо мо ба Ӯ иҷозат намедиҳем, ки ин корро кунад. Ҳангоме ки мо боварӣ дорем, ки аниқ медонем, ки Худо чӣ гуна амал мекунад, Ӯ ҳеҷ гоҳ ин корро намекунад.

Ӯ дар он ҷое кор мекунад, ки моро мефиристад, то интизор шавем.

«...вале шумо монед...то вақте ки...» (Луқ.24:49). Худоро интизор шавед — ва Ӯ он чизеро, ки лозим аст, мекунад. Аммо ҳангоме ки интизор мешавед, аз сабаби он ки дар пеш ҳеҷ чизро дида наметавонед, рӯҳан дар қаҳр шудан лозим нест! Оё қаҳри рӯҳонии худамон моро ба дом наафтондаанд? Агар онҳо моро дар дом нигоҳ доранд, мо Худоро интизор шуда наметавонем. Интизор шудан ҳеҷ кор накарда нишастан нест, интизор шудан он аст, ки иҷро кардани он чиро, ки ба шумо гуфта мешавад, ёд гиред. Ҳамаи ин марҳалаҳои роҳҳои Ӯро мо хеле кам медонем.

213. ДУШВОРИҲО ЧИҲОРО МЕОМӮЗАНД

«Дар ҷаҳон ғаму кулфат хоҳед дошт, лекин далер бошед: Ман бар ҷаҳон ғолиб шудаам» (Юҳанно 16:33).

Чунин ҳисобида мешавад, ки ҳаёти масеҳӣ маънои раҳоӣ аз душвориҳо ва ташвишҳоро дорад. Аммо дар асл масеҳӣ на аз душвориҳо ва ташвишҳо, балки аз даруни душвориҳо ва ташвишҳо озодӣ ба даст меоварад. Ва фарқ дар ин ҷо бузург аст. «Он ки дар паноҳгоҳи Ҳаққи Таоло нишастааст, дар сояи Қодири Бечун хоҳад буд...Бадие ба ту рӯй нахоҳад дод» (Заб.90:1, 10) — ба он ҷое ки шумо бо Худо як ҳастед, ҳеҷ офате наздик ҳам намешавад. Агар шумо фарзанди Худо бошед, бешубҳа ба душворӣ дучор мешавед, аммо Масеҳ ба мо маслиҳат медиҳад, ки ҳангоми омадани онҳо ҳайрон нашавем. «Дар ҷаҳон ғаму кулфат хоҳед дошт, лекин далер бошед: Ман бар ҷаҳон ғолиб шудаам». «Акнун набояд аз чизе тарсед», — мегӯяд Масеҳ. Онҳое ки пеш аз наҷот ёфтан дар бораи нохушиҳо ва мушкилот бо нафрат гап мезаданд, баъди аз олами боло таваллуд шуданашон аксар вақт шиквагари даҳшатнок мешаванд, зеро онҳо дар бораи чӣ гуна будани шахси муқаддас тасаввуроти нодуруст доранд.

Худо ба мо умри бепарво намедиҳад, бо мурури он, ки мо ғамҳоро рафъ мекунем, Ӯ ба мо ҳаёт медиҳад. Қувваи мо маҳз

дар озмоишҳост. Озмоиш набошад, қудрат ҳам нест. Оё шумо аз Худо ҳаёт, озодӣ ва шодӣ металабед? Агар шумо ба озмоишҳо розӣ набошед, Ӯ онҳоро (ҳаёт, озодӣ ва шодиро) ба шумо дода наметавонад. Ва ҳамин ки ба озмоишҳо розӣ мешавед, қувват хоҳед гирифт. Дудила нашуда, қадами аввалро гузоред — ва он гоҳ Худованд медиҳад, ки аз дарахти ҳаёт бичашед, ва ин ғизои хеле судманд аст. Агар аз ҷиҳати ҷисмонӣ сахт меҳнат кунед, бемадор мешавед, агар аз ҷиҳати рӯҳонӣ меҳнат кунед, торафт пурқувваттар мегардед. Худо ҳеҷ гоҳ қуввати барзиёди эҳтиётӣ намедиҳад — барои фардо ё ҳатто як соат пеш, Ӯ ҳамеша ҳамон қадаре ки барои ҳамин дақиқа лозим аст, медиҳад. Мо ба васвасае дода мешавем, ки бо мушкилот аз нуқтаи назари ақли солим муборизе барем. Аммо муқаддаси Худо маҳз ҳамон вақт шод мешавад, ки душвориҳо имкон намедиҳанд нафаси озод кашад, зеро дар ин маврид ғайр аз Худо аз касе ёриро интизор шудан мумкин нест.

214. ОН ЧИ ХУДО ТАЛАБ МЕКУНАД

«*...Инак, мо сӯи Ерусалим меравем...*» (Луқо 18:31).

Ерусалим дар ҳаёти Худованди мо ҳамчун маконе зоҳир мешавад, ки дар он ҷо Ӯ ба баландтарин нуқтаи итоат ба хости Падараш расид. «...зеро ки толиби иродаи Худ не, балки иродаи Падаре ҳастам, ки маро фиристодааст» (Юҳ.5:30). Худованди мо тамоми ҳаёти Худро танҳо ба ҳамин тобеъ кард, ва ҳеҷ чизе ки Ӯ дар роҳаш вомехӯрд — шодӣ ё ғаму андӯҳ, муваффақият ё нокомӣ — Масеҳро аз мақсади Ӯ дур карда наметавонист: «...Ӯ азми сафари Ерусалим кард» (Луқ.9:51). Дар хотир доштан хеле муҳим аст, ки мо ба Ерусалим барои иҷро кардани нияти Худо меравем, на нияти худ. Мо одат кардаем, ки барои худ мақсад гузорем, аммо дар ҳаёти масеҳӣ мо мақсадҳои шахсии худро дошта наметавонем. Ҳозир дар бораи ба Масеҳ бахшидани ҳаёти худ, ба сар бурдани ҳаёти масеҳиёна бисёр сухан меравад, аммо Аҳди Ҷадид дар бораи он чи Худо талаб мекунад, гап мезанад, на дар бораи он, ки

шахс чӣ кори хуб кунад. «На шумо Маро баргузидаед, балки Ман шуморо баргузидаам» (Юҳ.15:16).

Ин тавр нест, ки мо бошуурона, ҳама чизро андешида, ба ниятҳои Худо розӣ мешавем. Мо намедонем, ки дар кадом лаҳза дар расидан ба мақсадҳои Ӯ иштирок мекунем. Мо умуман намедонем, ки Худо чиро дар назар дорад ва ҳар қадаре ки пеш равем, оянда барои мо ҳамон қадар номаълумтар мешавад. Ҳангоме ки Худо ба ҳадаф мерасад, ба назари мо чунин менамояд, ки Ӯ ба ҳадаф нарасидааст, зеро мо хеле кӯтоҳбин ҳастем, то бинем, ки Ӯ чиро ба нишона гирифтааст. Дар ибтидои ҳаёти масеҳӣ мо дар бораи мақсади Худо ақидаҳои худро дорем: «Ман бояд ба фалон ҷо равам ва фалон корро кунам», «Худо маро даъват кард, ки ин кори конкретиро иҷро кунам». Ва мо меравем ва як кори конкретӣ мекунем, аммо Худо ба ҳар ҳол чизеро талаб мекунад. «Дувоздаҳ шогирди Худро даъват карда...» (Луқ.18:31) — Ӯ моро доимо ба сӯи Худ даъват мекунад. Вай ҳанӯз бояд бисёр чизҳоро ба мо гӯяд.

215. ХУДОИ МО ДАЛЕР АСТ!

«Он дувоздаҳ шогирдро назди Худ хонда...» (Луқо 18:31).

Худои мо то чӣ дараҷа далер аст — Ӯ ба мо боварӣ кард! Шумо мегӯед: «Аммо маро интихоб кардани Ӯ он қадар оқилона набуд, зеро дар ман ҳеҷ чиз нест. Ман кистам?» Маҳз аз ҳамин сабаб интихоб кард. То он даме ки шумо фикр мекунед, ки дар шумо чизе ҳаст, Ӯ шуморо интихоб карда наметавонад, зеро шумо ба мақсадҳои худ хизмат мекунед. Аммо агар имкон диҳед, ки Ӯ шуморо ба он нуқтае расонад, ки умед ба худ ба поён мерасад, он гоҳ Ӯ метавонад шуморо интихоб кунад ва бо худ ба Ерусалим барад, ва ин маънои иҷрои он мақсадҳои Ӯро дорад, ки онҳоро бо шумо муҳокима намекунад. Мо чунин меҳисобем, ки агар шахс истеъдоди табиӣ дошта бошад, пас вай масеҳии хубе хоҳад шуд. Аммо масъала дар он нест, ки мо чи дорем, масъала дар он аст, ки мо чизе надорем. Гап дар он нест, ки мо ба роҳ чиро бо худ мебарем, балки дар он аст, ки Худо дар мо

чиро мегузорад. Сухан дар бораи истеъдодҳои табии дар шакли иродаи қавӣ, дониши махсус ё таҷрибаи ҷамъшуда нест — ҳамаи ин аҳамият надорад. Ва танҳо як чиз муҳим аст — Худо моро мулки худ мегардонад ва моро шарикони Худ месозад (ниг. 1Қӯр.1:26–30). Ва шарикони Худо мардуме ҳастанд, ки бенаво будани худро мефаҳманд. Худо бо шахсе ки гумон мекунад, ки ба Худо чизе дода метавонад, ҳеҷ кор карда наметавонад.

Мо масеҳиён ягон кори «худ»-ро дошта наметавонем, мо як кор дорем — кори Худо, ва он ҳеҷ гоҳ ба маънои пурраи калима «кори мо» буда наметавонад.

Мо намедонем, ки Худо чӣ мақсад дорад, аммо мо бояд ба ҳар ҳол бо Ӯ якдил бошем. Ҳеҷ чиз набояд ба муносибатҳои мо бо Худо халал расонад, ва агар чизе ба онҳо халал расонад, мо бояд ҳама чизро як сӯ партоем ва ин муносибатҳоро ба тартиб дарорем. Чизи асосӣ дар масеҳият амалҳои мо нест, балки муносибати мо бо Худо ва он муҳитест, ки ин муносибатҳо ба вуҷуд меоваранд. Худо ҷустани чизи дигареро аз мо талаб намекунад, ва ҳеҷ чизи дигар ҳамеша зери хатар нест.

216. ДАЪВАТИ НОФАҲМОИ ХУДО

«...ҳар он чи бо забони анбиё дар бораи Писари Одам навишта шудааст, ба амал хоҳад омад...ва онҳо ба ин гуфтаҳо сарфаҳм нарафтанд» (Луқо 18:31, 34).

Худо Исои Масеҳро ба коре даъват кард, ки аз нуқтаи назари ақли солим бояд ба нокомӣ дучор мешуд. Исои Масеҳ шогирдони Худро даъват кард, ки шоҳидони марги Ӯ бошанд. Ҳангоме ки шогирдон ин маргро диданд, беандоза ғамгин шуданд. Аз ҳар нуқтаи назар, ғайр аз нуқтаи назари Худо, ҳаёти Исои Масеҳ бо нокомии комил анҷом ёфт. Аммо он чи ба назари инсон нокомӣ метофт, барои Худо ғалабаи беназир буд, зеро мақсадҳои Худо ва мақсадҳои инсонӣ ҳеҷ гоҳ мувофиқат намекунанд.

Худо моро низ ба чизе даъват мекунад, ки барои мо нофаҳмо ва бемантиқ аст. Даъвати Худоро дар ботин эҳсос кардан лозим аст. Даъвати Худо монанди даъвати баҳр аст, ва касе ки рӯҳи

баҳрро надорад, онро касе намешунавад. Ҳангоме ки Худо ба чизе даъват мекунад, дақиқ гуфтан ғайриимкон аст, ки Ӯ ба чӣ даъват мекунад, зеро дар ниҳоят Худо шахсро ба дӯстӣ бо худ ба хотири мақсадҳои Худо даъват мекунад. Ва имтиҳон барои мо ин аст, ки оё мо боварӣ дорем, ки Худо медонад, ки чӣ кор мекунад? Ҳеҷ чиз тасодуфан рӯй намедиҳад — ҳама чиз танҳо бо хости Худо амалӣ мешавад. Худо ба мақсадҳои худ мерасад.

Агар мо бо Худо дар муошират бошем ва дарк кунем, ки Ӯ моро мулки Худ мегардонад, мо дигар кӯшиш намекунем фаҳмем, ки Ӯ чӣ мақсадҳо дорад. Ва ҳар қадаре ки мо пеш равем, он дар ҳаёти масеҳии мо ҳамон қадар осонтар хоҳад буд, зеро мо хоҳиши камтар ва камтар хоҳем дошт, то пурсем, ки чаро Худо ин чизҳоро роҳ додааст. Дар паси ҳама чиз хости Худост ва Худо мақсадҳои моро бо худ ҳамоҳанг мекунад. Масеҳӣ шахсест, ки ба ақл ва ҳикмати Худо эътимод дорад, на ба ақли худ. Агар мо ягон мақсади худро дошта бошем, он соддагӣ ва оромиро, ки бояд ба фарзандони Худо хос бошад, аз даст медиҳем.

217. САЛИБ ВА ДУО

«Дар он рӯз ба исми Ман талаб хоҳед кард» (Юҳанно 16:26).

Мо худамонро аз ҳад зиёд бовар кунондаем, ки аз Салиб фақат гузаштан лозим аст, аммо аз он гузаштан маҳз барои он даркор аст, ки ба он дохил шавем. Барои мо Салиб танҳо як маъноро дорад — ягонагии пурра, комил ва мутлақ, ягонагӣ бо Худованд Исои Масеҳ, ва ба ягонагии пурраро танҳо дар дуо ноил шудан мумкин аст. «Падари шумо эҳтиёҷҳои шуморо, пеш аз он ки хоҳиш кунед, медонад» (Мат.6:8). Пас, хоҳиш кардан чӣ даркор аст? Дуо тамоман на барои он даркор аст, ки аз Худо ҷавобро ба даст оварем, дуо — ягонагии пурра ва комил бо Худост. Агар мо танҳо барои гирифтани ҷавоб дуо гӯем, аз Худо меранҷем. Худо ҳамеша ҷавоб медиҳад, аммо Ӯ на ҳама вақт он гуна ҷавоб медиҳад, ки мо интизор ҳастем, ва агар аз Ӯ ранҷем, яъне дар дуо бо Худованди худ ягонаиро ба даст намеорем. Аммо мо барои он дар рӯи замин ҳастем, ки муҷассамаҳои

зиндаи файзи Худо бошем. «Ман ба шумо намегӯям, ки аз Падар барои шумо илтимос мекунам; зеро Худи Падар шуморо дӯст медорад» (Юҳ.16:26–27). Оё шумо бо Худо чунон наздик шудаед, ки танҳо бо дуо зиндагӣ мекунед, зеро Худованд Исои Масеҳ бо дуо зиндагӣ мекард? Оё ҳаёти Худованди мо, Ӯ онро барои шумо фидо кардааст, ҳаёти шумо шудааст?

«Дар он рӯз» шумо бо Исо чунон як мешавед, ки гуфтан ғайриимкон хоҳад буд, ки шумо дар куҷо ҳастед ва Ӯ дар куҷост. Вақте ки ба дуоҳоятон ҷавоберо намешунавед, касеро айбдор кардан лозим нест. Ин ҳамон чизест, ки шайтон мехоҳад. Агар бо диққат нигоҳ кунед, мебинед, ки дар ин кор ягон сабабе ҳаст, ки барои шумо бисёр ибратбахш аст, на барои каси дигар.

218. ДУО ДАР ХОНАИ ПАДАР

«...Магар намедонистед, ки Ман бояд дар ҳамон ҷое бошам, ки ба Падарам тааллуқ дорад?» (Луқо 2:49).

Кӯдакии Худованди мо тайёрӣ барои камолот набуд, кӯдакии Худованди мо — писари Ӯ будан, ҳолати абадӣ аст. Аммо оё ман метавонам худро фарзанди муқаддас ва бегуноҳи Худо бигӯям, оё метавонам бигӯям, ки аз ин ҷиҳат бо Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ як ҳастам? Оё ман дар ёд дорам, ки дар он чи аз они Падарам аст, зиндагӣ мекунам? Оё Писари Худо Худро дар ман чун дар хонаи Падараш ҳис мекунад?

Воқеияти олӣ Худост ва Ӯ ба ман аз миёни фазо ва вақт ба ман чизеро мефармояд. Оё ман ҳамеша бо ин Воқеият дар робита ҳастам; ё ман танҳо ҳамон вақт дуо мекунам, ки чизе нодуруст мешавад, ҳангоме ки ҳаёт ба шикаст дучор мешавад? Ман бояд дар муоширати муқаддас бо Худованди худ ягонагии ҷудонашаванда пайдо карданро ёд гирам, ки бисёре аз мо то ҳол дар бораи он тасаввуроте надоранд. «Ман бояд дар пайи корҳои Падарам бошам» — лаҳза ба лаҳза дар хонаи Падари худ зиндагӣ кунам.

Дар бораи худ фикр кунед — оё шумо бо Худованд он қадар муттаҳид ҳастед, ки фарзанди Худо шудаед, ки доимо бо Ӯ

суҳбат мекунад ва як лаҳза фаромӯш намекунад, ки ҳама чиз аз дасти Ӯст? Оё он Кӯдаки абадӣ, ки дар шумо, дар ҷони шумо зиндагӣ мекунад, худро чун дар хонаи Падари худ ҳис мекунад? Оё шумо дар оила, дар ҷои кор, бо дӯстон ва ҳамсоягон файзи фидокории Ӯро нишон медиҳед? Оё шумо ягон бор фикр кардаед, ки воқеаҳое ки бо шумо рӯй медиҳанд, аз чӣ сабаб рӯй медиҳанд? Гап дар он нест, ки шумо ҳатман бояд маҳз аз ин вазъиятҳо гузаред — ҳама чиз аз он сабаб рӯй медиҳад, ки шумо мувофиқи хости Падари ин Писар бо Писари Худо муносибати махсус ва беназир доред. Ва бигзор Ӯ худро озод ҳис кунад, ва шумо ягонагии комилро бо Ӯ нигоҳ доред.

Ҳаёти фидокоронаи Худованди шумо бояд ҳаёти муқаррарӣ ва оддии шумо гардад: Ӯ бояд дар шумо зиндагӣ кунад, чунон ки Ӯ ҳангоми дар байни одамон буданаш кор ва зиндагӣ мекард.

219. ДУО ДАР ВАСФИ ПАДАР

«...он мавлуди Муқаддас ҳам Писари Худо номида хоҳад шуд» (Луқо 1:35).

Агар Писари Худо дар ҷисми мирандаи ман таваллуд ёбад, оё бегуноҳии муқаддаси Ӯ, соддагӣ ва ягонагӣ бо Падар дар ман зоҳир шуда метавонад?

Он чи бо Марями бокира ҳангоми таваллуди Писари Худо дар рӯи замин рӯй дод, дар ҳар як муқаддаси Худо рӯй медиҳад. Дар ман, бо иродаи бевоситаи Худи Худо, Писари Худо таваллуд мешавад, ва ман, ки фарзанди Худо мебошам, бояд аз ҳуқуқи кӯдак истифода барам — ҳуқуқи ҳамеша бо Падари худ рӯ ба рӯ будан. Оё ман ҳамеша ба дастуроти ақли солими худ чунин эътироз мекунам: «Чаро ту маро бозмедорӣ? Ё намедонӣ, ки Ман бояд дар пайи корҳои Падарам бошам?» Новобаста ба он ки бо мо чӣ рӯй медиҳад, ин Кӯдаки муқаддаси бегуноҳ набояд Падарро аз назар гум кунад.

Оё ман ба қадри кофӣ содда ҳастам, то ки дар чунин иттиҳод бо Худованди худ зиндагӣ кунам? Оё Ӯ ба он муваффақ мешавад, ки муъҷизаҳояшро дар ман ба амал оварад? Оё Худо ба он ноил

мешавад, ки дар ман Писари Ӯ «сурат бандад» (Ғал.4:19), ё ман боисрор аз ин Писар хоҳиш мекунам, ки барканор шавад ва ба ман халал нарасонад? Дар ин замони мо чӣ қадар ғавғову маҒал ҳаст! Ҳама беист чизе талаб мекунанд. Ва онҳо чӣ талаб мекунанд? Талаб мекунанд, ки Писари Худо кушта шавад. Дар ҳеҷ ҷо барои Писари Худо ҷой нест, ҷои муошрати ором ва муқаддас бо Падар нест.

Пас, оё ман дар худ ба Писари Худо имконият медиҳам, ки дуо гӯяд ё ба Ӯ мегӯям, ки чӣ кор бояд кунад? Оё Ӯ ба ман чунон хизмат мекунад, ки дар айёми дар рӯи замин қадамгузор буданаш ба одамон хизмат мекард? Оё Писари Худо дар ман ғаму андӯҳҳоро аз сар мегузаронад, то ки барои мақсадҳои Худ расад? Ҳар қадар бештар мо дар бораи зиндагии муқаддастарини муқаддасони Худо фаҳмем, ҳамон қадар беҳтар мефаҳмем, ки мақсади Худо аз чӣ иборат аст — пур кардани «камии андӯҳҳои Масеҳ» (Қӯл.1:24). Ва ҳамеша роҳи пур кардан ёфт мешавад.

220. ДУОЕ КИ ПАДАР МЕШУНАВАД

«Эй Падар! Туро шукр мекунам, ки сухани Маро шунидӣ» (Юҳанно 11:41).

Ҳангоме ки Писари Худо дуо мекунад, тамоми фикрҳои Ӯ танҳо дар бораи Падари Ӯст. Худо ҳамеша дуоҳои Писари Худро мешунавад ва агар Писари Худо дар ман «сурат баста» бошад (Ғал.4:19), Падар ҳамеша дуоҳои маро мешунавад. Вазифаи ман назорат кардани он аст, ки оё Писари Худо Худро дар ҷисми мирандаи ман ошкор карда метавонад. «...ҷисмҳои шумо маъбади Рӯҳулқудс аст, ки Ӯ дар шумо сокин аст» (1Қӯр.6:19), яъне Байт-Лаҳми Писари Худо. Оё ман ба Писари Худо имконият медиҳам, ки Худро дар ман зоҳир кунад? Оё ҳаёти Писари Худо дар ман дар он соддагии бериё намоён аст, чунон ки ба одамоне намоён буд, ки Ӯ дар назди онҳо дар рӯи замин мезист? Ҳангоме ки ман, як одами оддӣ, бо ташвишҳои оддии ҷаҳонии худ зиндагӣ мекунам, оё дуои Писари абадии Худо ба Падараш дар ман садо медиҳад? «Дар он рӯз ба исми Ман

талаб хоҳед кард...» (Юҳ.16:26). Дар кадом «он рӯз»? Рӯзе ки Рӯҳулқудс бар ман омад ва маро бо Худовандам як гардонд.

Оё Исои Масеҳи Худованд аз ҳаёти шумо комилан қаноатманд аст, ё шумо пур аз ҳисси аҳамиятнокии худ мебошед? Ҳеҷ гоҳ нагузоред, ки ақли солим Писари Худоро тела дода барканор гузорад. Худо ақли солимро дар табиати инсон ҷой додааст, аммо ақли солим атои Писари Худо нест: Писар ба мо ақли фавқуттабиӣ додааст, бинобар ин ҳеҷ гоҳ ақли солимро парастиш накунед. Писар Падарро ботинан ҳис мекунад, аммо ақли солим ҳеҷ гоҳ Падарро ҳис накардааст ва нахоҳад кард. Ақли мо дар ҳолати муқаррарии худ ҳеҷ гоҳ ба Худо саҷда намекард, агар он аз ҷониби Писари Худо, ки дар мо зиндагӣ мекунад, дигаргун намешуд. Моро лозим аст, ки ҷисми мирандаамон дар итоаткории комил ба Масеҳ бошад ва Ӯ доимо ва беист дар он амал кунад. Оё мо дар чунин итоаткорӣ ба Исои Масеҳ зиндагӣ мекунем, ки ҳаёти Ӯ доимо ва бефосила Худро дар мо зоҳир кунад?

221. КУҶОСТ ҶОИ ШАХСИ МУҚАДДАС

«Пас, онҳое ки бар тибқи иродаи Худо уқубат мекашанд, бигзор ҷонҳои худро ба Офаридгори амин супоранд ва некӣ кунанд» (1 Петрус 4:19).

Одами оддӣ наметавонад дарк карда истода ранҷу азобро интихоб кунад, аммо хости Худоро интихоб кардан, ҳатто агар он азобу уқубат дошта бошад ҳам, кори тамоман дигар аст. Ҳеҷ муқаддаси муқаррарӣ ҳеҷ гоҳ ранҷу азобро бо ихтиёри худ интихоб намекунад, ӯ хости Худоро интихоб мекунад, чунон ки Масеҳ онро интихоб мекард, ва оё он азобу уқубатро бо худ меоварад ё не, дар ихтиёри Худост. Ва ҳеҷ муқаддасе ҷуръат намекунад дахолат намояд, ҳангоме ки Худо муқаддаси дигареро бо азоб тарбия мекунад.

Муқаддасе ки ба дили Масеҳ писанд меояд, ба дигар муқаддасон ёрӣ мерасонад, ки рӯҳан қавӣ ва баркамолтар шаванд. Онҳое ки ҳамеша бо мо дилсӯзӣ мекунанд, ба мо фоида

намеоваранд, балки фақат халал мерасонанд, зеро дилсӯзии инсон моро суст мекунад. Ҳеҷ кас муқаддасро дарк карда наметавонад, ба ҷуз муқаддаси дигаре ки ба Наҷотдиҳанда наздиктар аст. Агар аз як муқаддас дилсӯзиро қабул намоем, мо чунин фикр накарда наметавонем: «Худо бар ман сахтгирӣ карда истодааст». Аз ҳамин сабаб Масеҳ гуфтааст, ки ба худ дилсӯзӣ кардан аз иблис аст (ниг. Мат.16:23). Ба номи неки Худо мехрубонӣ зоҳир намоед. Моҳияти Худоро паст задан осон аст, зеро Худо ҳеҷ гоҳ ба айбдоркуниҳои ношоиста ҷавоб намедиҳад, ҳеҷ гоҳ ба худсафедкуниҳо сар намекунад. Ва фикр накунед, ки Исо дар рӯи замин ба дилсӯзӣ эҳтиёҷ дошт, Ӯ дилсӯзиро аз инсон қабул намекард, зеро Ӯ барои ин хеле доно буд ва медонист, ки ҳеҷ кас дар рӯи замин намефаҳмад, ки чаро Ӯ омадааст. Дилсӯзиро Масеҳ танҳо аз Падари худ ва аз фариштагони осмон қабул мекард (ниг. Луқ.15:10). Аҳамият диҳед, ки Худо муқаддасони худро чӣ қадар исрофкорона ихтиёрдорӣ мекунад: аз нуқтаи назари ҷаҳон, Худо муқаддасони худро дар ҷойҳои тамоман бефоида ҷойгир мекунад. Мо мегӯем: «Худо мехоҳад, ки ман дар ин ҷо бошам, зеро ман хеле фоидаовар ҳастам». Ва Масеҳ ҳеҷ гоҳ ҳаёти Худро аз ҷиҳати фоиданокӣ баҳо намедод. Худо муқаддасони Худро дар ҷойҳое ҷойгир мекунад, ки онҳо Ӯро ҷалол дода тавонанд, ва мо доварӣ карда наметавонем, ки мо дар куҷо ин кор беҳтар аз дастамон меояд.

222. ТАҶРИБА ТАҶРИБА АСТ

«Ва ӯро дигар надид» (4 Подшоҳон 2:12).

Агар Худо Илёсро назди шумо фиристад, ба ӯ такя кардан ҳеҷ бадӣ надорад, аммо дар ёд нигоҳ доред, ки вақте фаро мерасад, ки Илёс бояд тарк кунад ва ӯ дигар ба шумо чизе нишон намедиҳад ва пешниҳод намекунад, зеро Худо инро намехоҳад. Шумо мегӯед, ки «ман бе Илёс зиндагӣ карда наметавонам». Ва Худованд ҷавоб медиҳад: «Ҳамин тавр бояд бошад».

Танҳоӣ дар Ӯрдун (4Подш.2:14). Ӯрдун рамзи сарҳадест, ки шумо бояд танҳо убур кунед. Дар атроф касе нест, барои ҳама

чиз шахсан шумо масъулед. Акнун маълум хоҳад шуд, ки шумо ҳангоми бо Илёси худ буданатон чиро омӯхтаед. Бо Илёс шумо борҳо дар Ӯрдун будед, аммо акнун дар атроф касе нест — танҳо шумо ва Урдун. Ва гуфтан фоида надорад, ки шумо муваффақ намешавед: бояд муқаффақ шавед, зеро шумо интихобе надоред. Агар шумо донистан хоҳед, ки оё ба Худои ҳақиқӣ бовар доред, ҷасорат намуда, ба танҳоӣ аз Урдуни худ гузаред.

Танҳоӣ дар Ериҳӯ (4Подш.4:15). Шумо дида будед, ки чӣ тавр Илёси шумо дар Ериҳӯ корҳои бузург ба амал овард. Ҳангоме ки шумо ба Ериҳӯи худ меоед, ташаббусро ба даст гирифтан ва қадами боварӣ гузоштан намехоҳед: шумо мехоҳед, ки каси дигар ин корро кунад. Ва агар шумо ба он чи Илёс таълим додааст, вафодор бошед, аломати онро мебинед, ки Худо бо шумост.

Танҳоӣ дар Байт-Ил (4Подш.4:23). Ба Байт-Или худ омада, шумо мефаҳмед, ки ба охири фаҳмиши худ расидаед, ва берун аз он ҳикмати Худо сар мешавад. Ва агар фикре надошта бошед ва ин шуморо ба воҳима водор намояд, ин корро кардан лозим нест, ба Худо вафодор монед, ва Ӯ ҳақиқати Худро ошкор хоҳад кард, то ҳаёти шумо ба як муқаддасоти бузург табдил ёбад. Ҳама чизеро, ки бо Илёси худ омӯхтаед, дар амал нишон диҳед, ҷомаи ӯро гиред ва дуо гӯед. Қарор диҳед, ки ба Худо таваккал мекунед ва дигар Илёсро намеҷӯед.

223. ИЛОҲИЁТШИНОСИИ ОРОМӢ

«Эй сустимонҳо, чаро ҳаросонед?» (Матто 8:26).

Ҳангоме ки мо аз чизе метарсем ва ҳеҷ кор карда наметавонем, мо ба ҳар ҳол метавонем ба Худо дуо гӯем. Аммо Худованди мо ҳақ дорад интизор шавад, ки касоне ки номи Ӯро ба забон меоваранд, ба кӣ имон доштанашонро мефаҳманд. Худо интизор аст, ки фарзандонаш ба Ӯ чунон боварӣ дошта бошанд, ки дар ҳар вазъият ба онҳо боварӣ кардан мумкин аст. Аммо мо аз ин ҷо то он ҷо ба Худо боварӣ мекунем ва агар чизе рӯй диҳад, мо ба дуоҳои ибтидоии воҳимавӣ бармегардем, айнан монанди

касоне ки Худоро намешиносанд. Мо ба воҳима меафтодем, зеро боварӣ дорем, ки дар вазъияти ноумед ҳастем, ва ин нишон медиҳад, ки мо заррае ба Худо ва ба он ки Ӯ дар ҷаҳон ҳукмронӣ мекунад, боварӣ надорем. Ба назари мо чунин метобад, ки Худо хоб рафтааст, ва мо ғайр аз мавҷҳои азим чизеро намебинем.

«Сустимонҳо!» Ин сухан дар дили шогирдон то чӣ андоза дарднок садо дод! «Мо боз хато кардем!» — шояд фикр мекарданд онҳо. Ва то чӣ андоза дардовар хоҳад буд, ҳангоме мо ногаҳон мефаҳмем, ки Исо то чӣ андоза хурсанд мешуд, агар сарфи назар аз он чи моро дар оянда интизор аст, ба Ӯ вафодор мемондем.

Дар зиндагӣ вақтҳое мешаванд, ки тӯфон ё бӯҳрон вуҷуд надорад ва мо ҳар кори аз дастамон меомадаро мекунем, аммо вақте ки ба вазъияти душвор дучор мешавем, дарҳол маълум мешавад, ки ба кӣ такя мекунем. Агар мо Худоро парастиш кардан ва ба Ӯ таваккал карданро ёд гирифта бошем, озмоишҳо нишон медиҳанд, ки ҳатто дар лаҳзаи душвортарин боварии мо ба Масеҳ шикаст намехӯрад.

Мо дар бораи тақдис (муқаддасшавӣ) бисёр гуфтугӯ кардем — пас тақдис бояд ба чӣ оварда расонад? Дар он ҷое ки тақдис вуҷуд дорад, осоиштагӣ дар Худо, яъне иттиҳоди комил бо Худо хоҳад буд, иттиҳоде ки на танҳо моро дар назари Ӯ пок месозад, балки ба Ӯ шодии амиқ ва ҳақиқӣ меоварад.

224. РӮҲРО ХОМӮШ НАКУНЕД

«Рӯҳро хомӯш накунед» (1 Тасолуникиён 5:19).

Овози Рӯҳ чун насими сабук аст, чунон нарм аст, ки агар шумо бо Худо муошират комил надоред, ҳеҷ гоҳ онро намешунавед. Рӯҳ хеле оромона ва хеле нарм меояд, ва агар шумо ба овози Ӯ ҳушёр набошед, Ӯро хомӯш мекунед ва ба ин восита ба худ осеб мерасонед. Рӯҳ ҳамеша ором меояд ва оромона сухан мегӯяд, чунон ором, ки танҳо шахси муқаддас метавонад омадани Ӯ ва овози Ӯро пайхас кунад ва шунавад.

Хуб нест, ки ҳангоме шумо дар бораи имон овардани худ гап мезанед, ба қафо нигариста гӯед: «Боре, фалон қадар солҳо пештар ман наҷот ёфтам». Агар дар рӯшноӣ роҳ мерафта бошед, гузашта вуҷуд надорад: маълум нест, ки гузашта дар куҷо тамом мешавад ва мӯъҷизаи воқеии робита бо Худо аз куҷо сар мешавад. Ҳамин ки аз нур берун мешавед, шумо масеҳии эҳсосотӣ мешавед ва бо хотираҳо зиндагӣ мекунед, ва дар шаҳодати шумо як оҳани сахт ва металлӣ пайдо мешавад. Агар ҳозир дар рӯшноӣ роҳ рафтан намехоста бошед, инро бо хотираҳои дар рӯшноӣ роҳ рафтани худ дарбеҳ кардан лозим нест. Ҳамин ки овози Рӯҳро шунавед, ҳама чизро тарк кунед ва танҳо он чиро, ки Ӯ ба шумо мегӯяд, иҷро кунед, вагарна Рӯҳро ғамгин хоҳед кард.

Фарз мекунем Худо шуморо аз як навъ имтиҳон гузаронд ва шумо қариб аз он гузаштед...Каме, вале ба ҳар ҳол аз он гузашта натавонистед. Дар ин маврид Худованд имтиҳонро боз мефиристад, аммо он мисли пештара равшан намешавад. Шунидани Худо душвортар мешавад ва шармовар мешавад, ки бори аввал ба Ӯ итоат накардед. Ва агар шумо ғамгин кардани Рӯҳро давом диҳед, замоне фаро мерасад, ки дигар озмоишҳо нахоҳад буд, ва Рӯҳ чунон ғамгин мешавад, ки дигар нахоҳад омад. Агар шумо аз имтиҳон гузаред, шумо суруди ситоиши Худоро хоҳед дошт. Барои он чиз дар худ, ки боиси азоби доимии Худо мегардад, баҳонае наёбед. Бигзор Худо чизеро, ки бояд аз он даст кашед, ҳаллу фасл кунад.

225. ҶАЗО

«Ба ҷазои Худованд беэътиноӣ накун, ва ҳангоме ки Ӯ туро мазаммат намояд, маъюс нашав» (Ибриён 12:5).

Хомӯш кардани Рӯҳ хеле осон аст. Барои ин танҳо лозим аст, ки ба ҷазои Худованд беэътиноӣ кунед ё ҳангоме ки Худованд маҳкум мекунад, маъюс шавед. Ва ҳар қадаре ки дар бораи тақдис тасаввуроти маҳдудтар дошта бошем, ҳамон қадар бештар мо сояро ҳамчун воқеият қабул мекунем ва ҳангоме ки

Рӯҳи Худо назди мо меояд, мо мегӯем: «Шояд ин иблис бошад». Ҳеҷ гоҳ Рӯҳро хомӯш накунед ва ба Ӯ беэътиноӣ накунед, ҳангоме ки Ӯ ба шумо мегӯяд: «Бас аст, дигар фиреfта нашав, кӯр набош: ту тамоман на дар он ҷое ҳастӣ, ки мепиндорӣ. То ҳол ман инро ба ту ошкор карда наметавонистам, аммо ҳоло Ман онро мекушоям». Ҳангоме ки Худо туро ин тавр мазаммат мекунад, худатро фурӯтан гардон. Мазамматро қабул кунед, то байни шумо ва Худо нофаҳмӣ набошад.

«Ва ҳангоме ки Ӯ туро сарзаниш мекунад, дилхунук нашав». Мо аз Худо меранҷем ва мегӯем: «Чӣ кор кардан мумкин аст? Ман дуо кардам, аммо бадтар шуд. Ман аз ин кор даст мекашам». Танҳо фикр кунед, ки агар мо дар ягон соҳаи дигари ҳаётамон ин корро мекардем, чӣ мешуд! Пас оё ман тайёрам, ки Худо маро бо дасти тавонояш гирифта, кори шоистаи Ӯро ба ҷо оварад? Тақдис аслан он чизест, ки ман аз Худо мехоҳам, тақдис он чизест, ки Худо мехоҳад бо ман ва барои ман кунад, ва Ӯ ҳатман бояд ақлу рӯҳи маро ба чунин ҳолате оварад, ки ман ба Ӯ имкон диҳам, то маро ба тамоми пуррагӣ муқаддас гардонад, новобаста аз он ки дар ивази чи арзише ба даст меояд.

226. АЛОМАТИ АЗ ОЛАМИ БОЛО ТАВАЛЛУД ЁФТАН

«*Бояд шумо аз олами боло таваллуд ёбед*» (Юҳанно 3:7).

Ҷавоб ба саволи «Одаме ки пир шудааст, чӣ гуна метавонад таваллуд шавад?» чунин аст: «Метавонад, агар ба қадри кофӣ пир бошад, ки барои ҳуқуқҳои худ бимирад, ки гӯё вай онҳоро дорад, барои фазилатҳои худ, барои дини худ, ба ҳар чизе ки ӯ гӯё дорад, ва ҳаётеро ба худ қабул кунад, ки пеш аз ин ҳеҷ гоҳ надошт». Ҳаёти нав дар тавбаи бошуурона ва муқаддасии зери шуур зоҳир мегардад.

«*Лекин ба онҳое, ки Ӯро қабул кардаанд...*» (Юҳ.1:12). Оё дониши ман дар бораи Масеҳ аз дарун, аз рӯҳи ман меояд ё ман танҳо он чиро, ки аз дигарон шунидаам, медонам? Оё дар ҳаёти ман чизе ҳаст, ки маро бо Исои Худованд ҳамчун

Наҷотдиҳандаи шахсии ман мепайвандад? Тамоми таърихи ҳаёти рӯҳонии ман бояд ба он чизе ки ман шахсан дарк кардаам ва на дар овозаҳо, асос ёбад. Аз олами боло таваллуд шудан маънои дидани Исоро дорад.

«*Кас агар аз олами боло таваллуд наёбад, Малакути Худоро дида наметавонад*» (Юҳ.3:3). Оё ман аломатҳои Подшоҳиро мечӯям, ё мебинам, ки Худо бар ин Подшоҳӣ чӣ гуна ҳукмронӣ мекунад? Аз олами боло таваллуд шудан ба мо биноӣ ва фаҳмиш медиҳад, ва ман ба дидану фаҳмидани он сар мекунам, ки чӣ тавр Худо ҳама чизро идора мекунад (Ӯ ҳамеша ҳама чизро идора мекард, зеро Ӯ дигар хел карда наметавонад, аммо ман инро танҳо ҳоло пай бурдам, зеро ҳоло моҳияти Ӯро пайдо кардам!)

«*Ҳар кӣ аз Худо таваллуд ёфтааст, гуноҳ намекунад*» (1Юҳ.3:9). Оё ман мехоҳам гуноҳ карданро бас кунам, ё шояд аллакай гуноҳ накарда истодаам? Аз олами боло таваллуд шудан маънои онро дорад, ки шумо қудрати фавқуттабиии Худоро барои гуноҳ накардан қабул менамоед. Дар Китоби Муқаддас ҳеҷ гоҳ саволи «Оё масеҳӣ гуноҳ карда метавонад?» гузошта нашудааст. Китоби Муқаддас ба таври возеҳ мегӯяд: «*Масеҳӣ набояд гуноҳ кунад*».

Ва аз олами боло таваллуд ёфтан дар мо бо он зоҳир мешавад, ки мо гуноҳ намекунем — мо на танҳо қувват дорем гуноҳ накунем, балки ҳақиқатан гуноҳ карданро бас кардем. Юҳанно (1Юҳ.3:9) дар назар надорад, ки мо гуноҳ карда наметавонем, вай дар назар дорад, ки агар мо ба Худое ки дар мо зиндагӣ мекунад, итоат кунем, ҳеҷ гуна сабабе барои гуноҳ карданамон нахоҳад буд.

227. ОЁ Ӯ МАРО МЕШИНОСАД...

«*...Ном ба ном мехонад*» (Юҳанно 10:3).

Кай ман Ӯро тамоман намефаҳмам? (Юҳ.20:17) Шумо метавонед ҳама чизро дар бораи таълимот донед, аммо дар айни замон Масеҳро нашиносед. Ҳангоме ки дониши таълимот аз

доираи робитаи шахсӣ бо Исо берун меравад, рӯҳ дар хатар аст. Чаро Марям гиря мекард? Барои Марям таълимот аз алафи зери по аҳамияти бештар надошт. Дар масъалаи таълимот Марямро ҳар як фарисӣ фиреб дода метавонист, аммо новобаста ба он ки касе ӯро масхара мекард, вай фаромӯш карда наметавонист, ки Масеҳ ҳафт девро аз вай берун кард. Ва ҳатто баракатҳои Масеҳ барои Марям дар муқоиса бо Худи Ӯ ҳеҷ буданд. Марям «Исоро истода дид, вале надонист, ки ин Исост...» (Юҳ.20:14), аммо ҳамин ки овозро шунид, фаҳмид, ки чизе ӯро бо Шахсе ки ба ӯ муроҷиат мекунад, мепайвандад. «Раббунӣ!»

Кай ман дар шубҳаҳои худ якравӣ мекунам? (Юҳ.20:27) Оё ман ақаллан дар ягон чизе ки бо Масеҳ робита дорад, шубҳа дорам — шояд касе оид ба чизе шаҳодат додааст, аммо ман онро аз сар нагузарондаам? Шогирдон ба Тумо гуфтанд, ки Исоро дидаанд, аммо Тумо шубҳа дошт: «То...набинам... бовар намекунам» (Юҳ.20:25). Ба Тумо лозим буд, ки шахсан ба Исо даст расонад. Мо намедонем, ки кай ва чӣ тавр ба Ӯ даст расонда метавонем, аммо ин ламсҳо ҳангоме ки онҳо рӯй медиҳанд, алалхусус арзишмандтар мешаванд. «Эй Худованди ман ва эй Худои ман!» (Юҳ.20:28).

Ман кай аз рӯи худпарастӣ аз Ӯ даст мекашам? (Юҳ.21:15). Петрус дар хусуси вафодорӣ ба Исои Масеҳ қасам мехӯрд, аммо Ӯро инкор кард. Бо вуҷуди ин, пас аз эҳёи худ, Масеҳ ба Петрус зоҳир шуд ва аввал муносибати байни Худ ва Петрусро дар танҳоӣ, ва баъд дар ҳузури дигарон барқарор кард. «Худовандо! ...Ту медонӣ, ки ман Туро дӯст медорам» (Юҳ.21:17). Оё байни ман ва Масеҳ чизе буд? Ягона аломати шогирд будан муносибати наздик бо Худованд аст, чунон донистану шинохтани Исои Масеҳ аст, ки ҳеҷ чиз натавонад онро ба ларза оварад.

228. ҒАЙРАТМАНДӢ ЗАРАР РАСОНД?

«...Туро боз чизе намерасад: ҳар он чи дорӣ, бифурӯш...ва омада, Маро пайравӣ кун» (Луқо 18:22).

«Чун инро шунид...» (Луқ.18:23). Оё шумо боре аз Худованд суханони сахт шунидаед? Агар не, ман шубҳа дорам, ки ақаллан ягон чизро аз Ӯ шунида бошед.

Исои Масеҳ чизҳои зиёде мегӯяд, ки мо онҳоро гӯш мекунем, аммо намешунавем, ва ҳангоме ки мешунавем, суханони Ӯ барои мо хеле сахт ба назар мерасанд.

Шубҳа кардан мумкин аст, ки Исо ҳақиқатан мехост, ки ин шахс ҳамон тавр амал намояд, ки Ӯ ба вай маслиҳат дода буд. Масеҳ ҳеҷ коре накард, ки ӯро ба Худ наздик нигоҳ дорад. Ӯ танҳо гуфт: «...ҳар чи дорӣ, фурӯш...ва омада, Маро пайравӣ намо». Худованди мо ҳеҷ гоҳ аз касе зорӣ накардааст, тавалло накардааст ва бо ваъдаҳо ҷалб накардааст — Ӯ фақат сахттарин суханонеро гуфтааст, ки инсонҳо замоне шунида буданд ва тамом.

Оё ман боре аз Масеҳ суханони сахт шунидаам? Оё Ӯ ба ман чизе гуфта буд, ки ман онро бо диққат гӯш мекардам? Гап дар бораи он нест, ки оё Ӯ ба ман чизе гуфта буд, ки ман метавонистам баъд дар бораи он муҳокимаронӣ кунам, балки дар он аст, ки оё Ӯ чизе гуфтааст, ки шахсан ба ман дахл дошт? Ин мард суханони Исоро фаҳмид, ҳама чизро шунид, дуруст ҳисоб кард, ки ин ба ӯ чӣ арзише хоҳад дошт, ва дилшикаста шуд. Ӯ Масеҳро на бо сари баланд тарк кард, вай дар изтироб рафт ва намедонист, ки чӣ тавр зиндагӣ карданро давом диҳад. Ҳангоме ки ӯ ба назди Исо омад, тамоми вуҷуди ӯ аз хоҳишҳои оташин аланга мезад, аммо суханони Масеҳ ӯро ях кунонданд. Ӯ интизор буд, ки Масеҳ ӯро ба қаҳрамониҳо илҳом мебахшад, вале Масеҳ дили ӯро шикаст ва ӯро тамоман фалаҷ кард ва ҳатто ӯро барнагардонд, балки оромона ӯро раҳо кард. Аммо Худованди мо аниқ медонад, ки агар касе каломи Ӯро шунавад, дер ё зуд кори худро иҷро мекунад. Даҳшатовар он аст, ки баъзеи мо намегузоранд, ки суханони Масеҳ самар диҳанд. Ман ҳайронам, ҳангоме ки мо ба ҳар ҳол қарор медиҳем дар

ин бора ба Худованд гап занем, чӣ хоҳем гуфт? Як чиз аниқ аст: Ӯ ҳеҷ гоҳ моро таъна намекунад.

229. ОЁ БО ШУМО ЧУНИН ШУДААСТ, КИ СУХАНЕ НАДОШТЕД?

«Лекин вай, чун инро шунид, андӯҳгин шуд, зеро ки бағоят сарватдор буд» (Луқо 18:23).

«Сардоре» Масеҳро бо андӯҳ тарк кард. Ӯ ҳеҷ сухане надошт. Ӯ ба он чизе ки Исо гуфта буд, шубҳа надошт, дар бораи маънои ин суханон баҳс намекард, онҳо ӯро фақат чунон ғамгин карданд, ки ӯ эътирозе карда натавонист. Оё бо шумо чунин шудааст? Оё боре аз Худованд дар бораи он чи сарвати шуморо ташкил медиҳад: табъатон, дилбастагиҳо, дӯстони наздик — дар бораи ҳама чизҳое, ки дил ва ақлатон ба онҳо пайванд шудааст, чизе шунидаед? Агар ҳа, шумо борҳо аз ғаму андӯҳ гапатонро гум кардаед. Ва Худованд аз пайи шумо намеравад, илтиҷо намекунад, ва ҳар боре, ки бо Ӯ дар ин масъала гуфтугӯ мекунед, Ӯ ҳамон як гапро такрор мекунад: «Агар самимона сухан мегуфта бошӣ, шарти ман барои ту ин аст».

«Ҳар он чи дорӣ, фурӯш» — пеши Худо бараҳна бимон, ҳар чизеро, ки боиси пешпо хӯрданат шуда метавонад, як сӯ гузор, то он даме ки «шахси оқил», homo sapiens шавӣ. Ва агар чунин шавӣ — ин одамро низ ба Худо бисупор. Дар ҳамин ҷо натиҷаи муҳориба ҳал мешавад — дар доираи иродаи шумо дар назди Худо. Ё шумо бештар на ба Худи Масеҳ таваҷҷӯҳ доред, балки ба ақидаҳои худатон дар бораи он ки Масеҳ аз шумо чӣ мехоҳад? Агар ин тавр бошад, пас шумо метавонед дар муроҷиати худ суханони сахтеро аз Масеҳ бишнавед, ки шуморо аз оромӣ маҳрум мекунанд. Дар ҳақиқат, суханони Масеҳро шунидан осон нест: онҳо танҳо барои онҳое ки бо Рӯҳи Ӯ фаро гирифта шудаанд, соддаанд. Ва ҳеҷ чиз лозим нест, ки суханони сахти Исои Масеҳро мулоим кунад, оро диҳад.

Ман метавонам аз камбизоатии худ чунон сарватманд бошам, аз донистани ҳеҷ будани худ чунон сарватманд бошам, ки ҳеҷ

гоҳ шогирди Масеҳ шуда наметавонам. Аммо ман метавонам аз донистани он ки касе ҳастам, беандоза сарватманд бошам, аммо боз ҳам шогирд шуда наметавонам. Оё ман тайёрам, ки ҳатто фаҳмиши онро аз даст диҳам, ки ман аз ҳама чиз маҳрум ҳастам? Ана дар ҳамин ҷо ноумедӣ ба миён омада метавонад. Рӯҳафтодагӣ — ноумедӣ дар муҳаббат ба худ аст, ки баъзан шакли дӯст доштани вафодории худ ба Масеҳро дошта метавонад.

230. ТАВАҶҶУҲ БА ХУД

«Назди Ман оед...» (Матто 11:28).

Худо мехоҳад, ки мо дар Исои Масеҳ бо ҳаёти мукаммал зиндагӣ кунем, аммо ба ин ҳаёт лозим меояд гоҳ-гоҳ ба ҳамлаҳои беруна тоб оварад, ва мо ба худтаҳлилкунӣ, ки гӯё замони он кайҳо гузаштааст, мелағжем. Моро аз мукаммалии ҳаёт дар Худо, пеш аз ҳама, таваҷҷӯҳи зиёдатӣ ба худ маҳрум мекунад. Дар он ҷое ки ба худ аз ҳад зиёд диққат дода мешавад, муборизаи доимӣ сар мешавад. Таваҷҷуҳ ба худ гуноҳ нест, он метавонад аз хислат ё тағйирёбии ногаҳонии вазъият бошад. Худо намехоҳад, ки мо дар Ӯ ҳатто каме нокомил бошем. Ҳар он чи моро аз оромӣ дар Ӯ маҳрум мекунад, бояд фавран бартараф карда шавад, ва на танҳо бо он бартараф карда шавад, ки мо ба он диққат намедиҳем, балки бо он ки мо назди Исои Масеҳ меоем. Агар мо назди Ӯ оем ва хоҳиш кунем, ки фаҳмиши Худро ба мо диҳад, Ӯ ҳамеша ин корро мекунад, то даме ки мо дар Ӯ монданро ёд гирем.

Ҳеҷ гоҳ чизеро, ки ба ҳаёти шумо дар Масеҳ халал мерасонад, бе диққат нагзоред. Ба хурдтарин дахолати ин ҳаёт аз ҷониби дӯстон ё вазъиятҳо диққат диҳед, ба он чи кӯшиш мекунад байни шумо ва Масеҳ монеа ба вуҷуд оварад ва боиси он шавад, ки худро аз Ӯ дур бинед. Ҳеҷ чиз муҳимтар аз нигоҳ доштани мавқеи дурусти рӯҳонӣ нест. Ва ҳалли ин масъала бузург ва оддӣ аст: «Назди Ман оед» (Мат.11:28).

Ин суханон месанҷанд, ки решаҳои зеҳнӣ, ахлоқиву рӯҳонии мо то чӣ андоза чуқур мебошанд. Дар он ҷое ки ин решаҳо

сусттаранд, мо ба ҳама гуна далелҳо рӯ меоварем, то ки назди Масеҳ наравем.

231. ПУРРАГӢ

«*...Ва ба ту оромӣ мебахшам*» (Матто 11:28).

Ҳангоме ки дар байни шумо ва Масеҳ монеае ба миён меояд, дарҳол ба Ӯ муроҷиат намоед ва хоҳиш кунед, ки оромии вайроншударо барқарор кунад. Ҳеҷ гоҳ бо чизе ки дар муносибатҳои шумо нофаҳмоӣ меоварад ва шуморо аз осоиш маҳрум мекунад, тоқат накунед. Ҳама чизҳоеро, ки шуморо аз Масеҳ ҷудо карданӣ мешаванд, монеае ҳисобед, ки бояд бартараф карда шавад, на салибе ки бардошта бурдан лозим аст. Бигӯед: «Худовандо, ба ман фаҳмиши Худро бифирист», ва азоби шумо аз байн меравад, ва Ӯ ҳама чиз дар ҳама чиз мешавад. Нагузоред, ки таваҷҷуҳ ба худатон дар шумо реша гирад, зеро шумо худатон пай намебаред, ки чӣ тавр ба худ раҳм карданро сар мекунед, ва раҳмдилӣ ба худ эҳсоси шайтонист. «Маро нафаҳмиданд, барои ин бояд бахшиш пурсанд, ман бояд инро ба ҳама фаҳмонам». Ҳамаро ба ҳолашон гузоред ва аз Худованд хоҳиш кунед, ки фаҳмиши Масеҳро ба шумо фиристад, ва Ӯ мувозинат ва пуррагии шуморо бе нуқсон барқарор хоҳад кард.

Зиндагии пурҷӯшу хурӯш ҳаёти кӯдак аст. Агар ман гумон кунам, ки ҳама чиз дуруст фикр мекунам, дар ман чизе нодуруст аст. Чӣ будани саломатиро танҳо бемор медонад. Фарзанди Худо намефаҳмад, ки хости Худо чист, зеро худи ӯ ҳамин хост аст. Ва ҳамин ки каме ҳам аз хости Худо дур шавем, пурсиданро сар мекунем: «Хости Ту чист?» Фарзанди Худо ҳеҷ гоҳ дуо намекунад, то фаҳмад, ки кай Худо ба дуоҳо ҷавоб медиҳад, ӯ ҳеҷ гоҳ шубҳа намекунад, ки Худо ҳамеша ба дуоҳо ҷавоб медиҳад.

Агар мо бо ягон усуле ки ақли солим ба мо пешниҳод мекунад, диққати худро ба эҳсосот ва фикрҳоямон бартараф карданӣ шавем, мо танҳо ин диққатро афзунтар мекунем. Масеҳ мегӯяд: «Назди Ман оед...ва Ман ба шумо оромӣ медиҳам», яъне фикрҳо бояд на ба худ, балки ба Масеҳ равона карда

шаванд. Ба ҳар ҷое ки Исо равад, дар он ҷо Ӯ оромӣ, оромии комил муқаррар хоҳад кард, ки шахс дар он корҳои бузургеро ба амал меоварад ва худаш инро намедонад.

232. ХИЗМАТИ ШАХСИ НОНАМОЁН

«*Хушо мискинони рӯҳ*» (Матто 5:3).

Аҳди Ҷадид чизҳоеро мушоҳида мекунад, ки аз рӯи меъёрҳои мо, умуман, ба онҳо аҳамият дода намешавад. «Хушо мискинони рӯҳ» — суханҳои умумӣ, забонзада мебошанд! Дар мавъизаҳои имрӯза иродаи қавӣ, водоркунандаҳои нек бештар васф карда мешаванд — он чи чашмро ба худ ҷалб мекунад. Мо бисёр вақт суханони «Масеҳро қабул кунед»-ро мешунавем, ки дар онҳо чизҳоеро таъкид мекунанд, ки Худованди мо ҳеҷ гоҳ ба онҳо боварӣ намекард. Ӯ ҳеҷ гоҳ аз мо талаб намекунад, ки «Ӯро қабул кунем», Ӯ хоҳиш мекунад, ки ба Ӯ итоат кунем — ва ин чизҳо тамоман аз ҳам фарқ доранд. Дар пояи Подшоҳии Исои Масеҳ зебоии бериёи чизи муқаррарии оддӣ ҷойгир аст. Ман дар бенавоии худ хушбахтам. Агар донам, ки на қувваи ирода дорам, на нияти нек, пас Исо мегӯяд: «Хушо ту», зеро ки ман ба воситаи ҳамин бенавоӣ ба Подшоҳии Ӯ медароям. Ман ба Подшоҳии Ӯ ҳамчун шахси шоиста ворид шуда наметавонам; ворид шудан ба он танҳо барои муфлиси комил, камбағалонтарини камбағалон имконпазир аст.

Зебоие ки Худо онро зебоӣ медонад, ҳамеша тасаввурнашаванда аст. Ҳама гуна таъсири тасаввуршаванда ба одамон дар қаноатмандӣ бо худ асос ёфтааст, он аслан ғайримасеҳӣ аст. Агар ман гӯям: «Шояд ман коре карда метавонам», ман дарҳол тамоми ҷалоли ламси Худовандро аз даст медиҳам: «Ҳар кӣ ба Ман имон оварад, чунон ки дар Навиштаҳо гуфта шудааст, аз батни вай наҳрҳои оби ҳаёт ҷорӣ хоҳад шуд» (Юҳ.7:38). Ва ҳангоме ки ман ба омӯхтани он чизе ки аз батни ман ҷорӣ мешавад, сар мекунам, ман ламси Худовандро гум мекунам.

Кадоме аз одамон ба мо бештар таъсир расондааст? На онҳое ки фикр мекарданд, ки онҳо ба мо таъсир мерасонанд, балки

онҳое ки намедонанд, ки ба мо таъсир мерасонад. Дар ҳаёти масеҳӣ ҳеҷ чизи зебо бо саъю кӯшиши бошуурона ба даст намеояд, ҳангоме ки чизе бо хости худ ба даст меояд, он осонӣ ва зебоиро, ки бо ламси Масеҳ меояд, фавран аз даст медиҳад. Ҳангоме ки Масеҳ корро сар мекунад, инро пайхас накардан ғайриимкон аст, зеро Ӯ ба воситаи чизи оддӣ он чиро меофарад, ки ба мо илҳом мебахшад.

233. МАН ВА Ӯ

«Ман шуморо бо об таъмид медиҳам... Ӯ шуморо бо Рӯҳулқудс ва оташ таъмид хоҳад дод» (Матто 3:11).

Оё ягон вақт ман то ҳадде расида будам, ки чунин гӯям: «Ман ин корро карда метавонам, аммо Ӯ...»? То он даме ки он лаҳза фаро нарасад, ман ҳеҷ гоҳ намедонам, ки таъмид дар Рӯҳулқудс чӣ маъно дорад. Ҳангоме ки ман дигар ҳеҷ кор карда наметавонам, ҳангоме ки ба ҳадди имкониятҳои худ расидам, ҳамон вақт Ӯ корро сар мекунад — ва он чизеро, ки ҳеҷ каси дигар карда наметавонад, мекунад. Оё ман ба омадани Ӯ тайёрам? То он даме ки чизе пеши роҳи Исоро мегирад, хоҳ хуб бошад, хоҳ бад, Ӯ омада наметавонад. Ва ҳангоме ки Ӯ меояд, оё ман тайёрам, ки Ӯ ҳама найрангҳои ифлоси маро берун бароварад? Ӯ маҳз ҳамин гуна ҷойҳоро равшан мекунад. Ӯ дар он ҷойҳое қадам мегузорад, ки дар онҳо ман як навъ нопокӣ дорам, дар он ҷойҳое ки ба назарам пок мебошанд, Ӯ аз ман дурӣ меҷӯяд.

Тавба боиси эҳсоси гуноҳкорӣ намешавад, балки боиси эҳсоси тамоман ночиз будани худ мегардад. Ҳангоме ман тавба мекунам, мефаҳмам, ки нотавонам, бо тамоми ҳастиям мефаҳмам, ки ҳатто лоиқи бардошта гаштани кафшҳои Ӯ нестам. Оё ман ҳамин тавр тавба кардаам? Ё ман то ҳол дар умқи дил умеде дорам, ки барои худ истодагарӣ карда метавонам? То даме ки ман ба таври дуруст ба тавба дохил нашавам, Худо наметавонад ба ботини ман дохил шавад.

«Ӯ шуморо бо Рӯҳулқудс ва оташ таъмид хоҳад дод». Юҳанно дар бораи таъмид бо Рӯҳулқудс на чун дар бораи ҳиссиёти мо,

балки чун коре ки Исои Масеҳ мекунад, мегӯяд. «Ӯ шуморо таъмид хоҳад дод». Касоне ки Масеҳ онҳоро бо Рӯҳулқудс таъмид медиҳад. танҳо як чизро ҳис мекунанд — эҳсоси тамоман ночиз будани худ. Ман он гуна будам, ки будам, аммо Ӯ омад — ва муъҷизае рӯй дод. Ба каноре бирасед, ки дар паси он танҳо Ӯ ҳама корро мекунад!

234. ДУО: ИНТИХОБ ВА ИХТИЛОФ

«Лекин ту, вақте ки мехоҳӣ дуо гӯӣ, ба ҳуҷраи худ даро ва ба Падари худ, ки ниҳон аст, дуо гӯй...» (Матто 6:6).

Масеҳ нагуфт: «Дар бораи Падари худ дар ниҳон орзу кун». Ӯ чунин гуфт: «Ба Падари худ, ки ниҳон аст, дуо гӯй». Дуо ба кор даровардани қувваи ирода аст. Пас аз он ки мо ба макони хилват даромада, дарро мепӯшем, кори мушкилтарин сар кардани дуо аст. Мо фикрҳои худро ба дуо ҷӯр карда наметавонем, онҳо ба ҳар тараф пароканда мешаванд. Ҳангоми дуо дар танҳоӣ мушкилии асосӣ, муҳорибаи асосӣ бо фикрҳое аст, ки моро ба ҳар ҷо мекашанд. Мо бояд фикрҳои худро ба тартиб андозем ва онҳоро ба дуои пурмазмун равона созем.

Аммо инак мо маконеро ёфтем, ки дар он ҷо дуо гуфта метавонем, ва ҳамин ки дуоро сар карданӣ мешавем, як тӯда «магасҳо» бар сари мо фуруд меояд: фалон ва фалон корҳоро бояд кард. «Дарро банд!» Хомӯшии дуо дар танҳоӣ бо он ба даст меояд, ки мо огоҳона дарро ба эҳсосоти худ мебандем ва Худоро ёд мекунем. Худо «дар ниҳон аст» ва аз он макони ниҳонӣ Ӯ моро мебинад. Ӯ моро на ончунон мебинад, ки дигарон моро мебинанд ё ки мо худамонро мебинем. Ҳангоме ки мо худамон дар ҷои ниҳонӣ зистанро сар мекунем, ба Худо шубҳа кардан ғайриимкон мегардад, ва мо ба Ӯ беш аз ҳама чизи дигар боварӣ пайдо мекунем. «Падари шумо, — мегӯяд Исо, — дар ниҳон аст, на дар ҷои дигар». Ба он ҷо, ба он макони ниҳонӣ ворид шавед, ва шумо мебинед, ки Худо ҳамеша дар маркази тамоми ҳаёти ҳаррӯзаи шумо ва ташвишҳои шумо буд. Одате пайдо кунед, ки комилан ҳама чизро бо Худо ҳал кунед. Ҳангоме ки субҳ

бедор мешавед, дарро васеъ кушоед ва Худоро ба он роҳ диҳед, вагарна тамоми рӯз дар ченаки нодуруст амал хоҳед кард. Ва ҳамин ки ин дарро кушода, ба Падари худ, ки дар ниҳон аст, дуо гӯед, ҳар коре ки шумо дар назди мардум мекунед, ҳузури Худоро хоҳад дошт.

235. БА АТРОФ НИГАРЕД

«*Кадом одамест аз шумо, ки агар писараш аз ӯ нон биталабад, ва санге ба вай бидиҳад?*» (Матто 7:9).

Худованди мо дар бораи дуо сухан ронда, кӯдаки хуберо мисол меоварад, ки чизи хубро талаб мекунад. Мо дар бораи дуо чунон гап мезанем, ки гӯё Худо вазифадор бошад, ки моро шунавад, новобаста ба муносибати мо бо Ӯ (ниг. Мат.5:45). Ҳеҷ гоҳ нагӯед, ки ба шумо дода шудани он чи металабед, хости Худо нест; ноумед нашавед ва дилсард нашавед: сабабҳои хомӯшии Худоро ҷустуҷӯ кунед, дар бораи он чизе ки мебинед ва мешунавед, андеша кунед. Оё муносибататон бо зан, бо шавҳар, фарзандон, бо ҳамсинфонатон хуб аст — оё шумо дар ҳамаи ин муносибатҳо «фарзанд»-и «хуб» ҳастед? «Худовандо, ман аз хашму ғазаб халос шуда наметавонам, аммо ман баракатҳои рӯҳонӣ мехоҳам». Шумо ин баракатҳоро нахоҳед гирифт ва то он даме ки «фарзанди хуб» нашавед, онҳоро нахоҳед дошт. Мо итоат ба Худоро бо беадабӣ омехта мекунем ва бо Худо баҳс мекунем, ба ҷои он ки дар ҳама чиз ба Ӯ итоат кунем.

Мо ба атроф нигоҳ намекунем. Шояд барои он чизе ки мехоҳам, аз Худо пул талаб мекунам, аммо худам қарзҳоямро адо накардаам? Шояд ман аз Худо озодӣ мехоҳам, аммо худам онҳоеро, ки ба ман вобастаанд, ба озодӣ раҳо намекунам? Шояд ман гуноҳи касеро набахшидаам, ба ӯ меҳрубон нашудаам, нисбат ба аҳли оила ва ёру дӯстонам чун фарзанди Худо рафтор накардаам? (Мат.7:12) Ман фақат ба шарофати таваллуд шудан аз олами боло фарзанди Худо ҳастам, ва фарзанди Худо танҳо ҳамон вақт нек буда метавонад, ки дар нур роҳ меравад. Барои аксари мо дуо ба маҷмӯи ибораҳои зебои умумӣ табдил ёфтааст, он ба эҳсосоти

мо вобаста аст ва ба робитаи сеҳрнокӣ бо Худо табдил меёбад. Мо ҳама дар паҳн кардани тумани рӯҳонӣ хеле моҳир ҳастем. Агар мо бо ҳақиқат рӯ ба рӯ шавем, он чиро, ки дар мо набояд бошад, равшан мебинем: муносибатро бо шахси мушаххас, қарзи конкретии набаргардонида, хашми конкретӣ мебинем. Агар мо чун фарзандони Худо зиндагӣ накунем, дуо кардан бефоида аст. Фақат агар ҳамин тавр зиндагӣ кунем, суханони Масеҳ эътибор пайдо мекунанд: «Зеро ҳар кӣ биталабад, мегирад» (Мат.7:8).

236. ДӮСТИЕ, КИ САМАРАҲО МЕОРАД

«*Шуморо дӯст хондаам*» (Юҳанно 15:15).

То он даме ки ҳама чизро то ҷузъиёти охирин қурбон накунем, мо ҳеҷ гоҳ шодии худфидокориро дарк карда наметавонем. Итоаткорӣ душвортарин чиз аст. «Ман итоаткор мебудам, агар...», «Ҳа-а, охир ман бояд ҳаёти худро ба Худо бахшам». Дар чунин муносибат заррае шодӣ барои худфидокории ҳақиқӣ нест.

Аммо ҳамин ки мо ҳама чизро ба ихтиёри Худо месупорем, Рӯҳулқудс ба мо имкон медиҳад, ки шодии Масеҳро бичашем. Мақсади ниҳоии худфидокорӣ ҷони худро барои Дӯст додан аст.

Ҳангоме ки Рӯҳулқудс назди мо меояд, дар мо хоҳиши пурқуввате пайдо мешавад, ки ҳаёти худро барои Масеҳ диҳем, ва фикри фидоркорӣ ҳатто ба сари мо намеояд, зеро фидокорӣ танҳо зоҳиршавии муҳаббати пурэҳтироси Рӯҳулқудс аст.

Намунаи ҳаёти фидокорона барои мо Худованди мост — «... Мехоҳам хости Туро ба ҷо оварам, эй Худои ман» (Заб.39:9). Ӯ пур аз шодӣ гардида, қурбонии худро оварда. Оё ман ягон бор пурра ба Исои Масеҳ итоат кардаам? Агар Исои Масеҳ ситораи роҳнамоии ман набошад, аз қурбониҳои ман фоидае нест. Агар ман чашмонамро аз Ӯ наканда, қурбониҳои худро пешкаш кунам, Ӯ оҳиста-оҳиста, вале бешубҳа маро ба сурат ва шабоҳати Худ табдил медиҳад.

Нагузоред, ки дилсӯзӣ ва майлҳоятон монеи дар муҳаббат рафтор намудани шумо шаванд. Муҳаббати ҷисмонии мо дар чӣ гуна азобҳои даҳшатбор нобуд шуда, ба нафрат табдил меёбад,

танҳо ба он сабаб, ки он дар майли табиӣ асос ёфтааст! Ва муқаддаси Худо бояд як майл дошта бошад — Исои Худованд. Дӯст доштани Худо бо эҳсосот рафтор кардан нест; он тавре ки Худо дӯст медорад, дӯст доштан барои шахси муқаддас кори воқеитарин ва конкретитарин аст.

«Ман шуморо дӯст хондам». Ин дӯстӣ дар зиндагии наве асос ёфтааст, ки дар мо ба вуҷуд меояд ва ба зиндагии пештараи мо ҳеҷ робита надорад, он фақат бо зиндагии Худо умумият дорад. Ин зиндагӣ ба таври баённопазир хоксор, бенуқсон пок ва беандоза ба Худо вафодорона аст.

237. ОЁ ДИЛАТОН БА ИЗТИРОБ МЕОЯД

«Осоиштагиро ба шумо боқӣ мегузорам, осоиштагии Худро ба шумо медиҳам» (Юҳанно 14:27).

Баъзан чунин мешавад, ки оромии мо дар он асос ёфтааст, ки мо чизеро намедонем. Ҳамин ки мо ҳама чизро чунон ки ҳаст, мебинем — осоиши диламон нест мешавад. Ва он гоҳ танҳо Исо метавонад ба мо осоиштагӣ диҳад. Ҳангоме ки Худованди мо дар бораи осоиштагӣ мегӯяд, Ӯ осоиштагиро меофарад, Каломи Ӯ ҳамеша «рӯҳ ва ҳаёт» аст (Юҳ.6:63). Оё ман ягон бор он чизеро, ки Масеҳ мегӯяд, қабул кардаам? *«Осоиштагии Худро ба шумо медиҳам»* — ин осоиштагӣ ҳамон вақт меояд, ки мо ба чеҳраи Ӯ нигоҳ мекунем ва дарк мекунем, ки Ӯ то чӣ андоза ором аст.

Аммо шумо, шояд, хеле «ноором» ва хашмгин, худи ҳозир ошуфта ҳастед ва чашмони худро аз мавҷҳо ва бодҳое ки Худо дар ҳаёти шумо роҳ медиҳад, дур карда наметавонед? Оё шумо ҳар санги имони худро чаппа гардонда, бо дастони худ ламс кардаед, аммо ба ҳар ҳол ҳеҷ гуна манбаи оромӣ, шодӣ ва тасаллиро намеёбед — оё ҳама чиз дар гирду атроф холи аст? Пас ба боло нигариста, оромии Исои Худовандро қабул кунед.

Агар осоиштагии Ӯ дар шумо инъикос ёбад, ин далели он аст, ки шумо дар назди Худо ҳақ ҳастед, зеро шумо озод ҳастед, ки нигоҳи худро ба сӯи Ӯ гардонед. Агар дар назди Худо ҳақ набошед, новобаста ба он ки чашматонро ба кучо мегардонед,

танҳо ба худ менигаред. Агар шумо ба чизе имкон диҳед, ки чеҳраи Исои Масеҳро аз шумо пинҳон кунад, пас шумо ё аз чизе ошуфта ҳастед, ё оромии шумо фиреб аст.

Оё шумо худи ҳозир, дар ҳамон шароите ки ҳоло ба шумо фишор меоварад, ба Масеҳ менигаред? Оё шумо ҳоло аз Масеҳ осоиштагӣ ба даст меоваред? Агар ин тавр бошад, Ӯ барои шумо баракати ҳақиқӣ хоҳад буд ва ба шумо ва ба воситаи шумо осоиштагӣ меоварад. Аммо танҳо кӯшиш накунед, ки бо ташвишҳо ва изтиробҳои худ ба Масеҳ «ёрӣ расонед» — шумо он чизеро, ки Ӯ медиҳад, ботил мекунед ва он чизеро, ки сазовор ҳастед, мегиред. Мо ошуфта мешавем, зеро дар бораи Ӯ фикр намекунем. Ҳангоме ки шахс бо Исои Масеҳ дар мушоракат аст, ошуфтагӣ аз байн меравад, зеро дар Ӯ ҳеҷ ошуфтагӣ нест ва ташвиши ягонаи мо ин аст, ки дар Ӯ бимонем. Ҳама чизро дар пеши Ӯ кушоед ва дар ҳама душвориҳо, сахтиҳо ва ғаму андӯҳҳои худ суханони Ӯро бишнавед: «Дили шумо музтариб нашавад» (Юҳ.14:27).

238. ИЛОҲИЁТШИНОСИИ ЗИНДА

«...то даме ки нур бо шумост, роҳ равед, то ки зулмот шуморо фаро нагирад» (Юҳанно 12:35).

Дар он лаҳзаҳое ки шумо дар болои кӯҳҳо бо Худо ҳастед, он чизеро, ки ба шумо ошкор мешавад, иҷро кунед. Агар ба нур итоат накунед, он ба торикӣ мубаддал мешавад. «Пас, агар нуре ки дар туст, зулмот бошад, чӣ гуна азим аст он зулмот!» (Мат.6:23). Ҳангоме ки аз муқаддасӣ ё он чизе ки Худо ба он равшанӣ андохтааст, канорагирӣ мекунед, шумо ба маънои рӯҳонӣ зинда ба зинда пӯсиданро сар мекунед. Ҳақиқатро доимо воқеӣ гардонед, онро дар ҳар ҷое ки тавонед, ба амал оваред, вагарна худи нуре ки ба шумо дода шудааст, бароятон ба лаънат табдил меёбад.

Мушкилтар аз ҳама сару кор доштан бо касест, ки боре чизеро аз сар гузаронидааст ва то имрӯз аз он хеле хушҳол аст, зеро ӯ чизе барои ёдоварӣ дорад. Хотира хотира мемонад

— вай онро дар ҳаёт амалӣ намекунад. Агар шумо мегӯед, ки тақдис ёфтаед, инро нишон диҳед. Агар Худо воқеан ба шумо чизе ошкор карда бошад, он дар ҳаёти шумо зоҳир нашуда наметавонад. Ҳама ғояҳоеро, ки шуморо ба хурсанд кардани худ даъват мекунанд, рад кунед — ин гуна ғояҳо новобаста ба он ки онҳо чӣ қадар зебо садо медиҳанд, аз варта меоянд.

Илоҳиётшиносӣ бояд дар амал, дар муносибатҳои конкретӣ бо одамони дигар зоҳир шавад.

«...Агар росткории шумо аз росткории китобдонон ва фарисиён зиёд набошад...» — гуфта буд Худованди мо, яъне «шумо бояд аз хушахлоқтарин касоне ки медонед, хушахлоқтар бошед». Шумо шояд ҳама чизро оид ба таълимот дар бораи тақдис медонед, аммо оё шумо воқеан ҳангоми ба мушкилот дучор шудан онро ба кор мебаред? Ҳар лаҳзаи умри шумо дар ҳама ҷиҳатҳои он — ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва рӯҳонӣ — бояд бо як ченак — ченаки кафорат баҳо дода шавад.

239. ФОИДАИ ДУО ДАР ЧӢ АСТ?

«Худовандо, дуо гуфтанро ба мо ёд деҳ» (Луқо 11:1).

Ба шахси ҷисмонӣ ҳатто ба фикраш намеояд, ки дуо гӯяд. Мегӯянд, ки агар одам дуо нагӯяд, аҳволаш бад мешавад. Ман шахсан ба ин шубҳа дорам. На аҳволи одам, балки аҳволи Писари Худо, ки дар вай зиндагӣ мекунад, бад мешавад, зеро ки ин ҳаёт на бо ғизо, балки бо дуо дастгирӣ мешавад. Ҳангоме ки шахс аз олами боло таваллуд мешавад, ҳаёти Писари Худо дар вай таваллуд мешавад, ва ӯ метавонад онро гурусна нигоҳ дорад ё онро дастгирӣ кунад. Ва ягона роҳи дастгирӣ кардани ин ҳаёти Худо — дуо аст. Дар ҳеҷ чое дар Аҳди Ҷадид нуқтаи назари одатии мо дар бораи дуо мавҷуд нест. Мо онро ҳамчун воситаи ба даст овардани чизе барои худамон меҳисобем — Китоби Муқаддас мегӯяд, ки дуо ба мо барои он дода шудааст, ки Худи Худоро бишносем.

«Талаб кунед, то бигиред» (Юҳ.16:24). Мо шиква ва норозигӣ мекунем, гоҳ барои имон мубориза мебарем, гоҳ аз мубориза

хаста мешавем, аммо хеле хоҳиш мекунем. Ва чӣ гуна кӯдакон далерона хоҳиш мекунанд, ҳангоме ки онҳо на чун калонсолон, балки чун кӯдакон рафтор мекунанд! Худованди мо мефармояд: «Агар...монанди кӯдакон нашавед...» (Мат.18:3). Хоҳиш кунед — ва Худо ҳама корро мекунад. Ба Исои Масеҳ имкон диҳед, ки амал намояд. Аммо ҳеҷ кас онро ба Масеҳ намедиҳад, то даме ки аҳволаш бад мешавад. Ва ҳангоме ки шахс ба ин ҳолат мерасад, дуо кардан дигар ба назари ӯ зоҳиршавии сустӣ ва тарс нест, танҳо бо ёрии дуо ӯ метавонад бо воқеияти Илоҳӣ робита пайдо кунад. Дар назди Худо худи худатон бошед, дар бораи ҳамаи он чи шуморо безобита мекунад, дар бораи ҳамаи он соҳаҳое ки коре аз дастатон намеояд, гап занед. Аммо ҳоло, ки ба шумо чунин метобад, ки коре карда метавонед, аз Худо чизе талаб кардан чӣ маъно дорад?

«Дуо дунёро дигар мекунад» гуфтан он қадар дуруст нест, аниктараш, дуо маро дигар мекунад ва ман аллакай дунёро дигар мекунам. Худо ҳама чизро чунон тартиб додааст, ки дуое ки бар кафорат асос ёфтааст, тамоми ҷаҳонбинии инсон, назари ӯро ба зиндагӣ дигар мекунад. Моҳияти дуо дар он нест, ки вай метавонад чизи беруниро тағйир диҳад, моҳияти дуо дар он аст, ки дар рӯҳи дуокунанда мӯъҷизаҳо ба амал меоварад.

240. ДАРАҶАИ ОЛИИ НАЗДИКӢ

«Оё ба ту нагуфтам, ки агар имон оварӣ, ҷалоли Худоро хоҳи дид?» (Юҳанно 11:40).

Ҳар гоҳ ҷуръат намуда, бо имон зиндагӣ кунед, баъзе ҳолатҳоеро мебинед, ки аз нуқтаи назари ақли солим ба имони шумо мухолифат мекунанд. Ақли солим имон нест ва имон ақли солим нест, муносибати байни онҳо ҳамон гуна аст, ки байни ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ аст. Оё шумо метавонед ба Исои Масеҳ дар он масъалаҳое боварӣ кунед, ки ақли солими шумо ба Ӯ боварӣ карда наметавонад? Ҳангоме ки ақли солим ба шумо нидо мекунад: «Ин дурӯғ аст?», шумо метавонед далерона ба суханони Исои Масеҳ такя кунед. Дар болои кӯҳ гуфтан

осон аст: «Бале, ман боварӣ дорам, ки Худо ин корро карда метавонад», аммо шумо бояд ба водии пур аз девҳо фуромада, бо фактҳое рӯ ба рӯ шавед, ки тамоми имонатонро, ки аз кӯҳи Дигаргуншавӣ овардаед, масхара мекунанд. Ва ҳар гоҳ моҳияти имонам бароям бениҳоят равшан гардад, ҳатман бо чизе рӯ ба рӯ хоҳам шуд, ки хилофи ин имон бошад. Ҳамин ки гӯям, ки Худо дар хусуси ҳама эҳтиёҷҳои ман ғамхорӣ мекунад, ҳама захираҳоям тамом мешаванд ва дурнамо боқӣ намемонад, ва он гоҳ маълум мешавад, ки ман аз имтиҳони имонам мегузарам ё ба сатҳи пасттар мефароям.

Имон бояд санҷида шавад, зеро он танҳо пас аз гузаштан аз имтиҳон моли шахсии инсон мешавад. Ҳозир ба имони шумо чӣ зиддият мекунад? Ин имтиҳони имонатон ё ҳақ будани онро исбот мекунад, ё онро мекушад. «Ва хушо касе ки дар ҳаққи Ман ба васваса наафтад» (Мат.11:6). Дар ниҳояти кор, ҳамааш ба он вобаста аст, ки шумо ба Масеҳ чӣ қадар боварӣ доред. Ба Ӯ устуворона бовар кунед, ва он гоҳ ҳар чизе ки бо он дучор мешавед, имони шуморо танҳо мустаҳкам мекунад. Дар зиндагии имон имтиҳонҳо хотима намеёбанд ва охирин озмоиши бузург ҳамеша дар пеш аст — марг. Бигузор Худо роҳ надиҳад, ки дар ин мубориза қуввату ғайратамонро аз даст диҳем! Имон боварии маънидоднашаванда ба Худост, бовариест, ки ҳатто тасаввур карда наметавонад, ки Худо ақаллан як қадам аз мо дур мешавад.

241. ОЁ МАСЕҲ МАРО БОВАР КУНОНД?

«*...Аммо аз он шод нашавед, ки арвоҳ ба шумо итоат мекунанд; балки аз он шод бошед, ки номҳои шумо дар осмон навишта шудаанд*» (Луқо 10:20).

Исои Масеҳ моҳиятан мегӯяд: «Аз муваффақияти хизматат шод нашав, аз он шодӣ кун, ки дар муносибатат бо Ман ҳама чиз хуб аст». Дар кори масеҳӣ як дом вуҷуд дорад — мо метавонем аз хизмати муваффақиятнок шод шавем, аз он шод шавем, ки Худо моро дар кори худ истифода мебарад. Аммо шумо ҳатто

баҳо додан, андоза карда наметавонед, ки Худо ба воситаи шумо чӣ кор карда метавонад, агар шумо бо Исои Масеҳ муносибати дуруст дошта бошед. Ин муносибатро бо Ӯ нигоҳ доред, ва он гоҳ, новобаста ба он ки дар кадом ҳолатҳо дучор мешавед, новобаста ба он ки рӯз аз рӯз бо кӣ вохӯред, Масеҳ дарёҳои оби ҳаётро ба воситаи шумо ҷорӣ мекунад ва бо марҳамати худ намегузорад фаҳмед, ки ин дарёҳо чӣ тавр ва ба куҷо ҷорӣ мешаванд. Агар шумо дар масъалаи наҷот ва муқаддасӣ бо Худо муносибатҳои дуруст дошта бошед, дар хотир доред, ки дар ҳар ҷое ки бошед, бо хости Худо дар он ҷо ҳастед, ва бо аксуламал ба вазъиятҳои атрофатон нияти Худоро иҷро хоҳед кард, то даме ки дар нур ҳастед, чунон ки Худо дар нур аст.

Имрӯз ҳама дар бораи хизмат гап мезананд. Аз одамоне ки ҳама чизро аз рӯи самаранокӣ доварӣ мекунанд, эҳтиёт шавед. Агар чунин муҳокимаронӣ кунед, пас Исои Масеҳ бузургтарини нобарорҳо буд. Ситораи роҳнамои шахси муқаддас худи Худост, на баъзе самаранокиҳои субъективӣ. Гап дар он корест, ки Худо ба воситаи мо мекунад, на он коре ки мо барои Ӯ мекунем. Дар ҳаёти инсон Худованди мо ба муносибати ӯ бо Падар диққати асосӣ медиҳад. Исо «фарзандони бисёрро ба ҷалол» мерасонад (Ибр.2:10).

242. ШОДИИ МАН...ШОДИИ ШУМО

«*...шодии Ман дар шумо бимонад ва шодии шумо комил бошад*» (Юҳанно 15:11).

Оё Исо чунин шодӣ дошт? Истифодаи калимаи «шодӣ» нисбат ба Исои Масеҳ таҳқир аст. Шодии Исо дар итоаткории пурра ба Падари худ ва дар фидокорӣ буд, барои Ӯ шодӣ он буд, ки кореро иҷро кунад, ки Падар Ӯро барои иҷрои он фиристода буд. «Иродаи Туро эй Худои ман ба ҷо овардан мехоҳам» (Заб.39:9). Масеҳ дуо мекард, ки шодии мо доимо зиёд шавад, то он даме ки он монанди шодии Ӯ шавад. Оё ман ба Исои Масеҳ имконият додаам, то ба ман нишон диҳад, ки Ӯ чӣ гуна хурсандӣ дорад?

Моҳияти аслии ҳаёти ман на дар саломатии бадан аст, на дар он чизе ки дар берун рӯй медиҳад, на дар он аст, ки ман муваффақияти худро дар кори Худо мебинам, балки дар фаҳмиши комили Худо ва дар чунин мушоракат бо Ӯст, ки худи Исо дошт. Ва аввалин чизе ки метавонад ба ин шодӣ халал расонад, хашмгинӣ аз чизҳои майда-чуйда, ташвишу давуғеҷи аз ҳад зиёд барои вазъият аст. «Ташвишҳои ин зиндагӣ, — гуфт Исо, — каломро пахш мекунанд» (Марқ.4:19). Пеш аз он ки мо дарк кунем, ки бо мо чӣ рӯй дода истодааст, моро паҳлӯи берунии ҳодисаҳо бо худ банд мекунанд. Ҳама корҳое ки Худо барои мо кардааст, танҳо ибтидо аст, Ӯ мехоҳад, ки моро ба ҷое оварад, ки мо шоҳидони Ӯ бошем ва кӣ будани Исоро эълон кунем.

Нисбати Худо мавқеи дурустро ишғол кунед, шодии худро дар ин ёбед — ва дарёҳои оби зинда аз шумо ҷорӣ хоҳанд шуд. Барои Исои Масеҳ обанборе шавед, чашмае шавед, ки аз он оби зинда ҷорӣ мешавад. Танҳо дар бораи худ фикр карданро бас кунед, муқаддаснамои худписанд буданро бас кунед — зиндагии «бо Масеҳ дар Худо ниҳон»-ро ба сар баред (Қӯл.3:3). Зиндагӣ бо Худо мисли нафаскашӣ табиӣ аст, новобаста ба он ки шумо дар куҷоед. Шумо бештар баракатҳоро аз ҳаёти он одамоне гирифтаед, ки худашон ба ин шубҳа надоштанд.

243. СӮИ МУҚАДДАСӢ

«...Муқаддас бошед, чунки Ман қуддус ҳастам» (1 Петрус 1:16).

Ҳамеша ба худ ёдрас кунед, ки мақсади ҳаётатон дар чист. Таъйиноти инсон на хушбахтӣ, на саломатӣ, балки муқаддасӣ аст. Дар замони мо одамон манфиатҳои аз ҳад зиёд доранд ва хоҳишҳое ки аз ин манфиатҳо ба вуҷуд меоянд, ҳатто хоҳишҳои дуруст, нек, наҷиб, моро ба ҳалокат мерасонанд. Шояд онҳо рӯзе амалӣ шаванд, аммо ҳозир ба Худо лозим меояд, ки онҳоро нобуд кунад. Барои инсон танҳо як чиз муҳим аст — оё ӯ чунин Худоеро, ки ӯро муқаддас гардондан мехоҳад, қабул мекунад. Инсон ҳатман бояд нисбати Худо мавқеи дурустро ишғол кунад.

Оё ман бовар мекунам, ки бояд муқаддас шавам? Оё ман бовар мекунам, ки Худо метавонад ба ман дохил шавад ва маро муқаддас гардонад? Агар бо мавъизаи худ маро бовар кунонед, ки ман муқаддас нестам, ман аз мавъизаи шумо хашмгин мешавам. Мавъизаи Инҷил боиси хашми зиёди ман мешавад, зеро он маро бечуну чаро бовар мекунонад, ки муқаддас нестам. Аммо дар баробари хашму ғазаб, он ҳамчунин хоҳиши пурэҳтиросро ба вуҷуд меоварад.

Худо барои инсоният танҳо як маънои зиндагиро муқаррар кардааст — муқаддасӣ. Мақсади ягонаи Ӯ ба вуҷуд овардани муқаддасони бештар аст. Худо як мошин нест, ки одамонро то абад баракат диҳад. Ӯ на аз боиси раҳм ба одамон барои аз ҳалокат наҷот додани онҳо омадааст, Ӯ омадааст одамонро аз ҳалокат наҷот диҳад, зеро онҳоро барои муқаддасӣ офаридааст. Маънои калимаи «кафорат» дар он аст, ки Худо метавонад бо марги Исои Масеҳ ягонагии комилро байни Худ ва ман барқарор намояд, ва дар байни мо абре ҳам намегузарад.

Шумо набояд (аз боиси дилсӯзӣ ба худ ва ё ба ягон каси дигар) ба ягон одате ки ба қудсияти Худо мувофиқат намекунад, қабул намоед. Муқаддасӣ қадамгузории пок бо пой, сухани пок бо даҳон, тафаккури пок бо майна аст. Ҳар он чизе ки дар ман ва ҳаёти ман аст, зери назари чиддии Худост. Муқаддасӣ на танҳо он чизест, ки Худо ба ман медиҳад, балки он аст, ки чизе ки Худо ба ман додааст, дар ман зоҳир мешавад.

244. СИРРИ ФИДОКОРӢ

«Ҳар кӣ ба Ман имон оварад...аз батни вай наҳрҳои оби ҳаёт ҷорӣ хоҳад шуд...» (Юҳанно 7:38).

Масеҳ нагуфтааст: «Ҳар кӣ ба Ман имон оварад, баракати тамоми пуррагии Худоро дарк хоҳад кард». Ӯ гуфт: «Ҳар кӣ ба Ман имон оварад, ҳар чӣ бигирад, аз батни ӯ берун меравад». Таълимоти Худованди мо ҳамеша зидди ба одам додани имконияти фаъолият нигаронида шудааст. Мақсади ӯ аслан он нест, ки одам тамоми имкониятҳои худро нишон диҳад,

мақсади Ӯ он аст, ки одам ба Ӯ шабоҳати пурра пайдо кунад (ва Писари Худо ба ҳеҷ ваҷҳ Худро дареғ надошт). Агар мо ба Масеҳ имон дошта бошем, на он чи мо ба даст меоварем, балки он чи Ӯ ба воситаи мо мегузаронад, муҳим аст. Худо моро хӯшаҳои ангури дастнарсида намегардонад, Ӯ тамоми шарбатро аз мо берун мекунад. Аз ҷиҳати рӯҳонӣ мо наметавонем ба ҳаёти худ аз нуқтаи назари муваффақият баҳо диҳем, мо метавонем онро танҳо аз нуқтаи назари он чи Худо ба воситаи мо мегузаронад, баҳо диҳем — ва мо инро андоза карда ва баҳо дода наметавонем.

Ҳангоме ки Марям аз Байт-Анё кӯзаи равғани атрафшони гаронбаҳоро шикаста, ба сари Исо рехт, аз нигоҳи ҳамаи ҳозирон ин як амали нофаҳмо буд, ҳатто шогирдон онро исрофкорӣ номиданд. Аммо Исо Марямро барои вафодории аз ҳад зиёди вай ситоиш кард ва гуфт, ки дар ҳар ҷое ки Инҷили Ӯ мавъиза карда мешавад, «кори вай низ барои ёдоварии вай зикр меёбад» (Марқ.14:9). Ҳангоме ки Худованди мо мебинад, ки яке аз мо, на эҳтиёткорона, балки бо вафодории беохир ба Ӯ, кори кардаи Марямро мекунад, ин ба Масеҳ шодии бебаҳо мебахшад. Худо ҳаёти Писари Худро барои наҷот додани ҷаҳон фурӯ рехт, аммо оё мо тайёрем ҳаёти худро барои Ӯ фурӯ резем?

«Ҳар кӣ ба Ман имон оварад, аз он...аз батни вай наҳрҳои оби ҳаёт ҷорӣ мешаванд» ва ин об доимо садҳо зиндагиро обшор хоҳад кард. Вақти он расидааст, ки «зарфи ҳаёти худро бишканед», қаноатмандӣ хостанро бас кунед ва фурӯ рехтани он чиро ки дар шумо ҳаст, сар кунед. Худованди мо мепурсад, ки кадоме аз мо барои Ӯ ин корро мекунад?

245. ДАР БОРАИ ЗАРАРИ РАФЪ НАМУДАНИ ТАШНАГӢ

«Вале ӯ нахост, ки онро бинӯшад, ва онро ҳамчун ҳадияи рехтанӣ барои Худованд рехт» (2 Подшоҳон 23:16).

Чӣ чиз дар вақтҳои охир барои шумо чун об аз чоҳи Байт-Лаҳм буд — муҳаббат, дӯстӣ, баракати рӯҳонӣ? Пас, агар

ин обро бинӯшед, то ташнагии худро бишканед, онро бо хатар ба ҷони худатон мекунед. Агар нӯшед, ин обро барои ҷалоли Парвардигор рехта наметавонед. Шумо чизеро, ки ташнагии худро бо он рафъ мекунед, ҳаргиз ба Худо бахшида наметавонед. Агар ин ташнагиро бо баракатҳои Худо рафъ намоед, онҳо шуморо эрка мекунанд: онҳоро қурбонӣ кардан, «рехтан» лозим аст, бо онҳо кореро кардан лозим аст, ки ақли солим исрофкории беасос меномад.

Чӣ гуна ман муҳаббат ё баракати рӯҳонии худро «барои ҷалоли Парвардигор резам»? Ягона роҳ ин аст, ки бо ақл ин қарорро қабул кунед. Одамон метавонанд корҳое кунанд, ки агар Худоро нашиносед, қабул карданатон ғайриимкон аст, зеро подоши онҳоро додан аз қудрати инсонӣ берун аст. Аммо ҳангоме ки ман мегӯям: «Ман хеле хурд ва нолоиқам, то ки инро қабул кунам, чунин туҳфаҳо умуман барои одам пешбинӣ нашудаанд», ман дарҳол бояд чизи гирифтаамро «барои ҷалоли Худованд бирезам» ва он чизе ки ман рехтам, ба дарёҳои оби ҳаёт табдил меёбад, ки дар гирду атроф паҳн мешаванд. Ва то ҳадяамро нарезам, он ба одамони дӯстдоштаам ва ба худам таҳдид мекунад, зеро он ба шаҳват мубаддал мешавад, зеро мо метавонем ҳатто дар он ҷое ки ҳеҷ чизи паст нест, ва ҳама чиз «пок» ба назар мерасад, шаҳватпараст бошем. Муҳаббат бояд ба нуқтаи тағйирёбӣ расад, ки аз он берун барои ҷалоли Худованд мерезад.

Агар аз ҳама кас ва ҳама чиз хашмгин шуда бошед ва дар худ маҳдуд шуда бошед, ин аз он сабаб рӯй додааст, ки вақте Худо ба шумо баракат фиристод, онро аз худ кардед. Ва агар шумо онро аз худ намекардед, агар шумо онро «барои ҷалоли Худованд мерехтед», меҳрубонтарин ва хушмуомилатарин шахси рӯи замин мешудед. Агар шумо ҳамеша баракатҳоро фақат қабул кунед ва ҳеҷ гоҳ «барои ҷалоли Худованд рехтан»-и чизеро ёд нагиред, ба ҳеҷ кас ёрӣ намерасонед ҳамон чиро бинад, ки пештар надида буд.

246. НА АЗ ОНИ ШУМО, БАЛКИ АЗ ОНИ Ӯ!

«...Онҳо аз они Ту буданд, ва Ту онҳоро ба Ман ато кардӣ» (Юҳанно 17:6).

Миссионер касест, ки Рӯҳулқудс ба ӯ ошкор кардааст, ки «Шумо аз они худ нестед» (1Қӯр.6:19) чӣ маъно дорад. «Ман аз они худ нестам» гуфтан — ба марҳалаи муҳим дар роҳи бузургии рӯҳонии ҳақиқӣ расидан аст. Маънои ҳаёт дар тамоми гардиши он дар худсупории бошууронаи худ ба шахси дигар аст, ва ин шахси дигар Исои Масеҳ аст. Рӯҳулқудс ба ман мефаҳмонад, ки Исои Масеҳ кист, то ки маро на як экспонати осорхона, балки бо Худованд як созад.

Худованди мо ҳеҷ як шогирди Худро дар асоси он чи барои онҳо карда буд, нафиристодааст. Масеҳ танҳо пас аз эҳё шуданаш гуфт: «Биравед», ва шогирдон дар қудрати Рӯҳулқудс ҳис карданд, ки Ӯ дар ҳақиқат кист.

«Агар касе назди Ман ояд ва...ҷони худ нафрат накунад, вай наметавонад шогирди Ман бошад» (Луқ.14:26). Шояд ӯ одами хуб бошад, рафтори шоиста кунад, аммо наметавонад шахсе бошад, ки Исо бар ӯ «аз они Ман» нависад. Ва ҳар кадоме аз пайвандҳое ки Худованди мо зикр мекунад, бо садоқати мо ба Ӯ рақобат карда метавонанд. Ман қарор дода метавонам, ки ба модарам, занам ё худам тааллуқ дошта бошам ва дар ин ҳолат ман шогирди Масеҳ шуда наметавонам. Ин маънои онро надорад, ки ман наҷот намеёбам, балки маънои онро дорад, ки ман аз они Ӯ буда наметавонам.

Худованди мо шогирди Худро моли Худ месозад ва тамоми масъулиятро барои ӯ ба дӯш мегирад: «...Ва шумо шоҳидони ман хоҳед буд» (Аъм.1:8). Ба мо Рӯҳе ворид мешавад, ки моро водор менамояд на танҳо коре барои Масеҳ кунем, балки комилан дар ҳама чиз ба ӯ писанд оем. Сирри миссионер дар он аст, ки вай аз они худ нест, балки аз они Масеҳ аст, ва Масеҳ нақшаҳои Худро ба воситаи ӯ амалӣ мекунад. Пас, на аз они худ, балки танҳо аз они Ӯ бошед.

247. БЕДОРИИ МИССИОНЕР

«...Оё натавонистед соате бо Ман бедор бошед?» (Матто 26:40).

Масеҳ мехоҳад, ки мо «бо Ӯ бедор бошем», яъне ҳамаи эътиқодоти худро фаромӯш карда, танҳо бо Ӯ бедор кунем. Дар ибтидо мо на бо Масеҳ, балки барои Масеҳ бедорем. Дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ мо бо Ӯ дар асоси ваҳйҳои Китоби Муқаддас бедор нестем. Худованди мо кӯшиш мекунад моро ҳамроҳаш ба ягон боғи Ҷатсамонии Худ ворид кунад, аммо мо инро намехоҳем, мо мегӯем: «Не, Худовандо, ман намефаҳмам, ки ин даҳшатро аз сар гузарондан чӣ даркор аст». Ва чӣ гуна мо Ӯро фаҳмида метавонем, агар қарор диҳем, ки бо Ӯ дар Ҷатсамонии Ӯ бедор бошем, дар ҳоле ки ҳатто маънои азобҳои Ӯро намедонем? Мо тамоман намедонем, ки чӣ гуна бо Ӯ бедор мондан лозим аст, мо фақат одат кардаем, ки Ӯ бо мо бедор бошад.

Шогирдон Исои Масеҳро то ҳадди имкон, бо тамоми қувва дӯст медоштанд, вале намефаҳмиданд, ки Ӯ чӣ кор карданӣ аст. Дар боғи Ҷатсамонӣ онҳо бо андешаҳо дар бораи ғаму андӯҳи худ ба хоб рафтанд, ва пас аз се соли наздикии зич бо Исо, ҳамаи он «Ӯро вогузошта гурехтанд» (Мат.26:56).

«Ва ҳама аз Рӯҳулқудс пур шуданд» (Аъм.2:4), — низ дар бораи онҳо гуфта шудааст, аммо дар байни ҳодисаҳои якум ва дуюм мӯъҷизае рӯй дод — марг, эҳё ва ба осмон боло рафтани Худованди мо ва бо Рӯҳулқудс пур шудани шогирдон. Худованди мо гуфт: «...Аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо фуруд ояд, қувват меёбед» (Аъм.1:8), ва ин маънои онро дошт, ки онҳо тамоми ҳаёти боқимондаи худ бо Ӯ бедор буданро ёд гирифтанд.

248. ҶАРАЁНИ ПУРИҚТИДОР

«...Наҳрҳои оби ҳаёт» (Юҳанно 7:38).

Дарё дар ҷойҳое ҷорӣ мешавад, ки сарчашмааш дар бораи онҳо чизе намедонад. Масеҳ мегӯяд, ки агар мо пуррагии Ӯро қабул карда бошем, новобаста ба он ки миқёси ҳаёти мо ба назарамон

то чӣ андоза ночиз метобад, аз мо дарёҳое ҷорӣ хоҳанд шуд, ки баракатҳоро то канорҳои замин мебаранд. Мо бо ин дарёҳо ҳеҷ муносибате надорем — «...Кори писандидаи Худо ин аст, ки...имон оваред...» (Юҳ.6:29). Худо кам ба одам имкон медиҳад ба пуррагӣ бинад, ки чӣ қадар ба воситаи ӯ одамони дигарро баракат медиҳад.

Дарё бешубҳа ба мақсади худ мерасад, ҳамаи монеаҳоро ҳатман бартараф мекунад. Он оромона ва ҳамвор ҷорӣ мешавад ва ногаҳон ба як монеа рӯ ба рӯ мешавад; муддате сарбанд ба вуҷуд меояд, вале дере нагузашта об имконияти бо роҳи давродавр ҷорӣ шуданро меёбад. Чунин мешавад, ки дарё муддати зиёд аз назар нопадид мешавад, аммо баъд боз ҳам васеътар ва боҳашаматтар гардида, дар пеши назари мо ҷилвагар мешавад. Шояд шумо мебинед, ки Худо каси дигареро истифода мебарад, аммо ҳаёти шумо дар монеае роҳи баст қарор дорад ва аз шумо ҳеҷ фоидае нест. Дар бораи Сарчашма фикр карданро давом диҳед, ва Худо ё шуморо бо роҳи давродавр роҳнамоӣ мекунад, ё монеаеро, ки дар роҳи шумост, бартараф мекунад. Дарёи Рӯҳи Худо ҳама монеаҳоро аз байн мебарад. Ҳеҷ гоҳ ба монеа ё душворӣ бо диққати зиёд нигоҳ накунед. Дарёе ки аз шумо ҷорӣ мешавад, парвои монеаро надорад, агар шумо Сарчашмаи онро фаромӯш накунед. Ҳеҷ гоҳ нагузоред, ки чизе байни шумо ва Исои Масеҳ пайдо шавад — на эҳсосот ва на хотираҳо. Ҳеҷ чиз набояд диққати шуморо аз ягона Сарчашмаи бузург дур кунад.

Дар бораи дарёҳои васеи шифобахш фикр кунед, ки дар ҷонҳои мо сарчашма мегиранд! Худо ба ақли мо ҳақиқатҳои аҷоибро ошкор мекунад, ва он чизе ки Ӯ ошкор кардааст, ба он дарёе ки Ӯ ба воситаи мо ҷорӣ мекунад, қувваи боз ҳам бузургтареро ваъда медиҳад. Агар шумо ба Масеҳ имон дошта бошед, дар дохили худ дарёҳои пуроби баракатҳоро барои дигарон кашф мекунед.

249. ЧАШМАҲОИ СУДБАХШ

«...Обе ки Ман ба вай медиҳам, дар вай чашмаи обе гардад...» (Юҳанно 4:14).

Дар ин ҷо Худованди мо на дар бораи канал, балки дар бораи чашма сухан меронад. Ҳамеша «пур шавед» (Эфс.5:18) ва ширинии наздикӣ бо Масеҳ аз шумо ҳамон қадар зиёд ҷорӣ мешавад, чунон ки он ба даруни шумо ҷорӣ мешавад. Агар бинед, ки ҳаёти шумо на ба таври даркорӣ ҷорӣ мешавад, худатон айбдоред: ин маънои онро дорад, ки чизе садди роҳи ҷараён шудааст. Робитаро бо Сарчашма гум накунед ва...шумо баракатҳои шахсӣ ба даст меоваред? Не! Дарёҳои оби зинда аз шумо ҷорӣ мешавад, ҳаёте ки ҳеҷ чиз бар он дастболо шуда наметавонад.

Мо бояд обанборе бошем, ки Масеҳ аз он дарёҳои оби ҳаётро рехта тавонад, то ҳамаро баракат диҳад. Баъзе касон чун баҳри Мурда ҳастанд, ки дарёҳои бисёр ба он ҷорӣ мешаванд, вале ҳеҷ дарёе аз он берун намеравад. Онҳо муносибатҳоро бо Исои Худованд кандаанд. Агар мо чизеро аз Ӯ қабул кунем, ҳатман чизе аз мо мерезад ва агар ин тавр нашавад, пас дар муносибатҳои мо бо Ӯ камбудие ҳаст. Оё байни шумо ва Исои Масеҳ ягон монеа ҳаст? Оё чизе шуморо аз боварӣ ба Ӯ бозмедорад? Агар не, Масеҳ мегӯяд, ки аз шумо дарёҳои оби ҳаёт ҷорӣ хоҳанд шуд. Гап дар бораи он нест, ки шумо як баракатро ба касе мерасонед, дар бораи он нест, ки чизеро як бор аз сар мегузаронед, балки дар он аст, ки ҳама вақт ба воситаи шумо як дарё ҷорӣ бошад. Сарчашмаро дар ёд нигоҳ доред, имони худро ба Исои Масеҳ ва муносибатҳои худро бо Ӯ ҳамчун гавҳараки чашм нигоҳ доред ва дарёҳои пуроб ба воситаи шумо ба сӯи одамони дигар ҷорӣ хоҳанд шуд, ки обҳои онҳо хушк намешаванд ва рукуд намекунанд.

«Аз имондор дарёҳо ҷорӣ мешаванд» гуфтан магар муболиға нест? «Ман ягон дарё намебинам», — мегӯед шумо. Ҳеҷ гоҳ ба худ дар асоси кӣ буданатон нигоҳ накунед. Дар таърихи кори Худо шумо қариб ҳамеша мебинед, ки корҳои бузург аз одамони

ноаён ва ношиносе сар шудаанд, ки аз ҳеҷ ҷиҳат барҷаста набуданд, аммо ба Исои Масеҳ садоқати бепоён доштанд.

250. ХУДАТ БИКУН

«...мо дасисаҳо ва ҳар баландгириро, ки бар зидди дониши Худо қиём мекунад, сарнагун месозем» (2 Қӯринтиён 10:4–5).

Мо душманоне дорем, ки бояд бераҳмона нест карда шаванд. Аз гуноҳ озод шудан маънои аз табиати инсонӣ раҳо шуданро надорад. Ҷиҳатҳои табиати инсонӣ ҳастанд, масалан, хурофотҳое ки шахси муқаддас бояд онҳоро сарфи назар карда, нобуд намояд, ва хурофотҳое ки бояд бо зӯрӣ, бо он қувваи илоҳӣ, ки Рӯҳи Худо ба мо медиҳад, нобуд карда шаванд. Дар баъзе мавридҳо ба ҷанг шитобидан лозим нест, балки танҳо бояд биистем — ва мо наҷоти Худовандро мебинем. Аммо ҳар назария ё консепсияеро, ки бар зидди шинохти Худо девор месозанд, на ба кӯшишҳои ҷисмонӣ ё созишкорӣ, балки ба қувваи Худо такя карда, қатъиян нобуд кардан даркор аст (ниг. 2Қӯр.10:4).

Муборизa танҳо вақте сар мешавад, ки Худо рӯҳияи моро тағйир медиҳад ва мо дар амал фаҳмидани муқаддас шуданро сар мекунем. Ҷанг бар зидди гуноҳ нест: мо ҳеҷ гоҳ бо гуноҳ мубориза бурда наметавонем, Исои Масеҳ ба воситаи кафорат масъалаи гуноҳро ҳал кард. Муборизаи мо ин аст, ки ҳаётамон аз ҷисмонӣ ба рӯҳонӣ табдил ёбад ва ин ҳеҷ гоҳ осон нест, ва Худо нияти осон кардани онро надошт. Ин мақсад танҳо қадам ба қадам ба даст меояд, ҳангоме ки мо пайиҳам қарорҳои дуруст қабул мекунем. Худо моро ба маънои хислатамон муқаддас намегардонад, Ӯ моро ба маънои сафед шуданамон муқаддас мегардонад, ва кори мо он аст, ки тадриҷан ва устуворона пайиҳам қарорҳои дуруст қабул карда, сафед шуданамонро ба муқаддасии хислат табдил диҳем. Ва қарорҳои дурусти мо бояд ба хандақҳои ҳаёти ҷисмонии мо, ки ҳамон баландшавӣ бар зидди дониши Худост, ҳамла кунанд. Ва мо метавонем баргардем ва бо сарнавишти номатлуб дар Подшоҳии Худо розӣ шавем, ё

ҳама чизеро, ки бар зидди мо бармехезад, қатъиян нобуд кунем ва ба Исо имкон диҳем, ки боз як писарро ба ҷалол оварад.

251. ХУДАТ БИКУН

«*...Ва ҳар фикрро ба итоати Масеҳ асир мекунем*» (2 Қӯринтиён 10:5).

Мо душманоне дорем, ки бояд бечуну чаро ба итоати Масеҳ дарорем. Ин аст боз як паҳлӯи зиндагии душвори муқаддаси Худо. Павлус мегӯяд, ки мо ҳама нақшаҳои худро асир мекунем, то онҳоро маҷбур кунем, ки ба Масеҳ итоат кунанд. Мо имрӯз дар атроф хеле бисёр корҳои масеҳиро мебинем, ки ҳеҷ гоҳ ба Масеҳ тобеъ набуданд, балки танҳо бо таҳрики неки касе сар шудаанд! Дар ҳаёти Худованди мо ҳар як кор ба хости Падари Ӯ итоат мекард. Ӯ хости Худро, ки аз хости Падар фарқ мекарда бошад, надошт — «Писар наметавонад аз Худ чизе ба амал оварад» (Юҳ.5:19). Биёед мову шуморо мисол гирем — мо дарҳол ҳар як таассурот ва эҳсосоти зиндаи худро, ҳар як таҳрики худро ба амал татбиқ мекунем, ба ҷои он ки онро гирифта, ба Масеҳ тобеъ кунем.

Имрӯзҳо ба масъалаҳои амалӣ аз ҳад зиёд диққат дода, муқаддасонеро, ки ҳар як нақшаи худро асир мекунанд, ҳама ва ҳарҷониба танқид мекунанд. Ба онҳо гуфта мешавад, ки онҳо дар бораи Худо ё ҷонҳои ҳалокшуда муносибати ҷиддӣ намекунанд. Аммо ҷиддияти аслӣ дар итоат ба Худост, на дар он хоҳиши хизмат ба Ӯ, ки дар табиати инсонии ба Худо мутеънашуда тавлид мешавад. Аҷоиб, аммо ҳақиқат аст: муқаддасон ҳар андешаи худро асир намегардонанд, балки бо таҳрики табиати инсонии худ, ки бо итоаткории бечуну чаро ба Масеҳ рӯҳонӣ карда нашудааст, барои Худо кор мекунанд.

Мо одатан фаромӯш мекунем, ки шахс ба Исои Масеҳ на танҳо барои наҷот, балки инчунин барои гирифтани назари дуруст дар бораи Худо, ҷаҳон, гуноҳ ва иблис муроҷиат мекунад, ва ин маънои онро дорад, ки шахс бояд масъулияти

худро барои «тағйир додани худ бо таҷдиди ақли худ» (ниг. Рум.12:2) дарк кунад.

252. МИССИОНЕРҲО ДАР КУҶО ТАЙЁР КАРДА МЕШАВАНД

«*...Ҳангоме ки дар зери дарахти анҷир будӣ, Ман туро дидам*» (Юҳанно 1:48).

Дар ҳар фурсат Худоро парастиш кунед. Ба назари мо, ҳангоме ки замони озмоишҳои сахт фаро мерасад, мо дар авҷи мавқеамон хоҳем буд, аммо озмоишҳои сахт ба мо танҳо он чизеро нишон медиҳанд, ки дар дарун дорем, дар мо чизи наве ба вуҷуд намеоваранд. «Агар Худо маро даъват кунад, ман, албатта, обрӯи худро аз даст намедиҳам». Аз даст медиҳед, агар дар рӯзҳои оддӣ, бе ягон озмоиш, аз даст надодани обрӯи худро ёд нагирифта бошед, агар ҳама вақт пеш аз омадани озмоишҳо дар назди Худо ҷиддӣ зиндагӣ накарда бошед. Агар кори дар пеши назаратон бударо накунед, ва ин кор аз он сабаб дар пеши назари шумост, ки ин ҳолатро Худо ба шумо мефиристад, пас ҳангоме ки озмоиш фаро мерасад, ба он тоб оварда наметавонед: дар озмоишҳо хислат таваллуд намешавад, балки зоҳир мешавад.

Унсури муҳими ба озмоишҳо тайёр будан — ҳангоме ки касе намебинад, хоҳиши парастидани Худои ягонаро доштани мост. Замоне мерасад, ки дигар ҳеҷ гуна «дарахти анҷир» нест, ҳама чиз ба чашми дигарон кушода мешавад, ҳангоме ки шумо дар пеши назарҳо ва дар рӯшноӣ хоҳед буд, ва ҳама корҳои шуморо тамошо мекунанд — ва он гоҳ мефаҳмед, ки агар тамоми фурсатро барои парастиши Худо дар хона истифода набурда бошед, ҳеҷ арзише надоред. Дар ҳаёти шахсии худ масъалаи парастиши Худоро ҳал кунед, ва он гоҳ, ҳангоме ки Худо шуморо ба ҷое раҳнамоӣ мекунад, шумо ба ҳама чиз тайёр мешавед, зеро дар ҳаёте ки аз чашмони бегона пинҳон аст, ва онро ғайр аз Худо касе надидааст, шумо ба зиндагӣ дар назди мардум ва ба ҳама гуна озмоишҳо хуб тайёр шудаед, ва ҳангоми дар ҳама гуна озмоишҳо Худо метавонад ба шумо такя кунад.

«Аммо Ӯ интизор нест, ки ман дар шароити худ ҳаёти муқаддас ба сар хоҳам бурд — ҳоло ман вақти дуо кардан надорам, вақти хондани Китоби Муқаддас надорам, вақти ман ҳанӯз нарасидааст. Ва ҳангоме ки меояд, албатта, ман ба ҳама чиз тайёр мешавам». Не, тайёр намешавед. Агар тамоми фурсатро барои парастиши Худо истифода набурда бошед, пас ҳангоме ки аз пайи кор мешавед, на танҳо ҳеҷ кор аз дастатон намеояд, балки худатон ба онҳое ки дар назди шумо ҳастанд, халали беандоза зиёд мерасонед. «Курси сарбози ҷавон»-ро миссионер дар ҳаёти аз мардум пинҳон, дар танҳоӣ бо Худо мегузарад.

253. МИССИОНЕРОН ДАР КУҶО ТАЙЁРӢ МЕБИНАНД

«*Пас агар ман, ки Устод ва Худованд ҳастам, пойҳои шуморо шустаам, шумо ҳам бояд пойҳои якдигарро бишӯед*» (Юҳанно 13:14).

Ба дигарон дар он ҷое хизмат кунед, ки имкониятҳои хизмат дар атрофатон ҳастанд. Ин маънои онро надорад, ки мо бояд муҳити худро интихоб кунем, ин маънои онро дорад, ки ҳама чизеро, ки моро иҳота мекунад ва баъзан комилан тасодуфӣ ба назар мерасад, Худо барои мо хеле бодиққат интихоб мекунад. Ва рафтори мо дар муҳите ки ҳоло дар он ҳастем, бисёр чизҳоро дар бораи он гуфта метавонанд, ки мо дар муҳити дигар чӣ гуна рафтор хоҳем кард.

Коре ки Исо ба ҷо овард, кори беқадртарин ва ғайри қобили зикр буд, ва ин барои фаҳмидани он ёрӣ мерасонад, ки танҳо дар ҳолати ба ёрӣ даъват кардани тамоми қуввати Худо кори беқадртаринро дар сатҳи илоҳӣ ба ҷо овардан имконпазир аст. Оё ман дастмолро ба дастам мегирам, чунон ки Ӯ онро гирифт? Дастмолҳо, зарфҳои ифлос ва пояфзолҳои чиркин — он чи тамоман ба диламон задааст, аз ҳама бештар метавонад ба мо нишон диҳад, ки мо чӣ арзиш дорем. Барои дуруст ба ҷо овардани вазифаи ночизтарини худ мо ба ёрии худи Худованди бузург, ки инсон шуд, эҳтиёҷ дорем.

«Зеро ба шумо намунае нишон додам, то, чунон ки Ман ба шумо кардам, шумо низ бикунед» (Юҳ.13:15). Ба одамоне ки Худо шуморо дар муҳити онҳо гузоштааст, нигаред, ва фурӯтантар шуданатон осонтар мешавад, ҳангоме мефаҳмед, ки ба воситаи ин одамон Худо нишон медиҳад, ки шумо барои Ӯ кӣ будед: «Акнун, — мегӯяд Ӯ, — ҳар он чиро, ки ба ту зоҳир намудаам, ба ин одам зоҳир намо».

«Ҳамин ки ба кори миссионерӣ равам, албатта, зоҳир менамоям», — мегӯед шумо. Инро гуфтан ба тайёр кардани таҷҳизоти ҳарбӣ дар хандақҳо монанд аст: шумо дар ҳамон ҷо вақти машғулият кушта мешавед.

Мо бояд бо Худо «ду фарсанг» низ биравем (Мат.5:41), ва баъзеи мо аллакай дар даҳ метри аввал аз мусобиқа хориҷ мешаванд, зеро Худо моро ба ҷое даъват мекунад, ки ҳеҷ чиз намоён нест. Ва мо мегӯем, ки «ман интизор мешавам, то ба як чизи ҷиддӣ наздик шавам». Аммо агар мо дар корҳои хурд бо суръати муқаррарӣ надавем, пас, ҳангоме ки ҳақиқатан душвор мешавад, мо ҳеҷ кор карда наметавонем.

254. ИЗТИРОБИ РӮҲОНӢ

«...Шумо намефаҳмед, ки чӣ мехоҳед» (Матто 20:22).

Дар ҳаёти рӯҳонӣ вақтҳои изтироб ҳастанд, ва агар шумо гӯед, ки изтироб набояд бошад, ин корро осон намекунад. Ва гап аслан дар он нест, ки мо дуруст ё нодуруст рафтор мекунем, сухан дар бораи он аст, ки Худо моро ба роҳе мебарад, ки мо ҳанӯз намефаҳмем, ва танҳо баъди гузаштан аз изтироб мо мефаҳмем, ки Худо чӣ мехоҳад.

Пардаи дӯстии Ӯ (Луқ.11:58). Исо ба мо дар бораи марде нақл кард, ки гӯё ба он чизе ки бо дӯсташ рӯй медиҳад, парво намекард, ва гуфт, ки баъзан мо чунин меҳисобем, ки Падари Осмонӣ бо мо маҳз ҳамин гуна муносибат мекунад. Ба назари мо, дӯстон мисли Худо рафтор намекунанд, аммо дар хотир доред: ин тавр нест — замоне фаро мерасад, ки Худо ҳама чизро мефаҳмонад. Дӯстии моро абрҳо фаро мегиранд, ва

аксар вақт ҳатто на ба дӯстӣ, балки ба худи муҳаббат лозим меояд бо гиряву дард наздикии пурратар бо Худоро ҳамчун баракат интизор шавад. Ҳангоме ки Худо, чунон ки ба назари мо метобад, бо ягон парда аз назари мо пӯшида аст, оё бовариро ба Ӯ нигоҳ медорем?

Сояи Падарии Ӯ (Луқ.11:11–13). Масеҳ мегӯяд, ки Падар баъзан ба назари мо бегона, дилсахт ва бепарво метобад, аммо мо бояд дар хотир дошта бошем, ки ин тавр нест «...зеро ҳар кӣ хоҳиш кунад, мегирад» (Луқ.11:10). Агар шумо ҳоло дар рӯи Падар танҳо сояеро бинед, бовар кунед, ки Ӯ оқибат ошкор мекунад ва мефаҳмонад, ки чаро Ӯ он чиро, ки ҳоло ба сари шумо меояд, роҳ додааст.

Вафодории аҷиби Ӯ (Луқ.18:1–8). «Лекин ҳангоме ки Писари Одам ояд, оё имонро бар замин меёбад?» (Луқ.18:8). Оё Ӯ, бо вуҷуди ҳама нооромиҳо, имонеро, ки комилан ба Ӯ такя мекунад, меёбад? Дар имон устувор бошед ва шубҳа накунед, ки ҳар чизе ки Масеҳ гуфтааст, дуруст аст, ҳатто агар шумо ҳанӯз нафаҳмед, ки Ӯ чӣ кор карда истодааст. Худо аз он чи шумо аз Ӯ талаб мекунед, масъалаҳои бузургтареро ҳал мекунад.

255. ПАС АЗ ОН КИ БА МАСЕҲ ИТОАТ МЕКУНЕМ, ЧӢ МЕШАВАД?

«Ман... Кореро, ки ба Ман супурда будӣ, то бикунам, ба анҷом расондам» (Юҳанно 17:4).

Шумо бояд ба Худо на дар чизи беруна, балки дар дарун, дар иродаи худ итоат кунед — ва агар ин тавр шавад, ҳама чиз иҷро мешавад. Дар ҳаёт қарорҳои ин гуна аҳамиятнок хеле каманд, ҳама чизро итоаткории иродаи мо ҳал мекунад. Худованд ҳеҷ гоҳ иродаи инсонро бо маҷбуран намешиканад ва ҳеҷ гоҳ аз одам илтиҷо намекунад. Ӯ интизор аст, ки шахс иродаи худро ба иродаи Ӯ тобеъ мекунад. Ин масъала як бор ва барои ҳамеша ҳал мешавад.

Итоаткорӣ ва оромӣ. «Назди Ман оед...ва Ман ба шумо оромӣ мебахшам» (Мат.11:28). Мо иродаи худро ба иродаи

Масеҳ тобеъ мекунем ва танҳо пас аз он ки чӣ будани наҷотро мефаҳмем, оромӣ меёбем. Дар ҳар чизе ки дилу ақли моро ба ташвиш меоварад, даъват ба иродаи мо ҳаст: «Назди Ман оед». Ва шумо бояд бо хоҳиши худ биёед.

Итоаткорӣ ва садоқат. «...Агар касе аз пайи Ман омадан хоҳад, бояд худро инкор кунад» (Мат.16:24). Сухан дар бораи итоаткории «ман»-и ман ба Масеҳ меравад, ҳангоме ки оромии Ӯ дар маркази тамоми ҳастии ман ҳукмрон мешавад. «Агар шогирди Ман будан хоҳӣ, тамоми ҳуқуқҳоро, ки ба худ дорӣ, ба Ман деҳ». Ва он гоҳ боқимондаи умри шумо танҳо як зоҳиршавии ин итоаткорӣ хоҳад буд. Ҳамин ки мо ба Масеҳ итоат кунем, мо метавонем калимаҳои «агар ногоҳ...»-ро фаромӯш кунем, ба мо лозим нест, ки дар бораи он чи бо мо рӯй медиҳад, хавотир шавем: Худи Масеҳ ҳама чизро ҳал мекунад.

Итоаткорӣ ва марг. «...Дигаре камари туро мебандад» (Юҳ.21:18–19). Оё шумо мефаҳмед, ки ба марг маҳкум шудан чӣ маъно дорад? Дар импулсҳои эҳсосот ба Худо итоат кардан лозим нест: эҳсосот мегузаранд — итоаткорӣ низ мегузарад. Гап дар сари он аст, ки шумо бояд бо Масеҳ «дар монандии марги Ӯ» муттаҳид бошед (Рум.6:5), то даме ки аз ҳар чизе ки Ӯро ба ташвиш намеовард, ташвиш кашиданро бас мекунед. Ва пас аз он ки мо ба Масеҳ итоаткор шавем, чӣ мешавад? Тамоми ҳаёт пас аз ин ба интизории доимии муошират ҷудонашаванда бо Худо табдил меёбад.

256. ТАСАВВУРОТ ВА ИЛҲОМ

«...*Самимияте ки дар Масеҳ аст*» (2 Қӯринтиён 11:3).

Самимият қобилияти равшан дидани чизҳост. Ба муқаддаси Худо дарҳол қобилияти тафаккури равшан дода намешавад, аммо муқаддас бояд бе кӯшиши зиёд равшан бинад. Шумо бо фикр ба оби лой ворид шуда наметавонед: барои он ки ҳама чиз равшан гардад, шумо бояд ба Худо итоат кунед. Шумо метавонед бисёр чизҳоро ихтироъ кунед, аммо дар соҳаи рӯҳонӣ фикрҳо моро торафт ба дарунтари ҷангали анбӯҳ мебаранд. Агар Худо

ба чизе исрор кунад, ба Ӯ итоат намоед, «ҳар фикрро ба итоати Масеҳ асир кунед» (2Қӯр.10:5), ва ҳама чиз барои шумо ҳамчун рӯзи Худо равшан хоҳад шуд. Қобилияти пай бурдан дертар пайдо мешавад, аммо мо на бо ақл, балки чун кӯдакон мебинем, ва ҳангоме кӯшиш мекунем, ки хирадманд бошем, умуман ҳеҷ чизро намебинем (Мат.11:25).

Чизи ноаёнтарин дар ҳаёти мо, ки онро берун аз назорати Рӯҳулқудс мегузорем, метавонад обро барои мо лой кунад, ва он гоҳ ҳар қадар фикр кунем — ҳеҷ чиз равшан намешавад. Тирагии рӯҳонӣ танҳо бо фармонбардорӣ рафъ мешавад. Ҳамин ки мо ба Худо итоат карданро сар мекунем, хеле хуб дидани ҳама чизро сар мекунем. Ва ин ба фурӯтанӣ мусоидат мекунад, зеро ҳангоме ки нигоҳи мо тира мешавад, мо аллакай медонем, ки ақли мо дар ин айбдор аст. Ва агар мо қобилияти табиии дидани чизеро ба Рӯҳулқудс супорем, он қобилияти дарк кардани хости Худо мегардад ва тамоми ҳаёти мо хеле осонтар мешавад.

257. ЧИРО БОЯД РАД КАРД

«...Аммо чизҳои махфии нангинро рад карда...» (2 Қӯринтиён 4:2).

Оё он чиро, ки эҳтироми худатон ба ошкор гардиданаш имкон намедиҳад, яъне «корҳои пинҳонии нангинро рад кардаед»? Шумо метавонед онҳоро ба осонӣ пинҳон кунед. Оё дар дили худ дар хусуси касе ақаллан ягон фикр доред, ки онро ба намоиш гузоштан намехоҳед? Чунин андешаро баробари пайдо шуданаш рад кунед, ҳама чизро рад кунед, то даме ки дар дилатон ягон амали нангини пинҳонӣ ва макр намонад. Ҳасад, рашк, душманӣ — ҳамаи ин ҳатман аз амали табиати гунаҳкор ба вуҷуд намеояд. Он бевосита аз ҷисм, бевосита аз бадани шумо, ки тамоми умри пештараатон инро омӯхтааст, омада метавонад (ниг. Рум.6:19 ва 1Пет.4:1–2). Ва шумо бояд ҳамеша ҳушёр бошед, то дар ҳаётатон ҳеҷ чизи нангин пайдо нашавад.

«Макрро ба кор намебарем...» (2Қӯр.4:2), яъне принсипи «мақсад воситаҳоро сафед мекунад»-ро ба кор намебарем. Дар

ин ҷо як доми хатарноке ҳаст. Шумо медонед, ки Худо барои шумо танҳо як роҳро кушодааст, пас боэҳтиёт бошед, ҳеҷ гоҳ накӯшед, ки ҷонҳои одамиро дар роҳҳои дигар сайд кунед — агар ин корро кунед, Худо ҷазо медиҳад. Шояд ба назари шумо ягон каси дигар «ҳиларо ба кор мебарад»? Огоҳ бошед: дар асл маълум мешавад, ки ин тавр нест. Худо мехоҳад, ки мо ба худ нигоҳ кунем. Ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунед: мақсади шумо — ҳамаи он чи метавонам, барои ҷалоли Ӯст. Аммо баъзе амалҳои шумо маҳз зоҳиршавии макр хоҳад буд, ки тамоман на ба ин мақсади олӣ нигаронида шудаанд. Ва чунин ҳилагарӣ он ниятҳоеро, ки аз ҷониби Худост, дар ҷони шумо хомӯш мекунад. Бисёриҳо тоб наоварда, ақибнишинӣ мекунанд, зеро метарсанд, ки ба ҳама чиз аз нуқтаи назари Худо нигоҳ кунанд. Ва «нафаси дуюм»-и рӯҳонӣ ҳамон вақт кушода шуда метавонад, ки шахс қадами имонро каме дуртар аз он ки одатан аз рӯи ақидаҳои худ мегузошт, мегузорад.

258. МОҲИЯТИ ИЛОҲИИ ҲАЁТ БО ИМОН

«Лекин ту, вақте ки мехоҳи дуо гӯӣ, ба ҳуҷраи худ даро ва дарро баста, ба Падари худ, ки ниҳон аст, дуо гӯй» (Матто 6:6).

Моҳияти тамоми ҳаёт аз рӯи имон оддӣ аст: на ба одамон, балки ба Худо нигоҳ кунед. Бояд на барои он дуо гӯед, ки ҳама шуморо ҳамчун шахси дуогӯй шиносанд. Барои худ чунон ҳуҷрае пайдо кунед, то касе надонад, ки шумо дар он дуо мегӯед, дарро маҳкам кунед ва бо Худо пинҳонӣ суҳбат намоед. Ва бигзор шумо ғайр аз шинохтани Падари осмонии худ хоҳиши дигаре надошта бошед. Бе дуои доимии пинҳонӣ шогирд наметавонад чунон, ки барои шогирд шоиста аст, зиндагӣ кунад.

«Ва дар вақти дуо чун халқҳо пургӯӣ накунед...» (Мат.6:7). Худо моро на аз он сабаб мешунавад, ки мо бо ҷидду ҷаҳд ва ғайратмандона дуо мекунем, балки фақат барои он ки Масеҳ фидия дода моро бозхарид намудааст. Саъю кӯшиш ва ғайратмандии мо ба Худо ҳеҷ гуна таассурот намегузоранд. Дуо

на танҳо як воситаи гирифтани чизе аз Худо аст: мо он вақт ҳамин тавр дуо мекунем, ки бори аввал бо Худо зиндагӣ карданро сар мекунем. Дуо хоҳиши пурра бо Ӯ муттаҳид шудан аст. Агар баъди аз олами боло таваллуд шуданамон Масеҳ дар мо инъикос ёфтан гирад, Ӯ маънои солимро ба як тараф тела медиҳад ва муносибатамонро ба он чизе ки дар бораи он дуо мегӯем, ба куллӣ тағйир медиҳад. Мо бо ибораҳои холии парҳезгорона, бе иштироки иродаи худ ва чизеро нахоста дуо мекунем, ва баъд шикоят мекунем, ки Худо дуоҳои моро қабул намекунад.

Ва агар мо дар бораи чизе аз Ӯ хоҳиш накарда бошем, Ӯ ба чӣ ҷавоб диҳад? «...Ҳар чи мехоҳед, талаб кунед» (Юҳ.15:7), — гуфт Исо. Талаб кардан маънои чизе хостанро дорад. Ҳангоме ки Масеҳ дар бораи дуо сухан меронд, Ӯ дар бораи он бо тарзи оддии кӯдакона сухан гуфт. Аммо дар ин ҷо мо ба ҳама чиз бо назари танқидӣ нигоҳ мекунем ва мегӯем: «Ҳа, аммо...Исо „талаб кунед“ гуфт». Албатта ҳамин тавр аст, аммо мо бояд аз Худо он чиро талаб кунем, ки шоистаи Худоест, ки Ӯро ба мо Исои Масеҳ ошкор кардааст.

259. ОЗМОИШҲО ЧӢ ХУБӢ ДОРАНД

«Озмоише ки ба сари шумо омадааст, ҷуз озмоиши одии инсонӣ чизи дигаре нест» (1 Қӯринтиён 10:13).

Калимаи «озмоиш»-ро мо тамоман бемаврид истифода мебарем. Дар ҳамин ҳол, озмоиш гуноҳ нест: мо, ки одам ҳастем, ҳамеша бо озмоишҳо дучор мешавем.

Ба озмоишҳо дучор нашудан маънои аз ҳад зиёд паст рафтанро дорад. Аммо бисёре аз мо аз озмоишҳое азоб мекашем, ки аз барои онҳо азоб кашидан тамоман зарур нест, ва ҳамааш аз он сабаб, ки ба Худо роҳ намедиҳем, ки моро баландтар бардорад, то дар он ҷо бо озмоишҳои мартабаи баландтар дучор шуда тавонем.

Ба кадом озмоишҳои берунӣ дучор шудани шахс ба он вобаста аст, ки ӯ ботинан чӣ гуна аст, яъне ӯ чун шахсият кист. Озмоиш ба табиати шахсе ки ба он дучор мешавад, мувофиқат

мекунад, ва қобилиятҳои ин табиатро ошкор мекунад. Ҳар кас озмоиши худро дорад, ва озмоишҳо мувофиқи он чи ки шахс ба он майл дорад, меоянд.

Озмоиш пешниҳод мекунад, ки роҳро ба сӯи мақсади дилписанд миёнбур кунед — на ба сӯи мақсаде ки бад будани онро медонам, балки ба сӯи мақсаде ки ман хуб меҳисобам. Озмоиш муддате маро тамоман парешон мекунад, ва ман дигар неку бадро фарқ намекунам. Ҳангоме ки мо ба озмоишҳо дода мешавем, мо ҳаваси ҷисмониро худои худ мегардонем ва ин шаҳодат медиҳад, ки мо пештар танҳо аз боиси бечуръатӣ гуноҳ намекардем.

Аз озмоишҳо барканор мондан ғайриимкон аст — бе онҳо ҳаёти мукаммал вуҷуд надорад. Ва набояд фикр кунед, ки ҳеҷ каси дигар ба васвасаҳое ки шумо бо онҳо дучор мешавед, рӯ ба рӯ намешавад. Он чи шумо аз сар мегузаронед, тақдири тамоми насли башар аст, на озмоишҳои истисноӣ, ки ба ҳеҷ кадоме аз одамоне ки то ҳол зиндагӣ карда буданд, номаълуманд. Худо моро аз озмоишҳо наҷот намедиҳад, Ӯ дар миёни озмоишҳо ба мо мадад мерасонад (Ибр.2:18).

260. ОЁ ШУМО МАСЕҲРО ПАЙРАВӢ КАРДА ИСТОДАЕД?

«Ва шумо касоне ҳастед, ки дар озмоишҳои Ман бо Ман будед» (Луқо 22:28).

Исои Масеҳ воқеан дар бадбахтиҳои мо бо мо мемонад, аммо оё аз бадбахтиҳои Ӯ, озмоишҳои Ӯ ҳамроҳаш мегузарем? Бисёре аз мо маҳз ҳамон вақте ки дар таҷрибаи худ мефаҳмем, ки Масеҳ чӣ кор карда метавонад, Ӯро тарк мекунем. Эҳтиёт бошед, ҳангоме ки Худо чизеро дар ҳаёти шумо тағйир медиҳад, санҷед, ки оё шумо бо Исо мемонед ё ба тарафи ҷаҳон, ҷисм ва иблис мегузаред. Мо аломатҳои фарқкунандаи Ӯро дорем, аммо оё мо бо Ӯ даст ба даст қадамгузор ҳастем? «Аз он вақт бисёре аз шогирдонаш аз Ӯ дур шуда, дигар Ӯро пайравӣ накарданд» (Юҳ.6:66).

Озмоишҳои Масеҳ дар тамоми ҳаёти заминии Ӯ давом ёфтанд ва дар тамоми ҳаёти Писари Худо дар мо давом хоҳанд ёфт. Пас оё мо дар ҳаёти ҳозира бо Исо даст ба даст қадамгузор ҳастем?

Ба назарамон, мо бояд худро аз баъзе ҳолатҳое ки Худо дар ҳаётамон роҳ медиҳад, муҳофизат кунем. Ба ҳеҷ вақҳ! Худо ҳама чизро назорат мекунад, ва ҳар чизеро, ки рӯй медиҳад, мо бояд чун як чизи муқаррарӣ қабул кунем ва ҳамеша дар васвасаҳои Ӯ бо Ӯ бошем. Инҳо васвасаҳои Ӯ ҳастанд, на аз они мо; инҳо васвасаҳои ҳаёти Писари Худо дар мо ҳастанд. Мо бо ҳаёти худ шаъну шарафи Исои Масеҳро дастгирӣ мекунем. Пас оё шумо дар озмоишҳое ки ҳаёти Ӯ дар шумо ба онҳо дучор мешавад, ба Писари Худо вафодор ҳастед?

Оё шумо аз Исо дур намешавед? Дар пеши мо роҳест, ки аз боғи Ҷатсамонӣ, аз дарвозаҳои шаҳр гузашта, «берун аз бошишгоҳ» мебарад (Ибр.13:13), мо дар ин роҳ танҳо равонаем, ва дар пеш ҳеҷ гуна пайи пойҳо нест, ва танҳо овозе шунида мешавад: «*Маро пайравӣ намо*».

261. ҚОИДАИ ИЛОҲИИ ҲАЁТ

«*Пас комил бошед, чунон ки Падари шумо, ки дар осмон аст, комил аст*» (Матто 5:48).

Бо ин суханон Худовандамон ба мо насиҳат медиҳад, ки дар рафторамон нисбати ҳама одамон саховатманд бошем. Дар ҳаёти рӯҳонӣ ба ҳеҷ вақҳ мувофиқи майлҳои табиии худ амал намудан мумкин нест.

Ҳама чунин майлҳо доранд — касе ба мо маъқул аст, касе на он қадар. Аммо дар ҳаёти масеҳии худ мо ҳеҷ гоҳ набояд ба чунин писандидан ва написандидан озодӣ диҳем. «...Агар дар нур мегашта бошем, чунон ки Ӯ дар нур аст...» (1Юҳ.1:7), Худо ба мо бо касоне ки майли муошират ба онҳо надорем, мушоракат хоҳад дод.

Худовандамон ба мо на шахси хуб ва на ҳатто масеҳии хуб, балки худи Худоро мисол меовард: «Пас, комил бошед, чунон ки Падари осмонии шумо комил аст». Ба шахси дигар он

чизеро, ки Худо ба шумо нишон додааст, нишон диҳед, ва Худо ба мо имкониятҳои кофӣ медиҳад, то дар амал исбот намоем, ки оё мо комил ҳастем, чунон ки Падари Осмонии мо комил аст. Шогирд будан маънои онро дорад, ки чунон ки Худо ба дигарон таваҷҷуҳ дорад, шумо низ огоҳона ба дигарон таваҷҷуҳ пайдо мекунед: «...Чунон ки Ман шуморо дӯст доштаам, шумо низ якдигарро дӯст доред...» (Юҳ.13:34).

Хислати шахси масеҳӣ на дар амалҳои нек, балки дар монандии ӯ ба Худо зоҳир мегардад. Агар Рӯҳи Худо шуморо аз дарун дигаргун кунад, шумо дар ҳаёти худ на хислатҳои неки инсонӣ, балки хислатҳои илоҳиро зоҳир мекунед. Ҳаёти Худо дар мо маҳз чун ҳаёти Худо зоҳир мешавад, на чун кӯшиши одамии ҳаёти росткорона ба сар бурдан. Сирри масеҳӣ дар он аст, ки дар ӯ бо файзи Худо чизи фавқуттабии табиӣ мешавад ва ин на танҳо дар лаҳзаҳои муошират бо Худо, балки дар корҳои ҳаррӯза, дар майда-чуйдаҳо, зоҳир мешавад. Ҳангоме бо нооромиҳо рӯ ба рӯ мешавем, мо ҳайрон мешавем, ки қувват дорем дар байни ин нооромиҳо оромии ҳайратоварро нигоҳ дорем.

262. ТАЪЙИНОТИ (ВАЗИФАИ) МИССИОНЕР

«Ва алҳол Худованд, ки маро аз батн барои бандагии Худ офаридааст, мегӯяд» (Ишаъё 49:5).

Пас аз он ки мефаҳмем, ки Худо моро барои Худ дар Исои Масеҳ интихоб кардааст, аввалин чизе ки рӯй медиҳад, нест шудани хурофотҳоямон, вайрон шудани ҳудудҳои танг ва «ватанпарастиҳо»-и мост. Мо ғуломоне мешавем, ки ба мақсадҳои Худо хизмат мекунанд. Тамоми инсоният барои он офарида шудааст, ки Худоро то абад ҷалол диҳад ва дар Ӯ баракати абадӣ дошта бошанд. Гуноҳ инсониятро ба роҳи дигар бурд, аммо мақсади Худоро заррае тағйир надод, ва ҳангоме ки мо аз олами боло таваллуд мешавем, Худо ба мо нияти бузурги худро нисбати насли башар мефаҳмонад, маълум мекунад, ки ман барои Худо ба вуҷуд оварда шудаам, аз ҷониби Ӯ офарида шудаам. Ва дар рӯи замин ҳеҷ чиз хурсандибахштар

аз фаҳмидани ин нест. Мо бояд ба ин нақшаи бузурги созандаи Худо бовар карданро ёд гирем. Аввалин коре ки Худо мекунад, ин аст, ки манфиатҳои тамоми ҷаҳонро ба воситаи дили мо мегузаронад. Ба мо муҳаббати Худо, моҳияти Худо ошкор мешавад, ва моҳияти Худои Қодири Мутлақ дар чанд калима хулоса карда шудааст: «*Зеро ки Худо ҷаҳонро чунон дӯст дошт...*» (Юҳ.3:16).

Мо бояд ҳамеша барои нақшаи эҷодкоронаи Худо кушода бошем ва ба ин нақша ниятҳои шахсии худро омехта накунем. Агар мо онро омехта карданӣ шавем, Худо ҳама ниятҳои моро тӯда карда, барҳам мезанад, новобаста ба он ки барои мо чӣ қадар дарднок мешавад. Худо миссионерро барои он офарид, ки хизматгори Ӯ бошад, ки Ӯ дар вай ҷалол меёбад. Ва ҳангоме мо дарк мекунем, ки ба шарофати наҷоте ки Исои Масеҳ ба мо додааст, мо комилан ба Худо мувофиқ шудаем, ба мо ошкор мешавад, ки чаро Исои Масеҳ нисбати мо ин қадар бераҳм аст. Ӯ аз бандагонаш покии мутлақро талаб мекунад, зеро дар дохили онҳо худи моҳияти Худоро ҷой додааст. Мақсади Худоро барои ҳаётатон фаромӯш накунед!

263. МУАЛЛИМИ МИССИОНЕР

«Шумо Маро Устод ва Худованд мегӯед ва рост мегӯед, зеро ки Ман чунин ҳастам» (Юҳанно 13:13).

Муаллим доштан ва аз ӯ омӯхтан як чиз нест. Муаллим доштан маънои онро дорад, ки касе маро беҳтар аз худам мешиносад, ин кас ба ман аз дӯст наздиктар аст, ва ӯ метавонад ба қаъри дилам дохил шуда, ташнагии амиқи маро рафъ намояд, ва ӯ ҳамаи шубҳаҳои маро пароканда кардааст, ҳамаи душвориҳо ва проблемаҳоеро, ки маро азоб медоданд, ҳал кардааст. Муаллим доштан маҳз чунин маъно дорад: «...Устоди шумо якест, яъне Масеҳ» (Мат.23:8).

Худованди мо ҳеҷ гоҳ чизеро бар ман вогузор намекунад, маро маҷбур намекунад, ки он чи Ӯ мехоҳад, бикунам. Баъзан ман ҳақиқатан мехоҳам, ки Худо ба ман таълим диҳад ва маро

ба коре маҷбур кунад, аммо Ӯ инро намехоҳад; ҳангоме ки кайфияти дигар ба сарам меояд, ман мехоҳам, ки Ӯ маро ба ҳолам гузорад, аммо Ӯ инро ҳам намехоҳад.

«Шумо Маро Устод ва Худованд мегӯед» — аммо оё ҳамин тавр аст? Дар захираи луғавии мо калимаҳои «Устод» ва «Худованд» дар мадди аввал нестанд, ба мо калимаҳои «Наҷотдиҳанда», «Тақдискунанда», «Шифодиҳанда» бештар маъқул мебошанд. Ягона калимае ки ба муносибатҳои ҳақиқии байни устод ва шогирд мувофиқат мекунад, «муҳаббат» аст, аммо мо дар бораи муҳаббат дар шакле ки Худо онро зоҳир мекунад, хеле кам медонем. Ва далели ин дар он аст, ки мо аз калимаи «итоаткорӣ»-ро чӣ гуна истифода мебарем. Дар Китоби Муқаддас итоаткорӣ дар муносибатҳои байни шахсиятҳои баробар — Писар ва Падар асос ёфтааст. Худованди мо бандаи Худо набуд, балки Писари Ӯ буд. «*...Агарчи Писар буд,* бо азобе ки кашид, итоатро омӯхт...» (Ибр.5:8). Агар ба мо чунин тобад, ки касе моро идора мекунад, ин далели он аст, ки мо муаллим надорем. Агар мо бо Исо чунин муносибат дошта бошем, мо аз муносибатҳое ки Ӯ мехоҳад, дур ҳастем. Ӯ мехоҳад, ки бо мо чунин муносибатҳо дошта бошад, ки дар онҳо Ӯ табиатан Устод бошад, ҳатто бе он ки мо огоҳ бошем. Мо танҳо бояд донем, ки мо аз они Ӯ ҳастем, то ба Ӯ итоат кунем.

264. МАҚСАДИ МИССИОНЕР

«*...Инак, мо сӯи Ерусалим меравем*» (Луқо 18:31).

Дар ҳаёти ҷисмонӣ мақсадҳои мо ҳангоми пеш рафтанамон тағйир меёбанд. Дар ҳаёти масеҳӣ, мақсад барои мо дар ибтидо гузошта шудааст ва аввал то охир дар як нуқта, дар Шахсияти худи Худованди мо ба ҳам мепайвандад. Мо бо Масеҳ сар мекунем ва бо Масеҳ ба анҷом мерасонем, «...то даме ки ҳамаи мо ба андозаи бузургии пурраи Масеҳ расем» (Эфс.4:13), на ба андозаи тасаввуроти мо дар бораи он, ки ҳаёти масеҳӣ бояд чӣ гуна бошад. Мақсади миссионер иҷрои хости Худост, на танҳо фоиданок будан ва халқҳоро назди Масеҳ овардан.

Албатта, назди Масеҳ овардани халқҳо низ фоида меоварад, аммо мақсадаш ин нест, балки иҷрои хости Худованд аст.

Дар ҳаёти Худованди мо Ерусалим ҷое буд, ки Ӯ ба баландтарин нуқтаи хости Худо — марг дар салиб расид ва агар мо бо Масеҳ ба он ҷо набароем, мо бо Ӯ ҳамдилу ҳаммақсад нахоҳем шуд. Ҳеҷ чиз наметавонист Худованди моро аз роҳи Ӯ ба Ерусалим боздорад. Ӯ кӯшиш намекард аз он деҳаҳое ки Ӯро таъқиб мекарданд, зуд гузашта равад, ё дар он ҷое ки Ӯро муборак мехонданд, муддати зиёдтар монад. На шукргузорӣ ва на носипосӣ Худованди моро як қадам аз мақсади ба Ерусалим боло рафтанаш дур карда натавонист.

«Шогирд аз муаллими худ авло нест» (Мат.10:24). Дар роҳи мо ба Ерусалим низ ҳамин чиз рӯй хоҳад дод. Ба воситаи мо корҳои Худо ошкор мешаванд, одамон баракат меёбанд, як-ду нафари онҳо аз мо барои ин миннатдор мешаванд, аммо дигарон носипосии даҳшатнок нишон медиҳанд, вале ҳеҷ чиз набояд моро аз роҳи мо, яъне боло рафтан ба Ерусалими мо, боздорад.

«Дар он ҷо Ӯро маслуб карданд» (Луқ.23:33). Ҳангоме ки Худованди мо ба Ерусалим боло рафт, ҳамин тавр шуд. Чизе рӯй дод, ки дари наҷотро барои мо кушод. Муқаддасон бо маслуб шудан анҷом намедиҳанд: бо файзи Худо онҳо бо ҷалол анҷом медиҳанд. То он вақт шиори мо ин аст: «Ман ҳам ба Ерусалим боло меравам».

265. «БИРАВ» — ТАЙЁРӢ

«Пас, ҳангоме ки қурбонии худро назди қурбонгоҳ меоварӣ, ва дар он ҷо ба хотират ояд, ки бародарат аз ту норозист, қурбонии худро дар он ҷо назди қурбонгоҳ бимон, ва рафта, аввал бо бародари худ мувосо кун, ва баъд омада, қурбонии худро тақдим кун» (Матто 5:23–24).

Тасаввур кардан осон аст, ки рӯзе мо ба омодагии пурра мерасем, омодагӣ ногаҳон ба даст намеояд — ин як раванди доимӣ аст. Бо дастоварди худ қонеъ гардида, осуда шудан хатарнок аст. Ба мо лозим меояд, ки боз тайёрӣ бинем.

Барои масеҳии ҷавон идеяи фидокорӣ ҷалбкунанда аст. Аз нуқтаи назари инсонӣ, моро ба Исои Масеҳ қаҳрамонӣ (чунон ки мо онро мефаҳмем) ҷалб мекунад, аммо ҳангоми аз наздик омӯхтани суханони Худованд шавқу рағбати мо сахт озмуда мешавад. — «...Аввал рафта, бо бародарат оштӣ кун». «Бирав» маънои онро дорад, ки худро ба доварии Каломи Худо бисупорем. Як худи қаҳрамонӣ ва фидокорӣ басанда нест. Рӯҳулқудс дар шумо чизеро пай мебарад, ки ба ҳеҷ вақҳ ба хизмати Ӯ мувофиқат намекунад. Ва танҳо Худо ин номутаносибиро пай бурда метавонад. Оё шумо чизеро аз Худо пинҳон мекунед? Агар пинҳон мекарда бошед, ба Худо имкон диҳед, ки шуморо бо нури худ бисанҷад.

Агар гуноҳе бошад, онро эътироф накунед, балки иқрор шавед. Оё шумо тайёред ба Худованд ва устоди худ итоат кунед, новобаста ба он ки то чӣ андоза барои ҳуқуқи шумо нисбати худатон хоркунанда бошад?

Ҳеҷ гоҳ танбеҳро рад накунед. Агар муҳим бошад, ки Рӯҳи Худо ба шумо чизеро хотиррасон кунад, пас ин он чизест, ки Ӯ дар шумо пайдо кардааст. Мехоҳед як чизи бузургро фидо кунед, аммо Худо ба шумо дар бораи ягон чизи андак сухан мегӯяд, ҳол он ки дар паси он қалъаи асосии якравӣ аст: «Ман ҳеҷ гоҳ аз ҳуқуқ ба худам даст намекашам» — аз ҳамон ҳуқуқ, ки Худо аз онҳо даст кашидани шуморо мехоҳад, агар шумо умуман шогирди Исои Масеҳ шуданӣ бошед.

266. «БИРАВ» — МУНОСИБАТ

«...Ва ҳар кӣ туро ба тай кардани як фарсанг роҳ маҷбур кунад, ҳамроҳи ӯ ду фарсанг бирав» (Матто 5:41).

Таълимоти Худовандамонро чунин ҷамъбаст кардан мумкин аст: муносибатҳое ки Ӯ талаб мекунад, ғайриимкон мебошанд, магар ин ки Ӯ дар мо ягон чизи фавқуттабиӣ ба амал оварад.

Исои Масеҳ талаб мекунад, ки дар дили шогирд, ҳангоме ки ӯ бо зулм ва беадолатӣ рӯ ба рӯ мешавад, набояд заррае хашму ғазаб бошад, ҳатто агар шогирд ин хашмро дар дилаш пахш

мекарда бошад. Ҳеҷ гуна ғайратмандӣ ба боре ки Исои Масеҳ ба китфони ходими худ мегузорад, тоб оварда наметавонад. Шогирд танҳо дар як ҳолат ба ин бори гарон тоб оварда метавонад — агар ӯ бо Масеҳ муносибатҳои шахсӣ дошта бошад, ки аз имтиҳони шадиди Ӯ мегузаранд, то даме ки дар онҳо танҳо як мақсад боқӣ монад: Ман дар ин ҷо танҳо барои он ҳастам, ки Худо маро ба он ҷое фиристад, ки Ӯ мехоҳад. Ҳама чизи дигарро барканор гузштан мумкин аст, аммо ин муносибатҳоро бо Исои Масеҳ — ба ҳеҷ вақҳ.

Мавъизаи болои кӯҳ идеал нест, он баёни он чизест, ки дар ман рӯй медиҳад, — ҳангоме ки Исои Масеҳ рӯҳи маро тағйир медиҳад ва онро бо Рӯҳи Худ мутобиқ мекунад, — зеро танҳо Исои Масеҳ талаботи Мавъизаи болои кӯҳро ичро карда метавонад.

Агар мо хоҳем, ки шогирдони Масеҳ бошем, мо бояд ба таври ғайритабиӣ шогирд шавем. То он даме ки мо дар назди худ мақсад гузоштаем, ки дар ҳар ҳолат шогирд шавем, мо дилпур буда метавонем, ки шогирд нестем. «*...Ман шуморо баргузидаам*» (Юҳ.15:16). Файзи Худо ҳамин тавр сар мешавад. Мо аз ин интихоб барканор шуда наметавонем, мо метавонем итоаткор бошем ва ё беитоат бошем, аммо худамон ба ҳеҷ вақҳ «интихоб» шуда наметавонем. Моро файзи фавқуттабии Худо ҷалб мекунад ва мо ҳеҷ гоҳ пайгирӣ карда наметавонем, ки амали Ӯ дар мо аз куҷо сар мешавад. Худованди мо ба таври ғайритабиӣ барои худ шогирд ба вуҷуд меовард. Ӯ ба қобилиятҳои табиии мо такя намекунад. Худо аз мо хоҳиш мекунад, ки на бо кори осон ба даст меомадаро ба ҷо оварем — Ӯ аз мо хоҳиш мекунад, ки танҳо кореро ба ҷо оварем, ки бо файзи Ӯ ба он комилан мувофиқ гардонда шудаем, ва ин роҳ ҳамеша аз салиб мегузарад.

267. РОҲ БА СӮИ БЕАЙБӢ

«Пас, ҳангоме...ба хотират ояд, ки бародарат аз ту норозист...» (Матто 5:23).

Пас, ҳангоме ки қурбонии худро назди қурбонгоҳ оварӣ, ва дар он ҷо ба хотират ояд, ки бародарат аз ту норозист — на ин ки дар худ чизеро ошкор намоӣ, балки «...ҳангоме ки...ба хотират ояд», яъне агар Рӯҳи Худо инро ба ту ёдрас намояд, пас «рафта, аввал бо бародари худ оштӣ кун, ва баъд омада, қурбонии худро тақдим намо» (Мат.5:24). Ҳеҷ гоҳ ба он чи Рӯҳи Худо дар шумо ошкор мекунад, беэътиноӣ накунед, ҳангоме ки Ӯ шуморо аз даруну берун тафтиш мекунад.

«Рафта, аввал бо бародари худ оштӣ кун...». Худованди мо як насиҳати оддие медиҳад: «...Рафта, аввал оштӣ кун». Ба он ҷое рав, ки аз он ҷо омадай, ба он ҷое рав, ки назди қурбонгоҳ мазаммат шуданат туро ба он ҷо равона мекунад. Ба касе ки аз ту норозӣ аст, оқилона муносибат намо ва рӯҳи худро тавре ба тартиб овар, ки оштӣ кардан ба мисли нафаскашӣ бароят табиӣ гардад. Исо дар бораи бародар чизе намегӯяд: «Ту бирав». Ҳуқуқҳои шумо тамоман муҳокима карда намешаванд. Муқаддас он аст, ки ӯ метавонад аз ҳуқуқҳои худ даст кашад ва ба Исои Худованд итоат кунад.

«Ва баъд омада, қурбонии худро тақдим намо». Пайдарҳамӣ равшан нишон дода шудааст. Дар аввал шумо пур аз қаҳрамонӣ ва фидокорӣ ҳастед. Баъд Рӯҳулқудс ногаҳон шуморо суст мекунад, зеро дар шумо чизи нодурустеро ошкор менамояд, ва шумо дар назди чизе ки Ӯ шуморо дар он фош мекунад, меистед. Баъд шумо ба Каломи Худо итоат карда, ақлу рӯҳи худро барои покии комил дар муносибатҳо бо касе ки бо ӯ мушкилӣ доред, танзим мекунед. Ва пас аз ин ҳама, бо шодӣ, бо самимияти дил, бе ҳеҷ гуна гаронборӣ, қурбонии худро ба Худо тақдим менамоед.

268. «МЕРАВАМ» — ИНКОР КАРДАН

«Худовандо! Ҳар ҷо равӣ, Туро пайравӣ хоҳам кард» (Луқо 9:57).

Худованди мо ин мардро сахт ноумед кард, зеро медонист, ки дар ботини одам чӣ ҳаст. Мо метавонем гӯем: «Чаро Ӯ имконияти ба даст овардани шогирди вафодорро аз даст дод? Чаро ба сари ӯ оби сард рехт, ва он бечора чӣ кор карданашро надониста монд ва „ғамгин шуда, рафт“?!» (Мат.19:22). Ҳеҷ гоҳ лозим нест, ки барои Худовандатон бахшиш пурсед. Суханони Худованд дар мо бо дард садо медиҳанд ва моро меранҷонанд, то даме ки дар мо чизе барои озор ёфтан ва ранҷидан боқӣ намонад. Исои Масеҳ ба чизе ки дар охир хизмати одамро вайрон мекунад, раҳм намекунад. Ҷавобҳои Худованди мо на аз рӯи ҳавою ҳавас мебошанд, балки дар донистани «он чи дар одам аст» асос ёфтаанд. Агар Рӯҳи Худо ба шумо баъзе аз суханони Худовандро хотиррасон карда, ба шумо дард оварад, шумо боварӣ дошта метавонед, ки Ӯ мехоҳад на танҳо чизеро дар шумо барангезад, балки мехоҳад чизеро дар шумо бикушад.

Луқо 9:58. Бо ин суханони Масеҳ хоҳиши маро аз байн мебарад — ман ба Исои Масеҳ барои он хизмат кардан мехоҳам, ки ин ба ман маъқул аст. Ин гуна водоркунандаҳоро Ӯ тамоман рад мекунад, ва танҳо Худованди ман, худам ва умедҳои гумшуда боқӣ мемонанд. «Бигзор садҳо нафар биёянд ё бираванд — ситораи раҳнамои ту бояд муносибатҳо бо Ман бошанд, ва ман ҷое надорам, ки сар монам».

Луқо 9:59. Ин мард мехост на Исоро ноумед кунад, на падарашро ранҷонад. Мо низ вафодорӣ ба наздиконамонро дар ҷои вафодорӣ ба Исои Масеҳ гузошта, ба Ӯ ҷои охиринро медиҳем. Агар як вафодорӣ бо дигаре мубориза барад, дар ҳар ҳолат ба Исои Масеҳ итоат кунед.

Луқо 9:61. Касе ки мегӯяд: «Ман Туро пайравӣ мекунам, Худовандо! Аммо...» ҳамеша тайёр аст равад, аммо қадами аввалро гузошта наметавонад. Ин мард як-ду баҳона дошт. Аммо ҳангоме ки Исои Масеҳ шуморо даъват мекунад, хайрухуш

карданҳоро барканор гузоред, зеро хайрухуш кардан дар шакле ки аксар вақт дар он зоҳир мешавад, аслан як маросими халқҳост, на амали масеҳӣ. Пас, чун даъвати Худоро шунидед, дарҳол ба роҳ бароед ва ҳеҷ гоҳ бознаистед.

269. «БИЁ» — ЯГОНАГИИ БЕЧУНУ ЧАРО

«...Туро як чиз намерасад...ва омада, салиб бардор ва Маро пайравӣ кун» (Марқус 10:21).

Орзуи асосии ин шахс хоҳиши комил шудан буд. Ҳангоме ки ӯ Исои Масеҳро дид, мехост, ки ба Ӯ монанд шавад. Аммо Худованди мо шогирдонро даъват намуда, ҳеҷ гоҳ муқаддасии шахсиро дар мадди аввал намегузорад. Ӯ комилан барҳам додани ҳуқуқи шахсро ба худ, ва ягонагии комили шахсро бо Ӯ дар мадди аввал мегузорад, яъне чунин муносибатҳоро, ки дар онҳо барои ҳеҷ гуна робитаи дигар ҷой нест. Дар суханони Худованди мо аз Инҷили Луқо (Луқ.14:26) дар бораи наҷот ё муқаддасӣ чизе гуфта нашудааст, балки дар бораи ягонагии бечуну чаро бо Исои Масеҳ гуфта шудааст. Хеле кам касон дар таҷрибаи худ фаҳмидаанд, ки аз ҳама чиз даст кашида, назди Исо омадан чӣ маъно дорад.

«Исо ба вай нигариста, дӯст дошт» (Марқ.10:21). Агар Исо ба шумо нигоҳ кунад, дили шумо ҳеҷ гоҳ дар садоқат ба касе ё чизи дигаре ором намегирад. Оё Исо боре ба шумо нигоҳ карда буд? Нигоҳаш одамро дигар мекунад ва ӯро сӯрох мекунад. Агар шумо дар ин «як чиз» ба Худо кушода бошед, Исо ба шумо дар ин «як чиз» нигаристааст. Аммо агар шумо якрав ва интиқомҷӯй бошед, агар ба нуқтаи назари худ исрор мекарда бошед, ва агар боварӣ дошта бошед, ки ҳама ноҳақ ҳастанд ва як худи шумо ҳақ ҳастед, — ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ботини шумо доғҳои сафеди зиёде доред, ки бо нигоҳи Ӯ дигаргун карда нашудаанд.

«Туро чизе намерасад...». Он «як чиз», ки аз нуқтаи назари Исои Масеҳ, ба бисёриҳо намерасад, — чунин ягонагӣ бо Ӯ аст, ки байни одам ва Масеҳ ҳеҷ монеае набошад. «Ҳар он чи

дорӣ, фурӯш...». Ман бояд худро ба дараҷаи шахси оддӣ паст кунам, ман бояд аз ҳама гуна моликият даст кашам, аммо на барои наҷот додани ҷонам (танҳо як чизе одамро наҷот медиҳад — боварии комил ба Исои Масеҳ аст), балки барои пайравӣ ба Исо. «...Биё, Маро пайравӣ кун».

270. ДАЪВАТИ ХУДО ВА ИНСОН

«...Чунки ин барои ман як кори зарурӣ аст: вой бар ҳоли ман, агар башорат надиҳам!» (1 Қӯринтиён 9:16).

Мо майл ба он дорем, ки ламси пурасрор ва ғайриоддии Худоро фаромӯш кунем. Агар шумо ба таври муфассал нақл карда тавонед, ки Худованд шуморо дар куҷо ва чӣ гуна даъват кардааст, ман шубҳа дорам, ки оё Ӯ умуман шуморо даъват кардааст. Даъвати Худо ин тавр намеояд, он аз тартиби оддии чизҳо хеле болотар аст. Шахс ногаҳон, мисли он ки ӯро раъду барқ зада бошад, фаҳмида метавонад, ки Худо ӯро ба чизе даъват мекунад, ва ё оҳиста-оҳиста, ва худи ӯ фавран онро пайхас намекунад. Аммо новобаста ба он ки даъвати Худованд чӣ тавр меояд, он бо заминаи ғайритабиӣ меояд, дар он чизе ҳаст, ки онро бо сухан маънидод кардан мумкин нест, онро як навъ ҳола (ореол), як навъ дурахш ҳамроҳӣ мекунад. Ва дар ҳар лаҳза шумо метавонед ба таври ногаҳонӣ ин даъвати ғайричашмдошт, фавқуттабиӣ ва ҳайратоварро, ки ҳаёти шуморо фаро мегирад, дарк кунед: «...Ман шуморо интихоб кардам...» (Юҳ.15:16). Даъвати Худо ба наҷот ва муқаддасшавӣ ҳеҷ робита надорад. Шумо на аз он сабаб ба мавъиза намудани Инҷил даъват шудаед, ки муқаддас ҳастед, даъват ба башорат додан чизи дигар аст. Павлус мегӯяд, ки ин «кори зарурӣ»-и ӯст.

Агар шумо даъвати бузурги фавқуттабиии Худоро дар худ пахш карда истода бошед, ба он чизе ки бо шумо рӯй дода истодааст, бо диққат нигоҳ кунед ва бинед: шояд барои шумо на Худо, балки идеяҳои хизмат ё арзишҳоятон дар ҷои аввал бошанд. Павлус гуфт: «...Вой бар ман, агар башорат надиҳам!»

Ӯ фаҳмид, ки Худо ӯро ба чӣ даъват мекунад, ва ҳеҷ чиз барои ӯ бо қувваи ин даъват баробар шуда наметавонист.

Агар шахсро Худо даъват кунад, муҳим нест, ки ҳама чиз бар зидди ӯст — дар ниҳояти кор ҳама чизе ки рӯй медиҳад, барои Худо кор мекунад, барои расидан ба мақсадҳои Ӯ мусоидат мекунад. Ва агар шумо бо ин мақсадҳо розӣ бошед, Ӯ на танҳо ҳаёти бошууронаи шумо, балки тамоми қабатҳои чуқуртарини онро, ки худатон ба онҳо расида наметавонед, ба ҳолати созгорӣ меоварад.

271. ДАЪВАТ ВА ОҚИБАТҲОИ ОН

«Алҳол дар уқубатҳои худ барои шумо шодмонам ва камии андӯҳҳои Масеҳро дар ҷисми худ барои Бадани Ӯ, ки Калисост, пур мекунам» (Қӯлассиён 1:24).

Мо он чиро, ки худамон худро ба он бахшидаем, даъвати Худо меномем, аммо ҳангоме ки бо Худо рӯ ба рӯ мешавем, ҳеҷ асаре аз чунин «даъватҳо» боқӣ намемонад. Худо моро бо дарди сахт сӯрох мекунад ва он чиро, ки ҳеҷ гоҳ орзу намекардем, ошкор мекунад; ва дар як лаҳзаи дурахшон мо равшан мебинем, ки Худо чӣ мехоҳад, ва мо мегӯем: «...Инак ман ҳозирам, маро бифирист» (Иш.6:8).

Ин даъват ба муқаддасии шахсӣ ҳеҷ робита надорад, сухан дар бораи он аст, ки мо нони шикасташаванда ва майи рехтанӣ мешавем. Худо ҳеҷ гоҳ моро май карда наметавонад, агар аз зери ангуштонаш, ки бо он моро мисли хӯшаҳои ангур фишурда мекунад, берун шавем — кошки Худо бо ангуштони худ ба таври дигар, на ин гуна аз ман нони шикасташаванда ва майи рехтанӣ мекард! Ба мо маъқул нест, ҳангоме Ӯ моро бо касоне ҳамроҳ мекунад, ки дӯст намедорем, ва он чиро, ки, чунон ки ҳушдор дода будем, бо он муросо карда наметавонем, насиби мо мегардонад, ва бо ин ҳама моро дар чархушт фишурда мекунад. Интихоби саҳначаи риёзаткашии худ кори мо нест. Агар аз мо бояд май тайёр шавад, мо бояд кӯфта шавем — хӯшаҳои ангурро нӯшидан ғайриимкон аст.

Хӯшаҳои ангур танҳо ҳамон вақте ки аз чархушт мегузаранд, май мешаванд.

Ман ҳайронам, ки Худо шуморо бо ангуштонаш чӣ гуна фишор дод, ки аз мармар сахттар буда, фишурда нашуда, берун шудед? Шумо ҳоло пухтагӣ нестед ва агар Худо шуморо хуб фишор медод, шароб беҳад талхмаза мешуд. Муқаддас будан осон нест. Ин маънои онро дорад, ки Худо тамоми ҳаёти ҷисмонии инсонро дар худ фаро мегирад ва онро ба тариқи худ барои хизмати Худ мутобиқ мегардонад. Пеш аз он ки мо дар дасти Ӯ нони шикасташаванда шавем, Худо бояд моро ба Худ мутобиқ гардонад. Дар назди Худо кушода бошед ва ба Ӯ халал нарасонед, то он чи мехоҳад, бикунад — ва шумо мебинед, ки Ӯ чунин нон мепазад ва чунон майро дар чархушт фишурда мекунад, ки ба фарзандони дигараш фоида наоварда наметавонанд.

272. ЧАРО БОЛОРАВИҲО ВУҶУД ДОРАНД

«...Исо Петрус, Яъқуб ва Юҳанноро ҳамроҳи Худ бурд ва онҳоро танҳо ба кӯҳи баланде баровард» (Марқус 9:2).

Ҳамаи мо лаҳзаҳое доштем, ки ба кӯҳҳои баланд мебаромадем ва ҳама чизро тавре медидем, ки Худо мебинад, ва аз ин кӯҳҳо фаромадан намехостем. Аммо Худо ҳеҷ гоҳ намегузорад, ки мо дар қуллаҳои кӯҳ бимонем. Ҳаёти рӯҳонии мо аз он санҷида мешавад, ки оё мо қувваи ба водӣ фаромаданро дорем. Агар мо танҳо қуввати ба кӯҳ баромаданро дошта бошем, дар мо чизе нодуруст аст. Дар болои кӯҳ бо Худо будан албатта бад нест, аммо Худо инсонро танҳо барои он ба болои кӯҳ мебарад, ки баъдтар ӯ ба назди одамони девзада фаромада, онҳоро боло бурда тавонад. Мо на барои кӯҳҳо офарида шудаем, на барои шафақ ва на барои оҳ кашиданҳо — ин ҳама фақат лаҳзаҳои илҳом мебошанд. Мо барои водиҳо, барои зиндагии рӯзмарра офарида шудаем, ва маҳз дар онҳо, водиҳо ва ҳаёти ҳаррӯза мо бояд нишон диҳем, ки чӣ арзише дорем. Худпарастии рӯҳонӣ ҳамеша ба ғизо эҳтиёҷ дорад, гаштаву баргашта ба кӯҳҳо баромадан лозим аст. Ба мо чунин метобад, ки агар дар қулла

мемондем, чун фариштаҳо сухан гуфтан ва чун фариштаҳо зиндагӣ карда метавонистем. Аммо хеле кам чунин мешавад, ин истисно аз қоидаест, ки дар ҳаёти мо бо Худо аҳамияти зиёд дорад, аммо мо набояд нагузорем, ки худхоҳии рӯҳонии мо ҳама чизро танҳо аз чунин лаҳзаҳо иборат ҳисобад.

Мо гумон мекунем, ки ҳар он чи бо мо рӯй медиҳад, бояд ба дарси наҷотдиҳандаи ҷон табдил дода шавад, ҳол он ки онро на танҳо ба дарс — балки ба хислат табдил додан лозим аст. Кӯҳ набояд ба мо чизе омӯзад, бояд моро касе гардонад. Дар саволи «Ин чӣ фоида дорад?» доми хатарнок мавҷуд аст. Дар масъалаҳои рӯҳонӣ, мо набояд ба чунин ҳисобу китобҳо машғул шавем. Лаҳзаҳо дар қуллаҳои кӯҳҳо каманд, ва Худованд онҳоро бо ягон сабаб ба мо мефиристад.

273. ПАСТРАВИҲО БАРОИ ЧӢ МЕБОШАНД?

«*...Агар метавонӣ, ба мо раҳм кун ва ёрӣ расон*» (Марқус 9:22).

Пас аз ҳар як баландшавӣ, мо ба поён меравем ва дарҳол ба ҳаёте меафтем, ки дар он на зебоӣ, на назм ва на тарси рӯҳонӣ вуҷуд дорад. Баландии қуллаҳои кӯҳӣ дар қиёс бо тирагӣ ва ифлосии водиҳо шинохта мешавад, аммо мо маҳза дар водиҳо бояд барои ҷалоли Худо зиндагӣ кунем. Мо ҷалоли Худоро дар кӯҳ мебинем, аммо дар он ҷо ҳеҷ гоҳ барои ҷалоли Ӯ зиндагӣ намекунем. Дар поён мо медонем, ки дар асл чӣ арзише дорем, маҳз дар он ҷо садоқати мо зоҳир мешавад.

Аксари мо аз сабаби худпарастии табиии дилҳоямон фақат ҳамон вақт кореро анҷом дода метавонем, ки табъ ва кайфияти махсуси қаҳрамонона дорем, аммо Худо мехоҳад, ки мо ҳатто дар рӯзҳои тира табъ ва кайфияти дуруст дошта бошем, то дар водӣ низ дар наздикии зич бо Ӯ зиндагӣ кунем. Ба назари Петрус чунин метофт, ки дар боло мондан барои онҳо хеле муфид аст, аммо Исои Масеҳ шогирдонро аз кӯҳ ба водӣ бурд ва дар он ҷо ба онҳо маънои чизҳои дидаашонро фаҳмонд.

«Агар метавонӣ...» Барои аз байн бурдани шубҳаи мо як водии пастравӣ лозим аст. Ба ба ақиб, он чизе ки аз сар

гузаронидаед, нигаред ва хоҳед дид: то он вақте ки Кӣ будани Масеҳро фаҳмидед, шумо ба қудрати Ӯ бо шубҳаи ҳилагарона муносибат мекардед. Ҳангоме ки шумо дар кӯҳ будед, ба ҳама чиз бовар кардан мумкин буд, аммо бо он чи дар водиҳо рӯй медиҳад, чӣ бояд кард? Албатта, шумо ҳамеша дар бораи муқаддасии худ чизе гуфтанӣ меёбед, аммо дар бораи пастравӣ, ки маҳз дар ҳамин лаҳза аз сар гузарондан лозим меояд, чӣ мегӯед? Шумо дар кӯҳ бо Худо будед, дидед, ки тамоми қудрат дар осмон ва бар замин аз они Масеҳ аст, пас оё дар водии паст боз ба он шубҳа мекунед?

274. МО ЧӢ ТАВР ЁРӢ РАСОНДА МЕТАВОНЕМ

«Ба онҳо гуфт: „Ин ҷинс ба ҳеҷ ваҷҳ берун намеравад, ҷуз ба дуо ва рӯза“» (Марқус 9:29).

«Чаро мо онро берун карда натавонистем?» (Марқ.9:28). Ҷавоб дар он аст, ки Исои Масеҳ барои шумо кист: «Ин ҷинс» берун намеояд, магар ин ки тамоми диққати худро ба Масеҳ ва боз ба Масеҳ равона кунед. Мо метавонем комилан беқувват бошем, чунон ки шогирдон нотавон буданд, агар кори Худоро на бо такя ба қудрати Худо, балки бо такя ба ақидаҳои дар мо пайдошаванда ба ҷо оварданӣ шавем. Мо ба Худо аллакай бо он бадгӯӣ мекунем, ки худи Ӯро нашинохта, барои Ӯ кор кардан мехоҳем.

Шумо бо як ҳолати душвор рӯ ба рӯ мешавед, ва зоҳиран ҳеҷ чиз рӯй намедиҳад, аммо шумо медонед, ки шахс аз бемории худ бо он халос мешавад, ки Масеҳ дар маркази диққати ӯст. Хизмати шумо дар ҳамин аст — назорат кардан он ки байни шумо ва Масеҳ ҳеҷ чиз набошад. Оё монеае ҳаст? Агар бошад, шумо бояд ин монеаро рахна кунед — на хашмгинона чашм пӯшонда, аз болои он гузашта, балки рост ба рӯи он нигариста, аз байни он ба ҳузури Исои Масеҳ гузаред. Ва он гоҳ худи ин монеа ва ҳар он чи дар робита ба он аз сар гузаронидаед, Исои Масеҳро беш аз пеш ҷалол медиҳанд, агар, албатта, Ӯро рӯ ба рӯ бинед.

Мо бояд «мисли уқоб бол афшонда» тавонем (Иш.40:31), аммо фуруд омада тавонистанамон низ лозим аст. Қудрати шахси муқаддас дар қобилияти поён рафтан ва дар поён зиндагӣ кардан аст. Павлус гуфтааст: «Ҳамааш аз дастам меояд, бо мадади Масеҳ, ки маро қувват мебахшад» (Фил.4:13) ва ӯ асосан он чизеро дар назар дошт, ки моро паст мефарорад. Мо ҳақ дорем, ки аз паст шудан даст кашем ва гӯем: «Не, ташаккур, ба қуллаи кӯҳ, ба сӯи Худо рафтан бароям беҳтар аст». Пас, оё ман ҳама чизро дар партави воқеияти Исои Масеҳ чунон, ки ҳаст, тавре қабул карда метавонам, ё вазъияти воқеӣ имони маро ба Ӯ комилан нобуд мекунад ва маро ба воҳима меандозад?

275. ВАҲЙ ВА ВОҚЕИЯТ

«*...Муқаддасони даъватшуда...*» (1 Қӯринтиён 1:2).

Худоро ҳамду сано бод, ки Ӯ худамонро ба мо он гуна нишон медиҳад, ки ҳеҷ гоҳ набудем. Шумо ваҳй ба даст овардед, аммо то ҳол онро ба воқеият табдил дода наметавонед. Аксарияти мо ҳангоме ки мо ҳанӯз дар водӣ ҳастем, ба ақиб бармегардем, ҳол он ки дар он ҷо бояд исбот кунем, ки интихобшудагонем. Мо ҳанӯз ба зарбаҳое ки бояд бигирем, пурра тайёр нестем, агар хоҳем, ки он гуна бошем, ки Худо ба мо нишон додааст. Мо худро чунон дидем, ки ҳанӯз он гуна нестем, он гуна, ки Худо моро дидан мехоҳад, аммо оё мо тайёрем, ки Худо моро ба ин шакл оварад, дар ҳоле ки ба мо раҳм накунад? Ин ислоҳот ҳамеша дар рӯзҳои муқаррарӣ амалӣ мегардад, ва Худо барои дигаргун кардани мо бештар одамони оддитаринро истифода мебарад.

Чунин мешавад, ки мо аниқ медонем, ки Худо чӣ мехоҳад, аммо ба воқеият табдил ёфтани хоҳиши Ӯ на ба Худо, балки ба мо вобаста аст. Агар мо дар болои кӯҳ нишаста, бо хотираҳои чизи дидагиамон зистанро афзалтар донем, дар чархуфалаки зиндагии инсон амалан аз мо фоидае нахоҳад буд. Мо бояд бо такя ба он чи ба мо ошкор шудааст, зиндагӣ карданро ёд гирем, на дар вақд ва на дар назардӯзии бошуурона ба Худо, балки дар ҳаёти воқеӣ, ваҳйро дар ёд дошта, зиндагӣ кунем, то даме

ки ба воқеияти ҳақиқӣ расем. Ва Худо моро ҳаматарафа, то хурдтарин ҷузъиёт, маҳз барои ҳамин тайёр мекунад. Худо он чиро, ки аз мо талаб мекунад, ба мо ошкор менамояд — барои ин ба Ӯ шукргузор буданро ёд гиред.

Ҳангоме ки Худо «ман ҳастам»-и ночизи моро ба коре даъват менамояд, он ҳамеша шиква мекунад. Пас бигузор «ман ҳастам»-и ночизи мо аз ғазаби Худо комилан кам шавад. «Ман Воҷибулвуҷуд ҳастам...Воҷибулвуҷуд маро назди шумо фиристод» (Хур.3:14). Вай бояд аз ҳама чиз болотар бошад. Баъзан мо нороҳат мешавем, ҳангоме мефаҳмем, ки Худо медонад, ки мо дар куҷо зиндагӣ мекунем ва ба кадом сӯрохиҳо хазида медароем! Аммо Ӯ моро дар ҳама ҷо дар як мижа задан пайдо мекунад. Ҳеҷ кас каси дигареро чунон намешиносад, чун Худое ки ӯро мешиносад.

276. БО ИРСИЯТ ЧӢ ГУНА БОЯД МУНОСИБАТ КАРД

«*Пас, чунон ки ба воситаи як одам гуноҳ ба ҷаҳон дохил шуд ва бо гуноҳ мамот омад, ончунон низ ба ҳамаи одамон гузашт, чунки ҳама гуноҳ карданд*» (Румиён 5:12).

Китоби Муқаддас намегӯяд, ки Худо тамоми инсониятро барои гуноҳи як шахс ҷазо дод, балки мегӯяд, ки ба воситаи як шахс худи рӯҳи гуноҳ (яъне даъвои ман ба ҳуқуқи ихтиёрдорӣ бар сарнавишти худам) ба тамоми насли инсон дохил шуд; вале баъд Шахси дигаре омад ва гуноҳи насли башарро ба дӯши худ гирифт ва онро нест кард (Ибр.9:26) — ва ин ваҳӣ маънои беандоза ҷуқуртар дорад. Рӯҳи гуноҳ фосиқӣ ва бадии ошкор нест, он рӯҳи хоҳиши комилан соҳибихтиёр будан аст: «Ман худои худ ҳастам». Ва чунин рӯҳ метавонад ҳам зери ниқоби одоби хушахлоқона, ҳам бо беадабии бадахлоқона амал кунад — он як асос дорад: даъвоҳои ман ба ҳуқуқи ихтиёрдории худ. Ҳангоме Худованди мо бо одамони ифодагари тамоми қуввахои бадкор ва бо одамони пок ва росткор вомехӯрд, Ӯ ба умқи пастравии ахлоқии аввалинҳо ва ба баландии комёбиҳои

ахлоқии дуюмиҳо аҳамият намедод, — Ӯ ба он чи мо намебинем, диққат медод: рӯҳе ки одамро ба амал водор мекунад.

Ман бо гуноҳ таваллуд шудаам ва ба он даст зада наметавонам; Худо ҳангоми кафорат ба гуноҳ даст мерасонад. Дар Салиби Исои Масеҳ, Худо тамоми насли инсониятро аз эҳтимоли лаънатзада шудан барои гуноҳи меросӣ кафорат намуд. Худо дар ҳеҷ ҷо касеро барои доштани ирсӣ будани гуноҳи ӯ айбдор намекунад. Маҳкумият на дар он аст, ки ман бо ирсияти гуноҳкорона таваллуд шудаам, балки дар он аст, ки вақте мефаҳмам, ки чаро Исои Масеҳ омад (барои наҷот додани ман аз ин ирсият), ман ба Ӯ иҷозат намедиҳам, ки ин корро кунад — аз ҳамин лаҳза доғи лаънат дар ман зоҳир шудан мегирад. «Ва ҳукм ин аст, ки нур ба ҷаҳон омад; вале мардум торикиро бештар аз рӯшноӣ дӯст доштанд, чунки аъмоли онҳо бад аст» (Юҳ.3:19).

277. АЗ НАВ ТАВАЛЛУДШАВӢ ЧИСТ:

«Аммо ҳангоме ки Худо...тавоҷҷӯҳ намуд, ки Писари Худро дар ман ошкор созад...» (Ғалотиён 1:15–16).

Агар Исои Масеҳ мехоҳад маро дубора ба дунё оварад, чӣ ба Ӯ халал мерасонад, ки ин корро кунад? Ман ирсияти худро интихоб накардаам, ман муқаддас нестам ва аз эҳтимол дур аст, ки муқаддас шавам, ва агар Исои Масеҳ фақат гуфта тавонад, ки ман бояд муқаддас бошам, таълимоти ӯ ғайр аз ноумедӣ чизе намеовард. Аммо агар худи Исои Масеҳ метавонад маро дубора ба дунё оварад ва ирсияти муқаддаси Худро дар ман ҷой диҳад, ман мефаҳмам, ки вақте Ӯ чӣ мақсад дорад, вақте мегӯяд, ки ман бояд муқаддас бошам. Маънои кафорат аз он иборат аст, ки Исои Масеҳ метавонад ба ҳар шахс ирсиятеро, ки Худи Ӯ дорад, дар ҳар инсон ҷой диҳад, ва тамоми талаботе ки Ӯ пеш мегузорад, бар ин ирсият асос ёфтааст. *Таълимоти Ӯ барои ҳаётест, ки Ӯ дар мо ҷой медиҳад.* Аз нуқтаи назари ахлоқ аз ман талаб карда мешавад, ки бо доварии Худо бар гуноҳ дар шакли Салиби Исои Масеҳ розӣ шавам.

Таълимоти Аҳди Ҷадид дар бораи таваллуди дубора аз он иборат аст, ки вақте шахс ногаҳон возеҳу равшан мефаҳмад, ки беш аз ҳама ба ӯ чӣ даркор аст, Худо Рӯҳулқудсро ба рӯҳи ӯ мефиристад ва рӯҳи инсон қудрати Рӯҳи Писари Худоро ба даст меоварад — «...то даме ки дар шумо Масеҳ сурат бандад!» (Ғал.4:19). Муъҷизаи ахлоқии кафорат дар он аст, ки Худо метавонад дар ман Рӯҳи наверо ҷой диҳад, ки бо он ман метавонам ҳаёти тамоман дигар ва нав ба сар барам. Ҳангоме ки ман ба охир мерасам ва медонам, ки дигар ҳеҷ коре карда наметавонам, Исо мегӯяд: «Хушо шумо». Аммо то ба он дараҷа расидан даркор аст. Худо дар ман, ки як офаридаи оқили дорои ҳисси ахлоқ ҳастам, Рӯҳеро ҷой дода наметавонад, ки дар Исои Масеҳ буд, то он даме ки ба он эҳтиёҷ доштанамро дарк намоям.

Чунон ки гуноҳ ба воситаи як одам ба насли инсон ворид шуд, Рӯҳулқудс низ ба воситаи як одам, аммо Одами дигар ба насли инсон ворид шуд. Ва маънои кафорат аз он иборат аст, ки ман метавонам аз ирсияти гунаҳкор халос шавам ва ба шарофати Исои Масеҳ ман метавонам меросеро — Рӯҳулқудсро ба даст оварам, ки аз ҳеҷ ҷиҳат гаронбор нест.

278. ОШТӢ

«Зеро Ӯро, ки аз гуноҳ бехабар буд, барои мо қурбони гуноҳ сохт, то ки мо дар Ӯ адолати Худо шавем» (2 Қӯринтиён 5:21).

Гуноҳ дар инсон хеле чуқур ҷойгир аст, гунаҳкор будан маънои ягон кори нодуруст карданро надорад, балки моҳиятан нодуруст будан, огоҳона ва саркашона эълон намудани аз Худо мустақил будани худ аст. Тамоми имони масеҳӣ дар он асос ёфтааст, ки гуноҳ ҳақиқатан вуҷуд дорад ва ба шахс таъсири назарррас мерасонад. Динҳои дигар бо гуноҳҳо сару кор доранд, танҳо Китоби Муқаддас бо гуноҳ сару кор мекунад. Аввалин чизе ки Исои Масеҳ дар одамон дучор шуд, ирсияти гунаҳкорона буд ва башоратдиҳии мо маҳз аз он сабаб тунду тез будан ва қувваи

худро аз даст медиҳад, ки мо дар мавъизаи Инҷил инро сарфи назар мекунем.

Ваҳйи Китоби Муқаддас на дар он аст, ки Исои Масеҳ гуноҳҳои ҷисмонии моро ба дӯши Худ гирифт, балки дар он аст, ки Ӯ ирсияти гуноҳкоронаро, ки зери итоати ҳеҷ як инсон нест, ба Худ гирифт. Худо Писари Худро барои мо қурбонии гуноҳ кард, то ки Ӯ гуноҳкорро муқаддас гардонда тавонад. Аз саҳифаи аввал то саҳифаи охирини Китоби Муқаддас гуфта мешавад, ки Худованди мо на танҳо ба ҷаҳон дилсӯзӣ намуд, балки Худро ба он ҳаммонанд карда, гуноҳҳои онро ба дӯши Худ гирифт. Писари Худо дидаву дониста тамоми гуноҳи насли башарро ба Худ гирифт ва Худаш онро ба дӯш бардошт. «... Ӯро, ки аз гуноҳ бехабар буд, барои мо гуноҳ сохт» ва бо ин амал Худо барои тамоми инсоният таҳкурсии кафоратро гузошт. Исои Масеҳ ҳолати ибтидоии насли инсониро барқарор кард, инсониятро ба ҷое ки Худо барояш муқаррар кардааст, баргардонд, ва акнун ҳар кас метавонад дар асоси он чизе ки Худованди мо дар салиб кард, бо Худо муттаҳид шавад.

Инсон худро кафорат карда наметавонад, кафорат кори Худост ва он ба таври комил ба ҷо оварда шудааст, дар он заррае камбудӣ нест. Ва ҳар як фарди одамӣ худаш ба қароре меояд, ки кафорат барои ӯ чӣ хоҳад буд. Фақат ҳамеша дар ҳаёти инсон ваҳйи Худоро дар бораи кафорат ва дарки факти наҷоти худи ӯро фарқ кунондан лозим аст.

279. ТАНҲО МАСЕҲ

«*Назди Ман оед*» (Матто 11:28).

Оё гуфтан дар бораи он, ки мо бояд назди Исо биёем, бароямон таҳқир нест?! Дар бораи он фикр кунед, ки мо бо чӣ ба назди Исо рафтан намехоҳем. Агар донистан хоҳед, ки то чӣ андоза самимӣ ҳастед, худро бо ин суханон санҷед: «Назди Ман оед». Дар ҷое ки шумо ҳатто андаке риёкор ҳастед, баҳс мекунед, аммо ба назди Масеҳ намеравед, баҳонаҷӯӣ мекунед, аммо намеравед, ба нохушиҳо дучор мешавед, аммо намеравед, —

ҳар корро мекунед, ба ҷои он ки давиданҳои бемаънӣ дар гирду атрофро бас кунед ва бигӯед: «Инак, ман дар ин ҷо ҳастам, маро чунон ки ҳастам, қабул намо». То он даме ки шумо каме ҳавобаландии рӯҳонӣ доред, он ҳамеша дар он чизе ки шумо интизоред, зоҳир мешавад, ҳангоме ки Худо ба шумо чизи бузургеро пешниҳод мекунад. Ва Ӯ ба шумо танҳо як чизро пешниҳод мекунад — назди Ӯ биёед.

«Назди Ман оед». Ҳангоме ки шумо ин суханонро мешунавед, мефаҳмед, ки пеш аз он ки назди Ӯ омада тавонед, дар шумо бояд чизе рӯй диҳад. Рӯҳулқудс ба шумо нишон медиҳад, ки чӣ кор кардан лозим аст, ҳама чизро ба шумо нишон медиҳад ва назди решаи дарахте ки ба роҳи шумо ба сӯи Ӯ монеъ мешавад, табарро мегузорад (Мат.3:10). Ва то даме ки масъалаи ин дарахтро ҳал накунед, шумо ба пеш ҳаракат кардан наметавонед. Рӯҳулқудс ҳар он чиро, ки садди роҳи шумо мешавад, меёбад, аммо Ӯ монеаҳоро дар роҳи шумо бартараф карда наметавонад, агар шумо инро нахоҳед.

Шумо борҳо бо дархостҳоятон назди Худо омада, бо эҳсоси он мерафтед, ки ин дафъа ҳама корро дуруст кардаед! Аммо шумо дасти холӣ мерафтед, агарчи Худо оғӯши Худро на танҳо барои гирифтани шумо дароз кард, балки барои он ки шумо Ӯро бигиред. Дар бораи сабри шикастнопазир, рафънашаванда ва тамомнашавандаи Масеҳ фикр кунед — «*Назди Ман оед*».

280. ХУДРО БА ДАСТ ГИРЕД

«*...Худо таслим кунед ва андоми худро дар ихтиёри Худо вогузор намоед, то ки олати адолат бошад*» (Румиён 6:13–22).

Ман наметавонам худам нақот ёбам ва муқаддас шавам, ман наметавонам гуноҳҳоямро кафорат намоям, наметавонам гуноҳҳои ҷаҳонро кафорат намоям, наметавонам нодурустро дуруст, нопокро пок, номуқаддасро муқаддас гардонам. Ҳамаи ин корҳоро танҳо Худо карда метавонад. Оё ман ба он чи Исои Масеҳ кард, имон дорам? Ӯ ҳама гуноҳҳоро ба таври комил кафорат намуд, оё ман инро доимо дар ёд дорам? Беш аз ҳама

мо набояд коре кунем, балки ба чизе бовар кунем. Кафорати Исои Масеҳ чизи шахсӣ нест, ин кори бузурги Худост, ки Ӯ ба воситаи Масеҳ анҷом додааст ва ман бояд имони худро маҳз дар асоси он бунёд намоям. Агар ман имони худро бар чизҳои шахсӣ, бар асоси чизҳои шахсии худ бунёд намоям, натиҷа чизи комилан ғайрибиблиявӣ мешавад: ман ҳамчун шахси худпараст зиндагӣ мекунам, ва ман аз тозагии худ хеле хурсанд ҳастам. Аз он гуна худотарсӣ, ки аз кафорати Худованди мо барнамеояд, ҳазар кунед! Чунин худотарсӣ танҳо ба худи шумо лозим аст. Он барои Худо ҳеҷ арзише надорад, одамон бар он механданд. Ҳар чизеро, ки бо шумо рӯй медиҳад, бо худи Худованд санҷед. Агар ҳама чизро фаҳмида истода бар пояи кафорат бунёд накунем, мо ба Худо писанд омада наметавонем.

Дар ҳаёти ман кафорати Масеҳ бояд дар корҳои ҳаррӯзаи назарногир зоҳир шавад. Ҳар гоҳ итоаткорӣ зоҳир намоям, худи Худои бузург дар ҷониби ман аст, ва маълум мешавад, ки итоаткории ман дар ҳамбастагӣ бо файзи Худо амал мекунад. Агар итоаткор бошам, пас дар ҳама чиз ба кафорат такя кардаам ва файзи фавқулодаи Худо дарҳол итоаткории маро бо вақд пешвоз мегирад.

Аз парҳезгорие ки ҳаётро инкор мекунад, эҳтиёт шавед. Ин дурӯғ аст. Ва доимо дар ҳама чиз зоҳиршавиҳои кафоратро ҷустуҷӯ кунед — кафорат дар ин ҷо чӣ гуна зоҳир мешавад, ва дар он ҷо чӣ?

281. МАН ИНРО ЧӢ ТАВР ФАҲМИДА МЕТАВОНАМ?

«*...Туро, эй Падар...ситоиш мекунам, ки ин чизҳоро аз хирадмандон ва оқилон пинҳон доштӣ ва ба кӯдакон ошкор кардӣ*» (Матто 11:25).

Дар муносибатҳои рӯҳонӣ нашъунамо нест — муносибатҳо ё вуҷуд доранд, ё вуҷуд надоранд. Худо моро оҳиста-оҳиста аз гуноҳ пок намекунад: агар дар рӯшноӣ зиста, дар рӯшноӣ қадам мезада бошем, мо аллакай аз ҳар гуна гуноҳ пок шудаем.

Моҳияти кор дар итоаткорӣ аст, агар итоаткорӣ бошад — муносибатҳое ки бояд бошанд, ҳастанд. Аммо ҳамин ки танҳо як сония ба беитоатӣ афтед, торикӣ ва марг дарҳол аз пайи кор мешаванд.

Ҳамаи ваҳйҳои Худо аз мо дар паси ҳафт муҳр пинҳон ҳастанд, то даме ки мо бо итоаткории худ ин муҳрҳоро кушоем. Онҳоро на бо ҳикмат кушодан мумкин аст, ва на бо фалсафа. Аммо ҳамин ки итоаркорӣ зоҳир намоед, аз осмон нур фурӯ мерезад. Ҳақиқати Худо бояд тамоми вуҷуди шуморо фаро гирад: агар касе инро бо дастонаш дошта гирифтанӣ шавад, он аз байни ангуштонаш гузашта меравад. Бо як роҳи ягона донистани он — бас кардани ҳама гуна ҷустуҷӯи ҳақиқат ва аз олами боло таваллуд шудан аст. Ба Худо дар он чизе ки ба шумо ошкор мекунад, итоат намоед, ва Ӯ дарҳол чизи дигареро ошкор ба шумо мекунад. Одамон дар бораи амали Рӯҳулқудс китобҳои зиёд мехонанд, дар ҳоле ки панҷ дақиқа итоаткории бечуну чаро ҳама чизҳоро чун рӯзи Худо равшан мекунад. «Умедворам, ки рӯзе ман инро мефаҳмам!» Шумо инро худи ҳозир фаҳмида метавонед. Гап дар бораи ақл нест, гап дар бораи итоат кардан аст. Ҳамагӣ қатрае итоаткорӣ кунед — ва осмонҳо кушода шуда, чуқуртатарин ҳақиқатҳои Худо фавран аз они шумо мешаванд. Худо ҳаргиз он чиро, ки шумо аллакай медонед, ошкор намекунад. Худо нагузорад, ки «хирадманд ва оқил» шавед.

282. БАЪД АЗ ХОМӮШИИ ХУДО ЧӢ МЕОЯД?

«Чун шунид, ки вай бемор аст, дар ҷое ки буд, ду рӯз монд» (Юҳанно 11:6).

Оё Худо шуморо бо хомӯшии Худ, яъне хомӯшии пур аз маънои чуқур сарфароз намудааст? Дар хомӯшии Худо ҷавобҳои Ӯ ниҳон мебошанд. Ба ёд оваред, ки чӣ тавр Масеҳ дар хонае дар Байт-Анё якчанд рӯз хомӯш буд! Оё дар ҳаёти шумо чизе монанди ин рӯзҳо буд? Оё Худо метавонад шуморо бо чунин хомӯшӣ сарфароз намояд, ё шумо ҳанӯз ҳам ҷавоби равшану намоёнро

дархост мекунед? Худо ба шумо он баракатҳоеро, ки мехоҳед, ато мекунад, агар шумо бе онҳо пеш рафта наметавониста бошед, аммо хомӯшии Ӯ нишонаи он аст, ки Ӯ шуморо ба сӯи фаҳмиши ҳайратоваре дар бораи Худ раҳнамоӣ мекунад. Оё аз боиси ҷавоби аниқ нагирифтанатон дар назди Худо ғамгин мешавед? Бо диққат нигоҳ кунед ва мебинед, ки Худо шуморо бо бузургтарин дараҷаи наздикии имконпазир сарфароз намудааст — хомӯшии комил, ки дар паси на ноумедӣ, балки ризоият ва таҳсин аст, зеро Ӯ дид, ки шумо ваҳйи бузургтарро низ қабул карда метавонед. Агар Худо шуморо бо хомӯшӣ сарфароз карда бошад, ба Ӯ шукр гӯед: Ӯ шуморо бо нақшаҳои бузургтарин ва махфии Худ шинос карда истодааст. Бо кадом тарз ҷавоби Худро дар ҳудуди вақт ошкор кардан кори Худост, ки бар ҳама чиз ҳукмфармост. Вақт барои Худо ҳеҷ чиз нест. Шумо боре гуфтед: «Аз Худо нон хостам, санг дод». Ӯ ҳеҷ гоҳ ба шумо санг надодааст! Ва имрӯз ногаҳон шумо фаҳмидед, ки ӯ ба шумо нони ҳаётро додааст.

Хомӯшии Худо аз он ҷиҳат мӯъҷизаосо аст, ки ба шумо оромии Ӯ гузаронда мешавад ва шумо комилан боварӣ ҳосил мекунед: «Ман медонам, ки Худо маро шунидааст».

Далели он ки Ӯ дар ҳақиқат шунидааст, хомӯшии Ӯст. Дар ҳоле ки ба шумо чунин метобад, ки Худованд дар ҷавоби дуоятон бояд шуморо баракат диҳад, Ӯ ҳақиқатан баракат медиҳад, аммо файзи хомӯширо ба шумо ато карда наметавонад. Бо мурури он ки Исои Масеҳ шуморо ба фаҳмиши он меоварад, ки дуо барои ҷалол додани Падари Ӯ дода шудааст, Ӯ ба шумо кафолати аввалини наздикии Худ — хомӯширо медиҳад.

283. ЧӢ ТАВР БО ХУДО ҲАМҚАДАМ ШУДАН МУМКИН АСТ?

«Ва Ҳанӯх пеши Худо роҳ рафт» (Ҳастӣ 5:24).

Имони инсон ва моҳияти он на дар коре ки ӯ дар лаҳзаҳои махсус ва ғайриоддӣ мекунад, балки дар корҳое маълум мешаванд, ки ӯ танҳо дар соатҳои муқаррарӣ ба ҷо меоварад, ҳангоме ки

ҳеҷ чизи махсусе рӯй намедиҳад. Чӣ арзише доштани инсон аз он маълум мешавад, ки ӯ ба корҳои оддӣ чӣ гуна муносибат мекунад, ҳангоме ки нигоҳи одамон ба ӯ нигаронида нашудааст. Ҳамқадами Худо буданро омӯхтан кори осон нест, дар ин маврид бе «нафаси дуюм» кор кардан ғайриимкон аст. Ҳангоме ки бо Худо роҳ рафтанро ёд мегиред, ҳамеша бо Ӯ ҳамқадам будан душвор аст, аммо ҳангоме ки ҳамқадам мешавед, ягона чизе ки мебинед, ҳаёти Худост. Дар иттиҳод бо Худо худи инсон аз назар нопадид мешавад, танҳо қадами Худо ва қудрати Худо ба ҳама намоён аст.

Бо Худо ҳамқадам будан душвор аст, зеро ҳангоме ки бо Ӯ роҳ рафтанро сар мекунем, мо мебинем, ки пеш аз он ки се қадам гузорем, Ӯ аллакай хеле пеш рафтааст. Ӯ ҳама чизро ба таври дигар мекунад ва мо бояд аз Ӯ омӯзем ва одат кунем, ки ҳама корро ҳамон тавр кунем, ки Ӯ мекунад. Дар бораи Исо гуфта шуда буд, ки «...Лакот нахоҳад шуд, ва бемаҷол нахоҳад гардид» (Иш.42:4), зеро Ӯ ҳеҷ гоҳ бо нуқтаи назари худ коре намекард, балки ҳамеша танҳо бо нуқтаи назари Падари худ. Мо бояд ҳамин тавр рафтор карданро ёд гирем. Ҳақиқати рӯҳонӣ ҳамон вақт фаҳмида мешавад, ки шахс дар Рӯҳи рост таъмид ёбад, на ҳангоме ки ӯ доноӣ зоҳир мекунад. Рӯҳи Худо худи фазои дарки моро дигаргун мекунад, ва он чи барои мо пештар номумкин буд, имконпазир мегардад. Ҳамқадами Худо будан маънои бо Ӯ дар ягонагии комил буданро дорад. Ин дарҳол ба даст намеояд, аммо кӯшиш кардан лозим аст. Таслим нашавед, новобаста ба он ки ин чӣ қадар дарднок аст, сабр кунед — ва ба зудӣ мебинед, ки ҳама чизро ба таври дигар мебинед ва мақсадҳои шумо тамоман дигаранд.

284. НОУМЕДӢ ВА КОРҲОИ БУЗУРГ

«...(Мусо) назди бародарони худ берун омад ва корҳои сахти онҳоро мушоҳида намуд» (Хуруҷ 2:11).

Мусо мазлумии халқи худро дида, боварӣ ҳосил кард, ки маҳз ӯ бояд бародарони худро наҷот диҳад ва дар ғазаби одилонаи

рӯҳаш барқарор намудани адолатро сар кард. Аммо баъд аз зарбаи аввалине ки Мусо барои Худо ва барои адолат расонд, Худо роҳ дод, ки ӯ ба ноумедии комил ғарқ шавад ва ӯро ба муддати чил сол ба биёбон фиристод. Дар охири ин давра Худо ба Мусо зоҳир шуд ва ба ӯ фармуд, ки рафта, халқи худро аз ғуломӣ раҳо кунад. Ва Мусо пурсид: «...Ман кистам, ки... равам?» (Хур.3:10–11). Дар ибтидо Мусо боварӣ дошт, ки маҳз ӯ бояд халқи худро наҷот диҳад, аммо барои он ки Мусо ҳақиқатан ин вазифаро иҷро карда тавонад, Худо бояд ӯро ба ин тайёр мекард. Аслан, ӯ қариб ҳама чизро дуруст мефаҳмид, аммо то он даме ки бо Худо муошират карданро ёд нагирад, вай ба кори наҷот додани халқи худ тайёр набуд.

Мо метавонем Худоро равшан бинем ва хуб фаҳмем, ки Ӯ чӣ мехоҳад, ва метавонем аллакай корро сар кунем, аммо ҳамин вақт ногаҳон чизе монанди он чил соли биёбон фаро мерасад ва ба мо чунин метобад, ки Худо моро ва корамонро фаромӯш кардааст. Аммо ҳангоме ки мо комилан ноумед мешавем ва чизеро интизор намешавем, Худо аз нав ва боз моро ба кори Худ даъват мекунад. Ва мо бо тарс мегӯем: «Ман кистам?» Аммо аввал мо бояд қадамгузории ҳашамати Худоро омӯзем: «Воҷибулвуҷуд маро назди шумо фиристод» (Хур.3:14). Мо бояд фаҳмем, ки пеш аз Худо давидан маънои беэҳтиромӣ ба Ӯро дорад, ва мо танҳо ҳангоми бо Худо дар ягонагӣ буданамон дурахшон хоҳем шуд (Мат.3:17). Мо дар ҳама кор ба он чи аз они худамон аст, таваҷҷуҳ дорем — мо мебинем, ки Худо аз мо чӣ мехоҳад, аммо то ҳол бо Ӯ ҳамқадам нестем. Бинобар ин, агар ҳоло дар давраи ноумедӣ бошед, шуморо чизи бузурге дар пеш интизор аст.

285. МОҲИЯТИ КОРИ МИССИОНЕРӢ

«...Ба Ман Тамоми қудрат дар осмон ва бар замин дода шудааст. Пас биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед» (Матто 28:18–19).

Миссионер на барои он ба хизмат меравад, ки ин ба ғайрияҳудиён даркор аст, балки барои он ки Исои Масеҳ ӯро бо қудрати худ мефиристад. Мо майл дорем, ки ба Худованди худ чун ба Касе нигарем, ки дар корҳоямон барои Худо ба мо ёрӣ мерасонад. Аммо Худовандамон Худро ба мо ҳамчун Ҳокими олии мутлақ бар шогирдонаш нишон медиҳад. Ӯ ба мо намегӯяд, ки халқҳо бе мо нобуд мешаванд, Ӯ бе ҳеҷ шарҳе мегӯяд: «...Биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед». Биравед, чунки Ман худро ба шумо чун Касе зоҳир кардам, ки тамоми қудрат ба Ӯ дода шудааст. Таълим диҳед ва мавъиза кунед, ҳамаи он чиро, ки дар бораи Ман медонед, бигӯед.

«Аммо ёздаҳ шогирд...ба кӯҳе ки Исо таъин буд, рафтанд» (Мат.28:16). Агар ман дарк карданӣ бошам, ки Масеҳ бар ҳама чиз ҳукмфармост, ман бояд Худи Ӯро бишиносам, ман бояд бо Ӯ дар алоҳидагӣ вохӯрданро ёд гирам, ман бояд барои парастиши Касе ки номи Ӯро дар худ дорам, вақтро дареғ надорам. «Назди Ман оед» (Мат.11:28) он ҷоест, ки Исо моро ба вохӯрӣ даъват мекунад. Оё сухан дар бораи шумо — «заҳматкашон ва гаронборон» аст? На танҳо шумо — ҳамаи миссионерон ин борро кашида мебаранд! Мо ин суханони мӯъҷизаосои Фармонравои тамоми коинотро ба ояндаи дур, ба вохӯрии охирин ва ниҳоии худ бо Ӯ тела медиҳем, ҳол он ки ин суханонро Исо ба шогирдонаш гуфтааст.

«Пас биравед...» «Биравед» маънои «зиндагӣ кунед»-ро дорад. Оид ба чӣ тавр рафтан дар китоби Аъмол гуфта шудааст (Аъм.1:8). Масеҳ нагуфтааст: «Ба Ерусалим, Яҳудия ва Сомария биравед». Ӯ гуфт: дар ҳама ҷойҳо «...шоҳидони ман бошед». Ба куҷо рафтанамонро Худи Ӯ ҳал мекунад. «Агар дар Ман бимонед ва суханони Ман дар шумо бимонанд...» —

ана ҳамин тавр мо бояд дар зиндагӣ қадамгузор бошем. Ба куҷо рафтанамонро мо ҳал намекунем — Худо инро муайян мекунад. «Лекин ба ин чизҳо нигоҳ намекунам ва ҷони худро азиз намедорам...» (Аъм.20:24). Ҳамин тавр шумо бояд биравед, то даме ки аз уфуқ берун равед.

286. МОҲИЯТИ ПАЁМИ МИССИОНЕРӢ

«Ӯ кафорат аст барои гуноҳҳои мо, ва на танҳо барои гуноҳҳои мо, балки барои гуноҳҳои тамоми ҷаҳон низ» (1 Юҳанно 2:2).

Моҳияти паёми миссионерӣ — марҳамати Исои Масеҳ аст. Дилхоҳ қисми кори Масеҳро гиред — шифодиҳии Ӯ, ё наҷот ва тақдисии Ӯ, дар ин ҳеҷ чизи беҳудуд нест. Аммо «Инак Барраи Худо, ки гуноҳи ҷаҳонро мебардорад» — ин аллакай берун аз ҳудуд аст. Миссионер паёми аҳамияти беохири Исои Масеҳро ҳамчун кафорати гуноҳҳои мо мерасонад, ва миссионер он касест, ки пурра бо ин ваҳӣ фаро гирифта шудааст.

Моҳияти паёми миссионер дар он аст, ки Масеҳ гуноҳҳои моро бахшид, на дар он ки Ӯ меҳрубон ва нек буд ва ба мо гуфт, ки Худо Падари мост. Кафорати гуноҳҳои мо будани Масеҳ ба таври беҳудуд муҳим аст. Паёми миссионер ба ватандӯстӣ робитае надорад, он на бо миллатҳо ва шахсиятҳои алоҳида маҳдуд намешавад, балки барои тамоми ҷаҳон аст. Ҳангоме ки Рӯҳулқудс ба ман дохил мешавад, Ӯ ба завқ ва эътиқодоти ман аҳамият намедиҳад, Ӯ маро бо Исои Худованд муттаҳид мекунад.

Миссионер касест, ки бо аҳди никоҳ ба Худованд ва Устоди худ баста шудааст ва даъват шудааст, ки на нуқтаи назари худро, балки паёми Барраи Худоро эълон кунад. Ба маҳфиле тааллуқ доштан осонтар аст, ки аъзоёнаш дар бораи он чи Исои Масеҳ барои онҳо кардааст, мегӯянд, назар ба ин ки дар ҳар гӯша дар бораи шифодиҳиҳое ки Худо ба амал меоварад, ё дар бораи як намуди махсуси муқаддасӣ ё таъмиди Рӯҳулқудсро эълон кунем. Павлус нагуфтааст: «Вой бар ҳоли ман, агар он чиро, ки Масеҳ барои ман кардааст, мавъиза накунам». Ӯ гуфт:

«...Вой бар ҳоли ман, агар башорат надиҳам!» (1Қӯр.9:16). Ин аст Инҷил — «Барраи Худо, ки гуноҳи ҷаҳонро мебардорад»!

287. МОҲИЯТИ ФАРМОНҲОИ СОҲИБИ ДАРАВ

«*...Пас, шумо аз Соҳиби дарав илтимос кунед, ки ба дарави Худ коргар фиристонад*» (Матто 9:38).

Калиди ҳамаи мушкилоти миссионер дар дасти Худост, ва ин калид амал нест, яъне на амалҳо дар фаҳмиши ҳозира, балки дуо. Аксар вақт чунин амалҳо танҳо баҳона мешаванд то ки шахс тамоми таваҷҷуҳи худро ба Худо равона накунад. Мушкилоти миссионерро бо ақли солим, ё тиб ва ё дастовардҳои тамаддун, маориф ва ҳатто башоратдиҳӣ ҳал кардан номумкин аст. Калиди ҳамаи мушкилоти миссионерӣ дуо аст. «...Пас, шумо аз Соҳиби дарав илтимос (дуо) кунед». Албатта, дуо аз кори амалӣ дур аст ва ҳатто бемаънӣ ба назар мерасад. Мо бояд фаҳмем, ки аз нуқтаи назари ақли солим, дуо кори беақлона аст.

Ҳангоме ки Исои Масеҳ ба ҷаҳон нигоҳ мекунад, Ӯ на халқҳоро, балки маҳз ҷаҳонро мебинад. Чанд нафари мо ғайр аз як шахс — Шахси Исои Масеҳ, ба ҳеҷ каси дигаре таваҷҷуҳ накарда, дуо мегӯем? Дараве ки дар кӯҳи инсоният ва боварӣ ба гуноҳкории худ меӯяд, ба Ӯ тааллуқ дорад, ва маҳз барои ҳамин хосил дуо гуфтан лозим аст, то ки ба он коргарон фиристода шаванд. Мо корҳои бисёре дорем, дар ҳоле ки одамони гирду атроф барои дарав пухта расидаанд, ва мо ҳеҷ кадоми онҳоро «дарав» намекунем, балки вақти Худованди худро беҳуда сарф карда, фаъолияти пурҷӯшу хурӯш мекунем. Тасаввур кунед, ки дар ҳаёти падар ё бародари шумо чизе рӯй медиҳад — оё дар ин маврид шумо коргаре хоҳед буд, ки ин ҳосилро барои Исои Масеҳ медаравад?

«Охир, ман корҳои бисёр дорам!» Ҳеҷ як масеҳӣ кори дигаре надорад. Масеҳӣ аз он сабаб масеҳӣ номида мешавад, ки ба Исои Масеҳ тааллуқ дорад ва наметавонад аз Худованди худ бузургтар бошад, ва наметавонад Исои Масеҳро аз он коре ки ӯ карданӣ аст, бохабар кунад. Худованди мо касеро ба ягон

кори муайян даъват намекунад: Ӯ одамонро ба сӯи худ даъват мекунад. «...Пас, шумо аз Соҳиби дарав илтимос кунед» ва Ӯ ҳама корро тавре мекунад, ки шумо худатон ба дарав мебароед.

288. КОРҲОИ БУЗУРГТАР

«...ҳатто [корҳои] бузургтар аз он ҳам хоҳад кард, зеро ки Ман назди Падар меравам» (Юҳанно 14:12).

Дуо моро ба корҳои бузургтар тайёр намекунад, дуо худ аз худ аллакай «кори бузургтар» аст. Мо дуоро ҳамчун як машқи оддӣ барои лаёқатҳои олии худ мешуморем, ки ба он барои таёйр шудан ба кори Худо рӯ меоварем. Ва дар таълимоти Исои Масеҳ дуо мӯъҷизаи кафоратро дар ман ба вуҷуд меовард, ки дар навбати худ мӯъҷизаи кафоратро дар дигарон бо қудрати Худо ба амал меовард. Барои он ки самараи ин мӯъҷиза пойдор бошад, дуо гуфтан лозим аст, аммо дар хотир доред, ки шумо бояд на дар асоси ранҷу азобҳои худ, балки дар асоси азобҳои Масеҳ дуо гӯед. Ба дуоҳо танҳо фарзанд ҷавоб ба даст меовард, хирадманд ҷавоб ба даст намеовард.

Дуо муҳориба аст, ҳар ҷое ки бошед. Худо ҳар чиро ба шумо фиристад, дуо гуфтан вазифаи шумост. Ҳеҷ гоҳ ба чунин фикр роҳ надиҳед: «Дар он ҷое ки ман ҳозир ҳастам, аз ман фоидае нест», зеро дар он ҷое ки шумо ҳоло нестед, аз шумо алалахусусс фоидае буда наметавонад. Ба ҳар ҷое ки Худо шуморо барад, дуо гӯед, ба Ӯ муроҷиат намуда, нидо кунед. «Ва ҳар чиро, ки ба номи Ман хоҳиш кунед, ба ҷо меоварам» (Юҳ.14:13). Аммо агар бар пӯстамон мӯрчаҳо надаванд, мо дуо гуфтан намехоҳем, ва ин авҷи худпарастии рӯҳонӣ аст. Мо бояд дар соҳае кор кунем, ки Худо моро дар он ҷо гузоштааст, ва Ӯ мегӯяд: «Дуо гӯед». «...Пас, шумо аз Соҳиби дарав илтимос кунед, ки ба дарави Худ коргар фиристонад» (Мат.9:38).

Дар меҳнати вазнини доимӣ чизи ҷолиб нест, аммо маҳз меҳнатдӯстон парвозҳои баланди эҷодии нобиғаҳоро ба ҳаёт татбиқ мекунанд, нақшаҳои Устоди худро иҷро мекунанд. Шумо дар дуо кор мекунед ва аз нуқтаи назари Ӯ, он беист меваи

худро медиҳад. Ҳангоме ки парда бардошта мешавад ва шумо ҷонҳои «даравидаатон»-ро мебинед, чӣ қадар ҳайрон мешавед, ва ҳамааш аз он сабаб, ки ба иҷрои фармудаҳои бевосита аз Исои Масеҳ меомада одат кардаед.

289. МОҲИЯТИ ВАФОДОРИИ МИССИОНЕР

«...Зеро ки онҳо ба хотири исми Ӯ сафар карданд» (3 Юҳанно 7).

Худовандамон ба мо гуфтааст, ки чӣ тавр ба Ӯ муҳаббат зоҳир кунем: «...Оё Маро дӯст медорӣ? — ...Гӯсфандони Маро бичарон» (Юҳ.21:17). Бигзор таваҷҷӯҳи Ман ба одамон аз они ту гардад, ва таваҷҷӯҳеро, ки ба одамон дорӣ, ба Ман бор накун. Дар хусуси чӣ гуна муҳаббат будани ин дар Номаи 1-ум ба Қӯринтиён гуфта шудааст (1Қӯр.13:4–8). Ин ифодаи муҳаббати Худост. Муҳаббати ман ба Масеҳ дар амал маълум мешавад, боқимонда ҳама суханони раҳмхурандаи хушк аст.

Садоқат ба Исои Масеҳ кори фавқуттабии наҷот аст, ки Рӯҳулқудс дар ман ба амал меоварад, ва муҳаббати Худоро дар дили ман фурӯ мерезад (ниг. Рум.5:5) ва ин муҳаббат ба воситаи ман ба ҳама касоне ки бо онҳо робита мекунам, амал менамояд. Ман ба номи Ӯ вафодорам, агарчи ҳамаи фактҳое ки ақли солим ба ман медиҳад, кӯшиш мекунанд Ӯро дар дурӯғгӯӣ айбдор кунанд ва мегӯянд, ки қувваи Ӯ аз тумани субҳ бештар нест.

Миссионер ба Масеҳ вафодор мемонад, агар вай бо ҳеҷ чиз ва ҳеҷ кас ғайр аз худи Худованди мо дилбастагӣ надошта набошад. Ин тамоман дар бораи он нест, ки ба ҳеҷ чиз даст расондан мумкин нест. Худованди мо ҳамеша дар миёни ҳама воқеаҳои атроф буд. Аммо ботинанан Ӯ дар ҳақиқат ба ғайр аз Худо ба ҳеҷ чиз ва касе дилбастагӣ надошт. Агар шахс аз ҳад зиёд эҳтиёткор бошад, ки ба ягон чизи беруна даст нарасонад, ин аксар вақт нишон медиҳад, ки ӯ ботинан бо он чизе ки аз он дурӣ меҷӯяд, робитаи махфӣ ва бефосила дорад.

Вафодории миссионер дар он аст, ки рӯҳи ӯ ҳамеша ба моҳияти Худованд Исои Масеҳ кушода аст. Одамоне ки

Худованди мо онҳоро бо дастурҳои худ мефиристад, одамони оддитарин мебошанд. Ва дар онҳо танҳо як чиз ҳаст, ки дигарон надоранд — барои онҳо, пеш аз ҳама, садоқат ба Худо, ки Рӯҳулқудс ба онҳо медиҳад, аз ҳама чиз авлотар аст.

290. СИРРЕ КИ БА ҲЕҶ КАС ДАРКОР НЕСТ

«*Подшоҳии Ман аз ин ҷаҳон нест*» (Юҳанно 18:36).

Дар замони мо душмани марговари Худованд Исои Масеҳ — идеяи фаъолияти соҳибкорӣ мебошад; ва ин фикр на аз Аҳди Ҷадид, балки аз ҷаҳон пайдо шудааст; ҷаҳон талаб мекунад, ки ҳама доимо бо коре банд бошанд, беист дар давуғеҷ бошанд, яъне амал кунанд. Дар баробари ин, касе парвое надорад, ки оё шахс бо Худо ягон намуди ҳаёти шахсӣ дорад ё не. Диққати асосӣ на ба он чизе равона шудааст, ки муҳим аст. Масеҳ гуфтааст: «...Малакути Худо тавре намеояд, ки ба назар намоён шавад...зеро инак, Малакути Худо дар дохили шумост» (Луқ.17:20–21). Подшоҳии Худо як чизи нозук ва ноаён аст. «Фаъол»-и масеҳӣ аксар вақт чун дар витрина зиндагӣ мекунад, дар ҳоле ки қувваи ӯ дар чуқуриҳои рӯҳи ӯ ҷойгир аст.

Мо бояд аз вабое ки дар ин замони динӣ ба рӯҳи мо осеб мерасонад, халос шавем. Дар ҳаёти Худованди мо шитобкорӣ ва давидан, суперфаъолияте ки мо онро хеле қадр мекунем, набуд. Аммо шогирд бояд монанди устодаш бошад. Чизи аз ҳама муҳим дар Подшоҳии Исои Масеҳ — муносибати шахсӣ бо Масеҳ аст, на фоиданокии шахс дар ҷамъият. Шоистагии ин коллеҷи библиявӣ дар фаъолияти амалии он нест, тамоми шоистагии он дар он аст, ки шумо дар ин ҷо бо ҳақиқатҳои Худо сар то по фаро гирифта мешавед. Шумо намедонед, ки Худо ба насиби шумо чӣ мефиристад, шумо тасаввур карда наметавонед, ки дар ватани худ ё дур аз он чӣ гуна душвориҳоро паси сар карданатон лозим меояд — ва агар ба ҷои фаро гирифта шудан бо ҳақиқатҳои бузурги бунёдии кафорати Худо, шумо вақти худро ба корҳои суперфаъолият сарф кунед, он гоҳ ҳангоми фаро расидани мушкилот шикаста мешавед. Аммо агар ин

вақтро барои реша гирифтан ва устувор шудан дар Худо сарф кунед ва ба чизҳои амалӣ аҳамият надиҳед, новобаста ба он ки чӣ рӯй медиҳад, шумо ба Ӯ вафодор мемонед.

291. ОЁ ХОСТИ МАН ХОСТИ ХУДОСТ?

«*Зеро иродаи Худост, ки шумо пок бошед*» (1 Тасолуникиён 4:3).

Масъала дар он нест, ки оё Худо мехоҳад, ки муқаддас шавам, масъала дар он аст, ки оё ман инро мехоҳам? Оё ман мехоҳам, ки Худо дар ман ҳамаи он чиро, ки ба воситаи кафорат имконпазир шудааст, иҷро кунад? Оё ман мехоҳам, ки Исо барои ман тақдис гардад, то ки ҳаёти Масеҳ дар ҷисми мирандаи ман зоҳир шавад? Чунин гуфтан лозим нест: «Ман хеле мехоҳам муқаддас шавам!» Дар ин мавриди шумо инро намехоҳед! Хоҳиш доштанро бас кунед ва танҳо бо имон қабул кунед, ва дар ёд нигоҳ доред, ки шумо ба Худо чизе дода наметавонед. Бо имони пок қабул кунед, ки Исои Масеҳ барои шумо тақдис шудааст, — ва муъҷизаи бузурги кафорат дар шумо воқеият мегардад. Ҳар он чи Исо имконпазир карда буд, аз они ман шуд, зеро Худо ҳамаашро аз боиси муҳаббати Худ ба ман ҳамчун туҳфа дод, ва Ӯ аз он сабаб ин корро карда тавонист, ки Масеҳ барои ман мурд, зеро рӯҳи наҷотёфта ва тақдисёфтаи ман дар муқаддасии худ фурӯтан гардид (муқаддасии фурӯтаннашуда умуман вуҷуд надорад); ин муқаддасӣ дар тавбаи дарднок, эҳсоси шарм ва огоҳии фосид будани худ ва инчунин дар фаҳмиши аҷибе асос ёфтааст, ки муҳаббати Худо ба ман супурда шудааст ва ҳангоме ки ман ҳатто дар бораи Худо фикр намекардам, Худо аллакай ҳама чизеро, ки барои наҷот ва муқаддасиии ман лозим буд, анҷом дод (ниг. Рум.5:8). Пас, ҳайратовар нест, ки Павлус мегӯяд, ки ҳеҷ чиз «моро аз муҳаббати Худо, ки дар Худованди мо Масеҳ Исо аст, ҷудо карда наметавонад» (Рум.8:39).

Муқаддасӣ маро бо Исои Масеҳ ва дар Ӯ бо Худо як мегардонад ва ин танҳо ба воситаи кафорати комили Масеҳ ба даст меояд. Ва ҳеҷ гоҳ сабаб ва натиҷаро омехта накунед.

Натиҷае ки дар ман зуҳур мекунад, итоаткорӣ, хизмат ва дуо, инчунин миннатдории бебаҳс ва ҳайрат барои муқаддасии аҷоибест, ки дар ман ба воситаи кафорат ба амал омадааст.

292. ТАЛОШҲО БА КУҶО МЕБАРАНД

«...худро бо имони бағоят муқаддасатон обод кунед...» (Яҳудо 20).

Рафтори Худованди мо ҳеҷ гоҳ ҳардамхаёл ё бепарвоёна набуд. Дар ӯ як қувваи ороме буд, ки ҳеҷ гоҳ ба воҳима дода намешуд. Аксарияти мо на ҳаёти Худоро, балки ҳаёти худро ҳамчун ҳаёти масеҳии худ мефаҳмем. Зиндагии нафсонӣ бе ҳардамхаёлӣ будан, бе ҷӯшу хурӯшҳо нест, аммо Худованди мо ҳеҷ гоҳ ҳеҷ чизро бар ин ҳардамхаёлӣ будан бунёд намекунад, зеро он ба инкишофи шогирд халал мерасонад. Бубинед, ки чӣ тавр Рӯҳи Худо ҷӯшу хурӯшҳои моро бозмедорад: Ӯ аблаҳии моро ба мо нишон медиҳад, ва мо дарҳол худро сафед кардан мехоҳем. Барои кӯдак ин гуна ҷӯшу хурӯшҳо бахшидашавандаанд, аммо барои калонсолон ин роҳи фалокатбор аст. Шахсе ки дар ихтиёри ҷӯшу хурӯшҳои худ мемонад, ҳамеша як шахси вайроншуда ва нозпарвард аст. Шумо бояд ба авҷёбиҳоятон тартибу интизомро омӯзонед, то онҳо ба эҳсосоти пешакӣ (интуиция) табдил ёбанд.

Шогирдӣ танҳо дар файзи фавқулоддаи Худо асос ёфтааст. Бар рӯи об роҳ рафтан барои як шахси ҳардамхаёлӣ осон аст, аммо дар замини хушк роҳ рафтани шогирди Исои Масеҳ кори тамоман дигар аст. Петрус рӯи об рост назди Исо рафт, аммо дар хушкӣ «аз дур аз ақиби Ӯ мерафт» (Марқ.14:54). Мо ба ягон хел озмоиш бе файзи Худо ҳам тоб оварда метавонем — табиати инсонии мо ва ғурури мо барои ин қувваи кофӣ доранд ва онҳо метавонанд ба мо ёрӣ расонанд, ки аз вазъияти душвор шарафмандона берун шавем. Аммо барои бисту чор соат дар як шабонарӯз муқаддасона зиндагӣ кардан, барои дар ҳаёти ҳаррӯзаи беранг шогирди Масеҳ будан, барои оддӣ, ором ва ноаён зиндагӣ кардан файзи фавқуттабиии Худо даркор аст.

Чаро ҳамаи мо фикр мекунем, ки бояд барои Худо ягон кори ғайриоддӣ кунем? Инро аз мо ҳеҷ кас талаб намекунад. Мо бояд дар чизи оддӣ ғайриоддӣ бошем, дар кӯчаҳои ифлос, дар байни одамони ифлос муқаддас бошем, ва инро дар панҷ дақиқа ёд гирифта наметавонем.

293. ШАҲОДАТИ РӮҲ

«Ҳамон Рӯҳ ба рӯҳи мо шаҳодат медиҳад...» (Румиён 8:16).

Ҳангоме ки мо назди Худо меоем, зери хатари гирифтор шудан ба рӯҳи тиҷоратӣ ҳастем: пеш аз он ки ягон кори фармудаи Худоро ба ҷо оварем, мехоҳем ягон кафолате дошта бошем. «Чаро Худо Худро ба ман ошкор намекунад?» Ва Ӯ наметавонад Худро ошкор кунад (ва гап дар он нест, ки Ӯ намехоҳад, балки наметавонад), зеро шумо ҳанӯз худро бечуну чаро ба ихтиёри Ӯ насупурдаед, шумо танҳо дар роҳ ба сӯи Ӯ ҳастед.

Ва чун худро ба ихтиёрӣ Худо месупоред, Худо ба Худ оид ба Худ шаҳодат медиҳад. Ӯ наметавонад дар бораи Худ ба шумо шаҳодат диҳад, балки дарҳол дар бораи Худ ба моҳияти Худ, ки дар шумост, шаҳодат медиҳад. Агар шаҳодат пеш аз воқеият ба шумо дода мешуд, он ба ғайр аз эҳсоси раҳмовaранда дигар чизе намебуд. Ва ҳангоме ки шумо дар асоси кафорат амал намуданро сар мекунед ва баҳсҳои беақлонаро бас мекунед, Худо ба шумо шаҳодати Худро медиҳад. Ҳамин ки шумо доно тарошидани худро тарк мекунед, Худо оид ба кори кардааш ба шумо шаҳодат медиҳад, ва шумо худатон аз бехирадии худ дар ҳайрат мемонед, зеро маҳз худатон роҳ намедодед, ки Худо ба шумо чизеро нишон диҳад, ки нишон додан мехост. Агар бо Худо баҳсу мунозира кунед, оё Ӯ шуморо аз гуноҳ раҳоӣ дода метавонад? Ё ба Ӯ имкон диҳед, ки шуморо аз ин гуноҳ раҳоӣ диҳад, ё гӯед, ки ба ӯ иҷозат намедиҳед чунин кунад? Ба касе муроҷиат кардан лозим нест, танҳо хондан лозим аст: «Назди Ман оед» (Мат.11:28). Агар шумо «заҳматкашон ва гаронборон» бошед, биёед; агар донед, ки шумо бад ҳастед, хоҳиш кунед (Луқ.11:13).

Рӯҳи Худо дар бораи кафорати Худованди мо шаҳодат медиҳад; Ӯ дар бораи ҳеҷ чизи дигар шаҳодат намедиҳад. Ва Ӯ наметавонад ба ақли мо шаҳодат диҳад. Мо аксар вақт соддагиеро, ки дар қарорҳои ақли солими худ мебинем, ҳамчун шаҳодати Рӯҳ қабул мекунем. Аммо Рӯҳ танҳо дар бораи табиати Худ ва дар бораи кори кафорат шаҳодат медиҳад; Ӯ ҳеҷ гоҳ дар бораи ақли мо шаҳодат намедиҳад. Агар мо Ӯро маҷбур карданӣ шавем, ки дар бораи ақли мо шаҳодат диҳад, пас чаро баъд ҳайрон мешавем, ки худро дар торикии пурра ва ошуфтагии комил мебинем? Ҳама чизро аз киштӣ берун партоед, ба Масеҳ эътимод кунед — ва Ӯ ба шумо шаҳодати Худро медиҳад.

294. ЧУНИН БУДА НАМЕТАВОНАД!

«Пас, касе ки дар Масеҳ аст, махлуқи навест; чизҳои қадима гузаштааст, ва инак ҳама чиз нав шудааст» (2 Қӯринтиён 5:17).

Худованди мо ҳеҷ гоҳ хурофотҳои моро навозиш намекунад, Ӯ онҳоро нобуд мекунад ва рӯйрост бар зидди онҳо мебарояд. Ба мо чунин метобад, ки Худо ба баъзе хурофотҳои конкретии мо таваҷҷуҳи махсус дорад, мо комилан боварӣ дорем, ки Худо ҳеҷ гоҳ бо мо тавре рафтор намекунад, ки бо одамони дигар рафтор намуданаш лозим меояд. «Худо бояд бо дигарон хеле сахт рафтор кунад, аммо Ӯ бешубҳа медонад, ки хурофотҳои ман хатарнок нестанд». Мо бояд дар ёд нигоҳ дорем, ки ин тавр шуда наметавонад! Худо ҳеҷ гоҳ хурофотҳоро ҷонибдорӣ намекунад, Ӯ онҳоро ба таври қатъӣ нест мекунад. Ва ҳангоме ки пешбинии Худо хурофотҳои моро аз байн мебарад, мо бояд аз он ибрат гирем, омӯзем, ки Худо чӣ кор мекунад ва чӣ тавр Ӯ ин корро мекунад. Худо ба ҳеҷ яке аз чизҳое ки мо назди Ӯ меоварем, эҳтиром зоҳир намекунад. Худо аз мо танҳо як чизро мехоҳад — бечуну чаро таслим шудани моро.

Ҳангоме ки мо аз олами боло таваллуд мешавем, Рӯҳулқудс ба офаридани махлуқи нав дар мо сар мекунад ва замоне фаро

мерасад, ки аз кӯҳна осоре наемонад, ва ҳисси кӯҳнаи иззати нафсамон аз байн меравад, нуқтаи назари кӯҳна ба зиндагӣ аз байн меравад ва «ҳама чиз аз ҷониби Худост» мешавад (2Қӯр.5:18). Чӣ гуна бе ҳаваси ҷисм, бе худхоҳӣ, ба масхараҳо аҳамият надода, бо муҳаббате, ки асабонӣ намешавад, бадӣ намекунад ва ҳамеша меҳрубон аст, зиндагӣ кардан мумкин аст? (1Қӯр.13:4–5). Танҳо дар он маврид ин тавр зиндагӣ кардан имконпазир аст, ки дар шумо як қатра аз ҳаёти кӯҳна боқӣ намонад, балки танҳо боварии оддии комил ба Худо, чунон боварӣ, ки шумо дигар на ба баракатҳои Худо, балки танҳо худи Худо эҳтиёҷ доред. Оё мо ба ҷое расидаем, ки Худо метавонад тамоми баракатҳои худро аз мо гирад, ва ин ба имони мо ба Ӯ ҳеҷ таъсир нарасонад? Агар мо бинем, ки чӣ тавр Худо амал мекунад, мо ҳеҷ гоҳ бо фикрҳо дар бораи оянда худро азоб намедиҳем, зеро мо дар ҳақиқат ба Падари Осмонӣ, ки ҷаҳон Ӯро намебинад, боварӣ мекунем.

295. НУҚТАИ НАЗАР

«Аммо Худоро шукр, ки Ӯ ҳамеша ба мо дар Масеҳ зафар мебахшад» (2 Қӯринтиён 2:14).

Корманди киштзори Худо бояд ба ҳама чиз на танҳо аз нуқтаи то ҳадди имкон баланд, балки аз нуқтаи баландтарини имконпазир нигоҳ кунад. Ҳатман ҷонибдори нуқтаи назари Худо бошед, ин корро бояд ҳар рӯз, қадам ба қадам бояд анҷом диҳед. Худро бо ягон чаҳорчӯба маҳдуд кардан лозим нест. Ҳеҷ қуввае аз берун ба нуқтаи назари шумо дахолат карда наметавонад.

Ва мо бояд он нуқтаи назарро ҷонибдорӣ кунем, ки мо бо мақсади ягона дар рӯи замин ҳастем — асир будан дар роҳпаймоии тантанавии Масеҳ. Мо дар намоишгоҳи Худо экспонат нестем, мо дар рӯи замин танҳо барои он ҳастем, ки ба ҷаҳон як чизро нишон диҳем: ки ҳаёти мо комилан ба Исои Масеҳ итоат мекунад. Дигар нуқтаҳои назар ночиз ҳастанд — нуқтаи назар дар бораи он ки ман дар танҳоӣ барои Масеҳ мубориза мебарам, ва ман бояд барои кори Масеҳ мубориза

барам, ва ба хотири Ӯ сарбаландии худамро нигоҳ дорам! Павлус мегӯяд: «Ман аз пайи ғолиби худ меравам ва новобаста ба он ки ба чӣ гуна мушкилот рӯ ба рӯ мешавам, ба ҳар ҳол дар раҳпаймоии тантанавӣ маро мегузаронанд». Оё дар ҳаёти мо ин рӯй медиҳад? Хурсандии ниҳонии Павлус дар он буд, ки Худо ӯро, исёнгари зидди Исои Масеҳро, ки ҳангоми ҷиноят ба даст афтода буд, гирифта ба асир табдил дод, ва аз ҳамон вақт ин тамоми маънои ҳаёти ӯро ташкил медод. Павлус аз он шодӣ мекард, ки ӯро Худованд асир кардааст; вай на дар осмон ва на дар замин манфиати дигаре надошт. Барои шахси масеҳӣ гуфтани он, ки ӯ ғалабаҳо ба даст меоварад, шармовар аст. Мо бояд чунон ба Ғолиби ҳақиқӣ таслим шуда бошем, ки ҳама ғалабаҳо ҳамеша аз они Ӯ бошанд, ва мо «бар ҳамаи ин мо ба воситаи Дӯстдорамон пурра ғолиб меоем» (ниг. Рум.8:37).

«Зеро ки мо барои Худо накҳати Масеҳ ҳастем» (2Қӯр.2:15). Накҳати Масеҳ моро дар ҳама ҷо иҳота мекунад ва ҳар ҷое ки равем, чашмони Масеҳро шод мегардонем.

296. ДАР ДАСТИ ХУДО МОНДАН

«Барои ҳама кас ман ҳама чиз шудам, то ки бо ҳар роҳ баъзе касонро наҷот диҳам» (1 Қӯринтиён 9:22).

Хизматгори масеҳӣ бояд дар байни бадтаринҳо шахси олидараҷа буданро ёд гирад. Ҳеҷ гоҳ нагӯед: «Кош дар ҷои дигар мебудам!» Ҳама одамони Худо одамони оддӣ ҳастанд, ки ба шарофати он чи Худо ба онҳо медиҳад, ғайриоддӣ шудаанд. Агар дар зеҳни мо андешаи зарурӣ, ва дар диламон эҳсосоти зарурӣ набошад, барои Худо аз мо фоидае нест. Мо на бо ихтиёри худ коргарони Худо мешавем. Бисёр касон қарор медиҳанд, ки коргар шаванд, аммо онҳо қатрае аз файзи бузурги Худо надоранд, на як калима аз Каломи пурқудрати Ӯ. Тамоми дил, ақл ва ҷони Павлус бо он кори бузурге банд буд, ки Исои Масеҳ барои он омада буд, ва ӯ ҳеҷ гоҳ онро аз мадди назар дур намекард. Мо низ бояд бо як факти асосӣ рӯ ба рӯ шавем — «Исои Масеҳ, Он ҳам ба салиб маслубшуда» (ниг. 1Қӯр.2:2).

«Ман шуморо интихоб кардаам» (Юҳ.15:16). Дар эътирофи имони шумо бояд ин суханони бузург бошанд. Гап дар он нест, ки шумо Худо доред, балки балки дар он аст, ки Ӯ шуморо дорад. Дар ин ҷо, дар ин коллеҷ, Худо бо шумо мувофиқи хости худ амал мекунад: қат мекунад, мешиканад ва кандакорӣ мекунад. Мо намедонем, ки чаро Ӯ ин корро мекунад, Ӯ ин корро танҳо барои он мекунад, ки чунин гуфта тавонад: «Ин одами Ман аст». Мо бояд дар дасти Худо бошем, то ки Худо дигаронро низ ба он Сахра барорад, ки моро ба он ҷо баровардааст.

Ҳеҷ гоҳ худатро коргар таъйин накун, аммо агар Худо туро даъват кунад, вой бар ту, агар ба тарафи рост ё чап гардӣ. Ӯ бо ту кореро мекунад, ки пештар (пеш аз он ки туро даъват кунад) накарда буд. Ӯ бо ту кореро мекунад, ки бо дигарон намекунад. Ва бигзор бикунад.

297. МИССИОНЕР КИСТ

«...Чунон ки Падар Маро фиристод, Ман низ шуморо мефиристам» (Юҳанно 20:21).

Миссионер касест, ки Исои Масеҳ ӯро ба кор фиристодааст, чунон ки Худо Исоро фиристод. Аз ҳама муҳимтар на он чизест, ки ба одамон даркор аст, аз ҳама муҳимтар он аст, ки Исо чунин фармудааст. Сарчашмаи илҳоми мо дар хизмат барои Худо на дар пеш, балки дар пас аст. Ҳозир илҳомро ба пеш ҳаракат медиҳанд, ҳама чизро дар пеши худ тоза мекунанд ва ҳама чизро ба муваффақият (дар фаҳмиши худ) вобаста мекунанд. Аммо дар Аҳди Ҷадид, илҳом на дар пеши мо, балки дар паси мост. Илҳомбахши мо Исои Масеҳ аст. Идеали мо ин аст, ки ба Ӯ вафодор монем, нақшаҳои Ӯро иҷро кунем.

Як чизро нодида гирифтан мумкин нест — садоқати шахсӣ ба Исои Масеҳ ва ба ақидаҳои Ӯ. Дар хизмати миссионер хатари ҷиддие дар интизори мост — даъвати Худо метавонад дуюмдараҷа гардад, аммо эҳтиёҷоти одамон ба ҷои якум барояд. Ва дер ё зуд, дилсӯзии инсонӣ фаҳмиши онро, ки шуморо Исо фиристодааст, иваз мекунад. Одамон эҳтиёҷоти зиёд доранд,

ҳама чиз дар гирду атроф он қадар нофаҳмо аст, он қадар моро ба иштибоҳ меоварад, ки ақли мо онро дарк карда наметавонад. Ва мо фаромӯш мекунем, ки мақсади асосии ҳар як кори миссионерӣ на баланд бардоштани одамон, на тарбияи одамон ва на талаботи одамон аст. Ҳукми Исои Масеҳ аз ҳама сабабҳои дигар авлотар аст: «Пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед» (Мат.28:19).

Ҳангоме ки мо ба ҳаёти одамони Худо менигарем, чунин гуфтан мехоҳем: «Онҳо то чӣ андоза ҳама чизро хирадмандона мефаҳмиданд!» Барояшон равшан буд, ки Худо аз онҳо чӣ мехоҳад! Ва на онҳо хирадманд буданд, балки Худо. Хиради инсонӣ дар ин ҷо тамоман нест. Мо дар назди хиради инсонӣ таъзим мекунем, ҳол он ки бояд дар назди хиради Худо, дар назди он таъзим кунем, ки Худо ба одамон чун ба кӯдакон, дар беақлии онҳо ёрӣ мерасонд, ба ҳикмат ва ёрии фавқуттабиии Ӯ боварӣ намоем.

298. УСУЛҲОИ МИССИОНЕРӢ

«Пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед» (Матто 28:19).

Исои Масеҳ нагуфт: «Биравед ва ҷонҳоро наҷот диҳед» (наҷот додани ҷонҳо кори фавқуттабиии Худост), Ӯ гуфт: «Биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед». Ва дар ҳоле ки худ нодон мемонед, таълим додан ғайриимкон аст. Ҳангоме ки шогирдон аз супориши аввалини миссионерии худ баргаштанд, онҳо аз шодӣ пур буданд, зеро девҳо ба онҳо итоат мекарданд, аммо Масеҳ гуфт: «Аз хизмати муваффақиятнок шод нашавед, сирри бузурги хурсандӣ дар он аст, ки шумо бо Ман муносибати дуруст доред» (ниг. Луқ.10:17–20). Чизи муҳимтарин дар миссионер ин аст, ки вай ба даъвати Худо вафодор аст ва мефаҳмад: мақсади ягонаи ӯ ба одамон ёрӣ расондан аст, то аз Масеҳ омӯзанд. Аммо шавқи дигаре низ барои ҷонҳо ҳаст, ки на аз Худо, балки аз хоҳиши ба эътиқоди худ, ба нуқтаи назари худ ҷалб кардани одамон бармеояд.

Мушкилии кори миссионерӣ на дар он аст, ки наҷот додани одамон, бозгардондани муртадон душвор аст ва миссионер ба

бепарвоии беилоҷ дучор мешавад — мушкилии ин кор дар муносибатҳои шахсии худи миссионер бо Исои Масеҳ аст. «...Оё бовар мекунед, ки Ман ин корро карда метавонам?» (Мат.9:28). Худованди мо ҳамеша ба мо ин саволро медиҳад, ки дар ҳама ҳолатҳои конкретӣ, ки мо бо он рӯ ба рӯ мешавем, пеши мо ба миён меояд. Хулоса ин аст, ки оё ман Худованди эҳёшудаамро мешиносам? Оё ман қудрати Рӯҳи Ӯро, ки дар ман сокин аст, медонам? Оё ман дар назари Худо ба қадри кофӣ боҳикматам ва дар назари ҷаҳон ба қадри кофӣ беақлам, то ки дар ҳама чиз ба суханони Исои Масеҳ таваккал кунам, ё ман аз мавқеи бузурги фавқуттабиии худ, ки танҳо он вазифаи миссионерӣ буда метавонад — аз боварии беинтиҳо ба Исои Масеҳ даст мекашам? Агар ягон усули дигареро қабул кунам, ман аз усулҳои муқарраркардаи Худованди мо комилан дур мешавам: «...Ба ман тамоми қудрат дода шудааст... *Пас, биравед...*» (Мат.28:18–19).

299. САФЕДШАВӢ БО ИМОН

«Зеро ки агар бо Худо, ҳангоми душман будани худ, ба воситаи мамоти Писари Ӯ мусолиҳа карда бошем, пас, алалхусус баъд аз мусолиҳа кардан, мо ба воситаи ҳаёти Ӯ наҷот хоҳем ёфт» (Румиён 5:10).

Ман бо имон наҷот намеёбам, балки бо имон мефаҳмам, ки наҷот ёфтаам. Маро тавба наҷот намедиҳад, тавба нишонаи он аст, ки ман он чиро, ки Худо дар Исои Масеҳ дар ман кардааст, мефаҳмам. Мо ҳамеша ба хатаре рӯ ба рӯ мешавем, ки на ба сабаб, балки ба натиҷа аҳамият медиҳем. Ман гӯё дар назди Худо бо итоаткорӣ ва ба Ӯ бахшидани худ сафед шудаам. Аммо чунин буда наметавонад! Ман аз он сабаб дар назди Худо сафед шудаам, ки пеш аз он ки ман коре карда тавонам, Масеҳ аллакай барои ман мурд. Ҳангоме ки ман ба Худо рӯ меоварам ва ҳамаи он чиро, ки Худо ба ман ошкор мекунад, бо имон қабул мекунам, ман ба шарофати кафорати нофаҳмои Исои Масеҳ дарҳол худро дар мавқеи дуруст дар нисбати Худо мебинам ва

бо муъҷизаи фавқуттабиии файзи Худо ман пеши Худо сафед шуда меистам, ва на аз он сабаб ки ман барои гуноҳи худ афсӯс мехӯрам, на аз он сабаб, ки тавба кардам, балки аз он сабаб, ки Масеҳ барои ман мурд. Ин паём аз Рӯҳи Худо ба ҷони ман медарояд ва онро бо нури тасаввурнашаванда пур мекунад ва ман медонам, ки наҷот ёфтаам, агарчи намедонам, ки ин чӣ гуна рӯй дод.

Наҷоти Худо на дар мантиқи инсонӣ, балки дар марги фидокоронаи Масеҳ асос ёфтааст. Мо ба шарофати кафорати Худовандамон аз олами боло таваллуд шуда метавонем. Одамони гунаҳкор на ба туфайли тавба ё имони худ «офаридаи нав» шуда метавонанд, балки ба туфайли кори муъҷизаосои Худо дар Исои Масеҳ, ки аз ҳамаи он чи бо мо рӯй медиҳад, пештар мебошад (ниг. 2Қӯр.5:17–19). Кафолати устувори сафедшавӣ ва муқаддасшавӣ худи Худост. Ҳамаи инро бо қувваи худ ба ҷо овардани мо даркор нест, он аллакай дар кафорат анҷом дода шудааст. Фавқуттабиӣ ба шарофати мӯъҷизаи Худо табиӣ мегардад ва мо мефаҳмем, ки Исои Масеҳ барои мо аллакай чӣ кор кардааст — «*...Иҷро шуд!*» (Юҳ.19:30).

300. БА ҶОИ МО

«Зеро Ӯро, ки аз гуноҳ бехабар буд, барои мо қурбони гуноҳ сохт, то ки мо дар Ӯ адолати Худо шавем» (2 Қӯринтиён 5:21).

Нуқтаи назари ҳозира ба марги Масеҳ ин аст, ки Ӯ барои гуноҳҳои мо аз боиси дилсӯзӣ мурд. Нуқтаи назари Аҳди Ҷадид аз он иборат аст, ки Ӯ на аз боиси дилсӯзӣ гуноҳи моро ба Худ гирифт, балки аз он сабаб, ки Ӯ дар бораи тақдири Худ берун аз тақдири мо фикр намекард. Ӯ «қурбонии гуноҳ карда» шуд. Гуноҳҳоямон ба воситаи марги Масеҳ аз мо дур карда мешаванд ва маънидоди марги Ӯ на дар дилсӯзии Ӯ ба мо, балки дар итоаткории Ӯ ба Падараш аст. Мо ба Худо на аз он сабаб писанд меоем, ки итоаткор ҳастем ё ваъда додаем, ки аз чизе даст мекашем, балки барои он ки Масеҳ мурд. Ва ба таври дигар буда наметавонад. Мо мегӯем, ки Исои Масеҳ омад, то ба

мо Худоро ҳамчун Падар нишон диҳад, муҳаббати Ӯро нишон диҳад. Ва Аҳди Ҷадид мегӯяд, ки Ӯ омад, то «гуноҳи ҷаҳонро бардорад» (Юҳ.1:29). Ва Худо ба касоне ки Исои Масеҳ ба онҳо ҳамчун Наҷотдиҳанда зоҳир шуд, Худро ҳамчун Падар нишон медиҳад. Исои Масеҳ ҳеҷ гоҳ дар бораи Худаш ба ҷаҳон чун дар бораи Шахсе ки Падарро ба одамон зоҳир кард, нагуфтааст. Ӯ дар бораи Худ чун дар бораи санги пешподиҳанда мегуфт (ниг. Юҳ.15:22–24). Суханонро дар бораи Падар (Юҳ.14:9) Масеҳ ба шогирдон гуфтааст.

Аҳди Ҷадид ҳеҷ гоҳ таълим намедиҳад, ки Масеҳ барои ман мурд, ва ман ҳама кори мехостаамро карда метавонам. Аммо Аҳди Ҷадид таълим медиҳад, ки «Масеҳ барои ҳама мурд» (2Қӯр.5:15) (ва на танҳо барои ман!), ва бо қабул кардани марги Ӯ ман метавонам аз гуноҳ халос шавам ва росткории Ӯро ба даст оварам. Қурбонии ивазкунандае ки дар Аҳди Ҷадид зикр шудааст, ду маъно дорад: «Зеро Ӯро, ки аз гуноҳ бехабар буд, барои мо қурбонии гуноҳ сохт, *то ки мо дар Ӯ адолати Худо шавем*». Ва марги Масеҳ ба ман чизе намедиҳад, то даме ки нахоҳам, ки Масеҳ дар ман «сурат бандад» (Ғал.4:19).

301. ИМОН

«Аммо бе имон ба назари Худо писанд омадан мумкин нест» (Ибриён 11:6).

Имон бе ақли солим таассуб аст, ва ақли солим бе имон мулоҳизакорӣ аст. Бо имон зиндагӣ кардан маънои якҷоя кардани ҳар дуро дорад. Ақли солим имон нест ва имон ақли солим нест. Байни онҳо ҳамон муносибате ҳаст, ки байни табиӣ ва рӯҳонӣ, барангезиши шавқ ва илҳом ҳаст.

Исои Масеҳ ҳеҷ гоҳ «ба маънои ақли солим» сухан намегуфт, Ӯ ҳамеша ба маънои ваҳӣ сухан меронд ва ваҳӣ ба он ҷое ворид мешавад, ки ақли солим ворид шуда наметавонад. Пеш аз он ки имон ба воқеияти объективӣ табдил ёбад, он бояд санҷида шавад. «Мо медонем, ки...ҳама чиз барои некӣ хизмат мекунад» (Рум.8:28). ва новобаста ба он ки чӣ рӯй медиҳад,

пешбинии Худо идеалҳои имонро ба воқеият табдил медиҳад. Имон ҳамеша масъалаи шахсӣ аст, тамоми мақсади Худо маҳз дар он аст, ки дар фарзандони Ӯ идеалҳои имон ба воқеият табдил ёбанд.

Барои ҳар як ҷузъиёти ҳаёт мувофиқи принсипҳои ақли солим далели ваҳйи Худо ҳаст, ки бо ёрии он мо метавонем чизеро, ки дар он ба Худо таваккал мекунем, дар амал фаҳмем.

Имон ба ҳеҷ вақҳ чизи ғайрифаъол нест, балки, баръакс, як чизи бениҳоят фаъол аст. Имон ҳамеша Исои Масеҳро дар ҷои аввал мегузорад — «Худовандо, азбаски Ту ин тавр гуфтӣ (масалан, Мат.6:33), агарчи ин беақлӣ метобад, ман мувофиқи каломи Ту амал мекунам». Ва имон комилан зеҳнӣ гардида бо мубориза моли шахсии мо мешавад, ва на гоҳ-гоҳ, балки ҳамеша ба воситаи мубориза. Худо моро дар вазъиятҳои муайяне мегузорад, то имонамонро тарбия кунад, зеро моҳияти имон дар он аст, ки мақсадаш ба воқеият табдил ёбад. То даме ки мо Масеҳро намешиносем, Худо барои мо мавҳум аст, ба Ӯ бовар кардан ғайриимкон аст, аммо ҳамин ки мо суханони Масеҳро мешунавем: «Ҳар кӣ Маро бинад, Падарро дидааст» (Юҳ.14:9), мо чизи воқеӣ, конкретӣ дорем, ва барои имон ҳамаи монеаҳо бартараф мешаванд. Имон чунин ҳолатест, ки бо қувваи Рӯҳи Исои Масеҳ ҳар чизе ки дар инсон аст, нисбати Худо мавқеи дуруст дорад.

302. МОҲИЯТИ ИМОН

«*...ба андозаи донаи хардале имон...*» (Матто 17:20).

Ба мо чинин метобад, ки Худо моро барои имонамон подош медиҳад. Дар ибтидо ин метавонад чунин бошад, аммо бо имон мо ба чизе сазовор шуда наметавонем. Ба воситаи имон мо бо Худо муносибати дуруст пайдо мекунем ва ба Ӯ имкон медиҳем, ки дар мо он чиро, ки Ӯ мехоҳад, ба амал оварад. Агар шумо муқаддаси Худо бошед, ба Худо бисёр вақт лозим меояд, ки таҳкурсии эътиқодҳои шуморо вайрон кунад, то шуморо ба худаш баргардонад. Худо мехоҳад, ки шумо фаҳмед, ки бояд

бо имон зиндагӣ кунед, на бо эҳсосоти ҳардамхаёлӣ дар бораи баракатҳои Худо. Зиндагии пешинаи имони шумо тангу ноором буд, ба шӯълаи ночизи нуре ки дида будед, нигаронида шуда буд, ва дар ин зиндагӣ ақл аз имон камтар набуд, ва дар айни замон рӯшноӣ ва гармӣ фаровон буд. Баъд Худо шуморо аз баракатҳои Худ маҳрум кард, то бо имон рафтор намуданро ба шумо омӯзонад. Ва акнун шумо дар назди Ӯ назар ба он вақте ки бо шодӣ ва шаҳодатҳои равшан фаро гирифта шуда будед, хеле арзишмандтар ҳастед.

Имон аз рӯи табиати худ бояд аз озмоишҳо гузарад, ва озмоиши ҳақиқии имон на он аст, ки ба Худо таваккал кардани мо душвор аст, балки дар он аст, ки симои Худо бояд дар зеҳни мо равшан гардад. Имон дар зоҳиршавии воқеии худ бояд даврaҳои танҳоии пурраро аз сар гузаронад. Ва ҳеҷ гоҳ набояд озмоишҳои имонро бо озмоишҳои оддии ҳаёт омехта кард — бисёре аз он чизе ки мо озмоиши имон меномем, танҳо воқеаҳои ногузири зиндагӣ дар зери офтоб набошанд. Имон ба маънои Китоби Муқаддас — боварӣ ба Худо аст, сарфи назар аз ҳама чизе ки ба Ӯ муқобилат мекунад — «Ман ба Худо вафодор мемонам, новобаста ба он ки Ӯ чӣ кор мекунад». «Инак, маро кушад ҳам, ба Ӯ умед мебандам» (Айюб 13:15) — ин суханони олитарин дар бораи имон дар тамоми Китоби Муқаддас мебошанд.

303. ШУМО АЗ ОНИ ХУД НЕСТЕД

«Оё намедонед, ки... шумо аз они худатон нестед?» (1 Қӯринтиён 6:19).

Барои шахсе ки маънои аслии азобҳои Исои Масеҳро фаҳмидааст, ҳаёти шахсӣ (ҷаҳони маҳдуди худи ӯ) вуҷуд надорад. Худо ҳаёти шахсии муқаддасони Худро шикаста, онро ба саҳни гузаргоҳ барои ҳама табдил медиҳад, ки аз як тараф барои ҷаҳон васеъ кушода аст, ва аз тарафи дигар — барои Ӯ. Ҳеҷ як одами оддӣ, агар ӯ бо Исои Масеҳ муттаҳид набошад, ба ин тоб оварда наметавонад. Худо моро барои худамон тақдис

намекунад: мо ба мушоракати Инҷил даъват шудаем, ва бо мо чизе рӯй медиҳад, ки ба мо ҳеҷ робита надорад. Худо ба воситаи ҳамаи ин моро ба мушоракат бо Худ меоварад. Ба Ӯ итоат кунед, вагарна барои кори Худо дар соҳаи кафорати ҷаҳон аз шумо ҳеҷ фоидае нахоҳад буд, балки танҳо халалҳо ва монеаҳо хоҳанд буд.

Аввалин коре ки Худо бо мо мекунад, ин аст, ки ҳамаи хаёлоти хоми моро шикаста, моро бо воқеият рӯ ба рӯ мекунад, то он даме ки мо ғамхорӣ карданро дар хусуси он чи бо мо мешавад, бас мекунем, то ки Худо он чиро, ки барои кафорати Ӯ даркор аст, ба ҷо оварад. Кӣ гуфтааст, ки мо набояд ғаму ашкҳо дошта бошем? Охир, Худо ба воситаи ҳамин барои мо роҳро ба муошират бо Писари Худ мекушояд.

Бисёрии мо дар аввалин рӯбарӯшавӣ бо дард рӯҳафтода мешавем — мо дар остонаи таъйиноти илоҳӣ нишастаем ва аз раҳм нисбати худ мемирем, ва ҳамаи тасаллиҳои ба истилоҳ масеҳӣ ба мо ёрӣ мерасонанд, ки танҳо оромона аз рӯҳ даст кашем. Аммо Худо ба мо ин имкониятро намедиҳад. Ӯ ба назди мо меояд ва бо дасти сӯрохшудаи Писараш аз дасти мо мегирад ва мегӯяд: «Инак, Ман омадам. Бо Ман биё, бархез ва дурахшон шав». Агар бо шикастани дили шумо Худо ниятҳои худро дар ҷаҳон амалӣ карда тавонад, ба Ӯ ташаккур гӯед, ки дили шуморо мешиканад.

304. ҚУДРАТ ВА ИСТИҚЛОЛ

«Агар Маро дӯст доред, аҳкоми Маро риоя хоҳед кард» (Юҳанно 14:15).

Худованди мо ҳеҷ гоҳ ба итоаткорӣ маҷбур намекунад: он чизе ки мо бояд кунем, Ӯ хеле равшан мегӯяд, аммо ҳеҷ гоҳ моро ба ин маҷбур намекунад. Итоати ҳақиқӣ танҳо аз ягонагии рӯҳи мо бо Худо меояд. Бинобар ин Худованди мо ҳар гоҳ дар бораи шогирдӣ сухан мегуфт, ҳамеша бо калимаи «агар» сар мекард — агар ба шумо маъқул набошад, Худо ба иҷрои талаботи худ ба ҳар қимат маҷбур намекунад. «Агар касе хоҳад аз ақиби Ман

биёяд, бояд хештанро инкор кунад» (Луқ.9:23) — аз ҳуқуққои худ ба манфиати Ман даст кашед. Бо ин суханон Худованди мо он чиро, ки дар абадият рӯй медиҳад, дар назар надорад, сухан дар бораи он аст, ки мо дар ин ҷо ба Ӯ дар ин ҳаёт хизмат кунем — барои ҳамин суханони Ӯ ин қадар сахт садо медиҳанд (ниг. Луқ.14:26). Ва ин суханонро ҳеҷ гоҳ бе назардошти Касе ки онҳоро гуфтааст, гум кард тафсир кардан мумкин нест.

Худованд ба ман қоидаҳои рафторро намедиҳад — Ӯ танҳо талаботи Худро хеле возеҳ баён мекунад, ва агар муҳаббат маро ба Ӯ мепайваста бошад, ман дудила нашуда, он чиро, ки Ӯ мегӯяд, ичро мекунам. Ва агар дудила бошам, ин аз он сабаб аст, ки ман касеро бештар аз Худованд дӯст медорам, ва аксар вақт ин «касе» худам ҳастам. Исои Масеҳ ба ман ёрӣ намедиҳад, ки ба Ӯ итоат кунам, ман худам бояд итоат кунам, ва агар ба Масеҳ итоат кунам, ман тайиноти рӯҳонии худро ичро мекунам. Шояд дар ҳаёти ман шумораи зиёди чизҳои хурд, комилан ноаён ва ночиз бошанд, аммо агар дар ҳама ҳолат ба Исои Масеҳ итоат кунам, ин вазъиятҳо барои ман равзанаҳое мешаванд, ки ба воситаи онҳо чеҳраи Худоро мебинам. Ва чун дар рӯ ба рӯи Худо биистам, мебинам, ки ҳазорон нафар ба шарофати итоаткории ман баракат ёфтаанд. Ҳамин ки кафорати Худо бо итоаткории инсон мепайвандад, ҳамеша чизеро меофарад. Агар ман ба Исои Масеҳ итоат кунам, кафорати Худо ба воситаи ман ба ҳаёти дигарон паҳн мешавад, зеро дар паси амалҳои итоаткорӣ Воқеияти Худои Қодири Мутлақ аст.

305. БАНДАИ МАСЕҲ

«Зеро ки ман ба воситаи шариат ба шариат мурдаам, то ки барои Худо зиндагӣ кунам. Ман бо Масеҳ маслуб шудаам. Ва акнун на ман зиндагӣ мекунам, балки Масеҳ дар ман зиндагӣ мекунад» (Ғалатиён 2:19–20).

Ин суханон дар бораи он гуфта мешавад, ки ман бо ихтиёри худ аз мустақил будан даст мекашам ва ба қудрати Исои Масеҳ тобеъ мешавам. Ҳеҷ кас ин корро барои ман карда наметавонад,

танҳо ман худам ин корро карда метавонам. Худо метавонад дар як сол 365 маротиба маро ба ин марҳала расонад, аммо маро аз он намегузаронад. Ман худам бояд ғилофи аз Худо мустақил будани худро шиканам ва худро барои иттиҳод бо Ӯ озод кунам, то на аз рӯи тасаввуротҳои худ, балки бо садоқати мутлақ ба Исо амал намоям. Ва ҳамин ки ман чунин мекунам, ҳама гуна заминаи мухолифат аз байн меравад. Кам касон дар бораи вафодор будан ба Масеҳ чизе медонанд — «*...ба хотири Ман*» (Мат.5:11) — аммо танҳо бо ин роҳ муқаддасони ҳақиқӣ сохта мешаванд.

Оё ин бо ман рӯй додааст? Ҳама чизи дигар танҳо хаёлоти хом дар бораи худотарсӣ аст. Ҳама чизрои ҷавоб ба як савол ҳал мекунад: оё ман аз ҳуқуқҳои худ даст мекашам, оё ба Исои Масеҳ итоат мекунам ва оё дар масъалаи чӣ гуна рӯй додани ин тағйирот шартҳои худро мегузорам? Ман бояд хоҳиши зоҳир кардани худро шикаст диҳам — ва ҳамин ки ин рӯй медиҳад, фавран муъҷизаи фавқуттабиии ҳамонандшавӣ ба амал меояд ва ман шаҳодати беҳамтои Рӯҳи Худоро ба даст меоварам: «Ман бо Масеҳ маслуб шудаам».

Тамоми моҳият, тамоми шукӯҳи масеҳият дар он аст, ки ман ихтиёран аз ҳуқуқҳои худ даст мекашам ва ғуломи Исои Масеҳ мешавам. То он даме ки ман ин корро накардаам, ман муқаддас буданро ҳатто сар накардаам.

Агар дар як сол танҳо як донишҷӯ даъвати Худоро шунавад, ин барои Худо кофӣ аст, ки мавҷудияти коллеҷро эътиборнок кунад. Ҳамчун ташкилот, коллеҷ ҳеҷ чиз нест, он академия нест. Маънои мавҷудияти он танҳо дар он аст, ки Худо ҳаёти инсонро ба ихтиёри Худ гирифта тавонад. Пас, оё Ӯ ҳаёти моро ба ихтиёри Худ мегирад, ё мо ҳанӯз дар чанголи тасаввуроти худ оид ба кӣ шуда тавонистанамон ҳастем?

306. ҚУДРАТИ ВОҚЕИЯТ

«Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд» (Яъқуб 4:8).

Хеле муҳим аст, то ба шахс имконият дода шавад, ки мувофиқи ҳақиқати Худо амал кунад. Масъулият барои амалҳои инсон дар ӯҳдаи худи ӯ мемонад: шумо барои ӯ коре карда наметавонед, ӯ бояд ҳама корро худаш кунад, аммо паёми хушхабар шахсро ба амал водор накарда наметавонад. Агар одам аз амал даст кашад, ӯ фалаҷ шудааст, ӯ дар ҳамон сатҳе мемонад, ки пештар буд, аммо ҳамин ки коре мекунад, ӯ ҳеҷ гоҳ мисли пештара нахоҳад буд. Маҳз беақлона ба назар расидани ин ҳақиқат ба садҳо одамоне ки Рӯҳи Худо онҳоро сарзаниш мекунад, халал мерасонад. Ҳамин ки аз пайи кор мешавам, ман зистанро сар мекунам, пеш аз ин ман фақат вуҷуд дорам. Он лаҳзаҳое ки дар онҳо ман дар ҳақиқат зиндагӣ мекунам, лаҳзаҳое ҳастанд, ки ман бо тамоми қувваи иродаи худ амал мекунам.

Ҳеҷ гоҳ ҳақиқати Худоро, ки ба рӯҳу ҷонатон ошкор шудааст, татбиқнашуда нагузоред, ва ҳатмӣ нест, ки ягон кори назаррас кунед — дар ин ҷо қарори ирода муҳим аст. Инро дар рӯи коғаз ё дар умқи дили худ қайд кунед. Нотавонтарин муқаддасе ки ба Исои Масеҳ итоаткорӣ зоҳир кардааст, ҳангоми оид ба иҷрои коре қарор қабул карданаш озодӣ пайдо менамояд. Дар паси ӯ дар ин лаҳза қудрати Худост. Мо бошем, ба шинохти ҳақиқати Худо меоем, хатои худро эътироф мекунем, вале баъд пешпо мехӯрем. Ва боз ба ростӣ меоем ва боз пешпо мехӯрем. Ва ин то он даме давом меёбад, ки мо фаҳмем, ки пешпо хӯрданамон ҳатмӣ нест. Мо бояд ҳар як сухани Худованди Наҷотдиҳандаамонро дубора қабул кунем ва бо Ӯ аҳд бандем. Суханони ӯ «назди Ман оед» маънои «биёед созиш кунем»-ро доранд.

«Назди Ман оед...» (Мат.11:28) — аммо мо танҳо ҳамчун чораи охирин ба назди Ӯ меоем. Аммо ҳар касе ки назди Масеҳ омадааст, медонад, ки дар ҳамон лаҳза ҷараёни ҳаёти фавқуттабиии Худо ба дохили ӯ ҷорӣ шуд. Қудрати ҷаҳон, ҷисм

ва иблис фалаҷ мешавад, аммо на аз он сабаб, ки шумо коре кардаед, балки аз он сабаб, ки амалатон шуморо бо Худо ва қувваи кафорати Ӯ пайваст кард.

307. ИШТИРОК ДАР АЗОБҲОИ Ӯ

«...Балки, модоме ки шумо дар уқубатҳои Масеҳ иштирок доред, шодӣ кунед» (1 Петрус 4:13).

Агар шумо хоҳед, ки Худо шуморо дар кори худ истифода барад, Ӯ шуморо аз бисёр чизҳое мегузаронад, ки барои шумо пешбинӣ нашудаанд, балки танҳо вазифаашон фақат он аст, ки шуморо дар дасти Ӯ муфид гардонанд ва ба шумо дар фаҳмидани он ёрӣ расонанд, ки бо ҷонҳои дигар чӣ мешавад, то ки ҳеҷ гоҳ аз он чи мебинед, ҳайрон нашавед. «Ман бо ин одам сарукор дошта наметавонам». Чаро наметавонед? Худо ба шумо имкониятҳои номаҳдуд медиҳад, ки аз Ӯ ин корро ёд гиред, аммо шумо ин имкониятҳоро тарк мекунед, зеро ба ин кор вақт сарф кардан барои шумо бемаънӣ метобад!

Азоби Масеҳ азоби одамони оддӣ нест. Ӯ «бар тибқи иродаи Худо» уқубат кашид (1Пет.4:19), на бо он сабабҳое ки мо одатан аз боиси онҳо азоб мекашем. Танҳо агар бо Исои Масеҳ дар мушоракат бошем, мо фаҳмида метавонем, ки Худо аз мо чӣ мехоҳад. Донистани мақсади Худо як қисми тарбияи масеҳӣ мебошад. Дар таърихи калисои масеҳӣ на як бору ду бор тамоюли канорагирӣ аз ваҳдат бо азобҳои Исои Масеҳ вуҷуд дошт: одамон кӯшиш мекунанд фармудаҳои Худоро на бо роҳи Худо иҷро кунанд, онҳо кӯшиш мекунанд роҳро миёнбур кунанд. Аммо роҳи Худо ҳамеша роҳи азоб аст, роҳи дуру дароз ва мушкил аст.

Пас, оё мо дар азобҳои Масеҳ иштирок мекунем? Оё мо тайёрем, ки Худо ба майлҳои мо, ҳавасҳову хоҳишҳои мо хотима диҳад? Оё мо тайёрем, ки Худо майлҳо ва хоҳишҳои моро нобуд кунад ва онҳоро ба дигар майлҳову хоҳишҳо табдил диҳад, ки аз они Ӯ мебошанд? Албатта, мо аниқ намедонем, ки чаро Худо моро ба он роҳе мебарад, ки бурда истодааст,

вагарна мо ба ҳавобаландони рӯҳонӣ табдил меёфтем. Дар худи лаҳзаи озмоиш мо ҳеҷ гоҳ намефаҳмем, ки Худо моро маҳз аз чиҳо мегузаронад, мо аз ин озмоишҳо мегузарем, дар ҳоле ки то андозае онҳоро намефаҳмем, вале баъд ба ҷои пур аз нур меоем ва мегӯем: «Пас Худо маро бо қувват камарбандӣ кард, аммо ман ҳатто дар бораи он намедонистам!»

308. ЭЪТИҚОДОТ

«Оё ба ин имон дорӣ?» (Юҳанно 11:26).

Марто боварӣ дошт, ки Исои Масеҳ қувваи бузург дорад, вай боварӣ дошт, ки агар Ӯ дар наздикӣ бошад, бародарашро шифо дода метавонад. Вай инчунин боварӣ дошт, ки Исо махсусан ба Худо наздик аст ва агар Ӯ аз Худо чизе талаб мекард, Худо инро барои Ӯ иҷро менамуд. Аммо ба ӯ лозим буд, ки Исоро боз ҳам аз наздиктар шиносад. Боварии Марто баъдтар ҷомаи амал пӯшид: Исо вайро торафт дуртар мебурд, то даме ки имонаш моликияти шахсии вай гардад, ва сипас тадриҷан ба мероси махсус табдил ёбад — «...Оре , Худовандо! Ман имон дорам, ки Ту Масеҳ Писари Худо ҳастӣ...» (Юҳ.11:27).

Оё дар тарзи рафтори Худованд бо шумо чизе ба ин монанд ҳаст? Оё Исо шуморо ба наздикии шахсӣ бо Худ роҳнамоӣ мекунад? Дар хусуси саволе ки Ӯ ба шумо медиҳад, фикр кунед: «Оё ба ин бовар мекунӣ?» Кадом шубҳаҳо шуморо азоб медиҳанд? Оё шумо, ба монанди Марто, ба баъзе ҳолатҳои фавқулодда наздик омадаед, ки дар он эътиқоди шумо метавонад ба имони шахсӣ табдил ёбад? То даме ки эҳтиёҷи шахсӣ, ки аз мушкилоти шахсӣ ба вуҷуд омадааст, шуморо ба он роҳ наоварад, ин ҳеҷ гоҳ рӯй намедиҳад.

Бовар кардан маънои боварӣ карданро дорад. Ман қарор медиҳам, ки дар андешаҳои худ ба Худо таваккал кунам ва аз ҳамаи он чи ба ин имон робита надорад, даст кашам. Ман қарор медиҳам, ки ба имони худ ба Худо боварӣ кунам, ин бовариро ба асос гирам ва аз ҳама гуна созишкорӣ бо чизи дуюмдараҷа, ки ба ин боварӣ дахл надорад, даст кашам. Ман қарор медиҳам, ки

дар вазъияти конкретии худ ба Худо боварӣ намоям, аз ҷиҳати рӯҳонӣ ба Исои Масеҳ такя кунам ва дар ягон чизи конкретии худ танҳо ба Худованд итоат кунам.

Ҳангоме ки ман бо Исои Масеҳ рӯ ба рӯ мешавам ва Ӯ ба ман мегӯяд: «Оё ба ин имон дорӣ?», ман мефаҳмам, ки имон доштан ба монанди нафас кашидан табиӣ аст, ва ман хеле афсӯс мехӯрам, ки то чӣ андоза бефаҳм будам, ҳангоме ки ба Масеҳ имон надоштам.

309. МУҚАДДАСИИ НОАЁНИ ВАЗЪИЯТҲО

«*...Ба дӯстдорон Худо...ҳама чиз бар нафъашон ёрдам медиҳад*» (Румиён 8:28).

Ҳама чиз дар ҳаёти шахси муқаддас мувофиқи хости Худо рӯй медиҳад, дар ҳаёти шахси муқаддас тасодуф ҷой надорад. Худо бо пешбинии Худ шуморо дар вазъиятҳое мегузорад, ки ба шумо комилан нофаҳмо мебошанд, вале ба Рӯҳи Худо фаҳмо аст. Худо шуморо ба баъзе ҷойҳо мебарад, бо баъзе одамон қарор медиҳад ва дар баъзе шароитҳо ҷойгир мекунад, то ки Рӯҳ дар шумо барои як чизи конкретӣ шафоат карда тавонад. Ҳеҷ гоҳ ин вазъиятро барканор карда, гуфтан лозим нест: «Дар ин ҷо ман худам сару нӯги масъаларо меёбам: ин ва онро мушоҳида кардан ва аз ин ва он чиз эҳтиёт шудан лозим аст». Ҳамаи вазъиятҳои шумо дар дасти Худо мебошанд, бинобар ин ҳеҷ гоҳ он воқеаҳоеро ки бо шумо рӯй медиҳанд, ҳайратовар наҳисобед. Иштироки шумо дар дуоҳои шафоат он иборат нест, тамоми бори шафоатро ба ӯҳда гиред, балки аз он иборат аст, ки он вазъиятҳои конкретиро, ки Худо ба шумо мефиристад, он одамони конкретиро, ки Худо шуморо бо онҳо дар як ҷой ҷамъ мекунад, барои некӯӣ истифода баред, — то ки ҳама чиз ва ҳамаи одамонро назди тахти Худо оваред ва ба Рӯҳ дар шумо имкон диҳед, ки барои онҳо шафоат кунад. Маҳз ҳамин тавр Худо мехоҳад тамоми ҷаҳонро бо муқаддасонаш фаро гирад.

Оё бо беҷуръатӣ ва дудилагӣ ё бо кӯшиши иҷро кардани коре ба ҷои Ӯ, ман иҷрои кори Рӯҳулқудсро душвор намегардонам?

Кори ман ҷиҳати инсонии шафоат кардан аст, ва ҷиҳати инсонии он — вазъиятест, ки ман дар онҳо ҳастам, ва он одамоне мебошанд, ки ман бо онҳо муошират мекунам. Лозим аст, ки ҳаёти ман, то он ҷое ки ба ман вобаста аст, маъбади Рӯҳулқудс бошад, ва он гоҳ, ҳар чизе ки ман назди Худо оварам, Рӯҳулқудс барои он шафоат мекунад.

Шафоатҳои шумо ҳеҷ гоҳ аз они ман намешаванд, ва шафоатҳои ман ҳеҷ гоҳ аз они шумо намешаванд. Барои ҳамаи мо Рӯҳулқудс шафоат мекунад ва бе шафоати Ӯ касе хеле бадбахт мешавад.

310. ҚУВВАИ БЕМИСЛУ МОНАНДИ ДУО

«...Мо намедонем дар чӣ хусус ба таври бояду шояд дуо гӯем, лекин Худи Рӯҳ барои мо бо оҳу нолаҳое шафоат мекунад, ки сухан аз баёнашон оҷиз аст» (Румиён 8:26).

Мо мефаҳмем, ки Рӯҳулқудс ба мо барои дуо гуфтан қувват медиҳад, мо медонем, ки дар Рӯҳ дуо гуфтан чист, аммо мо бисёр вақт дарк намекунем, ки Худи Рӯҳулқудс дар мо бо дуоҳое дуо мекунад, ки мо «баён кардан» наметавонем. Аз лаҳзае ки мо дар Худо таваллуд мешавем ва Рӯҳи Худо дар мо сокин мешавад, ин Рӯҳ барои мо чизҳоеро баён мекунад, ки баённошуданӣ мебошанд.

«Ӯ [Рӯҳ дар мо] барои муқаддасон мувофиқи хости Худо шафоат мекунад» (Рум.8:27) ва Худо дили моро меҷӯяд, то ки на дуои фаҳмо ва бошууронаи моро, балки дуои Рӯҳулқудсро фаҳмад.

Имондор барои Рӯҳи Худо чун маъбаде даркор аст, ки дар он Ӯ шафоат мекунад. «...ҷисмҳои шумо маъбади Рӯҳулқудс аст, ки Он дар шумо сокин аст» (1Қӯр.6:19). Ҳангоме ки Исои Масеҳ савдогаронро аз маъбад пеш мекард, Ӯ «нагузошт, ки касе чизеро аз миёни маъбад бардошта гузарад» (Марқ.11:16). Рӯҳи Худо роҳ намедиҳад, ки ҷисми худро барои роҳати худ истифода барем. Масеҳ ҳамаи онҳоеро, ки дар он ҷо ба хариду фурӯш машғул буданд, бераҳмона аз маъбад берун ронда, гуфт:

«Хонаи ман хонаи ибодати ҳамаи халқҳо номида хоҳад шуд... аммо шумо онро ба дуздхона мубаддал кардаед» (Марқ.11:17).

Оё мо эътироф намудаем, ки ҷисмҳои мо маъбади Рӯҳулқудс мебошанд? Агар ҳа, пас, онҳоро ба ҳеҷ вақҳ нопок кардан мумкин нест. Мо бояд дар ёд нигоҳ дорем, ки ба муддати тамоми умри бошууронаамон ба он чун ба маъбади Рӯҳулқудс нигаристанамон лозим аст. Ӯ бо он чизи зери шуур, ки мо дар бораш тасаввуроте надорем, сарукор хоҳад дошт, ва мо бояд он чиро, ки ба фаҳмиши мо дастрас аст ва барои он бевосита масъулем, пок нигоҳ дорем.

311. КАҲОНАТ

«Акнун дар уқубатҳои худ барои шумо шодмонам ва камии андӯҳҳои Масеҳро дар ҷисми худ барои бадани Ӯ, ки Калисост, пур мекунам...» (Қӯлассиён 1:24).

Хизматгори масеҳӣ бояд «миёнарав»-и муқаддас бошад. Ӯ бояд бо Худованди худ ва воқеияти кафорати Ӯ чунон муттаҳид шавад, ки ҳаёти Худо ба воситаи ӯ доимо ба дигарон паҳн шавад ва дар онҳо ҳаёти нав ба вуҷуд оварад. Дар айни замон шахсияти ходим шахсияти шахси дигарро пахш намекунад, балки дар ҳама чиз дар ҳаёти ходим воқеан ҳозир будани Масеҳ зоҳир мешавад. Ҳангоме ки мо далелҳои таърихиро дар бораи ҳаёт ва марги Худованди худ чунон ки дар Аҳди Ҷадид баён шудаанд, мавъиза мекунем, суханони мо ба калимаҳои муқаддас табдил меёбанд ва Худо онҳоро бо қувваи кафорати Худ истифода мебарад ва дар шунавандагон ҳамон чиро ба вуҷуд меоварад, ки ҳеҷ чизи дигар ва вуҷуд оварда наметавонад. Аммо агар ба ҷои мавъиза кардани ваҳйи Худо дар бораи Масеҳ, мо мавъиза кунем, ки кафорат ба ҳаёти инсон чӣ меоварад, натиҷа дар шунавандагон ҳаёти нав нест, балки фарҳанги рӯҳонӣ аст, ва дар чунин мавъиза барои Рӯҳулқудс ҷой нест — ин соҳаи Ӯ нест. Мо бояд кӯшиш кунем, ки бо Худо чунон созгор бошем, ки ҳангоме ҳақиқати Ӯро мавъиза мекунем, Ӯ дар дилҳо он чиро, ки танҳо Ӯ ба амал оварда метавонад, ба амал оварад.

«Инсони олидараҷа!», «Чӣ шахсияти ҷолиб!», «То чӣ андоза ӯ ҳама чизро ба таври нозук мефаҳмад!» — бо чунин суханон мо Инҷили Худоро аз ҳар гуна имконияти муваффақият маҳрум мекунем! Ӯ аз байни онҳо гузашта наметавонад, зеро мо диққати одамро ба чизи тамоман дигар ҷалб мекунем. Агар воиз таваҷҷуҳи мардумро ба худ ҷалб кунад, вай онҳоро ба худ ҷалб мекунад, аммо агар бо шахсияти Худованди худ як шавад, он гоҳ диққат ба он ҷалб карда мешавад, ки Исои Масеҳ чӣ кор карда метавонад. Одамонро ҷалол додан хатарнок аст — Масеҳ мегӯяд, ки Ӯ бояд боло бардошта шавад (Юҳ.12:32).

312. ҲАМКОРӢ ДАР ХУШХАБАРРАСОНӢ

«...Ҳамкори мо дар башорати Масеҳ...» (1 Тасолуникиён 3:2).

Пас аз тақдис муайян намудан душвор аст, ки маънову мақсади зиндагии шумо дар чист, зеро Худо ба воситаи Рӯҳулқудс ба ин зиндагӣ маънои нав медиҳад, Ӯ акнун шуморо барои мақсадҳои глобалии Худ истифода мебарад, чунон ки Ӯ Писари Худро барои наҷоти мо истифода бурд. Агар шумо барои худ чизҳои бузургро ҷустуҷӯ кунед — «Худо маро ба ин ва он кор даъват кард» — шумо ба Худо монеа мегузоред ва Ӯ наметавонад шуморо он гуна истифода барад, ки мехоҳад. То даме ки ба шахсият ё шӯҳратпарастии худ таваҷҷуҳ доред, шумо ба чизе ки Худо ба он манфиатдор аст, ворид шуда наметавонед. Шумо ба он ҷо танҳо дар он маврид ворид шуда метавонед, ки ба худ тамоман таваҷҷуҳ накунед ва ба Худо имкон диҳед, ки шуморо ба нақшаҳои глобалии Худ ҷалб кунад. Ва ҳангоме ки бо роҳҳои Худованд меравед, намедонед, ки ба куҷо меравед.

Ман бояд фаҳмам, ки на ман, балки Худо ба ҳаёт маъно ва мақсад медиҳад. Худо медонад, ки маро чӣ гуна истифода барад, Ӯ болотар аз ҳама кас ва ҳама чиз аст. Аз ман Ӯ танҳо як чизро талаб мекунад: ба Ӯ боварӣ намоям ва ҳаргиз нагӯям: «Худовандо! Ҳар чизи дигар бошад, майлаш, аммо ҳамин чиз не!» Ҳамин ки ман инро гуфтам, ман сарборӣ мешавам. Ҳангоме ки ман ба Худо гуфтани хости худро бас мекунам, ман ба осонӣ

амал менамоям, ва Худо метавонад бо ман ҳар коре ки хоҳад, анҷом диҳад. Вай метавонад маро пахш кунад, ё маро боло барад: ҳар кореро, ки лозим медонад, бикунад. Аз ман танҳо боварии комил ба Ӯ ва имони устувор ба некии Ӯ талаб карда мешавад. Ба худ раҳм кардан кори иблисона аст: агар ман ба худ раҳм кунам, Худо наметавонад маро барои мақсадҳои глобалии худ истифода барад. Ман як «дунёча»-и хурди худро дорам, ки он ҷо хеле гарм ва бароҳат аст, ва Худо маро аз он ҷо берун оварда наметавонад, зеро ман аз шамол хӯрдан метарсам.

313. БА БОЛО БАРОМАДАН

«*Писари худро...бигир...*» (Ҳастӣ 22:2).

Худо мегӯяд: «Ҳозир бигир», на дертар. Аммо мо бисёр чизҳоро бофта мебарорем! Мо медонем, ки Худо ба таври ҳаққонӣ чизи Худро талаб мекунад, аммо мо ба ягон чиз часпида гирифтанӣ мешавем, то ки ҳозир кореро, ки Худо мехоҳад, ба ҷо наоварем. Аммо мо бояд ҳозир ба кӯҳе ки Худо ба он нишон медиҳад, бароем, инро ба таъхир андохтан номумкин аст. Ва пеш аз он ки чизеро ба Худо қурбонӣ кунем, мо ин қурбониро бо хости худ меоварем.

«Пас, Иброҳим саҳарии барвақт бархост...ва бархоста, сӯи маконе ки Худо ба ӯ гуфт, равона шуд» (Ҳас.22:3). Содадилии аҷиби Иброҳим! Худо гуфт, ва ӯ «бо ҷисм ва хун» (Ғал.1:16), яъне бо хоҳишҳои худ, бо фаҳмиши худ — бо ҳар чизе ки дар муносибати шахсии ӯ бо Худо асос наёфта буд, маслиҳат накард. Ҳамаи хоҳишҳо ва фаҳмишҳои мо доимо бо Худо рақобат мекунанд ва ба итоаткорӣ монеъ мешаванд.

Қурбониро Иброҳим интихоб накарда буд. Шумо низ ҳамеша ҳушёр бошед, то ки хизмати Худоро ба таври худ, он тавре ки қарор додаед, сар накунед. Чунин фидокорӣ беморӣ аст. Агар Худо косаро бароятон ширин карда бошад, онро нӯшед ва ҳамчун файз қабул кунед, ва агар коса талх бошад, бо Ӯ бинӯшед. Агар он чи Худо ба шумо мефармояд, душвор ва даҳшатнок бошад, ба ҳар ҳол ин корро кунед ва ҳеҷ гоҳ барои

худ интихоб накунед, ки чӣ гуна риёзаткашии худро ба шакл медароред. Худо ба Иброҳим озмоишҳои сахт фиристод, аммо Иброҳим шиква накард, балки бо иззату эҳтиром онҳоро паси сар кард. Агар шумо робитаи худро бо Худо гум карда бошед, ба Ӯ ҳукми сахт баровардан осон аст. Аммо барои он ки ақаллан ҳуқуқи баровардани ҳукмро дошта бошед, аввал бояд аз озмоиш гузаред, ва дар озмоишҳо Худоро беҳтар мешиносед. Худо ба сӯи мақсадҳои олии худ саъй мекунад ва озмоишҳоро ба мо мефиристад, то даме ки мақсади Ӯ ва мо як шаванд.

314. ҲАЁТИ ДИГАРГУНШУДА

«Пас, касе ки дар Масеҳ аст, махлуқи навест; чизҳои қадима гузаштааст, ва инак ҳама чиз нав шудааст» (2 Қӯринтиён 5:17).

Оё шумо нақоти ҷони худро ҳамин тавр тасаввур мекунед? Ҳангоме ки одам нақот меёбад, ҳама чиз дар ҳаёташ дигаргун мешавад, вай ба ҳама чиз на ба таври пештара менигарад, вай хоҳишҳои нав пайдо мекунад, ва хоҳишҳои кӯҳна қудрати худро бар ӯ гум мекунанд. Ва он чиро, ки бо шумо рӯй додааст, дар баробари чизҳои дигар, ба воситаи ҷавоб додан ба саволи зерин санҷидан мумкин аст: оё Худо дар рӯҳи шумо аз нав баҳо додани арзишҳоро ба амал овардааст? Агар то ҳол шуморо кӯҳна ба худ ҷалб мекарда бошад, дар бораи ягон хел бозсозӣ гуфтан ғайриимкон аст: шумо худро фиреб медиҳед. Агар шумо дар ҳақиқат аз олами боло таваллуд шуда бошед, Рӯҳи Худо ҳам ҳаёти шуморо ва ҳам фикрҳои шуморо тағйир медиҳад ва ҳангоме ки ягон озмоиш меояд, худатон аз ин тағйироти аҷиб дар худ ҳайрон мешавед. Тасаввур кардан ғайриимкон аст, ки шумо ин корро кардаед. Ва маҳз ин дигаргуниҳои тасаввурнопазир дар бораи нақоти ҷони шумо шаҳодат медиҳанд.

Пас аз нақот ёфтан ва муқаддас шуданам дар ман чӣ чиз дигаргун шуд? Масалан, ман аз озмоиши суханони 1 Қӯринтиён 13 гузашта метавонам, ё ба ман лозим меояд, ки онҳоро бо ягон роҳ аз нав маънидод кунам? Нақоте ки Рӯҳулқудс дар ман ба

амал меоварад, маро комилан озод мекунад, ва агар ман «дар нур мегашта бошам, чунон ки Ӯ [Худо] дар нур аст» (1Юҳ.1:7), Ӯ ҳеҷ гоҳ маро маломат намекунад, чунки дар ҳар як чизи майда-чуйда ҳаёти Ӯ амалӣ мегардад, ва на танҳо дар он чи ба фаҳмиши ман дастрас аст, балки хеле чуқурқтар аз он.

315. ИМОН ВА ҲАЁТ

«...бо имон ба Писари Худо зиндагӣ мекунам, ки Ӯ маро дӯст дошт ва Худро барои ман таслим кард» (Ғалатиён 2:20).

Мо бояд аз байни рӯҳияи тағйирёбандаи худ ба сӯи вафодории мутлақ ба Исои Масеҳ зӯр зада гузарем, аз лонаҳо ва гӯшаҳои худ ба фазои васеи садоқат ба Ӯ бароем. Фикр кунед, ки Исои Масеҳ дар Аҳди Ҷадид кӣ номида шудааст, ва баъд фикр кунед, ки мо то чӣ андоза имони ночиз ва суст дорем — «Ман то ҳол инро аз сар нагузарондаам, онро надидаам!» Фикр кунед, ки имон ба Исои Масеҳ боиси чӣ мегардад: Ӯ метавонад моро дар пеши тахти Худо беайб, пок, комилан одил ва пурра сафедшуда нишон диҳад. Пас, дар имон ба Ӯ устувор бошед ва Ӯро таҳсину офарин гӯед, зеро Ӯ «барои мо ҳикмате аз ҷониби Худо, яъне адолат ва қудсият ва кафорат шудааст» (1Қӯр.1:30)! Чӣ тавр мо гуфта метавонем, ки гӯё чизеро ба хотири Писари Худо қурбонӣ мекунем! Ӯ моро аз дӯзах ва марг наҷот медиҳад, аммо мо дар бораи ким-кадом қурбониҳо гап мезанем!

Моро лозим меояд, ки доимо ба сӯи имон ба Исои Масеҳ роҳ кушоем, на ба Исои Масеҳи дар вохӯриҳои дуо, ё ба Исои Масеҳе ки дар китобҳо навишта шудааст, балки ба Исои Масеҳи Аҳди Ҷадид — Худои дар ҷисм зоҳиршуда, ки шоистаи он аст, ки кас ба пеши пои Ӯ мисли мурда афтадан мумкин аст. Мо бояд ба касе имон дошта бошем, ки ҳар он чи дар назди Худо ҳастем, аз Ӯ бармеояд. Исои Масеҳ ба садоқати комил ва вафодории мо эҳтиёҷ дорад. Мо ҳеҷ гоҳ Исои Масеҳро «ҳис кардан» наметавонем, ҳатто Ӯро дар дили худ ҷой дода наметавонем. Имони мо бояд дар боварии бечуну чаро ба Ӯ асос ёбад.

Ва агар мо ба худамон ва ба Худо ҳамин тавр нигоҳ кунем, мо таҳаммулнопазирии шадиди Рӯҳулқудсро нисбат ба беимонӣ мефаҳмем. Ҳама тарсҳои мо бадӣ, аст ва мо метарсем, зеро худро бо имони худ ғизо намедиҳем. Шахсе ки бо Исои Масеҳ як аст, чӣ гуна метавонад аз шубҳа ё тарс азоб кашад?! Тамоми умри ин гуна шахс бояд ба суруди бепоёни ситоиш табдил ёбад, ки имони мағлубнопазири тантанакунанда дар васфи Худо тараннум мекунад.

316. ДОХИЛШАВӢ БА НАҚШАИ ХУДО

«Дар роҳ Худованд маро...ҳидоят намуд...» (Ҳастӣ 24:27).

Мо бояд бо Худо дар чунин ягонагӣ бошем, то ҳамеша дар бораи ба куҷо рафтан маслиҳат напурсем. Муқаддасшавӣ маънои онро дорад, ки Худо моро фарзандони Худ мегардонад ва барои кӯдак итоаткорӣ ҳолати муқаррарӣ аст...то даме ки ӯ беитоат шудан мехоҳад. Аммо баъд ӯ дарҳол эҳсос мекунад, ки маҳз ҳамин як ҳолати ғайримуқаррарӣ аст. Дар соҳаи рӯҳонӣ ин ҳамеша ҳамчун огоҳӣ, насиҳат аз Рӯҳи Худо қабул карда мешавад. Ҳангоме ки Рӯҳулқудс моро бозмедорад, мо бояд фавран гӯш кунем ва дар рӯҳи ақли худ нав шавем, то донем, ки «хости Худо чист» (Рум.12:2). Агар мо аз олами боло аз Рӯҳи Худо таваллуд шуда бошем, аз Худо хоҳиш кардан, ки дар ҳар қадам ба куҷо рафтанро ба мо гӯяд, ҳаёти навро дар худ хомӯш кардан аст. «Худованд маро...ҳидоят намуд...» — ба қафо нигоҳ карда, мо нақшаи аҷибе, масири аҷиберо мебинем, ки агар ҳақиқатан аз Худо таваллуд шуда бошем, на ба худамон, балки ба Худо нисбат медиҳем.

Мо ҳама дар чизи ғайриоддӣ Худоро мебинем, аммо барои дидани Худо дар ҳар як чизи хурд ба мо одати интизомнокии рӯҳонӣ даркор аст. Ҳеҷ гоҳ чизеро тасодуфӣ ҳисоб накунед: ҳама чиз бо хости Худо рӯй медиҳад, тайёр бошед, ки дар ҳама чиз пешбинии Илоҳиро пайдо кунед.

Вафодорӣ ва эътиқоди худро, бар хилофи вафодорӣ ба Худо, ба бут табдил додан лозим нест. «Ман ҳеҷ гоҳ ин корро намекунам...» — шояд лозим меояд ин корро кунед, агар шумо

дар ҳақиқат муқаддас бошед. Ҳеҷ кас дар рӯи замин аз Худованди мо дар корҳои худ бепайдарҳам набуд, аммо барои Падари Ӯ ҳамаи амалҳои Ӯ хеле пайдарҳам буданд. Ва пайдарҳамии корҳои шахси муқаддас на аз нуқтаи назари принсипҳо, балки аз нуқтаи назари зиндагии Илоҳӣ баҳогузорӣ мешавад. Маҳз ҳаёти Илоҳӣ торафт бештар ба ақли Илоҳӣ ворид мешавад. Мутаассиб будан нисбат ба шахси ба Худо бахшидашуда будан осонтар аст, зеро садоқат ба Худо моро хеле фурӯтан мекунад, махсусан такаббури динии моро.

317. ИН БА ТУ ЧӢ ДАХЛ ДОРАД?

«Худовандо! Оқибати ин чӣ хоҳад буд? ...Ин ба ту чӣ дахл дорад? Аз ақиби Ман биё» (Юҳанно 21:21–22).

Яке аз душвортарин дарсҳоро мо он вақт меомӯзем, ки якравона намехоҳем иқрор шавем, ки ба ҳаёти дигарон дахолат кардан кори мо нест. Фаҳмидани хатарнок будани ба худ гирифтани нақши пешбинии Худо, дахолат кардан ба он, ки Худо касеро чӣ гуна роҳнамоӣ мекунад, фавран намеояд. Шумо мебинед, ки касе чӣ хел азоб мекашад, ва мегӯед: «Ин тавр набояд шавад, ман ба ҳар ҳол ба вай ёрӣ мерасонам». Шумо бар хилофи хости Худо сина сипар мекунед, то ба он халал расонед, аммо Худованд мегӯяд: «Ин ба ту чӣ дахл дорад?» Агар шумо як навъ сукути рӯҳонӣ эҳсос кунед, ҳеҷ гоҳ нагузоред, ки он инкишоф ёбад — ба ҳузури Худо биёед ва сабабҳои ин сукутро фаҳмед. Шояд маълум шавад, ки сабаб дар он аст, ки шумо ба зиндагии касе дахолат кардаед, чизеро пешниҳод кардаед, ки ҳаққи пешниҳод кардан надоштед, чизеро насиҳат кардаед, дар ҳоле ки ҳамчунин ҳаққи насиҳат додан надоштед. Ҳангоме ки ҳақиқатан ба касе маслиҳат доданатон лозим мешавад, Худо ба воситаи шумо ба одамон чунон маслиҳат медиҳад, ки ҳама мефаҳманд: Рӯҳулқудс гап мезанад. Ба шумо танҳо лозим аст, ки дар баробари Худо мавқеи дурустро ишғол кунед, то ба воситаи шумо суханони Худо ба одамон доимо танҳо барои баракати дигарон расад.

Аксарияти мо дар соҳаи бошуурона зиндагӣ мекунем: мо бошуурона ба Худо хизмат мекунем, мо бошуурона ба Ӯ вафодор мемонем. Ҳамаи ин нишонаи ноболиғ будан аст, ин ҳанӯз ҳаёти ҳақиқӣ нест. Зиндагии баркамол ҳамон вақт сар мешавад, ки мо чун кӯдакон дар бораи коре ки карда истодаем, фикр намекунем, балки дар ҳама чиз ба Худо чунон итоаткор мешавем, ки фикр кардан дар бораи чӣ корро ва чӣ тавр кардан ба гӯшаи хотирамон намеояд.

Ҳангоме мо мебинем, ки мо нони шикасташаванда ва шароби рехтанӣ шуда истодаем, мо бояд баландтар бароем, то он дараҷае ки фикрҳо дар бораи худамон ва дар бораи он чи Худо ба воситаи мо мекунад, мавқеи худро аз даст медиҳанд. Муқаддас ҳеҷ гоҳ бошуурона муқаддас нест: муқаддас ҳамеша бошуурона ба Худо такя мекунад.

318. ЗИНДАГИИ ОДДИИ ИНСОНӢ

«...Ё кори дигаре мекунед, ҳамаашро барои ҷалоли Худо ба ҷо оваред» (1 Қӯринтиён 10:31).

Мӯъҷизаи бузурги Таҷассум ноаён ба ҳаёти тифли муқаррарӣ дохил мешавад, мӯъҷизаи бузурги Дигаргуншавӣ дар водии пур аз девҳо нопадид мешавад, ҷалоли Эҳё бар наҳории хоксоронаи моҳигирон дар соҳили баҳр фуруд меояд. ...Ва ин шикаст хӯрдан нест, нокомӣ нест, балки ваҳйи бузурги Худост!

Мо дар он чизе ки бо мо рӯй медиҳад, муъҷизаҳоро мечӯем ва мехоҳем худро қаҳрамон ҳис кунем, ба ҷои он ки қаҳрамон бошем. Бо сари баланд аз ягон озмоиш гузаштан як чиз аст, ва тамоман чизи дигар — ҳар рӯзро «барои ҷалоли Худо» паси сар кардан, ҳангоме ки касе инро намебинад, ҳангоме чароғҳои прожектор чашмҳоро хира намекунанд, ҳангоме ки ҳеҷ кас аз шумо парвое надорад. Ва агарчи ба мо лозим нест, ки ҳолаҳои (доираҳои дурахшон) муқаддасони асримиёнагӣ бар сари мо дурахшанд, мо хеле мехоҳем, ки одамон ба мо нигоҳ карда, гӯянд: «Чӣ гуна марди дуогӯй!», «Чӣ гуна хоҳари рӯҳонӣ!» Агар шумо бо тамоми ҷони худ ба Худованд Исо вафодор бошед,

дар қуллаҳои дастнорас ҳастед, ки дар он ҳеҷ кас ҳатто фикр намекунад, ки ба шумо таваҷҷуҳ кунад, ва ҳама чизе ки одамон пай хоҳанд бурд, ин аст, ки қудрати Худо пайваста ба воситаи шумо амал мекунад.

«Худо маро чунон аҷоиб ба ин кор даъват кардааст!» Аммо танҳо Худои қодири мутлақ дар ҷисм, ки дар мо зиндагӣ мекунад, метавонад ба мо барои чизи дигар — барои иҷрои вазифаҳои нонамоён барои ҷалоли Худо қувват бахшад. Танҳо Рӯҳи Худо, ки дар мост, метавонад ба маънои томи сухан, моро халқи Ӯ гардонад, ки барои касе назаррас нестанд. Зиндагии шахси муқаддас на дар муваффақият, балки дар вафодории ӯ ба Худо дар зиндагии оддии инсон маълум мешавад. Мо дар назди худ мақсади муваффақиятро дар корҳои масеҳӣ мегузорем, аммо мақсади мо ин аст, ки ҷалоли Худоро дар ҳаёти оддии инсонии худ зоҳир кунем, ҳаёти бо Масеҳ дар Худо ниҳон (Қӯл.3:3), дар шароити оддии инсонӣ ба сар барем. Ҳаёти идеалии Худо бояд маҳз дар муносибатҳои инсонии мо бо одамони дигар зоҳир шавад.

319. МАҚСАДИ АБАДӢ

«Ба зоти Худ қасам ёд мекунам, мегӯяд Худованд, азбаски ту ин корро кардӣ...туро бисёр баракат хоҳам дод» (Ҳастӣ 22:16–17).

Иброҳим ба маконе омад, ки дар он ҷо бо моҳияти Худо дар робита шуд ва фаҳмид, ки Худо олитарин Воқеият аст.

«Ва мақсади ман худи Худост... Бо ҳар арзиш, Худовандо, бо ҳар роҳ.»

«Бо ҳар арзиш, бо ҳар роҳ» — яъне роҳеро, ки Худо бо он маро ба сӯи мақсад мебарад, ман интихоб намекунам.

Ҳангоме ки Худо сухан мегӯяд, ба гӯшаи хотирам намеояд, ки гуфтаҳои Ӯро баҳснок ҳисобам, агар Ӯ ба моҳияти Худ дар рӯҳи ман муроҷиат кунад. Дар ин ҳолат ягона натиҷа итоаткории фаврӣ хоҳад буд. Ҳангоме ки Масеҳ «Биё» мегӯяд, ман бояд биёям, ҳангоме ки Ӯ «бидеҳ» мегӯяд, ман бояд бидиҳам;

ҳангоме ки Ӯ «дар ин масъала ба Худо таваккал кун» мегӯяд, таваккал кунам. Ва агар ҳамин тавр шавад, ин гувоҳӣ медиҳад, ки моҳияти Худо дар ман зиндагӣ мекунад.

Ва чӣ гуна Худро ба ман ошкор кардани Худо аз рӯи он чи дар ман аст, муайян мешавад, на аз рӯи он чи дар Худост.

«Ва азбаски ман нокомил ҳастам, дар роҳҳои Ту комилиятро намебинам».

Худро ба итоаткорӣ одат кунонда, ман ба он ҷое ки Иброҳим рафта буд, меравам ва мебинам, ки Худо кист. Ман симои ҳақиқии Худоро тасаввур карда наметавонам, то даме ки бо Ӯ дар Исои Масеҳ рӯ ба рӯ вонахӯрам ва нафаҳмам, ки дар ҳама чиз танҳо Худост, танҳо Ӯст. Ваъдаҳои Худо барои мо ҳеҷ маъно надоранд, то даме ки мо бо итоаткорӣ ба моҳияти Худо дохил шавем. Мо ҳамон калимаҳоро дар Китоби Муқаддас сесаду шасту панҷ маротиба мехонем, ва онҳо барои мо ҳеҷ маъно надоранд, ва баъд ногаҳон ба мо маълум мешавад, ки Худо чӣ гуфтан мехоҳад, зеро мо дар чизи хурде ба Ӯ итоат мекардем — ва дарҳол моҳияти Ӯ ба мо ошкор мешавад. «... Ҳамаи ваъдаҳои Худо дар Ӯ „ҳа“ буд ва дар Ӯ „омин“ буд» (2Қӯр.1:20). «Ҳа» бояд аз итоаткорӣ тавлид ёбад ва ҳангоме ки бо итоаткорӣ дар ҳаёти худ ба ваъдаи Худо «омин» мегӯем, ин ваъда аз они мо мешавад.

320. БА ОЗОДӢ!

«Пас, агар Писар шуморо озод кунад, ҳақиқатан озод хоҳед буд» (Юҳанно 8:36).

Агар дар мо ягон андоза такаббур боқӣ монда бошад, он ҳамеша овози худро баланд мекунад: «Ман ин корро карда наметавонам». Моҳияти аслии мо ҳеҷ гоҳ намегӯяд: «Ман наметавонам», балки ҳама чизи имконпазирро ба худ мекашад ва аз худ мекунад. Моҳияти аслии мо ҳамеша бояд аз Худо бештар ва бештар бигирад: мо ҳамин тавр сохта шудаем — бо қобилияти гирифтани бисёр чизҳо аз Худо. Аммо гуноҳ ва худхоҳии мо намегузорад, ки ба ин сарчашма рӯ оварем. Худованд моро аз

гуноҳ наҷот медиҳад, ва мо бояд аз худпарастиамон раҳо ёбем, яъне зиндагиамонро ба Худованд чунон ки ҳаст, пешкаш кунем, ва онро фидо кунем, то он даме ки ба воситаи итоаткорӣ он ба ҳаёти рӯҳонӣ табдил ёбад.

Худо қобилиятҳои табиии моро ба назар намегирад ва дар мо ҳаёти рӯҳониро инкишоф медиҳад. Фармонҳои Ӯ бар хилофи ҳаёти табиӣ ва табиати мо мебошанд, ва мо бояд ба Худо бо ҳар роҳ ёрӣ диҳем ва мусоидат кунем, на ин ки бар зидди Ӯ исён карда, бигӯем: «Ман ин корро карда наметавонам». Худо моро бе иштироки мо ба интизом одат намекунад — мо худамон бояд худро ба интизом одат кунонем. Худо ҳар як фикрро ба итоат намеандозад — мо бояд ҳамин тавр кунем. Ва нагӯед: «Худовандо, чаро фикрҳои ман ин қадар пароканда мешаванд?!» Нагузоред, ки онҳо пароканда шаванд!

Ғуломи «ман»-и ҷисмонии худ — ғуломи ин золими бадкор буданро бас кунед ва озод шавед, ва ба озодӣ, ба «ман»-и ҳақиқии худ бароед.

«Пас, агар Писар шуморо озод кунад...» Калимаи «Писар»-ро бо калимаи «Наҷотдиҳанда» иваз накунед. Наҷотдиҳанда моро аз гуноҳ озод мекунад, аммо дар ин ҷо мо бо озодие ки маҳз Писар медиҳад, сару кор дорем.

Павлус дар ин бора дар суханони зерини худ гуфтааст: «Ман бо Масеҳ маслуб шудаам» (Ғал.2:20). «Ман»-и ҷисмонии Ӯ шикаст дода шуд, ва «ман»-и ҳақиқӣ, ки бо Худованд муттаҳид шуда буд, дар Ӯ нест нашуд, балки бо Ӯ муттаҳид шуд. «...Ба ростӣ озод мешавед», озод дар чизи муҳимтарин, ботинан озод. Аммо ҳамаи мо қувват дархост мекунем, ба ҷои он ки бо Исо муттаҳид шуда, онро ба даст оварем.

321. ЧУН Ӯ ОЯД...

«...Ва чун Ӯ ояд, ҷаҳонро бар гуноҳ ва бар адолат ва бар доварӣ мулзам хоҳад кард...» (Юҳанно 16:8).

Хеле кам касон дар бораи ин «бар гуноҳ мулзам кардан» чизе медонанд. Ҳисси нороҳатӣ ба мо шинос аст, ҳангоме ягон кори

нодуруст мекунем, аммо бар гуноҳ фош кардани Рӯҳулқудс ҳама чизи дигари рӯи заминро барканор мекунад. Ва танҳо ман ва Худо боқӣ мемонем: «Ба Ту ва танҳо ба Ту хато кардаам!» (Заб.50:6). Ҳангоме инсон ҳамин гуна бар гуноҳ фош карда мешавад, ӯ бо тамоми қуввахои ҷони худ дарк мекунад, ки Худо ӯро бахшида наметавонад, зеро агар Ӯ метавонист, маълум мешуд, ки ҳисси адолати инсон нисбат ба ҳисси адолати Худо бештар инкишоф ёфтааст. Бо вуҷуди ин, Худо ба ҳар ҳол одамро мебахшад, агарчи барои ин лозим меояд, ки дили Ӯ аз марги Масеҳ шикаста шавад. Гуноҳро бахшидани Худо мӯъҷизаи бузурги файзи Ӯст. Ва танҳо марги Исои Масеҳ ба Худо имкон медиҳад, ки бе тағйир додани моҳияти Худ гуноҳро бахшад. «Худо моро мебахшад, зеро Ӯ муҳаббат аст» гуфтан суханони хушку холӣ гуфтан аст, ки маъное надоранд. Агар Худо моро бар «гуноҳ» мулзам кунад, мо дигар ҳеҷ гоҳ инро намегӯем. Муҳаббати Худо чизе бештар ё камтар аз Ҷолҷото нест, муҳаббати Худо дар салиб навишта шудааст, на дар ягон ҷои дигар. Ягона асос барои он, ки Худо маро бахшида тавонад, салиби Худованди ман аст. Дар салиб Худо маро бо виҷдони пок бахшида метавонад.

Бахшидан маънои онро надорад, ки ман аз дӯзах наҷот ёфтаам ва ба ҳолати барои биҳишт мувофиқ оварда шудаам (ҳеҷ инсон дар ин сатҳ бахшишро қабул намекунад); бахшидан маънои онро дорад, ки Худо маро мебахшад, то ки бо ман муттаҳид шавад, то ки ман бо Худо дар Масеҳ муттаҳид шавам. Мӯъҷизаи кафорат дар он аст, ки Худо маро, ки аслан муқаддас нестам, ба шабоҳати Худ, ки Қуддус аст, табдил дода, дар ман Рӯҳи нав — Рӯҳи Исои Масеҳро ҷой медиҳад.

322. БАХШИДАНИ ХУДО

«...Дар Ӯ мо...омурзиши гуноҳҳоро...пайдо кардаем...» (Эфесусиён 1:7).

Худо воқеан ба мо Падар аст, аммо аз фаҳмиши гуворо ва нодуруст дар бораи ин ҳақиқат ҳазар кунед: фикр накунед, ки Худо

чунон дилсӯз ва меҳрубон аст, ки ҳамин тавр моро мебахшад. Дар Аҳди Ҷадид чунин эҳсосоти раҳмдилӣ вуҷуд надорад. Худо моро танҳо дар асоси фоҷиаи бузургтарин — Салиби Масеҳ — бахшида метавонад, ва ҷустуҷӯи ягон заминаи дигаре барои бахшидани Худо куфри зери шуурӣ аст. Худо танҳо ба шарофати Салиби Масеҳ гуноҳҳои моро бахшида, файзи Худро ба мо баргардонда метавонад, ҳеҷ роҳи дигаре нест. Бахшидашавӣ, ки ба мо ин қадар осон дода мешавад, барои Худо арзиши азоби Ҷолҷолторо дошт. Одам метавонад бо соддагии имон бахшидани гуноҳҳо, атои Рӯҳулқудс, муқаддасшавии худро қабул кунад ва фаромӯш кунад, ки Худо чӣ гуна арзиши тасаввурнопазирро пардохт намуд, то ки ҳамаи ин аз они мо гардад.

Бахшидашавӣ мӯъҷизаи файзи илоҳӣ аст, ки барои Худо арзиши Салиби Масеҳро дошт. Аммо барои он ки гуноҳро бахшида тавонад, ва дар айни замон Худои қуддус бошад, Ӯ бояд ин арзишро пардохт мекард. Ӯ танҳо дар он маврид Падари мо буда метавонад, ки кафорат моро бо Ӯ муттаҳид намояд. Ваҳйи Худо дар он аст, ки Ӯ бахшида наметавонад; бахшида, Ӯ бар хилофи моҳияти Худ амал менамуд: мо фақат дар як маврид бахшида мешавем — агар кафорат моро ба Худо бозгардонад. Бахшидани Худо танҳо дар соҳаи фавқуттабиӣ табиӣ мешавад.

Дар муқоиса бо муъҷизаи бахшидашавии гуноҳҳо, муқаддас шудан қариб ки муъҷиза ҳам нест. Муқаддасшавӣ танҳо як ифодаи муъҷизаосои бахшида шудани гуноҳҳо дар ҳаёти инсон аст, аммо маҳз гуноҳҳои моро бахшидани Худо он шукргузории амиқро дар рӯҳи инсон бедор мекунад. Павлус инро ҳамеша дар хотир дошт. Ҳангоме шумо фаҳмед, ки бахшидани шумо барои Худо чӣ арзише дошт, муҳаббати Худо шуморо фавран ба оғӯши худ мегирад.

323. «ИҶРО ШУД!»

«Ман Туро дар рӯи замин ҷалол додам ва кореро, ки ба Ман супурда будӣ, то бикунам, ба анҷом расондам» (Юҳанно 17:4).

Марги Исои Масеҳ дар таърихи худи ақли Илоҳӣ як марҳалаи бузург аст. Дар Исои Масеҳ дидани як риёзаткаш ғайриимкон буд: марги ӯ ногаҳонӣ набуд, ки онро пешгирӣ кардан мумкин буд — Ӯ маҳз барои ҳамин марг омада буд.

Ҳеҷ гоҳ мавъизаи худро оид ба бахшидашавӣ дар он асоснок накунед, ки Худо Падари мост ва моро мебахшад, зеро Ӯ моро дӯст медорад. Ин ба ваҳӣ дар бораи Худо, ки Исои Масеҳ оварда буд, мувофиқат намекунад. Дар ин ҳолат салиб нолозим мешавад ва маълум мешавад, ки тамоми кафорат «ғавғои бисёр аз боиси ҳеҷ чиз» аст. Агар Худо ҳақиқатан гуноҳро мебахшида бошад, пас Ӯ онро ба сабаби марги Масеҳ мебахшад. Ба ғайр аз марги Писари Худ, Худо одамонро бо ҳеҷ сабаби дигар бахшида наметавонист, ва Масеҳ танҳо ба сабаби марги худ ҳамчун Наҷотдиҳанда боло рафт. «...Исоро мебинем, ки ба сабаби азоби марг...тоҷи ҷалол ва шавкат бар сар дорад» (Ибр.2:9). Бузургтарин фарёди пирӯзӣ, ки ягон вақт дар олами ҳайратзада садо додааст, нидо аз Салиби Масеҳ аст: *«Иҷро шуд!»* (Юҳ.19:30). Ҳамин тавр охирин сухан дар кафорати инсон гуфта шуд.

Ҳама гуна нуқтаҳои назари бардурӯғ дар бораи муҳаббати Худо, ки қудсияти Худоро кам мекунанд ё тамоман аз байн мебаранд, бо ваҳйи Худо, ки Исои Масеҳ додааст, мувофиқат намекунанд. Ҳатто фикреро роҳ надиҳед, ки гӯё Исои Масеҳ аз боиси раҳму шафқат тарафи моро гирифта, ба Худо муқобилат кард, ва аз боиси ҳамдардӣ ба мо бароямон лаънат шуд. Дар асл Исои Масеҳ бо иҷозати Худо барои мо лаънат шуд. Вазифаи мо фаҳмидани аҳамияти бузурги ин лаънат, қабул кардани фош шудан дар гуноҳ аст. Шармсорӣ ва тавба, ки ба мо фиристода шудаанд, марҳамати бузурги Худо мебошанд. Исои Масеҳ аз бадӣ дар инсон нафрат дорад, ва Ҷолҷолто ифодаи нафрати Ӯст.

324. ПАСТОБҲО ВА ЧУҚУРОБҲО

«Хуллас, хоҳ мехӯред, хоҳ менӯшед, ё кори дигаре мекунед, ҳамаашро барои ҷалоли Худо ба ҷо оваред» (1 Қӯринтиён 10:31).

Фикреро роҳ надиҳед, ки ташвишҳои ночизи ҳаёт аз ҷониби Худо ба мо фиристода нашудаанд. Онҳо ба ҳамон андоза аз ҷониби Худо ҳастанд, ки чизҳои бузургтар аз ҷониби Ӯ мебошанд. Ва на садоқатмандӣ ба Худо, балки хоҳиши бо «рӯҳоният»-и худ ба дигарон таъсир бахшидан шуморо водор мекунад, ки аз корҳои майда-чуйда даст кашед. Аз нафрате ки дар ботини шумо пайдо мешавад, эҳтиёт бошед: он ҳамеша дар ин зоҳир мешавад ва шуморо водор мекунад, ки маломатгари дигарон шавед, зеро онҳо мисли шумо рӯҳонӣ нестанд. Бо амиқ будани табиати худ ба дигарон таассурот набахшед — дар ниҳоят, ҳатто худи Худо кӯдак шуд.

Корҳои хурд кардан маънои бадӣ карданро надорад. Ин маънои онро надорад, ки дар одам ягон амиқӣ вуҷуд надорад: уқёнус ҳам пастобҳо дорад. Ҳама чизҳои «хурд»-и зиндагӣ: хӯрокӣ ва нӯшокӣ, сайру гашт ва суҳбатҳо аз ҷониби Худо ба мо фиристода шудаанд. Ҳамаи ин дар ҳаёти Худованди мо низ буданд. Ӯ дар ин чизҳои хурд чун Писари Худо зиндагӣ мекард, ва гуфт, ки «шогирд аз муаллими худ авло нест» (Мат.10:24).

Чизҳои хурд моро муҳофизат мекунанд. Дар рӯи об, дар ғавғои ҳодисаҳо, ба мо лозим меояд, ки бо ҳидояти ақли солим зиндагӣ кунем ва ҳангоме ки мо амиқтар ғӯта мехӯрем, Худо ин чуқуриҳоро барои мо аз майда-чуйдаҳо ҷудо ошкор мекунад. Ҳаргиз чуқуробҳои худро ғайр аз Худо ба касе нишон надиҳед. (Мо ба таври нафратовар ҷиддӣ ҳастем, мо ба хислати худ он қадар таваҷҷуҳи зиёд дорем, ки дар ташвишҳои ночизи зиндагӣ чун масеҳӣ рафтор кардан намехоҳем.)

Агар қарор диҳед, ки ғайр аз Худо касеро ҷиддӣ қабул намекунед, худатон аввалин шахсе хоҳед буд, ки бояд аз ӯ чун аз бузургтарин қаллобе ки ягон вақт мешинохтед, қатъиян ҷудо шавед.

325. НАФРАТ ЧӢ ГУНА МОРО БА ЯК ТАРАФ МЕБАРАД

«Ба мо марҳамат намо, эй Худованд, ба мо марҳамат намо, зеро ки басо мо аз таҳқир сер шудаем» (Забур 122:3).

Мо бояд асосан на аз осеб дидани имони худ ба Худо, балки аз осеб дидани хислати масеҳии мо эҳтиёт бошем. «...Пас, рӯҳи худро нигоҳдорӣ намоед ва хиёнат накунед» (Мал.2:16). Рӯҳи мо, хислат, табъамон метавонанд моро хеле дур баранд, онҳо метавонанд душмане шаванд, ки ба рӯҳ ворид шуда, ақли моро аз Худо дур мекунанд. Кайфиятҳое ҳастанд, ки ҳеҷ гоҳ набояд ба онҳо дода шавем, зеро агар дода шавем, мебинем, ки онҳо моро аз имон ба Худо дур мекунанд, ва то замоне ки мо ба муносибати ором ба Худо барнагардем, имоне ки ба Ӯ дорем, холӣ хоҳад буд: умед ба ҷисм ва заковати инсонӣ бар мо ҳукмронӣ хоҳанд кард.

Аз «Андешаҳои дунёй» ҳазар кунед (Марқ.4:19), зеро рӯҳияи нодурусти рӯҳҳои мо маҳз аз онҳост. Ҳайратовар аст, ки дар чизҳои оддӣ чӣ гуна қудрати бебаҳо мавҷуд аст, то чӣ андоза он метавонад диққати моро аз Худо дур кунад. Мо набояд ба ташвишҳои ин зиндагӣ дода шавем — онҳо моро нобуд мекунанд.

Ҳамчунин хоҳиши худсафедкунӣ моро аз имон дур карда метавонад. Августини муборак чунин дуо мекард: «Эй Худованди ман, маро аз хоҳиши ҳамеша сафед кардани худ раҳоӣ деҳ». Чунин кайфият имони инсонро ба Худо барбод медиҳад. «Ман бояд ҳама чизро фаҳмонам, ба ман лозим аст, ки одамон фаҳманд». Худованди мо ҳеҷ гоҳ чизеро шарҳ намедод, ба одамон имконият медод, ки худашон ҳукмҳои нодурусти худро ислоҳ кунанд.

Ҳангоме мо мебинем, ки касе аз ҷиҳати рӯҳонӣ хоб аст, ва имкон медиҳем, ки мушоҳидаамон ба доварӣ табдил ёбад, мо роҳи худро ба сӯи Худо мебандем. Худо ҳеҷ гоҳ чизеро барои он ошкор намекунад, ки касеро маҳкум кунем, ӯ ҳамеша чизеро ошкор мекунад, то ки мо барои дигарон дуо кунем.

326. НИГОҲИ ТУ БА КУҶО РАВОНА АСТ

«Инак, чунон ки чашмони ғуломон сӯи дасти оғоёни онҳост... ончунон чашмони мо сӯи Худованд Худои мост, то даме ки ба мо марҳамат намояд» (Забур 122:2).

Ин суханон мефаҳмонанд, ки ба Худо пурра такя кардан чӣ маъно дорад. Чунон ки чашмони ғуломон ҳамеша ба сӯи оғоёнашон аст, нигоҳи мо ҳам ба Худованд нигаронида шудааст ва мо чеҳраи Ӯро мешиносем. Мушкилоти рӯҳонӣ он вақте сар мешаванд, ки мо сӯи Ӯ боло кардани чашмони худро бас мекунем. Ва ин мушкилот на он қадар аз берун, балки дар тасаввури мо сар мешаванд, ҳангоме ки мо мегӯем: «Шояд, ман аз ҳад зиёд шиддатнок будам, нӯги по истода кӯшиш мекардам мисли Худо бошам, ба ҷои як одами оддии хоксор бошам». Мо бояд фаҳмем, ки дар ин соҳа барзиёд кӯшиш кардан ғайриимкон аст.

Масалан, шумо чунин мушкилот доред: шумо мувофиқи хости Худо амал намудед, ва Рӯҳ ба шумо шаҳодат дод, ки ҳама чиз дуруст буд, аммо ҳафтаҳо ва шояд солҳо гузаштанд ва шумо оҳиста-оҳиста шубҳа мекунед: «Оё ин аз ҷониби ман намоишкорӣ набуд. Оё ман беҳад зиёд кӯшиш накардаам?» Дӯстони солимфикратон ба шумо мегӯянд, ки «Аҳмақ набош, ҳангоме ту дар бораи бедории рӯҳонӣ суҳбат мекардӣ, мо медонистем, ки ин мегузарад, ва ту муддати тӯлонӣ ба ин тоб оварда наметавонӣ, зеро Худо инро аз ту талаб намекунад». Ва шумо аз худ мепурсед: «Шояд ман дар ҳақиқат аз ҳад зиёд кӯшиш кардаам?» Ин чун фурӯтанӣ метобад, аммо дар асл ин маънои онро дорад, ки шумо дигар на ба Худо, балки ба ақидаи ҷаҳониён такя мекунед. Ба Худо таваккал карданро бас кардан, ба Ӯ нигоҳ карданро бас кардан хеле хатарнок аст. Танҳо ҳамон вақте ки Худо ногаҳон шуморо бозмедорад, шумо дарк мекунед, ки аз даст дода истодаед. Агар дар ҷое дар ҳаёти рӯҳонии шумо чизе сӯрох шуда бошад, дарҳол сӯрохиро маҳкам кунед. Иқрор шавед, ки чизе байни шумо ва Худо пайдо шудааст, ва онро фавран ислоҳ кунед.

327. СИРРИ УСТУВОРИИ РӮҲОНӢ

«Ва ман, ҳошо ва калло, ки фахр намоям, магар ин ки фақат бо салиби Худованди мо Исои Масеҳ» (Ғалотиён 6:14).

Ҳангоме ки шахс аз олами боло таваллуд мешавад, ӯ фаҳмидани худро бас мекунад: дар вуҷуди ӯ ҳиссиётҳои зиддиятнок мубориза мебаранд, дар атрофи ӯ воқеаҳои зиддиятнок ба амал меоянд. Аммо дар умқи рӯҳи Павлус ҳама чиз боэътимод, устувор, фаҳмо буд, ва ӯ наметарсид, ки ҳама чиз дар гирду атроф ин қадар тағйирёбанда ва пешгӯинашаванда аст, зеро реша ва пояи ӯ дар Худо буд. Аксарияти мо чунин устувории рӯҳонӣ надоранд, зеро мо бештар ба устувории берунӣ аҳамият медиҳем. Павлус дар ошёнаи якум зиндагӣ мекард, дар ҳоле ки танқидчиён дар ошёнаи боло зиндагӣ мекунанд, ки аз он ҷо бисёр чизҳо барояшон намоён аст. Ва ин ду ошёна бо ҳам пайвастагӣ надоранд.

Сарчашмаи пайдарҳамии амалҳои Павлус дар вафодории ӯ ба асосҳо буд. Ва асоси бузурги устувории ӯ — азоби Худо дар кафорат намудани ҷаҳон, яъне дар салиби Исои Масеҳ буд.

Бори дигар худро санҷед: шумо ба чӣ бовар мекунед, ва баъд ҳама чизи имконпазирро аз он дур кунед, ва ба таҳкурсии имони худ — ба Салиби Масеҳ баргардед. Аз нуқтаи назари таърихи ҷаҳон, Салиб арзиши зиёд надорад, аз нуқтаи назари Китоби Муқаддас — аз ҳама империяҳои ҷаҳон муҳимтар аст. Агар мо дар мавъизаҳои худ аз андешаҳо дар бораи азобҳои Худо дар салиб дур шавем, ин мавъизаҳо фоидаи кам хоҳанд дошт. Онҳо энергияи Худоро ба шахс намегузаронанд, онҳо метавонанд касеро дилхуш кунанд, аммо дар онҳо қуввае нест. Аммо Салибро мавъиза кунед — ва шумо энергияи Худоро озод хоҳед намуд: «...Худо чунин писандид, ки ба воситаи беақлии мавъиза имондоронро наҷот диҳад», «...Вале мо Масеҳи маслубшударо мавъиза мекунем».

328. МАРКАЗИ ҚУВВАИ РӮҲОНӢ

«...*Фақат бо салиби Худованди мо Исои Масеҳ*» (Ғалотиён 6:14).

Агар шумо қудрати Худоро (яъне ҳаёти Эҳёи Масеҳ) дар ҷисми мирандаи худ донистан хоҳед, шумо бояд дар бораи азобҳои Худо мулоҳиза кунед. Таваҷҷуҳи зиёди худро ба аломатҳои рӯҳонии худ барканор гузошта, бе ягон ороиш азобҳои Худоро ба хотир оваред — ва қудрати Худо фавран дар шумо зоҳир мешавад.

«Ба Ман руҷӯъ намоед...» (Иш.45:22), диққати худро ба Сарчашмаи объективии ҳама чиз равона намоед — ва шумо ба энергияи субъективӣ дастрасӣ пайдо мекунед. Агар мо фикрҳоямонро на ба чизи даркорӣ равона кунем, қувватро аз даст медиҳем.

Салиб наҷот, муқаддасӣ, шифо ва ғайраро медиҳад, аммо на он чизҳоро, ки салиб бо худ меоварад, балки «Исо Масеҳро, он ҳам ба салиб кашидашуда» мавъиза кардан лозим аст (1Қӯр.2:2). Агар мо Исоро эълон кунем, ин паём ҳама чизи даркориро ичро мекунад. Худо бояд дар маркази мавъизаи шумо бошад ва ҳарчанд шумо гумон мекунед, ки шунавандагон ба ин мавъиза ҳеҷ таваҷҷуҳ намекунанд, онҳо дигар ҳеҷ гоҳ чун пештара нахоҳанд буд. Агар он чизеро гӯям, ки худам мегӯям, суханони ман барои шумо на бештар аз суханони шумо барои ман аҳамият хоҳанд дошт. Аммо агар ман ҳақиқати Худоро гӯям, шумо боз бо он вомехӯред, мисли ман. Мо бояд диққати асосиро ба сарчашмаи бузурги қувваи рӯҳонӣ равона кунем — ба Салиб, ба ин марказе ки дар он тамоми қувва ниҳон аст, ва ин қувва худро зоҳир мекунад. Ва дар «ҳаракатҳои муқаддасӣ»-и нав ва ҷамъомадҳои махсуси «рӯҳонӣ» диққат аз Салиби Масеҳ ба он чи Салиб ба инсон медиҳад, гузаронда мешавад.

Калисоҳо имрӯз барои сустии худ танқид карда мешаванд ва ин танқид асоснок аст. Яке аз сабабҳои ин сустӣ дар он аст, ки калисоҳо ин маркази қувваи рӯҳониро надоранд: мо дар бораи фоҷиаи Ҷолҷото ё дар бораи маънои кафорат ба қадри кофӣ фикр намекунем.

329. САРФИ ҚУВВАИ РӮҲОНӢ

«...Ки ба воситаи он ҷаҳон барои ман ба маслуб шудааст, ва ман барои ҷаҳон» (Ғалатиён 6:14).

Агар ман дар бораи Салиби Масеҳ мулоҳиза ронам, ман пиетист[3] нестам, ки танҳо ба беайбии худ диққат медиҳад, ман диққати худро танҳо ба манфиатҳои Исои Масеҳ равона мекунам. Худованди мо зоҳиду гӯшанишин набуд, худро аз ҷомеа канор намегирифт, вале дар рӯҳи худ доимо аз ин ҷамъият озод буд. Вай беэҳтиёт набуд, балки дар дунёи дигар зиндагӣ мекард. Вай дар байни мардуми оддӣ он қадар вақт мегузаронд, ки диндорони хамонзамонааш Ӯро пурхӯр ва майзада меномиданд. Аммо Худованди мо ҳеҷ гоҳ роҳ намедод, ки чизе ба сарфи қувваи рӯҳонии Ӯ халал расонад.

Баъзан мавъиза мекунанд, ки бошуурона аз ягон намуди кор даст кашидан ва қувваи бештари рӯҳонӣ ҷамъ кардан лозим аст, то ки он дертар зоҳир карда шавад. Аммо ин иштибоҳи ошкор, як кори бенатиҷа аст.

Рӯҳи Худо шумораи зиёди одамонро аз гуноҳ озод кард, аммо худи онҳо аз гуноҳ озод нашуданд, онҳо ба пуррагии ҳаёт ноил нашуданд. Ва ҳаёти динӣ, ки мо ҳозир дар атроф мебинем, бо қудсияти солим ва қавӣ, ки Исои Масеҳ дар он зиндагӣ мекард, ҳеҷ робита надорад. «Илтимос намекунам, ки Ту онҳоро аз ҷаҳон бибарӣ, балки онҳоро аз шарорат муҳофизат намоӣ» (Юҳ.17:15).

Мо бояд дар ҷаҳон бошем, аммо на аз ҷаҳон — мо бояд аз ҷаҳон дар чизи асосӣ даст кашем, на зоҳиран, аз рӯй. Ва ҳеҷ чиз набояд монеа шавад, ки қувваи рӯҳонии худро сарф кунем. Кори мо сарф кардан аст, ва кори Худо ин аст, ки моро муқаддас гардонад. Мо бояд бо қувваи ирода худ водор намоем, ки фақат манфиатҳои Худоро дар ҷои аввал гузорем. Ва барои қарор додан дар хусуси он ки оё дар вазъияти душвор коре

[3] Пиетизм — ҳаракати ислоҳотӣ дар калисои лютерании олмонӣ дар асрҳои XVII–XVIII, ки намояндагони он ба тақводорӣ ва беайбии имондорон диққати зиёд медоданд.

карданатон лозим аст ё не, бояд аз худ пурсед: ба ин тавр кардани ман кӣ манфиатдор аст — Исои Масеҳ ё рӯҳе ки ба Ӯ муқобилат мекунад?

330. САРВАТИ КАМБАҒАЛОН

«...Ва ройгон, бо файзи Ӯ, сафед карда мешаванд...» (Румиён 3:24).

Инҷили файзи Худо дар ботини инсон хоҳиши пурэҳсос ва эътирози пурэҳсосро бедор мекунад, зеро ваҳйе ки Инҷил бо худ меоварад, ба инсон он қадар маъқул нест. Одам як ифтихори хосе дорад, ки доимо ба додан тайёр аст, аммо омадану гирифтан кори тамоман дигар аст. Ман тайёрам ҳама чизро диҳам, тайёрам ҳама корро кунам, то ки ба дараҷаи гунаҳкори оддитарин (ки ӯ танҳо як роҳ дорад — ба сӯи дӯзах) поён нафароям, ва нашунавам, ки ман бояд фақат атои наҷот дар Исои Масеҳро қабул кунам.

Мо бояд фаҳмем, ки бо амалҳоямон аз Худо чизеро сазовор шудан ё ба даст овардан ё ба даст оварда наметавонем — мо бояд чизеро ҳамчун туҳфа қабул кунем, ё аз он даст кашем. Баракати бузургтарини рӯҳонӣ — фаҳмидани рӯҳан бенаво будан аст, ва то ба ин фаҳмиш нарасем, Худованди мо нотавон аст. Ӯ барои мо ҳеҷ кор карда наметавонад, агар чунин ҳисобем, ки худамон ҳама корро карда метавонем. Мо ба Подшоҳии Ӯ ба танҳо аз дари огоҳӣ дар бораи бенавоии рӯҳонии худ ворид шуда метавонем. Ва то даме ки мо сарватмандем ва дар зери итоати ҳар чизе ҳастем, ки бо ғурур ва истиқлолият алоқаманд аст, Худо барои мо коре карда наметавонад. Мо Рӯҳулқудсро танҳо он вақт ба даст меоварем, ки гуруснагии рӯҳониро ҳис мекунем. Ва ба воситаи Рӯҳулқудс дар мо атои моҳияти Худо зоҳир мешавад, Ӯ ба мо ҳаёти эҳёкунандаи Масеҳро медиҳад, ки он чиро, ки дар «берун» аст, дар дохили мо ҷой медиҳад ва ҳамин ки ин «берунӣ» дар дохили мо ҷой мегирад, он ба дараҷаи «баландтарин» боло меравад ва мо ба он соҳаҳое боло меравем, ки Масеҳ дар онҳо сокин аст (Юҳ.3:5).

331. ИСОИ МАСЕҲ БАРОИ МО ҲАМА ЧИЗ АСТ

«Ӯ Маро ҷалол хоҳад дод...» (Юҳанно 16:14).

Он ҳақиқати дағалона ва ороишнаёфтаи ҳаёт, ки дар Аҳди Ҷадид ҳаст, дар ҳаракатҳои муосири пиетистӣ вуҷуд надорад. Дар ин ҳаракатҳо чизе шоистаи он нест, ки Исои Масеҳ ба хотири он бимирад. Танҳо фазои худотарсӣ, дуо ва ҷидду ҷаҳди рӯҳонӣ лозим аст. Аммо дар ин корҳо ҳеҷ чизи фавқуттабиӣ ва мӯъҷизаосо нест, Худо барои ин азоб накашидааст, на барои ин Барра Хуни Худро рехт, ин корҳои нек бо мӯҳри Рӯҳулқудс ишора нашудаанд — дар онҳо чизе нест, ки одамон бо тарси эҳтиромона ва бо тааҷҷуб гуфта тавонанд: «Инҳо корҳои Худои Таоло мебошанд». Аммо Аҳди Ҷадид танҳо дар бораи чунин чизҳо сухан меронад, на дар бораи дигар чизҳо.

Ҳаёти масеҳиёни Аҳди Ҷадид ҳаёти садоқатмандии номаҳдуд ба Исои Масеҳ аст. Ҳар як намуди дигари ҳаёти «масеҳӣ» масеҳияти бе Масеҳ аст. Гап дигар дар бораи аз олами боло таваллуд шудан намеравад, ки Худо моро дар Подшоҳие ки Масеҳ дар он зиндагӣ мекунад, таваллуд кардааст, танҳо фикре боқӣ мемонад, ки Масеҳ идеали мост. Аммо дар Аҳди Ҷадид Масеҳ аввал Наҷотдиҳанда ва танҳо баъд идеал мегардад. Ҳозир Ӯро Сарвари дини масеҳӣ, Идеали оддӣ барои тақлид мегардонанд. Ӯ, албатта, ҳам Сарвар ва ҳам идеал аст, аммо Ӯ беандоза бештар аз ин аст, Ӯ худи наҷот аст, Ӯ хушхабари зиндаи Худост.

Масеҳ гуфтааст: «Чун Ӯ, яъне Рӯҳи ростӣ ояд... Ӯ Маро ҷалол хоҳад дод» (Юҳ.16:13–14). Ҳангоме ки ваҳйи Аҳди Ҷадидро бо тамоми дили худ қабул мекунам, ман аз Худо атои Рӯҳулқудсро ба даст меоварам. Рӯҳулқудс ба ман маънидод кардани корҳои кардаи Масеҳро ва ба таври субъективӣ фаҳмондани он чиро, ки Исои Масеҳ ба таври объективӣ бароям кардааст, сар мекунад.

332. «...БО ФАЙЗИ ХУДО ОН ЧИ ҲАСТАМ, ҲАСТАМ...»

«*...Ва файзи Ӯ дар ман бар абас набуд*» (1 Қӯринтиён 15:10).

Суханронии доимии мо дар бораи он ки мо чӣ қадар бефаҳм ва бефоида ҳастем, таҳқири Офаридгор аст. Аз бесалоҳиятӣ нола кардан — ба Худо тӯҳмат кардан аст, зеро аз ин бармеояд, ки Ӯ чизеро то охир наандешидааст, чизеро нодида гирифтааст. Ҳангоме ба он чи дар назди мардум фурӯтанона метобад, дар партави Худо нигаристанро ёд мегиред, ҳайрон мешавед, ки ин ҳама дар асл чӣ қадар густохӣ ва беадабӣ будааст. «Ман дӯст намедорам, ки дар бораи худам ҳамчун муқаддас гап занам, чӣ тавр ман гуфта метавонам, ки муқаддас ҳастам?» Ин суханонро ба Худо бигӯед, ва он гоҳ чунин хоҳад шуд: «Не, Худовандо, Ту наметавонӣ маро наҷот диҳӣ ва муқаддас гардонӣ, Ту ба ман баъзе имкониятҳоро надодӣ, ҷисм ва ақли маро хеле нокомил офаридаӣ — не, Худовандо, ҳеҷ гуна муқаддасӣ ҳосил намешавад». Ба назари одамон ин суханон мӯъҷизаосо ва фурӯтанона ба назар мерасанд, аммо барои Худо ин суханон майдонталабона садо медиҳанд.

Ва баръакс: он чизе ки барои Худо зоҳиршавии фурӯтанист, барои одамон метавонад баръакси он тобад. «Худоё, туро шукр мегӯям, медонам, ки наҷот ёфтаам ва муқаддас шудаам» гуфтан дараҷаи олии фурӯтанӣ дар назди Худост. Ин маънои онро дорад, ки шумо худро ба Худо чунон додаед, ки ба суханони Ӯ ҷиддӣ бовар мекунед. Ва ҳеҷ гоҳ хавотир нашавед, ки оё суханони шумо барои одамон фурӯтанона метобанд ё не. Инсон бояд ҳамеша дар назди Худо фурӯтан бошад, бояд имкон диҳад, ки Ӯ ҳама дар ҳама чиз бошад.

Муҳимтар аз ҳама барои шумо муносибатҳо бо Наҷотдиҳандаи шахсӣ ва Худованди шумост. Бигзор ҳама чизи дигар барбод равад, аммо ин муносибатҳоро мисли гавҳараки чашм нигоҳ доред ва Худо дар зиндагии шумо он чиро ки ба нақша гирифтааст, ба ҷо меоварад. Барои мақсадҳои Худо ҳар як ҳаёти алоҳида бебаҳо аст, ва сухан маҳз дар бораи ҳаёти шумо буда метавонад.

333. ШАРИАТ ВА ИНҶИЛ

«Касе ки тамоми шариатро риоя намуда, валекин дар як чиз гуноҳ кунад, нисбат ба ҳама чиз айбдор мешавад» (Яъқуб 2:10).

Қонуни ахлоқӣ ҳеҷ гоҳ одамонро мавҷудоти заиф намеҳисобад, ирсият ва нотавонии моро ба назар намегирад; он талаб мекунад, ки мо аз ҷиҳати ахлоқӣ беайб бошем. Қонуни ахлоқӣ ҳеҷ гоҳ на ба самти сахтгирӣ тағйир меёбад, на ба самти саҳлангорӣ, он ҳамеша як аст. Қонуни ахлоқие ки Худо муқаррар кардааст, ба нотавониҳои мо гузашт намекунад, камбудиҳои моро ҳамвор намекунад — дар тамоми замонҳо ва то абад ҳақиқати ниҳоӣ боқӣ мемонад. Агар мо инро нафаҳмем, пас ин аз он сабаб аст, ки мо комилан зинда нестем, аммо ҳамин ки ҳақиқатан зинда шавем, зиндагӣ бароямон фоҷиа мешавад: «Ман як вақте бе шариат зиндагӣ мекардам, аммо вақте ки ҳукми шариат ба майдон омад, гуноҳ ҷон гирифт, ва ман мурдам» (Рум.7:9). Ҳангоме ки мо фаҳмидани инро сар мекунем, Рӯҳи Худо моро бар гуноҳ маҳкум мекунад. То даме ки шахс ба ин наояд ва ноумедона будани вазъияти худро набинад, Салиби Масеҳ барои ӯ танҳо як масхара аст. Ва сарзаниш дар гуноҳ ҳамеша тарси Худо ва фаҳмиши онро меоварад, ки шариат инсонро ба чизе водор мекунад. Барои одам умеде нест, вай *«ба гуноҳ фурӯхта шудааст»* (Рум.7:14). Ман дар гуноҳ айбдорам ва ба ҳеҷ ваҷҳ бо Худо оштӣ карда наметавонам, ин барои ман ғайриимкон аст. Ягона роҳ барои оштӣ шудани ман бо Худо — марги Исои Масеҳ аст. Ман бояд аз умеди бо итоаткории худ дар назди Худо сафед шудан даст кашам, зеро ҳеҷ яки мо то охир, то ҳадди бештарин ба Худо итоат карда наметавонем!

Мо қудрати пурраи шариати ахлоқиро танҳо ҳамон вақт мефаҳмем, ки шариат калимаи «агар»-ро бо худ дошта бошад. Худо ҳеҷ гоҳ моро ба коре маҷбур намекунад. Аммо мо мехоҳем, ки Ӯ моро ба коре маҷбур кунад, пас мо мехоҳем, ки Ӯ моро осуда гузорад. Аммо ҳангоме ки ҳама чизро хости Худо идора мекунад, дар бораи маҷбуркунӣ ҳеҷ гуна гап нест. Ҳангоме

ки мо ихтиёран ба Худо итоат карданро интихоб мекунем, Ӯ дуртарин ситора ва хурдтарин зарраи регро истифода мебарад, то бо қудрати тавонои Худ ба мо ёрӣ расонад.

334. КОМИЛИИ МАСЕҲӢ

«На ин ки аллакай инро расида бошам, ё комил шуда бошам...» (Филиппиён 3:12).

Тасаввур кардани он, ки Худо мехоҳад моро намунаҳои беайби он чизе гардонад, ки Ӯ карда метавонад, хатарнок аст. Мақсади Худо ин аст, ки моро бо Худ як кунад. Ҳама «ҳаракатҳои муқаддас» таъкид мекунанд, ки Худо намунаҳои намоишии одамони муқаддасро ба вуҷуд меоварад. Агар бо ин роҳ, роҳи муқаддасии шахсӣ равед, шумо на барои Худо, балки барои он чи зоҳиршавии Худо дар ҳаёти худ меномед, зиндагӣ мекунед. «Бемор шудани ман хости Худо буда наметавонад». Агар хости Худо буд, ки Писари ягонаи Худо азоб кашад, пас чаро Худо шуморо аз бадбахтиҳо раҳо кунад? Барои Худо муҳим нест, ки шумо комилан ва ҳамеша ба унвони олии шахси муқаддас мувофиқат кунед, барои Ӯ муҳим аст, ки шумо бо Исои Масеҳ чӣ гуна муносибат доред ва чӣ гуна шумо ҳангоми саломатӣ ва ҳангоми сустии ҷисм ба Ӯ итоат мекунед.

Комилии масеҳӣ ҳеҷ гоҳ комилии инсонӣ набуд ва буда наметавонад. Комилии масеҳӣ мукаммалии муносибати шахс бо Худост, ки дар майда-чуйдаҳои ҳаррӯза зоҳир мешавад. Ҳангоме ки шумо ба даъвати Исои Масеҳ итоат мекунед, аввалин чизе ки шуморо ба ҳайрат меоварад, тамоман бузург набудани вазифаҳои ба ӯҳдаи шумо вогузошта аст, ва дуюмаш ин аст, ки одамони дигар, ба назари шумо, хеле сазовор зиндагӣ мекунанд. Ба онҳо нигоҳ карда, шояд фикр кунед, ки бе Худо ҳам зиндагии шоиста доштан мумкин аст, бо қудрат ва парҳезгории инсонӣ он чизеро, ки Худо аз мо талаб мекунад, иҷро кардан мумкин аст. Аммо дар ҷаҳони ба гуноҳ афтода ин ҳеҷ гоҳ рӯй намедиҳад. Ман даъват шудаам, ки дар муносибати комил бо Худо зиндагӣ кунам, то ки ба ман нигоҳ карда, дигарон ба сӯи Худо ҷалб

шаванд, на ин ки аз ман ба вақд оянд. Андешаҳо дар бораи худам маро аз фоиданок будан барои Худо бозмедоранд. Ва Худо аз чунин фикрҳои ман парвое надорад: Ӯ маро ба намунаи намоишӣ табдил намедиҳад — Ӯ мехоҳад маро ба чунин ҳолате расонад, ки маро истифода бурдан мумкин бошад. Пас бигзор Ӯ он чи мехоҳад, кунад!

335. «НА БО ЛАШКАР ВА НА БО ҚУВВАТ»

«*Ва калому мавъизаи ман на дар суханони исботкоронаи ҳикмати инсон, балки дар зуҳури Рӯҳ ва қувват буд*» (1 Қӯринтиён 2:4).

Ҳангоме ки Инҷилро мавъиза мекунед, агар фаҳмиши равшани роҳи наҷотро бо боварӣ ба қудрати Инҷил иваз кунед, шумо одамонро аз дидани Воқеияти ҳақиқӣ бозмедоред. Ҳангоми баён кардани дониши худ дар бораи роҳи наҷот шумо бояд боварӣ дошта бошед, ки худатон дар имони Худо устувор ҳастед. Ҳеҷ гоҳ ба возеҳии мавъизаатон такя накунед, балки ҳангоми мавъиза кардан ҳатман ба Рӯҳулқудс такя кунед. Ба қувваи кафорати Худо боварӣ дошта бошед — ва Худо дар одамон ҳаёти Худро меофарад.

Агар шумо дар Воқеият реша давонед, ҳеҷ чиз шуморо такон дода наметавонад. Агар шумо танҳо ба он чи аз сар гузаронидаед, бовар кунед, имони шуморо ҳама чиз такон дода метавонад. Аммо ҳеҷ чиз Худоро ё воқеияти тавонои наҷотро ғофилгир карда наметавонад. Инро дар асоси имони худ гузоред — ва ҳеҷ чиз ҳеҷ гоҳ ба шумо таҳдид карда наметавонад, чунон ки ба Худи Худо. Ҳангоме ки бо Исои Масеҳ робитаи шахсӣ пайдо мекунед, шумо дигар ба ларза намеафтед. Маънои муқаддасшавӣ ҳамин аст. Худо таҷрибаи инсониро таҳсин намекунад, ҳангоме мо ақидаеро ҷонибдорӣ мекунем, ки муқаддас шудан ҳиссиёти мост, ва фаромӯш мекунем, ки худи муқаддасии мо бояд муқаддас гардонда шавад (ниг. Юҳ.17:19). Ман бояд ихтиёран ҳаёти муқаддасонаи худро ба хизмати Худо супорам, то ки Ӯ маро ҳамчун даст ё пои худ истифода барад.

336. ҚОНУНИ МУБОРИЗАИ ЗИДДИЯТҲО

«...Касе ки ғолиб ояд...» (Ваҳй 2:7).

Зиндагӣ бе мубориза на дар табиат вуҷуд дорад ва на дар файз. Асоси ҳаёти ҷисмонӣ, ақлонӣ, ахлоқӣ ва рӯҳониро муборизаи зиддиятҳо ташкил медиҳад. Чунин аст ҳаёт, чунинанд фактҳо.

Саломатӣ тавозуни байни ҳаёти ҷисмонӣ ва муҳити беруна аст, ва он танҳо дар он маврид нигоҳ дошта мешавад, ки дар дохили ман барои тобоварӣ ба таъсироти беруна қувваи кофӣ бошад.

Ҳар он чи берун аз ҳаёти ҷисмонии ман аст, мақсади нобуд кардани маро дорад. Он чи барои ман вақти дар зинда буданам хуб аст, ҷисми мурдаамро ба атомҳо тақсим мекунад. Агар ман захираи кофии устуворӣ дошта бошам, агар ман мувозинатро нигоҳ дошта тавонам, ман солим хоҳам буд. Дар ҳаёти ақлонии мо низ ҳамин гуна аст. Барои солим нигоҳ доштани ақл мубориза бурдан лозим аст, ва натиҷаи ин мубориза мувозинат хоҳад буд, ки фикр номида мешавад.

Дар соҳаи ахлоқ низ ҳамин чиз рӯй медиҳад. Ҳар он чи дар ман табиати некӯкориро мерос нагирифтааст, душмани некӯкорӣ аст, ва дар ин мубориза ғолиб омада, некӯкории ҳақиқиро нишон дода тавонистани ман ба пояҳои ахлоқии ман вобаста аст. Ҳамин ки ман барои чизе ки ба ин дахл дорад, мубориза бурданро сар мекунам, ман рафтори ахлоқӣ мекунам. Ҳеҷ касе нест, ки аз он сабаб рафтори шоиста мекарда бошад, ки ба таври дигар зиндагӣ карда наметавонад. Некӯкорӣ сифати ба даст омада аст.

Дар бораи соҳаи рӯҳонӣ низ ҳаминро гуфтан мумкин аст. Масеҳ гуфтааст: «Дар ҷаҳон ғаму кулфат хоҳед дошт» (Юҳ.16:33), яъне ҳар он чи рӯҳонӣ нест, маро ба ҳалокат мебарад, «...лекин далер бошед: Ман бар ҷаҳон ғолиб шудаам». Ман бояд бар он чизе ки ба ман муқобилат мекунад, ғолиб омаданро ёд гирам ва ҳамин тавр мувозинати муқаддасро барқарор кунам, ва он гоҳ вохӯрӣ бо ҳар гуна тағйирот барои ман танҳо як воситаи лаззат хоҳад буд.

Муқаддасӣ он аст, ки рӯҳи ман ва шариати Худо дар ифодаи олии он — Исои Масеҳ — бо ҳамдигар дар мувозинат қарор доранд.

337. МАЪБАДИ РӮҲУЛҚУДС

«...Ман фақат дар хусуси тахт аз ту бузургтар бошам» (Ҳастӣ 41:40).

Ман дар назди Худо ҳисобот медиҳам, ки чӣ тавр бадани худро зери ҳукмронии Ӯ идора мекунам. Павлус гуфтааст, ки файзи Худоро ботил намекунад (Ғал.2:21) ва онро сӯиистифода намекунад.

Файзи Худо мутлақ аст, наҷоти Масеҳ комил аст, он то абад дода мешавад. Худо маро наҷот намедиҳад, Ӯ маро наҷот дод — наҷот абадӣ аст, мисли тахти Худо, ман танҳо бояд он чизеро, ки Худо дар ман ҷой додааст, дар амал истифода барам. «Наҷоти худро ба амал оваред...» (Фил.2:12) — ман барои ҳамин масъулам. Ин маънои онро дорад, ки ман бояд дар бадани худ ҳаёти Исои Худовандро зоҳир намоям, на ба таври мистикии пурасрор, балки дар воқеият ва ҷиддӣ. «...Ҷисми худро азоб медиҳам ва ғулом мегардонам» (1Қӯр.9:27). Ҳар як шахси муқаддас метавонад ҷисми худро комилан ба Худо супорад. Худо моро офаридааст, то бар тамоми маъбади Рӯҳулқудс, ҳатто орзуҳо ва ҳавасҳои моро идора кунад. Ва мо барои ин масъул ҳастем, мо ҳеҷ гоҳ набояд ба ҳавасҳои худ озодӣ диҳем. Аксарияти мо ба дигарон бештар сахтгирӣ мекунем: мо бисёр хатоҳои худро мебахшем, аммо дигаронро бераҳмона доварӣ мекунем, махсусан барои чизе ки худамон моил ба он нестем.

Павлус мегӯяд: «шуморо, даъват менамоям, ки ҷисмҳои худро ҳамчун қурбонии зинда...тақдим кунед...» (Рум.12:1). Ва ҳама чизро ҷавоби як савол ҳал мекунад: оё ман бо Худованд ва Наҷотдиҳандаи худ розӣ ҳастам, ки бадани ман бояд маъбади Ӯ бошад? Агар ин тавр бошад, пас тамоми қонун барои бадани ман ба ин ваҳӣ хулоса мешавад, ки ин бадан маъбади Рӯҳулқудс аст.

338. РАНГИНКАМОН ДАР АБР

«*Рангинкамони Худро дар абр мегузорам, то аломати аҳди байни Ман ва замин бошад*» (Ҳастӣ 9:13).

Хости Худо он аст, ки одамон Худоро дар дил ҷой дода, зиндагӣ кунанд ва аҳдҳои Худо маҳз барои ҳамин муқаррар шудаанд. Чаро Худо маро наҷот намедиҳад?

Ӯ маро наҷот дод, аммо ман Ӯро дар дилам ҷой дода, зистанро сар накардаам. Чаро Худо ин корро намекунад, чаро он корро намекунад, Ӯ ҳама корро кардааст, масъала ин аст, ки оё ман бо Ӯ аҳд мебандам. Ҳамаи баракатҳои бузурги Худо кори анҷомёфта ва комил мебошанд, аммо то даме ки ман бо Худо аҳд набандам, онҳо аз они ман намешаванд.

Худоро интизор шудан — нишон додани дараҷаи шадиди беимонӣ аст, яъне ман ба Ӯ имон надорам, бинобар ин интизорам, то дар ман коре кунад, ки ба он бовар кардан мумкин бошад. Аммо Худо ин тавр намекунад, зеро муносибатҳои Худо ва инсон бар ин асос нестанд. Дар аҳд бо Худо инсон бояд корҳои ғайриимконро иҷро кунад, ҳамон тавре ки Худо ҳангоми аҳд бо инсон корҳои ғайриимкон мекунад. Сухан дар бораи имон ба Худо меравад — як падидаи бениҳоят нодир, зеро мо танҳо ба эҳсосоти худ бовар мекунем: ман ба Худо бовар намекунам, то даме ки Ӯ ба ман чизе диҳад, ки эҳсос кардан мумкин аст. Ана ҳамон вақте ки Ӯ диҳад, ман мегӯям: «Акнун бовар мекунам». Пас ин ҷо имон дар куҷост? «*Ба ман руҷӯъ намоед* ва наҷот хоҳед ёфт...» (Иш.45:22).

Вақте ки ман ҳақиқатан кореро, ки аҳди Худо аз ман талаб мекунад, ба ҷо меоварам ва ҳама чизро ба ихтиёри Худо месупорам, ман ҳатто дар бораи шоистагии худ ё ягон чизи инсонӣ фикр намекунам. Фикрҳои ман танҳо дар бораи як чиз хоҳанд буд — ман дар иттиҳод бо Худо ҳастам. Ва ҳама чиз дигаргун мешавад, ва дар дили ман оромӣ ва шодӣ хоҳад буд.

339. ТАВБА

«Зеро ғаме ки Худо дода аст, тавбаро дар роҳи наҷот ба амал меоварад» (2 Қӯринтиён 7:10).

Бар гуноҳ фош шудан бо ин суханон ба таври беҳтарин ифода ёфтааст:

«Гуноҳҳои ман, гуноҳҳои ман, Наҷотдиҳанда... Бори онҳо бар дӯши Ту чӣ қадар вазнин аст!»

Бар гуноҳ фош шудан яке аз таҷрибаҳои фавқулоддаест, ки инсон аз сар мегузаронад. Ин ибтидои фаҳмидани Худост. Исои Масеҳ гуфтааст, ки ҳангоме ки Рӯҳулқудс меояд, Ӯ одамонро бар гуноҳ мулзам мекунад (ниг. Юҳ.16:8), аммо ҳангоме ки Рӯҳулқудс виҷдони одамро бедор мекунад ва ӯро ба ҳузури Худо меоварад, Ӯ на дар бораи муносибати ин шахс бо одамони дигар, балки дар бораи муносибатҳо бо Худо ғамхорӣ мекунад — «Ба Ту ва танҳо ба Ту гуноҳ кардаам, ва пеши назари Ту бадӣ кардаам» (Заб.50:6). Мӯъҷизаҳои бар гуноҳ фош шудан, бахшида шудан ва муқаддас шудан ончунон ба ҳам печида мебошанд, ки танҳо шахси бахшидашуда муқаддас шуда метавонад, зеро ӯ исбот мекунад, ки танҳо бо файзи Худо шахсияти дигар шуда, бахшида шудааст. Тавба касро ҳамеша ба ин ҳудуд меоварад: ман гуноҳ кардам. Нишонаи боварибахши он, ки Худо дар рӯҳи инсон кор мекунад, он аст, ки шахс дар бораи он мегӯяд ва чӣ гуфтанашро мефаҳмад. Ва ҳар чизи камтар аз ин — танҳо азоби виҷдон аз боиси хатоҳо ё нафрати рефлекторӣ аз худ аст.

Мо ба Подшоҳии Худо ба воситаи дарди тоқатфарсои тавба ворид мешавем, ки эҳтиромшавандагии инсонро тамоман аз байн мебарад. Баъд Рӯҳулқудс, ки ин азоб аз Ӯ меояд, дар мо Писари Худоро «сурат мебандонад» (ниг. Ғал.4:19). Ҳаёти нав дар тавбаи бошуурона ва муқаддасии зери шуур зоҳир мешавад, на баръакс. Асоси масеҳият тавба аст. Агар ба таври қатъӣ гӯем, инсон дар вақти мехостааш тавба карда наметавонад, тавба атои Худост. Боахлоқҳои аввалин замоне барои «атои ашкҳо» дуо мекарданд. Ва агар фазилати тавбаро фаромӯш

кунед, ба торикӣ меафтед. Худро санҷед ва бинед, ки оё аз рафтору кирдори худ пушаймон шуданро фаромӯш кардаед.

340. ҚУВВАИ БЕҒАРАЗОНАИ ХУДО

«Зеро ки Ӯ ба василаи як қурбонӣ тақдисшавадагонро то абад комил гардондааст» (Ибриён 10:14).

Мо хуни Писари Худоро зери по мегузорем, агар фикр кунем, ки мо танҳо аз боиси аз гуноҳҳоямон пушаймон шуданамон бахшида шудаем. Ягона маънидоди бахшидани Худо ва он ки Ӯ ҳақиқатан гуноҳҳои моро ба ёд намеоварад, марги Исои Масеҳ аст. Тавбаи мо танҳо натиҷаи ногузири он аст, ки мо маънои кафоратеро, ки Масеҳ барои мо ба амал овардааст, фаҳмидем. «[Исои Масеҳ] барои мо ҳикмате аз ҷониби Худо, яъне адолат ва қудсият ва кафорат шудааст» (1Қӯр.1:30). Ҳангоме мо мефаҳмем, ки Масеҳ барои мо ҳамаи ҳаминҳо шудааст, мо шодии бепоёни Худоро ҳис мекунем. Ва дар ҷое ки шодии Худо нест, ҳукми марг вуҷуд дорад.

Фарқ надорад, ки мо кӣ ҳастем ва чӣ ҳастем. Ба воситаи марги Масеҳ Худо мавқеи дурусти моро — дар Худ барқарор мекунад ва роҳи дигаре барои ин кор нест. Худо на аз он сабаб моро ба мавқеи дуруст бармегардонад, ки Исои Масеҳ дар назди Ӯ барои мо шафоат мекунад, балки барои он ки Масеҳ мурд. Мо ин мавқеи дурустро бо ҳеҷ гуна хизматҳо ба даст оварда наметавонем, мо онро танҳо қабул карда метавонем. Ва ҳар шафоат, ки дар он шахс бошуурона аз эътирофи салиб даст мекашад, ҳеҷ маъное нахоҳад дошт, зеро мо на аз он даре ки Масеҳ барои мо кушода аст, даромаданӣ мешавем. Аммо ман аз «он дар» даромадан намехоҳам — гунаҳкор ҳисобида шудан бароям хеле таҳқиромез аст. «...Исми дигаре нест...» (Аъм.4:12). Ҳангоме ба мо чунин метобад, ки Худо дилсахт аст, Ӯ дар ҳамин лаҳза дили ҳақиқии Худро ба мо ошкор мекунад. Дари даромади он васеъ кушода аст. «...Дар Ӯ мо бо хуни Ӯ фидияе ва омурзиши гуноҳоро...пайдо кардаем...» (Эфс.1:7). Мо марги Исои Масеҳро ҳамчун марги худ қабул карда, бо Ӯ

муттаҳид мешавем ва ҳар он чиро, ки ҳеҷ гоҳ дар Ӯ набуд, ба марг месупорем.

Худо Худои одил боқӣ мемонад: Ӯ одамони бадро танҳо бо роҳи нек кардани онҳо наҷот медиҳад. Худованди мо вонамуд намекунад, ки мо ҳама хуб ҳастем, ҳангоме ки мо тамоман хуб нестем. Кафорат қурбонӣ аст ва аз он иборат аст, ки Худо бо марги Масеҳ шахси номуқаддасро муқаддас мегардонад.

341. ТАҲҚИРИ МАРГОВАРИ ҶИСМ

«Лекин онҳое ки ба Масеҳ тааллуқ доранд, ҷисмро бо ҳирсҳо ва ҳавасҳояш маслуб кардаанд» (Ғалотиён 5:24).

Худи ҳаёт гуноҳкорона нест. Ба мо танҳо лозим аст, ки аз гуноҳ даст кашем, ба ягон намуди он даст назанем: гуноҳ кори дӯзах ва шайтон аст, ва ман, фарзанди Худо, ба осмон ва ба Худо тааллуқ дорам. Ва савол дар он нест, ки ман аз гуноҳ даст кашам, балки дар он аст, ки ман аз ҳуқуқҳои худ ба худ, истиқлолияти табиӣ ва таъкид намудани худ даст кашам. Маҳз дар атрофи ҳамин ҳуқуқ муборизаи асосӣ давом дорад. Маҳз он чи аз нигоҳи дунявӣ дуруст, олиҳимматона ва хуб ба назар мерасад, имкон намедиҳад, ки мо аз он чи Худо бароямон пешбинӣ кардааст, баҳравар шавем. Ва ҳангоме мефаҳмем, ки некӯкориҳои табиатамон садди роҳи мо ба сӯи Худо шуда, моро аз итоат кардан ба Ӯ бозмедоранд, рӯҳи мо дар маркази ҷанги шадид қарор мегирад. Хеле кам воқеъ мешавад, ки мо бар зидди чизи ношоиста, зишт ва беадабона мубориза барем, аммо ба мо лозим меояд бар зидди чизи хуб мубориза барем. Маҳз, чизи хуб душмани чизи беҳтарин аст, ва ҳар қадар шумо дар миқёси некӯкориҳои табиӣ баландтар шавед, ҳамон қадар сахттар ба Исои Масеҳ муқобилат мекунед. «Аммо онҳое ки аз они Масеҳ ҳастанд, ҷисмро маслуб кардаанд...» — ин ба табиати шумо на танҳо гарон меафтад, балки он бояд ҳама чизеро, ки дорад, диҳад. Масеҳ гуфтааст: «...Агар касе хоҳад аз ақиби Ман биёяд бояд хештанро инкор кунад...» (Мат.16:24), яъне ҳуқуқи худро ба худ инкор кунад, ва пеш аз он ки шахс

ин корро кунад, ӯ бояд фаҳмад, ки Исои Масеҳ кист. Даъватро ба маросими дафни истиқлолияти худ рад накунед!

Ҳаёти табиӣ худ аз худ рӯҳонӣ нест, ва танҳо қурбонӣ онро рӯҳонӣ карда метавонад. Агар мо табиатиро қурбон накунем, фавқуттабиӣ ҳеҷ гоҳ барои мо табиӣ шуда наметавонад. Ҳеҷ як роҳи шоҳона ба ин мақсад намебарад, роҳи он дар дасти худи мост. Ва дар ин ҷо дигар дуо кардан лозим нест, балки амал кардан лозим аст.

342. ҚУРБОНИИ ҶИСМ

«*Иброҳим ду писар дошт, яке аз каниз ва дигаре аз зани озод*» (Ғалотиён 4:22).

Дар ин боби Нома ба Ғалотиён Павлус на дар бораи гуноҳ, балки дар бораи муносибати байни ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ сухан меронад. Ҷисмонӣ бояд ба воситаи қурбонӣ ба рӯҳонӣ табдил ёбад, вагарна рӯҳи инсон ба ду қисм пора мешавад. Чаро Худо фармудааст, ки чизҳои ҷисмонӣ қурбонӣ карда шаванд? Ӯ ҳеҷ гоҳ инро нафармудааст. Ин фармудаи Худо нест, балки иҷозати Ӯст. Фармони Худо ин буд, ки ҷисмонӣ ба воситаи итоаткорӣ ба рӯҳонӣ табдил ёбад. Зарурати қурбон кардани чизҳои ҷисмонӣ аз боиси дахолати гуноҳ ба миён омад.

Пеш аз он ки Иброҳим ба қурбонии Исҳоқ тайёр бошад, ӯ маҷбур шуд, ки Исмоилро қурбон кунад. Аммо баъзе касон кӯшиш мекунанд пеш аз он ки ба Худо қурбониҳои ҷисмониро пешкаш кунанд, ба Ӯ қурбониҳои рӯҳонӣ пешкаш кунанд. Ҳол он ки ягона роҳи пешниҳоди қурбонии рӯҳонӣ ба Худо — «ҷисмҳои худро...ҳамчун қурбонии зинда» тақдим намудан аст (Рум.12:1). Муқаддасшавӣ на танҳо раҳо шудан аз гуноҳ, балки худро бошуурона ба Худое ки маро наҷот додааст, қурбонӣ намудан аст, новобаста ба он ки ин дар ивази чӣ арзише ба даст меояд.

Агар мо чизи ҷисмониро ба хотири чизи рӯҳонӣ қурбон накунем, ҳаёти ҷисмонии мо ҳаёти Писари Худоро дар мо масхара мекунад ва моро ҳамеша ба ҳолати изтироби рӯҳӣ

дучор мекунад. Табиати рӯҳонии ба тартиб тобеънашуда ҳамеша ба ҳамин оварда мерасонад. Мо ба роҳи нодуруст рафта истодаем, зеро якравона худро ба тартиби ҷисмонӣ, ахлоқӣ ё рӯҳонӣ даъват кардан намехоҳем. «Аз бачагӣ инро ба ман ёд надодаанд». Хайр, аз хурдӣ инро ёд нагирифта бошед, ҳозир ёд гиред. Ва агар ёд нагиред, тамоми ҳаёти худро вайрон мекунед, агар аз нуқтаи назари Худо нигоҳ кунед.

То даме ки мо бо ҳаёти ҷисмонии худ банд ҳастем, Худо ба он ҳеҷ муносибате надорад. Аммо ҳангоме ки мо онро ба биёбон меронем ва онро дар банд нигоҳ медорем, Худо бо он хоҳад буд ва чашмаҳо ва сабзазорҳоро мекушояд ва ҳамаи ваъдаҳои Худро барои ҷисми мо иҷро мекунад.

343. ФАРДИЯТ

«...Агар касе хоҳад аз ақиби Ман биёяд, бояд хешанро инкор кунад» (Матто 16:24).

Фардият пӯстлохест, ки дар паси он шахсият ниҳон аст. Фардият бо оринҷ ҳамаро тела медиҳад, одамонро аз ҳам ҷудо мекунад ва аз ҳамдигар ҷудо мекунад. Барои кӯдак фардият фаҳмо аст, аммо агар мо фардиятро бо шахсият омехта кунем, чун пештара дар алоҳидагӣ, танҳо мемонем. Пӯстлохи фардият рӯйпӯши табиист, ки Худо барои шахс офаридааст. Аммо барои он ки шахсият берун омада, бо Худо робита кунад, фардият бояд равад ва халал нарасонад. Фардият ба ҳамон андоза ивазкунандаи шахсият аст, ки шаҳват ивазкунандаи муҳаббат аст. Худо табиати инсонро ҳамчун макони зист барои худ сохтааст. Фардият табиати инсонро фосид карда, онро ба сатҳи худаш паст мефарорад.

Ба фардият истиқлолият ва майл ба тасдиқи худ хос аст. Фардият доимо мехоҳад худро таъкид кунад, ва ин ба ҳаёти рӯҳонии мо бештар аз ҳама халал мерасонад. Агар шумо гӯед, ки «ман бовар карда наметавонам», ин аз он сабаб аст, ки фардияти шумо монеа мешавад: он ҳеҷ гоҳ ба чизе бовар карда наметавонад. Аммо шахсият, баръакс, бовар накарда наметавонад.

Ҳангоме ки Рӯҳулқудс дар шумо амал мекунад, худро мушоҳида кунед. Он шуморо аз ҳудуди фардиятатон берун мекунад, ва шумо бояд ё «ман наметавонам» гӯед, ё таслим шавед, ба Худо итоат кунед, пӯстлохи фардияти худро шиканед ва шахсияти худро озод намоед. Ва ҳар дафъа Рӯҳулқудс ҳама чизро дар як чиз ҷамъбаст мекунад (ниг. Мат.5:23–24). Маҳз фардият шуморо аз оштӣ кардан бо бародаратон бозмедорад. Худо мехоҳад, ки шуморо бо Худ муттаҳид созад, аммо Ӯ ин корро карда наметавонад, то даме ки шумо аз ҳуқуқе ки ба худ доред, даст накашед. «Худро рад кунед», аз истиқлолият, аз ҳуқуқе ки ба худ доред, даст кашед — ва танҳо ҳамон вақт имкон медиҳед, ки дар шумо ҳаёти ҳақиқӣ сабзида, нашъунамо кунад.

344. ШАХСИЯТ

«То ки як бошанд, чунон ки Мо як ҳастем» (Юҳанно 17:22).

Шахсият чизи аҷиб ва дастнорас аст, вақте мегӯем, ки мо аз ҳама одамони дигар фарқ мекунем. Шахсияти мо ҳеҷ гоҳ барои фаҳмиши пурраи мо дастрас нест. Ҷазира дар мобайни баҳр метавонад қуллаи кӯҳи баланд бошад. Шахсият ҳамон ҷазира аст. Мо дар бораи вартаҳое ки дар мо ҳастанд, тасаввуроте надорем, бинобар ин худро дуруст баҳо дода наметавонем. Дар аввал ба назари мо чунин метобад, ки мо метавонем ин корро кунем, аммо баъд фаҳмиш пайдо мешавад, ки танҳо як Мавҷуде ҳаст, ки моро мефаҳмад ва ин Офаридгори мост.

Шахсият тавсифи одами рӯҳонӣ аст, чунон ки фардият тавсифи инсони ҷисмонист. Дар бораи Худованди аз нигоҳи фардият ва истиқлол чизе гуфтан ғайриимкон аст. Дар бораи Ӯ танҳо ба маънои Шахсияти Ӯ чизе гуфтан мумкин аст. «Ман ва Падар як ҳастем» (Юҳ.10:30). Шахсият дастнорас аст, ва шумо танҳо ҳамон вақт дар ҳақиқат кӣ буданатонро мефаҳмед, ки бо шахсияти дигар якҷоя мешавед. Ҳангоме ки муҳаббат ё Рӯҳи Худо бар шахс меояд, ӯ дигаргун мешавад ва дигар ба фардияти худ часпида намегирад.

Худованди мо ҳеҷ гоҳ дар бораи одам ба маънои фардият намегуфт, дар бораи «оринҷҳо» ё танҳоии пурғурури ӯ намегуфт, балки ба маънии шахсият мегуфт: «То ки як бошанд, чунон ки Мо як ҳастем». Агар шумо ҳуқуқеро, ки ба худ доред, ба Худо диҳед, моҳияти ҳақиқии шахсияти шумо дарҳол ба Худо ҷавоб медиҳад. Исои Масеҳ шахсиятро озод мекунад, ва фардият ба воситаи муҳаббат ва садоқати шахсӣ ба Масеҳ дигаргун мешавад. Муҳаббат он аст, ки як шахс дар муошират бо шахси дигар як мешавад.

345. ДАР БОРАИ ЧӢ ДУО БОЯД КАРД

«*...Кас бояд ҳамеша дуо гӯяд ва маъюс нашавад*» (Луқо 18:1).

Агар шумо ба воқеияти кафорат бовар намекарда бошед, дуои шафоат карда наметавонед. Дар чунин ҳолат дуои шафоати шумо фақат изҳори ҳамдардии беҳуда нисбат ба одамони дигар хоҳад буд, ки ин танҳо қаноатмандии онҳоро аз ҳоли худ бе Худо афзун мекунад. Дар дуои ҳақиқии шафоат шумо он шахс ё ҳолатеро, ки оид ба он бепарво нестед, назди Худо меоваред, то даме ки Худо муносибати худро бо он шахс ё вазъият ба шумо ошкор кунад. Шафоат «камии андӯҳҳои Масеҳ»-ро пур мекунад (Қӯл.1:24), бинобар ин шафоатгарон хеле каманд. Мегӯянд, ки шафоат кардан — худро ба ҷои шахси дигар гузоштан аст. Не ва боз ҳам не! Беҳтараш кӯшиш кунед худро ба ҷои Худо гузоред.

Ҳангоми дар ҳаққи дигарон дуо гуфтан кӯшиш кунед аз рӯи он чи Худо ба шумо ошкор мекунад, амал намоед, вагарна зери тӯдаҳои фактҳо ва тахминҳо мемонед. Агар шумо аз ҳад зиёд донед, яъне бештар аз он чи Худо барои шумо муқаррар кардааст, донед, шумо наметавонед дуо гӯед, зеро ин барои шумо он қадар рӯҳафтодакунанда мешавад, ки шумо ҳолати воқеии чизҳоро намебинед.

Кори мо ин аст, ки дар ҳар маврид бо Худо робитаи зич дошта бошем, ва мо аз чунин кор дар паси пардаи фаъолияти соҳобкорӣ пинҳон мешавем. Мо корҳои ба назар намоёнро ба ҷо меоварем, аммо шафоаткунанда будан намехоҳем. Аммо

шафоат ягона хизматест, ки дар он домҳои ниҳон нест, зеро дар он мо дар назди Худо комилан кушода ҳастем.

Дар дуои шафоат муҳим он аст, ки ба «таъмири хурд»-и ҷонҳо машғул нашавед — ҷонро ба робитаи бевосита бо худи ҳаёти Худо бурдан лозим аст. Фикр кунед, ки Худованд моро бо чӣ қадар ҷонҳо бо ҳам меоварад, аммо мо ба онҳо аҳамият намедиҳем! Ҳангоме ки мо дар асоси кафорат дуо мекунем, Худо кореро мекунад, ки онро ба воситаи ҳеҷ чизи дигар, ғайр аз дуои шафоат, карда наметавонад.

346. ЗИНДАГИИ БУЗУРГ

«Осоиштагиро ба шумо боқӣ мегузорам, осоиштагии Худро ба шумо медиҳам... Дили шумо музтариб нашавад ва ҳаросон набошад...» (Юҳанно 14:27).

Ҳангоме ки кореро бо душворӣ ба ҷо меоварем, мо ба васвасае дода мешавем, ки Худоро барои он айбдор кунем. Аммо худамон дар ҳама чиз гунаҳкорем, на Худо: ин маънои онро дорад, ки дар ягон ҷои мо чизи бад ҳаст, ки мо аз он ҷудо шудан намехоҳем. Ва баробари ҷудо шудан ҳама чиз чун рӯз равшан мешавад. То даме ки мо ба ду хӯҷаин — ба худ ва ба Худо хизмат карданӣ мешавем, мушкилиҳо ҳалнашавандаанд. Аммо комилан ба Худо таваккал кардан лозим аст. Ва ҳангоме ки мо ин корро мекунем, ҳеҷ чиз осонтар аз зиндагии муқаддас нахоҳад буд. Мушкилиҳо он вақт сар мешаванд, ки мо қудрати Рӯҳулқудсро барои ноил шудан ба мақсадҳои худ истифода бурданӣ мешавем.

Ҳангоме ки шумо ба Худо итоат мекунед, Ӯ ҳамеша муҳри худро — муҳри осоиши Худоро бар шумо мегузорад. Ин осоишро бо сухан тасвир кардан мумкин нест: ин он осоише нест, ки ҷаҳон медиҳад, ин осоиши Масеҳ аст. Ва агар осоиш наояд, мунтазири он шавед ё сабабашро биҷӯед, ки чаро онро надоред. Агар аз боиси барангезишҳои нек ё қаҳрамонӣ амал мекарда бошед, шаҳодати осоиши Масеҳро қабул карда наметавонед: дар ин ҳолат шумо соддагӣ ва дилпурӣ ба Худо надоред, зеро рӯҳи соддагӣ аз Рӯҳулқудс тавлид меёбад, на бо хоҳиши шумо.

Дар он ҷое ки хоҳиш, худхоҳӣ ва душворӣ ҳаст, одам ҳаст, дар он ҷое ки соддагӣ ҳаст, Худо ҳаст.

Ҳангоме ки ман ба Худо итоат карданро бас мекунам, саволҳо ба миён меоянд. Ҳангоме ки ман ба Худо итоат мекунам, байни ман ва Ӯ ҳеҷ мушкиле нест. Он чи аз берун мушкилот номидан мумкин аст, барои ман танҳо як озмоиш аст, ки намегузорад, ки ман аз ваҳйҳои Худо тааҷҷуб намуданро бас кунам. Ҳар мушкилоте ки байни ман ва Худо ба вуҷуд меояд, аз беитоатӣ ба вуҷуд меояд, ҳар мушкилоте (ва онҳо бисёранд) ки дар наздикии ман ҳангоми ба Худо итоаткор будан ба вуҷуд меояд, танҳо шодии самимии маро зиёд мекунад, зеро ман медонам, ки ҳама чиз ба Падари Ман маълум аст, ва танҳо мунтазир мешавам, ки Ӯ ин душвории навбатиро бартараф мекунад.

347. КАЛОМРО БИҶӮЕД

«Саъю кӯшиш намо, ки худро ба Худо муносиб нишон диҳӣ, ҳамчун коркуне ки хиҷил намешавад ва каломи ростиро дуруст мавъиза мекунад» (2 Тимотиюс 2:15).

Агар шумо чизеро бо суханон ифода карда натавонед, кӯшиш намуданро бас накунед, то даме ки ба мақсадатон расед. Агар ба ҳар ҳол муваффақ нашавед, касе тамоми умр худро бад ҳис мекунад. Кӯшиш кунед дар бораи баъзе ҳақиқатҳои Худо ба худ нақл кунед, ва Худо ба шумо ёрӣ мерасонад, ки дар бораи онҳо ба каси дигар нақл кунед. Аз чархушти Худо гузаред, ки дар он ангур барои шарбат фишурда мешавад. То пайдо шудани сухани дуруст кас бояд азоб кашад, вале баъд замоне фаро мерасад, ки ин калимаҳои хеле душвор барои касе май мешавад, ки рӯҳи беқувватшударо қувват мебахшад. Аммо агар бо оҳанги танбалӣ дар овози худ чунин гӯед: «Чаро ин қадар азоб мекашам, суханони касеро гирифта, аз пайи такрор мекунам» — ин суханон ба шумо ва ба дигарон фоидае намеоваранд. Агар шумо ҳақиқати Худоро ботинан ҳис кунед, кӯшиш кунед, ки онро барои худ бо суханон баён кунед, ва шумо ба Худо имконият медиҳед, ки ин ҳақиқатро ба воситаи шумо ба каси дигар расонад.

Худро одат кунонед, ки ҳамеша бо ақли худ он чизеро, ки аллакай ба осонӣ фурӯ бурда мешавад, бо ақли худ аз нав хоида, баъд фурӯ баред. Он чи аз они мост, танҳо пас аз он ки мо онро бо азобҳо аз худ мекунем, аз они мо мешавад. Барои шумо фоиданоктарин китобҳо на он китобҳое мебошанд, ки чизҳои намедонистаатонро бароятон ошкор мекунанд, балки он китобҳое ки чизи бо сухан баён карда наметавонистаатонро равшан баён мекунанд.

348. НА БО ХУДО, БАЛКИ ДАР ҲУЗУРИ ХУДО МУБОРИЗА БАРЕД

«Бинобар ин, зиреҳи куллии Худоро бигиред...дар ҳар вақт дуо гӯед...» (Эфесусиён 6:13, 18).

Шумо бояд бо он чи шуморо ба сӯи Худо роҳ намедиҳад, мубориза баред, дар дуо барои ҷонҳои дигар мубориза баред, аммо ҳаргиз нагӯед, ки бо Худо дар дуо мубориза мебаред. Ин мувофиқи Китоби Муқаддас нест. Агар дар ҳақиқат бо Худо мубориза мебурда бошед, як умр маъюб мемонед. Агар, ҳангоме ки Худо на он тавре ояд, ки шумо мехоҳед, шумо мисли Яъқуб ба Ӯ мечаспед ва бо Ӯ гӯштин мегиред, худатон Худоро маҷбур мекунед, ки ба шумо зарар расонад. Ба шумо лозим нест, ки дар роҳи Худо лангида роҳ равед! Беҳтар аст, ки дар назди Худо бо ҳар чизе ки ба шумо халал мерасонад, мубориза баред — ва бо ёрии Худо шумо ғалабаҳои бузург ба даст меоваред. Дар назди Худо мубориза бурданатон дар Подшоҳии Ӯ ба ҳисоб гирифта мешавад. Агар аз ман хоҳиш кунед, ки бароятон дуо гӯям, аммо ман дар Масеҳ пуррагӣ надошта бошам, ман метавонам дуо гӯям ва дуо мегӯям, аммо дуоҳои ман фоидае нахоҳанд дошт. Аммо агар ман дар Масеҳ пуррагӣ дошта бошам, дуоям ҳамеша муваффақ хоҳад шуд. Дуо танҳо он вақт таъсирбахш аст, ки пуррагӣ дошта бошад: «Бинобар ин, зиреҳи куллии Худоро гиред...»

Ҳамеша байни фармони Худо ва иҷозати Худо фарқ гузоред, яъне чӣ гуна Худованд дар ҳаёти конкретии шумо ба мақсадҳои

абадии Худ мерасад. Фармудаҳои Худо бетағйир мебошанд, аммо бо хости иҷозатдиҳанда, имкондиҳандаи Ӯ мо бояд дар назди Ӯ мубориза барем. Ва мо фармудаҳои Худоро танҳо пас аз он мефаҳмем, ки ба хости иҷозатдиҳанда дуруст аксуламал намуданро ёд мегирем. «...ба дӯстдорони Худо...ҳама чиз бар нафъашон ёрдам медиҳад» (Рум.8:28) — ин маънои он касонеро дорад, ки ба фармудаи Худо, даъвати Ӯ дар Исои Масеҳ вафодор мемонанд. Писарон ва духтарони Худо бо иҷозати Худо худро ба ҷаҳон нишон медиҳанд. Мо набояд амёба бошем, ки ба ҳама мегӯянд: «Хости Худо чунин аст». Ба мо лозим нест, ки бо Худо ҷанҷол кунем ва бо Ӯ гӯштин гирем, кофӣ аст, ки дар назди Худо биҷангем. Ва ҳоҷат нест, ки дар назди Худо нишаста ҳеҷ кор накунед, балки барои он кори бузурге ки ба қувваи Худо дастрасӣ медиҳад, мубориза баред.

349. КАФОРАТ ЭҲТИЁҶРО БА ВУҶУД МЕОВАРАД ВА ОНРО ҚОНЕЪ МЕКУНАД

«Аммо одами нафсонӣ он чиро, ки аз Рӯҳи Худост, қабул намекунад, чунки он дар назари ӯ ҷаҳолат аст; ва онро дарк карда наметавонад, чунки он ҳукми рӯҳониро металабад» (1 Қӯринтиён 2:14).

Инҷили Худо ба Хушхабар эҳтиёҷро бедор мекунад. Павлус мегӯяд: «Ҳатто агар Инҷили мо пӯшида бошад, он...пӯшида аст» — ба ҳаромкорон? Не, «барои нобудшавандагон...барои беимонҳое ки худои ин давра зеҳнашонро кунд кардааст» (2Қӯр.4:3–4). Аксарияти одамон тамоми ахлоқи худро дар ихтиёри худ доранд, онҳо ба Инҷил эҳтиёҷ надоранд. Танҳо Худо ин эҳтиёҷро дар инсон бедор мекунад, ки ҳеҷ инсоне онро дарк намекунад, то даме ки Худо Худро ошкор кунад.

Масеҳ гуфтааст: «Биталабед, ба шумо дода хоҳад шуд» (Мат.7:7), аммо то даме ки касе хоҳиш накунад, Худо намедиҳад. Гап дар он нест, ки Ӯ чизеро нигоҳ медорад, ба касе чизе додан намехоҳад, балки дар он аст, ки чунин тартибро кафорат муқаррар намудааст. Ҳангоме ки мо аз Худо хоҳиш мекунем,

Ӯ равандҳоеро ба вуҷуд меоварад, ки ба воситаи онҳо дар мо чизҳоеро меофарад, ки то хоҳиш карданамон вуҷуд надоштанд. Воқеияти ботинии кафорат дар он зоҳир мешавад, ки он доимо чизеро меофарад, ба вуҷуд меоварад: дар мо ҳаёти Худо ва ҳама чизҳоеро, ки барои ин ҳаёт заруранд, ба вуҷуд меоварад. Ва ин эҳтиёҷоти нави моро ба ғайр аз он чизе ки худи ин эҳтиёҷро ба вуҷуд овардааст, қонеъ карда наметавонад. Маънои кафорат ҳамин аст — эҳтиёҷро ба вуҷуд меоварад ва онро қонеъ мекунад.

«Ва ҳангоме ки Ман аз замин боло бурда мешавам, ҳамаро сӯи Худ хоҳам кашид» (Юҳ.12:32). Ҳангоме ки мо таҷрибаҳо ва мулоҳизаҳои худро мавъиза мекунем, ин одамон метавонанд ба ин таваҷҷуҳ кунанд, аммо дар қони онҳо эҳтиёҷе пайдо намешавад. Аммо ҳангоме ки Исои Масеҳ дар рӯҳи инсон болобардор карда мешавад, Рӯҳи Худо дар ин рӯҳ эҳтиёҷоти бошуурона ба Масеҳро ба вуҷуд меоварад. Дар паси мавъизаи Инҷил эҷодкорӣ, бунёди кафорати Худо дар қонҳои одамон аст. Одамон ҳеҷ гоҳ бо шаҳодати шахсии касе наҷот намеёбанд. «Суханоне ки Ман ба шумо мегӯям, рӯҳ ва ҳаёт аст» (Юҳ.6:63).

350. САНҶИШИ ВАФОДОРӢ

«Мо медонем, ки ба дӯстдорони Худо, ки мувофиқи пешбинии Ӯ даъват шудаанд, ҳама чиз бар наъфашон ёрдам медиҳад» (Румиён 8:28).

Танҳо қони ба Худо бахшидашуда боварӣ дорад, ки Худо ҳама чизро идора мекунад. Мо тамоман бовар намекунем, ки ҳар чизеро, ки аз сарамон мегузарад, Худо идора мекунад, агарчи мегӯем, ки имон дорем. Мо ба ҳар он чи рӯй медиҳад, хеле бетакаллуфона муносибат мекунем, гӯё ҳама чиз ҳақиқатан дар ихтиёри одамон аст. Ва дар ҳама ҳолатҳо ба Худо вафодор мондан маънои танҳо ва танҳо ба Ӯ, ба Худованди мо, бахшида шуданро дорад. Чунин мешавад, ки Худо ногаҳон баъзе такягоҳҳоро аз зери мо дур мекунад, ва он гоҳ мо мефаҳмем, ки ба Ӯ вафодор набудем, эътироф намекардем, ки ҳама чиз мувофиқи хости Ӯ амалӣ мегардад. Мо ба худ мегӯем, ки акнун то охири умр, агар

чунин ҳолат такрор шавад, мо танҳо ба Худо таваккал мекунем. Вафодорӣ ҳамеша ҳамин тавр озмуда мешавад. Ҳангоме ки мо дар шароити душвор ҳамду сано гуфтани Худоро ёд мегирем, Худо метавонад онҳоро дар ҳар лаҳза дар ду сония тағйир диҳад, агар ин хости Ӯ бошад.

Вафодорӣ ба Исои Масеҳ он чизест, ки мо имрӯз ба он пешпо мехӯрем. Мо кормандони вафодор, ходимон ҳастем, мо дар ҳар чизе ки шумо мехоҳед, вафодор ҳастем, танҳо аз мо хоҳиш накунед, ки ба Исои Масеҳ вафодор бошем.

Бисёр масеҳиён ҳатто ба гуфтугӯ дар бораи вафодорӣ ба Масеҳ тоқат карда наметавонанд. Ва ходимони масеҳӣ шаъну шарафи подшоҳии Худовандамонро бисёртар назар ба одамони дунё паст мезананд: Худоро ба мошини баракати одамон табдил додаанд, ва Исои Масеҳро яке аз ходимони сершумори Худо гардондаанд.

Аммо мақсад на дар он аст, ки мо барои Худо коре кунем, балки он аст, ки мо ба Ӯ вафодор бошем ва Ӯ тавонад кори худро ба воситаи мо анҷом диҳад ва ба хизмати мо умед бандад — бе ягон шикоят аз ҷониби мо ва ҳеҷ шарҳе аз ҷониби Ӯ дар шароити шадидтарин. Худо мехоҳад, ки моро дар кори худ ҳамон тавре ки Писари Худро истифода бурд, истифода барад.

351. ПЕШ АЗ ҲАМА ДАР БОРАИ ЧӢ БОЯД ГАП ЗАД

«...Наомадаам, ки осоиштагӣ биёрам, балки шамшер» (Матто 10:34).

Ҳеҷ гоҳ ба ҷон дилсӯзӣ накунед, ки ба он нигоҳ карда, шумо метавонед хулоса кунед, ки Худо бераҳм ва сахтгир аст. Худо аз он чи мо тасаввур карда метавонем, нармтар аст, ва Ӯ доимо ба мо имконият медиҳад, ки сахтгирона рафтор кунем ва он гоҳ Худаш меҳрубонӣ ва ғамхорӣ зоҳир мекунад. Агар шахс ба сӯи Худо гузашта натавонад, ин аз он сабаб аст, ки ӯ як сирре дорад, ки намехоҳад аз он ҷудо шавад: ман эътироф мекунам, ки хато кардаам, аммо аз он даст кашиданӣ

нестам. Дар чунин мавридҳо дилсӯзӣ ҳалокатовар аст: мо бояд ба қаъри решаҳо расем, то он даме ки суханони мо зиддият ва эҳтирозро ба вуҷуд оваранд. Мардум баракатҳои Худоро мехоҳанд, аммо ҳангоме ба ҷои дарднокашон даст зананд, тоқат карда наметавонанд.

Агар ба Худо итоаткор бошед, ҳамчун хизматгори Худо устувор истода, ба ҳеҷ дилсӯзӣ роҳ намедиҳед, решаи мушкилиро мекушоед, вагарна шифо фаро намерасад. Он чиро, ки гуфтан лозим аст, бигӯед, то он даме ки шахс фаҳмад, ки аз ӯ чӣ талаб карда мешавад ва иқрор шавад, ки ин корро кардан лозим аст. Аз он чиз сар кунед, ки шахс тайёр аст эътироф кунад, ва давом диҳед, то даме ки ӯ дарк кунад, ки мушкилии ӯ дар чист. Ва он гоҳ нишон диҳед, ки Исои Масеҳ аз ӯ чиро интизор аст. «Ман ҳеҷ гоҳ чунин намешавам». Он гоҳ фаҳмонед: «Аммо Исои Масеҳ мегӯяд, ки бояд шавӣ». — «Аммо оё ин имконпазир аст?» — «Имконпазир аст, агар шумо Рӯҳи нав дошта бошед» (ниг. Луқ.11:13). Пеш аз он ки суханони шумо ба инсон фоидае оваранд, ӯ бояд эҳтиёҷоти худро ба онҳо дарк кунад. Дар ҷаҳон ҳазорон одамон бе Худо худро хеле хуб ҳис мекунанд: «Агар ман як одами шоиста буда, бе Масеҳ хушбахтона зиндагӣ мекардам, Ӯ чаро ва ба хотири чӣ омад?» Чунки меъёрҳои одоби мо ва хушбахтии мо ҳақиқатан ба одоб ва на хушбахтӣ ҳеҷ иртиботе надоранд. Исои Масеҳ омад, то ки бо шамшер ҳар осоишро, ки ба ягонагии инсон бо Ӯ асос наёфтааст, бибурад.

352. ЧИРО ВА ЧӢ ГУНА БОЯД КАРД

«Ва ҳангоме ки Ман аз замин боло бурда мешавам, ҳамаро сӯи Худ хоҳам кашид» (Юҳанно 12:32).

Бисёр кам касон дар ҳақиқат мефаҳманд, ки Исои Масеҳ чаро ва ба хотири чӣ мурд. Агар барои одамон танҳо дилсӯзӣ кофӣ бошад, Салиби Масеҳ ба мазҳака табдил меёбад. Он ба ҳеҷ кас лозим намебуд, агар ба ҷаҳон танҳо як муҳаббати каме лозим бошад, на як амалиёти ҷиддии ҷарроҳӣ.

Ҳангоме ки шумо бо ҷоне рӯ ба рӯ мешавед, ки мушкилоти рӯҳониро аз сар мегузаронад, Исои Масеҳи дар Салиб бударо ба ёд оваред. Агар ин ҷон бо ягон роҳи дигар назди Худо омада тавонад, салиби Масеҳ лозим нест. Аммо агар шумо боварӣ дошта бошед, ки ба одамон бо суханони дилсӯзӣ ё тасаллӣ ёрӣ расондан мумкин аст, шумо ба Исои Масеҳ хиёнат мекунед. Шумо бояд ҷони худро дар робитаҳои дуруст бо Худо нигоҳ доред ва онро бар дигарон ҳамон тавре ки Худо мехоҳад, фурӯ резед, на он тавре ки худатон мехоҳед, яъне бе таваҷҷуҳ ба Худо. Дар замони мо диндори боилтифот будан хеле мӯд шудааст.

Аммо ягона чизе ки мо ба он даъват шудаем, ин аст, ки ба одамон Исои Масеҳи маслубшударо нишон диҳем ва Ӯро доимо болобардор кунем. Ҳар таълимоте ки бар пояи мустаҳками Салиби Масеҳ намеистад, одамонро гумроҳ мекунад. Агар хизматгузор худаш ба Исои Масеҳ имон дошта бошад дар ҳама чиз ба воқеияти кафорат такя кунад, одамоне ки ӯ бо онҳо суҳбат мекунад, бепарво монда наметавонанд. Робитаи оддии чунин хизматгузори Худо бо Исои Масеҳ абадӣ мемонад ва торафт амиқтар мешавад. Ва он чи Худо ба воситаи хизматгузораш карда метавонад, маҳз ба ҳамин вобаста аст.

Хизматгузори Аҳди Ҷадид даъват шудааст, ки гуноҳро фош кунад ва Наҷотдиҳанда, Исои Масеҳро ошкор кунад, бинобар ин ӯ шоир шуда наметавонад, балки бояд ҷарроҳи боисрор бошад. Мо аз ҷониби Худо фиристода шудаем, то Исои Масеҳро болобардор кунем, на ин ки бо суханҳои пурпечутоби худ ба гӯши касе суханони дилписанд гӯем. Мо бояд ба рӯҳи инсон амиқ ворид шавем, чунон ки Худо ба рӯҳи мо ворид шудааст, мо бояд ботинан ҳис кунем, ки кадом калимаҳо аз Навишта ба инсон ҳақиқатро ошкор мекунанд, ва бе тарсу шубҳа мувофиқи ин суханон амал кунем.

353. ЭҲСОСОТ Ё ОШКОРӢ

«Лекин мо... Рӯҳеро қабул кардаем, ки аз Худост, то он чиро, ки Худо ба мо ато кардааст, бидонем» (1 Қӯринтиён 2:12).

Воқеият — ин кафорат аст, на фаҳмиши ман дар бораи кафорат. Аммо кафорат барои ман маъное нахоҳад дошт, то даме ки он бо забони ҳаёти бошууронаи ман сухан нагӯяд. Ҳангоме ки ман аз олами боло таваллуд мешавам, Рӯҳи Худо маро аз худам ва аз эҳсосотам берун мекунад ва бо Исои Масеҳ як мегардонад. Агар ман бо эҳсосот ва хотираҳоям танҳо монам, ин эҳсоси ман аз кафорат барнамеояд. Далели он, ки онҳо аз кафорат омадаанд, доимо аз ҳудуди «ман»-и худ баромадани ман хоҳад буд. Ман дигар ба эҳсосоти худ аҳамият намедиҳам ва фаҳмиши худро дар бораи Воқеият бар онҳо бунёд намекунам, балки баръакс, онҳоро, яъне эҳсосотро дар асоси Ҳақиқат шарҳ медиҳам. Ҳама эҳсосоти ман арзише надоранд, агар онҳо маро ба Сарчашма, ба Исои Масеҳ набаранд.

Агар шумо Рӯҳулқудсро барои он дар худ нигоҳ доштанӣ шавед, ки таҷрибаи субъективӣ ба даст оваред, мебинед, ки чӣ тавр Ӯ ҳамаи занҷирҳои шуморо мешиканад ва шуморо ба Масеҳи воқеӣ, таърихӣ ва объективӣ бармегардонад. Ҳеҷ гоҳ ҳиссиёт ё хотираҳоеро, ки аз ҷониби Худо барнамеояд ва ба имон ба Ӯ намеоваранд, қадршиносӣ накунед. Бо чунин эҳсосот боилтифот набошед, донед, ки ин эҳсосот масеҳиёна нестанд, новобаста ба он ки онҳо бо чӣ гуна рӯъёҳои аҷибе ҳамроҳӣ мекунанд. Оё эҳсосоти шумо ба Исои Масеҳи Худованд итоат мекунанд, ё шумо кӯшиш мекунед, ки Ӯро ба ҳиссиёти худ тобеъ намоед? Шояд эҳсосот бароятон аз Худовандатон гаронбаҳотар бошад? Ӯ бояд барои шумо Худованд бошад ва шумо набояд таваҷҷуҳ ва қуввати худро ба эҳсосоте ки ба Ӯ итоат намекунанд, сарф кунед. Вақте фаро мерасад — ва Худо чунин мекунад, ки эҳсосотатон ташвиш додани шуморо бас мекунанд: «Барои ман муҳим нест, ки ман чиро эҳсос мекунам, ман ба Ӯ боварӣ дорам».

Бо худ бераҳм бошед, агар одат карда бошед, ки ба чизҳое ки аз сар гузаронидаед ва паси сар кардаед, аз ҳад зиёд диққат

диҳед. Имоне ки ба худ боварӣ дорад, ҳеҷ гуна имон нест. Имон ба Худо ягона имон аст.

354. ЧӢ ТАВР ПАДАР ҶАЛБ МЕКУНАД

«Ҳеҷ кас наметавонад назди Ман ояд, магар ин ки Падаре ки Маро фиристод, вайро ҷалб кунад» (Юҳанно 6:44).

Ҳангоме ки Худо маро ба сӯи Худ ҷалб мекунад, дарҳол савол дар бораи иродаи ман ба миён меояд: оё ман мувофиқи он чизе ки Худо ба ман ошкор мекунад, амал мекунам, оё ман назди Ӯ меоям? Мубоҳисаҳо дар бораи масъалаҳои рӯҳонӣ густоҳӣ аст. Агар Худо бо шумо сухан гӯяд, ҳаргиз бо касе он чиро, ки Ӯ гуфтааст, муҳокима накунед. Имон пешравии фикрӣ нест, имон амали ахлоқӣ, бошуурона худро фидо кардан аст. Оё ман тамоми ҳаёти худро ба Худо медиҳам ва он чизеро, ки Ӯ аз ман талаб мекунад, иҷро мекунам? Агар чунин кунам, мебинам, ки ман бар пояи устувор истодаам — бар Воқеияте ки мисли тахти Худо устувор аст.

Ҳангоми мавъиза кардани Инҷил ҳамеша масъалаи иродаро таъкид кунед. Имон — ин ирода, хоҳиши бовар кардан аст. Дар баробари ин мо бояд иродаамонро сарнагун кунем ва на танҳо ба боваркуниҳо дода шавем, балки бошуурона худро ба оғӯши Худо афканем ва ба суханони Ӯ бовар кунем, то он даме ки аз такя кардан ба коре ки кардаем, даст кашем ва танҳо ба Худо таваккал карданро ёд гирем. Дар ин ба мо он чиз халал мерасонад, ки мо ба Худо таваккал кардан намехоҳем, балки фақат ба ақли худ бовар кардан мехоҳем. Эҳсосотро бошад, бояд бе дудилагӣ сарфи назар кунед. Ман бояд бовар кунам ва ин ҳеҷ гоҳ бе иродаи ман, бе шикастани ақидаҳои пешинаам ва бе додани ҳуқуқи худ ба дасти Худо анҷом дода намешавад.

Ҳар як шахс бо хоҳише таваллуд мешавад, ки ба чизи бештар аз он ки дар айни замон дорад, саъй намояд. Худо маро ба сӯи худ ҷалб мекунад, ва муносибати ман бо Ӯ пеш аз ҳама муносибати ду мавҷуди зинда аст, на муносибати ҳаҷвии оқилона. Муносибати ман ва Худо ба шарофати мӯъҷизаи Худо

ва хоҳиши имон овардан ба Худо барпо мешавад ва танҳо он вақт ман фаҳмидан ва дуруст баҳо додани он чиро, ки бо ман рӯй додааст, сар мекунам.

355. ЧӢ ТАВР МАН ШАРИКИ КАФОРАТ ГАРДАМ?

«*Аммо ман ҳошо ва калло, ки фахр намоям, магар ин ки фақат бо салиби Худованди мо Исои Масеҳ*» (Ғалотиён 6:14).

Инҷили Исои Масеҳ ҳамеша ба иродаи инсон муроҷиат мекунад. Оё ман бо он ҳукме, ки Худо бар гуноҳ бароварда, онро дар салиби Масеҳ маҳкум кард, розӣ ҳастам? Оё ман ба марги Масеҳ ақаллан каме таваҷҷуҳ дорам? Оё ман мехоҳам, ки марги Ӯ ба марги ман табдил ёбад, оё ман тайёрам тамоми таваҷҷуҳеро, ки ба гуноҳ, ба ҷаҳон, ба «ман»-и худ дорам, бикушам — бо Масеҳ чунон муттаҳид шавам, ки ба ғайр аз Ӯ ба ҳама чиз нолозим шавам? Имтиёзи бузурги шогирди Масеҳ дар он аст, ки ӯ метавонад дар тарафи салиб истад, ки маънои марг барои гуноҳро дорад. Бо Исо як ба як суҳбат карда, ё ба Ӯ гӯед, ки намехоҳед гуноҳи худро ба марг диҳед, ё мехоҳед марги Ӯро чун аз они худ қабул кунед. Ва ҳамин ки шумо он чиро, ки Худованди мо дар салиб кардааст, комилан қабул мекунед, иттиҳоди фавқулодаи шумо бо марги Ӯ ба амал меояд ва шумо бо чизе берун аз ақл мефаҳмед, ки «одами кӯҳна»-и шумо бо Масеҳ маслуб шудааст. Далели он, ки одами кӯҳнаи шумо бо Масеҳ маслуб шудааст, хоҳад буд, ки ҳаёти Худо дар шумо бо осонии аҷиб имкон медиҳад, ки ба овози Исои Масеҳ итоат кунед.

Худованди мо ба мо такрор ба такрор нишон медиҳад, ки агар Ӯ намебуд, чӣ гуна мешудем. Мо ба дурустии суханони «бе ман ҳеҷ кор карда наметавонед» (Юҳ.15:5) гаштаву баргашта боварӣ ҳосил мекунем. Аз ҳамин сабаб асоси масеҳият садоқатмандии шахсӣ ба Исои Масеҳ аст. Ба назари мо, Худо моро ба Подшоҳии Худ танҳо барои он меоварад, ки ҳангоми бори аввал ворид шудан ба Подшоҳии Ӯ лаззатеро, ки ҷони

моро фаро мегирад, эҳсос кунем. Аммо Худо мақсади тамоман дигар дорад: ҳангоме ки моро ба Подшоҳии худ меоварад, Худо мехоҳад, ки мо ҳама чизро, ки маънои иттиҳоди мо бо Исои Масеҳро дорад, фаҳмем.

356. ҲАЁТ БА ТАВРИ БОВАРИБАХШ НИҲОН АСТ

«...Ҳаёти шумо бо Масеҳ дар Худо ниҳон аст» (Қӯлассиён 3:3).

Рӯҳи Худо шаҳодат медиҳад, ки ҳаёте ки бо Масеҳ дар Худо ниҳон аст, оддӣ аст ва онҳое ки чунин ҳаёт ба сар мебаранд, ҳама корро карда метавонанд ва аз ҳеҷ чиз наметарсанд. Дар ин бора дар номаҳо доимо гуфта мешавад. Ҳангоме ки дар бораи ҳаёти муқаддаси ҳақиқӣ ҳарф мезанем, мо дар назар дорем, ки чунин зиндагӣ хатари зиёд дорад. Аммо дар асл аз чунин зиндагӣ дилпуронатар ва оромтар чизе нест, зеро Худои қодири мутлақ дар он зоҳир мешавад ва дар паси он меистад. Баръакс, хатарноктарин кор — бе Худо зиндагӣ кардан аст. Агар мо аз олами боло таваллуд шуда бошем, дар муносибатҳои дуруст бо Худо зиндагӣ кардан аз ҳама кор осонтар аст ва хато кардан аз ҳама кор душвортар аст, агар мо ба огоҳиҳои Худо аҳамият диҳем ва худро дар нур нигоҳ дорем.

Ҳангоме ки мо дар бораи аз гуноҳ халос шудан, аз Рӯҳ пур шудан, дар рӯшноӣ роҳ рафтан фикр мекунем, қуллаи кӯҳи баланду зеборо тасаввур мекунем ва мегӯем: «Ман ҳеҷ гоҳ дар он ҷо зиндагӣ карда наметавонам!» Аммо ҳангоме ки мо ҳақиқатан, бо файзи Худо ба он ҷо мерасем, мебинем, ки ин қуллаи дастнорас нест, балки суфакӯҳ аст, ки дар он фазои кофӣ ҳаст ва дар он ҷо зиндагӣ кардану нашъунамо кардан мумкин аст. «Қадами маро зери ман вусъат медиҳӣ» (Заб.17:37).

Ҳангоме ки шумо дар ҳақиқат Масеҳро мебинед, ҳеҷ гоҳ ба гӯшаи хотиратон ҳам намеояд, ки ба Ӯ шубҳа кунед. Ҳангоме ки Ӯ ба шумо мегӯяд: «Дили шумо музтариб нашавад (ба изтироб наояд)» (Юҳ.14:27), пас кӯшиш ҳам накунед, ки ин дилро ба изтироб оваред. Дар ҳузури Масеҳ шубҳа кардан ғайриимкон

аст. Ҳар гоҳе ки шумо бо Исо шахсан вомехӯред, суханони Ӯ на танҳо суханон, балки воқеияти ҳақиқӣ мебошанд. «... осоиши Худро ба шумо медиҳам» (Юҳ.14:27) — ин осоишест, ки шумо дар он саргарм мегардед, ин боварии устувор аст. «... ҳаёти шумо бо Масеҳ дар Худо ниҳон аст» ва ба шумо осоиши Исои Масеҳ ато шудааст, ки онро ҳеҷ чиз аз шумо кашида гирифтан наметавонад.

357. МИЛОДИ Ӯ ВА ТАВАЛЛУДИ НАВИ МО

«...Инак, бокирае ҳомила хоҳад шуд ва Писаре хоҳад зоид, ва Ӯро Имонуил хоҳанд номид, ки маънояш ин аст: Худо бо мо» (Матто 1:23).

Милоди Ӯ дар таърих. «...Бинобар ин он мавлуди Муқаддас ҳам Писари Худо номида хоҳад шуд» (Луқ.1:35). Исои Масеҳ ба ин ҷаҳон таваллуд шуд, на аз ин ҷаҳон. Вай «маҳсули инкишофи таърих» набуд, Ӯ аз берун вориди таърих шуд. Исои Масеҳро аз одамон беҳтарин номидан мумкин нест, Ӯ Мавҷудест, ки насли башар ба Ӯ даъво карда наметавонад. Ӯ одаме нест, ки Худо шудааст, балки Худи Худо дар ҷисм аст — Худое ки ба ҷисми инсон дохил шудааст, аз берун ба он дохил шудааст. Зиндагии Ӯ — волотарин ва муқаддастарин ҳаёт — аз дари пасттарин ба ҷаҳон дохил мешавад. Милоди Худованди мо омадани Ӯ ба ҷаҳон буд.

Милоди Исо дар ман. «...Эй фарзандони ман, ки барои таваллудатон ман аз нав азоб мекашам, то даме ки дар шумо Масеҳ сурат бандад!» (Ғал.4:19). Чунон ки Худованди мо ба таърихи инсоният аз берун ворид шуд, Ӯ бояд ба дохили ман низ аз берун дохил шавад. Оё ман ба ҳаёти инсонии худ имкон додам, ки барои Писари Худо «Байт-Лаҳм» шавад? Агар аз олами боло таваллуд нашавам (ки ба таваллуди заминӣ робитае надорад), ман ба Подшоҳии Худо дохил шуда наметавонам. «... Бояд шумо аз нав таваллуд ёбед» (Юҳ.3:7). Ин фармон нест — ин изҳори факт аст.

Таваллуди нав бо он фарқ мекунад, ки ман ончунон худро ба Худо месупорам, ки Масеҳ дар ман «сурат мебандад». Ва ҳамин ки Ӯ дар ман сурат мебандад, моҳияти Ӯ дар ман амал мекунад.

Худро дар ҷисм зоҳир кардани Худо он чизест, ки ба воситаи кафорат барои ман ва шумо имконпазир ва воқеӣ шудааст.

358. ДАР НУР

«...Агар дар нур мегашта бошем, чунон ки Ӯ дар нур аст... хуни Писари Ӯ Исои Масеҳ моро аз ҳар гуноҳ пок менамояд» (1 Юҳанно 1:7).

Озодии даркшударо аз гуноҳ бо наҷот аз гуноҳ ба воситаи кафорат иваз кардани хатои бузург аст. Шахс то аз нав таваллуд нашавад, намедонад, ки гуноҳ чист. Гуноҳ он чизест, ки Исои Масеҳ дар Ҷолҷолто бо он дучор шуд. Ва шаҳодати он ки ман дар ҳақиқат аз гуноҳ халос шудаам, фаҳмиши ман дар бораи моҳияти аслии гуноҳ дар ҷони худам аст. Барои он ки шахс чӣ будани гуноҳро донад, бояд кафорати Исои Масеҳ дар ҳақиқат ба ӯ таъсир расонад, ва ин маънои онро дорад, ки ӯ бояд камолоти мутлақи Масеҳро қабул кунад.

Рӯҳулқудс бо кафорати Худ дар мо ҳам дар зери шуур, ҳам дар чизе ки мо аз он огоҳем, амал мекунад, ва мо маънои аслии суханони Юҳанно «*...хуни Писари Ӯ Исои Масеҳ моро аз ҳар гуноҳ пок менамояд*»-ро танҳо ҳамон вақт мефаҳмем, ки моҳияти қудрати беҳамтои Рӯҳ бароямон фаҳмо мешавад. Ва ин на танҳо ба гуноҳи бошуурона, балки ба фаҳмиши бениҳоят чуқури гуноҳ, ки танҳо Рӯҳулқудс метавонад ба ман диҳад, дахл дорад.

Агар ман дар рӯшноӣ қадамгузор бошам, чун Худо дар нур (ва на дар нури шуури худ, балки дар нури Худо) ...агар дар ин нур қадамгузор бошам ва чизеро аз он пинҳон накунам, ба ман ваҳйи аҷибе меояд: Хуни Исои Масеҳ маро аз ҳар гуноҳ пок мекунад ва Худои қодири мутлақ дар ман ҳеҷ чизеро намебинад,

ки Ӯ бояд доварӣ кунад. Дар шуури ман ин ваҳй дарди шадиди тоқатфарсоро ба вуҷуд меоварад, зеро ман дарк мекунам, ки гуноҳ дар асл чист. Муҳаббати Худо, ки дар ман амал мекунад, маро водор менамоядкунад, ки бо нафрати Рӯҳулқудс ҳар чизеро, ки бо қудсияти Худо мутобиқат надорад, бад бинам. Ҳангоме ки ман дар рӯшноӣ қадам мезанам, ҳама чизе ки дар ман аз зулмот аст, маро ба маркази рӯшноӣ боз ҳам наздиктар мекунад.

359. ДАР КУҶО НАТИҶАИ МУҲОРИБАҲО МУАЙЯН КАРДА МЕШАВАД

«*Агар ту, эй Исроил, — мегӯяд Худованд — баргардӣ, агар сӯи Ман баргардӣ...*» (Ирмиё 4:1).

Натиҷаи ҳамаи муҳорибаҳои мо дар назди Худо на дар он чи дар берун рӯй медиҳад, балки дар гӯшаҳои ниҳони иродаи мо ҳал мешавад. Рӯҳулқудс диққати маро ба худ ҷалб мекунад ва ман танҳо маҷбурам бо Худо рӯ ба рӯ шавам ва дар назди Ӯ натиҷаи муҳорибаро пешакӣ ҳал кунам. Ва то даме ки ин корро накунам, ман ҳамеша шикаст хоҳам хӯрд. Муҳориба метавонад як дақиқа давом кунад ё шояд як сол — ин на ба Худо, балки ба ман вобаста аст. Аммо ман бояд дар ин муҳориба ҳатман дар назди Худо биистам, ман бояд ба таври қатъӣ дар назди Худо аз кӯраи даст кашидан аз худ гузарам: бар шахсе ки дар муҳориба дар назди Худо истода, ғолиб омад, ҳеҷ чиз ҳеҷ қудрате дошта наметавонад.

Агар гӯям, ки «То фаро расидани ин сабр мекунам, ва он гоҳ Худоро месанҷам» — ҳангоме ки ин фаро мерасад, мебинам, ки муваффақ нашудаам. Ман бояд ҳама чизи байни худам ва Худо дар ҷойҳои ниҳонии ботинам, ки ба он ҷо ҳеҷ каси дигар даромада наметавонад, ҳал кунам — ва он гоҳ ман метавонам дилпурона пеш равам, гӯё ғалаба аллакай ба даст оварда шуда бошад. Ва агар ботинан дар муҳориба мағлуб шавам, дар пешам албатта танҳо мусибат, ғаму ҳасрат аст. Ман аз он сабаб дар муҳориба мағлуб шуда истодаам, ки кӯшиш мекунам аввал дар соҳаи берунӣ, дар соҳаи ҳодисаҳо ғолиб шавам, ҳол он ки ман

бояд бо Худо танҳо бимонам, дар назди Ӯ ба муҳориба дароям ва масъаларо як бор ва барои ҳамеша ҳал кунам.

Дар мавриди одамони дигар бошад, бояд як тарзи рафтор интихоб карда шавад: ҳамеша одамонро ба он водор кардан, ки масъаларо бо хости худ ҳал кунанд. Аз худ даст кашидан аз ҳамин сар мешавад. Гоҳ-гоҳ Худо моро ба интихобҳои бузурги муайянкардаи худ мерасонад, ки роҳи мо ё ба сӯи ҳаёти бефоида мебарад, ҳангоме ки ҳалли масъалаҳои муҳимро ба таъхир меандозем, ё ба сӯи ҳаёте ки дар он мо барои ҷалоли Худо оташин мешавем — ҳар он чи метавонам, барои ҷалоли Ӯст.

360. РӮЙОВАРИИ ДОИМӢ

«...Агар рӯҷӯъ накунед ва монанди кӯдакон нашавед...» (Матто 18:3).

Ин суханони Худованди мо ба «аввалин» рӯйоварии мо дахл доранд, аммо мо бояд ҳамеша, дар ҳамаи рӯзҳои ҳаётамон «рӯйоварем». Мо бояд ҳамеша ба Худо муроҷиат кунем ва мисли кӯдакон бошем. Агар мо на ба Худо, балки ба ақли худ боварӣ кунем, тамоми масъулият барои оқибатҳои инро Ӯ ба дӯши мо мегузорад. Ҳамин ки мо бо пешбинии Худо ба баъзе вазъиятҳои нав дучор мешавем, мо бояд бо диққат назорат кунем, ки ҳаёти табиии мо, ҳаёти ҷисмонии мо ба фармудаҳои Рӯҳи Худо итоат кунад: ҳеҷ кафолате нест, ки мо ҳамеша кори дурустро анҷом медиҳем, ҳатто агар мо як бор ин корро карда будем. Ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ дар робитаи гардиши доимӣ, гардиши мутақобил қарор доранд, ва маҳз ҳамин чиз ба мо маъқул нест. Дар ҳар вазъияте ки мо ба он дучор мешавем, Рӯҳи Худо бетағйир мемонад, наҷоти Худо низ ба ҳеҷ ваҷҳ тағйир намеёбад — маҳз мо бояд «одами навро дар бар кунем» (Эфс.4:24). Ва ҳар гоҳ, ки мо якравӣ ва саркашӣ кунем, Худо масъулияти оқибатҳои онро бар дӯши мо мегузорад. Ҳаёти ҷисмонии мо набояд бар мо ҳукмронӣ кунад — бар мо бояд Худо ҳукмронӣ кунад.

Ба ҳаёти рӯҳонии мо он чиз монеъ мешавад, ки мо доимо рӯй овардан намехоҳем, рӯҳи моро якравӣ печонида гирифтааст —

дар он ҷое ки ғурури мо ба тахти Худо туф мекунад ва мегӯяд: «Намехоҳам, намехоҳам». Мо истиқлолият ва якравии худро ба худо табдил дода, онҳоро аслан на он тавр, ки дар асл бояд номида шаванд, меномем. Он чиро, ки Худо нотавонӣ ва якравӣ меҳисобад, мо шаъну шараф ва тавоноии худ меномем.

Қабатҳои ботини мо ҳанӯз ба Худо итоат накардаанд ва ба ин танҳо ба воситаи рӯйоварии доимӣ ноил шудан мумкин аст. Танҳо бо ин роҳ, оҳиста, вале боваринок, мо метавонем тамоми ботини худро ба ихтиёри пурраи Рӯҳи Худо супорем.

361. ШОГИРД Ё ГУРЕЗА?

«Аз он вақт бисёре аз шогирдонаш аз Ӯ дур шуда, дигар Ӯро пайравӣ накарданд» (Юҳанно 6:66).

Ҳангоме ки Худо бо Рӯҳи Худ ба воситаи Каломи Худ он чиро, ки ошкор карданӣ аст, ба инсон ошкор мекунад ва ҳангоме ки ақлу ҷони шумо ба он бо тарси эҳтиромона аксуламал мекунад, шумо ҳатман бояд дар партави ин ваҳй рафтор кунед, вагарна ба фикрҳое ки Худованди мо ҳеҷ гоҳ надошт, ғулом мешавед. Дар шуури худ ба «рӯъёи осмонӣ» (Аъм.26:19) беитоатӣ карданатон шуморо ғуломи ғояҳои ба Исои Масеҳ тамоман бегона мегардонад. Ба дигарон нигоҳ карда, гуфтан лозим нест: «Агар ӯ чунин ақидаҳо дорад ва бе ғам зиндагӣ мекунад, чаро ман ин корро карда наметавонам?» Шумо бояд дар партави ваҳйи гирифтаатон қадамгузор бошед ва худро бо дигарон муқоиса накунед ва онҳоро доварӣ накунед. Худо бе иштироки шумо бо онҳо ҳисобӣ мекунад. Ҳангоме мебинед, ки ғояҳое ки эътироф мекардед, ба «нуқтаи назари осмонӣ» мухолифат доранд, аммо шумо якравона онҳоро ҷонибдорӣ мекунед, дар шумо он чизе мустаҳкам мешавад, ки Исои Масеҳ умуман қабул намекунад — ҳирси молу пул ва мубориза барои ҳуқуқҳои худ. Масеҳ ҳамеша бар зидди ин хислатҳо мубориза мебурд, зеро ҳар чизе ки ба Ӯ бегона аст, аз онҳо бармеояд. «...Ҳаёти одам ба фаровонии дороии вай вобаста нест» (Луқ.12:15).

Мо дӯст медорем, ки ба курсиҳои худ такя карда, чашмонамонро пӯшонда, ба хотираҳои ваҳйҳои мӯъҷизаосои худ дода шавем. Аммо агар ягон ҳақиқати Аҳди Ҷадид ба шумо дар нури Худо ошкор шуда бошад ва шумо онро қабул накардаед ва қабул кардан намехоҳед, фурӯ ғалтидани шумо аз ҳамин сар мешавад, зеро маълум мешавад, ки рӯҳи шумо ҳақиқатро рад мекунад. Агар ба шумо ягон ҳақиқат ошкор шуда бошад, шумо ҳеҷ гоҳ мисли пештара намешавед. Дар ин лаҳза шумо бо интихоб рӯ ба рӯ мешавед: ё пеш равед ва шогирди боз ҳам содиқтари Исои Масеҳ шавед, ё Ӯро тарк кунед.

362. ВА ҲАР ЧИЗИ НЕКЕ КИ ДАР МО ҲАСТ...

«*...Ҳамаи чашмаҳоям дар туст*» (Забур 86:7).

Худованди мо ҳеҷ гоҳ фазилатҳои табиии моро дарбеҳ намекунад: Ӯ тамоми инсонро аз дарун аз нав месозад. Мо бояд «одами навро дар бар кунем» (Эфс.4:24), яъне назорат намоем, ки ҳаёти табиии ҷисмонии мо он шаклеро гирад, ки бо ҳаёти нави мо мувофиқ бошад. Ҳаёте ки Худо ба мо медиҳад, худаш фазилатҳояшро инкишоф медиҳад — на фазилатҳои Одам, балки аз Исои Масеҳ. Диққат диҳед, ки чӣ гуна Худо боварии шуморо ба фазилатҳои табиии худ ва ба ҳар як қобилияти худатон нобуд мекунад, хушк мекунад, то даме ки шумо аз сарчашмаи ҳаёт, ки номаш эҳёи Масеҳ аст, ҳаёт ба даст оварданро ёд гиред. Пас, агар Худо шуморо аз ин хушксолӣ гузаронда, ҳама чизи ҷисмониро нест мекарда бошад, Ӯро ситоиш кунед!

Амали Худо дар мо аз он аён мешавад, ки Ӯ боварии моро ба фазилатҳои табиӣ барҳам медиҳад, зеро дар онҳо ваъдаҳо дар бораи ояндаи мо нестанд, онҳо танҳо боқимондаҳои имкониятҳое мебошанд, ки Худо як вақтҳо ҳангоми офариниши насли башар дода буд, аммо одам онҳоро хароб кард. Мо ба фазилатҳои табиии худ таспидаем, аммо Худо доимо кӯшиш мекунад моро бо ҳаёти Исои Масеҳ, ки онро аз нуқтаи назари фазилатҳои табиӣ тавсиф кардан ғайриимкон аст, робитадор намояд. Бисёр аламовар аст, ки одамоне ки бо хизмати Худо

машғуланд, ба он чи файзи Худо ҳеҷ гоҳ ба онҳо надодааст, ба он чи аз волидонашон мерос гирифтаанд, такя мекунанд. Худо бо фазилатҳои табиии мо сарукор надорад ва онҳоро дигаргун намекунад, зеро ин фазилатҳои табиӣ ба он чи Исои Масеҳ мехоҳад, ҳатто наздик шуда наметавонанд. Ҳеҷ як муҳаббати табиӣ, ҳеҷ сабри табиӣ, ҳеҷ як покии табиӣ ҳеҷ гоҳ ба талаботи Масеҳ ҷавобгӯ буда наметавонад. Ва агар мо ҳар як чизи хурди ҳаёти худро дар ҷисм ба ҳаёти наве ки Худо дар мо гузоштааст, мувофиқ созем, Ӯ дар мо он фазилатҳоро зоҳир мекунад, ки ба Худованд Исои Масеҳ хос буданд. *«Ва ҳар чизи некӯ, ки дар мо ҳаст, некӯии Ӯст»*.

363. ДИРӮЗ

«...Ва соқаи шумо Худои Исроил хоҳад буд» (Ишаъё 52:12).

Аз дирӯз тарсидан лозим нест. «...Ва Худо гузаштаро толиб аст» (Воиз 3:15). Дар охири сол мо хеле мехоҳем бинем, ки Худо барои мо дар оянда чӣ тайёр кардааст, аммо дар айни замон дирӯзи мо моро ором намегузорад. Хурсандие ки мо имрӯз аз файзи Худо дорем, бо ёди гуноҳу хатоҳои дирӯза тира мешавад. Аммо Худои мо Худои рӯзҳои гузаштаи мо низ ҳаст, ва Ӯ роҳ медиҳад, ки мо онҳоро ба ёд оварем, то ки гузаштаи мо дар ояндаи мо самар оварад. Худо гузаштаро ба мо ёдрас менамояд, то ба имрӯзи ноустуворамон аз ҳад зиёд такя накунем.

Аз фардо тарсидан лозим нест. «...Зеро ки пешопеши шумо Худованд хоҳад рафт» (Иш.52:12). Чӣ ваҳйи пур аз файз: он ҷое ки мо гузашта натавонистем, Худи Худо пешопеши мо мегузарад. Ӯ ғамхорӣ мекунад, ки мо ба сангҳое ки аллакай пешпо хӯрдаем, пешпо нахӯрем, ва агар Ӯ нигаҳбони мо намебуд, албатта боз пешпо мехӯрдем. Дасти Худо ба гузаштаи мо мерасад ва вичдони моро аз бори он озод мекунад.

Аз имрӯз тарсидан лозим нест. «...Зеро ки шитобон берун нахоҳед рафт» (Иш.52:12). Ба соли нав ворид шуда, биёед шитобон, бехирадона худро ба оғуши он напартоем, биёед саросема ва бефикрона дар он халосӣ наҷӯем, биёед ба соли нав

ором ва дилпурона ворид шавем, чун медонем, ки Худои Исроил пешопеши мо хоҳад рафт. Рӯзи дирӯзи мо дар пеши назарамон чун чизе пайдо мешавад, ки дигар онро баргардонидан ва ислоҳ кардан ғайриимкон аст, ва мо ҳақиқатан баъзе фурсатҳоро аз даст додем, ки дигар ба мо пешниҳод нахоҳанд шуд, аммо Худо ин дилгиршавии харобиоварро ба андешаҳои созанда дар бораи оянда табдил дода метавонад. Бигзор гузашта хоб равад, вале бар сандуқи синаи Масеҳ хоб равад.

Пас он чиро, ки баргардонида намешавад, ба дасти Ӯ вогузоред ва ҳамроҳи Ӯ ба ояндае ки аз он раҳоӣ нест, дохил шавед.

